Фа куллу [одисатин туъзика туъзинb (6).

Нома[ои Мавлоно на фагат мураккаб аз ибороти форсиву арабb ва сангину маснеъ, оёту а[одис [астанд, балки шомили таркибу ибороти соддаву дилпазири бисёр аст, ба монанди ке[тарнавозb (кечакнавозb), некомад, иноятнома (тавсиянома), дестком (муваффаг), дидаи нодирабин ва uайра. Дар айни замон Мактубот аз калимаву иборат[ои uайримутадовилу архаистb низ холb нест. Масалан, сикулидан, мабъуд, гармравb, ва u.

{амчунин Мактубот ба [укми табиати худ мутазаммини амсол ва истило[оти омиёнаи бисёр аст, ки чанде аз он[оро зикр менамоем:

Обро бар сар занb, сар нашканад,
Хокро бар сар занb, сар нашканад.
Оброву хокро бар [ам занb,
В-он га[е бар сар занb, сар бишканад (7).

Ё ки: “Мина-л-галби ила-л-галби равзанатун”, ки муодили масали форсии “Дилро ба дил ра[ест” мебошад.

“{ар чи аз чашм дур, аз дил дур” (8), ки шакли мавзуни он низ мавхуд аст: “Аз дил биравад [ар он чb аз дида равад”

Дар Мактубот савганд[ои Мавлоно, ки аз авхи [аяхони ре[b ва э[сосоту шиддати бовари е гуво[b меди[ад, гобили таваххе[аст:

“Ва ва-л-Ло[и ва би-л-Ло[и ва то-л-Ло[и, ки [ех узреву савганде ва макреву гиряе аз бадгеии шумо габул накунам” (9).

Дар нома[ои Мавлоно [икоёти латифу хушо[анг ва холибе дарх гардидаанд, ки [ар якро метавон намунаи расоиву зебоb шуморид. Барои намуна [икоятеро, ки Мавлоно дар яке аз нома[ояш нагл кардааст, зикр менамоем:

“Шахсеро гург фарзандаш рабуда буд. Дар он ошеб дарвеше омад, нон хост. Нони гарм аз танер баровард. Дар он соли га[т ба дарвеш дод в-он га[ба сеи ке[рей ни[од, ки аз фарзандаш, аз хердани гург устухоне монда бошад, онро хое дафн куна два гере созад ва нав[аго[е кунад. Чун пештар омад, дид фарзанди худро, ки аз ке[фуруд меомад басаломат. Наърае зад ва бе[уш шуд. Фарзанд пои падарро муuаммизb мекард. Чун ба [уш омад, а[вол мепурсид. Гуфт: Гург маро бар сари ро[овард ва бин[од басаломат ва гуфт: “Лугматун би лугматин” ва бозгашт.Ва ягин аст, ки [ех заррае хайр дар ро[и дин зоеъ нест. Хунук он кас, ки аз ин дарго[ноумед нашавад, чунонки унсури поку агли дарроки он амири диндор дар кули а[вол соийи хайр бошад. Вассалом. (Номаи 136).

Дар мактуб[ое, ки ба дестони самимb, монанди {исомуддин Чалабb навишта шудаанд, поёни нома насре аст, ки ба сабаби uалабаи э[сосоту авотиф ошигона мешавад ва хав[ари шеърb пайдо мекунад. Ду номаи Мавлоно (13 ва 66) куллан ба забони арабb буда, чанд номаи манзум, ки дар поёни Мактубот омадааст, умуман ба Шамси Табрезb навишта шуда, аз дардмандиву иштиёги Мавлоно дарак меди[ад:

Ки аз он дам, ки ту сафар кардb,
Аз [аловат худо шудем чу мум.
{ама шаб [амчу шамъ месезем,
З-оташаш хуфту з-ангубин ма[рум.
Бе [узурат самоъ нест [алол,
{амчу шайтони тараб шуда мархум.
Як иазал бе ту [ех гуфта нашуд,
То рамид он машрафаи маф[ум.
Шоми мо аз ту суб[и равшан бод!
Эй ба ту фахри Шому Арману Рум!

Мухотаби шуморе аз нома[ои Мавлоно занон [астанд – занони ме[тарам, ки Мавлоно он[оро хеле [урмат мекунад. Аз хумлаи ин занон бонуе аст, ки Мавлоно еро бо лагаби “Фахрулхавотин” ва бо авсофи “хубахлоғ”, “фариштасифот”, “зиндадил”, “равшанзамир”, “фахрулуббод”, “зайнуззу[од” “худойшинос”, “оғибатбин”, “муинулфуғаро”, “оли[иммат”, “хайргустар”, “некном”, “подшо[нажод”, “худовандзода” ёд мекунад (10).

Дар мактубот донишу назари Мавлоно, [aouиги ило[b ва нукта[ои маънавиву ирфонb инъикос ёфтааст. Ду унсури мутаолии ишғу имон [атто дар соддатарин ва оддитарин нома[ои е дида мешавад. Дар бисёр нома[о бо мақсади панду андарз го[о дасти мухотабро мегирад ва еро ба мадади зе[ну забони [унарманду нереманди худ ба сеи бои[ои пургулу рай[они олами uайб, ки [амоно ре[и одамb аст, [идоят мекунад. Дар ин [ангом мазмуну ме[тавои нома[ои е ба мӯ[тавои “Фи[и мо фи[и” шабе[аст бо он тамоюз, ки аз он самимонатару хаззобтар ба хонанда гардидааст.

Боии садранги насри Мавлоно тан[о аз худого[иву фикру андешаи Мавлоно барнахостааст ва агар тан[о [амин буд, ин [ама дилрабоb мумкин набуд, балки бештари он [осили тахриботи шахсии Мавлоно ва мукошифоти дарунb ва ил[ому хазаботе аст, ки мутаваххе[и е шудааст.

Дар махмеъ, баррасии вижаги[ои осори мансури Мавлоно собит месозад, ки ин орифи номовар ва суханвари мумтоз дар канори эходи осори гаронмояи манзум ба офаридани осони пурбори насрb муваффaг шудааст. Намунаи бархастаи ин осор дар сурати чанд китоби пурме[тавои мансур ифодаи тамом ёфтааст. Албатта, дар мавриди осори мансури Мавлоно [ам мисли таълифоти манзуми вай муло[изоту андеша[о зиёд аст ва худ гавли Мавлоно аст, ки посухге ба ин назару андеша[ост:

Гар бирезb ба[рро дар кезае
Чанд гунхад? Rисмати якрезае.

Пайнавишт[о

Мактубот ва Махолиси сабъа. Асари Халолуддин Му[аммади Балхb (Мавлавb) бо мугаддимаи Хавод Салмосизода. Те[рон: Игбол, 1379., с. 3.
Мактубот ва Махолиси сабъа, с.12 .
Мактубот ва Махолиси сабъа, с. 33.
Мактубот ва Махолиси сабъа, с. 73.
Мактубот ва Махолиси сабъа, номаи 65.
Мактубот ва Махолиси сабъа, номаи 56.
Мактубот ва Махолиси сабъа, номаи 3.
Номаи 8.
Номаи 56.
Нома[ои 46, 128

Mawlana Jalaluddin Balkhi and Attor Nishopuri
МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХӢ ВА АТТОРИ НИШОПУРӢ

Muhriddin Nizomi ZAYNIDDIN
Tajik State Institute of Culture and Arts Named after Mirzo Tursunzoda, Dushanbe, Tajikistan
nizomi73@mail.ru

Abstract
In this article, the author examines the influence of Sheikh Attor Nishopuri on the formation of the spiritual world of Mawlono Jalaluddin Balkhi and his work.
The author of the article analyzed the information of the authors of literary and mystical sources and the opinions of modern researchers, including Shamsiddin Ahmadi Afloki, Fariduni Sipahsolor, Davlatshahi Samarkandi, Abdurrahman Jami, Ronald Nicholson, Anna Marie Schimmel, Badeuzzamoni Furuzonfar and others.
The author of the article is of the opinion that great literary and mystical personalities played an effective role in the spiritual maturity of Mawlona, and meanwhile Attori Nishopuri had a great influence on his life and thoughts.
According to the researcher, Attar's influence can be observed in the form and content of Mawlana's poetry and "Masnavi Manavi". To prove his opinion, the author found many individual verses and fragments of verses from the works “Dewan Kabir” and “Masnavi Manavi”, in which Mawlana mentioned Attar and his spiritual place with great respect and sincerity. The author also gave examples of many ghazals from Mawlana's diwan, which were performed after Attar's ghazals.
Another point on which the author of the article shows the influence of Attor on the spiritual maturity, thinking and creativity of Mawlana is that the source of about 35 “Masnavi” stories are the works of Sheikh Attar.
In the end, the author came to the conclusion that the role of Sheikh Attori Nishopuri in the spiritual world of Mawlana was very great and had a great influence on the maturity of this great scientist.

Keywords: *Attori Nishopuri,“Devani Kabir”, Influence, Irfan, “Masnavi Manavi”, Mawlana Jalaluddin Balkhi,, Maturity.*

Хулоса
Дар ин мақола муаллиф перомуни таъсиргузории Шайх Аттори Нишопурӣ дар ташаккул ва камолоти ҷаҳони маънавии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва эҷодиёти ӯ баҳс кардааст.
Муаллифи мақола барои тарҳи дурусти масъала ва баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуъ нахуст маълумоти муаллифони манобеи адабию ирфонӣ ва андешаҳои муҳаққиқони муосир, аз ҷумла Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ, Фаридуни Сипаҳсолор, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Роналд Николсон, Анне Мари Шиммел, Бадеъуззамони Фурӯзонфар ва дигаронро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.
Муаллифи мақола бар ин назар аст, ки дар камолоти маънавии Мавлоно шахсиятҳои бузурги адабию ирфонии гузаштаю муосири ӯ нақши муассир доранд, ки дар ин миён Аттори Нишопурӣ дар зиндагию афкори Мавлоно таъсири азим гузоштааст.
Ба назари муҳаққиқ, таъсири Атторро дар шакл ва муҳтавои осори манзуму мансури Мавлоно бахубӣ метавон мушоҳида кард. Барои исботи андешаи худ, муаллиф аз таркиби “Девони кабир” ва “Маснавии маънавӣ” байтҳои алоҳидаю пораҳои манзуми зиёде пайдо кардааст, ки дар онҳо Мавлоно аз Аттор ва ҷойгоҳи маънавии ӯ бо эҳтиром ва ихлоси беандоза ёд кардааст. Ҳамчунин, муаллиф намунаи ғазалиёти зиёдеро аз девони Мавлоно овардааст, ки дар пайравии ғазалиёти Аттор суруда шудаанд. Мавлоно, илова бар ин, баъзе байту мисраъҳоро аз ғазалиёти Атторро тазмин кардааст.
Нуктаи дигаре, ки муаллифи мақола бар мабнои он таъсири Атторро дар камолоти маънавӣ, андеша ва эҷодиёти Мавлоно нишон медиҳад, ин аст, ки маъхази ҳудуди 35 ҳикояти “Маснавии маънавӣ” аз осори Шайх Аттор ахз шудааст.
Дар охир, муаллиф бар ин натиҷа расидааст, ки нақши Шайх Аттори Нишопурӣ дар ҷаҳони маънавии Мавлоно хеле бузург буда, барои камолоти ин орифи бузург таъсири азим расонидааст.

Вожаҳои Калидӣ: *Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, “Девони кабир”, “Маснавии маънавӣ”, ирфон, камолот, таъсир.*

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайни Хатибии Балхӣ ба ҳайси яке аз бузургмардони фарҳанги форсизабонон ва ҷаҳон беш аз ҳаштсад сол аст, ки мардумро шефтаи рафтору гуфтор ва осори безаволи хеш намудааст. Ин нукта мусаллам аст, ки ҳар кӣ ба ҷид осори Мавлоноро мутолиа намояд, ҳамоно бештар мабҳути ақволу афкори пурвусъати ӯ гардида, ошиқонаю содиқона дар пайи такрору талқини ашъори зебои ӯ мешавад. Таъкиди ин нукта бағоҷост, ки Мавлоно шахсияти бузурги асрҳову давронҳост ва ҳам шахсиятсоз аст. Ғалат намекунем, агар гӯем, ки шуҳрати Шамси Табрезӣ низ ба Мавлоно иртиботи қавӣ дорад. Ҳақ ба ҷониби Шайх Камоли Хуҷандист, ки мегӯяд:

Магӯ, арбоби дил рафтанду шаҳри ишқ шуд холӣ,
Ҷаҳон пур Шамси Табрез асту марде ку чу Мавлоно(5, 44).

Абадияти номи Салоҳиддини Заркӯбу Ҳисомиддини Чалабӣ ва дигарон низ аз рӯйи иродати эшон ба Мавлоност.

Дар баробари муҳаққиқини ҳамзабон иддае аз донишмандони хориҷӣ умри хешро сарфи омӯзишу таҳқиқ ва нашри осори Мавлоно кардаанд, ки имрӯз ба шарофати ин иқдоми наку номи эшон дар радифи бузургтарин олимони ҷаҳон муаррифӣ мешавад. Амсоли Роналд Николсони инглис, ки матни комили интиқодии «Маснавӣ»-ро ба вуҷуд овард, ки муҳаққиқин ва мутолиакунандагони ин шоҳасар бар асоси нусхаи омодакардаи ӯ «Маснавӣ»-ро мехонанд. Ё Анне Мари Шиммели олмонӣ, ки ба хотири Мавлоно исми Ҷамилабоҷиро барои худ интихоб карда буд ва ба шарофати хидмати бедареғаш дар мавлавишиносӣ дар Қуния хиёбонеро ҳам ба исми ӯ гузоштаанд.

Бо ин ҳама, ҷойи тардид нест, ки дар камолоти маънавии Мавлоно шахсиятҳои бузурги адабию ирфонии гузаштаю муосири ӯ нақши муассире доранд, ки ҳам худи Мавлоно ва ҳам муаллифони сарчашмаҳои адабию ирфонӣ ин нуктаро таъкид кардаанд. Аз миёни адибону орифони пешин, беш аз ҳама, Ҳаким Саноӣ ва Аттори Нишопурӣ дар зиндагию афкори Мавлоно таъсири азим доранд.

Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ орифи номвари қарни XII баъд аз Саноӣ хидмати бузурге дар адаби ирфонии форсу тоҷик намудааст. Робитаи Мавлоно бо Аттор, бино ба ривояти сарчашмаҳо, ҳанӯз аз замони хурдсолии ӯ оғоз ёфтааст. Аз рӯи ривояти Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ, ҳангоме ки Мавлоно шашсола буд ва ё ба ривояти дигар чаҳордаҳсола, бо падараш Султонулуламо Баҳоуддин Муҳаммад ва аҳли оилаву ҷамъи муридон бо баҳонаи зиёрати Каъба тарки Балх намуданд ва дар роҳи Бағдод ба Нишопур ворид шуда, ба мулоқоти Шайх Аттор мушарраф шуданд. Ба қавли

Давлатшоҳи Самарқандӣ «Шайх Аттор худ ба дидани Мавлоно Баҳоуддин омад ва дар он вақт Мавлоно Ҷалолуддин кечак буд. Шайх Аттор китоби «Асрорнома»-ро ба Мавлоно Ҷалолуддин ҳадя намуд ва Мавлоно Баҳоуддинро гуфт: «Зуд бошад, ки ин писари ту оташ дар сӯхтагони олам занад» (8, 20). Гуфтаанд, ки «Асрорнома»-и Шайх Аттор умре нақди остини Мавлоно буда, пайваста онро мутолиа мекардааст ва ба муридон низ талқин менамудааст.

Дар сиҳҳати ин ривоят баъзе олимон шак кардаанд, вале Бадеуззамони Фурӯзонфар дар ин боб мулоҳизаи ҷолибе баён намудааст: «Ин мулоқот мумкин аст? иттифоқ афтода бошад. Барои он ки вақте Баҳоуддин Валад аз Хуросон сафар кард, ҳанӯз Аттор дар қайди ҳаёт буд ва аз русуми сӯфиён аст, ки дар сафар ҳар ҷо мардеро нишон диҳанд, ба зиёрataш мешитобанд, алалхусус ки Аттор яке аз мардони баном ва шуарои бузург буд ва қатъан Баҳоувалад иштиёқи дидори ӯ дошт ва фурсатро ғанимат шумурд» (8, 68-69) ва дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки «ҳарчанд мумкин аст иқтибоси ҳамон ҳикоёт (аз «Асрорнома») сабаби вазъи ин ривоят ва тамҳиди муқаддима барои исботи каромати Аттор ва назари машоих ба Мавлоно шуда бошад» (8, 69).

Сарфи назар аз ин ривоят иртиботи маънавии Мавлоно ва Аттор ҷойи тардид надорад ва худи Мавлоно дар чанд ғазал ва ҳам «Маснавӣ» аз Аттор бо муҳаббат ва икроми зиёд ёд кардааст. Чунончи:

Аттор руҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноию Аттор омадем.

* * *

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

* * *

Ҷоне, ки рӯ ин сӯ кунад, бо Боязид ӯ хӯ кунад,
Ё дар Саноӣ рӯ кунад, ё бӯ диҳад Атторро.

* * *

Агар Аттор ошиқ буд, Саноӣ шоҳу фоиқ буд,
На инам ман, на онам ман, ки гум кардам сару поро.

Аз миёни абёти ба Аттор бахшидаи Мавлоно яке аз онҳо ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад:

Гирди Аттор гашт Мавлоно,
Шарбат аз дасти Шамс будаш нӯш.

Дар ин байт ба муносибати муршиду мурид ишора меравад, яъне, то ин ки Шамси Табрезӣ шарбати ишқи Ҳақро ба Мавлоно нӯшонид, Мавлоно асрори ирфонро то андозае аз осори Аттор ва Саноӣ омӯхта буд ва дар мактаби ирфон Аттор ба Мавлоно ҳаққи устодӣ дорад.

Дар баробари гуфтор ва эътирофи худи Мавлоно муаллифони сарчашмаҳо, минҷумла муаллифони асримиёнагии зиндагиномаи Мавлоно (Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ ва Фаридуни Сипаҳсолор) ҳикоёти ҷолибе роҷеъ ба иртиботи маънавии ин ду бузургвор овардаанд, ки дархӯри таваҷҷуҳи зиёданд.Чунончи, Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ, ки аз муосирони Мавлоно буда, китоби «Маноқиб-ул-орифин»-ро ба Мавлоно ва авлоди ӯ бахшидааст, навиштаааст: «Рӯзе ҳазрати Мавлоно давоту қаламе хоста ва бархосту бар дари боғчаи мадраса ин абётро набиштан фармуд:

Хитоби Ҳаққу банда ҳар ду бишнос,
Ки ту «ҳу» гӯиву Ҳақ «айюҳаннос».
Ҳушо «Ҳой»-е зи Ҳақ в-аз банда «ҳу»-е,
Миёни бандаву Ҳақ ҳоюҳуе (3, 46).

Ва ин абёт аз «Асрорнома»-и Шайх Аттор аст».

Ин нишонаи алоқа ва муҳаббати хосси Мавлоно ба Аттор ва «Асрорнома»-и ӯст. Ба ривояти Афлокӣ ва Фаридуни Сипаҳсолор Мавлоно ва муридонаш осори Атторро бисёр мехондаанд. Чунонки Афлокӣ нақл кардааст: «Рӯзе ҳазрати Мавлоно суханони Фаридуддини Аттор алайҳирраҳмаро мутолиа мефармуд, ёрон ва асҳоби вай низ «Мантиқ-ут-тайр» ва «Мусибатнома»-ро ба ҷид мехонданд ва Ҳисомиддини Чалабӣ бар баъзе ёрон иттилоъ ёфт, ки ба рағбати тамом ва ишқи азим «Илоҳинома»-и Ҳаким Саноӣ ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридуддини Аттор ва «Мусибатнома»-и ӯро ба ҷид мутолиа мекунанд ва аз он асрор муталаззиз мешаванд ва он шеваи маонии ғариб эшонро аҷиб менамуд» (4, 604).

Матолиб ва ҳикоёти зиёде, ки Мавлоно аз осори Аттор дар «Маснавӣ», «Фиҳи мо фиҳи» ва ғазалиёташ иқтибос овардааст, далели равшани ишқу алоқаи хосси Мавлоно ба Аттор ва осори ӯст. Бино ба таҳқиқи донишманди шаҳири эронӣ Бадеуззамони Фурӯзонфар, маъхази 35 ҳикояи «Маснавӣ» ба эҳтимоли қавӣ осори Шайх Аттор аст. Аз миёни маснавиҳои Аттор «Асрорнома» бештар мавриди таваҷҷуҳи Мавлоно будааст. Наздики 10 ҳикоёту тамсилоти Мавлоно аз ин асар ахз шудааст.

Дар баъзе маворид Мавлоно қайд мекунад, ки маъхази ҳикояти ӯ гуфтаи Аттор аст. Чунончи, дар ҳикояти «Бар тахт нишондани Султон Маҳмуд ғуломи ҳиндуро ва гиристани ғулом» Мавлоно мефармояд:

Он чӣ гуфтам, аз ғалатҳост, эй азиз,
Ҳам бар ин бишнидам аз Аттор низ.
Раҳматуллоҳи алайҳи гуфтааст,

Зикри шаҳ Маҳмуди ғозӣ суфтааст (6, 137).

Дар баробари маснавиҳои «Илоҳинома», «Мусибатнома», «Мантиқ-ут-тайр», «Асрорнома» ягона асари насрии Аттор – «Тазкират-ул-авлиё» низ таъсири зиёде ба «Маснавӣ»-и Мавлоно дорад. Мавлоно достонҳои ҷолибе аз рӯзгори орифоне, чун Ҳасани Басрӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Зуннуни Мисрӣ, Иброҳими Адҳам, Робиаи Адавия ва дигарон овардааст, ки аксаран аз «Тазкират-ул-авлиё» гирифта шудаанд. Теъдоди ҳикоёти марбут ба «Тазкират-ул-авлиё», ки дар «Маснавӣ» омадаанд, ба 28 мерасад.

Дар радифи «Маснавӣ» Мавлоно дар «Фиҳи мо фиҳи» низ ба ҳикоёти осори Аттор такя кардааст. Чунончи, Дар ин асар Мавлоно дар мавриди ҳадиси «Ё ласта рабба Муҳаммадин лам яхлуқ Муҳамадан» баёне муфассал дорад, ки ҳарф ба ҳарф аз «Мусибатнома»-и Аттор иқтибос шудааст.

Ҳамчунин, Мавлоно дар ғазалиёти худ баъзе ҳикоёти достонҳои Атторро истифода бурдааст. Чунончи, маъхази ғазале бо матлаи зайл:

Бонги Шуайбу нолааш в-он ашки ҳамчун жолааш,
Чун шуд зи ҳад, аз осмон омад саҳаргоҳаш нидо.

аз «Илоҳинома» ва маъхази ин ду байти поён «Асрорнома-и Аттор аст:

Рӯзе яке ҳамроҳ шуд бо Боязид андар раҳе,
Пас Боязидаш гуфт-Чӣ пеша гузидӣ, эй даго.
Гуфто, ки ман харбандаам, пас Боязидаш гуфт-Рав!
Ё Раб, харашро марг деҳ, то ӯ шавад бандай Худо.

Мавлоно дар баъзе ғазалиёти худ низ ба Аттор пайравӣ намуда, дар ин ҷода худро ғуломи Шайх Аттор гуфтааст:

Ман он Муллои Румиям, ки аз нутқам шакар резад,
Валекин дар сухан гуфтан ғуломи Шайх Атторам.

Мавлоно дар чанд ғазал бар вазну қофияи ғазалҳои Аттор пайравӣ намуда, дар баъзе маворид таркиботу алфози шеъри ӯро истифода кардааст.Чунончи, дар ин ду ғазали мустазод умумияти зиёде дида мешавад. Аз Аттор:

Нақди қидам аз махзани асрор баромад,
чун ганҷ аён шуд,
Худ буд, ки худ бар сари бозор баромад,
бар худ нигарон шуд.
Дар кисвати абрешиму пашм омаду пунба,
то халқ бипӯшанд,
Худ бар сифати ҷуббаю дастор баромад,
лаббас ҳама сон шуд.

Аз Мавлоно:

Ҳар лаҳза ба шакли бути айёр баромад,
дил бурда ниҳон шуд,
Ҳар дам ба либоси дигар он ёр баромад,
гаҳпиру ҷавон шуд.
Гаҳ Нӯҳ шуду кард ҷаҳонро ба дуо ғарқ,
аз чашм бишуд дур,
Гаҳ гашт Халилу ба дили нор баромад,
оташ гул аз он шуд.

Дар баъзе ғазалҳо Мавлоно на танҳо таркибот, балки мисраъ ва байтҳои комилро иқтибос ё тазмин кардааст. Масалан, дар пайравии як ғазали Аттор Мавлоно ду ғазал суруда, ҳам таркибот ва ҳам мисраи комилро айнан такрор кардааст.

Аз Аттор:

Ошиқию бенавоӣ кори мост,
Кор кори мост, чун ӯ ёри мост.

Аз Мавлоно: Ғазали 1:

Ошиқиву бевафоӣ кори мост,
Кор кори мост, чун ӯ ёри мост.

Ғазали 2:

Дилбарию бедилӣ асрори мост,
Кор кори мост, чун ӯ ёри мост.

Ё дар ғазали дигар:

Аз Аттор:

Кам шудан дар кам шудан дини ман аст,
Нестӣ дар ҳастӣ оини ман аст.
То пиёда меравам дар кӯйи дӯст,
Сабзхинги чарх дар зини ман аст.

Чун ба як дам сад ҷаҳон вопас кунам,
Бингарам, гоми нахустини ман аст.

Аз Мавлоно:

Гум шудан дар гум шудан дини ман аст,
Нестӣ дар ҳастӣ оини ман аст.
По пиёда меравам дар кӯи дӯст,
Сабзхинги чарх дар зини ман аст,
Чун ба як дам сад ҷаҳон вопас кунам,
Бингарам, гоми нахустини ман аст.

Ҳамин тариқ, ғазалҳои зиёде аз «Девони кабир» метавон ёфт, ки бо таъсири ғазалҳои Аттор суруда шудаанд.

Бо он ҳама ихлосу алоқае, ки Мавлоно ба Аттор ва ҳам Саноӣ доштааст, гоҳе худро бо эшон муқоиса ҳам мекардааст. Тавре ки Афлокӣ аз забони Мавлоно овардааст: «Фармуд, ки Ҳакими Илоҳӣ ва хидмати Фаридуддини Аттор, қадаса-л-Лоҳу сирруҳумо, бас бузургони дин буданд, валекин ағлаб сухан аз фироқ гуфтанд, аммо мо ҳама аз висол гуфтем» (4, 608).

Дар ин ҷо воқеан қиёси дурустест, зеро ҳолати сармастии Мавлоно бар асари самоъ ҳолати басти шайх Абусаидро ба хотир меорад, ки бунёдгузори самоъи сӯфиёна дар паҳнои адаби форсӣ аст ва ин андешаро оғози «Маснавӣ» низ таъйид мекунад. Яъне, агар Аттор дар осори хеш, бахусус дар «Мантиқ-ут-тайр» кӯшиши расидан ба висолро дорад ва барои расидан ба он тайи ҳафт водӣ лозим меояд, Мавлоно дар ғазалиёт ва «Маснавӣ» дар мақоми ҳузур қарор дорад ва дам аз висол мезанад.

Дар мавриди маќом ва сулуки маънавии Шайх Аттор ва Мавлоно Љалолуддини Балхї муаллифи тазкираи «Њафт иќлим» - Амин Аҳмади Розї аз забони яке аз орифон ташбеҳи латифе овардааст: «Аз бузурге, ки орифи тариќат ва воќифи водии њаќиќат буд, пурсиданд, ки дар шеваи муљоњидат ва муомилат фарќ миёни Шайх Аттор ва Мавлоно чист? Фармуд: «Мавлоно чун шаҳбозе буд, ки ба як турфатулайн худро аз тахти тариќат ба ќиблаи њаќиќат расонида ва Шайх Аттор монанди мўрест, ки ба оњистагї он тариќро паймуда ва бар љузв-љузви њаќиќати он расида ва роҳ бурида» (1, 768).

Дар ин љо ташбеҳи Мавлоно ба шаҳбоз, ки дар муддати кутоҳе ба маќоми њаќќуляќин расид ва монанд кардани Шайх Аттор ба мўри заҳматкаш, ки тадриљан бо риёзат ва муљоҳидати зиёд ба маќсуд наздик шуд, бисёр бамаҳал аст.

Мавлоно ҳатто дар охирин соатҳои умр низ аз Аттор ёд мекард ва муридонро бо зикри аҳволу ақволи ӯ тасаллӣ медод. Чунончи, бино ба ривояти Афлокӣ, ҳангоме ки Мавлоно аз таб месӯхт ва муридон гиря мекарданд, ба онҳо хитоб мекунад: «Аз рафтани ман ғамгин машавед, ки руҳи Мансури Ҳаллоҷ баъд аз саду панҷоҳ сол дар Аттор таҷаллӣ кард» (4, 609).

Ҳамин сухани Мавлоноро дар боби таҷаллии руҳи Мансури Ҳаллоҷ дар Аттор маллифони баъди асри XIII такрор кардаанд.

Он чӣ дар ин мухтасар омад, гувоҳи он аст, ки нақши Шайх Аттори Нишопурӣ дар ҷаҳони маънавии Мавлоно хеле бузург аст ва барои камолоти ин орифи бузург дар паҳнаи ирфону адаби форсизабон таъсири азим расонидааст.

Сарчашма

Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Давраи сеҷилдӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378.- 2000 с.

Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин. Девони қасоид ва ғазалиёт. Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Тақии Тафаззулӣ. – Теҳрон:Интишороти Анҷумани осори миллӣ, 1375. – 924 с.

Аттори Нишопурӣ, Фаридуддин. Асрорнома.Ба тасҳеҳи Сайиид Содиқи Гавҳарин. – Теҳрон: Заввор, 1361.- 278с.

Афлокӣ, Шамсиддин Аҳмад. Маноқиб-ул-орифин. Ба кӯшиши Таҳсин Ёзиҷӣ. Дар 2 ҷилд. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1364. – 1222 с.

Камоли Хуҷандӣ. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи матн аз Абдуҷаббори суруш ва Саидумрон Саидов. – Хуҷанд: ҶДММ “Андеша”, 2011. – 631 с.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғатномаи мухтасар аз Алии Муҳаммадии Хуросонӣ, Баҳриддин Алавӣ ва Мубашшир Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2022. – 688с.

Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Шарҳи аҳвол ва нақду таҳлили осори Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1339-40.- 540 с.

Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Рисола дар таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин машҳур ба Мавлавӣ. Ба кӯшиши Аҳмади Ранҷбар. – Душанбе: Адиб, 2007. – 354.

Reflectıon of the Word “May” in the Songs Of Mavlano
ИНЪИКОСИ ВОЖАИ «МАЙ» ДАР СУРУДАҲОИ МАВЛОНО

Sufizoda Shodimuhammad ZİKRİOPUR
National Academy of Sciences of Tajikistan, Tajikistan
sufizadeh@gmail.com

Abstract
The author tried to substantiate the repeatedly use of the word «wine» in Mawlana’s verses with reliable evidence. We point out the need for careful analysis of ancient rituals, including the veneration of an intoxicating drink, and at the same time a deity called “Hauma” one of the Avestian goddes in pre-Islamic Iranian culture closely related to Indian "Soma" will help in understanding the place and drinking seremonies and their reception in literature. The author analizes the history of the origin of wine described in such books as “Navruznoma” of Umar Khayyam, “Javame’-ul-hikayat” by Muhammad Aufi Bukharai, “Nafais-ul-funun” by Muhammad ibn Mahmud Amuli, “Rahat-us-sudur” of Rawandi and ets. Mawlana, paying attention to the precious ancient cultural and religious traditions used a number of different meanings of the word «wine» in his poetry.

Keywords: Asceticism, Cupbearer, Grape, Hauma, Metaphorical wine, Mysticism, Real wine, Red wine, Sufism, Wine.

Хулоса
Муаллифи мақола саъй намудааст, ки бозтоби вожаи майро дар ашъори Мавлоно бо далоили муътамад мавриди баррасӣ қарор диҳад. Муҳаққиқ иброз медорад, ки бознигарию пажӯҳиши дақиқи расму оинҳои куҳан, аз ҷумла парастиши нӯшобаи мастиовар ва ҳамзамон илоҳае бо номи «ҳаума»-и авестоӣ дар фарҳанги қаблазисломии тоҷик, ки бо «Сома»-и ҳиндӣ пайванди танготанг дорад, дар бозшинохти ҷойгоҳ ва маонии бода дар фарҳангу адаби порсии тоҷикӣ аҳаммияти вижа дорад. Инчунин, муаллиф зикр мекунад, ки роҷеъ ба таърихи пайдоиши шароб дар кутубе амсоли «Наврӯзнома»-и Хайём, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммадавфии Бухороӣ, «Нафоис-ул-фунун»-и Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ, «Роҳат-ус-судур»-и Рондӣ маълумот дода шудааст. Мавлоно бо таваҷҷуҳ ба осори гаронарзиши мутақаддимон анвои бодаро дар осораш тавсиф намудааст.

Калидвожаҳо: Бода, Ирфон, Тасаввуф, Соқӣ, Ангур, Май, Зуҳд, Хум, Ток, Ҳақиқӣ, Маҷозӣ.

Ҳадаф аз пажӯҳиши тасвири «бода» дар осори Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ шинохти инъикоси расму ойини куҳани мардум дар шеъру адаби порсии тоҷикист. Фарҳанги порсии тоҷикӣ сарзамини бениҳоятест, ки танг намудан ё нодида гирифтани баъзе падидаҳои он монеае дар шинохти воқеии андешаву ҷаҳонбинии рӯзгорони гузашта мегардад. Мо бар ин ақида ҳастем, ки бознигарию пажӯҳиши дақиқи расму оинҳои куҳан, аз ҷумла парастиши нӯшобаи мастиовар ва ҳамзамон илоҳае бо номи «ҳаума»-и авестоӣ дар фарҳанги қаблазисломии тоҷик, ки бо «Сома»-и ҳиндӣ пайванди танготанг дорад, дар бозшинохти ҷойгоҳ ва маонии бода дар фарҳангу адаби порсии тоҷикӣ аҳаммияти вежа дорад. Истеъмол ва парастиши ҳаума дар боварҳои динии митроию зардуштӣ тибқи низоме хос дар ибодатгоҳҳо сурат мегирифтааст, ки дар асрҳои баъдӣ навъе аз онро дар маҷолиси шодхорию хушгузаронии подшоҳону аҳли дарбор ва ҳамчунин дар маҳофили аҳли тасаввуф дар хонақоҳҳо мушоҳида мекунем. Анъанаи мазкур дар имтидоди ташаккули фарҳанг, чӣ дар даврони куҳан ва чӣ дар замони тасаллути сартосарии фарҳанги исломӣ ҳамвора ҷойгоҳи хосе дар зиндагии мардумон доштааст [18], ки шинохти он моро бо нозукиҳову зарофатҳои осори адабии гузаштагон, аз ҷумла, бо хамриёти порсии тоҷикӣ беҳтар ошно мекунад.

Аз осори то ба рӯзгори мо расидаи адабӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ ва бостоншиносӣ чунин дарёфт мешавад, ки бода (май, шароб) ва ашёву мафҳумҳои вобаста ба он, мисли «соқӣ», «соғар», «пиёла», «ангӯр», «ток», «мӯ», «хум», ва ғайра аз нахустин рӯзҳои зиндагии фарҳангӣ мавриди таваҷҷуҳи аҳли башар будааст [16]. Дарахти ток, дарахти мӯ, раз, ангур бо расму оинҳои динию асотирӣ пайванди сахт хӯрдааст. Дар назди шумериён дарахти ангӯр намоди зиндагӣ будааст. Онро дарахти дониши неку бад, илоҳаи равшанӣ, нур ва фарзонагию доноӣ мешумурдаанд.

Аҳаммияти меваи ангӯр дар фарҳанги башарӣ ба гунае бузург аст, ки ҳатто дар китобҳои муқаддаси аксари динҳо дар бораи он маълумот омада, яке аз афзалиятҳои фирдавс – олами абадии макони растагорон – наҳру дарёҳои пур аз шароб аст. Дар устурае омада, ки нахустин мевае, ки Одаму Ҳавво дар биҳишт хӯрдаанд, ангӯр буда, ки фараҳу шодмониро дар вуҷудашон барангехтааст. Дар асотири динӣ Нуҳи пайғамбар, аввалин шахсест, ки токкориро ба роҳ андохт ва ангӯрзорҳои зиёде парвариш намуд. Яке аз мафҳумҳои марказӣ дар устураи тӯфони Нуҳ падидаи бодаву мастист [21?, С. 7-60].

Дар манбаъҳои таърихию илмӣ роҷеъ ба чигунагӣ ва замони пайдоиши бода ва суннату русуми боданӯшӣ қиссаву ривоятҳои мухталифе омадааст. Муҳаммадавфии Бухороӣ дар «Ҷавомеъ ул-ҳикоёт» нигоштааст, ки «чун имкони таматтуъ аз ангур дар зимистону баҳор набудааст, Ҷамшед ба қасди баҳрагирӣ аз он дар тамоми фусули сол дастур медиҳад то онро бигиранд. Ба мурур, бо мушоҳидаи тағйири зоҳиру маззаи шароб гумон карданд, ки оби ангӯр табдил ба заҳр шудааст. Пас, сари онро бастанду дар гӯшае нигаҳдорӣ карданд. Дарди шақиқа канизаки зеборӯйи шоҳро бетоқат мекунад, то ҳадде, ки ба дил кандан аз ҷон розӣ мешавад ва аз он заҳр менӯшад. Ҷунбише дар дарунаш эҷод шуда, сардардаш ором меёбаду ба хоб меравад. Пас аз бедор шудан аз он дард халосӣ меёбад ва аз он замон ҳамагон ба хосияти шароб пай бурдаву ба он «шоҳдорӯ» гуфтаанд [15, С. 453].

Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ низ дар «Нафоис ул-фунун» пайдоиши маю майгусориро ба замони Ҷамшед нисбат додааст. Дар ин манбаъ омадааст, ки «иддае маъмур мешаванд, то дар фавоиди ашҷору наботот тафаҳҳус кунанд. Вақте латофату пурсамарагии ангур мушаххас мешавад, барои ҳифзи он аз бодҳои хазонию интифоъи мудовим аз он дастур дода мешавад оби онро бигиранд [15, С, 453].

Дар «Наврӯзнома»-и Хайём (саҳ. 88-92) ва дар «Роҳат ус-судур»-и Ровандӣ (???) достонҳои ҳамгунеро дар бораи бода нақл карда, зуҳури ин нӯшобаро ба яке аз хешовандони Ҷамшед Шамирон, подшоҳи Ҳирот, нисбат дода шудааст. Хулоса, қазияи бода дар фарҳангу адаби порсии тоҷикӣ хеле тӯлонист, ки дар ин мақола маҷоли баррасии муфассали он нест [23, С.126-157]; [20].

Дар ин гузориш бар онем, ки раванди фароиши мафҳуми бодаро аз ҷиҳати тағйири маънои ҳақиқии он ба маънои маҷозияш дар шеъри порсӣ то андозае мавриди баррасии хеш қарор диҳем ва бад-ин васила роҳҳо ва тарзу усули истифодаи вожагони маъмулии хамриро барои баёни мафҳумҳои интизоию истиории ирфонӣ муайян намуда, нақши орифони шоир ва шоирони ориферо, ки дар густариши мафҳуми бода ва тасвирофаринишҳои вобаста ба он дар шеъри порсӣ саҳм доштаанд, то ҳаде равшанӣ андозем.

Пас аз пайдо шудани дини ислом дар қалламрави фарҳанги порсии тоҷикӣ фирқаву мазҳабу мактабҳои зуҳдию фиққию каломию фалсафию ирфонии мухталифе арзи вуҷуд кард, ки мактаби тасаввуф низ ба онон шарик гардид. Аз суханони барҷомондаи нахустин орифоне мисли Ҳасани Баср̄ӣ, Абӯҳошими Кӯфӣ, Робиаи Адавия, Иброҳими Адҳам, Маъруфи Кархӣ ва дигарон гуфторе қассор ва суханоне латиф то замони мо расида, ки аз тарзи вежаи тафаккури ин гуруҳи андешамандон далолат мекунад.

Пайравони ирфон ашхоси андешаманде буданд, ки ба тамоми падидаҳои зиндагӣ, бавежа ба масъалаҳои илоҳиёт бо нигоҳи ҳунарию зебоишиносона менигаристанд. Чунин нигоҳи зебоишиносона, ки ба воситаи илҳом ва кашфу шуҳуд сурат мегирад, шинохте бедеист, ки хоси аҳли адабу ҳунар низ ҳаст. Аз ин рӯ баёноти ирфонии барҷомондаи орифоне чун Зуннуни Мисрӣ, Боязиди Бастомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Абӯбакри Шиблӣ намунаи барҷаставу бебадиле аз каломи бадеиянд, ки баъдтар дар шеъри классики порсии тоҷикӣ сурату маъноҳои бешуморе тавлид карданд.

Ҳанӯз шарҳи суханони парадоксгунае чун «Ана-л-Ҳақ»-и Мансури Ҳаллоҷ, ва «Субҳонӣ мо аъзаму шонӣ»-и Боязиди Бастомӣ ҷанбаҳои отифию ҳунарии забонро хеле васеъ намуда, бо кумаки вожа оламе наву тоза кашф мекунанд. «Халқи олами ҷадиди рӯҳӣ аз тариқи забон вазифае будааст, ки сӯфия дар забон кашф кардаанд; ҳамон коре, ки шоир дар шеъри худ бо забон мекунад ва таҷрибаҳои рӯҳии худро бо калима арза мекунад ва ҳатто, метавон гуфт, аволимеро бо калима меофаринад, ки ҳатто барои худаш ҳам қаблан номакшуф будаанд» [25, С. 243; 242-247].

Нахустин шахсе, ки дар ирфон аз мукошифа ва сукру мастӣ сухан ба миён оварда ва мафҳуми «муҳаббат» ва «фано»-ро вориди фалсафаи ирфон кард, Боязиди Бастомист. Ба василаи фалсафаи сукр, ки онро дар ирфони исломӣ «мактаби Боязиди Бастомӣ» меноманд, мафҳумҳои шаробу бодаву мастию хароботу соқию майкада вориди шеъру адаби порсии тоҷикӣ гардиданд.

Ривояте дар бораи Боязид машҳур аст, ки аз мастии ирфонии ӯ хабар медиҳад: шахсе бо номи Яҳё ибни Маъоз ба ӯ номае нигошт, ки дар он омада: «Чи гӯйи андар касе, ки ба як қатра аз баҳри муҳаббат маст гардад?». Боязид ҷавоб навишт, ки «Чи гӯйи дар касе, ки ҷумла дарёҳои олам шароби муҳаббат гардад, ҳама дарошомад ва ҳанӯз аз ташнагӣ мехурӯшад?».

Чи таваре, ки дар мисоли мазкур дида мешавад, Боязид аввалин бор ибораи ташбеҳии «шароби муҳаббат»-ро истифода намуда, бад-ин васила гароишу пойбандӣ ба муҳаббатро ба шароб ташбеҳ мекунад. Чунин тарзи истифодаи ҳунармандона аз забон боис гардид, ки минбаъд орифону адибон мафҳуму ибораҳои хамриро дар осори хеш мавриди истифода қарор доданд. Дар рисолаи «????» сареҳан аз ибороти Боязид истифода шудааст: «Аз он ҷо ки сукр ҳоле бувад, ки аз ғалабаи муҳаббат падид меомад ва мастии зоҳирӣ ҳоле буд, ки аз нӯшидани шароб ҳосил мешуд, табиӣ буд, ки сӯфия ин муҳаббатро низ ба шаробу хамр ташбеҳ кунанд» [17, С.119].

Суханони машҳури Боязиди Бастомӣ «Субҳонӣ мо аъзаму шонӣ», ки дар ҳолати мастии ирфонӣ гуфта шудаанд, Мансурро ба баёни «Ана-л-Ҳақ» водор кард. Ҳамин нахустин таҷрибаҳои ҷасоратмандонаи шинохти ҳақиқат бо нигоҳе зебоишиносона аз ҷониби орифони қарнҳои аввал буд, ки бебокию густохии беназире дар қалби аҳли ирфону адаби порсии тоҷикӣ барпо кард, ки бо шуру исёну утуфату латофате бемисл ҳама гуна шарту қайдҳои мутакаллимону муташаръиёнро шикаста, бе тарсу хавф таҷрибаҳои ирфонии душворбаёни хешро бо истифода аз вожагони ба истилоҳ «ҳаром» баён намоянд. Дар ростои ҳамин суннат аст, ки каме баъдтар орифи зебоипарсту адабдӯсте бо номи Абӯсаиди Абулхайр бидуни ҳар гуна биму тарсу ҳарос, аз муҳити таассубноку тираи динии замони хеш наҳаросида, далерона суннати рақсу самоъи ирфониро бо сурудани ашъори шурангези ошиқона дар масҷидҳо оғоз бахшид.

Ба сабаби он, ки истеъмоли нӯшобаҳои масткунанда дар дини ислом ҳаром аст, ҳама гуна тавсифу таърифи он дар шеър ҳамчунин мавриди интиқоду эътирози фақеҳону мутакаллимону муташарриин қарор мегирифт. Барои исботи мутобиқи шариат будани алфози хамрии дар осори хеш истифода кардаашон шоирон чандин далоиле пеш меоварданд. Аз ҷумла мегуфтанд, ки каломи онон на ибораҳои хушк, балки саршор аз ишорот аст ва ба фарқияти миёни ишорот ва иборот таъкид меварзиданд. Рӯзбеҳони Бақлӣ дар «Шарҳи шатҳиёт» нигоштааст, ки ишорат иборати латифест, ки бар мутакаллим кашфи он пӯшида бувад. [2].

Чун ин гурӯҳи вожагон дар аксари мавридҳо барои баёни ҳолоти ботинии гӯянда ба кор гирифта мешаванд, шарҳу таъвилашон нисбист ва вобаста ба донишу малакаҳои хонанда сурат мегирад. Ин гурӯҳи вожагон, ки чун истилоҳ шинохта шудаанд, ғолибан ҷанбаи маҷозӣ ва қарордодӣ доранд. Мо ба ин

назарем, ки вожагони истиории шеъри ирфониро, ки истолоҳот номидаанд, наметавон чунин маъно кард, зеро яке аз вежагиҳои асосии истилоҳ ҳамчун мақулаи илмӣ доштани маънои ягона аст. Инон вожагони маъмулиянд, ки дар шеър ба маънои маҷозияшон низ истифода мешаванд. Ва чун шеър баёни отифии ҳолоти шахси гӯянда аст ва ин ҳолот ҳамвора дар ҳоли тағйирёбиянд, вожагони он низ сайёл ул-маъноанд. Аз ин рӯ, фарҳангҳои истилоҳоти шеъри ирфонӣ ҳамаи маъноҳои ин қабил вожагонро дар бар гирифта наметавонанд. Ҳар як аз ин вожагон маъноҳои бешумореро дар ашъори шоирон метавонад баён кунад.

Яке аз шартҳои зебоишиносии баёни ирфонӣ ин будааст, ки бояд каломи ориф баргирифта аз латофати табъ бошад. Айнулқуззот мегӯяд, ки «агар зоҳир бигӯям, аз ҳарзагӯён тарсам ва чун дар шеър бигӯяму бигрезам, ҳар касе пай натвонад уфтод ва низ натвонад гуфт, ки «Чи хостӣ?». Аммо, соҳиби басират донад, ки «ал ҳурра йакфият ул-ишора» (ба доно як ишора кофист), агарчи ту пай натавонӣ бурд, аммо, бисёранд, ки битвонанд. Пас дар ин нома мақсуд туӣ, валекин минҳайс ул-маҷоз, аммо минҳайс ул-ҳақиқат мақсуд касест, ки ин фаҳм кунад» [1, С. 274.].

Аҳмади Ғазолӣ моҳияти ишорот ва ибороти аҳли ирфонро хеле равшану сода шарҳ додааст. Дар «Савонеҳу-л-ушшоқ» навиштааст, ки аҳли ирфон ақидаву андешаҳои хешро бо кумаки ибороте бо ишораҳои зарифу дур аз мавзӯъ баён мекунанд, то касе, ки аҳли дилу завқ нест, натавонад ба маънои аслии онон дарравад. Аҳмади Ғазолӣ ибораторо монеаи азиме дар роҳи дарки маонии аслии суханони ориф медонад. Мухотаби ориф бояд дар ёд дошта бошад, ки манзур аз ибораттҳои зоҳирии орифон ишоратҳое ҳастанд, ки зери он ниҳуфтаанд ва агар орифи воқеисту аз қоидаҳои баёни ирфонӣ огоҳ, бидонад, ки манзур аз иборот, ки монеаанд барои дарки асли маъно, ишорат аст.

Вожагони забон моҳиятан тавоноии баёни маъноҳои бикру тоза ва зарифу латифи интизоии орифонро, ки баёни тачрибаҳои бемисли ирфонияшон ҳастанд, надоранд, «агарчи моро кор он аст, ки абкори (тозаҳои) маониро ба зукур ул-ҳуруф диҳем дар хилват ул-калом, валекин иборот дар ин ҳадис ишорот аст ба маонии мутафовит» [14, С. 69.].

Густариши чуғрофиёи шеъри ирфонӣ бо шахсияти Абӯсаиди Абулхайр пайванди мустақим дорад. Бо дохил кардани шеър ба масчиду маҷлисҳои орифон ҳамчун василаи муассир дар маъвизаҳои динӣ, ӯ аз шеъри порсии тоҷикӣ, сарфи назар аз он ки ирфонӣ ҳаст ё ғайриирфонӣ, истифодаи фаровон мекард. Дар ҳамин давра буд, ки дар хонақоҳҳо тағйироти назаррасе рух дод: ин макон аз маҳалли таълиму тарбияи хушки динӣ ба ҷои сурудани ашъори зебои ошиқонаи мамлу аз вожагони хамрӣ ва рақси хоси орифона мубаддал шуд. Пайравони ирфони ошиқонаи Хуросонӣ, ки Абӯсаиди Абулхайр пешгоми он буд, кӯшиш карданд, то нишон бидиҳанд, ки бардошти онҳо аз ашъори хамрию ошиқонаи ғайрисӯфиёна маънои ботинии вожагон, яъне ишорот аст, на шакли зоҳирии онҳо.

Барои ҳунармандони ориф суоле пеш омад, ки чи коре бояд кард, то барои истеъмоли вожагони хамрӣ мавриди таъну таъқиби муҳтасибону қозиёну зоҳирпарастони динӣ қарор нагиранд. Донишмандоне чун Алӣ ибни Усмони Ҳучвирӣ дар «Кашф ул-маҳҷуб», Абӯҳомиди Ғазолӣ дар «Кимиёи саодат», Маҳмуди Шабистарӣ дар «Гулшани роз» дар мавриди истеъмоли вожагони хамрӣ дар фарҳанги исломӣ изҳори назар намудаанд. Ба ақидаи онон набояд ба зоҳири вожагон таваҷҷуҳ кард, ба маънои он бояд дарнигарист. Масалан, дар «Гулшани роз» омадааст:

Шаробу шамъу шоҳидро чӣ маъност?
Хароботӣ шудан, охир, чӣ даъвост? [24, С. 238].

***

Буту зуннору тарсоӣ дар ин кӯй,
Ҳама куфр аст! В-арна чист? Баргӯй! [24, С. 250].

***

Чӣ мегӯӣ газоф, ин чумла гуфтанд,
Ки дар вай бехи таҳқиқе ниҳуфтанд?
Муҳаққиқро маҷозӣ кай бувад кор?
Мадон гуфторашон чуз мағзи асрор [24, С. 91].

Бояд таъкид кард, ки аҳли ирфон истилоҳоти хешро, ки маҷозиянд, ҳақиқӣ мешумурданд, зеро бино бар бинишҳои ҳастишиносии онон дунёе, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, маҷозист ва ҷаҳони ҳақиқӣ дар пиндори онон олами ба истилоҳ «боло»-ст.

Назари Лоҳичӣ дар бораи истифодаи вожагони хамрӣ аз дигарон фарқ мекунад. Вай бовар дорад, ки маъноҳои ирфонӣ амонате аз ҷониби Худоянд ва орифон намехоҳанд номаҳрамон аз он огаҳ бошанд. Аз ин рӯ он маъноҳоро бо риояи муносибате, ки доранд, дар шакли шарбобу шамъу соқию пиёлаву хату холу зулф ва ғайра баён кардаанд [4, С. 33].

Шамси Табрезӣ дар бораи масти чунин андеша дорад: «Мастӣ ба чаҳор қисм асту чаҳор мартаба:

Аввал мастии ҳавост ва халос аз ин душвори азим. Равандаи тезрав бояд, то аз ин мастии ҳаво даргузарад;

Баъд аз он мастии олами рӯҳ. Рӯҳро ҳанӯз надида, валекин мастӣ азим, чунонки машоих дар назар наёянд аз ғояти мастӣ ва анбиё низ. Ва дар сухан, ки оғоз кунад, ҳеч пеши ӯ наёяд, аз оят ва ҳадис. Ва ор

оядаш сухани нақл, магар ҷиҳати тафҳим. Ва аз мартабаи дувум гузаштан азим саъбу мушкил аст, магар бандаи нозанини ҳақи ягонаи Худо бар ӯ фиристанд, то ҳақиқати рӯҳ бибинад ва ба роҳи Худо бирасад.

Мастии роҳи Худо ҳам мартабаи сеюм аст – мастии азим, аммо мақрун бо сукун, зеро чизе ки мепиндошт, ки он аст, Худо ӯро аз он берун овард;

Баъд аз он мартабаи чаҳорум: Мастӣ аз Худо. Ин камол аст. Баъд аз ин ҳушёрӣ аст.

Дар идома Шамси Табрезӣ ба шарҳи мафҳуми вожаи ҳаво мепардозад ва таъкид мекунад, ки манзур аз ҳаво зану зару дунё нест, балки замоир, яъне афкору андешаҳост.

Дар ҷойи дигар Шамси Табрезӣ мафҳуми «тавҳид»-ро бо истифода аз мафҳумҳои хамрӣ хеле дилчаспу шоирона тасвир кардааст: «Сувар мухталиф аст, вагарна маонӣ якест. Аз Мавлоно ба ёдгор дорам аз шонздаҳ сол, ки мегуфт: «Халоиқ ҳамчу аъдоди ангӯранд. Адад аз рӯйи сурат аст, чун бияфшорӣ дар коса он ҷо ҳеч адад ҳаст?» Ин сухани ҳарки ӯро муомила шавад, кори ӯ тамом шавад». (17). Ба гумони ғолиб Шамс ба ғазали № 2601-и Мавлоно назар доштааст:

Эй бар сари ҳар санге аз лаъли лабат нуре,
В-аз шӯриши зулф ту дар ҳар тарафе суре.
Дар ҳусни биҳишти ту, дар зери дарахтонат
Ҳар сӯй яке соқӣ, ҳар сӯй яке ҳуре.
Аз ишқи шароби ту ҳар сӯй яке ҷоне
Маҳбуси яке хунбе, чун шираи ангуре [9, С. 293].

Дидгоҳи хешро роҷеъ ба мастии ирфонӣ Мавлоно дар достони Боязиди Бастомӣ, ки дар дафтари чаҳоруми Маснавӣ омадааст, баён кардааст. Ин орифи вораста, ки худ муршиди мактаби сукр аст, дар ин қисса аз назари Мавлоно масти воқеие буд, ки бо баёни суханони далеронае чун «Субҳонӣ! Мо аъзама шонӣ» таъкид кард, ки ҳарчи аз забони ӯ баён гардад ва ва ҳар амале аз ҷониби ӯ сурат гирад ӯ нест, балки Ҳақ аст:

Бо муридон он фақири мӯҳташам,
Боязид омад, к-инак Яздон манам.
Гуфт: мастона, аён он зӯфунун:
«Ло илоҳ илло ано ҳо! Фаъбудун».
Чун гузашт он ҳол, гуфтандаш сабоҳ:
«Ту чунин гуфтиву ин набвад салоҳ» [9, С.153].

***

Чун парӣ ғолиб шавад бар одамӣ,
Гум шавад аз мард васфи мардумӣ.
Ҳарчӣ гӯяд, он парӣ гуфта бувад,
З-ин сарӣ на, он сарӣ гуфта бувад.
Чун париро ин даму қонун бувад,
Кирдгори он парӣ худ чун бувад?
«Ӯ»-и ӯ рафта, парӣ худ «ӯ» шуда,
Турк беилҳом тозигӯ шуда.
Чун ба худ ояд, надонад як луғат,
Чун париро ҳаст ин зоту сифат.
Пас Худованди парию одамӣ,
Аз парӣ кай бошадаш охир камӣ?
Шергир ар хуни наррашер х(в)ард,
Ту бигӯйӣ: «Ӯ накард он, бода кард».
В-ар сухан пардозад аз зарри куҳан,
Ту бигӯйӣ: «Бода гуфтаст он сухан».
Бодаеро мебувад ин шарру шӯр,
Нури Ҳақро нест он фарҳангу зӯр?
Ки туро аз ту ба кӯл холӣ кунад,
Ту шавӣ паст, ӯ сухан олӣ кунад [9, С.153-154].

Сабаби изҳор кардани чунин андеша мастии бениҳояти солик дар ҳолати ваҳдат аст. Ин гуна баёнотро аҳли ирфон шатҳиёт номидаанд. Гуфторе дар ин шакл инкори манийати маҷозии хеш ва исботи манийати Ҳақ мебошад. Агар орифе дар мақоми касрат ин ибораро ба забон биёварад ба куфр хоҳад гаравид.

Дар бораи баёни масъалаи маҳв шудани ҳастии банда дар ҳастии Худо Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ҳикоятеро овардааст. Шере дар пайи оҳуе уфтод, оҳӯ гурехт, зеро онҳо ду ҳастӣ буданд. Аммо, чун шер ба ӯ расид...ва аз ҳайбати шер беҳӯшу бехуд шуд, ин соат ҳастии шер танҳо монд ва ҳасти оҳӯ дар ҳастии шер маҳв шуду намонд [5].

Бибинед, ки мафҳуми маҳв шудан дар Худоро Мавлоно чи тавр ҳунармандона тасвир кадааст. Аз назари баён, саҳнаи хашини куштори оҳуро аз чониби шер ба лаҳзаи нобуд шудани ҳастии оҳӯ дар ҳастии шер тавсиф кардааст. Ин гуна тарсими саҳна аз як ҷониб бар тавоноиҳои забон дар баёни маъноҳои душвор меафзояд ва аз тарафи дигар саҳнасозиҳои зиндаву зоҳирӣ кумак мекунанд, ки хонанда ба дарки вежагиҳои тасвири бадеӣ ба содагӣ даст ёбад.

Бояд донист, ки мастии воқеии орифи ростин натиҷаи камоли маънавӣ ва булӯғи ӯст, ки бар донишу андӯхтаҳову дарёфтаҳову мукошифоти ӯ замм мегардад. Мастие, ки дар натиҷаи истеъмоли моеъу гиёҳҳои масткунанда пайдо мешавад, пасттар аз ҳолати маъмулии инсон буда, баръакси ҳолати мастии рӯҳонӣ барҳам занандаи ақлу андеша аст.

Дар дафтари чаҳорум Мавлоно ҳангоми баёни сабаби фасоҳату бисёргӯии фозиле андешаеро дар бораи моҳияти бода баён мекунад:

На ҳама ҷо бехудӣ шар мекунад,
Беадабро май чунонтар мекунад.
Гар бувад оқил, накуфар мешавад,
В-ар бувад бадхӯй, баттар мешавад.
Лек ағлаб чун баданду нописанд,
Бар ҳама майро муҳаррам кардаанд [13, С. 633].

Яке аз душвориҳои забони шеъри ирфонӣ ин аст, ки вожагони он полисемантик, яъне сермаъноянд. Барои фаҳми маънои дурусту мавриди назари шоир хонанда бояд ба ҳаммонандиҳои лафзии мавҷуд дар матн (қаринаҳои лафзӣ) ё ба ҳаммонандиҳои маъноӣ, ки дар забони ҳунарии орифон ҳастанд, нигарварзӣ кунад (диққат кунад). Маҳмуди Шабистарӣ низ дар байти зерин аз маснавии «Гулшани роз» ба ҳамин падидаи забони орифон ишора мекунад: (байти зерин аз “Маснавӣ” аст!)

Иштироки лафз доим раҳзан аст,
Иштироки габру муъмин дар тан аст [13, С. 934].

Иштироки лафз яке аз вежагиҳои пурасрору сеҳрноки шеъри ирфонист, ки шоирони жарфандеши ориф бо кумаки он душворбаёнтарин дарёфтаҳои маърифатии хешро бо забоне истиорӣ баён кардаанд ва бо ин роҳ андешаҳои хешро аз ноогоҳон пинҳон доштаанд.

Забони ирфон ҳам аз чиҳати навъи таҷрибаҳо ва таълимоте, ки баён мекунад ва ҳам аз ҷиҳати шеваи коркард бо забон маъмулӣ фарқ мекунад. Мавлоно одамро ба ангур ташбеҳ мекунад, ки моҳиятан дар зоти худ хислатҳое дорад, ки ӯро ба сӯйи беҳтар шудан савқ медиҳад. Бояд инсон ҳама гуна имконияти хешро дар роҳи шинохти офариниш сарф кунад ва талош варзад, то ба таназзулу баргашт ба оғози хеш имкон надиҳад ва ҳамвора дар талоши боло бурдани имкониятҳои моҳийятии хеш кӯшо бошад.

Эй ишрати наздик зи мо дур машав,
В-аз маҷлиси мо малулу маҳҷур машав.
Ангури адам будӣ шаробат карданд,
Вопас марав, эй шароб, ангур машав [10, С. 265].

Дар рубоиёти (изофа) фавқ инсонро ба ангури адам ташбеҳ кардани Мавлоно аз он ҷост, ки ангур дар зоти худ вежагиҳое дорад, ки дар колбуди инсон низ онҳо вуҷуд доранд. Бино бар таҳқиқоти илми тиб дар таркиби хуни одам зотан як миқдор хамр мавҷуд аст.

Забони шеъри ирфонӣ забонест, ки маъно ва мафҳумро ҳам пинҳон мекунад ва ҳам ошкор мекунад. Ин хусусият забони ирфонӣ ба истилоҳоти хамрӣ низ дахл дорад. Шоирони классик ҳамвора далелҳои фаровонеро барои истилоҳоти хамрие, ки дар шеърашон истифода кардаанд, зикр кардаанд. Гирифтори хеш будан аст, ки ба қавли Мавлоно, шахсро асири нафси аммора карда, худбину худпараст мекунад ва барои раҳо шудан аз ин пойбандӣ даъват мекунад, ки:

Ҷаҳд кун, к-аз ҷоми Ҳақ ёбӣ навӣ,
Бехуду беихтиёр он гаҳ шавӣ.
Он гаҳ он майро бувад кул ихтиёр,
Ту шавӣ маъзури мутлақ маствор [13, С. 851].

Мавлоно сареҳан ба бодаи ирфонии ашъори хеш ишора мекунанд ва бар тафовути бодаи ангӯрӣ бо бодаи истиорӣ таъкид меварзанд. Масалан, Мавлоно фармудааст:

Ку хамри тан, ку хамри ҷон, ку осмон, ку ресмон?
Ту масти ҷоми абтари, ман масти ҳавзи Кавсарам [6, С. 201].

Гарчанде шоирони ориф аз имконоту тавоноиҳои забон ба шукӯҳмандтарину зеботарин шакл истифода кардаанд, ҳамвора ба нотавониҳои он дар баёни таҷрибаҳои ботинии ирфонӣ таъкид меварзанд. Маҳдудияти имкониятҳои забон ва душвории ба риштаи таҳрир кашидани ҳолоти тасаввурнопазири

ботинии ориф, ки онро мо тачрибаи ирфонӣ меномем, ҳамеша аз ҷониби шоирони ориф таъкид шудааст. Мавлоно дар бораи печидагии забони мастонааш чунин мегӯяд:

Сармаст шуд нигорам, бингар ба наргисонаш,
Мастона шуд ҳадисаш, печида шуд забонаш [6, С. 187].

Дар ин байтҳо шоир саҳнаи даст ёфтани ориф ба лаҳзаи ваҷду мукошифаро, ки худаш шахсан чандин бор аз сар гузаронидааст, ба тасвир кашидааст. Ҳолатҳое, ки бо дарёфти ҳақиқат ба ориф даст медиҳанд аз назари равоншиносӣ ба халсаи ирфонӣ шабоҳат доранд. Дар бораи даст ёфтан ба чунин ҳолот, ки солики роҳи ҳақиқат пайваста дар талаби он аст, мулоҳизоти фаровонеро дар рисолаҳои назарӣ ва осори бадеии аҳли ирфон метавон пайдо кард. Мастие, ки Мавлоно аз он мегӯяд, ҳолати ваҷду халсаи ирфонист:

Мастие, к-ояд зи ту, эй шоҳи фард
Сад хуми май дар сару мағз он накард [11, С. 39].

Ба гумони ин ҷониб, ақидаи роиҷе, ки гӯё шоирон бо истифода аз бода ба дунёе тахаюлӣ ворид мешуданд ва бо ин роҳ аз воқеияти азиятбору душвори зиндагӣ мегурехтанд, каме такмил мехоҳад. Ин ҷониб бар он ақида аст, ки шоирон баъзан аз «олами тахайюлӣ» дурӣ ҷуста, мехостанд дар воқеияти атроф ба таври табиӣ даромезанд. Дар чунин мавридҳо бода ба онон ёрӣ медиҳад, зеро ин нӯшоба дар нигоҳи орифон василаест барои аз ҳар гуна гароишоти динии фиребанда раҳо ёбанд ва таҳмили иҷбории ҳар гуна ҳанҷорҳои ақидатӣ фаро бираванд.

Бояд дар назар дошт, ки Маснавӣ дар маҷлисҳои хоси самоъ суруда шудааст ва аксарияти мухотабони Мавлоно шогирдони ӯ буданд, ки аз дунёи зоҳирию ботинии муршиди хеш огоҳии комил доштанд ва дар дарки истилоҳоти хоси Мавлоно мушкиле надоштаанд ва дар сурати фаҳми нозукиҳои он истилоҳот аз худи гӯянда шарҳу тавзеҳ мехостаанд.

Сартосари «Маснавии маънавӣ» пур аз истилоҳоти ирфонист. Ба ақидаи Зарринкӯб, «ин амрест, ки муҳтавиёти Маснавӣ онро илзому тавҷеҳ мекунад, чиро ки Маснавӣ на фақат ӯҳдадори табйини ҳақоиқу асрори таълими сӯфия ва дар айни ҳол тафсири румузи тасаввуфи илмист, балки мабоҳису ишороти назариро ҳам махсусан ба хотири ҷанбаи илмии онҳо дар назар дорад».

Бардошти ноогоҳона ва муносибати маъмулӣ ва шинохти нодуруст аз истилоҳот боиси гумроҳии хонанда мешавад. Суоле ба миён меояд, ки чи тавр хонанда истилоҳро аз вожаи маъмулӣ тамйиз бидиҳад? Ба гумони ғолиб, сараввал хонанда бояд аз тарзи интиқоли вожаи маъмулӣ ба маънои истилоҳӣ ва ангезаи шоири орифро барои истифодаи истилоҳот дарёбад.

Аммо, мушкиле, ки дар шинохту фаҳми истилоҳоти ирфонӣ рух медиҳад, он аст ки аксаран истилоҳот бидуни қоидаву шартҳо бар асоси қарордодҳои тарафайн, сохта мешаванд. Чунин усули сохтани истилоҳот бино бар маҳдудияти имконот дар баёни андеша, ки дар дар ғазали порсии тоҷикӣ бештар аст, дида мешавад. Масалан, Камоли Хуҷандӣ истифодаи вожаи «нола»-ро ба маънои ибодат чунин баён кардааст:

Хушхотирам зи дарди ту в-аз баҳри маслаҳат
Гаҳ нола мекунам, ғарази ман ибодат аст [22, С. 955].

Мавлоно дар «Маҷолиси сабъа» аз вожагони маъмулӣ сохтани истилоҳотро сареҳан таъкид кардааст: «Эй дӯстони ман, мурод аз Сулаймон Ҳазрати Ҳақ ва мурод аз Билқис нафси аммора аст ва мурод аз ҳудҳуд ақл аст, ки дар гӯшаи сарои Билқис ҳар лаҳза минқори андеша дар синаи Билқис мезанад ва ин Билқиси нафсро аз хоб бедор мекунад» [19, С. 62].

Каломи Мавлоно бештар бар ваҷду ғалабаи ҳаяҷони рӯҳию ирфонист, ки бар тачрибаҳои рӯҳонӣ бино ёфтааст. Ӯ бо забони рамзию намодин ба баёни андешаҳои хосси ирфонӣ мепардозад, зеро забони рӯзмарра тавони баёни онҳоро, ки зоташон интизоию фароҳиссист, надорад.

Сухани ирфонии Мавлоно бо маънои он тафовути бунёдин дорад. Қонеъ шудан аз сурати зоҳирии вожагони ашъори ӯ монеъ аз фаҳми андешааш мешавад. Барои кашфи розу асрори забони хосси Мавлоно, бояд дараҷаи робитаи алфозу истилоҳоти хамрии осори Мавлоноро бо воқеъият пайгирӣ кунем. «Дидгоҳи Мавлоно дар бораи фалсафаи забон бо назария Людвиг Витгейнштейн (1889-1951), файласуфи пуровозаи қарни бистум, ки пайваста дар бораи фалсафаи забон, фалсафаи андеша ва шеваҳои корбурди вожагон жарфу дақиқ меандешид, монандиҳои шигифтангезе дорад [3, С. 74]. Ба ақидаи ӯ, андеша дар забон аз тариқи кор дар рӯи матн муяссар мешавад ва тафаккури соҳиби матн, ки бо мо дар фосилаи дури замоние қарор дорад, аз забони матни ӯ бояд дарёфта шавад. Витгейнштейн ҳамчун Мавлоно забонро либоси андеша меномад. Ба ақидаи ӯ, ин либос барои ҳадафҳои дигар истифода мешавад, на барои он ки битавон ба воситаи он сурати ҷисмро шинохт. Баръакс, либос, яъне вожа, пӯшишест бар рӯи маъно, то мо онро дарнаёрем ба асолати маъно даст нахоҳем ёфт.» [20, С 77-85].

Нишонаҳои истилоҳоти хамрии Мавлоноро метавон ба ду дастаи муҳимм тақсим кард:

Нишонаҳои берунӣ: он чизҳое, ки берун аз осору андешаҳои Мавлоност, вале баҳрагирӣ аз онҳо барои фаҳмидани андешаву осори илмию адабии ӯ ёрӣ мерасонад. Нишонаҳои берунӣ иборатанд аз: а). Фарҳангҳои истилоҳоти ирфонӣ; б). Фарҳангҳои истилоҳоти шеъри ирфонӣ.

Нишонаҳои дарунӣ: он чизҳое, ки Мавлоно ба забони назм ё наср баён кардааст. Ба воситаи онҳо метавон ба воқеӣ ё ғайривоқеӣ будани истилоҳоти хамрӣ пай бурд. Нишонаҳои дарунӣ иборатанд аз:

а). . Унсурҳо забонӣ (бодаи аласт, бодаи ишқ, бодаи асрор, бодаи азал, бодаи бақо, бодаи бехудӣ, бодаи осмон, бодаи лаб, бодаи муғона, бодаи Ҷамшед, бодаи Мансур, бодаи таҳур ва ғайра; б). Вежагиҳои баёнӣ (забони шеъри Мавлоно ҳақиқатҳои ирфониро бар хонандагони огоҳ ошкор мекунад ва бар хонандаи номаҳрам пӯшида месозад):

Халқ атфоланд ҷуз марди Худо,
Нест болиғ ҷуз раҳида аз Ҳаво [11, С. 267].
***
Гаҳе зи бӯсаи ёру гаҳе зи ҷоми уқор,
Маҷол нест суханро, на рамзу иморо [7, С 136].

в). Қаринаҳое, ки худи орифон баён кардаанд (дар осори ирфонӣ нишонаву далоили бешуморе аз қабили қаринаҳои ҳолия, сорифа, лафзӣ, маънавӣ вуҷуд дорад, ки ба бодаи ғайримаъмулӣ будани бодаи Мавлоно сареҳан ишора мекунад). Аз ҷумлаи қаринаҳо:

Сифатҳои нӯшобаи масткунанда
Эй ошиқон, эй ошиқон, паймонаро гум кардаам,
Дар ганҷи вайрон мондаам, хумхонаро гум кардаам [8, С. 136].

Маншаи бодаи ирфонӣ
Дона туӣ, дом туӣ, бода туӣ, ҷом туӣ,
Пухта туӣ, хом туӣ, хом бимагзор маро [6, С. 6].

Навъи мастӣ ва «бода»-и он
Ман агар масту харобам, на чу ту масти шаробам,
На зи хокам, на зи обам, на аз ин аҳли замонам.
На пайи рамзу қиморам, на пайи хамру уқорам,
На хамирам на хуморам, на чунинам, на чунонам [8, С. 300].

Мастии ҷовидон
Ҷаҳд кун, к-аз ҷом Ҳақ ёбӣ навӣ
Бехуду беихтиёр он гаҳ шавӣ.
Он гаҳ он майро бувад кул ихтиёр
Ту шавӣ маъзури мутлақ маствор [13, С. 851].
Баҳои бода
Иллаҳ, иллаҳ, чунки ориф гуфт май,
Пеши ориф кай бувад маъдум шай.
Фаҳми ту чун бодаи шайтон бувад,
Кай туро фаҳми майи Раҳмон бувад [13, С. 934].
Ишора кардан ба вежагии бодаи ирфонӣ
Бодаи ом аз бурун, бодаи ориф аз дарун,
Бӯи даҳон баён кунад, ту ба даҳон (забон нусхаи асл) баён макун [9, С. 122].

Вожагон дар забони рузмара маънои қомусии худро доранд, яъне корбурдию одию такрориянд ва ин такрорӣ будан вожаро мекушад. Ҳар соат мо даҳҳо маротиба вожаи «бода»-ро мешунавем, вале ба он мутаваҷҷеҳ намешавем. Аммо шоир онро дар паҳлуи вожагоне ҷой медиҳад, ки аслан берун аз қоидаҳои грамматикии забон аст. Ҳамин бозӣ бо калима онро зинда мекунад ва ҳисси лаззатбахшу отифиеро дар ӯ эҷод мекунад. Аз ин рӯ шоирро ҷодугар метавон номид, зеро бо «исонафасӣ»-и хеш ба вожагон умри дубора мебахшад. Аз ин рӯ марзи шеъри асил ва шеъри сохта ҳамин ҷодуии вожагон аст, ки онро яке аз бунёдгузорони мактаби формализми русӣ Виктор Шкловский «растохези калима» номидааст.

Эй май, батарам аз ту, ман бодатарам аз ту,
Пурҷӯштарам аз ту, оҳиста, ки сармастам [8, С. 211].

Шеъри Мавлоно бо шикастани ҳинҷорҳои забонӣ як сохтори грамматикии ғайримаъмулиеро аз ҷумла месозад, ки барои хонанда чи аз нигоҳи зоҳирӣ ва чи аз ҷиҳати маънавӣ ноошност. Шеъри ӯ моро ба матне рӯ ба рӯ мекунад, ки Томас Элиот онро «даргирии тоқатфарсо бо вожагон ва маъонӣ» меномад. Маънои вожа дар шеър аз ҳамнишинии он бо бо вожагони дигари мисраъ ё байти шеър вобаста аст. Ба ин сабаб назарияпардозони мактаби формализми русӣ шеърро забоне меҳисобанд, ки аз калимаҳо сохта шудааст, на аз мафҳумҳо.

Осори Мавлоно ва аксари шоирони классик аз такассури маъноӣ бархурдоранд ва ҳамеша ниёз ба хондану таъвили такрорӣ доранд. Ҳамин вежагист, ки шеъри классик ҳамеша зинда аст.

Адабиёт

Айнулқуззоти Ҳамадонӣ. Номаҳои Айнулқуззоти Ҳамадонӣ [Матн] / Айнулқуззоти Ҳамадонӣ; Ба эҳтимоми Алинақии Мунзавӣ ва Афифи Асирон. – Чопи дувум. –Теҳрон: Китобфурӯшии Манучеҳрӣ ва Заввор, СОЛИ НАШР. – Ҷ. 2. – С. 274.

Бақлӣ, Рӯзбеҳон. «Шарҳи шатҳиёт» [Матн] / Рӯзбеҳон Бақлӣ; Тасҳеҳи Анри Корбэн. – Теҳрон: Институти Эрону Фаронса, 1344. – С.540.

Витгенштейн, Л. Логико-философский трактат [Текст] / Л. Витгенштейн // Витгенштейн Л. Философские работы: в 2-х ч. / пер. с нем. – М.: Гнозис, 1994. – Ч. 1. – 74 с.

Лоҳичӣ, Муҳаммад ибни Яҳё. Шарҳи Гулшани роз («Мафотеҳ ул-эҷоз») [Матн] / Муҳаммад ибни Яҳё Лоҳичӣ; Пешгуфтори дуктур Аликулӣ Маҳмудии Бахтиёрӣ. – Теҳрон: нашри Илм, 1381. – С.33.

Мавлавӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Мавлавӣ; Тасҳеҳи Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Чопи 2. – Теҳрон: муассисаи чопу интишороти Донишгоҳ Теҳрон, 1394. – 414 с.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. 800 ғазали дилошӯб [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ; Таҳия ва танзими Асрори Раҳмонфар ва Ато Мирхоҷа. – Душанбе: Адиб, 2007. – 324 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. Куллиёти Шамс (Девони кабир) [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; Бо тасҳеҳи Бадеъуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Сипеҳр, 1378. – Ҷ.1. – 303 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. Куллиёти Шамс (Девони кабир) / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Сипеҳр, 1378. – Ҷ.3. – 303 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. Куллиёти Шамс (Девони кабир) [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; Бо тасҳеҳ ва ҳавошии Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Сипеҳр, 1378. – Ҷ.5. – 300 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ. Куллиёти Шамс (Девони кабир). Муштаммил бар қасоид, ғазалиёт, ва муқатаоти форсию арабӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Мавлавӣ; Бо тасҳеҳу ҳавошии Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378. – Ҷ.8. – 333 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ. Маснавии маънавӣ [Матн]: Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила ба нусхаи дигар / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ; Таҳия, танзим ва баргардони матн: М.А. Хуросонӣ, Б.Ализода, М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2013. – Дафтари 1-2. – 480 с.

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ Маснавии маънавӣ [Матн]: Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила ба нусхаи дигар / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхӣ; Таҳия, танзим ва баргардони матн: М.А. Хуросонӣ, Б.Ализода, М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2013. – Дафтари 3-4. – 481 с.

Маснавии маънавӣ [Матн]: Бар асоси нусхаи Қуния / Бо тасҳеҳ ва пешгуфтори Абдулкарими Суруш. – Теҳрон, 1376. – Дафтари 4-6. – 1113 с.

Маҷмӯаи осори форсии Аҳмади Ғазолӣ [Матн] / Ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид. – Чопи дувум. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1370. – С.69.

Муин, М. Маздаясно ва адаби порсӣ [Матн] / М. Муин. – Теҳрон, 1338. – Ҷ.1. – С.453.

Прилуцкий, А.М. Теология праздника [Электронный ресурс] / А.М. Прилуцкий. – Режим доступа: http://www.portal-credo.ru/site/?act=lib&id=1506/

Пурҷаводӣ, Н. Бодаи ишқ: маҷмуаи мақолот [Матн] / Н. Пурҷаводӣ. – Теҳрон: Корномак, 1387. – С.119.

Разӣ, Ҳошим. Пажӯҳишҳое дар таърихи оини розомези митроӣ дар Шарқу Ғарб [Матн] / Ҳошим Разӣ. – Теҳрон: Беҳҷат, 1381. – Ҷ.1. – 494 с.

Румӣ, Ҷалолуддин Муҳаммад. Мактубот ва маҷолиси саъба [Матн] / Ҷалолуддин Муҳаммад Румӣ; Бо муқаддимаи Ҷавод Салмосизода. – Теҳрон: интишорот Иқбол, 1384. – 419 с.

Суфиев, Ш. Вино в персидско-таджикской литературе: эволюция смысла [Матн] / Ш. Суфиев. – Душанбе: «Эр-граф», 2019. – 360 с.

Топоров, В.Н. О ритуале. Введение в проблематику [Матн] / В.Н. Топоров // Архаический ритуал в фольклорных и раннелитературных памятниках. – М., 1988. – С.7-60. – (Исслед. по фольклору и мифологии Востока).

Хуҷандӣ, К. Девон [Матн] / К. Хуҷандӣ.- Хуҷанд: Хуросон, 2020. – 1328 с.

Чалисова, Н.Ю. Вино - великий лекарь: к истории персидского поэтического топоса [Матн] / Н.Ю. Чалисова // Вестник РГГУ. – М., 2011. – № 2: Сер. Востоковедения. Африканистика. – С.126-157.

Шайх Маҳмуди Шабистарӣ. Гулшани роз [Матн] / Шайх Маҳмуди Шабистарӣ; Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳу тавзеҳоти Ш. Суфизода. – Душанбе: Дониш, 2015. – 284 с.

Шафеии Кадканӣ, М. Корбурди суфия аз забон [Матн] / М. Шафеии Кадканӣ // Забони шеър дар насри сӯфия: даромаде ба сабкшиносии нигоҳи ирфонӣ. – Теҳрон: Сухан, 1392. – С.242-247.

Not All Gazels of Moulana Jalaluddini Balkhii Rumi Are Ghazel
(*Some of the Poetic Forms of the Lyrics of Moulana Jalaluddin Balkhii Rumi*)
НА ҲАМАИ ҒАЗАЛҲОИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХИИ РУМӢ ҒАЗАЛАНД
(*Фишурдаи гузориши илмӣ перомуни баъзе аз шаклҳои шеърии ашъори лирикии Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ*)

Okhonnıyozov Varka DUSTOVICH
Dr., National Academy of Sciences of Tajikistan, Tajikistan
warqaiokhoniyoz@gmail.com

Abstract
Despite the immense fame of the personality and works of Mawlana Jalaluddin Balkhi Rumi, not all aspects of his life and details of his works have been revealed and proven. In a short article that is planned to be presented for the Persian Speaking Countries International Philology Symposium (Malatya, Turkey, December 15, 2023), one of the aspects of his lyrics that has not yet been properly studied and researched, will be discussed. This aspect is genre definitions of the poetic works of Mawlana Jalaluddin, in particular his *ghazals*. Most of the scientists and scholars who delt with the Jalaluddin heritage confirm the genre *ghazal* as the most popular genre among his lyrics. The planned article will present some real facts to prove that not all the lyrics under genre *ghazal* match this poetical genre. Along with dozens of examples, selections and Divans of Mawlana Jalaluddin Balkhi published in different countries (Afghanistan, Azerbaijan, Pakistan, Russia, Tajikistan, Turkey, Iran), there has been published his "Devani Kabir" ("Grate Divan") in 2007 in Tajikistan in four volumes. This release was devoted to the 800th Anniversary of Jalaluddin and is recognized as one of the greatest successes of the scholars of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Of course, the text of this work was developed and compiled based on the reliable and valuable texts that published by the fames scholars of the Persian-speaking countries, especially the Iranian scholars. The work was carried out in comparison with those releases as well as the copies that are kept at the Academy library. Using the comparison method doubles its value and the authenticity of the text. The author of the preface of "Divani Kabir" stated the number of ghazals in the Divan as 3100.

Keywords: Divani Kabir, Ghazals, Mawlana Jalaluddin Balkhi Rumi,

Хулоса
Бо вуҷуди шуҳрати беандоза доштани шахсият ва осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ, на ҳамаи тарафҳои ҳаёт ва вежагиҳои осораш ошкору собит гардидаанд. Дар гузориши кӯчаке, ки барои Симпозиуми байналмилалии филологияи кишварҳои форсизабон (Persian Speaking Countries International Philology Symposium, Malatya, Turkiy, December 15, 2023) пешниҳод мегардад, як тарафи ҳанӯз дуруст наомӯхта ва пажӯхишнадидаи осори назмии Мавлоно Ҷалолуддин, яъне дуруст муайян намудани навъҳо ё жанрҳои ашъораш, мавриди баррасӣ қарор гирфтааст. Ба сухани дигар, аксари кулли донишмандон ва пажӯҳандагони эҷодиёти ин вуҷуди ачиб ва истеъдоди нағиб осори ғиноии ӯро асосан аз ғазал иборат донистаанд, вале на ҳамаи ғазалҳои Мавлоно дар қолаби жанри ғазал сароида шудаанд. Ҳадафи мақолаи банақшагирифташуда ҷалби таваҷҷуҳи Мавлавишиносон ба навъи дигари шеърии ашъори ғиноии ӯ аст, ки ғазал нест.
Дар баробари борҳо ва даҳҳо бор нашр гардидани намунаҳо, мунтахаббот ва куллиёти девони Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар кишварҳои гуногун (Афғонистон, Озарбойҷон, Покистон, Русия, Тоҷикистон, Туркия, Эрон), соли 2007, ба истиқболи 800 солагии ин нобиға, нашри "Девони кабир" дар Тоҷикистон дар чаҳор ҷилд анҷом гардид, ки аз бузургтарин ибтикороти аҳли дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шумор меояд. Албатта, матни ин асар бар мабнои мутуни муътамад ва арзишманди донишварони даври мамолики форсизабонон, хосса Эрон ва аксаран дар муқоиса таҳия ва тадвин гардидааст ва ин амал арзиши он ва саҳеҳияти мутунро боз ҳам возеҳ ва боварибахш мегардонад. Дар сарсухани ҳамин Девон таҳиягари мутуни осори Ориф теъдоди ғазалҳои "Девони кабир"-ро 3100 гуфтааст. Вале, агар мо ин теъдоди ғазалҳоро дар тарозуи яке аз талабҳои шакли жанри ғазал бар кашем, он гоҳ маълум мегардад, ки на ҳамаи онҳо ғазал ҳастанд.
Ҳақ ба ҷониби он донишмандон ҳаст, ки ҳангоми ёд аз ғазалҳои Мавлоно калимаи "тарона"-ро дар радифи ғазал истеъмол мекунанд, зеро иддае аз сурудаҳои ин Орифи ошиқ чунон сабук ва зудҳифз ҳастанд, ки ба таронаҳои халқӣ шабоҳат пайдо мекунанд. Маҳз шакл ва сохти ин гуна ашъор онҳоро аз ҷаҳорчӯби жанри ғазал берун месозанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст ғазалҳои Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз ҷиҳати шакл ва тарзи қофиябандӣ дида баромада шаванд. Таҳлил ва мушоҳидаҳои пешакии мо нишон медиҳанд, ки бархе аз ғазалҳои девони Ориф ба доираи талаботи жанри ғазал тобеъ нестанд, зеро:

- шакли қофиябандии онҳо дигар аст;
- воҳиди шеърии онҳо банд аст на байт;
- ин намуди ашъор бар сабк ва шеваи таронаҳои халқӣ (сурудҳо) суруда шудаанд;
- шеваи гуфтор (лафзи бадеӣ) ва тасвиру таъбирҳои онҳо соддаву равонанд;
- шӯру ҳаяҷони гӯянда дар онҳо фаровон ба назар мерасад;
- сароидани онҳо дар навоҳои баланди шӯрангез анҷом шуда ба мативҳои ҳолатҳои бехудӣ рост меояд;
- онҳо аз ҷиҳати сохтор ва шакли адабӣ ба навъҳои мусаммату тарҷеъот марбутанд.

Бо вуҷуди шуҳрати беандоза доштани шахсият ва осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ, на ҳамаи тарафҳои ҳаёт ва вежагиҳои осораш ошкору собит гардидаанд. Аз ҷумла, мустақиман иштиғол варзидани Мавлоно ба эҷоди шеър, теъдоди ғазалиёти сирф ба Мавлоно иртиботдошта, намунаҳо ва навъҳои ашъори ӯ аз зумраи он масоили ҳанӯз баҳснок ба шумор мераванд, ки ба таҳаққуқ ва пажӯҳиши бештар зарурат доранд. Дар мақолаи мавриди назар, мо аз боби шакл ва навъи баъзе аз ашъори лирикӣ-ирфонии ин Ориф таваҷҷуҳ мекунем, ки кулли муҳаққиқон онро ҳамчун жанри ғазал пазируфта ва дар тӯли асрҳо дар "Девони кабир" ё "Девони Шамс" ва ҳамзамон, ашъори дигари ба ӯ мансубдониста таҳти ҳамин жанри адабӣ ҷой додаанд. Ҳадафи асосии мо дар ин мақола пешниҳоди чанд андеша барои баҳс ва ҷалби таваҷҷуҳи Мавлавишиносон ба навъи дигари шеъри ғиноии ӯ аст, ки ба талаботи жанри ғазал ҷавобгӯй нест.

Аксари кулли муҳаққиқон ғазалро аз машҳуртарин жанри осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ гуфтаанд, ҳарчанд ба бархе аз ғазалҳои дар "Девон" омада ва аксари ашъори ба вай мансуб дониставшуда шубҳа кардаанд ва ба ин ҳақ ҳам доранд. Масалан, яке аз муҳақиқони чирадасти ҳаёт ва осори Мавлоно, Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар ботил сохтани бархе аз ғазалҳои ба Ҷалолуддин мансубдониста далелҳои муътамад овардааст ва теъдоди 230 ғазали "Куллиёти Шамс"-ро маҳсули қалами Шамси Машриқӣ донистааст. Инчунин, ин муҳаққиқ заъфҳои дигари бархе аз ғазалҳоро, ки маҳсули тафаккури Мавлоно

нестанд ва аз ҷиҳати баёни андешаву фасоҳати бадеӣ дар сатҳи паст қарор доранд, ошкор сохтааст [*Фурӯзонфар, 2007, с. 205-216*].

Бовуҷуд, ғазалро ҳамоно аз машҳуртарин ва мазидтарин намунаи осори ғиноии Мавлоно шумурдаанд ва ин андеша ҷои баҳс надорад. Фурӯзонфар ишора мекунад, ки "иддаи абёти "Девон"-ро мутақаддимон ба 30000 расонидаанд ва нусахи хаттии муҳтавии 5000 то 40000 ва "Девони чопӣ"-и болиғ бар 50000 байт мебошад" [*Фурӯзонфар, 2007, с. 206*]. Мураттиби "Девони кабир" дар хати сириллик Алии Муаҳаммадии Хуросонӣ, ки онро Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2007 ба муносибати таҷлили 800 солагии ин нобиға дар чаҳор ҷилд аз нашр бароварда буд, дар сарсухани он теъдоди ғазалҳоро беш аз 3100 гуфтааст [*Хуросонӣ, 2007, с. 20*]. Вале агар мо ин теъдоди ғазалҳоро дар тарозуи талаботи шакли жанри ғазал бар кашем, он гоҳ маълум мегардад, ки на ҳамаи онҳо ғазал ҳастанд. Баъзе печидагиҳо дар дохили худи ин навъи шеърӣ дар осори Мавлоно ҷой доранд, ки дар сурати истинбот, теъдоди ғазалҳои ӯ кам, вале навъи ашъори ғиноиаш зиёд хоҳад шуд.

Бархе аз навъҳои ғазалмонанди Мавлоно, дар баробари қофияи асосӣ, яъне қофияи ҳар як мисраи ҷуфт, дорои се қофияи дохилӣ мебошанд. Муҳаққиқон ин намуди қофиябандиро санъати сачъ ном ниҳоданд ва мо онро дар ашъори Мавлоно ба касрат мушоҳида мекунем. Чунончи, дар ин пораи ғазал омадааст ва ғазал саропо бо сачъ гуфта шудааст:

Мутриби хушнавои ман, ишқ навоз ҳамчунин,
Нағнағаи дигар бизан, пардаи тоза баргузин.
Мутриби руҳи ман туӣ, киштии Нуҳи ман туӣ,
Фатҳу футуҳи ман туӣ, ёри қадиму аввалин.
Ай зи ту шод ҷони ман, бе ту мабод ҷони ман,
Дил ба ту дод ҷони ман, бо ғами туст ҳамнишин.
Талх бувад ғами башар в-ин ғами ишқ чун шакар,
Ин ғами ишқро дигар беш ба чашми кам мабин...
[*Румӣ, 2007б, с. 540-541*].

Чунон, ки дида мешавад, дар байти аввали ин ғазал калимаҳои ҳамқофияи "*ҳамчунин*" ва "*баргузин*" онро ба талаботи байти матлаъи жанри ғазал мутобиқ намудаанд. Дар баробари таъмин гардидани қофияи асосӣ дар ду мисраи байти аввали он, ин мисраъҳо дорои ду қофияи дигар низ ҳастанд, ки онҳоро назмшиноси тоҷик Шоҳзамон Раҳмонов бо номи "қофияҳои дохилӣ" пешниҳод намудаст [*Раҳмонов, 1987, с. 30*]. Байтҳои минбаъда бошанд, дорои се қофияи иловагӣ ва қофияи аслӣ ҳастанд, ки муҳақиқон ин тарзи эҷоди шеърро бар мабнои санъати сачъ гуфтаанд ва аз он мисолҳо овардаанд. Аммо дар ин масъала як истилоҳи дигар мадхал аст, ки муҳаққиқони пешин онро баъзан бо санъати сачъ омехта мекарданд ва баъзан аз он чун навъи шеърӣ ёд меоварданд. Ин истилоҳи адабӣ "тасмит" аст ва тасмит он аст, ки ҳар байти шеър ба чаҳор пораи баробарвазн тақсим мешавад, ки се қисмати он дорои қофияи байнихудӣ ва қисмати чаҳорумаш дорои қофияи аслии шеър (ғазал) мебошад. Бинобарон, ки баҳси назариячиёни форсу тоҷик дар хусуси санъати бадеӣ (сачъ) ё навъи шеърӣ будани тасмит аз тарафи муҳаққиқи тоҷик Шоҳзамон Раҳмонов ба таври муқоиса таҳлил шудааст, мо онро такрор намекунем, вале ба таври хулоса чанд нуктаро дар зимн ба таъкид мегирем:

Аввалан, назариячиёни пешин дар масъалаи оё ашъори дорои қофияҳои дохилӣ ва қофияи аслибуда санъати сачъ аст ё тасмит, бар як ақида наистодаанд. Масалан, Ваҳиди Табрезӣ "санъати" ин гуна шеърро бар "мусаммат" эҷодшуда гуфтааст, ҳол он ки "Шамси Қайс онро сачъ гуфтааст" [*Раҳмонов, 1987, с. 29*].

Дуюм, назариячиёни форсу тоҷик тасмитро навъи мусаммат донистаанд ва онро қадиму аслӣ хондаанд. Аз ҷумла, Атоуллоҳ Маҳмуд Ҳусайнӣ ва Рашиди Ватвот бар ҳамин ақидаанд. Атоуллоҳ Маҳмуд Ҳусайнӣ ҳатто онро на танҳо "мусаммати қадим ва аслӣ" хондааст, балки онро моли мардуми форс гуфта ва таъкид мекунад, ки онҳо, яъне порсиён надониста онро мусаҷҷаъ хонанд [*Раҳмонов, 1987 с. 28*].

Сеюм, муҳаққиқони назарияи шеър онро санъати мусаҷҷаъ низ гуфтаанд ва баъзе аз уламои шеършиноси муосир ба он "чорбаҳра" ё "чори дар чор" ном низ ниҳодаанд [*Раҳмонов, 1987, с. 29*]. Мусаммат ё тасмитро "гурӯҳбандӣ" ва ё "гурӯҳ гурӯҳ кардан" ҳам гуфтаанд [*Раҳмонов, 1987, сю 31*].

Муҳаққиқ Шоҳзамон Раҳмонов андешаҳои қудаморо дар хусуси тасмит таҳлил ва муқоиса намуда, дар заминаи онҳо зикр кардаст, ки "тасмит дар ибтидо ба туфайли қасида ва баъд ба воситаи ғазал ривоҷ гирифтааст" [*Раҳмонов, 1987, с. 31*]. Дар идомаи таҳлили хеш, муҳаққиқ ба хусусияти тасмит дахл намуда, менигорад: "Як хусусияти тасмити қасидаву ғазал аз он иборат мебошад, ки байтҳои матлаи жанрҳои мазкур аксаран озод омада, баъд аз байти дуюм мусаҷҷаъ мешаванд". [*Раҳмонов, 1987, с. 31*].
Чун баҳси тасмит ва хусусиятҳои он метавонад домандор бошад, мо идомаи онро ба фурсати дигар мегузорем ва дар ин ҷо бо такя бар қисмате аз ашъори ғиноии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, навъи дигари шеъриро барои аҳли таҳқиқ пешниҳод мекунем, ки на дар шакли ғазал, балки дар шаклҳои мусаммату тарҷеъот эҷод шудааст. Пажӯҳиши минбаъдаи ин намунаи ашъор метавонад онро чун навъи нав, ки тасмит ё унвони дигар хоҳад дошт, ба субут расонад. Аммо мо бар онем, ки ин навъи ашъор ғазал набуда, балки

навъи нави шеърӣ аст, ки дар заминаи сурудҳои мусаммату тарҷеъшакл пайдо шудааст. Хусусиятҳои фарққунандаи ин навъи ашъор дар эҷодиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ аз инҳо иборат аст:

1. Бар хилофи аксари ғазалҳои бо санъати сачъ эҷодгардидаи шуарои пешин, ки байти аввали онҳо аз қофияи дохилӣ озод аст, байти аввали ин навъ эҷодиёти Мавлоно дорои қофия мебошанд. Ин намуди ашъорро дар миёни ғазалҳои Ориф зиёд дидан мумкин аст ва инак чанд намунаи абёти аввали ин гуна ашъорро дар зер меоварем:

Ай нӯш карда нешро, бе хеш карда хешро,
Бо хеш кун бе хешро, чизе бидеҳ дарвешро.
[*Румӣ, 2007а, с. 32*].
Ай, ту валиэҳсони дил, ай ҳусни рӯят доми дил,
Ай аз карам пурсони дил в-ай пурсишат ороми дил.
[*Румӣ, 2007б, с. 215*].
Фақир аст ӯ, фақир аст ӯ, фақир ибн ал-фақир аст ӯ.
Хабир аст ӯ, хабир аст ӯ, хабир ибн ал-хабир аст ӯ.
[*Румӣ, 2008,с. 50*].

2. Баъзан байти аввали ин гуна ашъор дар шеъри Мавлоно аз чаҳор қисми қофиядор иборат шуда, вале қофияҳои дохилии он на аз се балки аз ду ва албатта, ду қофияи дигари асосӣ иборат мешаванд. Мисол, дар матлаи ин ғазал:

Мутриби хушнавои м***ан***, ишқ навоз ҳамчун**ин**,
Нағнағаи дигар биз***ан***, пардаи тоза баргуз**ин**.
[*Румӣ, 2007б, с. 540*].

3. Воҳиди шеърии ин гуна ашъорро банд ташкил медиҳад на байт. Чунончи, агар ин шеъри кӯчакро, ки дар воҳиди байт ва бо унвони ғазал дар “Девони Кабир” сабт шудааст, бар воҳиди банд қарор диҳем, он гоҳ мо шакли омехтаи мусаммату тарҷеъро ба даст меорем, ки номи нав талаб дорад:

Ай ойинай фақирӣ,
Ҷонию чизи дигар.
В-ай, он-к дар замирӣ,
Онию чизи дигар.
Асрори осмонро,
Андешаву ниҳонро,
Аҳволи ину онро,
Донию чизи дигар.
Таърих баргузашта,
Бар инсию фаришта,
Хатҳои нонабишта,
Хонию чизи дигар.
[*Румӣ, 2007б, с. 71*].

4. Агар дар мисоли боло мисраъҳои охири ҳар банд (қисмати дуюми ҳар мисраи дуюми байт дар ғазал) танҳо бо ҷузъи калима (“*ҷонӣ*”, “*онӣ*”, “*донӣ*”, “*хонӣ*”) аз ҳам фарқ кунанд, дар намунаҳои дигари ашъори Ориф мисраъ пурра такрор мешавад ва ин намуди ашъорро ба таронаҳои халқӣ монанд месозад. Яъне, дар ин намунаи ашъор, аз банди аввал сар карда, мисраи восила дар охири ҳар банд, бидуни тағйир такрор шуда меояд, чунончи дар ин шеър:

Ай ёр, агар некӯ кунӣ,
Иқболи худ садтӯ кунӣ,
Ту бу-к рӯ ин сӯ кунӣ,
Бошад, ки бо мо хӯ кунӣ.
Ман гарди раҳро костам,
Офоқро оростам,
В-аз ҷурми ту бархостам,
Бошад, ки бо мо хӯ кунӣ.
Ман аз адам зодам туро,
Бар тахт бинҳодам туро,
Ойинае додам туро,
Бошад, ки бо мо хӯ кунӣ...
[*Румӣ, 2008, с. 221*].

Чунон ки аз порчаи боло бар меояд, мисраи “*Бошад, ки бо мо хӯ кунӣ*” пас аз ҳар банд батакрор меояд ва он вазифаи нақаротро, ки хоси сурудҳои гуфторӣ аст, иҷро менамояд. Дар адабиёти навишторӣ ё худ китобӣ бошад, онро *мисраи восила* мегӯянд, ки ягонагии шаклӣ ва мазмунии бандҳои шеърро фароҳам меорад ва хоси навъҳои мусаммат ва тарҷеъот аст. Новобаста аз баҳсҳои мавҷуда доир ба чунин шаклҳои шеърӣ [*Охониёзов, 2017, с. 31*], нахустин маротиба адабиётшинос Саъдоншоҳ Имронов онро навъи

мусаммати тарҷеъот номида буд [*Имронов, 1980, с.71-78*] ва баъдтар профессорон Шоҳзамон Раҳмонов [*Раҳмонов, 1987, с. 24-33*] ва Раҳими Мусулмониён [*Мусулмониён, 1990, с. 176-193*] ин андешаро то андозае тақвият бахшиданд.

Профессор Раҳими Мусулмониён ҳангоми ташреҳ ва тафсири навъи тарҷеъот бо мисраи восила дучор омада, чунин андешаро иброз намуда буд: “Гоҳе шоирон баъди чаҳор мисраъ, ки яқинан аз рӯи принсипи мусаммат таълиф шудаанд, як байти тарҷеъ не, балки як мисраи восила меоранд”. Муҳаққиқ барои тақвияти фикраш ду банди як шеъри шоир Мирзо Азими Сомӣ, ки дар байни солҳои 1837-1908 зиндагӣ кардааст, меорад [*Мусулмониён, 1990, с. 179*].

Ҷои тазаккур аст, ки муҳаққиқ тарҷеъбанди овардашударо “*яқинан аз рӯи принсипи мусаммат*” таълифшуда қаламдод кардааст. Чуноне ки қайд рафт, андешаи дар заминаи мусамматҳо арзи ҳастӣ намудани ин гуна тарҷеъот ва махсусан бо як мисраи восила анҷомидани бандҳои шеъриро аз ин пеш досент Саъдоншоҳ Имронов изҳор намуда буд. Муҳаққиқ зимни таҳлили афкори уламо аз хусуси чунин ашъори шоири асри XIX Шамсиддин Шоҳин ва бо назардошти хусусияти жанрии мусамматҳо ба чунин хулоса меояд: “...дар мусаддас ҳамчун дар дигар навъҳои мусаммати маъмулӣ байти охирини ҳар як банд такрор ва тағйир намеёбад. Пас аз ҳар як банд ба сифати нақарот такрор гардидани як байт ё як мисраъ ва ё бо қофияи дигар омадани байте, ки он фикри асосии дар ҳар банд ифодаёфтаи шоирро ҷамъбасту пурқувват мекунад ва бо мазмуни худ робитаи маънавӣ-мантиқии байни бандҳоро мустаҳкам менамояд, онҳоро бо ҳам мепайвандад, аз хусусиятҳои асосии на жанри мусаммат, балки тарҷеъбанду таркиббанд мебошад» [*С. Имронов, 1980, с. 75*]. Олим шеъри мавриди баҳс қарордодаи Шамсиддини Шоҳинро навъи шеърии мураббаи таркиббанд ё тарҷеъбанд номидааст.

Муҳаққиқон ва пажӯҳандагони ин гуна осор бар он ақидаанд, ки сарчашмаи асосии пайдоиши ин навъ дар адабиёти навишторӣ намунаҳои сурудҳои халқӣ мебошанд ва мо дурустии ин хулосаро дар сурудаҳои Мавлоно низ дарк мекунем.

5. Дар миёни ашъори лирикии Мавлоно Ҷалолуддин намунаҳое ҷой доранд, ки онро боз ҳам ба сурудаҳои мардумӣ баробар месозанд ва сирф шакли сурудҳои мардумиро ба худ гирифтаанд. Яъне, агар дар шеъри боло аз банди аввал сар карда, мисраи охири ҳар банд такорор шуда бошад, дар намунаҳои дигар мисраи восила, ки дар сурудҳои халқӣ нақорот хонда шуда, барои пуртаъсир гардидани ҳадафи гӯянда хизмат мекунад, дар банди аввал якдармиён меояд ва баъд аз он пас аз ҳар се мисраи дигар такрор мешавад. Чунончи:

Эй орзуи ҷонам,
Аз мо салом бодат.
Эй роҳати равонам,
Аз мо салом бодат.
Эй ёри баргузида,
В-аз ёри худ бурида,
Эй нури ҳар ду дида,
Аз мо салом бодат.
Эй офтоби тобон,
В-эй олам аз ту чун ҷон,
Рӯят зи ман матобон,
Аз мо салом бодат...
[*Табрезӣ, с. 48*]

6. Тарзи дигари қофиябандии ингуна ашъор низ ба қайд гирифта шуд, ки қобили таваҷҷуҳ аст. Масалан, дар бархе аз ашъори шоир, матлаъ муқаффаъ омада, пас аз он қисмати дуюми мисраи байти матлаъ дар мисраъҳои ҷуфт такрор мешавад. Ва агар мо онро бар мабнои байт нею бар асоси банд нависем ҳамоно таронаи халқиро дар шакли мусаммати тарҷеъот ба даст меорем, чунончи:

Ай нури афлоку замин,
Чашму чароғи ғайббин.
Ай ту чунину сад чунин,
Махдуми ҷонам Шамси дин.
То ғамзаат чун рӯз шуд,
В-он зулфи анбарбез шуд,
Ҷон бандаи Табрез шуд,
Махдуми ҷонам Шамси дин.
Хуршеди ҷон ҳамчун шафақ,
Дар мактаби ту навсабақ,
Ай бандаат хосони Ҳақ,
Махдуми ҷонам Шамси дин.
Ай баҳри иқболу шараф,
Сад моҳу шоҳат дар канаф,

Бардоштам пеши ту каф,
Махдуми ҷонам Шамси дин...
[*Румӣ, 2007б, с. 521*].

7. Дар “Девони кабир”-и Мавлоно мо бо шакли дигари шеърие дучор омадем, ки умуман ғазал нест. Шакли қофиябандии ин намунаи ашъор дар ҳар банд алоҳида аст ва комилан шакли мусаммати мураббаъ дорад, вале он куллан побанди шаклҳои анъанавии мусамматҳо ҳам нест. Ҳарчанд муҳаққиқон бо чунин навъи мусаммат дар шеъри мутақаддимин дучор шуда бошанд ҳам (аз ҷумла, Раҳими Мусолмониён тасдиқ мекунад, ки “муаллифи “Дурраи Наҷафӣ” Наҷафқулӣ Мирзо аз мусаммати мусаддасе ёдовар мешавад, ки ҳар банде аз вай қофияи ягона дорад” [*Мусулмониён, 1990, с. 178*]), шояд Ҷалолуддин аз аввалинҳо бошад, ки ба ин шакл дар адабиёти форсии тоҷикӣ шеър сурудаст.

Шеър ин аст:
Ай дил, нагӯйӣ чун шудӣ?
Дар ишқ рӯзафзун шудӣ,
Гоҳе зи ғам Маҷнун шудӣ,
Гоҳе зи меҳнат хун шудӣ.

Дар ишқи ту чун дам занам,
Сад фитна шуд андар адам,
Ай мутриби ширинқадам,
Мезан наво то субҳдам.

Гуфтам, ки шуд ҳангоми май,
Мо ғарқа андар вои май,
Не, не, раҳо кун номи май,
Мастон нигар бе ҷоми май...
[*Румӣ, 2008, с. 233-234*].

Навъи ашъори мавриди назар асосан дар шакли мураббаи тарҷеъбанд ё таркиббанд эҷод шудааст ва таҳти жанри ғазал қарор гирифтани ин намуди осори Мавлоно маҳз аз ҳамин сабаб аст, зеро агар асоси онҳоро бар байт қарор диҳем онҳо ба ғазал монанд мешаванд. Бар замми ин, аксари ғазалҳои Ориф бар санъати сачъ эҷод шудаанд ва хонанда бидуни таваҷҷуҳи жарф бар шаклу қолаби онҳо наметавонад ин гуна ашъорро аз ҳамдигар бишносад. Аз ин лиҳоз, зарур аст ба шаклу навъу жанри осори ғиноии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ таваҷҷуҳи бештар шавад ва таҳлилҳои жарфтар дар ин самт анҷом ёбанд. Намунаи ашъоре, ки мо онро навъи мусаммани тарҷеъот ном ниҳодем, аз ҷиҳати тарзи баён, интихоби ибораҳо, мустафоди санъатҳои лафзию бадеӣ ва ҳатто мазмуну мундариҷааш низ нозукиҳову хосиятҳои алоҳидаро доро ҳаст, ки зарурат ба пажӯҳиши бештар доранд.

Китобнома

Имронов, С. (1980). *Доир ба хусусияти жанри ду шеъри Шамсиддин Шоҳин*. *Образ ва маҳорати бадеӣ*. Душанбе: УДТ ба н. В.И. Ленин.
Мусулмониён, Р. (1990). *Назарияи адабиёт.* Душанбе: Маориф. ISBN 5-670-00229-6.
Охонниёзов, В.Д. (2017). *Пайдоиш ва ташаккули шеъри муаллифӣ ба забонҳои помирӣ*. Душанбе: Эрграф,– 330 с.
Раҳмонов, Ш. (1987). *Мусаммат: ташаккул ва таҳаввули он*. Душанбе: Дониш.
Румӣ, М. Ҷ. (2007а). *Девони кабир*. Дар чаҳор ҷилд, ҷилди якум. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Дониш. ISBN 978-9947-38-18-2.
Румӣ, М. Ҷ. (2007б). *Девони кабир*. Дар чаҳор ҷилд, ҷилди дуввум. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Дониш. ISBN 978-9947-38-18-2.
Румӣ, М. Ҷ. (2008). *Девони кабир*. Дар чаҳор ҷилд, ҷилди сеюм. Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Дониш. ISBN 978-9947-38-18-2.
Табрезӣ, Ш. *Тулӯи офтоб* (Гулчини ғазалиёт). Таҳия ва муқаддима аз Абдулҳай Комилӣ. Бидуни соли нашр ва номи ношир.
Фурӯзонфар, Б. (2007). *Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно*. Бо кӯшиши Фаъфар Ранҷбар ва Масъуд Миршоҳӣ. Душанбе. Бидуни номи ношир.
Хуросонӣ, А. М. (2007а). *Мавлоно дар олами ғазалу тарона*. *Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир*. Душанбе: Дониш. ISBN 978-9947-38-18-2.

Love in Mavlano's Rubai
ИШҚ ДАР РУБОИЁТИ МАВЛОНО

Kholova Farzona RAHMATULLOEVNA, Salim KHATLANİ
International University of Foreign Languages of Tajikistan Named after Sotim Ulughzoda Dushanbe, Tajikistan
farzona@mail.ru

Abstract
In this article, the topic of love in the narratives of the scholar of the wisdom Mawlana Jalaluddin Balkhi is discussed. The author believes that love is the capital of spirituality, and in its rays, it reflects the radiance and symbol of goodness in the sorrowful sorrow of humanity, as it is a mirror, in the light of which everyone sees his own image and picks up skirts from the air and passion. In describing the sorrow of love, a person matures, gains treasure from suffering, and succeeds in the pursuit of truth. And this love, which is beyond mere whims and metaphorical love, is prominently described in the stories of Mawlana Jalaluddin Balkhi.

Keywords: Capital, Image wisdom, Love, Mirror, Rubai, Spirituality, Vision.

Хулоса
Дар мақолаи мазкур мавзуи ишқ дар рубоиёти орифи равшанзамир Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф бар он аст, ки ишқ сармояи маънавият аст ва дар шуои хеш тобиш ва рамузи накӯиро дар ғамномаи ҳузнангези башарият ба намо дорад, ҳамчунон оинаест, ки ҳар касе дар партави он симои хешро мебинад ва аз варои ҳавову ҳавас доман мечинад. Дар тавсифи ғамномаи ишқ инсон ба камол мерасад, аз ранҷ ганҷ ба даст меорад, ба висоли ҳақ комёб мешавад. Ва ҳамин ишқ, ки фаротар аз ҳавову ҳавасу муҳаббати маҷозист, дар рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба таври барҷаста тасвир шудааст.

Калидвожа: Ишқ, Рубой, Маънавият, Висол, Оина, Тасвир, Ориф, Сармоя.

Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Румӣ аз бузургтарин донишмандон ва мутафаккирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аст, ки бо осор ва андешаҳои арзишманди хеш ба хазонаи гаронмояи ин адабиёт шуҳрати оламгир бахшидааст. Мавлоно дар ќаламрави адаби порсї-тољикї аз бузургтарин мардон аст.Осори ин суханвари мумтоз дар њамаи ќарнњо мавриди таваљљуњи њаводорони шеър ва ирфон буда, њамеша аз тарафи донишмандон тањќиќ, омўзиш ва пажуњиш мешавад. Ин њама аз он шањодат мединад, ки маќому мартабаи каломи Мавлоно дар миёни соњибназарон, андешамандон, аҳли завќ ва назар бисёр баланд аст, аммо бояд иқрор кард, ки танњо баъд аз истиќлоли давлатї дар њаёти фарњангиву маънавии миллати тољик тањаввулоти муњим ба вуљуд омад ва дар ин марњала бузургмардони адабу њунар бештару бењтар шинохта шуданд. Дар ин миён як тан аз он мардони бузурги сухан ва њикмат њамоно Мавлоно Љалолуддин Муњаммади Балхї мебошад, ки њусни калом сухани ў њаргиз ранг набохтааст. Осори Мавлоно борҳову борҳо мавриди пажуҳиши муҳаққиқони фарҳехтаи олам қарор гирифта, омӯзиш аз болои он ҳанӯз ҳам ҷараён дорад. Махсусан рубоиёти ӯ миёни ашъораш мавқеи хосса дорад, ҳанӯз ҳам ниёз ба омӯзишу пажуҳиш дорад. мо тасмим гирифтем, ки дар ин мақолаи хеш мавзуи ишқро дар рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Бояд гуфт, ки ҷойгоҳи рубоиёти Мавлоно камтар аз ғазалиёт ва маснавиҳояш нест, вале нисбат ба дигар ҷанбаҳои осори Мавлоно (рубоиёти ӯ) камтар мавриди пажуҳишу омӯзиш қарор гирифтааст. Мувофиқи маълумоти бадастомада рубоиёти Мавлоно, ки бахше аз китоби бузурги “Девони Кабир” аст, ба таври алоҳида чандин маротиба аз сӯи нашриётҳои мухталиф ва бо теъдоду шаклҳои ҷудогона мунташир гаштааст. Дар Ғарб низ теъдоди зиёде аз муҳаққиқон ва пажуҳишгарони осори гаронмояи Мавлоно гулчине аз беҳтарин ва олитарин рубоиёти ӯро тарҷума ва дар шакли китоб таҳия ва тадвин намудаанд. Ва муҳимтарин мавзуе, ки рубоиёти Мавлоноро шукуҳу ҷалоли мондагорӣ мебахшад, ин ишқ аст.

Чуноне қаблан ҳам гуфтем мавзуи ишқ дар рубоиёти Мавлоно ҷойгоҳи вижае дорад. Ва ин алабатта на он ишқи заминиест, ки сарманшаи ҳавасу хоҳишҳо бошад, балки ишқи илоҳист. Ва ҳамин ишқи илоҳӣ ба сӯи равазанаи созандагӣ, шинохти олам ва ваҳдати вуҷуд роҳ мекушояд. “Чунон ки ҳокист, орифон минҷумла тассавуфиён мафҳуми ишқро мабнӣ бар мабдаи он ки аз нафҳаи илоҳӣ бар колбад расида, нишон мечӯянд ва бар ин мазмун дар осори хеш масъалаи пайдоиши олам, ситоиши сухан, ҳақоиқи ҳастӣ, адолат, русуми кишвардорӣ, муносибат бар эҳтироми раъият, покиву сафо, иффату назофат шарофати одамият, саховату сабру таҳаммул, назокати оиндорӣ, таҳаммул ва дигар бобҳои мансуб ба таҳаллуқ ва ташаккулёбии шахсиятро мавриди баррасӣ қарор дода бар тадқиқи он шарҳ мегӯянд [1, с.103]

Рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ низ саропо бар шарҳи ин масоил ҳарф мезанад. Чунончи мегӯяд:

Аз ишқи Худо на бар зиён хоҳӣ шуд,
Бечӯн зи кучо шави, ки чӯн хоҳӣ шуд.
Аввал зи замин ба осмон хоҳӣ шуд,
Охир зи замин бар осмон хоҳӣ шуд. [1, с.128]

Мавриди зикр аст, ки ишқ дар осори шоири ориф комилан ранги дигар дорад. Он масири ба ҳақиқати илоҳӣ, ваҳдати вуҷуд ва ба Худо расидан аст. Ва ҳамин ишқе, ки дар оинаи ирфон рӯ ба намо меорад, талқингари равшани худсозӣ, худшиносӣ, “Худо”- шиносӣ ва камолёбии инсон ба

шумор меравад.Соликону орифон ягона роҳи расидан ба висоли Ҳақро дар камоли ишқ ва комёбии он мебинанд. Аз он ҷумла Мавлоно низ, ки мегӯяд:

Дар маҷлиси ушшоқ қароре дигаре аст,
В-он бодаи ишқро хуморе дигаре аст.
Он илм ки дар мадраса ҳосил карданд,
Кори дигар асту ишқ коре дигар аст. [2, с.51]

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ки мутааллим ба мактаби ирфонии Саноиву Аттор буда, тавонистааст, ки тафсири мазмуни ишқи ирфони тасаввуфиёнро бо “ишқ”-и “Қуръон”-и илоҳӣ тавъам бинад ва ба тадқиқ дар ашъори “Девони Кабир”, “Маснавии Маънавӣ”, “Фиҳӣ Мо фиҳӣ” ва “Маҷолиси Саъба”-и хеш сифати мармузи онро бо таҳаммул бар “висол” ва “иттисол” роз бикшояд. Амри таваккули Мавлоно низ бар ишқ аст, ки маҳаки муъҷиботаш маншаъ дар бовару эътимод бар ҳақ мегӯянд ва ӯро дар сабуриву таҳаммулпазирӣ сабру тавон бахшидааст ва ӯ низ пайравони равияи хешро дар ин амр ҳидоятгар аст ва иқдоми ҷумларо аз тариқи ҳақиқатнамо тарғиб менамоянд.

Чунончи вуқуи тамоми муъҷизот ва пешомади сарнавишти инсон ва табиатро дар асос бар амри илоҳӣ исбот мекӯяд ва ин аст, ки ҳадди шинохти “таваккул”ва ғолибият бар “ҷуъ”- мегӯяд:

Ҳин таваккул кун маларзон пову даст,
Ризқи ту, аз ту ба ту ошиқтар аст.
Ин таби ларза зи хавфи ҷуъ чист?
Дар таваккул сер метонанд зист. [1, с.17]

Мавлоно дар рубоиёти хеш ба ишқ он қадар ҷиддӣ бархурд менамояд, ки гоҳо асосу маънои кулли ҳастиро “ишқ” медонад. Аз нуқтаи назари мутафаккир ҳама чиз – ақл, руҳ, дил, ҳис, тавон, фаҳм ва дарки ҳастӣ аст. Бинобар ин мегӯяд:

Ошиқ чу намешавӣ, бирав пашм бирес.
Садкораву садрангаву садпешаву пес,
Дар косаи сар чу нестат бодаи ишқ.
Дар матбахи мудхилон раву коса билес. [2,с.19]

Мундариҷаи рубоиёти Мавлоно бар таносуби кушоиши рамзиёти тахаллуқи руҳ, тавсифи моҳияти тасаввуф дар фаҳми офариниши олами мавҷуд, тавзеҳи фалсафаи зиндагии инсон дар ҷодаи камол, шохиси наботот, ҷамодот, ҳайвонот ва умуман табиат, ки аз ишқ аломати ҳастӣ мебаранд, алоқамандии зич дошта, бо дарки мафҳумҳои фано ва бақо муносиботро бо олами қудс ба силки тасвир мекашанд. Ишқ бар онҳо “оинаи ҷаҳоннамо”-ест, ки маҳзари таҷаллии нури ҳақ бар соликони роҳи тариқат аст:

Эй дӯст ба дӯстӣ қаринем туро,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳӣ заминем туро.
Дар мазҳаби ошиқӣ раво кай бошад,
Олам ба ту бинему набинем туро [2, с.10].

Муҳаққиқи дигар Фирдавси Аъзам дар матлабе менависад, ки “Рубоиёти Мавлоноро аз лиҳози фарогирии мавзуъ ва маънӣ метавон ба гунаи зер табақабандӣ кард:

-ишқи ирфонӣ ва тараннуми Худо;
-васфи Шамси Табрезӣ ва ситоиши муҳаббат нисбат ба ӯ;
-андеша ва таълимоти фалсафӣ, ҳастиву марг, оламу одам;
-андарз ва ҳикмати рӯзгор;
-муносибати поку самимии байни инсонҳо.

Ҳамзамон ӯ қайд менамояд, ки Мавлоно пеш аз ҳама шоири ориф буд ва сӯфии покманиш. Ин нафарон мутақид буданд, ки фақат тавассути қалб ҷавҳари латифи рӯҳониро метавон дарк намуд. Ин навъи маърифатро дар тасаввуф бо номи «ишқи маънавӣ», «ишқи ирфонӣ», «ишқи илоҳӣ» ва ғайра ёд кардаанд.

Албатта, мавзӯи ирфону тасаввуф ва тараннуму парастиши Худо бештар дар осори классикон зуҳур мекард ва ин истифодаи касрат дар рубоиёти Мавлоно низ ба чашм мерасад:

Ҷуз ишқ набуд ҳеч дамсоз маро,
Не аввалу не охиру оғоз маро.
Ҷон медиҳад аз даруна овоз маро,
К-эй коҳили роҳи ишқ, дар боз маро

Дар ин рубои шоир аз ишқи иллоҳӣ мегӯяд. Ягона ҳамдаму ҳамрози хешро Мавлоно ишқи иллоҳӣ медонад ва дар ин раҳ ҷон бохтанро мояи саодату сарбаландӣ меҳисобад. Камоли ҳунари шоир аст, ки барои тасвири шаҳомати ин ишқ мегӯяд, «Ҷон медиҳад аз даруна овоз маро,

К-эй коҳили роҳи ишқ, дарбоз маро», яъне дар ин раҳ худи ҷон мехоҳад хешро қурбон кунад, ки албатта тасвири бесобиқаву мондагор аст. Ва башорат аз садоқати орифу маҳорати шоир медиҳад [4]. Ва ҳамин ишқ саропардаи асрори Мавлоност, ки мегӯяд:

Ишқ омаду шуд чу хунам андар рагу пӯст,
Тӣ кард маро зи хешу пур кард зи дӯст.

Аҷзои вуҷуди ман ҳама дӯст гирифт,
Номест зи ман бар ману боқӣ ҳама ӯст. [2, с.70]

Доир ба мундариҷаи рубоиёти Мавлоно таҳқиқоти назаррасе анҷом шудааст. Аз он ҷумла, Наргис Шоалиева, дотсенти кафедраи забони ӯзбекӣ ва адабиёти классикии Шарқи Академияи байналхалқии исломии Ӯзбекистон мавзуи рубоиёти Мавлоноро бо Суҳроби Сипеҳрӣ мавриди муқоисаву баррасӣ қарор дода, мегӯяд: “Дидгоҳи Мавлоно ва Суҳроби Сипеҳрӣ дар мавриди ишқ ва баёни он вижагиҳое дорад, ки дар мавриде муштарак ва мутафовут аз ҳаманд. Аз ҷумла, асоситарин тафовутҳое, ки ин ду дар вижагиҳои ишқ доранд, он аст, ки дар ишқ Мавлоно дар ашъораш зуҳури Худоро зиёд дорад, ба тавре ки «ишқи бидуни Худоро ҳаргиз ишқ намедонад, мазҳари ишқро Худо медонад”[5].

Воқеан ҳам ишқи мавриди назари Мавлоно ишқи орӣ аз ҳар хоставу омол аст. Ишқи, ки фақат роҳ ба сӯи камолот ва сайру сулук дорад.

Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо,
Равшан зи шароби васл доим шаби мо.
З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,
То субҳи адам хушк наёбӣ лаби мо. [2,с.16]

Бояд гуфт, ки мавзуи ишқ яке мавзуъҳои муҳими адабиёти форсӣ аст. Ҳеч шоире нест, ки назари худро дар ин замина баён накарда бошад. Дарвоқеъ иштибоҳ нахоҳад буд, агар бигӯем, ки шеър ҳосили ошиқ шудан аст. Ва ашъори амиқ ва мафҳуми Мавлоно дар бораи ишқ тарафдорони зиёде дорад, ки имрӯз ҳама ҷаҳон осори ӯро таҳсин мекунанд, борҳо шеърҳои ӯро мехонанд ва мешунаванд. Бо мусиқии каломи руҳангезаш мерақсанд. Зеро ӯ ишқи инсониро бо ҳама фарозу нишебҳояш дар осораш баён мекард. Шеъри Мавлоноро баландтарин қуллаи шеъри ирфонӣ дар адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ ҳисобидан иштибоҳ нахоҳад буд. Ва мегӯяд:

Дарнагунҷад ишқ дар гуфту шунид,
Ишқ дарёест қаъраш нопадид.

Ҳамин даст ёфтан ба асрори ишқ аст, ки Мавлоноро дар мақоми сайру сулук ба ҳадди камол расонидаву ба ашъораш мақоми мондагорӣ бахшидааст. Ҳеҷ шоире дар адабиёти форсӣ нест, ки аз осори Мавлавӣ баҳра набурда бошад.

Росташ, Мавлоно ҳама ашъорашро дар асари ишқ бо Шамс суруда ва Шамс аст, ки дили шоири мазкурро бедор карда ва қалами ӯро ба кор андохтааст. Беҳуда нест, ки мегӯяд:

Ошиқӣ пайдост аз зории дил,
Нест беморӣ чу бемории дил.
Иллати ошиқ зи иллатҳо ҷудост,
Ишқи устурлоб асрори Худост.

Яъне шоир ишқро василае мебинад, ки аз тариқи он асрори Худовандро дарк ва мушоҳада мекунанд. [4].

Бо вуҷуди он ки рубоиёти Мавлоно гуногунмавзуъ мебошанд, аммо бештари онҳо бо такаллуми орифона эҷод шудаанд: “Намунаи барҷастаи чунин тавсифотро дар сувари ишқ ба шаклу сурати мушобеҳ ва рамзӣ дар маонии фаровони ирфонӣ дучор меоем, ки бо маърифати ирфонӣ ва фалсафии хеш олами мавҷуду коинро овардаву офаридаи ин ишқ медонанд ва аз назари таҳқиқҷӯӣ ин ёрони аҳли маърифат бахусус Мавлоно “ишқ” таҷассуми ҳастии мутлақ аст ва ҳам ҳидоятгари роҳи ростин аз “фурқат” ва “висол” ба хотири таҳаллуқи шахсият, такомул ва растагории инсон аз худ бо орзуи “Худошиносӣ” аст:

Он вақт, ки баҳри кулл шавад зот маро,
Рушан гардад ҷумлаи заррот маро.
З-он месӯзам чу шамъ, то дар раҳи ишқ,
Як вақт шавад ҷумлаи авқот маро. [2,с.11]

Бо бардошт аз маохизи беҳисоб ва сарчашмаҳои таҳтулоб ба таҳқиқ омадем, ки ишқ балоест бологир ва сӯзборест созандаву наййир ва дар аркони тариқат ҳидоятперой аз бидоят то ниҳоят ва комилонро иноят бар ғоят. Ва соликони ҷодапайморо бар маҳзари хеш ҷазб ороя ва дар дили муштоқон ба сафо ояд ва дар айнияти софӣ манзари камолро бинмояд. Ва ишқ сармастие дорад, ки истисност ва аташбору ҷонзидост:

Ошиқ ҳамасола масту шайдо бодо,
Девонаву шӯридаву расво бодо.
Бо ҳушёрӣ ғуссаи ҳар чиз хӯрем,
Чун маст шудем, ҳарчи бодо бодо. [2, с.8]

Мусаллам аст, ки дар ин рубоӣ шоир ба Шамс муроҷиат мекунад. Фикр мекунем , ки аз муҳимият ва нақши Шамс дар зиндагии Мавлоно ҳоҷат ба шарҳу баён нест ва ҳар касе, ки бо зиндагинома ва осори Мавлоно ошност, медонад, ки Шамс барои шоир кӣ буд ва дар зиндагияш чӣ нақше дошт. Қиссаҳое, ки дар мавриди рафоқат, садоқат ва муҳаббати Мавлоно нисбат ба Шамс ҳастанд аксар маврид дар осори Мавлоно бозгӯ мешаванд. Чунончи шоир аз ғайб задани Шамс, ки дар ин маврид зиёда ривоятҳо ҳастанд,

зиёд навиштаасту ин дарду фирокро ба риштаи назм кашидааст Ин мавзуъ дар рубоиёти ӯ низ бозтоби худро пайдо кардаанд:

Аввал ба ҳазор лутф бинвохт маро,
Охир ба ҳазор ғусса бигдохт маро.
Чун мӯҳраи меҳри хеш мебохт маро,
Чун ман ҳама ӯ шудам, барандохт маро.
Ҷои дигар аз фироқи ӯ мегӯяд:
Гаҳ мегуфтам, ки: «Ман амирам худро»,
Гаҳ наъразанон, ки ман асирам худро.
Он рафт, аз ин пас напазирам худро,
Магрифтам ин ки ман нагирам худро.

Дар хотима бо боварӣ метавон гуфт, ки рубоиёти Мавлоно дар осори гаронарзиши ӯ ҷойгоҳи махсусеро соҳиб аст. Ва шоир дар сурудани ин қолаби суннатӣ низ истеъдоди нотакроре дорад. Рубоиёташ бо фарогирии ғояву мазмуни баланд тавонистанд то имрӯз дар рушди ин қолаби шеъри адбиёти форсӣ-тоҷикӣ ҳиссагузор бошанд. Рубоиёти Мавлоно на камтар аз ғазалиёту маснавии ин шоири ориф маъруфият доранду муҷиби маҳбубияти муаллиф гаштаанд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

Хатлонӣ С. Ишқ мегӯяд //С.Хатлонӣ.-Душанбе, 2017
Балхӣ Ҷ. Мунтахаби рубоиёт //Ҷ.Балхӣ.-Душанбе, 2014
Колман Баркс. Як сол бо Румӣ.- Ню-Йорк, 2006.
www boston library, photo was taken by Firdavs in 2007
www.google.ru

You Are the Sun of the East and West
ОФТОБИ МАШРИҚУ МАҒРИБ ТУЙ

Umarjani MİRZOSHARİF
Bakhtar State University Named after Nasiri Khusrav, Tajikistan

Abstract
Maulana Jalaluddin Balkhi is considered one of the most prolific Sufi poets of Persian-Tajik classical literature. That is why he remains in the history of mankind like the sun, whose precious works and his noble words had a great and beneficial effect not only on the literature of the East, but also on the literature of the West.The literary legacy of this great man has been studied and discussed by literary experts and researchers from time to time and translated into different languages of the world.Maulana's works have been highly appreciated not only by literary critics and researchers, but also by all sections of the society.It goes without saying that the precious works of Maulana Rum remain a vast area that requires new study and research in every era of literature.That is why, in writing the article, the author touched on an important and important topic and made a useful research in connection with the literary heritage of Mawlana Jalaluddin Balkhi and the topic of love from his point of view. The researcher's opinions have a completely scientific basis, and his conclusions on the topic "You are The Sun of the East and West" have value and importance.

Keywords: East, Investigation, Literature, Love, Maulana, Research, Poet, Poetry, Sufism, Teacher, West, Youth.

Хулоса
Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз шоирони суфии сермаҳсули адабиёти классикии форс – тоҷик ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки ӯ дар таърихи аҳли башар чун офтоберо мемонад, ки шаъшаъапошии асарҳои гаронарзишашу каломи нобаш на танҳо ба адабиёти Машриқзамин, балки ба адабиёти Ғарб низ таъсири бузургу судманде расонидааст.
Мероси адабии ин марди бузургро адабиётшиносону пажӯҳишгарон давра ба давра мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума намудаанд. Осори Мавлоно аз ҷониби на танҳо адабиётшиносону пажӯҳишгарон, балки ҳама гуна табақаи ҷомеа баҳои баландро касб намудааст.
Ногуфта намонад, ки осори гаронбаҳои Мавлонои Рум майдони фарохеро мемонад, ки дар ҳама давраи адабиёт омӯзиш ва таҳқиқи ҷадидеро тақозо менамояд, ҳамин аст, ки муаллиф дар навиштани мақола ба мавзуи муҳимму мубрам даст зада, дар робита ба мероси адабии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва мавзуи ишқ аз диди ӯ таҳқиқи судмандеро анҷом додааст. Андешаҳои муҳаққиқ комилан асоси илмӣ дошта, натиҷагириҳои ӯ дар мавзуи “Офтоби Машриқу Мағриб туй” дорои арзишу аҳамиятанд.

Калидвожаҳо: Мавлоно, шоир, шеър, таҳқиқ, пажӯҳиш, ишқ, тасаввуф, адабиёт, Шарқ, Ғарб.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз бузургтарин шоирони орифи адабиёти форсу тоҷик ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ дар асари гаронарзиши худ – Чеҳраҳои мондагор дар ситоиши Ҷалолиддини Балхӣ чунин изҳори ақида намудааст:

Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд [11, 254].

Ногуфта намонад, ки барои дарки фикру ақида ва сарфаҳм рафтан ба ҳар як байти осори Мавлоно хонандаи закиро мебояд, ки дили бузург, нигоҳи фарох, зеҳни тезу дониши пурра, сабру таҳаммулу ахлоқи ҳамида дошта бошад ва пеш аз ҳама, худ шефтаи ашъори Мавлоно бошад, то тавонад, бозгӯкунандаи розу асрори ин марди шариф гардад.

Ман чаро гирди ҷаҳон гардам, чу дӯст
Дар миёни ҷони ширини ман аст [10, 85].

Яке аз асарҳои машҳури Мавлоно ин “Девони кабир” мебошад. Мавлоно ин асарро ба устодаш Шамси Табрезӣ бахшидааст, ҳамин аст, ки он бо номи “Девони Шамс” ҳам ном бурда мешавад. Девони мазкур фарогири розҳои инсонӣ дар шеъри ирфонӣ буда, ашъори он инсонро ба сӯйи камолоти маънавӣ роҳнамоӣ менамояд, чун инсоне, ки худро шиносад, Худоро мешиносад. Мавлоно дар симои Шамси Табрезӣ таҷаллиёти нури илоҳиро дидааст. Ӯро ҳамчун устод ва пири худ медонад. Аз ин рӯ, ҳам дар “Маснавӣ” ва ҳам дар девони ашъори худ аз устодаш – Шамси Табрезӣ зиёд ном бурда, дар васфаш чунин фармудааст:

Шамси Табрезӣ, ки нури мутлақ аст,
Офтоб асту зи анвори Ҳақ аст [2, 10].

Бо такя ба осори бузургон ва аз худ кардани хазинаи маърифат шахс ба камоли бузургӣ мерасад. Мавлонои Балхӣ аз зумраи шоиронест, ки ба осори гаронарзиши бузургоне, чун Рӯдакиву Аттор ва Саноиву Саъдӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ашъори ноби онҳо ғизои маънавӣ бардоштааст. Дар пайравии “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён – шеъри машҳури устод Рӯдакӣ ғазалеро офаридааст, ки дорои 18 байт аст. Барои мисол 2 байти онро пешкаш менамоем:

Бӯйи боғу гулситон ояд ҳаме,
“Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме”.
Аз нисори ҷавҳари ёрам маро,
“Оби дарё то миён ояд ҳаме”[3, 393-394]. [4, 13-14].

Маҳаки асосии таълимоти “Маснавии маънавӣ” ва “Қуръони карим” – ро инсон ва мақоми ӯ ташкил медиҳад. Инсон аз шарифтарин махлуққо ва халифаи Парвардигор дар рӯи замин аст. Мақомеро, ки инсон назди Худованд дорад, ҳеҷ махлуқе, ҳатто фариштагон надоранд, чунончи Шайх Саъдӣ фармуда:

Магар одамӣ набудӣ, ки асири дев гаштӣ,
Ки фариште раҳ надорад ба мақоми одамият [5, 6].

Байти фавқуззикри Саъдӣ ба осори Мавлоно бетаъсир намондааст. Аз диди Мавлонои Балхӣ низ инсонро Худованд гиромитарин офаридаи хеш номидааст. Инсон агарчи дар тан ба ҳайвон монад ҳам, вале дар ҷон аз малак камӣ надорад ва инсон чун бимирад, танаш бар замин мераваду рӯҳаш равонаи роҳи осмон мешавад. Дил бозгӯкунандаи ин ҳама аст, вале афсӯс, ки чашм бо зоҳирбинияш ин ҳамаро дарк карда наметавонад:

Ту ба тан ҳайвон, ба ҷонӣ аз малак,
То равӣ ҳам бар замин, ҳам бар фалак [1, 120].

Ба ақидаи Мавлоно, беҳтарин ҷой барои зиёрат кардан каъбаи дил аст. Дили инсонро ту гил мапиндор. Ҳатто агар ҳазор бор пиёда тавофи Каъба карда бошӣ ҳам, бо озор додани диле он ҳама тавофат қабули даргоҳи Ҳақ намегардад:

Тавофи каъбаи дил кун, агар диле дорӣ,
Дил аст каъбаи маънӣ, ту гил чӣ пиндорӣ [3, 459].

Ё ин ки:

Каъбаи иқбол ин ҳалқ асту бас,
Каъбаи умедро вайрон макун [7, 261].

Дар ҷои дигар Мавлоно таъкид менамояд, ки тамоми молу мулкатро ба бенавоён бубахш, чун мол фаношаванда аст ва арзиши бо худ нигоҳ доштанро надорад. Онро агар дар роҳи нек сарф кардӣ, суд хоҳӣ кард. Молро бубахш, то диле ба даст оварда бошӣ ва ин бахшоиш боиси сарбаландии ту дар қиёмат мегардад. Моле агар барои бахшидан надорӣ, пас худ чокарвор ба хидмати дилҳо бупардоз, то аз асрори дилҳо бохабар гардӣ. Иқболу саодати баланд насиби касест, ки кибр намеварзад. Дили касеро намеозорад. Бикӯш, то аз зумраи саодатмандон бошӣ. Чун саодатманд нафарест, ки аз дили ӯ ҷӯйи ҳикмат ҷорӣ асту аз забонаш чун сел оби ҳаёт. Бузургии дили инсон дар он аст, ки агар ҳар тори мӯйи сари кас дусад забонӣ дошта бошанд ҳам, дар васфу ситоиши дил ҳамоно оҷизанд:

Хамӯш, васфи дил андар забон намеғунҷад,
Агар ба ҳар сари мӯе дусад забон дорӣ [3, 459].

Мавлоно бо қавму халқиятҳои гуногун ҳамарӯза дар муносибат буд ва бо шарофати хулқи инсонпарваронааш бо забонҳои тоҷикию арабӣ, туркию юнонӣ озодона сухан карда метавонист. Асарҳои ӯ ба тамоми забонҳои дунё тарҷума шудааст. Ашъори нобаш Гётеву Гегелро мафтун карда буд. Шоири маъруфу машҳури Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ Мавлоноро муаллиму мураббии худ хондааст. Шоири бузурги Туркия Нозим Ҳикмат дар ҳангоми зиндонӣ буданаш рубоие меофарад, ки ду мисраи охираш ба қалами Мавлоно тааллуқ дорад. Ин шоири турк ҳангоми офаридани романи охирини худ “Маснавии маънавӣ” – ро ҳамчун сарчашмаи муфид қарор дода, аз он иқтибосҳои зиёдеро дар асараш чун мисоли намунавӣ ворид месозад.

Агар ту нестӣ дар ошиқӣ хом,
Биё, магрез аз ёрони бадном [8, 67].

Ишқи офаридаи Мавлоно Балхӣ ишқи илоҳист. Ба ақидаи ӯ, ишқ ҳамчун қувваи илоҳӣ дар ҳастии инсон нуҳуфтааст:

Ошиқон нолон чу ною ишқ ҳамчун нойзан,
То чиҳо дармедамад ин ишқ дар сурнойи тан [9, 484].

Мавлоно дар таълимоти худ ҳамдилиро аз ҳамзабонӣ афзал дониста, қайд менамояд, ки дил забони худро дорад ва забони дил аз забони гуфтугӯӣ комилан фарқкунанда аст. Ҳамдилӣ аз нигоҳи Мавлоно аз ҳама болотар меистад:

Пас забони маҳрамӣ худ дигар аст,

Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст [10, 258].

Имрӯз Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ чун рӯҳ тулӯъ намуда, яке аз муаллимони воқеии башарият гардидааст. Муаллиме ба мисли Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ибни Синову Берунӣ, Умари Хайёму Муҳаммад Ғазолӣ, Аттору Саноӣ, Саъдӣ ва даҳҳо адибону донишмандони дигар.

Бинмой рух, ки боғу гулистонам орзуст,
Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст [6, 245].

Аз диди Мавлоно, хайру баракат дар анҷуман ва ғамхори халқ будан аст. Аз ин рӯ, ӯ худ ҳамчун инсони комил пайваста ба хидмати халқ камари ҳиммат баста, бо неруи ақлонияш ҷаҳонро тасхир намудааст.

Каж бинишину рост гӯ, рост бувад сазо бувад,
Ҷону равони ту манам, сӯи дигар равон кунӣ [3, 200].

Хулоса, арзиши беназири офаридаҳои Мавлонои Балхӣ дар давоми ба камоли маънавӣ расидани инсон, яъне таҷаллии ҳамаҷонибаи асолати инсони комил, беназир аст. Фаъолияти ирфонии шоир намунаи барҷастаи фаъолияти тариқати тасаввуф ва аҳли ирфон аст. Моро зарур аст, ки ҷанбаъҳои ҳаёт ва осори гаронарзиши бузургоне, чун Ҷалолиддини Балхиро биёмӯзем ва онро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ ва мавриди истифодаи ҳамешагӣ қарор бидиҳем.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда

Аҳмад Нафисӣ. Мунтахаби достонҳои «Маснавии маънавӣ».– Душанбе: Маориф, 2015. – 320 саҳ.
Муҳаббати Мирзораҳим. «Қатрае аз баҳр».– Душанбе: Аржаанг, 2007. – 58 саҳ.
Румӣ Ҷалолиддин. «Девони кабир». – Ҷилди 2. Душанбе: Адиб, 1993. – 464 саҳ.
Худоёрзода Рачабалӣ. «Аз Рӯдакӣ то Комилӣ».– Душанбе: Ганҷи хирад, 2019. – 48 саҳ.
Саъдии Шерозӣ. «Саду як ғазал».– Душанбе: Ирфон, 2008. – 112 саҳ.
Фиш Радий. «Ҷалолиддини Румӣ». – Душанбе: Адиб, 2007 – 272 саҳ.
Ҷалолиддини Румӣ. «Мунтахаби ғазалиёт». – Душанбе: Адиб, 2013. – 270 саҳ.
Ҷалолиддини Румӣ. «Саду як ғазал». – Душанбе: Ирфон, 2009. – 104 саҳ.
Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик – Ҷилди 3. – Душанбе : 2004
Эмомалӣ Раҳмон «Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ». – Душанбе : Бухоро, 2012. – 132 саҳ.
Эмомалӣ Раҳмон. «Чеҳраҳои мондагор». – Душанбе: Эр – граф, 2016. – 364 саҳ.

Following Turkish Poets to the Poems Shawkati Bukhoroı
ПАЙРАВИИ ШОИРОНИ ТУРК БА АШЪОРИ ШАВКАТИ БУХОРОЇ

Naimzoda Qudratullo QAHOR
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
Furugh2000@mail.ru

Abstract
This article is about the traditions of the literary Tajik people- about the influence and impact of the poems of representatives of Persian-Tajik literature and Turkish literature. The author tried to show this tradition on the example of the poems of Shavkat Bukharai and representatives of Turkish literature.

Keywords: Delicatessen, Gazelle, Literary traditions, Ottoman, Owner, Shuaro, Style, Tattabad, Tazmin, Typical compositions.

Хулоса
Дар ин мақола сухан дар бораи анъанаи суннати адабӣ- таъсирпазирӣ ва таъсиргузории ашъори намояндагони адабиёти форс- тоҷик ва адабиёти туркӣ меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ин анъанаро дар мисоли ашъори Шавкати Бухорой ва намояндагони адабиёти Турк нишон диҳад.

Калидвожа: Суннатњои Адабї, Шуаро, Соҳибзавқ, Сабк, Тазмин, Усмонӣ, Ғазал, Нозукхаёлӣ, Таркибҳои Хос, Таттабуъ.

Адабиёти форс- тоҷик ва адабиёти туркӣ Усмонӣ дар дарозои таърих бо ҳам робитаҳои қарини илмию фарҳангии ногусастанӣ дошта, то ин дам ин алоқамандӣ миёни намояндагони адабу фарҳанги ин кишварҳо мушоҳида мегардад. Дар ҳақиқат, яке аз вижагиҳои баррасию ҳамбастагии фарҳангу адабиёти форсии тоҷикӣ ва адабиёти туркӣ Усмонӣ бозхонӣ ва тасҳеҳи матни осори адабии гузаштагон аст.

Дар бораи ҳамбастагии адабиёти форсӣ ва туркӣ устод Алӣ Ниҳод Торлон дар мақаллаи «Ваҳид» ва дар китоби «Адабиёти даврони Туркӣ» сухани бисёре гуфтааст ва ин амр пӯшида нест, ки шоирони усмонӣ дар гузашта чӣ гуна ба адабиёти форсӣ менигаристанд [8]. Осоре монанди Маснавӣ, девони Ҳофиз, Бӯстону Гулистони Саъдӣ барин асарҳои гаронарзиши намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ аз тарафи шоирони усмонӣ шарҳ шуда, чандин бор тарҷума шудаанд, ки далели гуфтањои болост. Илова бар ин, дар бораи густариши забон ва адабиёти форсӣ дар сарзамини Усмонӣ доктор Муҳаммадамини Риёҳӣ дар китоби «Забон ва адабиёти форсӣ дар қаламрави Усмонӣ» тавзеҳоти зиёде додааст [14, с. 98].

Алоқаи шоирон ва адабиёти Усмонӣ ба адабиёти форсӣ ба ин маҳдуд намонда, онҳо алалхусус, ашъори шоирони сабки ҳиндӣ, ба мисли Соиби Табрезӣ, Урфии Шерозӣ ва Шавкати Бухороиро тарҷума ва шарҳ намудаанд. Муҳаммадисҳоқ Шавкати Бухоройӣ аз суханварони боистеъдод ва навпардозу борикандеши асри XVII буда, дар Бухоро, дар хонадони сарроф (заршинос), ки басо илмдӯсту ихлосманди шеъру адаб буд, ба дунё омадааст [17, с.7].

Тавре аз таҳқиқоти муҳаққиқон маълум мегардад, мероси адабии гаронбаҳои Шавкати Бухорої, алалхусус ғазалиёти ӯ, ки дар пайравї бо сабки њиндї таълиф шудааст, дар асрҳои XVIII ва XIX дар Мовароуннаҳр, Эрону Хуросон ва Ҳинду Покистон паҳн гардида, мавриди таваҷҷуҳи мардуми соҳибзавқ, аҳли адаби тоҷикзабону ѓавму миллатњои дигар қарор гирифтааст. Дар давраҳои мазкур як гурӯҳ шоирони ин мамлакатҳо дар пайравӣ ва татаббӯи ашъори Шавкат шеър гуфтаанд.

Чунин анъанаи пайравї, тазмину назиранависї ҳамчун василаи робитаи эҷодӣ дар назми гузаштаи адабиёти форс- тоҷик ҳанӯз аз асрҳои аввали мавҷудияташ арзи вуҷуд карда, дар шаклу тарзҳои гуногун зоҳир мегашт ва муҳаққиқони ватанию бурунмарзӣ дар таълифоти худ доир ба ин масъала андешаҳои судманд баён доштаанд [1; 4; 10; 15]. Шоирон роҷеъ ба паҳлуҳои эҷодиёти худ ва умуман табиати шеър сухан ронда, дар бораи манзалати ашъори ҳамдигар изҳори андеша мекарданд. Аслан назира дар шеър ҳамфикрӣ ва ҳаммаслакиро ифода мекунад. «Асари назираро, ки аз ҳама ҷиҳат ба шеъри назирашуда ҳамраъӣ дорад, бо вуҷуди баъзе фарқи шаклӣ, «тазмин» номидан мумкин аст, вале агар аз ҷиҳати ғоя ва образҳо зид бошад, ҷавобия, ё ки истиқболия меноманд» [10, с. 23].

Тазмин дар шеър як навъ санъати бадеиест, ки дар он шоир фикрашро бевосита баён накарда, балки барои тасдиқи он аз ашъори дигарон мисол меорад, шеъри худро ба вазну қофияи он мувофиқ месозад, ки ба назира монанд аст. Шоир дар тазмин номи муаллифи байти тазминшавандаро пеш аз овардани байт истифода мекунад. Дар ҳолати дигар, муаллифи байт, агар машҳур бошад, аз тазмин ба зудӣ муайян мешавад. Баъзан шоирон фикри худро ба сухани ягон шоири машҳур тасдиқ кардан шуда, ягон мисраъ ё байти маълумро, ки он фикрро тақвият мебахшад, ба кор мебаранд.

Яъне, пайравӣ ва татаббўъ дар шаклу мазмун, санъатҳои бадеӣ, вазну қофия ва амсоли инҳоро аз оғози адабиёти классикии форс- тоҷик муҳаққиқон мушоҳида намудаанд, ки инро метавон аз таҳқиқоти онњо дарёфт кард [1; 13; 15]. Аз ин тарзи пайванди адабӣ маълум мешавад, ки шаклҳои равобит, таъсирпазирӣ ва муносибати эҷодии байниҳамдигарии шоирон дар таърихи адабиёти тоҷик асосан бо истифода аз тазмин, назира, татаббўъ ва пайравӣ ба ашъори ҳамдигар сурат мегирифтааст.

Вобаста ба замон ва ривоҷу равнақи жанрҳои шеърӣ тазмин ва назира ҳамчун робитаи эҷодӣ ва таъсири адабӣ дар адабиёти тоҷик дар ашъори намояндагони бузурги назм Унсурии Балхӣ (1363), Фаррухии Систонӣ (1371), Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Сайфи Исфарангӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Совачӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва дигарон ба тарзҳои гуногун зоҳир гаштааст. Бузургтарин

шоирони ҳар аср аз шеърҳои ҷудогона, қитъаву байтҳо ва ҳатто аз мисраъҳои баландмазмуни шоирони гузаштаву муосири худ илҳом гирифта, дар тазмину пайравии онҳо ғазалу қасидаҳо сурудаанд.

Шавкати Бухороӣ ҳамчун намояндаи маъруфи шеъри «сабки ҳиндӣ» ҳанӯз дар айёми зиндагиаш шӯҳрати зиёд пайдо мекунад ва ашъораш дар ҳамон давра интишор ёфта, мавриди таваҷҷуҳу эътирофи суханварону суханшиносони нуктасанҷ ва дӯстдорони назми кишварњои дигар қарор мегирад [9, с. 104].

Дар бораи маќоми Шавкат дар шеъри туркї усмонї Э. Браун мегўяд: “Нуфузу азамате аст, ки дар адабиёти Туркия дорад. Э. Гиб дар китоби “Таърихи адабиёти Турк” Шавкатро меситояд ва мегўяд: «Ахтаре буд, ки аксари шуарои Усмониро беш аз ним қарн раҳнамоӣ кард, дар њузури зењн ва касрати ихтирои маљоз ва ташбењоти тоза шуњрати оламгир дошт» [3, с.59-60].

Баҳои ниҳоят баланди Малеҳои Самарқандӣ ба эҷодиёти Шавкат ва ӯро «халлоқ-ул-маонӣ»- ягонаи замон, шоири тозафикру навпардоз шуморидани вай шоҳиди шуҳрати зиёд ва эътирофи мақоми баланди ӯ дар назм мебошад. Ба қавли Малеҳо «Шавкат ва назми баландпарвозу пурфасоҳату балоғати ӯ на танҳо Хуросону Эрон, Мовароуннаҳр, Ҳиндустону Туркистон, балки Ироқ, Руму Мағриб ва Мисру Шомро ҳам фаро гирифтааст» [6, в. 79а]. Дар ғазале Шавкат ба Яман низ расидани овозаи шеърашро чунин баён медорад:

Шунидаанд бутони Яман каломи маро,
Навиштаанд ба оби ақиқ номи маро [16, с. 49].

Тавре аз мутолиаи ашъори шоир бармеояд, ӯ дар девонаш аз шоирони мутақаддим фақат аз Ҳофиз ёд карда, дар абёти зер таъкид медорад:

Риштаи пайванди руҳонист, аз ҳам нагсалад,
Шеъри Ҳофиз шуд хати соғар майи Шерозро [17, с. 81].

Ва дар ғазали дигар мегўяд:

Бувад Шавкат илоҷ аз бодаи Шероз дардамро,
Ки соқӣ дида аз девони Ҳофиз борҳо фолам [17, с. 122].

Шавкат дар ашъораш аз чанд тан шоирони муттаахир мисли Соиб, Урфӣ, Толиби Омулӣ, Назирии Нишопурӣ низ ёд кардааст. Чунончӣ:

Баҳри ин матлаб чи мавзун рехт рангин ин ду байт,
Хомаи Соиб, ки бошад сарви гулзори вафо [17, с.53].

Хост то равшан кунад Шавкат чароғи табъро,
Равғани маънӣ зи хоки Толиби Омул кашид[17, с.146].
Ҷодаи роҳи Нишопур раҳи масрур аст,
Баски Шавкат, ба сари хоки Назирӣ рафтам [17 с.125].

Шавкат дар як қасидаи хеш ду бор аз шоир Урфӣ ёд кардааст:

Борҳо ҳамраҳи Урфӣ дари тавҳид задам,
То санамхонаи кофир дари имон рафтам.
То бувад мисраи Урфӣ ба баёзи айём,
Ҳама шавқ омада будам, ҳама ҳирмон рафтам [17, с. 42].

Шеъри сабки њиндї дар муддати хеле кутоњ дар Мовароуннању Хуросон ва дигар кишварњои форсзабон тарафдорон ва пайравони зиёде пайдо кард. Шоирон кўшиш мекарданд, ки бо ин сабк шеър эљод кунанд. Аз љумла дар адабиёти Турк намунањои шеъри сабки њиндї баъд аз асри XVII мелодї дида мешавад. Пўшида нест, ки шеъри туркї дар асри XVII мелодї ба дараљаи такомул мерасад ва шоироне, ки аз баёни мазмунњои такрорї ба танг омада буданд, пайи тозагўї ва зебошиносии љадид мегаштанд ва ваќте ки ба шеъри сабки њиндї рў ба рў шуданд, думболагирї он шуданд.

Аввалин намунањои шеъри сабки њиндї дар ашъори шоирони турк Нафеъї(1635м.), ки шеъри форсї низ суруда аст, ба чашм мехурад. Нафеъї бузургтарин ќасидасаро дар шеъри туркї ба шумор рафта, дар ќасидасарої аз Урфии Шерозї пайравї кардааст.

Дар ашъори шоирони дигар, аз ќабили Фаҳими Қадим (вафоташ 1947), Исматӣ (вафоташ 1995), Ноилӣ (вафоташ 1999), Нишотӣ (вафоташ1974) низ намунањои шеъри сабки њиндї мушоњида мешавад. Дар асри XVIII бошад муњимтарин шоире, ки ба сабки њиндї шеър сурудааст Шайх Ѓолиб (вафоташ 1213 њиљрї) мањсуб меёбад.

Шоири турк Фањими Ќадим, ки дар шеъри ў вижагињои сабки њиндї ба чашм мерасад аз Урфии Шерозї пайравї кардааст. Фањим монанди шоирони сабки њиндї бештар ба маънї ањамият додааст. Тахайюлот, ки муњимтарин вижагии шеъри сабки њиндї мањсуб мешавад, дар шеъри ў ба хубї эњсос мешавад. Чунин пайравї ба шеъри сабки њиндї дар ашъори шоири дигари Турк Нишотї, ки гўё форсиро хуб медонист ва мударриси забони форсї буд, дида мешавад,

Ба қавли устод Торлон «Сабки ҳиндӣ дар шеъри Усмонӣ навъи романтизм аст ва таркиботи манозим ва аносири тозаеро, ки то он замон ба кор намерафт, дар бар дорад» [15, с.119].

Подшоҳони Усмонӣ низ ба иродати хос ба ашъори Шавкат нигоҳ мекарданд. Султонмурод њокими ваќт дастур дод, то девони Шавкатро шарҳ кунанд. Аз ин пас, девони Шавкат чандин бор ба забони Туркӣ

Усмонӣ тарҷума ва шарҳ шуд, ки далели аҳамияту манзалати ашъори Шавкат дар назди Усмониён мебошад. Шарҳҳое, ки ба шеъри Шавкат навишта шудааст, дар китобхонаҳои Туркия то ҳол нигаҳдорӣ мешаванд ва ба ѓавле аз муњаққиқон беш аз сад нусхаи девони Шавкат дар китобхонањои Туркия мањфузанд.

Яке аз шоирони боистеъдоди Усмонӣ Шайх Ғолиб мебошад, ки дар нимаи дуюми қарни XVII зиндагӣ ва эҷод намудааст. Тахайюли ӯ ба мисли Шавкати Бухороӣ дорои эҳсоси бисёр борик ва рангин аст. Маснавии «Ҳусн ва ишқ» аз зеботарин осори орифонаи ӯст. «Дар тариқат пири Мавлоно аст. Афсус, ки дер назист» [8, с. 51].

Шайх Ғолиб дар забони форсӣ ашъори зиёде суруда, аз шоирони сабки ҳиндӣ пайравӣ мекард, махсусан ошиқи услуби Шавкати Бухороӣ буд ва ба ашъори шоир рағбати беандоза дошт. Шайх Ғолиб дар бисёре аз шеъри хеш, аз Шавкат истиқбол карда, назираҳое бар ашъори Шавкат навиштааст. Дар тазкираҳо ва ашъори шоир зикр мегардад, ки «Шайх Ғолиб аз Шавкат ёд карда, сабки худро «Шавкатона» муаррифӣ мекард» [19, с. 59]. Чунончӣ:

Фикрам чу тангнои хиёлот во гушуд,
Шавкат ба аљзи хеш маро ифтикор кард [19, с. 114].

Шайх Ғолиб дар ашъораш ҷое ба ин абёти Шавкат: «Муддао ҳосил ба ҳар ҷо гашт моро манзил аст, Тунги шаккар Миср бошад, корвони мӯрро» [17, с.52] чунин ҷавоб мегӯяд:

Ин ҷавоби он ѓазал Ғолиб, ки Шавкат гуфтааст,
«Тунги шаккар Миср бошад, корвони мӯрро»[18, с.13].

Ба як ѓазали дигари Шавкат, ки матлааш ин аст: «Тиннати ман мушти гил донад сиришти шӯъларо, Хоки ман чун об донад сарнавишти шӯъларо»[17, с. 70] Шайх Ғолиб мегӯяд:

Фикрататро сухт Ғолиб Шавкати оташзабон,
Интихоб осон набошад хубу зишти шӯъларо[19, с.23].

Намунаҳои дигари дар поён овардашуда низ далели тазмини Шайх Ғолиб бар ашъори Шавкат аст:

Хомӯшӣ овози моро оташи бедуд кард,
Шуълаи тақрири мо чун бесадо шуд, соф шуд [17, с. 212].

Ғолиб аз ишроқи дил дорад бо Шавкат гуфтугӯ,
Шуълаи тақрири мо чун бесадо шуд соф шуд [19, с. 172].

Нигаҳ аз дидани он чашм сияҳмижгон аст,
Чу сияҳ гашт раги тор нигаҳ мижгон аст [17, с. 78].

Ғолиб ин он ѓазали Шавкати нодидаадост,
Ки радифаш ҳама чун мадди нигаҳ мижгон аст [19, с. 140].

Шайх Ғолиб дар маснавии тамсилии худ, ки «Ҳусн ва ишқ» ном дорад, вақте ба қисмати «Дар сифоти қалъаи Зоталсур» мерасад, зебоиҳои қалъаро ба нозукхаёлии Шавкат ташбеҳ мекунад ва «нақшу нигоре, ки дар он қалъа вуҷуд дошт, ба нозукхиёлии Шавкат монанд мекунад» [18, с. 347]. Яъне наќшу нигоре, ки дар он ќалъа вуљуд дошт, монанди хиёлоти Шавкат нозук будааст. Дар байти дигаре иброз медорад, ки «дар рум шеър гуфтан ба тарзи Шавкатонаро ман эҷод кардаам» [19, с. 14].

Бояд гуфт, ки вижагиҳое, ки Шайх Ғолиб таҳти таъсири Шавкат қарор гирифта буд, бештар ҷанбаи мазмунӣ доранд. Муҳимтарин вижагиҳои шеъри Шавкат нозукхиёлӣ ва маъниофаринӣ аст ва метавон гуфт, ки дар ин маврид Шайх Ғолиб комилан таҳти таъсири Шавкат мондааст. Ҳатто вожаҳо ва таркибҳои хосе, ки Шавкат ба кор мебурд, дар шеъри Шайх Ғолиб зиёд дида мешаванд. «Сарнавишти шуъла», «биҳишти шуъла», «кафи афсус», «сиришти шуъла», «туфони шароб», «маънии рангин», «мазмуни рангин», «оташи ҳусн» барин таркибҳо дар девони Шайх Ғолиб фаровон мушоҳида мешаванд.

Яке аз шоирони дигари Усмонӣ, ки аз назари мазмунофаринӣ ва нозукхиёлпардозӣ аз Шавкат мазмун гирифтааст, Орпо Аминзода Мустафӣ (1142 ҳиҷрӣ) мутахаллис ба «Сомӣ» аст. Сомӣ низ монанди Шайх Ғолиб дар хиёлпардозӣ пайрави Шавкат буда, ба қасидаҳои Шавкат назира навиштааст. Сомӣ дар як қасидаи форсӣ ба Шавкат чунин ишорат дорад:

Он Хисрави пир Шавкати назмам, ки ба иқбол,
Дар мулки ҳунар хомаам афрошт аламро.
Танҳо на каломам шарафи мулкати Рум аст,
Сити суханам рафта Бухоро ва Аѓамро [12, с. 310].

Аз шоирони дигаре, ки аз ашъори Шавкат таъсир пазируфтааст, Қавҷо Роғиб Пошо (1172 ҳиҷрӣ), садри аъзами дарбори Усмонӣ будааст. Дар шеъри ин шоир низ аз шеъри сабки ҳиндӣ ба вижа тасвироти Шавкат дида мешавад. Қавҷо Роғиб Пошо ашъори форсӣ низ суруда, аз мазмунҳои Шавкат истифода карда, ду ѓазали ӯро тазмин кардааст. Қавҷо Роғиб ба як ѓазали Шавкат, ки бо ин матлаъ шурӯъ мешавад:

«Сафои ҷавҳари ҷонҳои огоҳ аз бадан бошад, Гули оинаро хокистари гулхан чаман бошад» [17, с. 161] тазмин бастааст:

Фурӯғи оташи саҳбои ҷон аз файзи тан бошад,
Латофатбахши оби зиндагӣ хоки ватан бошад.
Маро ин нукта равшан аз ғубори табъи ман бошад,
«Сафои ҷавҳари ҷонҳои огоҳ аз бадан бошад.
Гули оинаро хокистари гулшан чаман бошад»[14, с.182].

Ҷойи дигар ғазали Шавкатро, ки бо ин матлаъ оғоз мешавад: «Алайҳи ранги таъсири каромат кун фиғонамро, Зи мавҷи ашки булбул об деҳ теғи забонамро» [17, с. 26] чунин истиқбол мегирад:

Нахоҳам сӯзиши бенола чун парвона ҷонамро,
Бифармо равшанӣ аз шеди шуҳрат дудмонамро,
Чу гул зоҳир шавад бурҳони қотеъ тобиёнамро,
«Алайҳи ранги таъсири каромат кун фиғонамро,
Зи мавҷи ашки булбул об деҳ теғи забонамро»[14, с.236].

Метавон гуфт, ки ашъори Шавкат ҳамчунин дар давраи муосир низ таваҷҷуҳи шоирони туркиро ба худ ҷалб кардааст. Яке аз шоирони муосири адабиёти Турк Осаф Ҳолат Чалабӣ (1958) абёте аз ду қасидаи Шавкатро ба забони туркӣ тарҷума ва дар маҷҷалаи «Одами нав» мунташир кардааст.

Аз он чи дар мавзуи мавриди назар гуфта шуд, метавон хулоса кард, ки омӯзиши эҷодиёти Шавкати Бухоройӣ таҳқиқу фарогирии ҷузъе аз тафаккури бадеии халқи тоҷик дар асри XVII, худшиносӣ ва таърихи ниёгон дар он рӯзгор, далели равобити адабии форсу турк аст ва аз тарафи дигар, ғановати таркиби лексикии забони тоҷикӣ ба ҳунари сухансанљии хаммиллатон дар ин аср ба шумор меравад ва пажӯњиши бештареро аз љониби муњаќќиќонтаќозо менамояд.

ПАЙНАВИШТ

Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – 450 с.
Бертелс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – М., 1960. –556 с.
Браун Э. Гулзори адаби Эрон. -Исфањон, матбааи Саодат, 1310њ.
Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Таҳия ва тавзеҳоти Бадриддин Мақсудов, Пӯлод Ниёзов. Бо пешгуфтори профессор Худоӣ Шарифов. – Душанбе: Деваштич, 2011. – 351 с.
Иванов М. С . Очерк история Ирана. – М., 1962. – С. 74.
Малеҳои Самарқандӣ. Музокир-ул-асҳоб. Нусхаи хаттии ганҷинаи дастхатҳои шарқии Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, рақами 610, варақи 176.
Маљаллаи Одами нав. Њафтаномаи идеяҳо. Чопхонаи Устуворӣ. – Истамбул, 1941, с.6.
Маљаллаи Ваљид, шумораи 70, соли њафтум,– сањ.51.
Муњаммад Алї Њазини Лоњиљї. Тазкираи Алмуосирин. Бо эњтимоми Маъсума Солик. Нашри Соя. – Теҳрон, 1375. – 872 с.
Муҳаммад Садр Ҳошимӣ. Шеъру шоирӣ дар аҳди Сафавия, чопи дуввум. – Теҳрон, 1323 ҳ. – С. 43.
Нафеъї. Девони форсӣ. Бо эњтимоми Меҳмет Аталай. Нашриёти Эрзурум. - Истамбул, 2000.
Орпо Аминзода Муставфӣ. Девони ашъор. –Анкара,1986.– 619 сањ.
Парвиз Нотили Хонларӣ. Ёде аз Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқи адабӣ. – Теҳрон, 1371. – С. 148-150.
Риёҳӣ Муҳаммадамин. Забон ва адабиёти форсӣ дар қаламрави Усмонӣ. – Теҳрон, 1369 ҳ.
Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ. 1-2. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1348. – 576 с.
Шавкати Бухоройӣ. Нури аср.Таҳиякунандагони матну луғот ва муаллифони пешгуфтор Амрияздон Алимардонов, Ҷобулқо Додалишоев ва Асғар Ҷонфидо. – Душанбе, Ирфон, 1986. – 288 саҳ.
Шавкати Бухоройӣ. Ашъори мунтахаб. Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи дебоча М. Аҳмадов. – Душанбе, Дониш,1968. – 148 саҳ.
Шайх Ѓолиб. Ҳусн ва ишќ. Бо эњтимоми Муҳаммад Нур Доѓан. Нашриёти Этукен. –Истамбул, 2003.
Шайх Ѓолиб, Девони ашъор. –Анкара, 1994. 619с.

Substantial Features of the Conceptions Designating Flowers and Plants
ВИЖАГИҲОИ МАЪНОИИ МАФҲУМҲОИ ИФОДАГАРИ ГУЛУ ГИЁҲ

Nazarov Mehrubon NIYOZMADOVICH
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
nazarov.mekhrubon@list.ru

Abstract
The author in this article tried to research the meaning and features of the conceptions «Flowers and plants» from the linguistic point of view. With this purpose he analyzed the using of terms “flowers and plants” in classical poets gazzels including Saadi, Hofiz, Mavlavi and Kamol.
The author had also considered various opinions of the scientists due to this theme and has made his own conclusions.

Keywords: Conception, Flower, Hyacinth Abd Jasmin, Metaphor, Plant,The Language of the poem, Word.

Хулоса
Дар мақола муаллиф қӯшидаст, ки мафҳумҳо ва вижагиҳоии **гулу гиёҳ**-ро аз нигоҳи забоншиносӣ таҳлилу тадқиқ намояд. Бо ин мақсад ӯ истифодаи гулу **гиёҳ** –ро дар ғазалиёти шоирони классик, аз қабили Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлавӣ ва ва Камол пайгирӣ намӯда, фикру андешаҳои донишмандонро вобаста ба масъалаҳои мавриди назар оқилона хулоса ва ҷамъбаст намудааст.

Калидвожаҳо: забони шеър, услуби бадеӣ, вожа, мафҳум, маҷоз, гул, гиёҳ, сунбул ва суман.

Калимањои ифодагари гулу гиёҳ навъҳои гуногуни рустаниҳои табииро ифода карда, яке аз ќабатњои муњимми лексикаи забони тољикї ба шумор мераванд. Табиати зебову хушманзараи кишвари мо аз давраи куҳан то инљониб макони рустаниҳо ва гулу гиёњњои бешуморе ба шумор меравад, ки онњо бо мављудияти табиии худ ва хусусиятњои сохтори ботаникияшон яке аз манбаъњои муњимми илҳомбахши шоирону нависандагон ва инсонҳои хушзавқу зебоипараст ќарор гирифтаанд. Рустанињо ва гулу гиёњњоро њамчун истилоњи фаннї илми ботаника мавриди омӯзиш ќарор мединад ва доир ба хусусиятњои гуногуни сохтор, рустан, шакл, гурӯњ, гардолудшавї, пайдоиши табиї, нашъу намо ва хазон гаштани онњо маълумоти муњим дода, њама хусуиятҳои ин мафњумро мавзуи бањси илмии худ ќарор мединад. Албатта, дар ин маврид муњаќќиќони гиёњшинос бештар ба љанбањои илмии ин мафњум таваљљуњ зоњир карда, танњо хусусиятњои истилоњии онњоро ба њайси вожањои якмаъно шарњу эзоњ мединанд.

Дар услуби бадеї, махсусан услуби назм, вожаю мафњумњои рустанї ва гулу гиёњњо ба њайси мављудоти ботаникї ва табиї вазифаи дигаре доранд. Яъне, дар баробари он ки онњо барои ифодаи мафњуми табиї истифода мешаванд, боз анъли эљод вобаста ба сохтори ботаникї ва мављудияти табииятшон онњоро барои ифодаи маъноњои гуногун низ мавриди истифода ќарор мединанд. Дар ин замина ин навъи вожањо дар асоси ќонуниятњои луѓавию семантикї ба таѓйироти маъної дучор гардида, хусусияти маљозию рамзї пайдо мекунанд ва ё сермаъно гардида, дорои тобиш ва љилоњои маънои дигаре мегарданд. Дар њама маврид, яъне хоњ ба маънои маљозию рамзї ва ё хоњ сермаъно гардидан калимањои ифодагари рустанї ва гулу гиёњ маънои аслии худро нигоњ медоранд ва њамаи маъноњои ифодагардида, ки вижагии услубї касб кардаанд, дар пояи маънои аслии ин навъ вожањо сурат мегиранд. Яъне, маънои аслї ё аввалаи ин навъ калимањо њамеша барои фањмидани маънои дуюм ё минбаъдаи онњо мусоидат менамояд. Маъноњои дигари вожањо, ки аксаран дар пояи маљоз сурат гирифтаанд, бештар љанбаи зебоишинохтї (эстетикї) дошта, хоси услуби бадеї ва ё фардии эљодкорон ба шумор мераванд.

Барои он ки љанбањои усулубии вожаю мафњумњои ифодагари рустанї ва гулу гиёњњо муайян гардад, пеш аз њама, бояд онњо аз љињати пайдоиш муайян гарданд ва љанбањои луѓавии онњо ба њайси вожањои ќабати махсуси лексикии забон муайяну муќаррар карда шавад, зеро њар як калимае, ки дар забон ба њайси вољиди луѓавї истеъмол мегардад, бояд дорои маънои луѓавї бошад. Маънои луѓавї муњимтарин вижагии мављудияти калима ба њайси категорияи лексикии нутқ аст. Доир ба назарияи ин навъи маъно муњаќќиќон бањсњои доманадоре кардаанд. Дар китоби “Лингвистический энциклопедический словарь” ин мафњум чунин шарњ дода шудааст: “Маънои луѓавии калима мундариљаи калимаест, ки дар шуур таљассум меёбад ва дар он тасаввурот дар бораи ашё, хусусият, љараён, зуњурот ва ѓайра инъикос ёфтааст” [5, с. 261].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калима дар таркиби луѓавӣ ва дигар сатҳҳои забон нақши муҳим дошта, барои пурҷило ва пуршукӯҳ гардидани ин ё он ашё, мафњум ва њодисаю воќеањо вазифаи муҳимми лингвистию эстетикиро иҷро мекунад.

Хусусиятњои маънои вожањои ифодагари гулу гиёњ дар услуби бадеї аз рӯйи талаботи луѓавї дорои вижагињои махсус аст. Махсусан дар услуби назм калимаю дорои љанбањои инфиродию услубии хосе гардида, ба шоир барои ифодаи андешаи муассиру ифоданок ва љолиб имконияти зарурироо пешниҳод менамоянд. Дар ин росто, як гурӯњ вожаю бо маънои луѓавї ва тобишњои гуногуни маъної барои ифодаи маъноњои љолиби таваљљуњ ба таври фаровон дар забони шеър истеъмол мегарданд. Азбаски ин навъ вожаю (лексемаю) дар осори манзум ба таври фаровон истеъмол мегарданд ва ба анъли эљод барои ифодаи назарраси ашё, мафњум ва њодисаю воќеањо мусоидат менамоянд, онњоро муњаќќиќон вожањои фаъол ё вожањои шоирона номидаанд. Маврид ба таъкид аст, ки калима ба худии худ танњо воњиди луѓавї, яъне ќатори овозњое, ки дорои ќиёфаи овозї буда, дар шуури мо барои ифодаи маъное хизмат мекунанд, мебошад. Танњо муносибати истеъмолкунандагон ба калима ба он хусусияти маъноию услубї мебахшад.

Дар ин росто, калима дар нутќи шифоњї ва нутќи хаттї дорои хусусиятњои махсуси услубию фардї мегардад. Њатто, хонандаи оддї низ дарк менамояд, ки калимањо дар ду шохаи услуби бадеї - назм ва наср, ба таври гуногун мавриди истифода ќарор мегиранд ва дорои тобишњои гуногуни маънои маљозию рамзї мегарданд.

Њар як адиб дар захираи луѓавии тафаккури эљодии худ калимањои зиёдеро љамъоварї кардааст, ки дар лањзањои муњимми эљод аз онњо самаранок истифода менамояд. Зимни эљоди асари бадеї, махсусан шеър, вожањое, ки бештар дар он мавриди истифода қарор мегиранд, пеши назари шоир љилвагар мешаванд.

Доир ба мавќеи калимањои фаъол дар забони ѓазал муњаќќиќони забони шеъри тољикї андешањои љолибе баён намудаанд. Аз љумла, Ш. Њаитова дар рисолаи худ чунин менигорад: “Дар марњилаи эљод шоир даст ба интихоби калимаву ибора мезанад ва ин њуќуќи ўст. Ў ба густариш додани забони шеър мепардозад. Бофти хуш ва басомади алфоз боис мешавад, ки забони шеър рангин ва хушоњанг гардад.

Калима дар танњої дорои маънoњои луѓавӣ ва дастурӣ буда, дар њамбастагї бо матну калимањои дигар аз тарафи шоир зебої, назокат, диќќатљалбкунандагї барин хусусиятњоро доро мегардад” [12, с. 12].

А.Абдуќодиров низ доир ба калимањои таркиби луѓавии шеър андешаи љолибе баён кардааст: “Дар забони шеър вожањое дида мешаванд, ки дар каломи мансур нест. Тањлили таркиби луѓавии осори манзуми лирикї, синонимњо, антонимњо ва дигар ќабатњои лексикї дар офаридани персонажи лирикї ба кор рафтаанд. Ин гурўњи лексика ва иборањо эњсосоти мањрамонаи муаллифро ошкору равшан ифода мекунанд ва он ба эњсосоти њар фарду њама кас табдил меёбад” [1, с. 89].

Дар тањќиќоти М. Саломиён масоили мазкур ба таври зайл мавриди баррасї ќарор дода шудааст: “Дар забони ѓазали шоирони асрњои XII-XIV як гурўњ вожањое инъикос ёфтаанд, ки онњо дар масири таърих ба њайси вожањои фаъол аз љониби шоирон мавриди истифода ќарор гирифта, барои ифодаи мафњуму њодисањои гуногун хидмат намудаанд. Њамзамон, ин гурўњ вожањо ѓайр аз ифодаи маънои аслии худ тобиши маънoии дигар касб намуда, бо маънои маљозї барои ифодаи муассиру образноки мафњумњо ва воќеаву њодисањо хидмат кардаанд. Агар ба раванди густариши вожањои фаъоли забони ѓазали ин марњила назар кунем, дармеёбем, ки истифода ва истеъмоли семантикии онњо якранг нест. Яъне, дар марњилаи аввал вожањо бештар ба маънои аслї омада, дар марњилањои минбаъда тобишњо ва доманаи маънoии онњо нисбатан густурдатар мегардад. Густариши маънoњои як калима ва муносибати он бо вожањои дигар парадигмаи маънoиро ба вуљуд меорад, ки дар илми семантика онро майдони лексикию семантикї меноманд” [13, с. 190].

Парадигмаи маъної дар забони ѓазал бештар дар доираи вожањои фаъол сурат мегирад, зеро ин гурўњ калимањо ѓайр аз маънои луѓавии худ боз барои ифодаи тобишњои гуногуни маъної омада, забони шеърро хушоњанг, љолиб ва муассир менамоянд.

Дар таркиби луѓавии забони шеър, хоса забони ѓазал, калимаҳои ифодагари гулу гиёҳ низ ҷойгоҳи махсусро доро буда, ба њайси вожањои фаъол барои ифодаи ашё, мафњум ва њодисаю воќеањои гуногуне мавриди корбаст ќарор гирифта, дар бунёди калимањои якмаъною сермаъно, ифодањои маљозию иборањои фразеологї ва ифодаи рамзњо наќши муњимме гузоштаанд.

Бинобар ин зарур аст, ки доир ба сайри таърихии вожаи гул ва ифодаи маънои луѓавии он ба таври мухтасар изњори андеша намоем.

Дар “Луѓатномаи Дењхудо маъно ва тобишњои гуногуни ин вожа ба таври густурда шарњу тавзењ ёфта, доир ба сайри таърихии ин калима чунин маълумот пешниҳод шудааст: “Гул дар авроќи монавї (ба портї) **вар (var)** (гули сурх), дар “Авасто” **вардо (vardā),** арманї **вард (vard),** паҳлавї гўл (gůl), **варто (varto), вард (vard)**, муарраби **вард**, ќиёс кунед бо арманї **варджас**, курдї **гўл (гули сурх)**, ба арабї **вард** хонанд” [https:// www.vajehyab.com 11.09.23, 15[08]].

Гул дар “Фарњанги забони тољикї” чунин шарњ дода шудааст: “Ѓунча ва ё муѓљаи вошудаи гиёњон ва дарахтон, шукуфаи кушуда, баргњои рангини ба њам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёњњо дар шохаи худ њосил мекунанд ва баъд аз муддате ба љои он тухм ё мева ба вуљуд меояд; гули садбарг, вард, ки аксар хор дорад” [10, с. 281].

Дар ин маънї Саъдии Шерозї чунин гуфтааст:

Гул низ дар он њафта дањан боз намекард
В-имрўз насими сањараш парда даридаст [9, 374].

Вожаи **гул** ба њайси ифодагари мафњум аз вожањои аслии тољикї ба шумор меравад ва дар раванди инкишофи таърихї ҳамчун истилоњ барои ифодаи мафњуми рустанињо корбаст гардида, њамзамон ба њайси яке аз вожањои маъмул дорои тобишҳои гуногуни маънoӣ гардида, барои ифодаи маънoњои муассире хизмат намудааст.

Бигзор дар он кўй мани ашкфишонро,
То дида диљад об **гулу сарву райњонро** [8, 15].

Калимаи **гул** дар забони осори классикї дар баробари он ки мафњуми **гул** (растанї)-ро ифода мекард, бештар барои ифодаи маънои **гули садбарг** (гули сурх) меомад ва то имрўз њамин маъно идома дорад. Мавриди таъкид аст, ки вожаи **гул** аксаран дар забони тољикї бо вожаи **гиёњ** дар њамнишинї ва таркиб

ифода меёбад. Вале мафњуми **гиёњ (гиё)** нисбат ба мафњуми **гул** бо баъзе хусусиятњояш фарќ мекунад. Яъне, агар мафњуми **гул** дар забони шеър бештар љанбаи сувариро ифода намояд, мафњуми гиёњ алаф, набототи ѓайричўбї [10, с. 262]-ро ифода менамояд. Дар баробари ин хусусиятњояш калимаи **гиёњ** ба њайси истилоњ љанбаи шифобахшию доруворї будан ва истеъмол шуданро ифода менамояд. Масалан, дар байтњои зер ин хусусият чунин ифода ёфтааст:

Бас кун, эй дўст, ки санбўса чу бисёр хўрї,
Ки зи санбўса туро бўйи **гиё** меояд [7, 329].

Калимаи **гул** низ баъзан бо вожаи **гиёњ** муродиф шуда, барои ифодаи мафњумњои доруворию маводи шифобахш истеъмол мешавад. Яъне, он анвои гуле, ки ин маъноро ифода менамоянд, тавассути калимаи **гул** ифода мешаванд.

Масалан, гули сунбул ё сумбул, ки аслан аз калимаи санскритї гирифта шуда, гиёњест доруї аз тираи савсанињо, ки гулњои бунафши он ба шакли хуша аст. Сунбули эронї гулњояш сафедранг аст ва анвои зиёде дорад, ки аз он миён навъи румї аз љабалї ва њиндии он маъруфтаранд. Навъи њиндии онро «Сунбулуттиб» ѓўянд ва Сунбули хитоиро «гули фариштa» номанд. Сунбул яке аз шинохташудатарин анвои бўйи хуш ва атрро дорад ва аз нишонањои махсуси Зўњра ё Ноњид аст ва аз тариќи номњо ва сифот бо Ноњид иртибот меёбад.

Дар китобњои тиббии ќадим, аз љумла дар «Гиёњнома»-и Абумансури Муваффаќ. Сунбул-Парсиёвишон бар сари чоњњо ва андар миёни рўдњо ва ба карафс монад ва соќаш сиёњ бувад ва борику сурхфом ва баргаш чун гашниз бувад, ки хуршед бар ў кам афтад. Сангро хурд кунад ва идролулбавл орад ва мўй бирўёнад. Хавосе доруї барои сунбул зикр кардаанд, ки муњимтарини онњо ќавї ва гарм кардани меъда ва аз байн бурдани балѓам аст. Гурба бўйи сунбулро азим дўст дорад. Дар ишора ба њамин вижагист, ки Њоќонї навиштааст: «Ѓояти њунари оњуи хитої он ќадар савобдиди њиммати ўст, ки чарохур аз бањман созад ва сар ба сунбула фуруд орад, ки гурба дўст дорад. Дар китоби «Албулдон» омадааст, ки сунбули њиндї дар Тибет рўяд ва дар љои рустани он афъї ва морњои кушанда бисёранд ва агар касе ақсоми онро нашиносад ва ё дасташ араќ карда бошад пас аз даст ба сунбул бурдан мемирад.

Бархе хулафо дастур медоданд, ки бар киштињои, ки аз Њинд омада ва атри сунбул бо худ дошта касоне бигуморанд ва онњоро хуб баррасї кунанд, то кушанда набошад:

Њам зањр дињад чу шохи **сунбул,**
Гар найшакаре гузид хоҳам [4,257].

Дар пањнои шеъри форсї рангу бўйи сунбул ва дигар гиёњони хушбў машомро менавозанд.

Марѓулро барафшон, яъне ба ранги **сунбул,**
Гирди чаман бухуре њамчун сабо бигардон [11, 224].

Зи дастбурди сабо гирди **гул** кулола нигар,
Шиканљи гесўи **сунбул** бубин ба рўйи **суман**[11, 226].

Дар “Фарњанги тафсирии забони тољикї” чунин оварда шудааст: «1.Сунбул гиёњи пиёзбехе, ки гули њалќавори хушбўй дорад. 2.маљозан зулфи (мўи) маъшуќа. Мавриди бисёре њаст, ки сунбул ё маљозан ба маънии зулф ба кор рафтааст ва ё ба навъи зулфњои хушбў ба он шабењ шудаанд:

Њам љон бад-он ду наргиси љоду супурдаем,
Њам дил бад-он ду **сунбули њиндї** нињодаем [11, 214].

То кунад боди сабо ѓолиясої ба чаман,
Парфишон бар сари **гул сунбули** анбарсоро[8, 39]

Анбар аст он дил ё мушки ноб,
Ё зи **сунбул** бар **гули** сурї ниќоб [8, 60].
Эй **гули** райњони ту **сунбули** бӯстонфурўз,
Турраи мањпуши ту силсилаи мушки ноб [8, 61].

Вожаи **гул** тавре ки зикр кардем, дар забони тољикї ба њайси яке аз вожањои хеле маъмул барои ифодаи маъноњои зиёде омада, њамзамон дар забони ѓазалиёти шоирони асрњои XIII-XIV чун вожаи фаъол хеле серистеъмол буда, дорои вазифањои гуногуни лексикию семантикї ва услубию фардї мебошад.

Дар њамин замина, метавон ин вижагињоро дар асоси маводи ѓазалиёти шоирони асрњои мавриди тањќиќ ба риштаи тањлил кашид ва тобишњои лексикию семантикии ин мафњумро муайяну муќаррар кард.

Саъдии Шерозї, Њофизи Шерозї, Мавлавӣ ва Камоли Хуљандї дар истифодаи вожаи мазкур ва баёни муассири он сањми муњим доранд. Дар ин росто, мо ба таври алоњида доираю дараљаи истеъмол ва ифодаи мафњуми “гул”-ро дар ѓазалиёти онњо мавриди баррасї ќарор медињем.

Адабиёт

Абдуќодиров А. Хусусиятњои лексикию услубии назми Мирзо Турсунзода /А.Абдуќодиров: рис.ном. илм.филол.–Душанбе:1974.-148с.
Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода/ А. Абдуқодиров.-Душанбе: Дониш, 1978.-124 с.
Захираи электронии Ганљур, Мавлавї.
Захираи электронии Ганљур, Њоконӣ
.Лингвистический энциклопедический словарь.-Москва: Большая советская энциклопедия, 2002, -707 с.
Луѓатномаи Дењхудо.https://www.vajehyab.com 16.09.18, 11[53]
مولانا جلال الدین محمد مشهور به مولوی. کلیت شمس)مطابق نسخهٔ تصحیحشدهٔ استاد بدیع الزمان فروزانفر(. تهران: چاپخانهٔ مهارت، – ص 748 .– 1374.
Камоли Хуҷандӣ. Девон. Ҷ. l. - Душанбе: Ирфон,1983.- 302 с.
Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. Ҷ. 1.- Душанбе: Адиб, 1988. – 330 с.
Фарњанги забони тољикї.– М.: Советская энциклопедия, љилди 1.-1969.–951с.2.-1969.–950, с.
Ҳофизи Шерозї. Куллиёт. - Душанбе: Ирфон. 1983.- 543 с.
Ширинбонуи, Исматуллоњ. Дафтари ишќ / Исматуллоњ Ш.–Душанбе: Ирфон, 2007.–144 с.
Саломов М .Вижагиҳои забонии ғазлиёти шоирони асрҳои XII-XIV (Таҳлили сохтори фонетикї, семантикї ва фразеологию луѓавї)/ М.Саломов: рис.док. илм.филол. –Душанбе: 2018, 354 с.
. مولانا جلال الدین محمد مشهور به مولوی. کلیت شمس)مطابق نسخهٔ تصحیحشدهٔ استاد بدیع الزمان فروزانفر(. تهران: چاپخانهٔ مهارت، – ص 748 .– 1374.

Characteristics of the Genre Qit'a of Vaizi Qazvini
МУҚАТТАОТИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ ВА МУХТАССОТИ ОНҲО

Shoev A.A.
Assoc. Prof., Tajik State Pedagogical University Named after S. Ayni, Dushanbe, Tajikistan
sayron80@mail.ru.

Abstract
One of the popular and widely used genres of classical Persian-Tajik literature is the qit'a. Medieval theoreticians called the qit'a a beheaded gazelle. Because its text is often found in odd rhyming form and sometimes in double rhyming. The qit'a is the main topic and the axis of ethics in all topics. Classical poets well understood the features of the genre and its structural essence and capacity, and decorated a certain part of their works with the genre of the qit'a.
In the history of literature, there are even poets like Ibni Yamen and Anwari Abevardi, who became famous in using genre qit'a. Vaizi Qazvini is not among these notables, but he continued the tradition of using genre qit'a in the 17th century and presented good examples of this genre to the reader in his divan. This article discusses the qit'as of Vaizi Qazvini. Using historical, comparative historical methods, recognition of literary genres, interpretation of literary works, statistics, etc., the author came to the conclusion that Vaizi Qazvini showed great skill in qit'a and placed his speech in the genre of qit'a. Another thing is that the preacher has chosen the topics according to the genre of the qit'a, and among them is the topic of ethics, which is characteristic of this genre. The text of most parts of the poet's songs are in odd rhyming, and this is also a special feature of the genre in question. In the qit'as created by the poet, there is also a historical element and so on. All these features, which have been mentioned, are characteristic of the qit'as of Vaiz Qazvini and show his skill, talent and art of speech creation.

Keywords: Art, Fiction, Literature, Meter, Poetry, Radif, Rhyme, Qit'a, Vaiz Qazvini, Theme.

Хулоса
Аз жанрҳои маъмул ва серистеъмоли адабиёти классикии форсу тоҷик қитъа ба шумор меравад. Қитъаро назариядонҳои асримиёнагӣ ғазали сарбуррида гуфтаанд. Зеро матлаи он аксар вақт дар шакли қофиябандии тоқ ва баъзан дар қофиябандии ҷуфт воқеъ мегардад. Қитъа дар тамоми мавзуъҳо гуфта шавад ҳам, мавзуи асосӣ ва меҳварии он ахлоқ мебошад.
Шоирони классикӣ вижагиҳои жанрӣ ва моҳияти сохториву зарфияти онро хуб дарк намуда, қисмати муайяни давовини хешро маҳз бо жанри қитъа оро додаанд.
Дар таърихи адабиёт ҳатто шоироне ҳам мисли Ибни Ямин ва Анварии Абевардӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар қитъасарой номвар гаштаанд. Воизи Қазвинӣ дар сафи ин номоварон набошад ҳам, дар асри 17 анъанаи қитъасароиро идома бахшида, намунаҳои хуби жанри мазкурро дар девони худ манзури хонанда кардааст.
Дар ин мақола дар бораи қитъаҳои Воизи Қазвинӣ баҳс шудааст. Муаллиф бо истифода аз методҳои таърихӣ, таърихӣ муқоисавӣ, шинохти жанрҳои адабӣ, шарҳи осори адабӣ, омор ва ғайра ба ин натиҷа расидааст, ки Воизи Қазвинӣ дар қитъасарой маҳорати олӣ нишон дода, сухани худро дар жанри қитъа ҷойгир намудааст. Дигар ин ки Воиз мавзуъҳоро ба жанри қитъа мувофиқ интихоб кардааст ва аз ҷумлаи онҳо мавзуи ахлоқ мебошад, ки хоси жанри мазкур аст. Матлаи аксари қитъаҳои сурудаи шоир дар қофиябандии тоқ воқеъ гаштаанд ва ин ҳам махсуси жанри мавриди назар аст. Дар мақтаи қитъаҳои эҷодкардаи шоир моддаи таърих низ дида мешавад ва ғайра. Ҳамаи ин вижагиҳо, ки гуфта шуд, хоси қитъаҳои Воизи Қазвинӣ буда, аз маҳорату истеъдоду ҳунари суханофаринии вай дарак медиҳанд.

Калидвожаҳо: Қитъа, Мавзуъ, Бадеият, Махсусият, Воизи Қазвинӣ, Радиф, Шеър, Қофия, Адабиёт, Санъати Бадеӣ.

Калимаҳои ифодагари гулу гиёҳ навъҳои гуногуни рустаниҳои табииро ифода карда, яке аз ҷабатҳои муҳимми лексикаи забони тоҷикӣ ба шумор мераванд. Табиати зебову хушманзараи кишвари мо аз давраи куҳан то инҷониб макони рустаниҳо ва гулу гиёҳҳои бешуморе ба шумор меравад, ки онҳо бо мавҷудияти табиии худ ва хусусиятҳои сохтори ботаникияшон яке аз манбаъҳои муҳимми илҳомбахши шоирону нависандагон ва инсонҳои хушзавқу зебоипараст ҷарор гирифтаанд. Рустаниҳо ва гулу гиёҳҳоро ҳамчун истилоҳи фаннӣ илми ботаника мавриди омӯзиш ҷарор медиҳад ва доир ба хусусиятҳои гуногуни сохтор, рустан, шакл, гурӯҳ, гардолудшавї, пайдоиши табиї, нашъу намо ва хазон гаштани онҳо маълумоти муҳим дода, ҳама хусуиятҳои ин мафҳумро мавзуи бањси илмии худ ҷарор медиҳад. Албатта, дар ин маврид муҳаққиқони гиёҳшинос бештар ба љанбаҳои илмии ин мафҳум таваљљуҳ зоҳир карда, танҳо хусусиятҳои истилоҳии онҳоро ба ҳайси вожаҳои якмаъно шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Дар услуби бадеї, махсусан услуби назм, вожаю мафҳумҳои рустанї ва гулу гиёҳҳо ба ҳайси мавҷудоти ботаникї ва табиї вазифаи дигаре доранд. Яъне, дар баробари он ки онҳо барои ифодаи мафҳуми табиї истифода мешаванд, боз аҳли эљод вобаста ба сохтори ботаникї ва мавҷудияти табииятон онҳоро барои ифодаи маъноҳои гуногун низ мавриди истифода ҷарор медиҳанд. Дар ин замина ин навъи вожаҳо дар асоси ҷонуниятҳои луғавию семантикї ба таҷйироти маъної дучор гардида, хусусияти маљозию рамзї пайдо мекунанд ва ё сермаъно гардида, дорои тобиш ва љилоҳои маъноии дигаре мегарданд. Дар ҳама маврид, яъне хоҳ ба маънои маљозию рамзї ва ё хоҳ сермаъно гардидан калимаҳои ифодагари рустанї ва гулу гиёҳ маънои аслии худро нигоҳ медоранд ва ҳамаи маъноҳои ифодагардида, ки вижагии услубї касб кардаанд, дар пояи маънои аслии ин навъ вожаҳо сурат мегиранд. Яъне, маънои аслї ё аввалаи ин навъ калимаҳо ҳамеша барои фаҳмидани маънои дуюм ё минбаъдаи онҳо мусоидат менамояд. Маноҳои дигари вожаҳо, ки аксаран дар пояи маљоз сурат гирифтаанд, бештар љанбаи зебоишинохтї (эстетикї) дошта, хоси услуби бадеї ва ё фардии эљодкорон ба шумор мераванд.

Барои он ки љанбаҳои усулубии вожаю мафҳумҳои ифодагари рустанї ва гулу гиёҳҳо муайян гардад, пеш аз ҳама, бояд онҳо аз љиҳати пайдоиш муайян гарданд ва љанбаҳои луғавии онҳо ба ҳайси вожаҳои ҷабати махсуси лексикии забон муайяну муҷаррар карда шавад, зеро ҳар як калимае, ки дар забон ба ҳайси воҳиди луғавї истеъмол мегардад, бояд дорои маънои луғавї бошад. Маънои луғавї муҳимтарин вижагии мавҷудияти калима ба ҳайси категорияи лексикии нутқ аст. Доир ба назарияи ин навъи маъно муҳаққиқон баҳсҳои доманадоре кардаанд. Дар китоби "Лингвистический энциклопедический словарь" ин мафҳум чунин шарҳ дода шудааст: "Маънои луғавии калима мундариљаи калимаест, ки дар шуур таљассум меёбад ва дар он тасаввурот дар бораи ашё, хусусият, ҳараён, зуҳурот ва ғайра инъикос ёфтааст" [5, с. 261].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калима дар таркиби луғавӣ ва дигар сатҳҳои забон нақши муҳим дошта, барои пурҷило ва пуршукӯҳ гардидани ин ё он ашё, мафҳум ва ҳодисаю воқеаҳо вазифаи муҳимми лингвистию эстетикиро иҷро мекунад.

Хусусиятҳои маъноии вожаҳои ифодагари гулу гиёҳ дар услуби бадеї аз рӯйи талаботи луғавї дорои вижагиҳои махсус аст. Махсусан дар услуби назм калимаҳо дорои ҳанбаҳои инфиродию услубии хосе гардида, ба шоир барои ифодаи андешаи муассиру ифоданок ва ҳолиб имконияти зарурiро пешниҳод менамоянд. Дар ин росто, як гурӯҳ вожаҳо бо маънои луғавї ва тобишҳои гуногуни маъної барои ифодаи маъноҳои ҳолиби таваҳҳуҳ ба таври фаровон дар забони шеър истеъмол мегарданд. Азбаски ин навъ вожаҳо (лексемаҳо) дар осори манзум ба таври фаровон истеъмол мегарданд ва ба аҳли эҳод барои ифодаи назарраси ашё, мафҳум ва ҳодисаю воқеаҳо мусоидат менамоянд, онҳоро муҳаққиқон вожаҳои фаъол ё вожаҳои шоирона номидаанд. Маврид ба таъкид аст, ки калима ба худии худ танҳо воҳиди луғавї, яъне ғатори овозҳое, ки дорои ғиёфаи овозї буда, дар шуури мо барои ифодаи маъное хизмат мекунанд, мебошад. Танҳо муносибати истеъмолкунандагон ба калима ба он хусусияти маъноию услубї мебахшад. Дар ин росто, калима дар нутқи шифоҳї ва нутқи хаттї дорои хусусиятҳои махсуси услубию фардї мегардад. Ҳатто, хонандаи оддї низ дарк менамояд, ки калимаҳо дар ду шохаи услуби бадеї - назм ва наср, ба таври гуногун мавриди истифода ғарор мегиранд ва дорои тобишҳои гуногуни маънои маҳозию рамзї мегарданд.

Ҳар як адиб дар захираи луғавии тафаккури эҳодии худ калимаҳои зиёдеро ҳамъоварї кардааст, ки дар ҳаҳзаҳои муҳимми эҳод аз онҳо самаранок истифода менамояд. Зимни эҳоди асари бадеї, махсусан шеър, вожаҳое, ки бештар дар он мавриди истифода қарор мегиранд, пеши назари шоир ҳилвагар мешаванд.

Доир ба мавқеи калимаҳои фаъол дар забони ғазал муҳаққиқони забони шеъри тоҳикї андешаҳои ҳолибе баён намудаанд. Аз ҳумла, Ш. Ҳаитова дар рисолаи худ чунин менигорад: “Дар марҳилаи эҳод шоир даст ба интихоби калимаву ибора мезанад ва ин ҳуқуқи ӯст. Ӯ ба густариш додани забони шеър мепардозад. Бофти хуш ва басомади алфоз боис мешавад, ки забони шеър рангин ва хушоҳанг гардад.

Калима дар танҳої дорои маъноҳои луғавӣ ва дастурӣ буда, дар ҳамбастагї бо матну калимаҳои дигар аз тарафи шоир зебої, назокат, диққатҳалбкунандагї барин хусусиятҳоро доро мегардад” [12, с. 12].

А.Абдуқодиров низ доир ба калимаҳои таркиби луғавии шеър андешаи ҳолибе баён кардааст: “Дар забони шеър вожаҳое дида мешаванд, ки дар каломи мансур нест. Таҳлили таркиби луғавии осори манзуми лирикї, синонимҳо, антонимҳо ва дигар ғабатҳои лексикї дар офаридани персонажи лирикї ба кор рафтаанд. Ин гурӯҳи лексика ва ибораҳо эҳсосоти маҳрамонаи муаллифро ошкору равшан ифода мекунанд ва он ба эҳсосоти ҳар фарду ҳама кас табдил меёбад” [1, с. 89].

Дар таҳқиқоти М. Саломиён масоили мазкур ба таври зайл мавриди баррасї ғарор дода шудааст: “Дар забони ғазали шоирони асрҳои XII-XIV як гурӯҳ вожаҳое инҳикос ёфтаанд, ки онҳо дар масири таърих ба ҳайси вожаҳои фаъол аз ҳониби шоирон мавриди истифода ғарор гирифта, барои ифодаи мафҳуму ҳодисаҳои гуногун хидмат намудаанд. Ҳамзамон, ин гурӯҳ вожаҳо ғайр аз ифодаи маънои аслии худ тобиши маъноии дигар касб намуда, бо маънои маҳозї барои ифодаи муассиру образноки мафҳумҳо ва воқеаву ҳодисаҳо хидмат кардаанд. Агар ба раванди густариши вожаҳои фаъоли забони ғазали ин марҳила назар кунем, дармеёбем, ки истифода ва истеъмоли семантикии онҳо якранг нест. Яъне, дар марҳилаи аввал вожаҳо бештар ба маънои аслї омада, дар марҳилаҳои минбаъда тобишҳо ва доманаи маъноии онҳо нисбатан густурдатар мегардад. Густариши маъноҳои як калима ва муносибати он бо вожаҳои дигар парадигмаи маъноиро ба вуҷуд меорад, ки дар илми семантика онро майдони лексикию семантикї меноманд” [13, с. 190].

Парадигмаи маъної дар забони ғазал бештар дар доираи вожаҳои фаъол сурат мегирад, зеро ин гурӯҳ калимаҳо ғайр аз маънои луғавии худ боз барои ифодаи тобишҳои гуногуни маъної омада, забони шеърро хушоҳанг, ҳолиб ва муассир менамоянд.

Дар таркиби луғавии забони шеър, хоса забони ғазал, калимаҳои ифодагари гулу гиёҳ низ ҷойгоҳи махсусро доро буда, ба ҳайси вожаҳои фаъол барои ифодаи ашё, мафҳум ва ҳодисаю воқеаҳои гуногуне мавриди корбаст ғарор гирифта, дар бунёди калимаҳои якмаъною сермаъно, ифодаҳои маҳозию ибораҳои фразеологї ва ифодаи рамзҳо нақши муҳимме гузоштаанд.

Бинобар ин зарур аст, ки доир ба сайри таърихии вожаи гул ва ифодаи маънои луғавии он ба таври мухтасар изҳори андеша намоем.

Дар “Луғатномаи Деҳхудо маъно ва тобишҳои гуногуни ин вожа ба таври густурда шарҳу тавзеҳ ёфта, доир ба сайри таърихии ин калима чунин маълумот пешниҳод шудааст: “Гул дар авроқи монавї (ба портї) **вар (var)** (гули сурх), дар “Авасто” **вардо (vardā),** арманї **вард (vard),** паҳлавї гӯл (gůl), **варто (varto), вард (vard)**, муарраби **вард**, ғиёс кунед бо арманї **варджас**, курдї **гӯл (гули сурх)**, ба арабї **вард** хонанд” [https:// www.vajehyab.com 11.09.23, 15[08]].

Гул дар “Фарҳанги забони тоҳикї” чунин шарҳ дода шудааст: “Ғунча ва ё муғҳаи вошудаи гиёҳон ва дарахтон, шукуфаи кушуда, баргҳои рангини ба ҳам пайваста, ки баъзе дарахтон ва гиёҳҳо дар шохаи худ ҳосил мекунанд ва баъд аз муддате ба ҳои он тухм ё мева ба вуҷуд меояд; гули садбарг, вард, ки аксар хор дорад” [10, с. 281].

Дар ин маънї Саъдии Шерозї чунин гуфтааст:

Гул низ дар он њафта дањан боз намекард

В-имрўз насими сањараш парда даридаст [9, 374].

Вожаи **гул** ба њайси ифодагари мафњум аз вожањои аслии тољикї ба шумор меравад ва дар раванди инкишофи таърихї ҳамчун истилоњ барои ифодаи мафњуми рустанињо корбаст гардида, њамзамон ба њайси яке аз вожањои маъмул дорои тобишҳои гуногуни маъноӣ гардида, барои ифодаи маъноњои муассире хизмат намудааст.

Бигзор дар он кўй мани ашкфишонро,

То дида дињад об **гулу сарву райњонро** [8, 15].

Калимаи **гул** дар забони осори классикї дар баробари он ки мафњуми **гул** (растанї)-ро ифода мекард, бештар барои ифодаи маънои **гули садбарг** (гули сурх) меомад ва то имрўз њамин маъно идома дорад. Мавриди таъкид аст, ки вожаи **гул** аксаран дар забони тољикї бо вожаи **гиёњ** дар њамнишинї ва таркиб ифода меёбад. Вале мафњуми **гиёњ (гиё)** нисбат ба мафњуми **гул** бо баъзе хусусиятњояш фарќ мекунад. Яъне, агар мафњуми **гул** дар забони шеър бештар љанбаи сувариро ифода намояд, мафњуми гиёњ алаф, набототи ѓайричўбї [10, с. 262]-ро ифода менамояд. Дар баробари ин хусусиятњояш калимаи **гиёњ** ба њайси истилоњ љанбаи шифобахшию доруворї будан ва истеъмол шуданро ифода менамояд. Масалан, дар байтњои зер ин хусусият чунин ифода ёфтааст:

Бас кун, эй дўст, ки санбўса чу бисёр хўрї,

Ки зи санбўса туро бўйи **гиё** меояд [7, 329].

Калимаи **гул** низ баъзан бо вожаи **гиёњ** муродиф шуда, барои ифодаи мафњумњои доруворию маводи шифобахш истеъмол мешавад. Яъне, он анвои гуле, ки ин маъноро ифода менамоянд, тавассути калимаи **гул** ифода мешаванд.

Масалан, гули сунбул ё сумбул, ки аслан аз калимаи санскритї гирифта шуда, гиёњест доруї аз тираи савсанињо, ки гулњои бунафши он ба шакли хуша аст. Сунбули эронї гулњояш сафедранг аст ва анвои зиёде дорад, ки аз он миён навъи румї аз љабалї ва њиндии он маъруфтаранд. Навъи њиндии онро «Сунбулуттиб» гўянд ва Сунбули хитоиро «гули фариштa» номанд. Сунбул яке аз шинохташудатарин анвои бўйи хуш ва атрро дорад ва аз нишонањои махсуси Зўњра ё Ноњид аст ва аз тариќи номњо ва сифот бо Ноњид иртибот меёбад.

Дар китобњои тиббии ќадим, аз љумла дар «Гиёњнома»-и Абумансури Муваффаќ. Сунбул-Парсиёвишон бар сари чоњњо ва андар миёни рўдњо ва ба карафс монад ва соќаш сиёњ бувад ва борику сурхфом ва баргаш чун гашниз бувад, ки хуршед бар ў кам афтад. Сангро хурд кунад ва идролулбавл орад ва мўй бирўёнад. Хавосе доруї барои сунбул зикр кардаанд, ки муњимтарини онњо ќавї ва гарм кардани меъда ва аз байн бурдани балѓам аст. Гурба бўйи сунбулро азим дўст дорад. Дар ишора ба њамин вижагист, ки Њоќонї навиштааст: «Ѓояти њунари оњуи хитої он ќадар савобдиди њиммати ўст, ки чарохур аз бањман созад ва сар ба сунбула фуруд орад, ки гурба дўст дорад. Дар китоби «Албулдон» омадааст, ки сунбули њиндї дар Тибет рўяд ва дар љои рустани он афъї ва морњои кушанда бисёранд ва агар касе ақсоми онро нашиносад ва ё дасташ араќ карда бошад пас аз даст ба сунбул бурдан мемирад.

Бархе хулафо дастур медоданд, ки бар киштињои, ки аз Њинд омада ва атри сунбул бо худ дошта касоне бигуморанд ва онњоро хуб баррасї кунанд, то кушанда набошад:

Њам зањр дињад чу шохи **сунбул,**

Гар найшакаре гузид хоҳам [4,257].

Дар пањнои шеъри форсї рангу бўйи сунбул ва дигар гиёњони хушбў машомро менавозанд.

Марѓулро барафшон, яъне ба ранги **сунбул,**

Гирди чаман бухуре њамчун сабо бигардон [11, 224].

Зи дастбурди сабо гирди **гул** кулола нигар,

Шиканљи гесўи **сунбул** бубин ба рўйи **суман**[11, 226].

Дар “Фарњанги тафсирии забони тољикї” чунин оварда шудааст: «1.Сунбул гиёњи пиёзбехе, ки гули њалќавори хушбўй дорад. 2.маљозан зулфи (мўи) маъшуќа. Мавриди бисёре њаст, ки сунбул ё маљозан ба маънии зулф ба кор рафтааст ва ё ба навъи зулфњои хушбў ба он шабеҳ шудаанд:

Њам љон бад-он ду наргиси љоду супурдаем,

Њам дил бад-он ду **сунбули њиндї** ниљодаем [11, 214].

То кунад боди сабо ѓолиясої ба чаман,

Парфишон бар сари **гул сунбули** анбарсоро[8, 39]

Анбар аст он дил ё мушки ноб,

Ё зи **сунбул** бар **гули** сурї ниќоб [8, 60].

Эй **гули** райњони ту **сунбули** бўстонфурўз,

Турраи маљпуши ту силсилаи мушки ноб [8, 61].

Сабки мағлубшуда аз таҷрибаҳои насри ирфонӣ мебошад, яъне дар он омехтагии забони меъёрӣ ва забони гуфтугӯӣ мебошад. Аммо сухани мағлубшуда нақши отифӣ, интишофӣ, зебоии офариниш ва ҳунари забонро бармегузинад. Ориф забонро зарфи аҳвол шӯру ангеза ва ҳиҷобҳои отифии худ месозад, ки он ҳолати дарунии хеш мебошад (Ансорӣ, 52). Баъзе қисматҳои Сад майдон ва қариб аксари номаҳо бо санъати лафзӣ ва маънавӣ оро дода шудаанд. Гумон меравад, ки Хоҷа ҳангоми имлои ин ду асар ҳолатҳои иртибот бо ҳақиқатро аз сар гузаронидааст.

Сухани пурмазмун аз доираи шуури расмӣ ва истилохоти тасаввуфӣ ба вучуд меояд, ин гуна гуфтор бори вазнини идеологиро бар душ дорад. Чунон ки дар матни Расоил мебинем, фазои идеологӣ ҳукмфармост, забони он калон ва пурпечутоб буда, шабоҳатҳои овоӣ ва лафзӣ камтар мушоҳида мешавад. Сабки ин асар мисли сабки «Сад майдон», «Табақот-ус-суфия» ғанӣ аст. Суханҳои пурэъҷози инзивоӣ дар матни Муноҷот ба назар мерасад, ки он нишонаи насри мусаҷҷаъи дараҷаи камоли иншо аст. Матнхои бойю ғанӣ аз балоғати калом ба далели такя ба гуфторхои пешин ва ҳолатҳои мавъизаву баён хама якхела буда, дорои андешаҳои умумии ирфонӣ буда, сабки ягона ва якнавохт надоранд. Таваҷҷуҳи суханони Пири Ҳирот ба суханони пирони пешин, латифаҳо, гуфторҳо, мавъизаҳо, андешаҳо ва ривоятҳо ба тавре аст, ки баъзе аз онҳо иқтибоси баъзеи дигаранд (Ҳамон ҷо: 48). Мисли истинод «Табақот-ус-сӯфия»-и Ҳоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба рисолаи «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдураҳмони Сулламӣ, ки ба забони арабӣ навишта шудааст монанд аст. Аз хамин сабаб дар «Табақот-ус-сӯфия»-и Хоча вожахо, ибораҳо, таркибхо ва сохти синтаксисии забони арабй роххои зиёде пайдо кардаанд. Ҳамчунин, тазкираи “Нафҳот-ул-унс”-и Ҷомӣ аз «Табақот-ус-сӯфия»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз ҷумлаи матнҳои ғанӣ маҳсуб мешавад.

Аннотатсия

Осори ирфонии Ансорӣ се самти асосии тасаввуфи исломиро дар бар мегирад. «Табакат-ус-суфия» тазкираи ашхоси ирфонӣ буда, дорои вижагиҳои осори жанри ёддоштӣ буда, дар «Расоил» бошад, муаллиф аз ҷустуҷӯҳои рӯҳониаш илҳом гирифта, ҳолати ботинии худро дар осори хатти худ инъикос намуда, дар «Сад майдон» муаллиф ибтидои илмии асарро эътироф намуда, ба бисьёр саволхои назарияи тасаввуф равшанӣ мебахшад. Дар «Мунаҷотнома» истеъдоди эҷодии Ансорӣ зоҳир мегардад бо ақидаҳои тасаввуфӣ печида, пардаи хонандаро дар бораи ҳадафи аслии рӯ овардан ба сӯи Худо, дур шудан аз ҳар чизи ночиз ва ночиз мебардорад.

Дар рисолаҳои мавриди назар услубҳои гуногун мавҷуданд:

1. Дар «Сад майдон» услуби меъёрӣ дида мешавад;
2. Услуби муколама дар «Табакат-ус-суфия» ба чашм мерасад;
3. Услуби назариёти ирфони дар «Расоил» омадааст;
4. Услуби муроҷиат ба Худо, инзиво дар «Мунаҷотнома».

Услуби осори тасаввуфӣ аз насри амалии тасаввуфӣ сарчашма мегирад, яъне аз омезиши забони меъёр ва гуфторӣ иборат аст. Бо вуҷуди ин, ин услуб ба зебоӣ, ҳамоҳангӣ, маҳорати эҷодӣ ва малакаҳои забонӣ дар печида омадааст. Тасаввуф забонро ба зарфи эҳсосот ва ҳаяҷон табдил дода, онро пӯшиши раҳмате месозад, ки ҳолати ботинии ӯро ошкор кунад. Дар баъзе қисматҳои «Сад майдон» ва қариб дар ҳамаи навиштаҳо (расоил) бо воситаҳои ифодаи лафзӣ ва маъноӣ оро дода шудаанд. Гумон меравад, ки ҳангоми навиштани ин асарҳо Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар ҳолати ҷустуҷӯ ва дарки ҳақиқат қарор доштааст.

Адабиёти истифодашуда

Ансорӣ, Абдуллоҳ. Муноҷотнома / Бо кӯшиш ва эҳтимоми Равонии Фарҳодӣ. -Теҳрон, 1977. - 54с.
Ансорӣ Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия / Бо тасҳеҳи Ҳусайни Оҳӣ.-Теҳрон: Фурӯғӣ, 1380. - 733 с.
Ансорӣ, Абдуллоҳ. Сад майдон / Бо эҳтимоми Қосим Ансорӣ. -Теҳрон, 1363.-125с.
Қуръони маҷид / Тарҷумаи Абдулҳамиди Оятӣ. Баргардони Мирзо Комрон. – Теҳрон: Интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1376 (1997). – 606 с.
Маҷмӯаи расоили форсии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ / Бо тасҳеҳу муғобалаи се нусха ва мугаддимаву фаҳориси Муҳаммадсарвари Мавлоӣ. - Ҷ.1. -Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1377.- 427 с.
Тафсири адабӣ-ирфонии Абдуллоҳи Ансорӣ. - Ҷ.1.– Теҳрон: Иқбол, 1379. - 360с.
Тафсири адабӣ-ирфонии Абдуллоҳи Ансорӣ. - Ҷ.II.– Теҳрон: Иғбол, 1379. - 240с.

Баҳор, Муҳаммадтағӣ. Сабкшиносӣ. - Ҷ.1. -Теҳрон,1373. - 323с.
Бахтин М. Проблемы поэтики Достоевского.-М.: Сов. писатель. 1963. - 363с.
Боркюэй, Серж. Пири {ирот / Тарҷумаи Равонии Фарҳодӣ. – Кобул, 1978. – 420с.
Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Аз гузашти адаби Эрон. –Теҳрон, 1362.-327с.
Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. - Теҳрон, 1378. - 832с.
Кошонӣ, Абдураззоқ. Шарҳи манозил-ус-соирин. - Теҳрон, 1370.-150с.
Куделин С.А. Средневековая арабская поэтика. – М.: Наука, 1983. – 262 с.
Лихачев Д.С. Поэтика древнерусской литературы. - Л.: 1972. - 356с.
Насриддинов А. Маърифат ва шарҳи адабиёт. - Душанбе, 1991.-192с.
Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. - Душанбе: Дониш, 1991. - 160с.

Interior Music in Gazality of Hayrat
МУСИҚИИ ДАРУНӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ ҲАЙРАТ

Chillaev Suhrob GURAKHONOVİCH
Dr., Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
934189667@mail.ru

Abstract
In the article, the author tried to discuss the inner music of the ghazelle “Hayrat” with reliable witnesses.
One of the most effective factors in the quality of a poem is its internal music. The repetition of vowels and consonants and the words used in a verse or stanza of a poet's poetry can have a great influence on the melody of the inner music. The intention of the inner music is the use usage of verbal arts (with a musical aspect) in poetry, which Hayrat often used in his ghazals from its kinds and species. The verbal arts that the poet tried in his ghazals are pun, derivation, atrophy, rad us-sadr ila-l-juz, rad ajuz ila-s-sadr, offend, rad-ul-matlaa and zakafiatan. Meanwhile, Hayrat benefited this art form than any other word industry.

Keywords: Ghazal, Hayrat, Inner music, Melody, Repetition, Speech, Term, Word, Youth creativity.

Хулоса
Дар мақола муаллиф саъй намудааст, ки мусиқии дарунро дар ғазалиёти Ҳайрат бо шавоҳиди муътамад мавриди баррасӣ қарор диҳад.
Яке аз омилҳои бисёр муассир дар вақҳи аҳсани шеър мусиқии дохилӣ ё дарунии он мебошад. Такрори ҳуруфи садоноку ҳамсадо ва калимаҳои бакоррафта дар мисраъ ё байти ашъори шоир метавонад ба оҳангнокии мусиқии дарунӣ таъсири зиёде дошта бошад. Манзур аз мусиқии дарунӣ ё дохилӣ истифодаи санъатҳои лафзӣ (ҷанбаи мусиқӣ доранд) дар шеър мебошад, ки Ҳайрат дар ғазалиёташ аз анвоу ақсоми он зиёд исифода бурдааст. Санъатҳои лафзие, ки шоир дар ғазалиёташ аз онҳо суд ҷустааст, амсоли таҷнис, иштиқоқ, тарсеъ, рад ус-садр ила-л-аҷуз, раду аҷуз ила-с-садр, эъност, рад-ул-матлаъ ва зуқофиятан мебошанд. Дар ин миён, Ҳайрат аз навъҳои санъати таҷнис нисбат ба саноеи лафзии дигар бештар баҳра бурдааст.

Калидвожаҳо: мусиқии дарунӣ, ғазал, Ҳайрат, санъатҳои балоғӣ, воҷоройӣ, оҳанг, истилоҳ, лафз, такрор.

Яке аз унсурҳое, ки дар таъсиргузории шеър саҳм дорад, ин оҳанг мебошад. Ба қавли Рене Уэллек таъсири куллии шеър мубтанӣ бар оҳанги шеър аст [5, 82]. Манзур аз оҳанг танҳо вазни шеър нест, балки тамоми таносубҳои савтиву маънавӣ аст, ки онҳо аз мусиқии берунӣ (вазни арузӣ), мусиқии канорӣ (радифу қофия), мусиқии дарунӣ ё дохилӣ (воҷоройӣ ва анвои ҷинос) ва мусиқии маънавӣ (санъатҳои маънавӣ: тазод, мурооту назир...) иборатанд. Дар таърифи мусиқии дарунӣ Шафеии Кадканӣ дар китоби “Мусиқии шеър” чунин овардааст: “Мусиқии дарунӣ ҳосили ҳамоҳангӣ ва таркиби калимот ва танини хосси ҳар ҳарф дар муҷовират бо ҳуруфи дигар аст. Бисёре аз ороятҳое, ки таҳти унвони мусиқии дарунӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, дар ҳақиқат, зермаҷмуаи ороятии такрор аст” [3, 51]. Яъне, такрор ҳунари суханороӣ аст, ки аз ҷиҳатҳои гуногун ба анвои каломи мавзун зебоӣ ва оҳангу танини хосе мебахшад. Устод Сируси Шамисо бар ин бовар аст, ки ҳунари суханороиро бояд яке аз мухтассоти сабки адабӣ қаламдод кард [12, 17]. Илова бар дидгоҳи сабкшиносӣ, аз дигар назар, амсоли бадеи лафзӣ, маонӣ, баён, аруз ва қофия қобил таваҷҷуҳ мебошад.

Санъати такрор аз назари қудамо ҷузъи уюби фасоҳат дониста шудааст ва шоироне, ки дар ашъорашон аз ин санъат бештар истифода намудаанд, мавриди мазаммат қарор гирифтаанд. Вале баъзе аз донишмандон такрорҳои бомаварид дар шеърро ҳунари шоирӣ медонанд.

Дар мақола муаллиф саъй кардааст, ки ороятҳои лафзие (навъе аз такрор), ки Ҳайрат дар ғазалиёташ аз онҳо баҳра бурдааст, бо шавоҳиди шеърӣ баррасӣ намояд.

Албатта, аксари балоғиён дар таърифи ороятҳои бадеӣ иттифоқи назар доранд. Бештари ин таърифҳо аз китобҳое, чун: “Тарҷумон-ул-балоға”-и Родуёнӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Ватвот ва “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайси Розӣ ба кутуби донишмандони мутааххири улуми балоғӣ роҳ ёфтааст. Баъзе аз муҳаққиқони баъдӣ дар таърифу дастабандии анвои адабӣ аз худ ибтикороте ба ҷой гузоштаанд, ки қобили таҳсин мебошанд. Мутаассифона, бархе аз назарияпардозон дар мавзуи мазкур ба ифрот роҳ додаанд, ки мухотаб дар тамийизи онҳо роҳгум мезанад. Ба ҳамин хотир, мо дар ин ҷустор танҳо ба таърифи истилоҳии онҳо қаноат намуда, аз тафсилоти барзиёд иҷтиноб варзидем.

Санъати таҷнис дар истилоҳи илми бадеъ калимаҳои дар шакли зоҳир монанд, ҳамҷинсро мегӯянд, ки маънои мухталиф доранд [8, 323]. Донишмандони улуми адабӣ таҷнисро ба навъҳои гуногун (том, зоид, ноқис, мураккаб, мутарраф, музореъ, хат, лафзӣ, мукаррар) дастабандӣ кардаанд, ки дар аснои таҳқиқ ҳар якро бо намунаҳо аз мунтахаботи ғазалиёти Ҳайрат мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

1. Дар таъниси том ҳарфҳои ҳар ду рукн ба ҳам мувофиқати пурра доранд [8, 324]. Дар сурудаҳои Ҳайрат ин навъ ҷинос камтар истифода шудааст:

Не майл сӯйи сунбулу хотир на ба **шамшод**,
З-он қад ба хаёлам хушу з-он зулф ба **шам шод** [9, 52].

Калимаҳои “шамшод” дар мисраи аввал ва “шам шод” дар мисраи дуюм ҷиноси том мебошанд. Дар марҳалаи аввал мухотаб ҳаммаъноиро миёни вожаҳои мазкур ҳис мекунад ва бо каме диққат тафовути маънои онҳоро мушаххас менамояд. “Шамшод”-и мисраи аввал ба маънои “дарахт” ва “шам шод” мисраи дуюм (аз ҳам ҷудо навишта мешавад), маънои “бӯйи хуш” омадааст. Вожаи “шамшод” бо “сунбул”-у “қад” ва калимаи “шам шод” бо “зулф” таносуб доранд. Дар баробари санъати таҷнис, такрори ҳуруфи ҳамсадои “ш” ва садонокҳои “а”, “у” танини хосе ба байт афзудааст.

2. “Таљниси зоид он аст, ки калимаи мутаҷонис аз дигаре ба ҳарфе зиёдат бошад” [11, 273]. Ин навъи ҷинос дар сурудаҳои Ҳайрат нисбат ба навъи аввал бештар мавриди корбурд қарор гирифтааст. Шоир бо истифодаи ин гуна ҷинос, яъне афзудани ҳарфе дар оғоз, миён ва охири вожаҳои ашъораш тавонистааст мазмуни баланде офарад, ки қалби хонандаро тасхир кунад. Масалан:

Мурдем аз хумор, **биё**, соқиё, **биёр**
З-он оби зиндагӣ, ки бинӯшем мурдавор [9, 77].

Дар байти фавқ канори ҳам қарор гирифтани калимаҳои ҳамҷинси “биё”-ву “биёр” бо афзудани ҳамсадои “р” ба вожаи охири мисраи аввал навъи таҷниси зоид эҷод кардааст. Ҳайрат бо корбасти калимаҳои ҳамрешаи “биё”, такрори ҳарфи йотбарсарӣ “ё” се бор ва садоноки “и” нуҳ маротиба ҷанбаи мусиқоии каломашро бештар кардааст.

3. “Дар таљниси ноќис њарфњои њамсадо мувофиќ омада, садонокњои кўтоњ фарќ мекунанд” [8, 325]. Дар хатти форсӣ баъзе калимаҳоро монанди ҳам менависанд, вале дар ҳаракат, яъне садонокҳои кӯтоҳ дар талаффуз (монанди мулк ва милк (ملک- ملک) фарқ мекунанд.

То ҳарфи васфи он лаби чун писта бастаам,
Аз қайди қанду в-аз тамаи **руста растаам** [9, 98].

Дар байти боло калимаҳои “**руста**”- ву “**раста**” ҷиноси ноқисанд, ки дар хатти форсӣ (رسته -رسته) як навишта мешаванд, вале аз назари маънои фарқ доранд. Вожаи “руста” ба маъно “ҳалво” ва “раста” аз масдари “растан” ба маънои “раҳоӣ”, “озодӣ” меоянд. Ба ғайр аз ҷиноси ноқис, калимаи “лаб” бо “писта” (маҷозан даҳонро дар назар дорад) ва бо вожаҳои “қанд”-у “руста” иҳом дорад , ки дар зиёд намудани мусиқии маънавии байт бисёр муассир аст. Ҳамчунин, миёни вожаҳои “раста” ва “руста” саҷъи мутавозин аст, ки санъати мувозинаро ташкил додааст.

4. “Дар таљниси мураккаб як рукн сода ва як рукни дигари таљнис мураккаб аст ва таносуби њуруфи миёни онњо риоя мешавад” [10, 53]. Ин навъ ҷинос дар ғазалиёти Ҳайрат хеле кам ба назар мерасанд ва мо барои огоҳии мухотабон як намунаи ҷиноси мазкурро дар зайл нишон медиҳем.

Қосид чу расӣ назди нигорам, бишунав, **бар,**
Ҳарфе зи мани хаста ба он дилбари **навбар.**
Пеши суману настарану лола зи хубӣ
Бирбуд, чу бикшод маҳи ман ба гарав **бар**.
Дар боғ чу шуд сарви ман аз ноз хиромон,
Шамшод хиҷил гашт аз он қадди **санавбар...** [9, 80].

Дар абёти фавқ миёни калимаҳои “бар”, “навбар” ва “санавбар” ҷиноси мураккаб омадааст. Ҳамчунин, шоир радифу қофияро ба ҳам махлут кардааст. Кошифӣ дар “Бадоеъ-ул-афкор” омехтагии радифу қофияро имтизоҷ номидааст: “Имтизоҷ дар луғат омехтан аст ва дар истилоҳ он аст, ки радиф ва қофияро ба ҳам мумтазаҷ созанд” [2, 164]. Яъне, Ҳайрат дар корбурди радиф аз шоирони ҳинҷоргурез ба шумор меравад. Дар ғазали боло ҳадафи шоир аз такрори вожаҳои ҳамҷинси “бар”, “навбар” ва “санавбар” фақат боло бурдани ҷанбаи мусиқоӣ ва такмили вазн мебошад.

5. **“**Дар таљниси мутарраф њарфњои охирини калимањои таљнис ба њам мухолиф меоянд” [10, 55].

Як нимҷо**н**и ман, ба яке ним ҷо**м**и май
Бодо фидоятон, ки расад аз сабуятон [9, 100].

6. “Ихтилофи як ё ду њарфи аввали рукнњои таљнисро таљниси музореъ мегўянд” [8, 326]. Ваҳидиён Комёр ин навъи ҷиноср ҷинос бо ихтилофи ҳарф номидааст [7, 27]. Мумкин аст, ихтилофи ҳуруф дар аввал, миён ва охири вожа иттифоқ афтад.

Дил хунук шуд ях барин, аз даст шуд кори **дигар**,
Оташи ишқи нигоре то фитод андар **ҷигар** [9, 82].

Ҷиноси музореъ дар байти аввал миёни калимоти “**дигар**”-у “**ҷигар**” бо ихтилофи ҳуруфи аввал омадааст. Инчунин, вожаҳои “ях”-у “оташ” дорои санъати тазод мебошанд, ки мусиқии дарунии байтро афзун кардаанд. Дар байти зерини Ҳайрат байни калимаҳои “соле” ва “ҳоле” ҷиноси музореъ ба кор рафтааст. Чунончи:

Эй дил, айёме, ки айши моҳу с**оле** доштӣ,
Дар тарабгоҳи висол осуда **ҳол**е доштӣ [9, 117].

7. “Дар ҷиноси лафз ду калима аз назари лафз яксон ҳастанд, вале дар хат тафовут доранд. Ин навъ ҷинос бидуни таваҷҷуҳ ба хат дар ҳақиқат ҷиноси том аст. Аммо аз назари хат бо ҳам тафовут доранд ва ба иборати дигар аз назари дидорӣ ҷиноси том нестанд” [7, 29]. Ҳайрат дар байти зерин чунин зикр мекунад:

Чун бигӯям зи Татор омадаӣ ё аз **Чин**,
Дошт **чин** зулфи ту он рӯз, ки Тотор набуд [9, 72].

Ҷинсои хат миёни вожаи “Чин” ба маънои кишвари “Чин”, ки бо ҳарфи калон навишта мешавад ва калимаи “чин” дар мисраи дуюм ба маънои “шикан, баҳамшикастагӣ дар пӯсти рӯй” омадааст. Дар

баробари ҷиноси хат, миёни вожаи “Тотор” дар мисраи якум ва дуюм ҷинос аст, ки дар эҷоди мусиқии дарунии байт муассир мебошад.

8. “Ин навъи таљнисњоро муздаваљ ва мураддад низ мегӯянд. Маънои калимаи мукаррар такроршуда ва бозгашт аст” [8, 329]. Чунончи Ҳайрат дар санъати мазкур овардааст:

Зоҳид, зи ҳарфи тавбаи мо як варақ гузар,
К-ин **фасл фасли** хондаву боби гузашта аст [8, 40].

Дар байти аввал вожаи “**фасл”** такрор омада, ҷиноси муздавиҷ сохтаанд. Байни калимаҳои “зоҳид”-у “тавба” ва “варақ”, “хондан”, “фасл”, “боб” таносуб дида мешавад, ки ин таносуб ба ҷанбаи мусиқии дарунии байт ва оҳанг афзунӣ бахшида, шоир мухотабро маҷзуби худ гардонидааст.

Ё ин ки дар таљниси муздавиҷ калимањои њамљинс метавонанд дар интиҳои мисраъњо мукаррар оянд. Чунончи калимаи “гирех” дар байти зайли Ҳайрат:

Шуд зи фалак сад гирех шуълаи оҳам баланд,
Шона чу шуд рӯ бар он зулфи **гирех дар гирех** [112].

Санъати дигаре, ки ҷанбаи мусиқии дарунии ашъори шоиронро таъмин мекунад, ин санъати иштиқоқ мебошад. Баъзе аз балоғиён санъати иштиқоқро навъи таҷнис медонанд ва онро ҷиноси иштиқоқ мегӯянд. Худоӣ Шариф ва Урватулло Тоиров дар таърифи санъати мазкур чунин зикр мекунанд: “Иштиќоќ гирифтани калимаро аз решаи дигар, нимаи чизе гирифтанро мегӯянд. Дар истилоњи илми бадеъ дар шеър ё наср истифода кардани калимањои аз як реша баромадаро иштиќоќ меноманд” [8, 330]. Зебоии ин санъат дар ҳамрешагӣ ва иштироки калимаҳои ҳамреша мебошад.

Маро, ки чашм **хато** ҷуз ту дар **гуноҳ** фиканд,
Бизан, ки нест **хатоят**, бикун, ки нест **гуноҳат** [9, 46].

Дар мисраи аввал вожаҳои “хато”-ву “гуноҳ” ва дар мисраи дуюм “хатоят”-у “гуноҳат”, ки аз як решаанд ва канори ҳам қарор гирифтанд, оҳанги зебое ба байт зам намуда, санъати иштиқоқро ташкил додаанд. Оҳанги калимаҳои мисраи аввал (“хато”-ву “гуноҳ”) дар зеҳни мухотаб танинандоз аст, ки ғинои вожаҳои мутаҷониси дигар (“хатоят”-у “гуноҳат”) ба гӯш мерасад ва шунавандаро ба тааммулу тадаббури бештар вомедорад. Дар байти зерин санъати иштиқоқ миёни калимаҳои “**мадор**” ва “**ҷон**” омадааст:

Мадор аз фиғон даст, эй, ки набвад,
Мадоре ба ҷону ба ҷонон мадор [9, 56].

Мутобиқати садр бо аљуз санъати рад-ус-садри ил-ал-аљуз аст ва акси онро санъати рад-ул-аљузи ил-ас-садр мегӯянд. Ба ин навъ санъат санъати тасдир ҳам мегӯянд. Шоир бо истифода аз санъати мазбур ба ҷанбаи мусиқоии каломаш афзудааст. Корбурди ин санъат дар ғазалиёти шоир аз завқи зебоишиносии ӯ дарак медиҳад. Чунончи:

То **гирех** аз гесуят боди сабо боз кард,
Ваҳ, чи аламҳо, ки шуд дар дили анбар **гирех** [9, 112].

Зикри вожаи “гирех” дар мисраи аввали (садр) байт ва такрори он дар мисраи дуюм (аҷуз) санъати рад-ус-садри ил-ал-аљуз мебошад, ки зебоии каломро дучанд карда, мусиқии даруни байтро бештар намудааст.

Дар байти зерин калимаи “шаб” дар охири (аҷуз) мисраи аввал ва мукаррар омадани он дар аввали (садр) мисраи дуюм санъати рад- ул-аљузи ил-ас-садр аст. Ба ғайр аз санъати мазкур миёни вожаҳои “қадр” ҷинос ва калимаи “зулф” бо “шаб” аз лиҳози сиёҳӣ таносуб доранд. Чунончи:

Зи зулфи ман чӣ мепурсӣ дар ин **шаб**,
Шаби қадр аст, қадри хеш дарёб [9, 38].

Муздавиҷ навъи дигари ороияи лафзӣ мебошад, ки Ҳайрат дар ғазалиёташ аз он баҳраманд гаштааст. “Маънои муздаваљ љуфтшуда, омехташуда мебошад. Муздаваљ шеърест, ки мисраъњои паёпайи он њамвазн ва њамќофия меоянд, яъне маснавиро муздаваљ њам мегўянд. Инчунин, дар дохили мисраъ, ба ѓайр аз ќофия, овардани салъъро муздаваљ гуфтаанд” [8, 353].

Дилдодаву маҳзунаму ранҷураму музтар,
Бо рӯйи ту, аз хӯйи ту, эй шӯхи ситамгар [9, 76].

Шоир дар байти фавқ калимаҳои саҷъдори “маҳзунам”-у “ранҷурам” ва вожаҳои “рӯйи ту”-ву “хӯйи ту”-ро дар канори ҳам оварда, санъати муздавиҷ эҷод кардааст, ки ба ғиноии мусиқии дарунии байт афзудааст.

Дар баробари дигар саноеи лафзии балоғӣ Ҳайрат аз санъати тарсеъ ҳам истифода намудааст, ки назарияпардозон санъати мазкурро чунин таъриф кардаанд: “Тарсеъ дар истилоњи илми бадеъ мутобиќати ќаринањои њар лафзи байт ё насрро дар вазн ва њарфи равї тарсеъ мегўянд” [8, 321]. Бо таваҷҷуҳ ба таърифи санъати тарсеъ он аз оҳанги мусиқоии болое бархӯрдор аст, ки шоир аз ин ороя нисбатан кам баҳраманд гаштааст. Масалан:

Найзаву теғу синонаш нигаред,
Новаку тиру камонаш нигаред [9, 137].

Ҳайрат дар шеъри боло ғайр аз санъати тарсеъ аз санъати мувозина суд ҷустааст, ки дар санъати мувозина калимоти мисраъ ё қаринаи аввал бо вожагони қаринаи дуюм саҷъи мутавозин доранд ва ҳамвазнанд. Ин ҳамвазнӣ илова ба хаёлангезӣ бар ҷанбаи мусиқоии дарунии шеъри мазкур муассир гаштааст.

Яке аз серистеъмолтарин анвои такрор ин такрори воҷ ва калима аст, ки дар истилоҳ воҷоронӣ мегӯянд. Корбурди бештари садоноку ҳамсадои (сомиту мусавват) такрор дар шеър аз тарафи шоир аз ҷумлаи омили муҳимме аст, ки ба ҷанбаи мусиқоии калом ва интиқоли эҳсосот ба мухотаб бисёр нақш дорад. Санъати воҷоронӣ арзиши зебоишинохтӣ дорад ва Ҳайрат вобаста ба қариҳаи шоирӣ, образофаринӣ, тасвирсозӣ ва тавсифи персонажи лирикии худ аз ин санъат дар ғазалиёташ ба таври вофир истифода намудааст. Чунончи:

Назар на гар ба ту, рӯ дар чаман намеёрам,
Сухан на гар зи ту, дар анҷуман намегӯям [9, 91].

Такрори ҳарфи ҳамсадои ҷарангдори “н” 9 бор, садоноки кӯтоҳи “а” 17 маротиба мусиқии зебое ба байт бахшидаанд. Инчунин, байни ибораи “на гар” таҷниси аст, ки мусиқии дарунии шеъри мазкурро таъмин намудааст.

Аз қадат шамшодро аз шона дандон газ-газ аст,
Лола аз рухсори зебои ту бошад оташин [9, 99].

Дар байти фавқ ҳуруфи ҳамсадои “ш” панҷ, ҳамсадои “т” чор маротиба ва садоноки кӯтоҳи “а” чордаҳ бор такрор омадааст, ки такомулбахши мусиқии дарунӣ мебошанд. Миёни вожаҳои “шамшод”-у “қад”, “рухсор”-у “лола” таносуб аст, ки ба ҷанбаи мусиқии дарунии ғазали Ҳайрат таъсири зиёд доранд. Шоир тавонистааст бо мукаррар овардани садоноку ҳамсадо дар сурудаҳояш мухотабро маҷзуби худ гардонад.

Азбаски омори корбурди такрори садоноку ҳамсадо (сомиту мусавват) дар ғазалиёти Ҳайрат басомади болое дорад, мо наметавонем шумораи дақиқи онҳоро дар ҷадвал ҷой диҳем. Ба ҳамин хотир, ҳуруфе, ки дар ашъори шоир бештар истифода шуда ва дар боло бурдани мусиқии миёнӣ ё дарунӣ саҳм доранд, зикр мекунем. Дар мунтахаботи ғазалиёти шоир ҳамсадоҳои “ғ”, “д”, “к”, “л”, “н”, “р”, “ш” ва садонокҳои “а”, “и”, “у”, “о” ҷойгоҳи намоёнро нисбати дигар ҳарфҳо касб кардаанд.

Такрори калима дар ғазалиёти Ҳайрат чандон зиёд нест. Баъзе аз ин такрорҳо дар шакли анвои ҷиносу санъати тасдир омадааст, ки мо онҳоро зикр кардем. Асғари Нузарӣ – муҳаққиқи эронӣ роҷеъ ба мавзуи мазкур чунин иброз намудааст: “Такрори огоҳона тавассути шоир боиси мусиқии калом ва илқои маънии мавриди назари шоир ба хонанда мегардад” [4, 3]. Албатта, Ҳайрат ҳам аз ин амр мустасно нест ва баъзе аз такрори калимот дар сурудаҳои шоир огоҳона аст, ки аз табъи салиму равони ӯ дарак медиҳад. Чунончи:

Гоҳе кунад суол зи **шайдо**иёни ишқ,
Шайдои ин сухан шуда **шайдо**и ӯ шавам [9, 97].

Мукаррар омадани вожаи “шайдо” дар се маврид, бешак, таъсири зиёде ба ғино бахшидани оҳанги шеъри мазкур дорад. Инчунин, дар байти зайл такрори калимаҳои “дард”, “ғам”, “рӯзгор”-ро мушоҳида менамоем, ки ҷанбаи мусиқоии байтро афзун кардааст. Масалан:

Бояд ба чанд **дарду ғами рӯзгори** худ,
Акнун мае ба ҷои **ғаму дарди рӯзгор** [9, 51].

Аз гуфтаҳои фавқуззикр ба чунин хулоса омадаем, ки Ҳайрат дар истифодаи санъатҳои лафзии бадеъ яке аз шоирони муваффақ ба ҳисоб меравад. Бо ин ки теъдоди каме аз ғазалиёти шоир то ба мо омада расидааст, вале дар ҳамин теъдод метавон анвои таҷнис, иштиқоқ, тарсеъ, тасдир, воҷоронӣ ва монади инҳоро мушоҳида кард. Шоир бо корбурди ин саноеъ тавонистааст ба ҷанбаи мусиқӣ ва оҳанги ашъораш қувват бахшад. Дар миёни анвои санъатҳои лафзии бадеъ санъати ҷинос ва такрор нисбат ба дигар санъатҳо бештар мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин санъатҳо илова бар зиёд кардани мусиқии дарунии шеъри шоир дар илқои маонӣ бар мухотаб нақши муҳимро ифо мекунанд. Дар сурудаҳои шоир ҳуруфи такрори садоноку ҳамсадое чун: “к”, “л”, “н”, “р”, “ш”... ва садонокҳои “а”, “и”, “у” ба назар расиданд, ки дар мутантан намудани оҳанги ашъори Ҳайрат муассиранд. Инчунин, шоир дар ғазалиёташ воҷороиро дар сатҳи калимот огоҳона ба кор бурдааст, ки дар барҷастасозии мафҳумҳои мавриди назари вай, тадоии маонӣ ва ҷанбаи ҳунарии каломаш бисёр нақш доранд.

Адабиёт

Зеҳнї, Тураќул. Санъати сухан.– Душанбе: Маориф, 1992.–304с.
Кошифї, Њусайн Воиз. Бадоеъ-ул-афкор фї саноеъ-ул-ашъор. Ба кўшиши Мирљалолуддини Каззозї.– Теҳрон: Нашриёти Меърољ, 1977.–386с.
Кадканї, Муњаммадризо Шафеӣ. Мусиќии шеър.– Теҳрон: Огоҳ, 1389.–689 с.
Нузарӣ, Асғар. Нигоҳе ба баррасии орояи такрор дар шеъри Қайсари Аминпур //Анҷумани тарвиҷи забон ва адабиёти форсии Донишгоҳи Гелон. № 27, 1395. –С. 1-18.

Рене, Уэллек. Таърихи наќди љадид. Љ. 2. Тарљумаи Саидарбоби Шерозї. –Теҳрон: Нилуфар, 1379. – 170с.
Родуёнї, Муњаммад ибни Умар. Тарљумон-ул-балоѓа. Ба кўшиши Аҳмад Оташ. – Станбул, 1949.– 198с.
Тақї, Ваҳидиёни Комёр. Бадеъ аз дидгоҳи зебоишиносї. –Теҳрон: Самт, 1385.
Худої, Ш., Урватулло, Т. Назмшиносї.–Душанбе, 2015.–412с.
Ҳайрат. Ашъори мунтахаб ба эҳтимоми Расул Ҳодизода.–Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964.– 234с.
Њумої, Љалолуддин. Фунуни балоѓат ва саноати адабї. –Теҳрон: Илмї, 1371.–450с.
Шамси Ќайс Розї. Ал-Муъљам. Ба кўшиши У. Тоиров. – Душанбе: 1991. – 464с.
Шамисо, Сирус. Нигоҳи тоза ба бадеъ. Интишороти Фирдавсї, 1381.

The Excellence of Poetic Content in Classical Eastern Literature
Klasik Doğu Edebiyatında Şiirsel İçeriğin Mükemmelliği

Nazmiye MUKHITDINOVA
Sharof Rashidov Samarqand State University, Semerkand, Uzbekistan
muxitdinovanazmiya@gmail.com
ORCİD: 0000-0001-7108-7244

Abstract
The problem of defining and classifying classical Eastern poetry according to subject and content, the style of literary masters, the problem of creating a single system of categorisation of lyrical works on the basis of ideas and content is still one of the unresolved issues. Our observations showed that in medieval literary sources the complex problems of literary studies were often described in sources of different form and structure. In annotated dictionaries and treatises such as "Lügati furs", "Haft Kulzum", "Giyas ul-Lugot", "Lubab al-Albab", "Majalisü nefais", "Sangloh", "Tercüman ul belagat", "Bedâyi ul-efkâr fi sanâyi il-âsâr. ", "Badoe us-sanoe", "Funun ul-belagat" and in sources entirely related to literary studies and poetry studies, and in addition to giving the dictionary meanings of some words, he also explained their meanings as a literary term.
In Persian-Tajik literary sources, this issue was first dealt with in the works of Rashid Vatvot, Shams Kais Razi, Kashifi, Atoullah Hosseini and in the book of Sheikh Ahmad Tarazi. Since these sources are considered to be the main sources of classical Eastern literature, it is appropriate to compare their definitions of literary terms.
Among the sources related to the theory of literary art, Hüseyin Vaiz-i Kashifi's "Bedâyi ul-efkâr fi sanâyi il-âsâr" contains valuable thoughts on the subject we mentioned. Especially in the section after the introduction, the information about 12 types of poetry is remarkable in terms of making this classification on the basis of ideological-thematic principle. Here, Kashifi classifies poems according to their content as tawhid (poems praising Allah), nat (poems dedicated to the Prophet Muhammad (s.a.w.).)', menkabat (poems dedicated to the Prophet Muhammad (s.a.w.)), menkabat (poems about the Companions and awliya), esrar (poems about Sufism and mysticism), midhat (medih), serious (poems on social themes), humour (humour and satire poems), debate (poems written in the form of questions and answers), oaths (poems on war). He states that humorous poems, debates and kasamiyat poems are differentiated from poems on other subjects because they carry a specific object and are directed towards a specific event or person. These sources are considered to have a scientific basis as sources that ensure the continuity of topics such as the influence of classical Eastern literature, tradition and literary relations in Turkish literature from the Middle Ages to the 18th-19th centuries.

Keywords: Prayer, Literary studies, Literary relations, Literary heritage, Literary art theory, Persian-Tajik literary sources, Hamd, Na't, Maviza, Sufism.

Özet
Klasik Doğu şiirinin konu ve içeriğe göre tanımlanması ve sınıflandırılması sorunu, edebiyat ustalarının üslubu, lirik eserlerin fikir ve içerik temelinde kategorilere ayrılmasında tek bir sistem oluşturulması sorunu hala çözülmemiş konulardan biridir. Gözlemlerimiz, orta çağ edebiyat kaynaklarında edebiyat araştırmalarının karmaşık sorunlarının çoğunlukla farklı biçim ve yapıdaki kaynaklarda açıklandığını gösterdi. "Lügati furs", "Haft Kulzum", "Giyas ul-Lugot", "Lubab al-Albab", "Mecalisü nefais", "Sangloh" gibi açıklamalı sözlük ve tezkirelerde, "Tercüman ul belagat", "Bedâyi ul-efkâr fi sanâyi il-âsâr.", "Badoe us-sanoe", "Funun ul-belagat" ve tamamen edebiyat çalışmalarına ve şiir çalışmalarına dair kaynaklarda ve bazı kelimelerin sözlük anlamlarını vermekle birlikte, edebi bir terim olarak anlamlarını da açıklamıştır.
Fars-Tacik edebi kaynaklarında bu konu ile ilk olarak Reşit Vatvot, Şems Kais Razi, Kaşifi, Atoullah Hosseini'nin eserlerinde ve Şeyh Ahmed Tarazi'nin kitabında ele alınmıştır. Bu kaynaklar Klasik Doğu edebiyatının ana kaynakları olarak kabul edildiğinden onları edebi terimlerine verilen tanımlarını karşılaştırmak yerinde olacaktır.
Edebi sanat teorisi ile ilgili kaynaklar arasında Hüseyin Vaiz-i Kaşifi'nin "Bedâyi ul-efkâr fi sanâyi il-âsâr" adlı eseri bahsettiğimiz konuyla ilgili değerli düşünceler içermektedir. Özellikle girişten sonraki bölümde şiirin 12 türü hakkında bilgi verilmesi, bu sınıflandırmanın ideolojik-tematik prensip temelinde yapılması açısından dikkat çekicidir. Burada Kaşifi şiirleri içeriklerine göre tevhid (Allah'a hamd eden şiirler), nat (Muhammed Rasulullah (s.a.v.)'e ithaf edilen şiirler), menkabat (sahabe ve evliyalarla ilgili şiirler), esrar (tasavvuf-arifaneli şiirler), midhat (medih), cidd (sosyal konulu şiirler), Mizah (mizah ve hiciv şiirleri), münazara (soru-cevap şeklinde yazılan şiirler), yemin etme (savaş konulu şiirler) olarak tasnif edilmiştir. Bunlardan mizahi şiirlerin, tartışmaların ve kasamiyat şiirlerin, belirli bir objeyi taşıması ve belirli bir olaya, ya da kişiye yönelik olması nedeniyle diğer konulardaki şiirlerden farklılaştığını belirtir. Bu kaynakların Orta Çağ'dan 18-19. yüzyıla kadar Türk edebiyatında klasik Doğu edebiyatının etkisi, gelenek ve edebi ilişkiler gibi konuların devamlılığını sağlayan kaynaklar olarak bilimsel bir temele sahip olduğu değerlendirilmektedir.

Anahtar Kelimeler: Dua, Edebiyat çalışmaları, Edebi ilişkiler, Edebi miras, Edebi sanat teorisi, Fars-Tacik edebi Kkynakları, Hamd, Na't, Mavize, Tasavvuf.

Doğu şiirinin konu ve muhtevaya göre tanımlanması ve sınıflandırılması meselesi, söz sanatçılarının üslubu, lirik eserlerin fikir ve muhtevaya göre kategorilere ayrılmasında tek bir sistem oluşturulması meselesi edebiyat çalışmalarımızda hâlâ çözüm beklemekleyen konulardan biridir. Gözlemlerimiz, ortaçağ edebiyat kaynaklarında edebiyat araştırmaları terimlerinin çoğunlukla farklı biçim ve yapılarda yorumlandığını gösterdi:

1. «Lug'ati Furs», «Haft Kulzum», «Ghiyas ul-lug'ot», «Lubab al-albab», «Majolis un-nafois», «Sanglox» gibi açıklamalı sözlük ve şerhler bazı kelimelerle birlikte yer almaktadır. z'nin sözlük anlamı verilerek edebi terim olarak anlamı da açıklanmış;
2. Roduyani'nin «Tarjuman ul-baloga»sı (11. yüzyıl), Reşid Vatvot'un «Hadoyiq us-sehr»i, Hüseyin Vaiz Koshifi'nin «Badoe' ul-afkor fi sanoe' il-ash'or»u, Atullah Husayni'nin «Badoe' us-sanoe''si Saf edebiyat ve şiir konularına ayrılmış kaynaklarda Şeyh Ahmed Tirozi'nin «Funun ul-Baloga» adlı eseri gibi bu konu da ele alınmakta;
3. Cürcânî'nın «Târifât»ı, Taftozânî'nın «Şerhu'l-Akâyidü'n-Nesefîyâ»sı, Ebû Hilal el-Askerî'nin «Kitab es-sinâ'tayn»ı gibi eserlerinde edebî ilimlere ayrılan bölümlerde bu konuya açıklık getirilmektedir.

Fars-Tacik edebiyat araştırmaları kaynaklarında bu konu ilk olarak Türkçe kaynaklardan Rashid Vatvot, Şems Qays Razi, Koshifi, Atullah Hosseini'nin eserlerinde ve Şeyh Ahmed Tarazi'nin kitabında ele alınmıştır. Bu kaynaklar klasik Doğu edebiyatının ana kaynakları olarak kabul edildiğinden doğal kaynak tanımlarını karşılaştırmak yerinde olacaktır.

Reşid Vatvot'un risalesinin son bölümünde *mezhep (medih, midhat), hacv (hica), teşbib (nasib, gazel), muserra', hasi, terci', aks, tadvir, mukarrar, mutanafir, irtijal (badiha) kısaca ele alınmıştır. Reşid Vatvot'un risalesinin son bölümünde bahsedilen , fikrat, cezalat, salasat, taasuf, rakokat, sahli mümtane' [Raşid Vatvot.* «Hadayik us-sehr», S. 705-707]. Bunlardan *ilahi, komedi, teşbih ve düşüncenin* sanat eserinin konusu olduğu, geri kalan kavramların ise anlatım tarzı ve anlatım araçları ve sanatsal sanatlarla ilgili olduğu anlaşılmaktadır.

«El-Mu'cem fi Me'ayiri Eş'ar'il Acem» yazarı, Şems Kays Razi'nin kitabının ikinci bölümünün altıncı bölümünde şiir türleri hakkında bilgi vermekte ve bunların «tüm şairler tarafından kullanılan terimler» olduğunu açıklamaktadır. . Aslında tanımında *yer alan nesib ve teşbib, gazel, rubai, muzdavec, muserra', beytü'l-kaside, lugz, problem vb. terimler* esas olarak şiirin yapısıyla ilgili olup tema ve temayla ilgilidir. Sanat eserinin özünde kavramların olmadığı ortaya çıkıyor [Qays Razi. «Al-Mocam», S. 413-444].

Bahsettiğimiz konuyla ilgili değerli düşünceler içermektedir. Özellikle girişten sonraki bölümde 12 şiir türü hakkında bilgi verilmesi, bu sınıflandırmanın ideolojik-tematik esasa dayalı olması açısından dikkat çekicidir. Koşifi şiirlerinin içeriğine göre*; tevhid (Allah'ı hamdeden şiirler), naat (Muhammed Rasûlullah (s.a.v.)'e ithaf edilen şiirler), menakıbat (sahabe ve evliyalarla ilgili şiirler), esrar (Tasavvufi-orifonik içerikli şiirler)), midhat (övgü), cidd (sosyal konularda şiirler), hazlu mutoiba (mizah ve hiciv şiirleri), tartışma (soru-cevap şiirleri), yemin (kavga temalı şiirler).* Bunlar arasında *hazlu muteiba, tartışma ve küfür* şiirlerinin, belirli bir nesneye sahip olması ve belirli bir olaya, olaya veya belirli bir kişiye [Koşifiy] yönelik olması nedeniyle diğer konulardaki şiirlerden farklılaştığını belirtir . Badoe'ul-afkor. S.82-85].

Benzer tasnif Şeyh Ahmed Tarazi'nin «Fününu'l-Belagat» adlı eserinde de bulunmaktadır. «El-fennül-evvel fi aksemiş-şe'r» bölümünde şu düşünceler yer almaktadır: Kıta, mesnevi, terje', müsemmet müstezat, mütevvel, farz. Her birinde Cenab-ı Hakk'a hamd ederek tevhid dedikleri bu on şiir türünden bahsettik . Ve eğer Muhammed Mustafa'yı (sallallâhu aleyhi ve sellem) överlerse, nat derler . Eğer Tanrı'nın huzurunda dua ederlerse, dua ederler. Ve eğer Hulefai Raşidin'i tarif ederlerse Menakıp, Menkıbe ve Tamadduh'u bulurlar . Ve eğer bir ölüden söz ederlerse ağıt derler . Bir kimarsa'yı küçümserlerse alaycı davranırlar ve azarlarlar. Şaka yapıyorlarsa mutaibe diyorlar. « [Ahmed Tarazi. «Fününu'l-baloga», S. 32].

Bu yorumlara dayanarak 18. yüzyıl şairi Muhammed Gazi'nin lirik eserlerinin içerik ve sanatsal özelliklerine göre tasnif edilerek incelenmesi, bu şairlerin sanatsal becerileri, yaratıcı fikirleri ve dünya görüşleri hakkında belli bir fikir oluşturmaya temel oluşturmaktadır. Devon'daki gazellerinin içeriği çeşitlidir. Geleneğe göre devanlar, hamd ve dua konulu gazellerle başlar. Aradaki fark, Gazi'nin divanındaki hamd ve dua gazellerinin alfabetik sıraya göre olmayıp, dokuz gazelin iki dilde düzenlenmesidir. Alisher Navoi'nin divanı düzenlerken ilk gazelleri övgü ve dua, na't ve menqaba temaları üzerine kapatma geleneğini kurduğunu belirtmek gerekir . S.11-13]. Elbette Navoi'den önceki şairlerin de övgü ve övgü konulu gazelleri vardır.

Alisher Navoi'nin «elif» dizisinin ilk dokuz gazelinin hamd, dua ve na't temalarına ithaf edildiğini dikkate alırsak, Gazi temasının birliği de dikkate alınarak « elif», «ol» Divanın başında «dol», «nun» harfleriyle biten gazellerin yer aldığı anlaşılmaktadır.

Gazi'nin ilk gazeli Farsça yazılmıştır ve Zindapil Ahmed Cami'nin Devan'ındaki fatiha gazeline cevap olarak yazılmıştır. Ahmed Cami'nin gazeli şu ayetle başlıyor:

Tanrım, bana bir gün gibi bereket ver,
Ba didorat Müşerref soz chashmi khunfishonamro.
[Ahmadi Cami . Eş'ari Divanı. El Yazması No. 121. *]*
(İçerik: Parwardigoro, sallamanla dilimi eşek yap; kanlı yaşlar döken iki gözüm senin olsun).

Gazi'nin gazeli aynı ağırlıkta, kafiye dizisi ve temada yazılmış olup, nazirenin gereklerini tam olarak karşılamaktadır. Onun da selefi gibi dua üslubunda yazılmış, ümitli bir kulun tövbesini, Yüce Hakikat eşiğinin yüksekliğini ve söz âleminde usta olmayı anlatan gazeli ancak onun sayesindedir. Onun ilhamı ve zarafeti. Gazi Ahmed Cami, gazel matlaisinin ikinci kıtasını yapmış ve böylece manevi çalkantılarının adresini de ince bir ipucuyla okuyucuya göstermiş oldu:

Iloho deh, zi nomat zeb avroka banamro,
Muhalla az sanoi hesh kun tag zabonamro.
Kendimi göremediğim bir saat .
Ba didorat müşerref soz chashmi khunfishonamro . [Gazi. #121. 1 A.]

Hamd gazellerindeki takip olgusunun bir başka özgün görünümünü Gazi'nin ikinci gazelinde görmek mümkündür. Gazi'nin divanındaki ikinci gazel de Farsça yazılmış olup şu matla' ile başlamaktadır:

Ah, türün her adımı her şeye tanıktır
Avsofi kamoli tu zi tarif mubarro . . [Gazi. #121. 1 s.]

Bu gazel, tema-içerik ve ideolojik-sanatsal yön açısından Alişer Nevai'nin «Garayib us-sigar» adlı kitabında yer alan aşağıdaki matla' ile başlayan gazel ile tutarlılık göstermekte olup, Farsça gazelin Nevai'nin Özbekçe'ye cevabı olarak yazıldığı sonucunu ortaya koymaktadır. hamd gazeli:

Eski davranışınız hakkında kompozisyon
Debochayi Husnung'da Abad'ın görüşü doğrudur. [Navoi. Muhteşem puro. S.23]

Aynı zamanda Gazi'nin bu gazelinin sadece Nevai'nin bu gazelinin etkisi altında yazıldığı görüşü tek taraflı bir bakış açısı olacaktır. Fars-Tacik, Özbek ve Azerbaycan klasik edebiyatının usta bir uzmanı olan Gazi , diğer klasik şairlerin eserlerinden de haberdardı. Bu gazelin oluşturulmasında, Saadi Şirozi'nin «Tayyibat» divanından alınan bu tekerlemeler dizisinde yazılan aşağıdaki gazel, ilham ve yaratıcı etki kaynağı olarak hizmet etmiştir:

Öncelikle defterin adı Ezidi dono,
Tanrı seni korusun. [Saadi. Kulliyat.S. 126]

Gazi bu gazelinde Saadi ve Nevai'nin bazı düşünce ve görüşlerini farklı sanatsal bir üslupla aktarmaya çalışmıştır. Örneğin, aşağıdaki dörtlükte Saadi , Şirozi'nin matla'i'sinin ve Navoi'nin gazelinin altıncı dörtlüğünün (*Muhtaj se dargahine husrawu dervesh, Parvarda se nematine johilu dono)* anlamını şu şekilde yeniden yaratmıştır :

İster padişah, ister derviş, ihtiyaç halinde cömert olun.

Rozikhuri Khani, sen hem cahil hem de bilgesin. . *[Gazi. #121. 2 s.]*

Gazi'nin bu gazelindeki özgünlüğü, talmih sanatının yaygın kullanımında ortaya çıkmaktadır. Bu gazelinde Yusuf, Züleyha, Eyyub, Zekeriyye gibi peygamberlerin kader olaylarından bahsedilmektedir. Şair bu sayede Kur'an kıssalarının içeriğini hamd gazellerine özümseyerek övgü gazellerindeki motifleri genişletmeye çalışmıştır.

Divanında nat gazellerinin katkısı büyüktür. Ayrıca Na't gazelleri üçü Farsça-Tacik, dördü Özbekçe olmak üzere iki dilde yazılmıştır. Farsça şiirler koleksiyonunda 3 numarayla işaretlenen gazel özel dikkat gerektirmektedir. Şair, bu ayetin her ayetini belli bir ayet veya hadisin içeriğine göre oluşturmakta ve birçok durumda ilgili ayet ve hadisten alıntılar yapmaktadır. Mesela gazelin ikinci ayetinde Kur'an-ı Kerim'den iki sure alıntı yaparak orantı, zıtlık ve alıntı sanatlarının karma bir hali içinde yüksek bir sanatsal sahne yaratmayı başarmıştır:

Az ja'di mushkbori tu «Vel-Layl» - turra,

Dar mu s'h afi jamoli tu ilk «Vaz-Zuho « oturdu . [Gazi. #121. 2a.]

Aynı sahneyi Özbek naatlarında da görüyoruz:

«Veş-şems» ayeti Uzor'un şerefine nazil olmuştur.

«Vel-leyl» Suresi geldi ve övgüyle dolu . [Gazi. #121. 4a.]

Gazi'nin şiirlerinin iki dilde yazıldığı ve şiirsel anlatım üsluplarının ortak olduğu, bununla birlikte Gazi'nin Özbekçe ve Farsça-Tacik dillerinin olanaklarını eşit derecede kullanma becerisi gösterdiği bilinmektedir . Ayrıca dini motifleri aynı olan Özbek ve Tacik halklarının sanatsal düşüncesinde bir ortaklık olduğunu, şiir dilinin de hemen hemen aynı olduğunu uygulamalı olarak göstermiştir.

Gazi divanının bir diğer karakteristik özelliği de muhammes ve müseddes kısımlarının da nat temasıyla başlamasıdır. Özellikle haleflerinin -Ebu Bekir Sıddık, Ömer Faruk, Osman Zinnureyn, Ali Murtaza, Allah ondan razı olsun- isimleri bir paragrafta zikredilmiş ve böylece şair, Ehli Sünnet ve Ehli'nin inancını sanatla ifade etmiştir. topluluk:

Bud Siddiqui bir mağarada duruyor,

Ömer cömerttir, katilinin ailesi ise kafirdir.

Hast Osman - sadafi durri tevazu, gâhi vikâr,

Şir-i Yezdan, şah-ı merdan Ali şahsavar,

Marhaba Seyyidi Kavneyn aleyhisselam. [Gazi. #121: 34b]

Gazi'nin dîvânında çok sayıda Farsça şiir bulunmaktadır. Gazellerinde Hafız Şirazi'nin, Cüneydullah Hazik'in, Vasıfi'nin, Mirzo Bedil'in gelenekleri açıkça görülmektedir.

Fars-Tacik şiirinin klasik edebiyattaki güçlü etkisinden dolayı şairlerin çoğu yüzyıllardır yan yana yaşayan Züllisanayn geleneğinin gelişmesine önemli katkılarda bulunmuşlardır. Tatabbu ve nazira'nın yaratılan Pers mirasının çoğunluğunu oluşturduğunu belirtmek gerekir.

Gelenekte yenilikçi bir isim olan şair, Farsça bir gazelinde, yoksulların saflarının yükselmesindeki temel unsurun kanaat olduğunu belirterek, talmih sanatı aracılığıyla «Sadddi İskandari»nin mistik bir yorumunu verir. İskender'le ilgili efsanelerden, İskender'in saltanatının sonlarında Yecüc-Me'cuc felaketinden insanları korumak için büyük bir sur inşa ettiği bilinmektedir. Gazi'nin yorumuna göre bu duvar memnuniyet duvarıdır. İskender bu duvarı, gerçek zaferin, tüm dünyada tek hakimiyet yanılsamasından vazgeçerek, tatmin özelliğine sahip olmakta yattığını anladıktan sonra inşa etti. Bu gerçeği ve arzularını dizginleyen dervişlerin maneviyat dünyasında İskender'den daha yüksek bir statü ve mertebesi vardı:

Memnuniyet yüksek, rütbeliler fakir,

Rohi tala her ki best, Saddi Sikender şikest. [Gazi. #121:21b]

Böylece şair, bu gazellerde dini görüşlerini, dünya ve insan tabiatına karşı tavrını, Allah'a, O'nun Resulüne ve salih halifelere olan sınırsız sevgisini, İslam'ın ezeli ve diri ideallerine olan bağlılığını dile getirmiştir. çeşitli şiirsel ifadelerle. Gazellerin bir diğer karakteristik özelliği de hemen hemen her ayetin Kur'an- ı Kerim ve hadislerden ilham almasıdır. Şair, iktibas, talme, kinaye ve diğer sanat sanatlarıyla kutsal kaynakların fikirlerini sanatsal bir şekilde yorumlamaya çalışmış ve bu sayede hamd, na't, dua ve menkebat konulu gazellerin özgünlüğünü sağlamıştır. Bu durum Türk edebiyatında Orta Çağ'dan 18-19. yüzyıla kadar klasik Doğu edebiyatının etkisi, gelenekleri, edebi ilişkiler gibi konuların sürdüğünü kanıtlamaktadır.

Kaynakça

Alisher Navoi. Badoe'ul-bidoya. MAT. 20 cilt. T.1. – T.: Bilim, 1987. - 723 s.

Alisher Navoi. Devon. Cilt 4. J.1. Garip bir puro / O. Davlatov yayına hazırlanıyor. - T.: Tamaddun, 2011. - B.23.

Gazi. D evon. Envanter Doğu Araştırmaları Enstitüsü'nün 121 Numaralı El Yazmaları Fonu.

Koshifi Husain Voiz. Badoe'ul-afkor. Duşanbe: «Humo», 2006. -B. 232.
Kur'an-ı Kerim: anlamlarının çevirisi ve yorumlanması (A. Mansur'un çevirisi ve yorumu). - Taşkent: Taşkent İslam Üniversitesi. 2009 . - 624 s.
Mahmud Zemahşeri. Al-Qistos al-mustaqim fi ilm-il-aruz. - Beyrut: Maktabat ul-maarif, 1989. - S. 14. (Arapça).
Musulmankulov R. Ataullakh -i Mahmud-i Husayni i vopros ve Tacik-Fars klasik şairi. Otomatik referans diss . ... Dr._ _ Philol . nauk_ _ – Duşanbe : 1980. – 42 s.
Muhammed Gıyasiddin. Bir fikir sözlüğü. Ibarat az se çocuğu. - Duşanbe: Adib, 1988. Bölüm 2. - 416 s.
Muhammed ibn Ömer Roduyoni. Çevirmen al-baloga. Rashideddin Vatvot. Hadoyik us sehr fidaqiyq-ush-she'er. Yazılı metin, giriş ve açıklama H. Sharifov'a aittir. - Duşanbe: Donish, 1987. - 144 s.
Nasiruddini Tosi. Me'yor-ul-ash'or / Güncel baskı: U. Toirov, M. Abdulloev, R. Jalol. - Duşanbe: Oriyono, 1992. - 150 s.
Nizami Aruzi Semerkandi. Nadir öyküler / Farsça'dan Mahmud Hassani tarafından çevrilmiştir. - Taşkent: G'Ghulom'un adını taşıyan Edebiyat ve Sanat Yayınevi, 1985.
Rashidaddini Vatvot. Hadoiq us-sehr fi daqoiq ash-she'r / Tahiyai matn, Khudoy Sharifov'un giriş ve yorumu. - Duşanbe: İrfon, 1987. - 144 s.
Sattarzoda A. Aristoteles i Tajiksko-persidskayaliteraturnaya mysl (IX-XV vv). - Duşanbe: Adib, 2002. - 260 s.
Saadi Şirazi. Kulliyat. - Tahran: Intishoroti Nahid, 1375. - B.358. (Farsça)
Hüseyin A. Badoyi'u-s-sanoyi'. Alibek Rustamov tarafından Farsçadan çevrilmiştir. - Taşkent: Edebiyat ve Sanat, 1981. - 239 s.
Şeyh Ahmed bin Khudoidad Tarazi. Funun ul-baloga (Elliott el yazması #-127, Bodleian Kütüphanesi).
Şeyh Ahmed bin Khudoidad Tarazi. Funun ul-baloga. - Taşkent: Khazina, 1996. - 212 s.
Şeyhülislam Abunasr Ahmedi Cami Nomaki. Eş'ari Divanı. Devony Hazrat Jomy Zindapil. Yazı No: 121. 6 a. http://www.sufi.ir/books/download/farsi/jam/divan-ahmad-jam.pdf
Şems Kays Razi. Al-mo'jam / Yazar: U. Toirov - Duşanbe: Adib, 1991. - 464 s.

Annotatıon Moral Ideas in Nızamı Ganjavı's Story "Khusraw and Shirin"
АННОТАТСИЯ АНДЕШАЊОИ АХЛОЌӢ ДАР ДОСТОНИ «ХУСРАВ ВА ШИРИН» -И НИЗОМИИ ГАНЉАВЇ

Soqieva PARVİNA
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokthar, Tajikistan
Parvina1993@mail.ru

Abstract
The author of the article notes that there are many high humanistic and humanitarian ideas in Nizami Ganjavi's stories. Nizami Ganjavi clearly reflected the issue of advice in his works. In particular, in the story "Khusrav and Shirin", the poet's wisdom and wisdom are full of advice and advice that are always necessary for society to educate people's morality.

Keywords: Advice, Education, Humanism, "Khusrav and Shirin", Morality, Nizami Ganjavi, Poet, Story.

Хулоса
Муаллифи мақола иброз медорад, ки дар достонњои Низомии Ганљавӣ ғояњои баланди инсонпарваронаю башардўстона зиёд ба чашм мерасанд. Низомии Ганҷавӣ дар эҷодиёти худ масъалаи панду насиҳатро барљало инъикос намудааст. Аз ҷумла, дар достони «Хусрав ва Ширин» ҳикмат ва андарзсароии шоир моломол аз панду насиҳатҳоеанд, ки њамеша љомеа барои тарбияи ахлоқи њамидаи одамон ба он мухтољ аст.

Калидвожа: Низомӣ Ганҷавӣ, панд, ахлоқ, "Хусрав ва Ширин", достон, насиҳат, тарбия, гуманизм, шоир.

Низомии Ганҷавӣ ҳамчун ситораи тобони адабиёти форсии тољикї, бо «Хамса»-и хеш, ки онро бо суханони сеҳрангез офаридааст, дар олами адаб маъруфияти баланде пайдо кардааст. Тавре дида шуд, «Хамса» дорои мазмуну муњтавои мухталифи иљтимої буда, бо тасвирњои ишќи поки инсонї, манзарањои назарраси табиат, суханони њакимонаву андарзњои ибратбахш ороставу пероста гардидааст.

Шоир зимни баёни ин ё он мавзўъ матолиби љолиби тарбиявию ахлоќї ва андарзу њикматро бар манфиати љомеа пеш гузошта, ба мардум дарси покиву ростї медињад ва норостию коњилиро барои њар як фарди љомеа роњу равиши нодуруст медонад, ки ин њамаро дар баробари дар тамоми «Хамса»-и адиб дарёфтан, инчунин дар достонњои «Хусрав ва Ширин» низ борњо дучор меоем. Њакими Ганља дар ин асарњояш одамонро ба кўшишњои манфиатбахш, омўзишу андўзиши илму дониш, ғанимат шуморидани њар нафаси умр, покии ахлоќи инсонї, шарму њаё, њаќиќатљўї, некиву некукорї, ањду вафо, мењрубонию ғамхорї нисбат ба инсонњо ва монанди инњо даъват намуда, давлатдорону њокимон ва шоњонро ба адлу дод, саховату раиятпарварї њидояту рањнамої менамояд, то њамеша мамлакат обод, сокинони он осудањол ва фарњангу иљтимоиёт пешрав бошад. Адабиётшинос А. Афсањзод љанбаи баланди ахлоќии достонњои Њаким Низомиро махсус таъкид намуда, аз љумла менависад: «Маѓзи маснавии «Махзан-ул-асрор»-ро ситоиши адл ташкил карда, тасвири аќли зан, шахсияти бузург, кордониву тарбиятгарї ва њусну љамоли ў дар симои Ширин ва офаридани чеҳраи њунарманди халќї – Фарњод дар «Хусрав ва Ширин» бозёфти бадеии Низомист. Сўзу гудози ишќ ристаи достони «Лайлї ва Маљнун»-ро ба њам пайваста, гуволиши Бањроми Гўр аз як шахси сабукфикри шикордўсти мољарољў то ба дараљаи як шоњи одил дар «Њафт пайкар» масоили адлу инсоф ва халќпарвариву ватанхоњиро амиќтар мегузорад. Низомї ба василаи достонњои худ ишќро ба ахлоќ табдил медињад» [41,142-143]. Ба ќавли Сайид Муњаммад Њусайни Мубин: «Низомї шоире вораста, зуњдпеша ва ботаќво буд, ки дар даврони ривољи мадњиясарої ва њуљуми шуарои мадњиясарои Хуросону Ироќ ва Байнаннањрайн ба боргоњи Атобакони Озарбойљон ба нонљўї дил хуш дошта, аз љањону љањониён озманд гашта ва дар гўшаи узлати фаќру бениёзї расидааст.

Умарову салотин сар бар остонаш нињодаву эњтироми љалолату азамати зуњду таќвои беперояш перояњои зиндагиро фурў њишта, ба хотири њурматаш «май аз маљлису соќї аз мањфил» дур медоштанд ва барои вурудаш хилвате рўњонї ва нишасте поку муназзањ… меоростанд» [80, 174].

Эљодиёти Низомии Ганљавї, бахусус достони мадди назар, илова бар муњтавои мушаххас, симоњои барљаста, каломи дилнишин ва зебоињои баён, таъбироти шоирона ва санъатњои бадеии дилнишин аз насињату андарзњои њакимона, тарњи илму маърифати инсонї ғаниву лабрез мебошад. Агар боз њам ба андешањои њакимонаи Низомии Ганљавї дар достони «Хусрав ва Ширин» наздиктар шавем, дармеёбем, ки ў шоирест олим ва олимест орифу ошиќ ва ошиќе покбоз, ки бо машъали тобноки њидоятњояш ба абнои башар роњи рости зиндагониро намоёнидааст. Ваќте дар ин достонњо бо байте, ќитъае ва ё бобе доир ба панду њикмат ва андарз рў ба рў меоем, пеши рўйи мо ин шоири ба таъбири худаш «ќодирсухан» дар достони «Хусрав ва Ширин» ба унвони муаллиме бузург, дилсўз ва мењрубон барои њамнавъон љилвагар мегардад.

Њаким Низомии Ганљавї дар љодаи масъулиятноки андарзхонї, пеш аз њама, аз Худованд мадад мељўяд ва мекўшад, ки аз некиву накукорї ва некномї сухан гўяд ва муњтавои достонњояш ғанї аз маќсади хайр бошанд:

Худовандо, дари тавфиќ бикшой,
Низомиро рањи тањќиќ бинмой.
Диле дењ, к-ў яќинатро бишояд,
Забоне, к-офаринатро сарояд.

Дар ин маврид Низомии Ганљавї, пеш аз њама, шоњону њокимонро андарз медињад ва дар боби «Нишастани Ширин ба подшоњї» [13, 258-259] таъкид мекунад:

Ният чун нек бошад подшоро,
Гуњар хезад ба љои гул гиёро.
Дарахти бадният хўшкидашох аст,
Шањи некуниятро пай фарох аст [13, 259].

Ширин Хусравро андарз медињад, ки агар шоњ ба мардум некухоњї кунад подошашро хоњад дид:

Халоиќро чу некухоњ гардад,
Ба иљмоъи халоиќ шоњ гардад! [13, 408].

Ба ќавли Низомии Ганљавї, њамеша подоши некї некї аст:

Ту некї кун, матарс аз хасми хунхор,
Ба некї бурд љон сайёд аз он мор! [13, 417].

Матлаби шоир дар байти фавќ ситоиши некї буда, дар ин мавзўи њассоси њамаи давру замонњо мавсуф ба суннатњои фарњангии гузаштаи эронитаборон содиќ мондааст, ки ин њанўз маншаъ аз «Авесто» мегирад. Зеро дар ёдгориљои бостонии ниёгонамон њам тасвири некию некукорї љои асосиро ишѓол намуда, афзалияти некї бар бадї ва сифати барозандаи инсон ва тамоми мављудоти њастї будани некї таъкид гардидааст.

Дар некукорию некномї эњсон кардан аз муќаддасоти инсон-дўстист, ки шоир мегўяд:

Эњсон њама халќро навозад,
Озодонро ба банда созад.
Бо саг чу сахо кунад маљусе,
Саг гурба шавад ба чоплусї [14, 137]!

Дар достони «Хусрав ва Ширин» панду андарзи падарон ба фарзандон мавќеи вижа дорад. Ва на танњо насињатњои падарон ба фарзандон, балки насињатњои модарон низ дар ин достонњо гаронмоя ва омўзанда дониста мешаванд. Низомии Ганљавї пеш аз он ки аз забони волидайн фарзандонро андарз гўяд, дар боби «Дар насињати фарзанди худ Мунњаммад гўяд» [13, 432-433] дар достони «Хусрав ва Ширин» ишорањои њикматомез дорад.

Њаким Низомї дар достони «Хусрав ва Ширин» ба фарзанди њафтсолааш мурољиат карда мегўяд:

Бибин, эй њафтсола ќурратулљайн,
Маќоми хештан бар ќоби ќавсайн.
Манат парвардаму рўзї Худо дод,
На бар ту номи ман, номи Худо бод!

Дар афкори ахлоќии Њаким Низомї бузургдошти аќлу хирад ва илму дониш аз мавќеи инсондўстии шоир сар мезанад. Зеро шоири њаким бо тавсифу тарѓиби илму дониш муќтадиру тавоно будани инсонро алайњи мубориза бо љањолату зулмат ва зиштиву бадхўињо таъкид мекунад. Ин андешањо њанўз то Низомии Ганљавї дар китоби муќаддаси «Авесто», пандномањои замони Сосониён, Тоњириён ва Сомониён зинатбахши авроќ буданд. Устод Абўабдуллоњи Рўдакї ва њамасрони суханвари ў, Даќиќї, Њаким Фирдавсии Тўсї ва дигар адибони то замони «ќодирсухан»-и Ганља, пеш аз њама њамнавъонро ба дониш омўхтан тарѓиб мекарданд ва ин консепсия дар адабиёти классикии форсии тољикї минбаъд инкишоф ёфта, дар осори бадеии суханварони маъруф њамбаста ба диду назари ахлоќиву ијтимоии инсонњо бо рангу љилои тоза ифода гардидааст. Эшон пайваста таъкид кардаанд, ки бе омўзиши илму дониш инсон наметавонад, ба зиндагии њаќиќ̄ ноил гардад.

Андарзномањое, ки Њаким Низомї дар ин достонњояш мавриди истифода ќарор додааст, заминию њаётианд ва заминаи соф халќї доранд. Дар нигоштањои ахлоќии адиби рўзгордидаю аз неку бади љањон бохабар тантанаи ахлоќи нек ва ѓалабаи ишќи пок њадафи асосї ба шумор меравад. Акси садои ин суханвар имрўз на танњо дар њаёти мардумони форситабор, зиёда аз ин дар байни мардуми Машриќзамин танинандоз буда, мояи ифтихори адабию фарњангї мебошад.

Literary Discussions about the Rubai Genre
ЖАНРИ РУБОӢ ВА БАҲСИ ОН ДАР АДАБИЁТШИНОСӢ

Tagaymurodov Rustam HAKİMOVİCH
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
ahmadovsafar@74@mail.ru

Abstract
The article is devoted to one debatable topic of literary criticism. Before considering the core topic, the authors give a brief overview of the theory of the rubaiyat (quatrain) genre, then, on the basis of the existing discussion, state their point of view on the problem of sources and metrics of this literary genre.
According to researchers, rubaiyat as a literary term is a poem composed in four lines, usually containing two ways of rhyming. The first way of rhyming is a, a, a, a, where all four lines are rhymed, which is sometimes called tarona (song), the second way is a, a, b, a, the third line is free, called hasi.
The study of the available studies of modern literary and orientalists mainly proves that the rubaiyat does not have Katai, Turkish, even Arabic roots, but is a creation of high aesthetic taste, filled with a national Persian-Tajik feeling, which subsequently entered other literatures, including in first to Arabic, then to the literature of the Turkic-speaking peoples and Slavic peoples.
About the quatrain, according to some researchers, as if passed from China and Turkestan to Persian-Tajik literature, according to the convincing argument of the authors of the article, there is no evidence, because Persian-Tajik folklore has poems in the local dialect called fahlaviyot, (folk couplet), or tarona (song), the structure of which consisted of four lines. Hence, the imitation of such a poem from foreign literature is not acceptable for Persian-speaking peoples, and on this basis, one can logically guess that it was these couplets that became the source of the creation of the rubaiyat, which has the structure of a quatrain.
Another issue considered by the authors is the problem of the rubaiyat metric. The authors are convinced that the metric of the rubaiyat existed before the discovery of the size of the Khazaj by Khalil ibn Ahmad, which has nothing to do with it, and the use of its metric in the size of the Khazaj is a formal influence of the Persian-Tajik and Arabic composers of the aruz.
The authors of the article, in order to assess and state their goal, have used sources and abundant scientific legacies that contribute to the achievement of the expected results.

Keywords: Bayt, Couplet, Genre, Line, Metric, Origin, Rubaiyat (quatrain), Size, Song, Source.

Хулоса
Мақола ба яке мавзуъҳои баҳсноки илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Қабл аз арзёбии мавзуи меҳварӣ муаллиф, нахуст, роҷеъ ба назарияи жанри рубоӣ ба таври мухтасар иттилоъ дода, баъдан, дар заминаи мабоҳиси мавҷуд нуқтаи назари хешро дар бораи масъалаи хостгоҳ ва вазни ин навъи адабӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.
Тибқи андешаи муҳаққиқ, рубоӣ дар истилоҳи адабиётшиносӣ шеъре аст мураккаб аз чор мисроъ, ки маъмулан ду тарҳи қофия дорад. Тарҳи қофияи навъи аввал: **а, а, а, а** буда, онро мусарраъ ё тарона мегӯянд ва тарҳи қофияи навъи дуюм, ки шаклаш, **а, а, б, а** мебошад, дар истилоҳ хасӣ мехонанд.
Омӯзиши таҳқиқоти дар ин замина дастрасшуда аз орои адабиётшиносону ховаршиносони муосир ғолибан исбот менамоянд, ки рубоӣ маншаи чиниву туркӣ ва ҳатто арабӣ надошта, балки офаридаи табъу завқи баланд ва саршор аз эҳсоси миллати форс-тоҷик аст, ки баъдан ба адабиёти дигар ақвом, аз ҷумла нахуст ба адабиёти араб, пас ба адабиёти қавмҳои туркизабон ва дертар ба адабиёти халқҳои славян ворид шудааст.
Дар бораи шеъри чаҳормисроӣ, ки бархе муҳаққиқон гумон доранд ин навъ шеър аз Чину Туркистон ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гузаштааст, мувофиқи орои қатъии муаллифи мақола, ҳақиқат надорад, чунки дар адабиёти ғуфтории форсӣ-тоҷикӣ ашъоре бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ бо номи фаҳлавиёт ё худ тарона аз дер боз вуҷуд дошт, ки қолаби бештари ин ашъор иборат аз чаҳор мисроъ буд. Бинобар ин, тақлиди чунин ашъор аз адабиёти бегона барои форситаборон шоиста ба назар намерасад ва дар ин замина мантиқан метавон пай бурд, ки шояд маҳз ҳамин фаҳлавиёт нахуст маншаи рубоӣ аз назари сохтори шаклӣ, бахусус чормисроӣ будани он бошад.
Дигар аз масоиле, ки муаллифи мақола ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, масъалаи вазни рубоӣ мебошад. Муаллиф бар он бовар аст, ки вазни рубоӣ қабл аз кашфу баррасии баҳри ҳазаҷ, ки аз ҷониби Халил ибни Аҳмад сурат гирифтааст, арзи ҳастӣ карда, ба авзони кашфкардаи Халил ибни Аҳмад ҳеҷ иртибот надорад ва татбиқи вазни он дар баҳри ҳазаҷ дахолату тасарруфи сохтакоронаи арузиёни форс-тоҷик ва араб аст.
Муаллифи мақола барои арзёбӣ ва баёни мақсади худ аз маъхазу сарчашмаҳо ва осори илмии фаровон суд ҷуста, мунтаҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ расидааст.

Калидвожаҳо: рубоӣ, тарона, дубайтӣ, жанр, вазн, баҳр.

Рубоӣ яке аз жанрҳои қадимтарин ва маъмули адабиёти гуфториву навиштории форсӣ-тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин калима дар аксар луғатномаҳо ба маъниҳои чаҳоргонӣ, чаҳортоӣ, чаҳорхона ва монанди инҳо тавзеҳ ёфта, гоҳе бо номҳои дубайтӣ, тарона ва байт низ мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Мувофиқи ишораи муаллифи «Ал-муъчам» мубтакири жанри рубоӣ устод Абуабдуллоҳ Рӯдакист (Розӣ 1991, 95-96). Ҳамчунин, муаллифи мазбур ёдовар мешавад, ки рубоиётеро, ки ба он оҳанг баставу бо овоз хонда мешудааст, тарона ва рубоиёти муҷаррадеро, ки корбурди оҳангу мусиқӣ надорад, дубайтӣ мегуфтаанд. Ҳамчунин рубоиёти малҳун ё худ таронаро қавл ва ғазал низ мегуфтаанд, яъне рубоии малҳуни арабиро қавл ва рубоии форсӣ-тоҷикиро, ки бо оҳангу овозхонӣ марбут буд, ғазал меномиданд. Рубоӣ дар адабиёти араб маъмулан бо номи форсӣ-тоҷикии худ – аддубайт ва дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо номи арабӣ машҳур аст. Дар ин бора донишманди эронӣ, яке аз муҳаққиқони жанри рубоӣ – Сируси Шамисо чунин мегӯяд:

«Ҳамин вожаи дубайтӣ аст, ки ба арабӣ рафтаву дар он ҷо табдил ба «дубайт» шудааст ва мақсуди араб аз «аддубайт» ҳамон рубоӣ дар истилоҳи форсизабонон аст.

Арабҳо аз вожаи форсии «дубайт» ва эроният аз луғати арабии «рубоӣ» истифода мекунанд» (Шамисо 1374, 14).

Рубоӣ дар истилоҳи адабиётшиносӣ шеъре аст мураккаб аз чор ҷузъ ё худ мисроъ, ки маъмулан ду тарҳи қофия дорад, тарҳи қофияи навъи аввал: **а, а, а, а** буда, онро мусарраъ ё тарона мегӯянд ва тарҳи қофияи навъи дуюм, ки шаклаш **а, а, б, а** мебошад, дар истилоҳ хасӣ мехонанд. Тибқи нишондоди муҳаққиқони назарияи рубоӣ дар асри Х истифодаи рубоиёти мусарраъ ва хасӣ дар осори адибони форс-тоҷик баробар аст, вале дар эҷодиёти Рӯдакӣ теъдоди рубоиёти секофияӣ бештар аз чорқофияӣ мебошад. Тарзи корбурди қофияро дар рубоӣ ба назар гирифта, бархе муҳаққиқон рубоии чаҳормисроиро қадимтар медонанд, аз ҷумла Ҳумоӣ дар ин масъала чунин мегӯяд:

«Хасӣ: - дубайтӣ, яъне рубоие аст, ки мисрои савумаш қофия надошта бошад. Тавзеҳан қудамо дар гуфтани рубоӣ ағлаб мултазам буданд, ки ҳар чаҳор мисроаш қофия дошта бошад ва дар миёни мутааххирон он қайд бархоста ва он расм чандон муроот нашудааст» (Ҳумоӣ 1371, 406).

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон, ки аксаран ховаршиносону муҳаққиқони адабиёти туркзабон мебошанд, бар хилофи ин ақида рубоиёти хасиро асилтар медонанд ва барои маншаи туркӣ доштани он баъзе далелҳои беасос меоранд, Ховаршиноси итолиёӣ Алессандро Баузани ва шарқшиноси рус Т. Ковалский бар он назаранд, ки як навъ шеъри роиҷи чиниву туркӣ бо номи **ҳойку**, ки тарҳи қофияаш мисли рубоии хасист, маншаи рубоӣ ба шумор меравад. Мусташриқи олмонӣ Фрис Майер ба маншаи арабӣ доштани рубоӣ муътақид аст. Адабиётшиноси қазоқ М. Ҳамроев дар асоси гумони бепояву беасоси Т. Ковалский иддао дорад, ки возеи рубоӣ намояндагони адабиёти туркзабон мебошанд, на эрониён (Хамроев 1963, 142-143).

Қобили зикр аст, ки барои шинохти воқеиву ҳақиқӣ ва ба таври аниқ муқаррар кардани хастгоҳи ин ё он анвои адабӣ муҳаққиқ ниёзманд ба далоилу бароҳини зиёде аст, зеро мусалламан бидуни мавҷудияти далелу асноди вофири қотеъ ва ҳамапазир дар асари таҳқиқотӣ аҳамияти илмии он ба нуқсон мувоҷеҳ гардида, заҳмати муаллифро дар ҳар гуна таълифот камарзиш месозад. Масалан, барои муайян кардани хостгоҳи рубоӣ нахуст бояд мавҷудият ва сатҳи корбурди онро дар адабиёти гуфторӣ ва навиштории ин ё он халқу миллат ҷустуҷӯ кард. Дар иртибот ба ин зикр кардан бамаврид аст, ки тибқи хулосаҳои муҳаққиқон рубоӣ яке аз жанрҳои қадимтарину соҳибистиқлоли ҷинси ғиноии адабиёти форс-тоҷик аст, ки хостгоҳаш эҷодиёти даҳонии халқ мебошад. Рубоӣ дар адабиёти навиштории форсӣ-тоҷикӣ аз эҷодиёти шифоҳии ин миллат маншаъ пазируфта, қариб дар эҷодиёти ҳамаи адибон ҳузур ва корбурди фаровон дорад. Далели дигаре, ки ҳар як муҳаққиқ бояд ба он такя дошта бошад, ба эътибор гирифтани нуқтаи назари муаллифони сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, луғатномаҳо ва орои назарии суханшиносони асримиёнагӣ мебошад. Омӯзишу пажӯҳиш дар ин замина низ куллан собит месозад, ки рубоӣ маншаи форсӣ-тоҷикӣ дорад ва мухтареи он миллати форс-тоҷик аст. Дигар аз асноди муҳимму арзишманд дар пажӯҳишу баррасии ҷанбаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, бахусус дар масъалаи мавриди назар, таҳқиқоти бунёдӣ ва беғаразонаи адабиётшиносону ховаршиносони муосири ватаниву хориҷӣ мебошад. Омӯзиши таҳқиқоти ба мо дастрасшудаи адабиётшиносону ховаршиносони муосир ғолибан исбот менамоянд, ки рубоӣ маншаи чиниву туркӣ ва ҳатто арабӣ надошта, балки офаридаи табъу завқи баланд ва саршор аз эҳсоси миллати форс-тоҷик аст, ки баъдан ба адабиёти дигар ақвом, аз ҷумла нахуст ба адабиёти араб, пас ба адабиёти қавмҳои туркизабон ва дертар ба адабиёти халқҳои славян ворид шудааст.

Ба назар чунин мерасад, ки иллати ба чиниву туркӣ мансуб донистани маншаи рубоӣ аз ҳикояте, ки шарқшиноси итолиёӣ Алессандро Баузани зикр кардааст, сар задааст. Дар ин масъала муҳаққиқи рубоӣ донишманди эронӣ-Сируси Шамисо дар китоби арзишманди худ-«Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» чунин менависад:

«Нигоранда… ба сабаби адами ошноӣ бо забони итолиёӣ, аз машруҳи назарияи Бузони (Баузани) бехабар аст. Ба назари ӯ, бозаргононе, ки баъд аз ислом аз тарафи Чину Мочин ва Туркистон ба Эрон омадушуд доштанд, як шакли шеърии роиҷ аз адабиёти худро, ки муҳтамалан навъе ҳойку (Haiku) будааст, дар байни форсизабонон ривоҷ доданд ва он шакли шеърӣ бо тағйироте мавриди тақлид қарор гирифт вал-Лоҳу аълам» (Шамисо 1374, 25-26).

Ривояти мазкур, ки гӯё жанри рубоӣ нахуст аз Туркистон ба Эрон интиқол ёфтааст, шояд қисман асоси воқеӣ дошта бошад, зеро маълум аст, ки сафар аз Чин ба Эрон дар гузашта тавассути Роҳи абрешим сурат мегирифт ва тоҷикон, ки дар саргаҳи ин роҳ сукунат доштанд, боиси мунтақил шудани жанри рубоӣ аз забони онҳо ба Эрон тавассути бозаргонон шуда бошад. Ёдоварии Баузани аз Туркистон аз он ҷиҳат аст, ки Осиёи Миёнаро ба хотири он ки аксар сокинонаш, ба ҷуз аз тоҷикон, ҳама турктабору туркизабонанд, дар гузашта Туркистон медонистанд. Тахмину гумонҳои бархе муҳаққиқон, ки гӯё рубоӣ бар мабнои ҳойкуҳои чиниву туркӣ бунёд ёфтааст, асосе надорад, зеро мантиқан сурудани шеъре, ки маҷмуан аз чор мисроъ иборат аст, амре нест, ки форситаборон ба пайравиву тақлиди он ниёз дошта бошанд.

Бо дарназардошти он ки роҷеъ ба маънои луғавиву истилоҳӣ, хостгоҳ, ташаккулу такомул, назария ва дигар мухтассоту вижагиҳои жанри рубоӣ муаллифони сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, мураттибони луғату фарҳангномаҳо, назарияшиносони асримиёнагӣ, адабиётшиносони муосири ватаниву хориҷӣ, ховаршиносони Аврупову Ғарб ва дигарон ба таври муфассал изҳори назар кардаанд, мо дар ин қисмати кор ба бозтоби дигарбораи андешаи эшон ба таври густарда напардозем ҳам, ба баъзе ҷанбаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар иҷмолан тавоққуф карданро салоҳ мешуморем.

Роҷеъ ба масъалаи хостгоҳи рубоӣ бо онҳое, ки маншаи ин жанрро чиниву туркӣ ва арабӣ медонанд, аз ду тариқ метавон ба баҳс пардохт, яке сохтори шаклӣ, яъне кӯтоҳу аз чор мисроъ иборат будан ва дигаре вазни он. Дар бораи шеъри чаҳормисроӣ, ки бархе муҳаққиқон гумон доранд ин навъ шеър аз Чину Туркистон ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ гузаштааст, бо қатъият иброз медорем, ки ин сухан ҳақиқат надорад, чунки дар адабиёти гуфтории форсӣ-тоҷикӣ ашъоре бо лаҳҷаҳои маҳаллӣ бо номи фаҳлавиёт ё худ тарона аз дер боз вуҷуд дошт, ки қолаби бештари ин ашъор иборат аз чаҳор мисроъ буд. Бинобар ин, тақлиди чунин ашъор аз адабиёти бегона барои форситаборон шоиста ба назар намерасад ва дар ин замина

мантиқан метавон пай бурд, ки шояд маҳз ҳамин фаҳлавиёт нахуст маншаи рубоӣ аз назари сохтори шаклӣ, бахусус чормисроӣ будани он бошад.

Мавзуи дигаре, ки аз қадим боз роҷеъ ба он баҳсу мунозира миёни суханшиносони асримиёнагӣ, адабпажӯҳони муосири ватаниву бурунмарзӣ ва ховаршиносони Ғарбу Аврупо идома дорад, масъалаи вазни рубоӣ мебошад. Дар ин бора донишманди эронӣ, муҳаққиқи аруз Масъуди Фарзод дар мақолае таҳти унвони «Масъалаи ҳаштсадсолаи вазни рубоӣ», ки солҳои ҳафтодуми асри гузашта интишор шуда буд, бо ҷиддият изҳор менамояд, ки масъалаи вазни рубоӣ мушкили ҳаштсадсола аст, Аз ҷумла:

«Боре агар фарз кунем, ки Ҳасани Қаттон ду шаҷараи ахрабу ахрамро дар соли маргаш ҳам тартиб дода бошад, акнун 818 соли тамоми шамсӣ аз он таърих мегузарад. Пас агар бигӯем, ки вазни рубоӣ як масъалаи ҳаштсадсола аст, қадре ҳам кам гуфтаем» (Фарзод (18) 1354, 99).

Дар бораи хостгоҳи вазни рубоӣ баҳсҳои зиёде сурат гирифта бошад ҳам, аксари онҳо роҷеъ ба он ки вазни рубоӣ маншаи форсӣ-тоҷикӣ дорад, иттифоқи назар доранд (Розӣ 1991; Тусӣ 1992; Фарзод (16-18) 1954; Хонларӣ 1345; Наҷафӣ 1352; Ваҳидиён 1370; 1374; Кадканӣ 1389; Рипко 1385; Шамисо 1374; Ҳумоӣ 1371; Мусулмониён 1377; 1980; 1987; 1990; Шарифов 2002, 2005; Тоиров 2007; Абдусатторов 2004; Раҳмонов 2010; Тағоймуродов 2009; Зарипов 1990 ва дигарон).

Дар ин зимина бояд арз дошт, ки он баҳрҳое, ки миёни ашъори арабу аҷам ваҷҳи муштарак доранд, бахусус ҳар вазне, ки миқдори ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар онҳо қариб баробаранд (ҳазаҷи мусаддаси мақсуру маҳзуф истисност), дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ корбурди бештар доранд, ин шаҳодат аз он медиҳад, ки ин қабил авзон маншаи форсӣ-тоҷикӣ доранд, аз ҷумла баҳри хафифи мусаддаси махбуни мақсур (маҳзуф), аслам (аслами мусаббағ), вазни муҷтасси мусаммани махбуни мақсур (маҳзуф), аслам (аслами мусаббағ) ва вазни рубоӣ. Роҷеъ ба масъалаи маншаи сохтори шаклӣ ва авзони рубоӣ пурсише пайдо мешавад, ки посухи саҳеҳ мехоҳад. Пурсиш ин аст, ки агар бипазирем, ки рубоӣ сохтори худ, яъне шаклу қолаби чормисроиро аз тарона ё худ фаҳлавиёт, ки аслан маншаи форсӣ-тоҷикӣ дорад, гирифта бошад, пас татбиқи авзони он дар баҳри ҳазаҷ, ки яқинан баъд аз рубоӣ ихтироъ шудааст, иштибоҳ нест? Ҳол он ки тибқи маълумоти сарчашмаҳо рубоиро арабҳо дар асри XII аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тақлид кардаанд. Ба ифодаи дигар, ин жанр ба адабиёти араб аслан ба василаи шоирони форс-тоҷик, ки ба забони арабӣ ҳам шеър иншо мекарданд, гузаштааст. Дар маҷмуъ, роҷеъ ба ин масъала мо бар он назарем, ки авзони рубоӣ қабл аз баҳри ҳазаҷ арзи ҳастӣ карда, ба ин баҳр ҳеҷ иртиботе надорад ва татбиқи авзони он дар баҳри ҳазаҷ дахолату тасарруфи сохтакоронаи арузиёни форс-тоҷик ва араб аст.

Дар бораи вазни шеъри форсӣ-тоҷикӣ, хусусан вазни рубоӣ, ховаршиноси шинохта Ян Рипка чунин ақида дорад:

«Теъдоди буҳури бисёр зиёд ва ҳамаи онҳо, ҷуз рубоӣ, муқтабис аз арузи арабӣ аст» (Рипко 1385, 142).

Ҳамин муаллиф ҷои дигар дар китоби мазкур бо нақли қавл аз як манбаи бегона, яъне Kleines Lexikom Antike чунин менигорад:

«Ба баҳрҳое ашъори форсӣ мунҳасиран дар як ҷо ишора шуда, ки он ҳам боз як манбаи бегона аст. Дар шарҳу тафсирҳое, ки бар китоби «Ҳафоистиюн» (Hephaistion) (нависанда, шоир ва арӯздони юнонӣ мутаваллид ба соли дувуми мелодӣ, ки асари ӯ муҳимтарин маъхаз барои шиносоии арузи бостонии Юнон аст) навишташуда чунин омада: «Яникус омоиюра» (Ionicus amaiore), яъне он баҳри юнонӣ, ки зарбҳои (аркони) он аз ду ҳиҷои баланд ва ду ҳиҷои кутоҳ (- - v v) ташкил шуда персикус (Persicus) низ номида мешуд, зеро достонҳои эронӣ дар ин баҳр суруда шудааст» (Рипко 1385, 90).

Аз ин гуфта чунин бармеояд, ки рукни мустафъилу (- - v v) дар арузи форсӣ-тоҷикӣ яке аз муҳимтарин арконест, ки аз дер боз шеъри адабиёти шифоҳиву китобатии форсӣ-тоҷикиро ҳамроҳӣ мекунад. Ҳарчанд ин рукн дар арузе, ки онро аз ибдооти Халил ибни Аҳмад медонанд, зиҳофи макфуф аз рукни солими баҳри рачаз (мустафъилун) аст, аммо ба назар чунин мерасад, ки он пеш аз арузи араб ба ҳайси як рукни мустақил дар ашъори каммии форсӣ-тоҷикӣ ва ба василаи он дар шеъри Юнони қадим корбурди фаровон доштааст. Шамси Қайс зиҳофи макфуфи рукни мустафъилунро яке аз зиҳофоти махсуси шеъри араб дониста, дар ин бора мегӯяд, ки «каф(ф) дар мустафъилун аз азоҳифи ашъори араб аст, дар шеъри порсӣ наёяд» (Розӣ 1991, 56-57). Бинобар ҳамин, авзони рубоиро дар шаҷараи ахрабу ахрами баҳри ҳаҷаз, ки кашфи Ҳасани Қаттон аст, ба таври сохта татбиқ кардааст.

Роҷеъ ба ин масъала донишманди эронӣ, муҳаққиқи вазни шеъри форсӣ- тоҷикӣ - Тақӣ Ваҳидиёни Комёр чунин андеша дорад:

«… аммо арузиёни мо барои ин ки авзони шеъри форсиро дар қолаби қавоиди арӯзи араб бигунҷонанд, даст ба тавзеҳоту тақтеъҳои ғалат задаанд, монанди вазни рубоӣ, ки мустафъилу мустафъилу мустафъилу фаъ аст ва ҳамаи арузиёни эронӣ ва араб муътақиданд эронӣ аст, аммо арузиёни мо онро ба сурати мафъӯлу мафоъӣлу мафоъӣлу фаъал тақтеъ мекунанд, то ба тавзеҳоти дигар битавонанд онро дар баҳри ҳазаҷ бигунҷонанд, ҳол он ки абадан рабте ба баҳри ҳазаҷ (такрори мафоъӣлун) надорад» (Ваҳидиён 1371, 106-107).

Дар иртибот ба ин бояд ёдовар шуд, ки баҳри ҳазаҷ дар шеъри араб маъмулан дар шакли мураббаъ корбурд дорад, дар шаклҳои мусаддасу мусамман ба нудрат шеър метавон ёфт, вале дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ баръакси он аст.

Воқеан, омӯзишу пажӯҳиш дар ашъори адибони гузаштаву муосир собит сохт, ки шоирон бо истифода аз рукни мустафъилун ва зиҳофҳои мафъӯлун, фаълун, фаъ, фоъ ва амсоли инҳо дар бештар аз бист навъи вазн шеър сурудаанд ва яке аз онҳо вазни асили рубоӣ, яъне мустафъилу мустафъилу мустафъилу фаъ (фоъ) (- - v v /- - v v / - - v v / -(~) мебошад, ки тибқи ихтиёроти шоирӣ, яъне табдили ду ҳиҷои кӯтоҳ ба як ҳиҷои дароз ва қалби ҳиҷои сеюму чорум дар рукни дувум, ки баъзан ба ҷои рукни аслӣ ё худ сурати аслии мустафъилу (- - v v) гунаи дигар, яъне фоилоту (- v - v) низ истифода мешавад, 24 навъи вазн ба даст меояд.

Дигар аз вижагиҳои рубоӣ он аст, ки шоир дар вазни рубоӣ хеле ҳам озод аст, яъне вай метавонад ҳар як мисрои онро бо гунаҳои мухталифи вазни рубоӣ бисарояд. Дар чунин сурат ҳам халале дар вазни он ворид намегардад, барои мисол рубоии зерин аз эҷодиёти Амир Хусрав тақтеъ мегардад:

Ман аз ғами ӯ ба кӯчаву раҳ гирям,
Дам-дам гирям, аз он ки гаҳ-гаҳ гирям.
Ман аз ҳама халқ гиряҳо вом кунам,
Сер аз ғами рӯяш магар он гаҳ гирям

(Хусрав 763, в. 77[б]).

Сурати арузии рубоии мазкур ба тариқи зайл аст:

1). **- - v v / – v – v / - - - / -**
2). **- - - / – v – v / - - -/ -**
3). **- - v v / – v – v / - - v v / -**
4). **- - v v / - - v v / - - - / -**

Масъалаи дигаре, ки онро метавон дар сохтори рубоӣ хеле муҳимму арзишманд қаламдод кард, оҳанги баён, таносуби мантиқӣ ва ваҳдати қавии миёни мисраъҳои он мебошад. Яъне рубоӣ, бо вуҷуди зарфияти маҳдуд доштанаш, як асари мустақилу мукаммал маҳсуб мешавад, чунки дар он ҳар як мисроъ мақоми махсус дошта, аз лиҳози оҳангу ифода қонуниятҳои худро дорост. Масалан, байти аввали рубоӣ, ки муқаддима ва оғози фикри гӯянда аст, бо оҳанги орому паст хонда мешавад, мисрои сеюм, ки ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон, ҳайрату тааҷҷуби муаллиф ва маъмулан баёни андешаҳои фалсафию ҳикмат аст, бо оҳанги нисбатан баланд хонда мешавад. Дар ин мисроъ, ки аксаран аз қофия озод аст, шоир имкон пайдо мекунад, ки диққати асосиро бо пухтагиву рехтагӣ ва барҷастагии маънӣ равона кунад. Мисрои ниҳоии рубоӣ хусусияти ҷамъбасткунандагӣ дошта, тамоми мақсаду маром ва ҳадафи муаллиф дар шакли дастаҷамъона матраҳу хулоса мегардад. Оҳанги қироати ин мисроъ нисбатан пасту гӯшнавоз ва муассир аст. Илова бар инҳо, миёни мисроъҳои рубоӣ таносубу ҳамбастагии қавитаре ҳоким аст, ки ин ҳамбастагиҳо ваҳдату ягонагии миёни абёти жанри мазкурро тавре таъмин кардаанд, ки ғолибан байти дувуми онро наметавон ба ҳайси як байти мустақил ҳамчун шоҳиди мисол пешниҳод кард, зеро ин байт бо байти қаблии худ иртиботи мустаҳками маъноӣ ва ваҳдати мустақилу бевоситаи лафзӣ дорад. Ба таври дигар, се мисрои аввали рубоӣ тарҳи андешаҳои гуногуни муаллиф ба тариқи хабару иттилоъ буда, мисрои чорум бори маъноии се мисрои қаблиро ба дӯш мегирад ва ҷамъбасту натиҷаи мазмуни куллии онҳо мебошад. Муайян аст, ки ҳар шеър дорои хабару иттилоъ ва паёми вижае аст. Шоир паёму иттилоъ ва ҷаҳонбинии хешро бо ду роҳ, яке, ба василаи лафз, дигаре, бо роҳи маънӣ баррасӣ месозад. Дар анвои дигари шеърӣ ба василаи лафз расидани хабару паём шояд муносиб бошад, вале дар рубоӣ ба сабаби маҳдуд будани зарфияти он санъату бозсозиҳои забон чандон нақше надорад ва арзёбии паёми шеърӣ ба василаи маънӣ беҳтарин тариқ аст.

Бар замми он чи роҷеъ ба шакли рубоӣ баён гардид, бояд изофа кард, ки дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, махсусан дар осори бархе шоирони суфӣ навъи дигари шеърие ба назар мерасад, ки дар вазни рубоӣ эҷод шуда бошад ҳам, теъдоди абёти он аз ду зиёдтар аст. Ҳарчанд ашъори дар вазни рубоӣ эҷодшударо, ки миқдори абёти он аз ду байт афзунтар аст, маъмулан қитъа меноманд, аммо муҳаққиқи рубоӣ, донишманди эронӣ Сируси Шамисо ин гуна ашъорро таҳти унвони «рубоиёти себайтӣ» зикр мекунад ва таъкид менамояд, ки барои ин гуна ашъор шоиста аст номе интихоб шавад. Аз ҷумла:

«Ҳарчанд рубоӣ ба маънои чаҳортоӣ (чаҳормисроӣ) аст ва ашъори шашмисроии бар вазни рубоиро қитъа мегӯянд…, лекин мо ба далоиле ин гуна ашъорро рубоии себайтӣ номидем: аввалан, шоирони ин гуна ашъор суфиён буданд, ки фақат ба рубоӣ дилбастагӣ доштанд ва сониян, намунаи мутааддиде аз ин гуна ашъор дар даст аст, ки шоиста аст бо таваҷҷуҳ ба вазни рубоӣ барои онҳо номе интихоб шавад» (Шамисо 1374, 224).

Бо дарназардошти алоқаи зиёд доштани суфия ба вазни рубоӣ ин қабил ашъори ғайримаъмулиро, ки абёти онҳо аз ду афзунтар асту дар вазни рубоӣ суруда шудаанд, бояд шакли махсусе дониста шавад, на рубоӣ, ҳарчанд дар эҷодиёти даҳонии халқи тоҷик ашъори себайтии зиёде дар вазни рубоӣ дида шавад ҳам. Ашъоре, ки мубтанӣ бар вазни рубоисту аз лиҳози миқдори абёт аз он тафовут дорад, маъмулан тамомматлаанд. Намунаҳои ин навъи шеър дар осори файласуфу орифи машҳури форс-тоҷик-

Айнулқузоти Ҳамадонӣ (асри XII) бештар аз дигарон ба мушоҳида мерасад. Шояд мубтакиру мухтареи ин шакли шеър ӯ бошад. Намунаи рубоии себайтии тамомматлаъ аз эҷодиёти ин шоиру ориф ба ҳайси мисол пешниҳод мешавад:

Гуфтам, ки киро̄ ту бад-ин зебо̄,
Эй холиқи мо, ки сарвару мавло̄?
Гуфто, ки чунин сухан ту мефармо̄?
Ман худ худро, ки худ манам яктое,
Ошиқ набувад ҳар он ки бошад рой̄,
Ошиқ он аст, ки ошиқ аст якҷо̄
(Ҳамадонӣ 1374, 163).

Ҳамчунин дар осори Айнулқузот рубоиҳои себайтӣ, ки мисрои сеюмаш аз қофия озод аст, ба назар мерасанд (Ҳамадонӣ 1374, 170).

Дигар аз фуруоти сохтории жанри рубоӣ шакли мустазод доштани он мебошад, ки маъмулан ду навъ аст. Дар навъи аввал ба ҳар мисрои рубоӣ ним мисрои дигар, ки қофияи он аз қофияи рубоии аслӣ фарқ мекунад, афзуда мешавад. Ниммисроъҳои афзудашуда аз назари тарҳи қофия мисли худи рубоӣ мебошад, яъне мисрои сеюм аз қофия озод аст. Дар навъи дуюм бошад, баъди як байт ним мисроъ изофа карда мешавад. Ин порчаҳои афзудашуда низ аз лиҳози тарҳи қофия бо қофияи рубоии аслӣ тафовут дошта бошад ҳам, бо ҳамдигар ҳамқофияаанд. Рубоии мустазод дар осори қудамо қариб, ки дида намешавад, вале дар осори бархе мутааххирин ба назар расад ҳам, ривоҷи чандоне надорад.

Илова бар ин, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баъзе рубоиҳое мавҷуданд, ки онҳоро ба хотири ба эътибор гирифтани маънӣ рубоиёти пайваста ва рубоиёти мавқуфулмаонӣ мегӯянд.

Ҳамин тавр, омӯзишу пажӯҳиш дар таърихи пайдоиш ва назарияи жанри рубоӣ собит сохт, ки рубоӣ ҳамчун жанри мустақили адабӣ аз анвои дигари шеъри форсӣ-тоҷикӣ на танҳо аз лиҳози сохтори шаклӣ, аз ҷумла миқдори мисроъҳо, вазну қофия ва дигар лузуми шеърӣ фарқ мекунад, балки боз бо мазмуну мундариҷаи ғоявӣ ва як қатор мухтассоту қонуниятҳои дохилии хеш аз дигар жанрҳо тафовут дорад ва аз офарандаи хеш истеъдоду маҳорат, завқу салиқа, тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва дониши ҳамаҷиҳата фарогирро тақозо мекунад. Дар рубоӣ ифода гардидани ягон масъалаи муҳимми зиндагӣ, эҳсосот, ҳаяҷон, ҳолат, воқеаву ҳодисот, панду андарз, ҳикмат ва амсоли инҳо, ки дар натиҷаи он мақсади муайяну рафтори ибратангезе ба даст меояд, шарти асосӣ аст. Барои муассиру дилпазир таҷассум ёфтани ин масоил нақши вазн, қофия, радиф, риояи таносуби мантиқӣ, робитаи байни мисроъҳо хеле бузург аст. Зиёда аз ин, дар сохтори рубоӣ ба эътибор гирифтани оҳангу мусиқӣ нақши қобили мулоҳизае дошта метавонад.

Сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, осори шифоҳиву катабии форсӣ-тоҷикӣ, таълифоти суханшиносони асримиёнагиву муосир комилан собит месозанд, ки рубоӣ жанрест, ки хостгоҳи он адабиёти гуфторию форс-тоҷик аст. Бо дарназардошти он ки рубоӣ маншаи фолклорӣ дорад, забон, мазомину муҳтавои он аслан сода, равон ва аксаран холӣ аз такаллуфоту сохтакории вожагонӣ, саноеи бадеиву баёнӣ аст, ки ин нишон аз зиндагии одиву хоксорона ва омолу орзуҳои омма, бахусус деҳотиёни миллати форс-тоҷик, дорад. Аз мазмуни рубоиёти мардумӣ эҳсос мегардад, ки онҳо аксаран дар посух ба ниёзҳои гуногуни оммаи мардум суруда шудаанд, аз ин рӯ, метавон онҳоро аз назари мавзуъ ва маънӣ ба рубоиёти дорои мазомини кӯдакона, рақсу бозӣ, пандомез ё интиқодӣ, тавсифиву мадҳӣ, чистониву муаммоӣ, марбут ба касбу пеша, иҷтимоиву сиёсӣ, талаби дуо ё тақозо, орифона, ошиқона, навозишҳои модарона (аллагӯӣ), маҳаллӣ, бумӣ ё қавмӣ, миллӣ, ҳаҷвӣ, ҳамосиву қаҳрамонӣ, марбут ба муносибатҳои хос (шодӣ, азо) ва амсоли инҳо табақабандӣ кард. Ин жанри адабӣ дар миёни анвои дигари назми форсӣ-тоҷикӣ таърихи қадима дорад ва ягона жанре мебошад, ки истиқлолу ҳувияти худро дар тӯли асрҳои зиёд аз даст надода, дар шакли матбуъ, ширину дилкаш, хушоянду малҳун боқӣ мондааст ва ягона жанре ҳаст, ки истиқлоли вазни худро то кунун ҳифз карда, ба ягон навъи адабии дигар муяссар нагардидааст, ки вазни онро комилан тасарруф кунад. Аммо дар сохтори шаклии рубоӣ баъзе тағйироти ҷузъӣ аз қабили рубоиёти мустазод, рубоиёти мавқуфулмаънӣ, рубоиёти пайваста, баъзан тарҳи қофияи **а, а, б, б** ва ғайра дида мешавад, ки ин тасарруфоти бархе шоирон на танҳо муваффақият пайдо накард, балки ба шукӯҳу шаҳомати рубоии суннатӣ нуқсоне ворид карда натавонист.

Роҷеъ ба баъзе кӯшишҳои адибон ҷиҳати тасарруфу шикастани қолаб ва дигар анъаноти суннатии рубоӣ донишманди тоҷик, муҳаққиқи жанри рубоӣ-Абдушукури Абдусаттор ба чунин хулоса омадааст:

«… бо вуҷуди он ки дар таърихи назми форсӣ-тоҷикӣ кӯшишҳое барои шикастани қолаби анъанавии рубоисароӣ дар шаклҳои мухталиф аз қабили бо вазни рубоӣ гуфтани анвои гуногуни назм, дар шакли рубоӣ ва вазни он сохтани асарҳои алоҳида, таълифи ашъори мавқуф ё мусалсал ба харҷ дода шуданд, вале натиҷаи ин ҳама кӯшишҳо аз адами муваффақияти онҳо гувоҳӣ медиҳад» (Абдусатторов 2004, 10).

Аз ин андешаҳо чунин бармеояд, ки рубоӣ қолаби устуворест, ки барои ифода ва баёни андешаҳои шоирона ва лаҳзаҳои зудгузари ҳолати шеърӣ мусоидати комил дорад. Маҳз ҳамин барҷастагиву кӯтоҳии зарфияти шаклӣ ва қобили қабул афтодани авзону ҳавзаи маъноии рубоӣ боис шудааст, ки аксар адибони гузаштаву муосири форс-тоҷик барои ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷони олами офоқиву анфусии хеш ин навъи адабиро мавриди корбурди фаровон қарор додаанд ва дар интиқоли андешаҳои мухталифи шоиронаи худ

тавфиқ ҳам ёфтаанд. Шояд ҳамин чиҳат бошад, ки дар адабиёти асримиёнагӣ ва муосир адиберо пайдо кардан душвор аст, ки рубоӣ насуруда бошад. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, дар он аст, ки рубоӣ ҳамчун жанри аз назари зарфияти шаклӣ кӯтоҳу хушоҳанг ва аз лиҳози ҳавзаи маъноӣ дарбаргирандаи мазомини барҷаставу ҷанбаи отифатидошта барои таҷассуми лаҳаззоти шоирӣ, изҳори эҳсосоти анфусӣ ва воқеияти офоқӣ хеле мувофиқу муносиб аст.

Адабиёт

Шамисо 1374- Сируси Шамисо. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ. - Теҳрон, 1374. - 392 саҳ.

Ҳумоӣ 1371- Ҷалолуддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва саноати адабӣ. - Теҳрон, 1371. - 424саҳ.

Хамроев 1963- М.К. Хамроев. Основы тюркского стихосложения. – Алма-Ата: АН Каз. ССР, 1963. - С. 142-143.

Фарзод (16) 1354- Масъуди Фарзод. Масъалаи ҳаштсадсолаи вазни рубоӣ // Хирад ва кӯшиш, шумораи 16. - Шероз, 1354.

Фарзод (18) 1354- Масъуди Фарзод. Масъалаи ҳаштсадсолаи вазни рубоӣ // Хирад ва кӯшиш, шумораи 18. - Шероз, 1354.

Розӣ 1991- Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. - Душанбе, 1991. - 464 саҳ.

Тӯсӣ 1992- Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор. Таҳияи У. Тоиров ва дигарон. - Душанбе, 1992. – 144 саҳ.

Хонларӣ 1345- Парвиз Нотили Хонларӣ. Вазни шеъри форсӣ. - Теҳрон, 1345. - 303саҳ.

Наҷафӣ 1352- Абулҳасани Наҷафӣ. Ихтиёроти шоирӣ // Ҷунги Исфаҳон, дафтари даҳум. - Теҳрон, 1352.

Ваҳидиён 1370- Тақии Ваҳидиёни Комёр. Баррасии маншаи вазни шеъри форсӣ. - Машҳад, 1370. - 157 саҳ.

Ваҳидиён 1374- Тақӣ Ваҳидиёни Комёр. Вазн ва қофияи шеъри форсӣ. - Теҳрон, 1374. - 112 саҳ.

Кадканӣ 1389- Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Мусиқии шеър. - Теҳрон: Огоҳ, 1389. - 679 саҳ.

Рипко 1385- Ён Рипко ва дигарон. Таърихи адабиёти Эрон (аз даврони бостон то Қоҷория). Мутарҷим Исо Шиҳобӣ. - Теҳрон, 1385. – 575 саҳ.

Мусулмониён 1377- Р.Мусулмониён. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ. - Теҳрон, 1377. – 256 саҳ.

Мусулмонқулов 1980- Р. Мусулмонқулов. Асрори сухан. - Душанбе, 1980. – 151 саҳ.

Мусулмонқулов 1987- Р. Мусулмонқулов Назарияи чинсҳои адабӣ. - Душанбе, 1987. – 88 саҳ.

Мусулмониён 1990 - Р. Мусулмониён. Назарияи адабиёт. - Душанбе, 1990. - 336 саҳ.

Шарифов 2002 - Х. Шарифов. Балоғат ва суханварӣ. - Душанбе, 2002. - 278саҳ.

Шарифов 2005 - Х. Шарифов, У. Тоиров. Назмшиносӣ. - Душанбе, 2005. - 384 саҳ.

Тоиров 2007 - У. Тоиров. Мунтахаб-ул-арӯз, Рисолаи рубоӣ, Эъҷози хусравӣ. - Душанбе, 2007. – 87 саҳ.

Абдусатторов 2004 - Абдушукури Абдусаттор. Асрори шеъри марғуб. Мақолаҳо. - Душанбе, 2004. - 112 саҳ.

Раҳмонов 2010 - Ш. Раҳмонов. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик. - Душанбе, 2010. – 310 саҳ.

Тағоймуродов 2009 - Р. Тағоймуродов. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва жанри рубоӣ // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ, № 1. - Қӯрғонтеппа, 2009. - С. 58-65.

Зарипов 1990- З.С. Зарипов. Жанр рубаи в персидско-таджикской литературе XIII века. Диссер. канд. филиол. наук. - Душанбе, 1990. – 191 с.

Хусрав 763- Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ниҳоят-ул-камол. Дастнависи китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Рақами 763

Ҳамадонӣ 1374 - Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Хосияти ойинагӣ. Нақди ҳол, гузораи оро ва гузидаи осори форсии Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Ба эҳтимоми Наҷиб Моили Ҳиравӣ. - Теҳрон, 1374. - 478 саҳ.

The Presence of Religion in the Thought and Poetry of Ferdowsi, The Greatest Poet of Khorasan during the Ghaznavid Era

حضور دین در اندیشه و شعر فردوسی
(با تمرکز بر مقدمهٔ شهنامه)

Fazlurrahman FAQİHİ
Prof. Dr., Herat University, Herat, Afghanistan
faqihifazl@gmail.com
ORCİD: 0009-0004-6748-1387

Abstract
Ferdowsi is one of the famous poets of the Persian language, who is world famous for his epic poetry. Shahnameh, as his great epic work, has been able to mirror the civilization periods of our ancient land. The criterion of the presence of religious concepts in Ferdowsi's thought and poetry is an issue that informs researchers the truth of Ferdowsi's thoughts and Shahnameh. This article deals with the research in this case in order to measure the presence of religion in Ferdowsi's thought and poetry. Therefore, it will find out that how much the presence of religion has penetrated in Ferdowsi's thought and poetry. The consequences show that Ferdowsi paid attention to the ancient history of his land, he described the epic lives of those who lived before Islam and a religion other than Islam was present in their minds and lives. Therefore, religious concepts do not have a strong presence in Shahnameh. The introductory parts of Ferdowsi's Shahnameh, which includes the opening of the book, the purpose of writing this work, and the poet's current situation, contain some religious concepts that give more information that Ferdowsi was a devout poet with a monotheistic belief. This part is not quoted from any other source and is the pure emanations of Ferdowsi's own mind. The presence of religious concepts and ideas in the introduction of Shahnameh shows Ferdowsi's knowledge and awareness of the basics of Islamic culture and ideas. The reflection of religious concepts and traditions in Ferdowsi's speech and poetry reveals the poet's nobility to these sources and concepts. It shows that Ferdowsi learned these intellectual foundations according to the trend of his time and had a deep knowledge of them.

Keywords: Ferdowsi, Quran, Rationalism religion, Shahnameh,Sharia, Sunnah.

چکیده
فردوسی از برازنده‌ترین شاعران و سخنوران معروف قرن چهارم و پنجم هجری است که در شعر حمّاسی، شهرت جهانی دارد. شهنامه به عنوان اثر بزرگ حمّاسی وی، توانسته دوره‌های تمدُّنی سرزمین باستانی ما را آیینه‌داری نماید. معیار حضور مفاهیم دینی در اندیشه و شعر فردوسی، موضوع با ارزشی است که می‌تواند اهل تحقیق را به حقیقت اندیشه‌های فردوسی و شهنامه بیشتر اشراف بخشد. فردوسی به تاریخ کهن سرزمین خویش با توجه به سرگذشت‌های حمّاسی پرداخته و هدفش بیان جنگ‌آوری‌ها و دلاوری‌های تاریخ بزرگان سرزمینش بوده است؛ یعنی او حیات حمّاسی کسانی را در شهنامه بیان کرده که قبل از اسلام زندگی داشته‌اند و آیینی غیر از اسلام در ذهن و ضمیر و زندگی شان حضور داشته است. از این‌رو مفاهیم دینی در لابه‌لای داستان‌های شهنامه، حضور پررنگ ندارد. بخش‌های مقدماتی شهنامهٔ فردوسی که شامل افتتاحیهٔ کتاب، هدف سرایش این اثر، وضع روزگار شاعر و اموری از این قبیل است، برخی مفاهیم دینی را در خود پرورده است که بیشتر آگاهی می‌دهد فردوسی، شاعری مؤمن و دارای عقیدهٔ توحیدی بوده است؛ چه این بخش از کدام منبع دیگری نقل نشده و تراوش‌های خالص ذهن خود فردوسی است. حضور مفاهیم و اندیشه‌های دینی در مقدمهٔ شهنامه، بیانگر آگاهی فردوسی و باخبری وی به مبانی فرهنگ و اندیشه‌های اسلامی است. انعکاس مفاهیم و روایات دینی در سخن و شعر فردوسی، اشراف سراینده به این منابع و مفاهیم را آشکار می‌سازد؛ چنان می‌نماید که فردوسی این مبانی فکری را مطابق رواج روزگارش، آموخته بوده و بدان‌ها آگاهی عمیق داشته است. تبیین حضور دین در اندیشه و شعر فردوسی با تمرکز بر مقدمهٔ شهنامه، موضوع این مقاله است که با اعتنا به منابع معتبر علوم اسلامی بدان پرداخته شده است. معیار حضور دین در اندیشهٔ و شعر فردوسی، پرسشی است که این مقاله در پی تعیین آن است؛ برای که راهی برای درک معیار واقعی دین‌گرایی فردوسی باشد و اهل تحقیق را در حوزهٔ شناخت اندیشه‌های آن مرد بزرگ کمک کند.

واژگان کلیدی: فردوسی، شاهنامه، دین، شریعت، قرآن، سنت، خردگرایی.

مقدمه

مفاهیم دینی در آثار ادبی ما جایگاه متعالی دارند و دین‌محوری، ویژگی مهم بسیاری از آثار زبان فارسی به شمار می‌رود. با فتح سرزمین خراسان توسط سپاه اسلام و ایمان آوردن مردم این سرزمین، مفاهیم اسلامی به تدریج در ذهن و ضمیر شان غلبه یافت. بدین طریق، افکار اسلامی در ادبیات قرن‌های اول اسلامی، به گونهٔ هرچند کمرنگ‌تر نسبت به دوره‌های بعد، نیز حضور پیدا کرد.

فردوسی از شاعران حماسه‌سرای زبان فارسی است که شهرت جهانی دارد و در همه ادوار تاریخ، یکی از چهره‌های برجسته و شناخته‌شدهٔ حوزهٔ تمدنی قلمرو زبان فارسی بوده است. او سخنوری است که مرزها را درنوردیده و شهرهٔ آفاق شده، از آنرو که شهنامه‌اش در نگاه اهل تحقیق، یکی از آثار جهانی به شمار می‌آید. فردوسی ضمن اینکه یکی از شاعران بلند آوازهٔ سرزمین ماست، اندیشه‌مندی است که توانسته با شعر حماسی خویش، تمدُّن و فرهنگ دیرپای این سرزمین باستانی را از گذشته‌ها به آینده‌ها انتقال دهد و در مسیر تاریخ، ماندگار سازد.

هرچند شهنامهٔ فردوسی کتاب دین محور نیست، اما مفاهیم دینی در آن اثر، به‌ویژه در مقدمه‌اش قابل اعتناست. با وجود این امر، به دلیل داستان‌ها و افکار مردم متقدم سرزمین ما، برخی کسان او را شخص بیگانه به دین خوانده‌اند. از اینرو تحقیق در زمینهٔ معیار حضور دین در سخنان و اندیشهٔ آن مرد بزرگ مهم دانسته می‌شود. از سوی دیگر بحث در مورد حضور دین در اندیشه و شعر فردوسی، اهل مطالعه و تحقیق را به بخش مهمی از افکار وی، یعنی نحوهٔ دیدگاه فردوسی به دین و مبانی دینی، آشنا می‌سازد.

اهل تحقیق در بارهٔ فردوسی و شهنامه و ابعاد گوناگون آن بسی سخن گفته‌اند و آثاری نوشته‌اند. اما از آنجا که شهنامه اثری حماسی و نه عرفانی است، به جنبه‌های اندیشه‌های دینی در آن کمتر توجه کرده‌اند. در بارهٔ جایگاه اندیشه‌های دینی در شهنامه تا جایی که نگارنده اطلاع دارد، کارهای زیادی صورت نگرفته است. «خردورزی و دین‌داری، اساس هویت ایرانی در شهنامه» مقاله‌یی است که توسط اشرف خسروی و سید کاظم موسوی در فصلنامهٔ علمی پژوهشی کاوش نامه، (سال نهم، 1387، شماره16) نشریهٔ پژوهشگاه علوم انسانی و مطالعات فرهنگی به چاپ رسیده است. در مقالهٔ یادشده بیشتر به خردگرایی فردوسی و برخورد وی با دین به طور عام بحث شده و به تطبیق مبانی دینی اسلام در شعر فردوسی، توجه چندانی صورت نگرفته است.

«دین و اسطوره در اندیشهٔ فردوسی» مقالهٔ بهجت السادات حجازی است که در پژوهشنامهٔ علوم انسانی در کشور ایران به چاپ رسیده است. در این مقاله بیشتر به جنبه‌های اسطوره‌یی و نحوهٔ مطرح شدن دین در دوره‌های باستان در داستان‌های شهنامه پرداخته شده است؛ اما به حضور دین (اندیشه‌های اسلامی) در اندیشهٔ خود فردوسی در روزگار حیاتش کمتر توجه و اعتنا شده است. برخی آثار در حوزهٔ تاریخ ادبیات و همچنان مقدمه‌نویسان چاپ‌های گوناگون شهنامه در مورد دین و مذهب فردوسی، سخنان پراکنده و متفاوتی را ارائه داشتند که گاهی با اغراضی همراه بوده است.

هدف این مقاله آن است که جایگاه دین (مفاهیم اسلامی) در اندیشهٔ فردوسی را تبیین نماید، معیار اشراف فردوسی بر مفاهیم و منابع دینی را برسنجد و خردگرایی و دین محوری فردوسی را در معیار تطبیق سخنان او با منابع دینی توضح دهد.

مقالهٔ حاضر به این پرسش‌ها پاسخ خواهد داد که حضور دین در اندیشه و شعر فردوسی چه معیاری داشته است؟ عقاید توحیدی اسلام در سخن فردوسی به چه شکلی مطرح شده و تفکُّر او را چه گونه آیینه‌داری کرده است؟ تعمُّق فردوسی به معرفت دینی به‌ویژه شناخت

ذات و صفات پروردگار چه گونه بوده است؟ کدام یک از مقوله‌های خردگرایی و دیانت محوری در معرفت و شناخت، در تفکّر فردوسی سیطرهٔ بیشتری داشته است؟ معیار معلومات فردوسی به افکار اسلامی چه حدودی را پیموده است؟ چرا بیشتر اندیشه‌های دینی در مقدمهٔ شهنامه مطرح شده‌اند و در دیگر بخش‌های آن این اندیشه‌ها انعکاس چندانی نیافته است؟

نوع روش تحقیق این مقاله، کیفی تحلیلی است که با تمرکز بر شهنامه، به‌ویژه مقدمات آن انجام شده است. میان افکار مطرح شده در شهنامه با منابع دینی تطبیق صورت گرفته تا هدف اصلی از لابه‌لای مباحث برجسته و در نهایت ارائه شود.

1. تجلّی بینش توحیدی فردوسی

بینش توحیدی فردوسی در شهنامه در مواضعی به شکل آشکار تجلّی یافته است و هرگونه گمان انحراف عقیدتی از وی را در ظاهر امر، رد می‌نماید. این موضوع در جولانگاه‌های متعددی، چهره‌نمایی کرده که به گونهٔ کوتاه بدان پرداخته می‌شود.

1- 1. آغاز کتاب به نام پروردگار

از نکات مهم نشانهٔ توحید، آغاز سخن و شروع هر کاری به نام خداوند جلّ‌جلاله است. این از اموری است که در میان تمام اهل جامعهٔ اسلامی در تمام ادوار امری معمول بوده و همه بدان پایبند بوده‌اند. ملاحظه می‌شود که همه آثار گوناگون در جوامع اسلامی به نام خداوند و با ستایش اوتعالی آغاز یافته‌اند. فردوسی نیز شهنامه‌اش را به نام حق تعالی و با ستایش او آغاز نموده و سپس به توصیف اوتعالی پرداخته است:

به نام خداوند جان و خرد　　کزین برتر اندیشه بر نگذرد

(فردوسی، 1386: 17)

آغاز کتاب‌ها و سایر امور به حمد و نام خداوند، برگرفته از نصوص شرعی است که در این باره وجود دارد و دانشمندان جامعهٔ اسلامی به این آثار عمل کردند. ابن ماجه در سنن خویش و نسائی در سنن الکبری حدیثی را روایت کرده‌اند که بیانگر لزوم ابتدای هر امری به نام و ستایش الله متعال است. در این حدیث آمده که پیامبر صلی صَلَّى اللهُ عَلَيهِ وَسَلَّمَ فرمودند:

«كُلُّ أَمْرٍ ذِي بَالٍ، لَا يبْدَأُ فِيهِ بِالْحَمْدِ، أَقْطَعُ» (ابن ماجه: 1894- نسائی: 10255).

(هر کار با ارزشی که به حمد خدا آغاز کرده نشود، بریدهٔ ناقص است).

آغاز شدن شهنامه به نام خداوند، توسط فردوسی بدین گونه بوده که یا خودش از این روایات آگاهی کامل داشته و بدان عمل کرده است و یا اینکه اگر دقیق بدان معلومات هم نداشته، مطابق رسم معمول سایر دانشمندان مؤمن چنین آغازی را برای شهنامه‌اش به یادگار گذاشته که پایبندی وی به این سنت اسلامی را نشان می‌دهد.

2- 1. شناخت شریعت مدارانهٔ برخلاف فلاسفه

فردوسی در دوره‌یی زندگی می‌کند که اندیشه‌های فلسفی وارد خراسان زمین شده و در میان اهل عمل مطرح گردیده است. یکی از اندیشه‌های فلسفی که با توحید باری‌تعالی در منافات قرار دارد و گاهی در ادبیات فارسی و سایر آثار جای گرفته است، قایل شدن به واسطه‌بودن عقول عشره در میان خالق و مخلوقات است. نظریهٔ توسُّط عقول عشره میان پروردگار عالم و کاینات از دیرباز میان فلاسفه مطرح بوده است. ارسطو نظم خاصی برای عالم وجود، قایل شده و نظریهٔ عقول عشره را به عنوان وسایطی میان جسمانیات و ذات حق اظهار داشته است (سجادی، 1366: ج2، ص1294). فردوسی در مقدمهٔ شهنامه، برخلاف فلاسفه و موافق با اندیشه‌مندان اسلامی، اعتقاد خود به خداوند را به عنوان آفریدگار مستقیم پدیده‌ها مطرح کرده است:

خداوند نام و خداوند جای　　خداوند روزی ده رهنمای

(فردوسی، 1386: 17)

او در این ابیات برخلاف عقیدهٔ فلاسفه، زمان و مکان و هستی را آفریدهٔ مستقیم حق می‌داند و حق تعالی را روشنگر مستقیم اجرام فضایی معرفی می‌نماید. این تفکّر، برخلاف رأی فلاسفه است که عقول ده‌گانه‌یی را اثبات کردند و پنداشتند که «عقول ده‌گانه، ازلی و ابدی‌اند و ادعا دارند که دارای ادراک می‌باشند و به عنوان وسایطی میان پروردگار و عالم جسمانی مطرح‌اند؛ یعنی که عقل اول، مبدأ فلک اعظم و عقل دوم است. بعد از آن از هر عقلی و فلکی، عقل و فلک دیگری پدید می‌آید تا اینکه به طور مسلسل از عقل نهم، فلک قمر و عقل دهم صدور می‌یابد. به این عقل دهم، نام‌هایی چون مبدأ فیّاض، مدبّر امور تحت فلک قمر و نیز عقل فعّال گفته‌اند»(آلوسی، 1401: 163). بدین گونه تصور فلاسفه، ذات الله متعال را در آفرینش و تدبیر امور کائنات، معطل قرار داده و امور را به دیگر چیزهایی سپرده است. از همین است که فلاسفه « الله متعال را علت فاعلی خواندند که الحاد و انحراف در نام‌های خداوند است و از جملهٔ همین الحاد در نام‌های اوتعالی این است که پروردگار را به نام مبدأ خواندند»(بکر، 1417: 431). درست است که هرچیزی از او پیدایی یافته است و او «اول» است؛ همچنان که «آخر» است. اما این نظریه از آنجا مشکل ساز است که «آنان به نظریهٔ فیض و تکثُّر قایل اند؛ به این معنا که از خداوند عقل اول صدور یافته و بعد عقل دوم تا عقل دهم که آن را عقل فعّال نامیدند از یکدیگر پدید آمده‌اند. این مسلک را روش تصاعدی یاد کرده‌اند که امور طبیعی را نخست به افلاک و بعد به عقول عشره و بعد به واجب الوجود نسبت می‌دهند» (ملکاوی، 1405: 322).

سخن فردوسی به شکل واضح و صریح، با توسُّط و به میان آمدن عقول عشره که رأی فلاسفه است، برابری ندارد و همه امور کائنات و جهان را مستقیمًا به حق نسبت می‌دهد. او حتی شادی و غم، و کم و زیاد رزق و روزی را مطابق نصوص شرعی از جانب خداوند می‌داند:

از او شادمانی و زویت غمی است وزویت فزونی وزویت کمی است
(فردوسی، 1386: 18)

بدین گونه فردوسی با وجود اینکه شاعر دین محور نبوده است، سخنان وی در مقدمهٔ شهنامه، بیشتر با مبانی دین برابری دارد و برخلاف نظریهٔ فلسفی واسطه بودن عقول عشره میان خالق و مخلوقات، نظر داده است.

3- 1. اقرار به آفریدگاری خداوند
بر مبنای آنچه گفته شد که فردوسی در باب آفرینش کائنات، بینشی برخلاف فلاسفه دارد، وی با این تفکر، اقرار خویش به آفریدگاری و پروردگاری عالم را در مواضع گوناگونی تبارز داده است. این اقرار به آفریدگاری الله متعال «در باورهای خود فردوسی»(حجازی، 262) آشکار می‌شود؛ آنگاه که در باب آفریدگاریِ پروردگار، سخن می‌راند و حق را به عنوان ایجادگر کائنات و اجرام فضایی معرفی می‌دارد:

خداوند کیوان و گردان سپهر فروزندهٔ ماه و ناهید و مهر

(فردوسی، 1386: 17)

باور فردوسی به آفریدگاری حق تعالی مطابق شرایع آسمانی از لابه‌لای اشعارش در مواضع دیگر نیز هویداست او هنگامی که در مورد سلطان ممدوح خویش سخن می‌زند، تلویحا آفرینش جهان را به پروردگار یگانه نسبت می‌دهد:

بدین نامه من دست بردم فراز به نام شهنشاه گردن فراز
جهان آفرین تا جهان آفرید چنو مرزبانی نیامد پدید
ذ12122

(فردوسی، 1386: 24)

او بدین گونه جهان را آفریدهٔ پروردگار می‌داند، طوری که ادعا می‌کند در مخلوقات او از اول تا حال، کسی چون سلطان پدید نیامده است. همچنان در اوصاف برادر شاه، او را رهنمای خلق به سوی یزدان پاک معرفی می‌دارد:

نخستین برادرش کهتر به سال که در مردمی کس ندارد همال
به یزدان بود خلق را رهنمای سر شاه خواهد که باشد به جای

(فردوسی، 1386: 25)

به طور یقین، مرادش از یزدان، آفریدگار یگانه است؛ زیرا در دورهٔ سرایش این بیت‌ها شاه و برادرش از مؤمنان موحد بودند که پروردگار یگانه را پرستش می‌نمودند.

4- 1. باور به کتاب‌های آسمانی
بینش توحیدی در کلام فردوسی، از اقرار به حقانیت کتاب‌های آسمانی نیز وضاحت دارد. او در دو بیت که به توصیف سخن پرداخته، کتاب‌های آسمانی را نشانهٔ حقانیت نبوت پیامبران معرفی داشته است که این بیانگر نگرش توحیدی اوست:

ز نیکو سخن به چه اندر جهان به نزد سخن سنج فرخ مهان
اگر نامدی این سخن از خدای نبی کی بدی نزد ما رهنمای

(فردوسی، 1386: 23)

بدین گونه وی سخن را اساس نبوت دانسته است؛ چه هدایات انبیای الهی از جنس سخن بوده‌اند که به شکل کتاب‌های رهنمون دهندهٔ بشر بر ایشان نازل شده است.

5- 1. وضاحت باور به رستاخیز
بیان فردوسی در مواردی از شهنامه، می‌رساند که او برعکس آنچه کسانی او را بی‌باور به دین خوانده‌اند، باورمند به روز رستاخیز و زنده شدن بعد از مرگ و حساب و کتاب بوده است. او در باره دقیقی شاعر که قبل از او وفات یافته بوده، سخن می‌زند و برایش چنین از بارگاه حق تعالی آمرزش و عفو می‌خواهد:

برو تاختن کرد ناگاه مرگ نهادش به سر بر یکی تیره ترگ
بدان خوی بد جان شیرین بداد نبد از جوانیش یک روز شاد

یکایک از او بخت برگشته شد — به دست یکی بنده برکشته شد
برفت او و این نامه ناگفته ماند — چنان بخت بیدار او خفته ماند
الهی عفو کن گناه ورا — بیفزای در حشر جای ورا

(فردوسی، 1386: 22)

طلب آمرزش برای دقیقی که در کلام فردوسی به وضاحت آمده، بیانگر عقیده و باور او به روز رستاخیز و حساب و کتاب اعمال است و این امر از اندیشهٔ کسی ظهور می‌کند که دارای تفکُّری مطابق شرایع الهی داشته باشد.

2. موافقت شریعت در معرفت ذات حق

فردوسی همچنان که قبلا تذکر رفت، سخنوری دین محور نبوده و محور تفکُّراتش را حماسهٔ ملی سرزمینش شکل داده است. اما با این هم شناخت وی در مسائل عقیدتی با موافقت شریعت الهی استوار و آراسته است. در زیر به مواردی از موافقت معرفت وی به شریعت الهی که در مقدمات شهنامه مطرح شده پرداخته می‌شود.

1- 2. ناتوانی خرد و حواس از درک کُنه ذات

شناخت ذات پروردگار از اموری است که بزرگترین اندیشه‌مندان از دریافت حقیقت و کنه آن عاجز مانده‌اند. عقل بشر کوچکتر و ناتوانتر از این است که حقیقت ذات احدیت پروردگار را دریابد و ذات اوتعالی بلندتر از آن است که در محدودهٔ معاینهٔ حواس و مدرکات بشر قرار گیرد. بیان قرآن کریم نیز همین را می‌رساند؛ آنجا که فرموده است:

«يعْلَمُ مَا بَينَ أَيدِيهِمْ وَمَا خَلْفَهُمْ وَلَا يحِيطُونَ بِهِ عِلْمًا» (طه: 110).

(آنچه را که آنان در پیش دارند و آنچه را که پشت‌سر گذاشته‌اند می‌داند و حال آنکه ایشان به او دانشی ندارند).

مراد این آیه بر اساس آنچه اهل تفسیر گفته‌اند، آن است که الله متعال، به همه خلایق از روی علم احاطه دارد؛ اما علوم خلایق به ذات و صفات و معلوماتش احاطه ندارد (زحیلی، 1418: 16، 286). امام طحاوی از بزرگان دانش و تحقیق در مجموعهٔ عقیدتی خویش گفته است: «گمان‌ها به او رسیده نمی‌تواند و فهم‌ها او را دریافته نمی‌تواند» (طحاوی، 1414: 33).

فردوسی در مقدمهٔ شهنامه هنگامی که به توصیف پروردگار جلَّ شأنه پرداخته، مطابق دیدگاه دانشمندان اسلامی، درک حقیقت ذات حق را بالاتر از فهم و گمان انسانی می‌داند و می‌گوید:

ز نام و نشان و گمان برتر است — نگارندهٔ بر شده پیکر است

(فردوسی، 1386: 17)

او تأکید داشته که اندیشهٔ انسانی به کُنه ذات حق، راه یافته نمی‌تواند؛ زیرا حق‌تعالی برتر از این است که در ظرفیت حواس بگنجد. بنابراین وی همه مدرکات، مشاهدات و شناخت‌های انسان‌ها را از معرفت حقیقت ذات خداوند جلجلاله ناتوان و عاجز میداند:

نیابد بدو نیز اندیشه راه — که او برتر از نام و از جایگاه

(فردوسی، 1386: 17)

جان و خرد انسان در نگاه فردوسی، به حقیقت ذات حق پی برده نمی‌تواند و این مقرر اهل تحقیق از دانشمندان است. او در این باره گفته است:

سخن هرچه زین گوهران بگذرد — نیابد بدو راه جان و خرد

(فردوسی، 1386: 17)

عدم دسترسی عقل و خرد بشریت به کُنه ذات پروردگار امری ثابت است؛ زیرا عقل بشر بسان خودش مخلوق و حادث است و به درجهٔ کمال نرسیده است؛ لذا از درک حقیقت ذات اوتعالی عاجز و ناتوان است. از همین است که در نگاه اهل تحقیق، ناتوانی از معرفت اوتعالی معرفت دانسته شده؛ زیرا اقرار به وحدانیت وجود او، بدون درک حقیقت آن است. از شبلی علیه الرحمه منقول است که گفت: «آنچه را با عرفان خویش شناختید، با دانش و رأی خود درک کردید، با گمان‌ها و فهمهای خود دانستید و در عقاید و دل‌های تان مقدّر نمودید، به خود تان بازگشتنی است و مانند شما مخلوق است».(میبذی، 1371: 3، 438). براین اساس ذات الله متعال از دایرهٔ فهم انسان بیرون است؛ زیرا «فهم چیزی است که عقل آن را به دست می‌آرد و بدان احاطه می‌نماید. اما کیفیت و حقیقت الله متعال را جز خودش کسی نمی‌داند. بلکه ما وی را به صفات او می‌شناسیم و بدین طریق، که او یگانه است، بی نیاز است، کسی را نزاده است و از کسی زاده نشده است و برایش همانندی وجود ندارد» (ابن‌ابی‌العز: 73)

مقرّبان درگاه و خاصان بارگاه ذوالجلال نیز از درک ذات حق عاجزاند و راه چنین شناختی را پیموده نمیتوانند؛ جز اینکه اوتعالی را از راه شناخت نام‌ها و صفات او بشناسند و این راهی است که به روی انسان‌ها باز است.

2- 2. اقرار به کوتاهی خرد در شناخت

به ادامهٔ اعلان ناتوانی از شناخت حقیقت ذات حق، فردوسی اقرار می‌کند که ذات حق در خرد و هستی انسان نمی‌گنجد؛ بلکه خرد و هستی انسان در تحت سنجش و مراقبت او قرار دارد و بسی کوچک و ناچیز است. از همین جهت، هرچه را که ذهن انسان و خرد وی در بارهٔ الله متعال، تصور کند، بیهوده‌گویی است و کار به جایی نمی‌برد:

خرد را و جان را همی سنجد او — در اندیشهٔ سخته کی گنجد او
بدین آلت رأی و جان و زبان — ستود آفریننده را کی توان؟
به هستیش باید که خستو شوی — ز گفتار بی کار یکسو شوی

(فردوسی، 1386: 17)

Воҳидҳои фразеологии бо ҷузъи арабие, ки аз забони қаҳрамону персонажҳои ривояту ҳикоятҳо баён гардида аз нигоҳи шаклу мазмун, муҳтаво равону суфта ва пурмазмуну хондабоб мебошад, ки ин гуфтаҳо вақти мутолиаи асар муайян мегардад. Воҳидҳои боло оварда шуда инҳоянд: «ҷидду ҷаҳд намудан» - кӯшиш кардан, талош варзидан; «ба касе карам накардан» - ёри надодан; «чашми шафқат надоштан»-бераҳмӣ.

Гуфтан љоиз аст, ки осори мансури Њусайн Воизи Кошифї, асосан, осори дидактикӣ-ахлоқӣ аст, бинобар ин муаллифи асар кӯшидааст, ки суханони ҳикматомез ва баландмазмуни омехтаи воҳидҳои фразеологӣ аз забони худи ӯ чун шахси соҳибтаҷриба, ҳакими замона, муҳокима- кунандаи вазъу ањволи иҷтимоӣ ва хулосакунанда баён гардад. Аз ин ҷост, ки дар забони қаҳрамонҳои ҳикоятҳои таркиби асари мавриди баррасӣ қарор гирифта, воҳидҳои фразеологӣ, ибораҳои маҷозӣ нисбатан камтар корбаст гардидаанд.

б) Ибораҳои фразеологии исмӣ.

Дар осори мансури Њусайн Воизи Кошифӣ ин гурӯҳи ибораҳои фразеологӣ низ истифода гардида, забони асарро суфтаву сайқал ва муассирнок сохтаанд. Аммо аз нигоҳи миқдор ибораҳои фразеологии ба ҷузъи арабӣ на он қадар зиёданд, ки ҳоло чанд мисол меоварем: Ва падари худ – Сабуктегинро зиёфате кард, ки хонсолори фалак базме ба он зебоӣ надида буд, гӯши замон самоте ба он ороиш нашнида[223]. Султон фармуд, ки он кадом боғ тавонад буд. Ҷавоб дод, ки он ниҳоли тарбият ва эҳсон дар бӯстони фузалову ҳукамо ва шуаро нишондан [223]. ..боғе сохт чун равзаи ризвон дилкушо ва монанди фирдавс барин ҳайбатафзо чун бӯстони биҳишт тозаву хуррам ва аз ғояти таровату назҳат рашки гулшани Ирам…[223]. …зеро ки маҳрами асрор дар олам камтар аст [218]. …ҳар чи бар сафҳаи андеша кашад килки хаёл…[228]. Яъне, то арӯси сухан дар паси пардаи туст, машшотаи машиятро ихтиёр боқист [248]. Агар хоҳад бар сарири нутқаш ҷилва диҳад ва агар хоҳад дар ниқоби одамаш бидорад [248]. Филҷумла ҷамъе, ки султонро аз эшон чора нест ё арбоби сайфанд, чун амирҳову элчиён ва сипоҳиёну монанди он, ё асҳоби каломанд [251]. …ки ҳамаро ба чашми шафқат ва чашми отифат бинад [251].

Дар ин мисолҳо ибораҳои фразеологии «**хонсолори фалак**»-сардор, саравари ташрифоти меҳмонӣ; **«гӯши замон**»-гӯши давр, олам; **«ниҳоли тарбият ва эҳсон»-некӣ, саховат; «равзаи ризвон»-биҳишт; «маҳрами асрор»**-пинҳон; **«килки хаёл**»-қалам;**«арӯси сухан**»-риштаи сухан, лаҷоми сухан ё бартарӣ; «**сарири нутқ»**-муассирӣ; **«ниқоби одам**»-нестӣ, чизи набуда; «**арбоби сайф»**-сипоҳон; **«асҳоби қалам**»-аҳли зиё, котиб, надими дарбор; «**чашми шафқат**»-меҳр, меҳрубонӣ буда, дар тасвири воқеаҳои гуногун , манзарасозӣ ва тасвири ҷаҳони зоҳирию ботинии персонажҳо истифода гардида, муассирии суханро боз беш сохтаанд.

Ҳамин тавр, ибораҳои фразеологии бо ҷузъи арабӣ ифодашаванда дар осори мансури нависанда бо як миқдори муайян истифода гардида, барои муассириву ҷаззобияти сужаи асар мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Феҳрасти адабиёт

Бердиева Т. Назарияи иқтибос //Т.Бердиева. - Душанбе, 1991.–128 с.
Бухоризода А. Саргузашти калимаҳо // А. Бухоризода. – Душанбе, 2005. - 234 с.
Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Қисми 1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С.17-87.
Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. – Душанбе, 1981. -102 с.
Каримов Ш. Семантикаи воҳидҳои луғавии ғазалиёти Ҳофиз//Ш. Каримов.–Душанбе, 1993. –146 с.
Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик // М.Н.Қосимова.–Душанбе, 2003. – 420 с.

Маҷидов Ҳ.Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. Ҷ. 1 // Ҳ. Маҷидов. –Душанбе, 2007. –242 с.
Муслимов М. Вожидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои луғавии арабӣ. – Душанбе, 2009. – 188 с.
Новиков Л. А. Антонимия в русском языке // Л. А. Новиков.– М.: МГУ, 1973. – 290 с.
. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии ҳозираи тоҷик // Ҳ.Талбакова. – Душанбе, 2001. – С. 3 - 15.
Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.СЭ,1969. - 951с.- Ҷ. 2. – 948 с.
Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». - Душанбе: Адиб, 1992. - 496 с.
Ҷумъаев М. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳот-ул-унс»-и
Абдураҳмони Ҷомӣ // М.Ҷумъаев. –Душанбе: Эҷод, 2009. – 158 с.
Ширинбонуи Исматуллоҳ. Дафтари ишқ // И.Ширинбону. – Душанбе: Адиб, 2008. – 121 с.
Шокиров Т. Адиб, забон ва услуб // Т.Шокиров. – Душанбе, 2001. – 174 с.

A Few Words about the Life and Work of Sadr Sarir Balkhi
МУРУРЕ БА АЊВОЛ ВА АШЪОРИ САДРИ САРИРИ БАЛХЇ

Mirzoyunys MATLUBA
Prof. Dr., Khujand State University Named after Academician B. Gafurov, Khujand, Tajikistan
matluba.khojaeva@gmail.com

Abstract
Sadr Sarir is one of the recognized writers of the 19th century, gaining fame as a poet and writer. Many anthologies of his contemporaries contain information about him and samples of his poems. His poems are written in both Indian style and simple style. He also achieved success in writing poetic imitations; the sources contain ghazals with the reefs "oina" and "tahsin". Themes of his work: social, love, philosophical and mystical motives. However, the number of his poems is small, so it is not possible to draw definitive conclusions. It is necessary to find his works in the sources and present them to the attention of the scientific and literary community.

Keywords: Asri X1X, Bayoz, Ghazal, Indian style, Poetic imitation, Redif, Sadr Sarir, Shoir, Tazkire,

Хулоса
Садри Сарир аз адибони маъруфи асри X1X буда, ба унвони шоир ва насрнависи тавоно шинохта шудааст. Дар аксари тазкирањои замон маълумот ва намунањои шеъраш љой дода шудааст. Ашъораш њам дар сабки њиндї ва њам равияи соданависї ба назар расид. Дар љавобиянависї њам дасти тавоно доштааст, бо радифњои "оина" ва "тањсин" ѓазалиёти љавобияаш дар сарчашмањо сабт шудаанд. Мавзуъњои ирфонї, ишќї, фалсафї ва ирфонї дар шеърњояш ба мушоњида омаданд. Аммо миќдори абёте, ки то имрўз интишор ёфтааст, њанўз барои хулосагирињои комилтар имкон намедињад, бинобар ин, зарур аст, ки аз баёзњо, осори таърихї ва сарчашмањои дигари ин давра ашъори шоирро ёфта, дастраси аҳли илму адаб намоем.

Калидвожањо: Садри Сарир, шоир, асри X1X, сабки њиндї, љавобиянависї, радиф, ѓазал, тазкира, баёз

Ќозї Абдулвоњид Садри Сарири Балхї аз фозилон ва равшанфикрони садаи X1X буда, ба унвони шоир, насрнавис, олим, хаттот ва донишманди фунуни шаръї шинохта шудааст. Дар бораи ў дар аксари тазкирањои охири асри X1X – ибтидои асри XX, аз љумла тазкирањои Возењ, Афзал, Муњтарам, Њашмат, Садри Зиё, Абдї, Айнї маълумоти гоње муфассал ва гоње мухтасар омадааст. Аз ахбори ин сарчашмањо маълум мешавад, ки Садри Сарир соли 1809 дар Балх ба дунё омада, пас аз тањсилоти ибтидої дар зодгоњ ба Бухоро меояд ва дар мадраса улуми зиёдеро мисли анъодису тафсир, фиќњу усул, маониву бадеъ, аќсоми шеъру наср, анвои хат аз худ мекунад. Чунонки Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» менависад:

Яке аз бузургони Балхидиёр
Биёвард ташриф андар Бухор.
Лаќаб Ќозии Садру Вонид ба ном
Сарафрозу мумтоз байналаном.
Варо буд њилму адаб он ќадар,
Ки берун намудї зи тавќи башар.
Ба дониш бад-он сон бароварда ном,
Ки гардид машњур бо хосу ом.
Камолоти он буд берун зи њаср,
Ваљиди замон буду яктои аср.
Анъодису тафсиру фиќњу усул
Бувад бартарин рутбааш дар вусул.
Ба илми маониву илми бадеъ
Варо пояи ќадр будї рафеъ.
Ба аќсоми шеъру ба анвои хат
Нафири анову аљад зад фаќат.
Тахаллус дар ашъор дорад Сарир,
Санохони Саййид Музаффар амир.
Ба насри сухан буд он сон фарид,
Кас андар замона назираш надид [7, с. 125].

Аз рўйи маълумоти сарчашмањо ў пас аз хатми мадраса панљоњ сол дар Комоту Каждумаку Ѓиждувон дар мансаби ќозигї фаъолият доштааст ва бисёр парњезгор буда, њамеша ба нафъи мардум кор мекардааст ва «матои љањон пеши чашмаш њаќир» будааст:

Ба амри ќазо буд парњезкор,
Аз ў халќ хушнуду њам кирдгор.
Ба зуњду ибодат адимунназир
Матои љањон пеши чашмаш њаќир [7, с. 125].

Тибќи маълумоти Садри Зиё дар замимаи «Тазкори ашъор» Садри Сарир хеле пурмутолиа буда, «аз ду њазор китоб бештар дар китобхонаи он љаноб љамъ шуда буд; ин љумла тамоман аз назарашон гузашта, тасњењу тањрир ёфта". Маълум мешавад, ки ба ѓайр аз китобхонањои хусусии Ќозї Бурњонуддини Садр, Мирсиддиќхони Њашмати Бухорої ва Шарифљон Махдуми Садри Зиё, ки дар сарчашмањо зикрашон рафтааст, китобхонаи Садри Сарир низ хеле ѓанї будааст. Шоири маъруф Сират дар илму адаб шогирди ў

будааст. Садри Сарир дар синни њафтоду нуњсолагї, пас аз панљоњ соли ќозигї, соли 1886 дар Ѓиждувон чашм аз ин дунё пўшидааст

Маълум мешавад, ки Садри Зиё ба ў эњтиром ва иродати хос доштааст. Садриддин Айнї низ дар «Ёддоштњо» аз воќеаи муњими кандани рўди Шофирком бо сарварии ќозї Садри Сарир ёдовар шуда, ин кори ўро барои ободии диёр хеле муњим мењисобад. Аммо чанде нагузашта, ин рўдро бо супориши амир вайрон мекунанд ва ќозї дар пеши чашмаш вайрон шудани тамоми ободкорињои худро дида, «ба амиру мансабдорони ў нафрат карда, бе он ки истеъфо дињад, намоишкорона ќозигии Ѓиждувонро партофта, ба Бухоро, ба хонаи худ рафт ва дар он љо якчанд рўз хобида ѓуссамарг шуда вафот намуд. (Ќозї Абдулвоњиди Сарир аз њамфикрони Ањмад Махдуми Дониш буд, аммо ў ѓайрифаъол буда, ѓазаби ильтимоии худро изњор карда натавонист ва монанди кањдуд дарун-дарун сўхта мурд) [2, с. 59]. Устод Айнї дар «Ёддоштњо» борњо ќозї Абдулвоњиди Садри Сарирро ном мегирад ва аз эњтирому муњаббати хоси падараш нисбат ба ў ёдовар шуда [2, с. 92] таъсири ин шахсияти бузургро ба таѓояш Ќурбонниёз таъкид мекунад [2, с. 189].

Дар таърихи вафоти ў Мирзоазими Сомї шеъре гуфтааст, ки бисёр нуктањои шахсияти ин марди хирадманд ва парњезгор аз он равшан мешавад:

Ќозї Абдулвоњиди Садр, он хирадманде, ки буд
Аз сарири хомааш њосил адоњои латиф.
Аз шакарафшонии килки маонипарвараш
Коми арбоби фазилат дида лаззоти назиф.
Тавсани фикри даќиќаш гармљавлон гар шудї,
Форисони арсаи дониш куљо гаштї радиф?!
Он ќадар болодавињо дошт фикри соќибаш,
К-аш нагаштї аќли аввал воридоташро радиф.
Мавлидаш Балху Бухоро маскану машраб сафо,
Бо мизољи њар ки мељўшид аз хўи муниф.
Чун зарур афтод амри ногузираш аз ќазо,
Тоифан биллоњ шуд дар љаннатулмаъво ваќиф.
Доѓ шуд фазлу адаб хун гашту дониш хок шуд,
Гашт яксон дар назарњо њар тариду њар тариф.
Аз фироќаш толибонро садмаи сахте расид,
Шўри мањшар шуд њувайдо аз адоњои аниф.
Нест мумкин дањр баъд аз ќарнњо пайдо кунад
Мисли ў ќозии шаръу њомии дини Њаниф.
Шуд пайи гул кардани соли висоли реҳлаташ
Доду оњу нола берун аз Бухорои Шариф [7, с. 126].

Тибќи моддаи таърих ихрољи «доду оњу нола» аз «Бухорои Шариф» баробар ба 1303/ 1886, яъне соли вафоти Садри Сарир мешавад. Устод Айнї дар бораи ў менависад, ки «дар вараъу парњезгорї ба дараљае буда, ки дар зарфи панљоњсола ќозигї дар боби хидматњои хусусии худ имдоду ёрмандии шахсеро ва хидматгореро ќабул накардааст. Дар овони шавкату њашмат, ки аз дари хонааш доимї 20-25 нафар нон мехўрданд, касе ривоят накардааст, ки оби тањораташро аз хизматгоре омода кунонда бошад» [3, с. 265]

Муњтарам дар њаќќи ў гуфта:

Туї, ки хома ба дастат забон занад ба сарир,
Хиљолат аст зи эљози ту Масењоро.
Туї, ки љон ба сухан медињї ба њар бељон,
Хироми хома гувоњї бас аст биноро.
Туї, ки ѓулѓули васфи сарири хомаи ту
Ба њафт калъаи Мино фиканда ѓавѓоро [6, с. 203].

Намунањои ашъори ў, ки дар тазкираву баёзњо боќї мондаанд, аз он гувоњї медињанд, ки шоир дар марњалаи аввали эљодиёташ майл ба бедилгарої доштааст. Дар тазкираву баёзњо аз ў якчанд ѓазал, ќитъа, рубої ва фард сабт шудааст. Дар ягон сарчашма аз мављудияти девони ў хабар нест. Дар аксари ѓазалњо баъзе нишонањои сабки њиндї ба мушоњида омад, ки аз љумла маънињои печида, вожаву таркибњои мураккаб, фазои фикрии махсус хоси ин сабк мебошанд.Чунончи, танњо бо радифи «оинаро» дар тазкираи Возеҳ 4 ѓазал оварда шудааст. Љолиб он аст, ки ин ѓазалњо дар пайравї ба ѓазалњои шоирони замон чун љавобия ё татаббуъ ба ќалам омадаанд ва мисли ин ки радифи мазкур низ чун чанд радифи дигар, мисли радифи «ангушт» дар шеъри шоирони аҳд мизони санљиши њунар будааст. Аз он чањор ѓазал, ки сабт шудааст, ѓазали аввал ин аст:

Акси рўят карда гулшан дастгоњ оинаро,
Њам бар ин даъво ниҳам пешат гувоњ оинаро.
Ѓайри истиќболи нозат нест сомони ѓурур,

Андаке дар љилва обаш кун кулоњ оинаро.
Сайъи мо дар софии дил нест бе тамњиди нафъ,
Њусн дорад илтифоте гоњ-гоњ оинаро.
Гар кунам бо љилваи тоќатгудозат рў ба рў,
Мешавад љавњар замоне узрхоњ оинаро.
Бар хусуфи мањ сабаб љуз дурии хуршед нест,
Бе рухат уфтод бас рўзи сиёњ оинаро.
Як ќалам мазмуни найранг аз хатат фањмиданист,
Гардад ин љо љавњари об зери коњ оинаро.
Табъи ѓаммозон њамон дар зери кулфат бењтар аст,
Занг шуд дар айбљўї садди роњ оинаро.
Нест љинси худписандї боби арбоби камол,
Юсуфе дорам, ки донад ќаъри чоњ оинаро.
Љилвамуштоќ аст њусни ў чї созад кас, Сарир,
В-арна мекардам сиёњ аз дуди оњ оинаро [4,с.134].

Ин ѓазал, ки дар тазкираи Возењ аз 9 байт иборат аст, дар «Тазкори ашъор» 12 байт дорад. Дар «Намунаи адабиёти тољик» низ 9 байт омадааст. Дар «Намуна» ѓазал бо «Ашки рухат» сар мешавад, аммо дар сарчашмањои дигар «Акси рухат» сабт шудааст. Дар тазкираи Садри Зиё ба љои «Сайъи мо дар софии дил нест бе тамњиди нафъ» мисраи «Љилва манзур аст, агар мо содалавњ афтодаем» омадааст. Маълум мешавад, ки сарчашмаи мавриди истифодаи тазкиранигорон аз њам тафовут доштааст, зеро на танњо аз назари миќдори байтњо, балки истифодаи баъзе калимаву таркибњо низ ин ѓазал дар ду тазкира аз њамдигар фарќ мекунад.

Муќоисаи ин ѓазал дар тазкирањои Возењ ва Садри Зиё нишон дод, ки байти зерин дар тазкираи Возењ њаст, аммо дар тазкираи Садри Зиё нест:

Гар кунам бо љилваи тоќатгудозат рў ба рў,
Мешавад љавњар замоне узрхоњ оинаро.

Чањор байти дигар дар «Тазкори ашъор» њаст, вале дар тазкираи Возењ љой надорад:

Дар њаќиќат рўят ар хуршед набвад, аз чї рў
Дид њар кас, кард бар моњ иштибоњ оинаро.
Љуръати ќатли заифон теѓ бар худ рондан аст,
Эй ки кардї равшан аз мардумгиёњ оинаро.
Хок бар сар, чашм бар дар њамчу ман истодааст,
Эй таѓофулпеша, кардам иктиноњ оинаро.
Бе њузурат нест дилро чора аз арзи гудоз,
Бурќаъ аз рух барфикан, чандин макоњ оинаро [7, с.128].

Чунонки гуфтем, дар сарчашмањо чањор ѓазали Садри Сарир бо њамин радиф сабт шудааст. Байти аввали се ѓазали дигар чунинанд:

1. Њар куљо бо дидаат дидам дучор оинаро,
Ёфтам аз хеш њайрат мустаъор оинаро [4, с. 134].
2. Њар куљо машшота орад дар амал оинаро,
Тинати ман мешавад ниъма-л-бадал оинаро [4, с. 135].
3. Бо рухи гулшантирозат кун дучор оинаро,
То кунї ќодир ба эљоди бањор оинаро [4, с. 135].

Дар иртибот бо радифи «оинаро» дар тазкираи Абдуллохољаи Абдї ишорат ба он нукта њаст, ки Ќозї Абдулвоњид, ки падараруси Султон ном шоир будааст ва ў аз эшон китоби «Миръот-ул-хаёл»-ро ба орият гирифта дар баргардонидани он таъхир кардааст, ќозї ба ў навиштааст, ки: «Оинаи хаёл ситоиш намудаем, 3-оинаи хаёл чаро фориѓї њанўз?», дар љавоб менависад, ки:

Як даме фориѓ зи «Миръот-ул-хаёл»-ат нестам,
Чун кунам, гар дам занам гарди ѓубор оинаро [1, с. 118].

Маълум аст, ки дар асри X1X ибтидои асри XX љавобиянависї аз равандњои маъмули адабї буд. Дар асри X1X аксари шоирон ба ашъори Бедил пайравї мекарданд ва дар ибтидои асри XX ба чандин ѓазали амир Абдулањадхон, ки бо тахаллуси Ољиз шеър мегуфт, сабќатњои шоирон даргир буд. Ба вуљуд омадани чандин маљмўањои «Радоиф-ул-ашъор» низ аз њамин анъана сарчашма мегирад. Бедилро, ки «шоири оинањо» гуфтаанд, шоирони зиёде ба тарзи ў, дар татаббуъ ва пайравї ба ѓазалњои ў шеър мегуфтанд. Бидуни шак, ѓазалњои Садри Сарир низ идомаи њамин анъанаи љорї буд. Дар девони Бедил якчанд ѓазал бо радифи «оинаро» дар њамон бањри рамали мусаммани мањзуф ба назар расид, ки абёти матлаашон иннњост:

Бо баду нек аст якрангї њавас оинаро,
Нест изњори хилофи њеч кас оинаро.

Љилваи ў дод фармони нигоњ оинаро,
Њола кард охир ба рўи њамчу моњ оинаро.

Он нукта, ки ѓазалњое бо ин радиф чун љавобия хеле зиёд гуфта шудаанд, исботи худро дар эљодиёти Фитрат, Исо, Анбар, Возењ, Ѓайбї ва дигарон пайдо мекунад. Чунонки Ќурбонхони Фитрат мегўяд:

Чанд бошад дида мањви он нигор оинаро,
Ё Раб, аз мижгон халад дар дида хор оинаро.
Мекунад найранги њусни он бути паймоншикан,
Оќибат бар хок фарши интизор оинаро.
То гирифт аз ноз он хуршед аз рўяш ниќоб,
Тира шуд чун рўзгорам рўзгор оинаро.
Чор шуд чашмам ба роњаш, лек з-он рў ѓуссаам,
К-интизорї баст бар ќатлам чањор оинаро.
Бар нагирад њељ љо ором Фитрат ин ќадар,
Шавќи дидоре, ки дорад беќарор оинаро [4, с.163].

Имкон дорад, ки бо ин радиф аз шоирони дигар низ ѓазалњо дарёфт шавад. Аммо њамин намунањо кофист, ки пайравї ба сабки Бедил ба сарохат ба мушоњида ояд. Истифодаи калимаву таркибњои *љилвамуштоќ, оина, араќрез, хиљолат, таљаллї, љўши сафо, арзи хиљолат, љавњар, инфиол, љилва, нафас, ѓубор, мављ, љавњар, найранг, њайратпеша, интизорї, њубоб, шавќ* ва ѓайра фазои маънавии ин ашъорро пур карда, матлабњои сабки њиндиро ба маърази таваљљуњ кашидаанд. Њамаи ин ѓазалњо дар вазни ягонаи фоилотун/фоилотун/фоилотун/фоилун – бањри рамали мусаммани мањзуф гуфта шудаанд. Аѓлаби онњо ќофияњои якхела низ доранд, аммо ќофияњои дигар низ истисно нестанд.

Радифи “тањсин” низ дар рўзгори Садри Сарир роиљ будааст. Ѓазалњои чанд тан аз шоирон ба ин нукта шањодат медињанд. Чунончи, Муллоќурбонхони Фитрат бо ин радиф гуфтааст:

Нашуд бо кунљи абрў холи мушкинат ќарин тањсин,
Газид аз гўшаи лаб турфа љои дилнишин тањсин.
Сарангуште, ки натвонад кашидан туњмати ранге,
Чї сон бардошт бори миннати ангуштарин тањсин?!
Ба ин андози шўхї сахт њайронам, ки номи ў
Чї сон хотирнишин гардид дар табъи нигин тањсин.
Насозад обу оташ лек аз найранги њусни ў
Араќ љўшид, Фитрат, з-он узори оташин тањсин [7, с. 184].

Садри Сарир низ бо истифода аз ин радиф гуфтааст:

Ба ин ваљшатмизољињо, ки дорад турки шўхи ман,
Гирифта ин ќадар ором дар оѓўши з-ин тањсин.
Мани рамзошно њайронам аз мўи миёни ў,
Ки бо ин нотавонї мекашад бори сурин тањсин.
Сарири хомаам гоње, ки маъниофарин гардад,
Нахезад гар зи табъи аљли маънї, офарин, тањсин! [3, с. 264]

Дар ашъоре, ки ба тарзи Бедил гуфта шудааст, аѓлаби адабиётшиносон таќлиди ноуњдабароёнаи ин бузургворро мушоњида ва таъкид кардаанд. Аз љумла, ба ќавли Расулхон Њодизода, «бисёр шеърњои дар таќлиди Бедил навиштаи Садри Сарир (аз дўстони Ањмади Дониш), Сипандї, Сират, Бебок ва дигар шоирони «хурду калон», ки «пайрави тарзи Бедилї» буданд, дар ашъори худ ѓояњои гўшанишинї, дармондагї ва лоилољї, пессимизми диниро тарѓиб менамуданд» [11, с. 127]. Дар рисолаи дигари худ низ Р.Њодизода бо сабаби мављуд будани маонии ирфонї љолиб набудани эљодиёти ўро таъкид намудааст [10, с.126]. Ба фикри мо, дастрасї ба осори бештари Садри Сарир барои хулосањои даќиќтар имкон медињад. Дар њоли њозир намунањои осори Садри Сарир, ки дар тазкирањо сабт шудаанд, чандон зиёд нестанд, вале њамаи тазкиранигорон истеъдоди волои шоирро зикр кардаанд.

Баъзе намунањо аз таваљљуњи шоир ба равияи соданависї низ гувоњї медињанд:

На њамин чарх маро сўхта ё месўзад,
Њар ки гардид расо, сўхта ё месўзад.
Гармии улфати оташкадаи нозу ниёз,
Бетакаллуф њамаро сўхта ё месўзад.
Оташи њаљр њамин аст, ки ман месўзам,
Дил људо, дида људо сўхта ё месўзад.
То ту рафтї зи дилам дуд ба дар меояд,
Хонаи мењру вафо сўхта ё месўзад.
Кори он тифли шарархўй, ки оташбозист,
Кош донад, ки киро сўхта ё месўзад.
Хондам аз дуди хати нуќтаи холи лаби ёр,

Хизр аз оби баќо сўхта ё месўзад.
Шамъосо шавад ар шуълабаён килки Сарир,
Музтару Њозиќ, Адо сўхта ё месўзад [3, с. 263].

Дар ин ѓазал шоир бо истифодаи радифи «сўхта ё месўзад», маънињои ѓариберо љой додааст. Ў бо сарољат аз гардиши чарх ва сўзанда будани он, аз он ки њар касе комил бошад, сўхтааст ва ё месўзад, њарф мезанад. Оташкадаи нозу ниёзњо њам њамаро сўхтаву месўзад. Дар идомаи шеър сухан аз њаљр ва оташи он меравад, ки шахси шоир ба он гирифтор аст ва аз ин оташ тамоми узвњои ў људо-људо ба сўзиш овардааст. Рафтани ёр хонаи мењру вафоро сўхтааст ва он мисли кори кўдаки бадхўест, ки оташбозї мекунад ва намедонад, ки киро ва чиро месўзад. Љолибтарин байти ѓазал маќтаъи он аст, ки дар он шоир маънии духўраро љой медињад ва мегўяд, ки агар ќалами Сарир мисли шамъ шуълаафрўз бошад, аз оташи он шоирони замон месўзанд. Ин се нафар шоирон, ки ў ном мебарад, њамзамони Садри Сарир буданд, ки шоир бо эшон гўё як навъ сабќати адабї дорад ва мехоњад шеъраш ончунон гарм бошад, ки дар он Музтару Њозиќ ва Адо бисўзанд. «Сўхтан» ин љо њам ба маънии гарм шудан ва њам ба маънии њасад бурдан омадааст. Маълум аст, ки шоир на танњо ин се нафарро, балки тамоми суханварони ањди худро дар назар дорад.

Дар тазкирањо чанд ќитъаву рубої ва фард низ сабт шудаанд. Аз љумла аз ќитъаи зерин маълум мешавад, ки ў бо танаффур душманони худро «хар» меномад ва мегўяд, ки ба љурми Одам будан ин харон ўро аз олам берун кардаанд. Маълум мешавад, ки Садри Сарир дар ин ќитъа оњанги иљтимої љой дода, эътирози худро нисбат ба як гурўњи одамони зулмпеша баён мекунад:

Сањл бошад, агар одам будан,
Шуд зи фирдавси худ одам берун.
Вой бар ман, ки бад-ин љурм маро
Ин харон карда з иолам берун [4, с. 136].

Тазмини хубе низ дар ин фард ба мушоњида омад, њарчанд муаллифи мисраи дуввум даќиќ нест:

Зи сози саљда бар хоки дари дўст,
«Ѓараз наќшест, к-аз мо боз монад» [4, с. 136].

Аз ин байт метавон матлаби ирфониро низ дарёфт кард. Агар ѓараз аз дўст он Ёри ягона бошад, наќше, ки аз мо боз хоњад монд, саљда бар хоки дари Ўст.

Садри Сарир на танњо дар назм, балки дар наср низ дасти тавоно доштааст. Осори мансури ў аз мактубот ва мурсалот иборат буда, аз он љумла «Мурсалоти Ќозї Абдулвоњиди Сарир», «Мусаввадаи мактуботи Садри Сарир», «Маќомаи истиќболия» боќї мондааст. Насри ў мусаљљаъ буда, аз њунари суханварии муаллиф дарак медињад. Устод Айнї порае аз як мактуби ўро љињати тахфифи хирољи Абдусамад ном касе ба номи амлокдоре намуна овардааст, ки аз мантиќи фикр ва иќтидори ќалами пардозгари ў шањодат медињад. Мактуб чунин оѓоз меёбад: «Бўстони вуљуди зиљуди саодатнамуди он макраматпанољи мурувватинтибоњ аз ќатароти матароти файзи субњонї ва рашањоти фазли яздонї сарсабзу шодоб, баруманду комёб бод!» [3, с. 265]. Дар поёни мактуб баъд аз арзи матлаб менависад: «Мурувват бањонаљўст, карам илтифотхў. Дигар чї намоям?» [3, с. 265].

Њамин тариќ, метавон ба чунин хулосае расид, ки Садри Сарир аз шахсиятњои баргузидаи замон буда, бо донишу суханварї ва адолату парњезгорї миёни халќ обрўву эътибори зиёд доштааст. Ашъораш њам дар сабки њиндї ва њам равияи соданависї ба назар расид. Дар љавобиянависї њам дасти тавоно доштааст, чун танњо бо радифи «оинаро» чанор ѓазалро дар бањри рамали мусаммани мањзуф гуфта, гўи сабќат аз дигарон бурдааст. Дар ашъори дигараш матолиби иљтимої, ишќї, фалсафї ва ирфонї љой доранд. Аммо миќдори абёте, ки то имрўз интишор ёфтааст, њанўз барои хулосањои комилтар имкон намедињад. Бинобар ин, зарур аст, ки аз баёзњо, осори таърихї ва сарчашмањои дигари ин давра ашъори шоирро ёфта, дастраси анљли илму адаб намоем. Насри адиб низ аз ќалами хуби муаллиф гувоњї медињад ва он њам то имрўз ба хонандагон муаррифї нашудааст.

Адабиёт

Абдї, Абдуллохоља. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасњењ ва муќаддимаи Алиасѓари Љонфидо – Душанбе, 1983. -290 с.
Айнї, С. Ёддоштњо./ Энсиклопедияи насри муосири тољик – Душанбе, 2009. –680 с.
Айнї, С. Намунаи адабиёти тољик. Таљия ва тасњењи Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 448 с.
Возењ, Ќорї Рањматуллоњ. Туњфату-л-анъбоб фї тазкирати-л-асњоб. Бо муќаддима, таљия ва тавзењоти Љўрабек Назрї. – Душанбе: Дониш, 2020. – 284 с.
Исо Махдум.Ашъор. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 80 с.
Муњтарам, Њољї Неъматуллоњ. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасњењ ва муќаддимаи Асѓари Љонфидо. – Душанбе: Дониш, 1975.- 369 с.
Садри Зиё. Тазкори ашъор. Ба кўшиши Муњаммадљон Шакурии Бухорої. – Теърон: Суруш, 1380. – 428 с.

Садри Зиё. Рӯзнома. Ваќоеънигории тањаввулоти сиёсї-иљтимоии Бухорои Шариф. Тањќиќ ва пажӯњиши Муњаммадљон Шакурии Бухорої. – Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажӯњишї, 1382. – 500 с.
Садри Сарир /Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тољик, љ. 3. – Душанбе, 2004. – С. 81.
Хадизаде Р. Источники к изучению таджикской литературы Х1Х века. Под редакцией И.С.Брагинского. – Сталинабад, 1956. – 138 с.
Њодизода, Р. Адабиёти тољик дар нимаи дуввуми асри Х1Х. – Душанбе, 1968. – 295 с.
Шайх Абдулќодир Кароматуллоњи Бухорї. Тазкираи Сибоќ. Тањияи Маъруф Отахонзода.– Тошканд: Фан, 2007.- 200 с.

Magnificents of Dari Persian Language and Literature of Afghanistan (with Emphasis on Mahmoud Ghaznavi's Research Sources)

(مفاخر زبان و ادبیاتِ فارسی دریِ افغانستان (با تأکید بر منابع محمود غزنوی پژوهی)

Muhammad Alam Alami
University of Herat
m.alamalemi@gmail.com

Abstract
The growth and development of the Persian language and literature during the Ghaznavid era is not hidden from the literati. Ghaznavis of Turkic origin, especially Mahmoud Ghaznavi, by paying numerous blessings and unhesitatingly supporting Persian poets and speakers, caused this language to come out of the mask of isolation and become one of the big language families with the passage of time and produce unique and unique works. Sultan Mahmud's intention in the prosperity and fertility of the language was whatever, but the result was that both the name and fame of this great sultan became eternal and this thin language reached the height of elegance, maturity and perfection. Now the answer to this question is which of the poets and intellectuals of Afghanistan have played a significant role in this huge linguistic evolution? The important wish of the inheritors of this great treasure of Persian culture and literature is Dari. In this research, dozens of precious stone works that are influenced by Mahmoud's name and fame have been used. The result of this study is that many great writers of Persian literature used his name and fame not only in the era of Mahmud as a basis for their poetry and prose; Rather, even centuries later, they reflected the qualities of Nik Mahmoud in their scientific and moral speech and writing, and performed in praise of his desirable qualities. This discussion can be very useful in linking the name of Mahmud and the great speakers of Persian literature and precious literary works

Keywords: Sultan Mahmud Ghaznavi, Dari Persian language and literature, great poets and speakers of Afghanistan

چکیده

بالندگی و رُشد زبان و ادبیات فارسی دری در عصر غزنویان بر اهل ادب پوشیده نیست. غزنویان ترک‌تبار، بخصوص محمود غزنوی با پرداخت صله‌های بی‌شمار و حمایت‌های بی‌دریغ از شاعران و گویندگان فارسی

دری سبب شد که این زبان از نقاب انزوا بیرون آمده و با گذشت زمان به یکی از خانواده‌های بزرگ زبانی تبدیل و آثار منحصر و بی‌مانند تولید گردد. نیّت سلطان محمود در شکوفایی و باروری زبان هرچه بوده است، اما ثمره‌اش آن شد که هم نام و آوازهٔ این سلطان بزرگ جاویدانی گشت و هم این زبان نحیف به اوج فخامت، پختگی و کمال دست یافت. حال پاسخ به این پرسش که کدام یک از شاعران و فرهیختگان سرزمین افغانستان در این تحول عظیم زبانی نقش بارز داشته‌اند؟ خواستهٔ مهم میراث‌داران این گنجینهٔ عظیم فرهنگ و ادب فارسی دری است. در این پژوهش از ده‌ها اثر گرانسنگی که متأثّر از نام و آوازهٔ محمود است، بهره گرفته شده است. حاصل این مطالعه، آن است که بسیاری از استوانه‌های بزرگ ادب فارسی نه تنها در عصر محمود، نام و آوازهٔ او را دستاویز نظم و نثر خود قرار می‌دادند؛ بلکه حتّی قرن‌ها بعد نیز صفات نیک محمود را بخ شایستگی در گفتار و نوشتار علمی و اخلاقی خود بازتاب می‌دادند و در ستایش و ویژگی‌های پسندیدهٔ او هنرنمایی می‌کردند. این بحث می‌تواند در پیوند دادن نام محمود و گویندگان بزرگ ادب فارسی و آثار گرانسنگ ادبی بسیار مفید افتد

کلیدواژه ها : سلطان محمود غزنوی، زبان و ادبیّات فارسی دری، شاعران و گویندگان بزرگ حوزهٔ افغانستا

بر اساس مطالعات تاریخ ادبیات فارسی دری، غزنویان ترک‌تبار، به خصوص سلطان محمود غزنوی بیش‌ترین تأثیر را بر رشد، توسعه و شکوفایی زبان و ادبیات فارسی دری داشته است. سلاطینِ غزنی، شاهانِ پُرکار و ثروتمندی بودند و دوست داشتند قدرت، شوکت و شکوه خود را در خامه شاعران و آثار نویسندگان ببینند، به همین سبب به شاعران و نویسندگان صله فراوان و هدایای بی‌حساب و جوایز هنگفتی می‌دادند. با این وضعیت کسانی که در خود استعداد ادبی و شعری می‌یافتند، از جاهای دور، روی به طرف غزنین می‌آوردند و به این شغل پرآوازه و درآمدزا می‌پیوستند. بازارِ گرم زبان و شعر و شاعری چنان رونق گرفت که در دربار غزنه پیش از چهارصد شاعر و نویسنده پرآوازه جمع آمده بودند.

با نگاه گذرا به محتویات ادبی این دوره، مشاهده می‌شود که شاعران و نویسندگانِ دربارِ غزنویان پیوسته سعی نموده‌اند از سلطان محمود چهره‌ای دیندار، عدالت‌گستر، بخشنده و پادشاهی با دارای خصایل برتر اسلامی و انسانی ارائه دهند. در مقابل عدّه‌ای با طرح افسانه‌های همانند ارتباط قهرآمیز ابوالقاسم فردوسی و سلطان محمود، از او چهرهٔ زشت و منفور ترسیم نمایند. تصویر شخصیّت محمود به صورت مثبت و منفی، از قدیم تا حال، اسطوره‌وار به نسل‌های بعد منتقل شده است. مهم‌تر آنکه از حدود یک قرن پس از مرگ محمود، عارفان و عمدتاً شاعران پارسی‌گوی با برجسته کردن وجهه مذهبی محمود و انتساب داستان‌ها و رفتارهای شگفت انگیز به او، کوشیده‌اند از آن داستان‌ها برای بیان مسائل پیچیدهٔ عرفانی و اخلاقی بهرهٔ شایانی بگیرند.

رفای اسلامی طایفه‌ای هستند که غالباً گوشه غزلت پیشه کرده و با کمتر حاکمی سرِ سازگاری داشته‌اند و نه تنها خودشان، بلکه در تعالیم خویش، مریدان را نیز به دوری از شاهان، دربار و درباریان توصیه می‌کرده‌اند. در این میان اگر برخی، زبان به مدح و ثنای پادشاهی گشوده‌اند، بیشتر از سر مصلحت و نیاز و به هدف نشر و بقای کتاب دیوان و اثرشان در پناه حمایت شاه بوده‌اند. شاید بدان امید که تا حاصل عمرشان در پناه امیری و سلطانی، برای همیشه تاریخ ماندگار بماند؛ با این حال وقتی نام و آوازهٔ شاهان بلند قامت غزنه به میان می‌آید تمام عهدها و نصایح عرفا نادیده گرفته می‌شود و قلم‌ها تمام قد به مدح و ستایش آنان به‌کار می‌افتد.

در ادبیات فارسی دری عظمت نام و شکوه خاطرات سلطان محمود بعد از مرگش آن‌چنان بالا گرفت که عارفان و گویندگان بزرگی، چون: ابوسعید ابی‌الخیر، خواجه عبد الله انصاری، حکیم سنایی غزنوی، شیخ عطار نیشابوری، شمس الدّین تبریزی، مولانا جلال الدّین بلخی و دیگران، این پادشاه بزرگ غزنه را عارف باالله، سلطان عارف (میبدی، (ج 5،394) غازی و مجاهد سبیل الله (جامی،593:1382) سلطان ولیِ سیرت (افلاکی عارفی، 252:1385) پادشاه مستجاب الدّعوه (شبانکارهای،63:1364) پادشاه اسلام (شمس، 111:1385) و» شاه دین (عطار، 213:1388) لقب داده و در داستان‌های رمزی، وی را کنایه از خالق دو جهان (سلطان ولد، 47:1389) و حتّی بت شکنی و اسلام گستری و ارزش جهاد او را با خدمات بزرگ حضرت محمّد مصطفی (ص) قابل مقایسه و برابری دانسته‌اند! (سنایی، 373:1387)

به گواهی تاریخ زبان فارسی دری، غزنویان علاوه بر علاقه و ذوق ادبی از زبان و ادبیات فارسی به عنوان یک رسانه تبلیغاتی برای تحکیم قدرت و کسب شهرت و جلب محبوبیّت استفاده می‌کردند، نتیجه مستقیم این جنبش فرهنگی، کمال، برومندی، پختگی و شکوفایی زبان و ادبیات فارسی و عربی گردید. در این دوره است که با حضور صدها شاعر فارسی‌گوی در دربار محمود، فارسی دری جان تازه گرفت. آنهم در حالی که با سیطرهٔ فرهنگ و ادبیّات عربی، نوشتن به فارسی، نشانه بی‌سوادی و حتی ننگ و عار تلقی می‌گردید، ولی به همّت بلند غزنویان، این زبان، زبان رسمی و نوشتاری نویسندگان و شاعران دربار شاهان قرار گرفت و به زبان دری مسمی گردید و کم کم به یکی از زبان‌های بزرگ دنیا تبدیل گشت و آثار گرانسنگ و ماندگاری در دامنه‌ای آن متولّد گردید.

با عنایت به آنچه گفته آمد، سزاست که مهم‌ترین آثار و منابع ابرمردان کوی زبان، ادبیات و فرهنگ فارسی دری که از عصر پرشکوه غزنویان بدین سو قد راست کردند و نام نامی سلطان محمود را موضوع هنرنمایی خود قرار دادند به معرفی گرفته شوند. آثار و منابع اصلی نام آوران زبان و ادب فارسی با موضوع سلطان محمود، شامل سه دسته اطلاعات منظوم، منثور و تاریخی است که در این بحث تنها شاهکارهای ادبی منظوم و منثور مورد بررسی قرار می‌گیرد.

بنابرین بررسی منابع ادبیات شعری و غیر شعری (نثر) و جستجوی ابعاد شخصیّتی سلطان محمود در میان آنها، موضوع اصلی این نوشتار است. شاعران، با زبان مخصوصِ شعری، وقایع و رویدادهای زندگانی و شخصیّتی سلطان محمود را به صورت موجز، جسته وگریخته، گاه به صورت داستان و گاهی در قالب تشبیه، زمانی در پوشش کنایه و تلمیح روایت کرده‌اند. منابع شعری و دیوانی غالباً پازل‌های ناقص یک رویداد است که جز به کمک منابع تاریخی نمی‌توان نقاط خالی آن را بازسازی کرد. در عین حال گاه بر عکس، رویدادی در منابع تاریخی ثبت نشده یا به صورت مبهم گزارش شده است که برخی ابیات شعری مکمّل آن و روشن کننده نقاط و زوایای تاریک آن بخش است. به این جهت، شناسایی مهم‌ترین آثار تاریخی و شعری شاعرانی که به مسائل سلطان محمود پرداخته و باعث شهرت شاه و رشد و شکوفایی زبان دری گردیده است، ضروری می‌نماید.

مقصود از منابع ادبیِ نثر، آن دسته از منابع و کتاب‌هایی است که یا به قصد گزارش رویدادهای تاریخیِ سلطان محمود و عصر غزنویان تألیف شده، یا برای آموزش مفاهیم دینی، عرفانی، اخلاقی و تربیتی تدوین گردیده و به مناسبت موضوع، اشاراتی به برخی از حکایات زندگی و رفتار سلطان محمود کرده است؛ ولی به دلیل دارا بودن ویژگی‌های ادبی، امروزه ارزش ادبی آنها کمتر از اعتبار تاریخی، عرفانی و تعلیمی آن نیست. این دو دسته آثار در یک چیز مشترک است و آن اینکه هر دو از آثار معتبر در خصوص معرفی سیما و شخصیّت سلطان محمود به حساب می‌آید. آثاری که از قرن چهارم تا قرن نهم هجری قمری، توسط مشاهیر و مفاخر علم و ادب نگارش، تألیف و منتشر شده است

الف منابع شناسی متون شعری

1. شاهنامه حکیم ابوالقاسم فردوسی (411 – 329 ق)

حکیم ابوالقاسم فردوسی، استاد بی‌همتای شعر پارسی دری و یکی از حماسه‌سرایان بزرگ عصر غزنویان است. اثر جاویدان او، شاهنامه در شمار بهترین آثار حماسی جهان است. این اثر بزرگ که حدود پنجاه هزار بیت دارد، منظومه‌ای است در شرح تاریخ ایران باستان از قدیم‌ترین عهد تا حمله عرب که شامل قسمت‌های اساطیری، داستانی، تاریخی و مختصر مدح و ستایش سلطان محمود غزنوی است. فردوسی معانی دقیق و مطالب عالی فلسفی، اجتماعی و اخلاق را در طی داستان‌های تاریخی خود آورده و زبان بی‌رمق خراسان آن روز را دُر دَری ساخته است. در باب آزردگی او از محمود روایاتی موجود است. از جمله می‌گویند وی شاهنامه را به امید دریافت صِلَه به سلطان محمود تقدیم کرد؛ امّا سلطان شاید به این دلیل که در شاهنامه چیزی از جنگ‌ها و هزار پهلوانی چون رستمِ او، یادی نشده بود، توقّع فردوسی را در پرداخت صله برآورده نساخت و فردوسی از محمود آزرده گشت و غزنی را ترک گفت. فردوسی محمود را خداوند تاج و خداوند تخت لقب داد و با این‌که عالی‌ترین ستایش‌ها را در بارهٔ شکوه، اقتدار و عظمت محمود از خود به یادگار گذاشت، ولی در پایان رابطه تلخ آن دو و هجویاتی که به او منسوب است، یکی از مباحث جنجالی تاریخ زبان و ادبیّات فارسی دری است. نمونه‌ای از مثنوی فردوسی:

جهان آفرین تا جهان آفرید/ چون او مرزبانی نیامد پدید

ز خاور بیاراست تا باختر/ پدید آمد از فرّ او کان زَر

جهاندار محمود شاه بزرگ / به آبشخور آرد همی میش و گرگ

ز کشمیر تا پیش دریای چین / برو شهریاران کنند آفرین

چو کودک لب از شیر مادر بشست / ز گهواره محمود گوید نخست (فردوسی: درج ۴: ۱۳۹۰)

2. قصاید حکیم ناصر خسرو بلخی (481 – 394 ق)

ابومعین ناصرخسرو قُبادیانی بلخی، بعد از تحصیلات به مشاغل مهمّی دربار غزنویان و سامانیان راه پیدا کرد. جوانی‌اش بیشتر به لهو و لعب گذشت؛ تا این‌که خوابی دید و در پی آن، حیاتش دگرگون گردید و شخصیّت اصلی و برجسته او پدیدار گشت و بار سفر بست و به کشورهای اسلامی، به خصوص مکّه و قاهره رفت. از مستنصر، خلیفه فاطمی مصر، مذهب اسماعیلی پذیرفت و به ریاست اسماعیلیان خراسان برگزیده شد و لقب حجّت خراسان دریافت کرد. او بعد از بازگشت به تبلیغ مذهب اسماعیلیّه پرداخت؛ ولی در کارش چندان موفق نبود و مخالفان زیادی پیدا کرد و به کفر گویی متهم شد و از بیم آنان به ناحیه یُمگان بدخشان (شرق افغانستان) پناهنده شد و همانجا به ارشاد، تألیف کُتب و سُرودن اشعار خود سرگرم بود، تا بِدرود حیات گفت. کتاب سفرنامه او معروف است و در قصیده سرایی جزو شاعران طراز اول زبان پارسی دری به شمار می‌رود و در شیوهٔ خاص خود چهرهٔ یگانه است ناصرخسرو در پایان عمر نمایندهٔ حکومت فاطمی مصر بود و سلطان محمود هوادار حکومت عباسی عراق که باهم متضاد و معاصر بودند. در سفرنامه گوید بارگاه ملوک و سلاطین دیده‌ام، چون محمود غزنوی. احتمال داده شده که او در

جوانی خدمت محمود را کرده است. او جلال و شکوه بی‌نظیر محمود را معترف است، ولی از این‌که در این دنیا هیچ چیزی، حتّی قدرت و اقتدار بی‌نظیری، چون محمود غزنوی ماندگار نمی‌ماند، به مخاطبان خود چنین القا می‌کند که نباید فریفته زرق و برقِ زودگذر دنیایی شد.

3 دیوان حکیم فرّخی سیستانی (؟ . 429 ق)

ابوالحسن علی بن جولوغ، متخلّص به فرّخی، در سفر و حضر رکابدار سلطان محمود بود. او طبعی به غایت نیکو داشت و شعر خوش گفتی و چنگتر زدی و خدمت دهقانی کردی از دهاقین سیستان. فرّخی از صادر و وارد استخبار می‌کرد که در اطراف و اکناف عالم نشان ممدوحی شنود، تا روی بدو آرد، باشد که اصابتی یابد پس به خدمت سلطان یمین الدّوله محمود رفت و چون سلطان محمود او را متجمّل دید به همان چشم در او نگریست و کارش بدانجا رسید که تا بیست غلام سیمین کمر از پس او بر نشستندی (عروضی سمرقندی، 52:1385) فرّخی متولد سیستان و یکی از معروف‌ترین مدیحه سرایان دربار غزنویان بود در دیوان او قصیده نسبتاً بلند و غرّا در مدح و ستایش حاتم بخشی سلطان محمود و توصیفِ جنگ‌ها و فتوحات وی، موجود است:

همیشه گنج و کاخ شاه گیتی / به وافر مال و نعمتهای الوان

ز نعمان بگذرد در خدمتش مرد / به مدحش بگذرد شاعر ز حسّان

یکی را او کند نعمان ز نعمت / یکی را او کند حسّان ز احسان (عنصری، 1363: 270)

بستاند آن دیار و ببخشد به بندهای / بخشیدنی است عادت و خوی خدایگان

چندان که او دهد به زمانی به سال‌ها / در کوه زر نروید و گوهر به هیچ کان (فرخی، 1385: 134)

4. دیوان استاد عنصری بلخی (؟ - ۴۳۱ ق)

ابوالقاسم حسن بن احمد عنصری بلخی، ملّقب به ملک الشّعرای دربارِ سلطان محمود بود. شاعر شناسانِ او را عنصر جواهرِ هنر و جوهرِ عرض فضل و سرآمد شعرای روزگار دانسته‌اند. بعضی او را حکیم نوشته‌اند. دولتشاهی گوید: در رکاب سلطان محمود همواره چهارصد شاعر متعیّن ملازم بودندی و پیشوا و مقدّم طایفه شعرا استاد عنصری بود. همکنان به شاگردی او مقرّ و معترف بودند. او را در مجلس سلطان منصب ندیمی با شاعری ضم بوده و پیوسته مقامات و غزوات سلطان را به قید نظم درآوردی در آخر سلطان محمود، استاد عنصری را مثالِ ملک الشعرایی قلمرو خود ارزانی داشت (دولشاهی سمرقندی، 45:1382) عنصری مانند فرّخی از ندیمان سلطان غزنه بود. در اکثر غَزَوات سلطان محمود، همراه وی بود. در دیوان عنصری حدود چهل قصیدهٔ مستقل و غرّا در بارهٔ جنگ‌ها، فتوحات، شخصیّت و زندگانی سلطان محمود آمده است که در شناخت او منبع منحصر است.

چنان شجاعت کرد او به کودکی در غور/ ز پشت اسب مبارز ربود پیش پدر

پدر کز اول تأیید و فرّ یزدانی / به چشم خویش بدید اندر آن نبرده پسر

به زندگانی خویشش به خسروی بنشاند / به تخت ملک بر و پیش او ببست کمر

چنان بود پدری کش چنین بود فرزند / چنین بود عرضی کش چنان بود جوهر (عنصری، 1363: 127)

5 دیوان مسعود سعد سلمان (515 – 438 ق)

دیوان مسعود سعد از ارکان شعر پارسی دری است. خود وی در خدمت سلطان ابراهیم غزنوی بود. بخشی از عمرش را در زندان نای قلعه سپری کرد. مسعود سعد گوید دُر و گُهر شعر پارسیِ دری را به پای هرکسی نمی‌ریزد. ثنای کسی را می‌گوید که در خور ثنا باشد. از نظر او سلطان محمود سزاوار و لایق مدح و ستایش شاعران و نویسندگان است. به همین جهت فتوحات و ابعاد ممتاز زندگی محمود را با تعبیرات والا و درخور، ستایش کرده و معتقد است که نام سلطان محمود در شعر او، مانند مُهر شاهان بر سکّه‌های رایج، موجب اعتبار شعر وی شده و به آن مباهات می‌کند. مسعود سعد در نثر و نظم، خود را شایسته ستایش و فخر می‌داند. امروز تنها دیوان اشعاری او بجا مانده است که بر اساس آن، وی از بزرگترین قصیده سرایان زبان فارسی دری و استاد مسلم محسوب می‌شود. هنر خاص او در قصاید شکوائیّه یا حبسیّات مشهور است که در فارسی دری نظیر ندارد. بخشی از قصیده او در وصف محمود:

در ستایش محمود شاه / شاهان جهان شاهی و شاه جهانیا

در چشم جور و عدل پدید و نهانیا / بایسته‌تر به خسروی اندر ز دیده‌ای

شایسته‌تر به مملکت اندر زجانیا / عقل و روان به لطف نیابد همی تو را

گویی که عقل دیگر و دیگر روانیا / روشن به توست سنت و آیین خسروی

تازه به توست رسم و ره پهلوانیا / گر مذهب تناسخ اثبات گرددی

من گویمی تو بی شک نوشیروانیا / گویم مگر که صورت عقلی عیان شده (گنجور: دیوان اشعار)

6. دیوان عثمان مختاری غزنوی (544 . 458 ق.)

عثمان مختاری از شاعران بزرگ دربار غزنویان، مدّاح و معاصر ابراهیم و مسعود سوم است. دیوان او از متن‌های ارزنده و بسیار مهم زبان فارسی دری به حساب می‌آید. اهمیّت این دیوان هم از جهت اشعار استادانه آن و احتوای بر لغات ناب قدیمی است و هم از جهت تاریخی سودمند است، زیرا او قصاید خود را در مدح سلاطین غزنوی و بزرگان عهد خویش سروده است، از این جهت نکات مهمّی در بارهٔ سرگذشت، احوال رجال و وضع اجتماعی آن زمان در اشعارش یافت می‌شود. بررسی مضامین شعری در اشعار عثمان مختاری نشان می‌دهد که وی از مضامین متعددی در اشعار خود بهره برده است، اما مضمونِ غالبِ اشعار وی را مدح تشکیل می‌دهد. مختاری با تملّق در پیشگاه بهرامشاه غزنوی، او را بر سلطان محمود ترجیح داده است.

7. حدیقه الحقیقه و شریعه الطریقه (532 - 470 ق.)

مثنوی حَدیقه الحَقیقه، منظومه‌ای است به فارسی دری، سرودهٔ حکیم سنایی غزنوی با مضامین عارفانه. این مثنوی دارای ده هزار بیت در ده باب است. موضوعات این کتاب، علاوه بر ستایش خدا، پیامبر، خاندان او، دربارهٔ عقل، علم، حکمت و عشق است. در مقایسه با دیگر آثار سنایی، همچون غزل‌ها و قصائدش، حدیقه الحقیقه از همه بلندنام‌تر و مورد قبول طبایع مردمان بیش‌تری در طول سده‌های متوالی بوده است. سنایی با سرودن این منظومه، زبان و ادب فارسی دری را توسعه داد و باب تازه‌ای را در سرایش منظومه‌های عرفانی در تاریخ ادب و عرفان گشود. شاعران بزرگی همچون خاقانی و نظامی گنجوی، عطار نیشابوری و مولانا جلال الدین بلخی به تأسی از او، سرایش مثنوی‌های عرفانی را به اوج کمال رساندند. حکیم سنایی سلطان محمود غزنوی را خالی از نقص و عیب می‌داند و در جای جای آثارش، او را به عنوان پادشاه عادل، بیدار، دیندار و هوشیار با ذکر داستان‌هایی با تعبیرات جمیل می‌ستاید:

هست خالی ز عیب و نقص و فضول / ملک محمود و خاندان رسول

این ز کعبه بتان برون انداخت / آن ز بت سومنات را پرداخت

کعبه و سومنات چون افلاک / شد ز محمود وز محمّد پاک (دیوان سنایی،۱۳۹۵: ۱۵۵)

8. دیوان حکیم سنائی غزنوی (532 – 470 ق.)

سنائی غزنوی، شاعر بلند مرتبه و عارف مشهور افغانستان در آغاز جوانی شاعر مدّاح مسعود غزنوی و بهرام شاه غزنوی بود؛ ولی بعد از توبه و زیارت حج و ملاقات با مشایخ تصوّف در او تغییر و تحوّل روحانی ایجاد شد و کارش به زهد، انزوا و تأمّل در حقایق عرفانی کشید. بُروز شخصیّت سنائی از این آوان صورت گرفت و در این دوره است که او به سرودن قصائد معروف خود در زهد و عرفان و ایجاد منظومه‌های مشهور حدیقه الحقیقه و طریق التحقیق و سیرالعباد و کارنامه بلخ توفیق یافت. نقش این حکیم غزنه در تطور زبان فارسی دری بسیار برازنده است. حکیم سنایی نخستین کسی است که حقایق عرفانی و معانی تصوّف، احادیث نبوی و آیات قرآنی را به اشکال گوناگون وارد شعر زبان فارسی دری کرد. سنایی، شاهان غزنه، بخصوص سلطان محمود را پادشاه عادل، دیندار، مهربان و رعیّت‌نواز معرفی کرده است. در بیتی از قصیده شماره ۹۶:

مست گشتم ز لطف دشنامش / یارب آن مَی بِه است یا جامش

عنبرش خلق و زلف هم خلقش / حسنش نام و روی هم نامش

دل به چین رفت و بازگشت و ندید / به ز اندام ترکه اندامش

سوی آن کو بخیل‌تر در عصر / زر پخت است نقره خامش

(لب و چشمم بماند پیوسته / بسته کوی و فتنه نامش (گنجور: دیوان اشعار

9. دیوان انوری اَبِیوَردی (؟ - 585 ق)

اوحدالدّین محمّد انوری در اَبِیورد به دنیا آمده و در دورهٔ سلجوقیان می‌زیست و استاد مسلم و استاد قصیده سرای پارسی دری بود. پدر انوری برای پسر خود میراث فراوانی به جا گذاشت که انوری همه را صرف خوشگذرانی و عیّاشی کرد و پس از مدّتی از فرط تهیدستی، ناچار به شاعری در دربار سلطان سنجر سلجوق روی آورد. شعری در هجو مردم بلخ به نام انوری منتشر شد، خشم و غوغایی در شهر بلخ برانگیخت و کار به آنجا کشید که قصد کشتنش را کردند؛ امّا جمعی از بزرگان بلخ، مانند قاضی حمیدالدّین بلخی، مؤلف مقامات حمیدی به شفاعت از او برخاستند و انوری جان سالم به در برد. آرامگاه وی در بلخ است. بسیاری از اشعار انوری هجو، هزل و انتقاد نیشداری از اوضاع زمانه است. انوری در جای جای دیوانش تلمیحاتی به عنصری، سلطان محمود، غزوات هند و بت سومنات دارد از نظر وی قدر و قیمت عنصری بلخی نه به خاطر شعرهایش است که گفته است؛ بلکه نام و شهرت او مدیون ممدوح و مخدومِ سخاوتمندی چون سلطان محمود بوده است.

شاد باش ای عنصر محمودیان را روح تو / رو که تو محمود عصری ما بتان سومنات

10 دیوان کبیر مولانا یا کلیات شمس تبریزی (672- 604 ق.)

مولانا جلال الدین بلخی بزرگترین شاعرِ عارف و از مفاخر بی‌نظیر عرفان و ادب پارسی دری است. او در بلخ متولد شد و در نوجوانی همراه پدرش، بهاءولد، به قونیه (جنوب پایتخت کشور ترکیه) رفت و پس از سال‌ها تحصیل به همه علوم عصر خود احاطه پیدا کرد و فقیه و مفتی زمان خود شد. روزی با ملاقات درویش گمنامی به نام شمس تبریزی تحوّل عظیمی در او پدیدار گشت. درس و فقاهت را رها کرد و به عرفان

و سیر در آفاق و انفس روی آورد. مهم‌ترین آثارِ او مثنوی معنوی و غزلیّات شمس است که هر دو از بزرگترین اثر عرفانیِ جهان به زبان شعر است. دیوان کبیر، شامل غزل، قصیده و رباعی است و پس از مثنوی معنوی معروف‌ترین اثر عاشقانه مولانا است.

دلیل نسبت این اثر به شمس تبریزی آن است که مولانا در پایان و مقطع بیشتر غزلیات، خود را به نام شمس تخلّص می‌کند. مشهور است که این غزلیات نتیجه وجد و حال مولاناست و اغلب از سرمستی و در حالت بیقراری گفته است و یاران و مریدان، آن‌ها را می‌نوشته‌اند. او در این اثر تلمیحات و تشبیهات زیادی به قصه محمود و ایاز دارد. مولانا گاهی شمس تبریزی را سلطان محمود می‌خواند و خود را در جایگاه ایاز قرار می‌دهد.

همچو آبی دیده در خود آفتاب و ماه را

چون ایازی دیده در خود هستی محمود را (گنجور. دیوان شمس)

11. مثنوی معنوی (672 – 604 ق.)

مثنوی معنوی، از امهات زبان فارسی دری و مهم‌ترین سرودهٔ مولانا جلال الدّین بلخی است و شامل قِصص و حکایاتی است که مولانا حقایق معنوی را به زبان ساده و از راه تمثیل بیان کرده و از آنها نتایج بلندی عرفانی گرفته است. مثنوی بیش از 26 هزار بیت دارد و در شش دفتر سروده شده، تاریخ آغاز آن به درستی معلوم نیست؛ اما در سال 660 ق. پایان یافته است. مولانا در آثار خود به کرّات از سلطان محمود به عظمت نامبرده و بیش از دیگران نسبت به او علاقه‌مندی نشان داده و در چندین حکایت عرفانی، محمود را کنایه از حضرت باری تعالی و ایاز را کنایه از پیامبران و اولیای الهی گرفته است.

12 ابتدانامه سلطان ولد (712 – 623 ق)

ابتدانامه اثر بهاءالدّین ولد، فرزند مولانا و منظومه‌ای عرفانیِ آمیخته به نثر، در قالب مثنوی است. این اثر در شرح برخی مفاهیم مثنوی معنوی و سرگذشت مولانا و یاران اوست. اگرچه از نظر اشتمال بر معانی دقیق و نکته‌های باریک به مثنوی معنوی مولانا نمی‌رسد؛ ولی از نظر تحقیق در شرح حال پُر ماجرای مولانا و شمس و سایر پیروان، یاران و مریدان او، از مهم‌ترین اسناد تاریخی است. سلطان ولد در این اثر به تبع مولانا برای تبیین مفاهیم بلند اخلاق و عرفانی به داستان‌های سلطان محمود و ایاز اشاراتی کرده و در حکایتی محمود را تمثیل خالق دو جهان و ایاز را نماد انبیاء و اولیای الهی دانسته است.

13 دیوان مولانا عبدالرّحمن جامی (898 – 817 ق.)

عبدالرّحمن جامی، مشهورترین شاعر و نویسندهٔ عهد تیموریان هرات و معاصر امیرعلی شیرنوایی است. او را بزرگترین شاعر قرن نهم و خاتم شعرای سبک ادبی خراسان می‌گویند. تحصیلاتش در نظامیّه هرات و سمرقند، در رشته علوم ادبی، دینی و عرفان با سیر و سلوک در مراحل تصوّف صورت گرفت، تا به مرتبه ارشاد رسید و در سِلک رؤسای طریقت نقشبندیّه درآمد و پس از وفات سعدالدّین کاشغری، خلافت نقشبندیّان بدو تعلّق گرفت. بهارستان، نَفَحات الأنس و هفت اورنگ از جمله آثار معروف اوست. زبان جامی در این آثار، چون دیگر ادبیان صوفی مسلک، سرشار از استعاره و نمادهای عارفانه است. با گذشت حدود پنج قرن بازهم در آثار شعری و نثری مولانا جامی، سلطان محمود غزنوی پادشاه محبوب مورد علاقه او است و داستان‌های او در اکثر کتاب‌های جامی به زیبایی انعکاس یافته است. نمونه‌ای از سلسله الذهب جامی:

... شاه غزنین سیاه پوشیدی / گِرد شهر و سپاه گردیدی

تا سحر در لباس بیگانه / برگذشتی به هر در خانه

هر کجا یافتی سخنگویی / که در او بودی از خرد بویی

دل به پیوند او قوی کردی / ذکر محمود غزنوی کردی!

که به شاهی شعار او چون ست / حال او چیست کار او چون ست؟

روزگارش به ظلم می‌گذرد / یا ره عدل و داد می سپرد؟

دوستان در ولای او چونند / دشمنان از بلای او چونند؟

هیچ عیبی نماندی و هنری / که نجستی در او ازان خبری؟ (جامی، ۱۳۹۶: ۵۰۱)

ب منابع شناسی متون نثر

1. طبقات الصوفیّه خواجه عبد الله انصاری (481 – 396 ق)

خواجه عبدالله انصاری در کهندژ هرات، در خانه‌ای به دنیا آمد که پدر خانواده نسب خود را به ابو ایوب انصاری، صحابی معروف پیامبر می‌رسانید. خواجه پس از عمری طولانی و پربرکت درگاُزرگاه وفات کرد. کتاب طبقات الصوفیّه یکی از متون کهن فارسی دری، نوشته شده در حوزهٔ هرات است. این کتاب حاصلِ املای سخنان خواجه عبدالله انصاری در مجالس وعظ است که به دست یکی از شاگردانش تقریر شده است. برخی این اثر عرفانی و صوفیانه خواجه را ترجمه و تقریر کتاب عربی سلّمی می‌داند. احتمال دارد که کتاب سلّمی متن درسی خواجه بوده که برای شاگردانش می‌گفته است. در این اثر عرفانی باربار از محمود غزنوی به نیکی یاد شده است.

2 تاریخ سیستان (نیمه اول سده 5 ق.)

مؤلف یا مؤلفان تاریخ سیستان (جنوب غرب افغانستان) تا هنوز ناشناخته مانده است. ملک الشعرای بهار، مصحح کتاب، احتمال می‌دهد که این کتاب در نیمه اول قرن پنجم قمری نگارش یافته است. این اثر تاریخی و ادبی در تاریخ سیستان از قدیم الایام تا عصر غزنویان است. مطالب ارزشمندی که در این کتاب وجود دارد در کتابهای دیگر یافت نمی‌شود. از اطلاعات منحصر این کتاب، ذکر ماجرای سلطان محمود و ابوالقاسم فردوسی است. تاریخ سیستان از متون کم نظیر و مهم زبان فارسی دری به شمار می‌آید.

3 تاریخ بیهقی یا مسعودی (تألیف 451 ق)

این کتاب علاوه بر امتیازی که به لحاظ حقیقت پژوهی و باریک‌بینی و رعایت اعتدال و انصاف در تاریخ دارد، از حیث ادبی نیز به دو دلیل حائز ارزش فراوان است، یکی به سبب اطلاعاتی که راجع به تاریخ ادب فارسی دری در بر دارد و در نوع خود مرجع منحصر محسوب می‌شود؛ و دیگر از نظر نثر بسیار زیبا و روان که آن را در شمار مهم‌ترین و ارزنده‌ترین کتب ادب فارسی دری قرار داده است. ابوالفضل بیهقی، نویسنده این شاهکار بی بدلیل فارسی دری، بعد از کسب فضایل به دیوان رسایل سلطان محمود غزنوی راه یافت و زیرِ دست ابونصر مشکان (صاحب دیوان) به کار پرداخت. بعد از فوت مشکان، زیر دست ابوسهل زوزنی به کار اشتغال داشت. سرانجام خود به صاحب دیوانی ارتقاء یافت. نام اصلی کتاب تاریخ بیهقی، تاریخ مسعودی است که در شرح سلطنت امیر مسعود، پسر سلطان محمود غزنوی نگاشته شده است. بیهقی در جای جای کتاب از زندگی و شخصیّت پرافتخار سلطان محمود اطلاعات نادر و ارزشمندی ارائه می‌دهند.

4. کشف المحجوب هجویری (تألیف حدود 465 ق)

ابوالحسن علی بن عثمان جلاّبی هجویری، نویسنده کشف المحجوب از عارفان و نویسندگان معروف قرن پنجم در غزنی به دنیا آمد و پس از تحصیلات مقدماتی به سیر آفاق و اَنفُس پرداخت، سوریه، ترکستان، عراق و بلاد خراسان را سیاحت کرد به دستور پیر خود به لاهور (پایتخت زمستانی غزنویان) سفر کرد و در آنجا مسجدی ساخت و به ترویج دیانت، تعلیم و ارشاد پرداخت و در همانجا وفات کرد. مقبره هجویری، مشهور به حضرت داتای گنج بخش بزرگ‌ترین زیارتگاه پاکستان است. کشف المحجوب از مهم‌ترین و کهن‌ترین آثار صوفیّه به نثر پارسی دری است و در باب طریقت صوفیّه، مقامات، رموز، اشارات، بیان کیفیّت محبّت خداوند و احوال عقل و نفس است. در این اثر در ارتباط سلطان محمود، تنها ضرب المثلی با این عبارت آمده است: سبی الحب عند الهنود اظهر من سبی محمود. (هجویری، 452:1392) نثر کشف المحجوب، مُرسَل و از بهترین نمونه‌های نثر قرن پنجم و نزدیک به شعر است و نخستین اثر و منحصر است که به نثر عرفانی فارسی دری نگاشته شده است.

5. قابوسنامه عُنصر المعالی کیکاوس (تألیف 475 ق.)

کِیکاوُوس ملقّب به عنصر المعالی از اُمرای آل زیار و داماد سلطان محمود غزنوی است. وی کتاب قابوسنامه را در تربیت پسرش گلانشاه، نوهٔ سلطان محمود، در ذکر انواع مشاغل، رسوم، آداب لشکرکشی، مملکت داری، مسائل اجتماعی و علوم و فنون متداول زمان نوشته است. روش انشاء قابوسنامه ساده، روان و به شیوهٔ نثر مرسل است. عنصر المعالی مدّتی در دربار غزنویان، ندیم سلطان مودود غزنوی و زمانی همسفر سلطان محمود در غزای هند بوده است. از منظر نویسنده، اخلاق و رفتار سلطان محمود الگوی زندگی شاهزادگان است. او در این کتاب به مناسبت موضوع، داستان‌های زیادی از زندگی و شخصیّت سلطان محمود به عنوان مثال ذکر کرده است.

6 تفسیرکشف الاسرار و عده الابرار (تألیف حدود 520 ق.)

این اثر نفیس فارسی دری، مشتمل بر تفسیر کامل قرآن به شیوهٔ عارفان و تقریرات درس تفسیر خواجه عبدالله انصاری، به قلم رشیدالدّین میبدی است. این اثر از کُتب برجسته ادبیّات فارسی دری به شمار می‌رود و شامل مجموعه بسیار ارجمندی از اقوال مشایخ تصوّف و شعرهای دلکش عارفانه است که آنها را در جای دیگر نمی‌توان یافت. خواجه عبد الله انصاری به دو زبان پارسی و تازی شعر می‌سرود و در حدیث، فقه، تفسیر و عرفان توانا بود. انصاری گوینده منحصر و بنیانگذار نثر مسجّع فارسی دری است و آثار فراوانی از او به جا مانده است. در این کتاب از سلطان محمود غزنوی با عبارات جمیل و با عناوینِ چون سلطان عارف و عارف بالله یاد شده است.

7 مجمل التّواریخ و القِصص (تألیف 520 ق.)

مُجمل التواریخ کتابی است از نویسنده‌ای ناشناخته، در بارهٔ تاریخ جهان از زمان خلقت تا عصرِ غزنویان. ظاهراً تألیف کتاب در سال (520 ق.) یا اندکی پس از آن بوده است. نثر کتاب به نسبت زمان نگارش کهن و نزدیک به نثر عهد سامانیان است. اهمیّت این کتاب از لحاظ اطلاعات مستند تاریخی و هم از حیث اشتمال بر لغات و ترکیبات جدید فارسی دری و هم به جهت نثر کهن آن است که شباهت به سبک انشاء سدهٔ چهارم و پنجم قرن هجری دارد.

8 زَینُ الاخبارگردیزی (نیمه اول سده 5 ق.)

زَینُ الاخبار تألیف ابوسعید عبدالحی، کتابی است بزرگ که در تاریخ عالم از آدم، انبیاء، مُلوک، خلفا، امرای اسلامی و اعیاد که به نثر زیبای زبان دری بسیار پخته و روان تحریر شده است. قسمت مختصری از آن، یعنی بخش‌های طاهریان، آل لیث، سامانیان و غزنویان مکرر به طبع رسیده است. نویسنده سعی کرده آن را به غایت سادگی و روانی بر نگارد؛ ولی از فرط ایجاز و مقیّد بودن به ذکر رئوس مطالب، مانند بیهقی،

میدانی برای جولانِ قلم نداشته است. زَینُ الاخبار به نام سلطان زین الملّه، ابومنصور عبدالرشید، پسر سلطان محمود مسمّی شده است و با اینکه نگارش آن خشک و یکنواخت است، یگانه منبع معتبر دورهٔ سلطان محمود به حساب می‌آید و بر خلاف تاریخ یمینی، تاریخ وقایع را با عبارات عربی و بسیار دقیق ثبت کرده است.

9 اسرارالتّوحید فی مقامات شیخ ابی سعید ابی الخیر (تألیف 559 ق.)

این کتاب توسط یکی از نوادگان ابوسعید ابی الخیر به نام محمّدبن منوّر میهنی نگارش یافت و به سلطان غیاث الدّین غوری تقدیم شد. اسرارالتّوحید قدیم‌ترین کتاب در احوال اولیاء و یکی از شاهکارهای نثر فارسی دری است که در طولِ تاریخِ هزار و دویست ساله ادبیّات، بی نظیر و بی بدیل است و از مآخذ اصلی عطار در تذکره الاولیا و و جامی در نَفَحاتُ الأنس و دیگرانی که در این باب نوشته‌اند، به شمار می‌آید. محمّدبن منوّر کتاب خود را به سه باب تقسیم کرده و به ویژه در باب دوّم که به بیان حالات شیخ ابوسعید در سال‌های میانی زندگی او اختصاص دارد، بسیاری از گفته‌ها و اشعاری را که به زبان وی رفته، گردآوری و نقل کرده است. پدر ابوسعید از دوستداران و شیفتگان سلطان محمود غزنوی بود، می‌گویند دیوارهای خانه‌اش را به تصاویر محمود و جنگ‌های او مزیّن کرده بود. روابط ابوسعید و سلطان محمود گرم و حسنه بود. این عارف بزرگ در پایان عمر، برای پرداخت وام‌هایش از سلطان محمود پنج هزار دینار کمک دریافت کرد.

10 چهار مقاله نظامی عروضی سمرقندی (؟ - 560 ق)

نویسنده از ملازمان و مخصوصان مُلوک غوریّه (آل شنسب) بود و کتاب خود را به نام یکی از شاهزادگان این سلسله نوشت. سال وفات و تولدش مشخص نیست. چهارمقاله که از شاهکارهای نثر پارسی دری است، در مورد وظایف چهارطبقه از ندمای سلاطین: دبیران، شاعران، منجّمان و طبیبان اطلاعات ارزشمندی ارائه می‌دهد. کتاب چهار مقاله علاوه بر فواید و اهمیّت بسیار زیاد ادبی از جهت تاریخی نیز قابل تأمّل است و شرح حال بعضی بزرگان علم و ادب در آن هست که در کتب دیگر دیده نمی‌شود. در این اثر روابط و سلوک سلطان محمود با ابوالقاسم فردوسی، ابوریحان بیرونی و ایاز آمده است که در نوع خود اطلاعات منحصر است و در جای دیگر یافت نمی‌شود.

11 ترجمه تاریخ یمینی (تألیف 603 ق)

تاریخ یمینی برگرفته از نام یمین الدّوله، محمود غزنوی و تألیف محمّدبن عبدالجبّار عتبی (427 ق) و ترجمه جرفادقانی (603 ق) است این اثر شامل وقایع تاریخی از اواخر سامانیان تا روزگار سلطان محمود غزنوی است که عتبی آن را با انشای متکلّف به عربی و در ستایش جهانگشایی سَبُکتگین و سلطان محمود نوشته است. در حدود سال 603 قمری ترجمه مختصری از آن به عمل آمده است که محققان بعدی از این ترجمه وسیعاً استفاده کرده‌اند. از جنبه ادبی، ملک الشعرای بهار، آن را پس از کلیله و دمنه، از بهترین آثار ادبی نثر فارسی دری شمرده است. این کتاب از حیث احتوای داستان‌های نغز، پندهای مؤثر، عبارات بدیع در کمال فصاحت و سلاست و نیز از نظر لغات اصیل و استعمالات خاص و نکات دستوری حائز اهمیّت است.

12 مکتوبات مولانا جلال الدّین رومی (672 – 604 ق.)

این کتاب حاوی 150 نامه مولاناست که بیشتر خطاب به پادشاهان، وزرا، رجال و مشایخ عهد نگاشته شده است. نثر آن آراسته‌تر و استوارتر از سایر آثار مؤلف است. در نامه بیستم حکایتی از سلطان محمود آورده است.

13 لُباب الالباب عوفی (تألیف 618 ق)

این اثر نخستین کتاب زندگینامه سخنوران به زبان فارسی دری و نوشته نورالدّین محمّد عوفی است. این کتاب شرح حال حدود سیصد شاعر فارسی زبان، مُلوک، وزراء و امرایی است که به زبان دری شعر گفته‌اند. زندگی و شعر شاعرانِ دربارِ سلطان محمود و تعامل سلطان با آنان در این اثر بازتاب یافته است. عوفی این کتاب را پس از نقل مکان به هندوستان و به نام یکی از وزیران هند نوشت. لُباب الالباب مورد توجه تذکره نویسان بعدی قرار گرفته و میرزا قلیخان هدایت مجمع الفصحاء را بر پایه آن تألیف کرده است.

14 مقالات شمس تبریزی (تقریر 645 ق.)

شمس تبریزی در سال 642 وارد قونیه شد و با مولانا جلال الدّین بلخی ملاقات کرد. آنچه بین آنها گذشت معلوم نیست، اما بعد از این ملاقات تحوّلی ناگهانی در احوال مولانا پدید آمد. سه سال بعد (645 ق.) در اثر اعتراضات مریدانِ مولانا، شمس برای همیشه ناپدید و بنابر قوی کشته شد. کتاب مقالات، مجموعه گفتارهای شمس است که در دوران اقامتش در قونیه توسط مریدان و مقرّبان مولانا یادداشت شده است. این سخنان که در اوضاع و احوال گوناگون و در برخورد با وقایع و اشخاص مختلف بر زبان گوینده رفته، به صورت درهم و آشفته از او بازمانده است. این اثر از نظر ادبی نمونه نثر خوش آهنگ، شیوا و بلیغ است. در این اثر از زندگی سلطان محمود، داستان‌هایی با پیام عرفانی ذکر شده و شمس سلطان غزنه را سلطان اسلام خوانده است.

15. مناقب العارفین افلاکی (745 – 649 ق.)

شمس الدّین احمد افلاکی عارفی از عاشقان مولانا و مریدان عارف چلبی، نوهٔ مولاناست. کتاب او در شرح احوال و زندگانی مولانا جلال الدّین بلخی، شمس الدّین تبریزی، صلاح الدّین زرکوب و برخی از مشایخ سلسله مولویّه است. مناقب العارفین به سبب احتوا بر شرح آداب و مراسم صوفیان در آن روزگار و کثرت اصطلاحات عرفانی و خانقاهی حائز ارزش فراوان عرفانی و ادبی و از منابع دست اول در این موضوع است.

نثر کتاب سلیس و روان و نشان دهنده نفوذ قاطع و شدید زبان و ادبیّات فارسی دری در سده هشتم قمری در ترکیه و میان ساکنان با سواد و درس خوانده آن سرزمین است. مؤلف در این اثر از سلطان محمود غزنوی به نیکی یاد کرده و در یکجا از او به سلطان ولی سیرت تعبیر نموده است.

16 کَلیلَه و دِمنَه نصر الله مُنشی) نیمه دوم سده 6 ق(

کتاب کلیله سرامد و شاهکار بی‌بدیل زبان و ادبیات فارسی دری است. ابوالمعالی نصر الله منشی در غزنی به دنیا آمد و در عهد بهرام شاه غزنوی)512 هـ(سمت دبیری داشت و بعد در عهد خسرو ملک به وزارت رسید. کَلیلَه و دِمنَه، مملو از قِصص و حکایات تمثیلی- اخلاقی است. نام کتاب برگرفته از اسم دو شغال است. در این حکایات انسان‌ها از زبان حیوانات سخن می‌گویند و مضامین باریک فلسفی و نکات نغز اخلاقی و سیاسی را در قالب افسانه‌های حیوانات بیان می‌کند. کَلیلَه و دِمنَه از عربی به فارسی و به نام بهرامشاه غزنوی ترجمه شده است. از حیث انشاء و قوّت ترکیب عبارات و حُسن اسلوب و آراستگی کلام یکی از عالی‌ترین نمونه‌های نثر پارسی دری است که قرن‌ها الگوی برای نثرنویسان چون عطاملک جوینی، سعدالدّین وراوینی و دیگران بوده و دهها کتاب به تقلید از آن نگارش یافته است. کَلیلَه و دِمنَه همیشه مورد توجه دربار سلاطین و اهل سیاست بوده و به عنوان راهنمای سیاست مُدُن و حکمت عملی مورد مطالعه قرار می‌گرفته است. نصرالله منشی در دیباچه کتاب نکاتی ناب در بارهٔ خدمات بزرگ سلطان محمود غزنوی ذکر کرده و در ثنای دولت قاهره غزنویان گفته است:

اگر مملکت را زبان باشدی / ثناگوی شاه جهان باشدی

بدان هر زبان صد لغت گویدی / که در هر لغت صد بیان باشدی

ز صد داستان کان ثنای تراست / همانا که یک داستان باشدی (نصرالله منشی، ۱۳۹۲: ۱۱)

17 مجمع الانساب شبانکاره‌ای (تألیف 733 ق)

محمّدبن علی شبانکاره‌ای این اثر را در عهد سلطان ابوسعید نبیرهٔ هلاکوخانِ مُغول به پایان رسانده و در باب تاریخ سلطان محمود غزنوی، منبع منحصر است و مطالبی را داراست که در هیچ کتابی دیگر نیامده است؛ به خصوص پندنامه سَبُکتگین برای سلطان محمود که در آن خاستگاه و سرگذشت خود را نیز ذکر کرده است. به گفته وی محمود در هفت سالگی ولیعهد پدر شد و جنبه های نظری و عملی تربیت نظامی را از او در جنگ‌ها فراگرفت. پندنامه ای در چند صفحه از پدر نزد خود داشت که همچون حِرز از آن حفاظت می کرد و هر روز در خواندن آن مداومت می نمود. (شبانکارهای، 1362: 37) سلطان محمود از طفولیت همّت عالی داشت. تا وقتی که به سن شباب رسید همه روزه به کتاب بودی و پیش استادان علم آموختی و مناظره علمی دوست داشتی و همه حق گفتی و پیرو دین محمّد بودی و همه روز مطالعه اخبار و قصص انبیا و تواریخ ملوک ماضی کردی. (شبانکاره‌ای، 1362: 67)

مؤلف درین کتاب نامی از منابع خود نمی‌برد؛ اما محتمل است که مطالبی از بخش‌های از میان رفته بیهقی یا از برخی منابع دیگر که منبع آنها بیهقی بوده، گرفته باشد. مزیّت دیگر مجمع الانساب، ساده‌نویسی و استفاده از لغات و ترکیبات متداول زمان خود است. در سراسر کتاب، به وفور، شعرهایی را از نویسنده دیده می‌شود که در استحکام و جزالت، قدرت شاعری وی را نشان می‌دهد.

18 نَفَحات الأنس من حضرات القُدس (تألیف 883 ق.)

نَفَحات الأنس، تألیف مولانا عبدالرّحمان جامی و اثر معروف او در نثر و از مهم‌ترین منابع در شرح احوال عارفان و صوفیان است. صوفیان مسلمان هند، خراسان، عراق و مصر، از ابوهاشم زاهد صوفی، نخستین کسی که به صوفی شهرت یافت، تا روزگار مؤلف در این کتاب معرفی شده و در بخش‌هایی از این ادوار منبعی منحصر است که از همان روز تألیف پیوسته مورد اقبال و محل مراجعه مؤلفان و محققان بوده است. این کتاب ظاهراً بازنویسی کتاب طبقات الصوفیّه خواجه عبدالله انصاری است که به پیشنهاد امیر علیشیر نوایی وزیر هنردوست تیموریان هرات به رشته تحریر درآورده است. چندین حکایت نادر از سَبُکتگین و سلطان محمود غزنوی در این اثر نقل شده است.

19 تذکره الشّعرای دولتشاهی (تألیف 892 ق)

تذکره الشعرا از کُتب مرجع و معروف زبان فارسی دری است که دولتشاهی آن را تألیف کرده است. این اثر در تاریخ ادب فارسی دری، دوّمین تذکره از نوع خود پس از لُباب الالباب عوفی است. سمرقندی در خلال شرح احوال شاعران، پادشاهان و پیران، حکایاتی را به تناسب در کتاب خود درج کرده است. از نمونه‌های بارز این داستان‌ها می‌توان به حکایاتی در باره رابطه تلخ فردوسی و سلطان محمود، ناصرخسرو، نظامی، خیام و سعدی اشاره کرد.

20 روضه الصّفا فی سیره الانبیا و المُلوک و الخلفا (تألیف 899 ق)

روضه الصّفا نوشته خاوندشاه بلخی معروف به میرخواند است که در قرن نهم نگارش یافته و علاوه بر ارزش تاریخی از نثر روان، پخته و گهگاه متکلّف برخوردار است و در مجموع از جمله منشآت خوب عهد دوره تیموریان هرات به حساب می‌آید. این کتاب، تاریخ عمومی از ابتدای خلقت تا اواسط عهد سلطان حسین بایقرا و به نام علی شیرنوایی، وزیر دانشمند تیموری، نوشته شده است. در این کتاب چند روایت جنجال برانگیزی در بارهٔ اخلاق و صفات سلطان محمود است که دستاویز تاریخ پژوهان معاصر، به خصوص مورّخان مخالف و منتقدان سلطان محمود قرار گرفته است.

غیر از آنچه در باره محمود و غزنویان در آینه زبان و ادبیات فارسی گفته آمد، در بارهٔ سلسله غزنویان در قالب مجلّه، کتاب، دایرة المعارف و فضای مجازی بسیار سخن رفته است. در منابع تاریخی مربوط غزنویان، مورّخان قدیم و جدید، غالباً سعی کرده‌اند که زمان‌ها، جنگ‌ها، فتوحات و ایام تلخ و شیرینِ فراز و فرود آنان را به رسم تاریخ نویسان، به اجمال یا به تفصیل تحریر نمایند؛ امّا در خصوص زندگی و شخصیّت سلطان محمود غزنوی، آنهم در پرتو ادبیّات فارسی دری مغفول مانده و تا کنون، در دو حوزه فرهنگی افغانستان و ایران، تحقیق و بررسی در خور صورت نگرفته است.

فهرست منابع

افلاکی عارفی، شمس الدّین احمد، (1385) مناقب العارفین 2 ج، با تصحیحات و حواشی و تعلیقات به کوشش تحسین یازیجی، چاپ چهارم، تهران: دنیای کتاب

انصاری، خواجه عبد الله، (1380) طبقات الصوفیّه، به کوشش حسین آهی، چاپ دوم، تهران: انتشارات فروغی

انوری، محمّدبن محمّد، (1376) دیوان، به کوشش محمّدتقی مدرّس رضوی، تهران: انتشارات علمی و فرهنگی

باسورث، ادموند کلیفورد، (1378 تاریخ غزنویان (2ج) ترجمه حسن انوشه، چاپ دوم، تهران: امیرکبیر

بهار، محمّدتقی، (1386) سبک شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی،3 ج، چاپ دوم، تهران: انتشارات زوّار

بیهقی، محمّدبن حسین، (1392) تاریخ بیهقی (3 ج) به کوشش خلیل خطیب رهبر، چاپ شانزدهم، تهران: انتشارات آفتاب

تاریخ سیستان)، (1381 به تصحیح محمّدتقی بهار، تهران: انتشارات معین

تبریزی، شمس الدّین، (377) مقالات شمس تبریزی، تصحیح محمّدعلی موحد، تهران: خوارزمی

جامی، نورالدّین عبدالرّحمان، (1382) نَفَحات الأنس من حضرات القدس، مقدمه، تصحیح و تعلیقات محمود عابدی، چاپ چهارم، تهران: انتشارات اطلاعات

دولتشاه سمرقندی، (1382) تذکره الشعراء، به تصحیح ادواردبراون، تهران: اساطیر

زرین کوب، عبدالحسین)، (1384) با کاروان حله: مجموعه نقد ادبی، چاپ چهاردهم، تهران: انتشارات علمی

سمرقندی، دولتشاه بن بختیشاه، (382) تذکره الشعراء، به اهتمام و تصحیح ادوارد براون، تهران: انتشارات اساطیر

سنایی غزنوی، ابوالمجدودبن آدم، (382) حدیقه الحقیقه و شریعه الطریقه (فخری نامه، (به تصحیح و بامقدمه مریم حسینی، تهران: مرکز نشر دانشگاهی

_____، (1387) حدیقه الحقیقه و شریعه الطریقه، با مقدمه و تصحیح و تحشیّه محمّد روشن، تهران: انتشارات نگاه

شبانکارهای، محمّدبن علی بن محمّد (1363) مجمع الانساب، به تصحیح میرهاشم محدث، تهران: امیرکبیر

شریفی، محمّد، (1391) فرهنگ ادبیّات فارسی، ویراستار محمّدرضا جفعری، چاپ پنجم، تهران: انتشارات معین و فرهنگ نشر نو

صفا، ذبیح الله، (1385) تاریخ ادبیّات در ایران، (8 ج) چاپ هفدهم، تهران: فردوس

عالمی، محمّدعَلَم، (392) کتابشناسی توصیفی مولانا (شامل جدیدترین تحقیقات و قدیمی‌ترین کتاب‌های مولوی پژوهی)، قم: دانشگاه قم

_____، (1395) زبان و ادبیّات دری (مطابق با نصاب درسی تحصیلات عالی افغانستان)، چاپ دوم، هرات: موسسه تحصیلات عالی خواجه عبدالله انصاری

عنصری بلخی، (1263) دیوان استاد عنصری بلخی، به کوشش محمّد دبیرسیاقی، چاپ دوّم، تهران: انتشارات کتابخانه سنایی

غزنوی، سیدحسن، (1363) دیوان سیدحسن غزنوی، تصحیح و مقدمه محمّدتقی مدرّس رضوی، تهران: اساطیر

فرّخی سیستانی، (1385) علی بن جولوغ، دیوان فرّخی، بهکوشش محمّد دبیر سیاقی، چاپ هفتم، تهران: انتشارات زوّار

گردیزی، ابوسعید عبدالحی بن ضحاک، (1363) تاریخ گردیزی، تصحیح عبدالحی حبیبی، تهران: انتشارات بنیاد فرهنگ ایران

مختاری غزنوی، عثمان بن عمر، (1382) دیوان مختاری غزنوی، به اهتمام جلال الدّین همایی، چاپ دوم تهران: انتشارات علمی و فرهنگی

منشی، ابوالمعالی نصرالله، (1388) کَلیلَه و دِمنَه، به تصحیح و گزارش مجتبی مینوی، ویرایشگر و نمونه خوان شهربانو بهجت، تهران: صدای معاصر و اهورا

مولوی، جلال الدّین محمّد، (1390) مثنوی معنوی، به کوشش توفیق هـ سبحانی، تهران: سازمان چاپ و انتشارات وزارت ارشاد اسلامی

مولوی، جلال الدّین محمّد، (1371) مکتوبات مولانا جلال الدّین رومی، تصحیح توفیق هـ سبحانی تهران: مرکز نشر دانشگاهی

میرخواند، محمّدبن خاوندشاه، (1385) تاریخ روضه الصّفا فی سیره الانبیاء و المُلوک و الخلفاء، به تصحیح و تحشیّه جمشید کیان فر، چاپ دوم، تهران: اساطیر

ناصرخسرو، ابومعین حمیدالدّین)، (1387) دیوان اشعار، به اهتمام سید نصر الله نقوی، چاپ چهارم، تهران: انتشارات معین

ناظم، محمّد، (1378) حیات و اوقات سلطان محمود غزنوی، چاپ دوم، پیشاور: مرکز نشراتی میوند سبا کتابخانه

نظامی عروضی سمرقندی، محمّدبن عمر، (1385) چهار مقاله، تصحیح محمّد قزوینی، چاپ دوم، تهران: انتشارات جامی

هجویری، ابوالحسن علیبن عثمان، (1392) کشف المحجوب، مقدمه، تصحیح و تعلیقات محمود عابدی، چاپ هشتم، تهران: سروش

The Language Features and the Expression Style in «Kemya-ye Saadet» of Abuhamid Muhammad Ghazzali

ВИЖАГИҲОИ ЗАБОН ВА УСЛУБИ БАЁН ДАР «КИМИЁИ САОДАТ»-И АБУҲОМИД МУЊАММАДИ ЃАЗЗОЛЇ

Rakhmonaliev Jovidon KHUDOYOROVICH
Dangara State University, Dangara, Tajikistan
Jov-8989@mail.ru

Abstract
This article discusses the language and style of expression in The Elixir of Happiness. The author notes that "The Elixir of Happiness" is one of the greatest works of Ghazzali, written in the native language of the Tajik-Persian thinker. The value of this work should be increased due to the fact that it played a significant role in the development of the Tajik and Persian scientific languages.

The style of expression of Abuhamid Muhammad Ghazali is mainly associated with the definition of the purpose and reason for writing the "Elixir of Happiness". In this section, the author defines the main purpose of writing the work. The author's manner of expression is determined by the purpose of writing the work. Ghazzali always emphasizes to whom his specific work is addressed, that is, who are its readers. The complexity or simplicity of the style of expression, the widespread use of Arabic quotations or, conversely, the translation of these quotations, as well as the examples and conclusions of the author, depend on the readers of a particular work. The modern perception of the work by the readers does not differ from the perception of Ghazzali in this regard.

This work is intended for ordinary Muslims who have not yet delved into the study of religious subtleties and are engaged in everyday life. Ghazzali wrote a simple and understandable book in Persian for such Muslims. In the modern imagination, it is possible that this work has entered the genre of popular science literature.

Thus, it should be noted that The Elixir of Happiness was written to instill the values and elements of Islam in ordinary people, who, according to the author, are its main readers. It should be noted that although a large number of Arabic words are used in the work, its language is simple and understandable.

Keywords: Islamic sciences, "Kimya-ye Saadat", People, Religious and moral issues, Religious knowledge, Religious values and elements, Simple and understandable language, Spiritual crisis, Style of expression, Tajik-Persian language.

Хулоса
Дар маќолаи мазкур забон ва услуби баёни дар «Кимиёи саодат» мавриди баррасї ќарор дода шудааст. Муаллиф ќайд менамояд, ки «Кимиёи саодат» аз бузургтарин асарњои Ѓаззолї буда, бо забони модарии мутафаккир – тољикї-форсї навишта шудааст. Ќимати ин асар аз он љињат њам зиёда гардад, ки дар инкишофи забони илмии тољику форс маќоми арзанда ишѓол кардааст.

Услуби баёни Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ бештар бо муайян намудани маќсад ва сабаби навиштани асар алоќаманд аст. Дар ин ќисмат муаллиф муайян менамояд, ки маќсади асосии навиштани асар дар чї зоњир мегардад. Мувофиќи маќсад услуби баёни муаллиф муайян карда мешавад. Ѓаззолї, њамеша таъкид менамояд, ки асари машаххаси ў ба кї равона карда шудааст, яъне хонандагони ин асари мушаххаси ў кињо ба њисоб мераванд. Маъно аз хонандагони асари мушаххас мураккабї ё одї будани услуби баён, истифодаи васеи иќтибосњои арабї ё барљакс тарљумаи ин иќтибосњо, инчунин мисолњои намунавї ва хулосањои муаллиф вобаста аст. Тасаввуроти муосир оид ба хонандагони асар аз тасаввуроти Ѓаззолї нисбати ин масъала тафовуте надорад.

Ин асар барои мусулмонони одї аст, ки њанўз ба омўзиши нозукињои динї фурў нарафтаанд ва ба њаёти њаррўзаи худ машѓуланд. Абуҳомид Муњаммад Ѓаззолї барои чунин мусулмонон китоби одї ва фањморо ба забони форсї навиштааст. Дар тасаввуроти муосир, мумкин аст, ки ин асар ба жанри адабиёти илмї-оммавї ворид карда мешуд.

Њамин тариќ, метавон ќайд намуд, ки «Кимиёи саодат» барои талќини арзишњо ва унсурњои дини ислом барои одамони одї, ки ба аќидаи муаллиф хонандагони асосии он ба њисоб мераванд эљод шудааст. Метавон ќайд намуд, ки гарчанде дар асар миќдори зиёди калимањои арабї истифода шудаанд, лекин забони он сода ва омафањм аст.

Калидвожањо: «Кимиёи Саодат», Услуби Баён, Буњрони Маънавї, Улуми Ислом, Дониши Динї, Забони Тољикї-Форсї, Оммаи Халќ, Забони Сода Ва Одї, Масъалањои Динї Ва Ахлоќї, Арзишњо Ва Унсурњои Динї.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва арзишманд дар забоншиносии муосир ин омӯзиш ва баррасии забон ва услуби асарҳои алоњида ба њисоб меравад, ки дар доираи он масъалањои дар ин самт мављуда тањлил ва тањќиќ карда мешаванд. Бо тањлили забон ва услуби баён дар асарҳои алоњида имконият фароҳам мегардад, то мавќеъ ва сањми ин ё он муаллиф дар рушди забон ва услуби баён муайян карда шавад.

Маќсади маќолаи мазкур тањлил ва баррасии забон ва услуби баёни Абуҳомид Муњаммади Ѓаззолї дар «Кимиёи саодат» ба шумор меравад, ки дар мухтасарї, рангорангї ва асилї дар интихоби ибора ва љумлањо беназир аст. Абуњомид Муњаммади Ѓаззолї аз зумраи он мутафаккироне мебошанд, ки бо осори гаронмояи динию ахлоќии хеш маълуму машњур аст. Омили асосии зуд шуњратманд гардидани ў баёни андешањои љолиб ва ибратбахшу ибратомўз мебошанд, ки тавассути осораш ба хонанда пешниҳод шудаанд.

Осори мутафаккири бузурги асримиёнагии тољик Абуњомид ал-Ѓаззолї ат-Тусї (1058-1111) то ба имрўз осори арзишмандтарини ѓоявии фарњангї ва адабию илмии олами муосир мањсуб мешавад. Ба ќалами ал-Ѓаззолї миќдори зиёди асарњои машњури фалсафї, њуќуќї, мантиќ, теология ва суфизм тааллуќ дорад. Ал-Ѓаззолї то ба имрўз яке аз мутафаккирони пурмаҳсул боќї мондааст. «Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки агар миќдори сањифањои асарњои машњури ўро бо рўзњои зиндагии мутафаккир таќсим намоем, муайян карда мешавад, ки ў дар як рўз чор сањифа эљод кардааст [11,412].

Эљодиёти Абуҳомид Муњаммади Ѓаззолї то ба имрўз мероси арзишманди ѓоявии ислом ба њисоб рафта, асарњои машњури ӯ ба улуми фалсафа, њуќуќ, мантиќ, суфизм бахшида шудаанд. «Кулли эљодиёти мутафаккирро метавон ба ду марњила људо намуд. Якум, эљодиёти муаллиф то буњрони маънавї (дар соли 1095) шартан марњилаи баѓдодї мешуморанд. Дуюм, эљодиёти муаллиф пас аз буњрони маънавї, сараввал дар давраи муҳоҷират, сипас дар давраи гӯшанишинї ва дур гардидан аз њаёти љамъиятї дар Тус

ва Нишопур то марги муаллиф дар соли (1111), ки шартан марњилаи хуросонї унвон шудааст. Осори Абуҳомид Муњаммади Ѓаззолї дар заминаи умумии таърихї, албатта, барои њар як матни алоњида тафсилот ва љузъиёти худро тақозо дорад, ки омил ва сабабњои ангезандаи пайдоиши он ба њисоб меравад [4,10].

Мутафаккир тамоми роҳу равиши маърифатро бо азхудкунї ва омўзиши њаќиќати воқеї ва динї истифода намуда, дар таљќиќи улуми исломї такони бузург бахшид ва барои таљќиќотњои минбаъдаи исломшиносї роњ кушод. Ин буд, ки аз осори ў аксари бузургони илму фалсафа илњоми тоза гирифта, дар асоси онҳо инкишофи минбаъдаи фалсафа ва каломро таъмин намуданд. Осори Ѓаззолї боиси шуњрат ва маъруфияти ў на танњо дар кишварњои форсизабон, балки дар тамоми ќалламрави љањони ислом гардидаанд.

Дар давраи зиндагии ў илму фарњанг ва бањсу андеша хеле рушд намуда, масъалањои мазњабї аз ҷумлаи асоситарин мавзуоти баҳсҳо ба њисоб мерафтанд. «Дар ин давра, фиќњи аҳли суннат ва љамоат рушд намуда, дар доираи ду мазњаб – мазњаби Абуњанифа ва Имом Шофеъ таљассум меёфт» [1,12]. Таҳлилњо нишон медињанд, ки ба эњёи улуми динї рўй овардани Ѓаззолї мањз њодисаву падидањои замони ў, шиддатнок гардидани муборизаи байни фирќањои исломї, рушди илм ва вусъати баҳсҳои фиќњию исломї ба њисоб мераванд.

Орои фикрї ва назарияи ҷаҳоншиносии ў бар мабнои илми калом бунёд ёфтааст. Аммо, бо ин ки масъалањои каломро дар заминаи фалсафа бунёд намудааст, худи фалсафаро рад намудааст. Инкор намудани фалсафа аз љониби ў то ба он дараља таъсироти худро бар љой гузошт, ки дар љањони ислом дар давоми асрњои минбаъда фалсафа чандон эътибори ќаблии худро аз даст дод. Аммо истифодаи усулњои фалсафї ва мантиќї дар баррасии масъалањои динї њамчунон мавќеи устуворро касб намуданд.

Њамин тариќ, «дар таърихи адабиёту фарњанг ва хосатан фалсафа ў њамчун файласуфи шаккок шинохта шудааст, ки дар раванди маърифат ба дониш, ки аз роњи маърифати аќлї њосил шудааст, ба назари шубња менигарад, зеро дар он, ба ќавли худи ў номукаммалие дар маърифати олам ва мамониате барои дарки њаќиќат вуљуд дорад» [3,74].

Асари «Кимиёи саодат» дар марњилаи хуросонї, пас аз бозгашт аз саёњат ба Тўс дар байни солњои 1102-1106 навишта шудааст. Ин асар бо забони форсии тољикї навишта шудааст, зеро ин забон – забони давлатї ва ба таври мунтазам забони илм мегардид.

Дар радифи дигар асарњои ў, ки дар марњилаи дуюми зинадагиаш таълиф шудаанд, асари машњури ў «Кимиёи саодат» маќоми хос дорад, ки ин андешаро рўйхати дастнависњои то ба мо расида ва бознашри он, таъйид мекунад.

Дар маљмуи дастнависњои нисбатан бузург њадди аќал 3-4 номгўйи дастнависи асари мазкур мављуд аст. Чунин њолат натанњо шуњрат ва нуфузи муаллиф ва услуби баёни «Кимиёи саодат», инчунин бо раванди коњиш ёфтани ањамият ва таъсири забони арабї ва эњёи анъанањои забону фарњанги форсиро бозтоб медињад.

Илова бар ин, санањои дастнавис шудани асар нишон медињад, ки «аз асри XII инљониб ба «Кимиёи саодат» талаботи маънавии доимї мављуд буд. Чунин вазъият аз хонданитарин асар будани «Кимиёи саодат» дар бозори зењнии минтаќаи забони форсї ва њатто васеътар аз он шањодат медињад. Њамин тариќ, метавон ќайд намуд, ки аз тарафи мутафаккире, ки муддати муайян бо забони арабї эљод менамуд, аввалин маротиба асаре бо забони модарї иншо мешавад, ки ба доирањои васеи аќшори љомеа пешниҳод мегардад» [5,91].

Ба сабаби мављуд набудани тарљумаи пурра ва комили «Кимиёи саодат» ба забонњои аврупої ин асар то солњои наздик њамчун шакли кутоњнамудаи “Ихйа-ул-улум ад-дин” – китоби чорљилдаи муаллиф бо забони арабї мањсуб мешуд. Тарљумаи «Кимиёи саодат» аз забони арабї ва урду танњо вазъиятро мураккаб гардонид. Њарчанд ки зимни муќоисаи ин ду асар тафовуте байни онњо на танњо дар муќаддимаи муаллифи он ба таври даќиќ мушоњида мешавад, њамчунин, тафовут дар муќоисаи мундариља ва сохтори ин асарњо низ ба назар мерасад.

Дар тафовут ба асарњои дигари таълифнамудаи Ѓаззолї, ки дар онњо муќаддимаи муаллиф ба назар намерасад ва ба љойи он аз тарафи нашрияњои асримиёнагї фишурдањои кутоњ дохил карда шудааст. «Кимиёи саодат»-ро Ѓаззолї китобат карда, муќаддимаи вижае низ бар он афзудааст.

Аз ин хотир, таѓйироти назарраси «Кимиёи саодат» дар ќиёс бо “Ихйа-ул-улум ад-дин”, дар пешгуфтори он инъикос гардидааст. Ѓаззолї дар пешгуфтор дар мавриди шахсияти худ – ба њайси муаллифи асар, сабабњои таълифи асар ва масоилу мавзуоти мавриди бањс ќарор гирифта, сухан меронад. «Дар чунин њолат барои ў як ќатор одатситезињо ва аз анъаноти марсум ё худ услубњои муаллифї хос аст» [4,13-14].

Барои муайян намудани вижагиҳои хоси забон ва услуби баёни ӯ дар «Кимиёи саодат» зарур аст, аввал сабабњои навишта шудани асар, барои кадом гурўњи ањолї пешбинї шудани он ошкор карда шавад. Зеро мањз дар њолати муайян намудани масоили мазкур забон ва услуби баёни муаллиф дар аксари мавридњо муайян карда мешавад.

Чунонки маълум аст, њељ асар бесабаб ва бидуни ангезањои дохилии муаллиф навишта намешавад. Барои навиштани он њамеша сабабњои њавасмандї мављуд аст, ки бо шароити беруна ё бо ангезаи дохилии муаллиф алоќаманд мебошанд. Чунин омилњо ба тамоми асарњои Абуњомид Муњаммади Ѓаззолї таъсиргузор аст.

Донишманди маъруфи Эрон М. Муин дар таълифи асар бо забони форсї, ду сабаби асосиро таъкид намудааст. Аввалан ў ќайд менамояд, ки «Оммаи мардум ва њатто табаќаи мутавассит аз забони арабї љуз он, ки марбут ба фароизи динї буд, чизе намедонистанд, бинобар ин, китобе, ки барои истифодаи ин табаќот навишта мешавад, ногузир мебоист ба забони модарии онњо таълиф шавад». Баъдан, илова менамояд, ки «ѓолиби шоњон ва умаро аз забони арабї огањии кофї надоштанд ва муаллифону мусаннифон ногузир буданд, ки осори худро ба забони форсии дарї нависанд» [7,37].

Ба андешаи мо, дар таълифи «Кимиёи саодат» ин ду омил тавъам мебошанд. Зеро он замон дониши динии аксари мардум дар сатњи паст ќарор дошт ва зарурат пеш омада буд, ки асаре бо забони форсии дарї эљод шавад, то авомро бо аносир ва арзишњои исломї шинос намояд.

Услуби баёни ӯ бештар бо муайян намудани њадаф ва сабаби навишта шудани асар алоќаманд аст. Ба андешаи мо маќсади асосии навиштани асар муайянсозандаи услуби баёни муаллиф аст, зеро ба ин васила, услуби баёни муаллиф муайян карда мешавад.

Дар пешгуфтори асарњои худ, њамчун олими маъруф ва муаллифи асарњои зиёд, Ѓаззолї номи худро, он гуна ки дар сарчашмањои илмию динии он замон ќабул гардида буд, дарљ намекунад ва њатто дар бандњои алоњида ба асарњои пешинаи ба њама маълуми худ такя менамуд. Чунин дурравї аз намунањои мављуда носихони асримиёнагиро маљбур менамуд, ки дар дафъањои такрории нусхабардорї пеш аз матни муаллиф матлаби иловагии «Чи тавре ки Абуњомид Муњаммади Ѓаззолї ќайд менамояд»-ро илова намоянд.

Мутафаккир њамеша таъкид менамояд, ки асари ў ба ашхоси мушаххас равона шудааст, яъне хонандагони асари ў кињо њастанд. Мањз ба хонандагони асари мушаххас мураккабї ё сода будани услуби баён, истифодаи васеи иќтибосоти арабї ё баръакс тарљумаи ин иќтибосњо, њамчунин, матнњои намунавї ва хулосањои муаллиф вобаста аст. Ќайд намудан зарур аст, ки бардошти муосир оид ба хонандагони асар аз фањмиши ӯ нисбат ба ин масъала чандон тафовуте надорад. Ин омил на танњо бо мундариља ва услуби баён, балки бо намунањои нутќ њам, ки дар пешгуфторњо, ба монанди «маќсади китоб...» истифода шудаанд, тасдиќ карда мешавад.

Зикри ин нукта ба маврид аст, ки дар аксар њолат Ѓаззолї зери танќиди шадид ќарор дода шудааст. Ба он сабаб, ки ў дар ваќти навиштани асар, ки барои анљли фалсафа равона гардидааст, ба монанди файласуф менависад ва дар њолати бањс бо диндорон худро њамчун диндор нишон медињад.

Ба назари мо ин муносибат, баръакс, аз ќобилияти нодири муаллиф дар бањс бо хонандагони осори худ ва муросо ба сатњи фањмиши онњо шањодат медињад. Ѓаззолї таљрибаи бузурги омўзонидан ва муошират бо ќишрњои гуногуни љомеа буда, чунин тарзи муносибатро мудом риоя мекард. Бар асари ин, ў доимо њадиси машњури «Бо одамон ба сатњи фањмиш ва идроки онњо суњбат кунед»-ро иќтибос меовард. Масалан, Муњаммад Ѓаззолї дар яке аз навиштањои худ чунин ќайд намудааст: «Гап дар он нест, ки бо онњо чизеро гўем, ки ба њаќиќат мухолиф аст. Гап дар он аст, ки ба онњо чизеро гўем, ки онњо метавонанд дарк намоянд ва ќобилияти фањмиши онро доранд, оид ба он ки онњо ба фањмиш ќобилият надоранд, бояд хомўширо ихтиёр намоем» [10,46].

Аз ин рў, метавон гуфт, ки мањз доираи хонандагон омили муайянкунандаи мазмуну мундариља, забони сода ё мураккаби асар ва умуман услуби баёни махсуси Ѓаззолї ба њисоб меравад.

Эљоди «Кимиёи саодат»-ро асоснок намуда, Ѓаззолї оид ба хонандае сухан меронад, ки аз хонандаи эљодиёти ў бо забони арабї тафовут доранд. Масалан, хонандагони «Эњё-ул-улум-ад-дин» уламои таљрибадор, њамкорон ва мухолифони ӯ буданд. Ба фарќ аз онњо, хонандагони «Кимиёи саодат» забони арабиро танњо дар сатњи номукаммал медонанд ва бешубња ба доирањои илмї тааллуќ надоранд. Китоби мо ба оммаи халќ нигаронида шудааст, ки фањмишу даркнамоиро бо забони форсии дарї талаб менамояд. Аз ин хотир, сухан бояд аз доираи фањмиши онњо берун наравад» [4,18].

Њамин тариќ, дар асоси гуфтањои худи муаллиф ва тањлили матнњои «Кимиёи саодат» ба таври мушаххас доираи хонандагони ин асар муайян карда шудааст. Ин асар барои ашхоси одї аст, ки њанўз ба омўзиши нозукињои динї фуру нарафтаанд ва ба њаёти њаррўзаи худ машѓуланд, пешниҳод шудааст. Ӯ

ба чунин афрод китоби сода ва фањморо ба забони форсии тољикї эљод кардааст. Дар тасаввури муосирон аз эњтимол дур нест, ки ин асар ба адабиёти илмї-оммавї мансуб карда шавад.

Дар муќаддимаи китоб аз чањор масъала, худшиносию худошиносї ва дунёшиносию охиратшиносї сухан меравад. Матни «Кимиё» монанди матни «Эњё» ба чањор рукн: ибодот, муомалот, муњликот, мунљиёт таќсим мешавад. Дар рубъи ибодот, бар хилофи китобњои фиќњї, Ѓаззолї ба зоњири ибодот напардохтааст, балки дар њама љо фалсафаи ибодоту маонии онњоро низ мавриди бањс ќарор мединад.

«Пас аз омода шудани бахше аз «Гузидаи Кимиё», ношир таѓйири раъй дод ва бо интишори њамаи китоб дар ду муљаллад мувофиќат кард, ба ин шарт, ки ба љойи сабти нусхабадалњо дар пойи њар сафња вожањои душвормаънї шавад ва бархе нукоти дастурї ишора гардад, то китоб барои њамаи донишомўзону донишљўёни алоќаманд ба мутуни куњани форсї ба осонї ќобили истифода бошад» [1,76-77].

Њамин тариќ, услуб ва забони «Кимиёи саодат» равон ва ба фањм наздик буда, барои омма пешбинї шудааст. Худи Ѓаззолї авомил ва муљиботи ба содагўйї пардохтанашро чунин шарњ додааст: «Ва мо андар ин китоб љумлаи ин чањор унвон ва чињил асл шарњ кунем аз бањри порсигўён ва ќалам нигоњ дорем аз иборoти баланди мунѓаликъ ва маонии борику душвор, то фањм тавон кард. Ва агар касеро раѓбат ба тањќиќею тадќиќе бошад барои ин, бояд аз кутуби тозї талаб кунад, чун китоби «Эњё-ул-улум-уд-дин» ва китоби «Љавоњир-ул-Ќуръон» ва тасонифи дигар, ки дар ин маънї ба тозї карда омадааст, ки маќсуди ин китоб авоми халќанд, ки ин маънї ба порсї илтимос карданд ва сухан аз њадди фањми эшон дарнатавон гузошт» [1,90-91].

Чунонки маълум мешавад, ин алломаи бузург ба забони тољикии форсї афзалияти хоссро ќоил буда, бо таълифи асарњои худ дар рушду нумуи забони арабї низ наќши бузурге доштааст. Дар ин раванд яке аз вижагињои назарраси тарзи баёни ў «Кимиёи саодат» аз он иборат аст, ки ў љуз аз он ки вожањои зиёди асили форсии дариро истифода кардааст, дар корбурди муродифоти форсию арабї низ саъйи зиёд намудааст. Чунончи дар ин маврид вожањое амсоли **анбоз** – шарик, рафиќ, њамдаму њамроз**, љон –** олами рўњии дохилии инсон, ки њамчун як чизи шартї ва мавњум тасаввур мешавад ва онро сабаби зиндагї мешуморанд, рўњ, равон, **љунбонидан –** чизеро ба љунбиш даровардан, чизеро ба њаракат даровардан (андохтан), **чигунагї –** кайфият, чунї, чи хел будан, чи тавр будан, **хост** – иродаро метавон мисол овард, ки бо њам муродифанд.

Баёни ин нукта ба маврид аст, ки «Кимиёи саодат» аз арзишмандтарин асарњои Ѓаззолї ба њисоб меравад, ки бо забони ноби форсии тољикї иншо шудааст. Ин асар дар бораи масъалањои динї ва ахлоќї бањс намуда, дар он луѓату истилоњоти форсии дарї ва ё таркиботи арабиву форсии бисёре мављуд аст, ки дар осори мутафаккирони пеш аз вай дида мешаванд [6,111].

Масалан: Ва агар хоњї, ки бидонї, ки раво бошад, ки чизе бувад, ки **чигунагир**о ба вай роњ набувад, дар њаќиќати худ нигар, ки он њаќиќати ту, ки мањалли маърифат аст, ќисматпазир нест ва миќдору каммияту **кайфиятро** ба вай роњ нест [1,134]. Агар касе пурсад, ки **рўњ** чї гуна чизе аст, љавоб он бошад, ки **чигунагиро** ба вай роњ нест [1,134].

Тањлили луѓавии матни асар нишон дод, ки дар он «як гурўњ калимаву истилоњоте истифода гардидаанд, ки ба яќин сохтаи худи Ѓаззолї мебошанд. Зеро назири ин вожаву таъбирот дар китобу рисолањои пеш аз ў иншо гардида, ба назар нарасид. Чунончи: **бузургхештанї** – худро бузург шуморидан, **бињишти рўњонї** – љаннати рўњонї, **бечигунагї** – адами кайфият, **поймардї** – мададгорї, ёрї, ёрирасонї, дастгирї, **пиндор –** 1) фикр, андеша, гумон, хаёл, тасаввур, 2) гумони бад, шак, **ноёфта –** маълум, **намудгор** – намуна аз нишона, **ёфта** – мављуда ва амсоли инњо» [6,111].

Дар љумлањои зерин вожањову иборањои хосси ў корбаст шудаанд: Ва мо наиму лаззати дилро, ки бе воситаи ќолаб бошад, ном **бињишти рўњонї** мекунем ва ранљу аламу шаќовати вайро, ки бе ќолаб бувад, **оташи рўњонї** мегўем [1,166]. Ва Бўсаиди Харгўшї ривоят кунад, ки дар Миср марде буд, ки дарвешонро **поймардї** кардї ва эшонро чизе фарояам овардї [2,165].

Ба тањќиќи мо, дар асар миќдори зиёди калимањои арабї ва юнониву туркї њам иќтибос шудаанд, ки дар баъзе њолат фањмиши онро то як андоза мураккаб гардонидааст. Бо вуљуди ин, асари мазкур ба маќсади асосии худ – шинос намудани одамони одї ба арзиш ва унсурњои исломї мувофиќат мекунад.

Њамин тариќ, «Кимиёи саодат» барои талќини арзишњо ва аркони дини мубини ислом барои мусалмонони порсо, ки ба аќидаи муаллиф хонандагони асосии он ба њисоб мераванд, эљод шудааст. Агарчи дар асар теъдоди муайяни калимањои арабї истифода шудаанд, њамзамон забони он сода ва оммафањм аст. Дар замоне, ки аксарияти асарњо ва таълифот асосан бо забони арабї эљод мешуданд, таълифи «Кимиёи саодат» бо забони форсии тољикї, бо услуби сода ва оммафањм боиси дар як муддати кутоњ маъруфият пайдо кардани асари мазкур шудааст. Асари мазкур имрўз низ маъруфияти худро аз даст

надода, ба чандин забонњои олам тарљума шудааст. Њам барои оммаи замони худ ва њам барои имрўзиёну фардоиён ќудрату имкони бузург ва фароху ќиёснопазири забони ноби тољикиро нишон медињад.

АДАБИЁТ

Абуњомид Муњаммади Ѓаззолї. Кимиёи саодат. – Љилди аввал. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 670 с.
Абуњомид Муњаммади Ѓаззолї. Кимиёи саодат. – Љилди дуввум. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – 666 с.
Абухамид ал-Газали. Воскрешение наук о вере. -М., 1980. – 424 с.
А.А. Хисматулина. Ал-Газали, Мухаммад Абу Хамид. Кимийа-йи са‘адат (Эликсир счастья). Том 1: Унваны 1-4. Рукн 1. – Пер. с перс. и вступ. ст. – СПб.; Казань: Петербургское Востоковедение, 2018. – 464 с.
Грюнебаум Г.Э. Классический ислам. Очерк истории (600 – 1258). Пер. с англ. – М., 1988. – 216 с.
Назарзода С. Забон ва истилоњот: андешањо дар атрофи забони тољикї ва ташаккули истилоњот. – Душанбе, 2003.
Сулаймонов С. Формирование терминологии таджикской философии (на материале “Донишнома” Ибн Сины). – Душанбе, 1997. – 323 с.
Тоњирова К. Луѓатњои забони муосири адабии тољик (Маводњо) / К. Тоњирова. – Душанбе: Дониш, 1967. – 82 с.
Фарњанги тафсирии забони тољикї (иборат аз 2 љилд) Љилди 2 (О –Я) / Зери тањрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Њ. Султон. – Душанбе, 2008. – 945 с.
Хисматулин А. Сочинения имама ал-Газали. – СПб.: Петербургское Востоковедение; М.: Садра, 2017. – 632 с.
Њаќиќат Абд ар-Рафї. История иранского мистицизма и мистиков от Байазила Вистами до Нур-Али-шаха Гунабади. – Тегеран. – 412 с.
Њалимов С. Таърихи забони адабии тољик (асри Х). – Душанбе: ТГУ, 1979. – 216 с.

The Influence of the Personality and Poetry of Mavlana Balkhi on the Works of Modern Tajik Poets
ТАЪСИРПАЗИРИИ ШОИРОНИ МУОСИРИ ТОҶИК АЗ ШАХСИЯТ ВА ШЕЪРИ МАВЛОНОИ БАЛХӢ

Akhmadov Safarmad GADOMADOVICH

Assoc. Prof., Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Tajikistan
ahmadovsafar@74@mail.ru

Abstract
The influence of Mavlono Balkhi's poems on modern Tajik literature is one of the issues that many Tajik scientists tried to confirm and prove. But this influence, in turn, has different ways and dimensions. In other words, there are poets who were fascinated by the grace of speech and thoughts of Mavlono Balkhi and decided to write poetry after him, despite the fact that they did not fully achieve this goal. The other part consciously approached Mavlono's poetry and made it not a source of imitation, but used some of Mavlono's thoughts and ideas.

Ozar, one of the most successful Tajik poets, can be included in this second group. That is, although he is not one of the followers of Mavlono and his style of speech differs from that of Mavlono, there are still some factors that bring his poetry closer to that of Mavlono.

This article analyzes the similarities between the poetry of Ozar and the poetry of Mavlono.

Keywords: Allusion, Comparison, Gnosticism, Influence, Knowledge, Poetic images, Poetry, Style, Thinking, Wise thoughts.

Хулоса
Таъсири ашъори Мавлонои Балхӣ ба адабиёти имрӯзи тоҷик аз ҷумлаи масоилест, ки дар тасдиқу исботи он донишмандони зиёди тоҷик кӯшиш кардаанд. Вале ин таъсирпазирӣ дар навбати худ тарзҳо ва андозаҳои гуногунро дорад. Яъне, шоироне ҳастанд, ки мафтуни латофати гуфтор ва андешаву афкори Мавлонои Балхӣ гардида, дар пайравии ӯ шеър гуфтанро ихтиёр кардаанд, бо вуҷуди он ки ба ин мақсади худ комилан муваффақ нагардидаанд. Қисмати дигар огоҳона ба шеъри Мавлоно наздик шуда, онро на сарчашмаи тақлид қарор додаанд, балки аз баъзе андешаву афкори Мавлоно тамсилвор кор гирифтаанд.

Озарро, ки аз ҷумлаи шоирони муваффақи тоҷик аст, метавон ба ҳамин гурӯҳи дуюм дохил намуд. Яъне, ҳарчанд ӯ аз пайравони Мавлоно нест ва сабки гуфтораш аз сабки Мавлоно фарқ дорад, боз ҳам ҳастанд баъзе омилҳое, ки шеъри ӯро ба шеъри Мавлоно наздик мегардонанд. Дар ин мақола маҳз ҳамин монандиву шабоҳатҳои ашъори Озар бо ашъори Мавлоно мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: Шеър, Ирфон, Тафаккур, Маърифат, Сабк, Таъсирпазирӣ, Тасвироти Шоирона, Андешаҳои Орифона, Тамсил, Талмеҳ.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ аз маъдуд шоирони соҳибмактаб ва соҳибсабкест, ки шеъри баландпояи онҳо ба ашъори аксари шоирони баъдӣ соя андохтааст. Ин таъсирпазирӣ аз шеъри Мавлоно ҳанӯз аз замони зиндагии ӯ оғоз ёфта, то ба имрӯз идома дорад. Ба қавли донишманди эронӣ Сируси Шамисо, «Мавлоно шоирест соҳиби сабки хеш, бисёре аз таобиру нигоҳҳо хоси худи ӯ мебошад ва лизо ғазали ӯ аз ғазалҳои дигарон комилан аз назари фарқ мутамоиз аст» [8, 224]. Ҳамин мутамоиз ва фарққунанда будани сабки эҷоди Мавлоно аз дигар сабкҳои адабӣ ва тозаву бадеъ будани нигаҳҳои шоиронаи ӯ бисёр шоирони баъдиро водор намудааст, ки роҳу усул ва тарзи сухан гуфтани ӯро дар коргоҳи эҷодии хеш таҷриба кунанд.

Шеъри муосири тоҷик, аз ҷумла шеъри даврони Истиқлол низ, аз ин дарёи бепоёни лафзу маънӣ баҳраёб буда, мо ҳузури андешаву афкор ва шеваву тарзи гуфтори Мавлонои бузургро дар осори аксари шуарои даврони имрӯз мушоҳида менамоем. Дар бораи пайгирӣ ва баҳрабардории шоирони муосири тоҷик аз шеъри Мавлоно як зумра корҳои илмӣ низ анҷом пазируфта, донишмандоне амсоли Муҳаммадалии Аҷамӣ ва Ҷамолиддин Саидзода саъй намудаанд, ки дар навиштаҳои худ тарзу шаклҳои гуногуни истиқболи шоирони муосири тоҷикро аз осори Мавлоно ошкор намоянд. Барои мисол шодравон Муҳаммадалии Аҷамӣ дар кори арзишманди илмии худ, ки “Дар қаламрави шеъри Мавлоно” ном дорад, таъсири ин суханвари беназирро ҳам ба шеъри даврони шӯравӣ ва ҳам ба адабиёти замони Истиқлолият мавриди нақду баррасӣ қарор дода, дар ин маврид фикрҳои арзишманди илмӣ баён кардааст.

Маълум аст, ки дар даврони шӯравӣ шеъри Мавлонои Балхӣ ба иллати ба сиёсати давру замон созгор набудан хеле кам мавриди табъу нашр қарор мегирифт ва табиист, ки шоирон низ имкони ками ошноӣ бо ин дунёи бекарони лафзу маъниро доштанд. Мушоҳида нишон медиҳад, ки ҳамин нашри маҳдуд низ танҳо дар нимаи дуюми асри бист имконпазир гардид. Бо вуҷуди ин ҳама маҳдудиятҳо як зумра шоирони муваффақи даврони шӯравӣ, аз қабили Муъмин Қаноату Лоиқ Шералӣ ва Гулрухсору Гулназар ба андозаи гуногун аз андешаву орои Мавлоно баҳрабардор будаанд, ки ин ҳолатро шодравон Муҳаммадалии Аҷамӣ хеле дақиқ муайяну равшан намудааст. Бахусус, таъсирпазирии устоди ғазали муосири тоҷик – Лоиқ Шералӣ аз ашъори малакутии Мавлоно хеле муваффақонаву самарабахш сурат гирифтааст. Тавре ки худи Лоиқ низ борҳо таъкид кардааст, “Девони кабир” ва “Маснавии маънавӣ”-и Мавлонои бузург аз ҷумлаи осореанд, ки ҳамвора мавриди мутолиа, омӯзиш ва баҳрабардории ӯ қарор доштааст:

Ало, девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар дарде,

Ало девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт [4, 356].

Даврони Истиқлолият ҳузури Мавлоноро дар шеъри тоҷикӣ боз ҳам зоҳиртару устувортар кард ва баҳрабардорони шеъри малакутии Мавлонои Балхӣ хеле зиёд гардиданд. Сабаби ин ҳолати фараҳбахш

пеш аз ҳама дар он аст, ки маҳз даврони Истиқлолият шароите фароҳам овард, ки аксари осори манзуму мансури Мавлонои Балхӣ, аз ҷумла “Девони кабир” ва “Маснавии маънавӣ” ба нашр расиданд ва имкони баҳрабардорӣ аз онҳо хеле осон шуд. Инчунин сиёсати даврони Истиқлолият бисёр монеаҳои сунъии даврони шӯравиро аз байн бурд ва имконияти нашру тадвини осори то як андоза маҳкумшуда, ки ҷанбаи пурқуввати диниву ирфонӣ доштанд, аз ҷумла осори малакутии Мавлонои Балхӣ, фароҳам омад. Агар ба масъалаи ҳузури андешаву орои Мавлоно дар шеъри даврони Истиқлолият дурусттар диққат намоем, мебинем, ки ин таъсир на танҳо дар анвои суннатӣ ва мутадовил дар дар эҷодиёти Мавлонои бузург, балки дар ашколи гуногуни шеъри нав низ мушоҳида мешавад. Дар асари арзишманди Муҳаммадалии Аҷамӣ, ки мо онро дар боло муаррифӣ кардем, ин таъсирпазирии шоирони муосир аз осори Мавлоно бо мисолҳои мушаххас муайяну равшан ва мудаллал гардидааст. Бо он ки қисмати зиёди шоирони даврони Истиқлолият аз шеъри Мавлонои бузург баҳрабардорӣ кардаанд, муҳаққиқ осори якчанд нафари дар ин ҷода муваффақро, ки пойбанди тақлиду пайравии доимӣ нагардида, по дар ҷодаи хоссаи эҷодии худ устувор нигоҳ доштаанд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Тавре ки болотар зикр кардем, бо вуҷуди корҳои зиёди анҷомёфта дар мавриди таъсиргузории Мавлоно ба шеъри муосири тоҷик боз ҳам бисёр паҳлуҳои ин масъала нокушода боқӣ мондааст. Барои мисол, дар баробари пайравони росих ва дилбастаи сабки эҷоди Мавлоно низ ҳастанд шоироне, ки шеъри Мавлоно барои онҳо ҳамчун тамсиле аз шеъри баланд ва талмеҳе назаррасу дилписанд хизмат кардааст. Мо дар ин мақолаи мухтасар дар бораи баъзе ҳамоҳангиҳои шеъри Озар бо шеъри Мавлоно сухан гуфтан мехоҳем, ки ба гурӯҳи дуюми шоирони номбаркардаи мо дохил мешавад. Яъне, бо вуҷуди он ки таъсири бевоситаи афкору ашъори Мавлоно ба шеъри ӯ ҳис намешавад, ҳузури номи Мавлоно ва осори оламшумули ӯ, таъбироти хоссаи Мавлоно, равиши андешаи Мавлоно дар шеъри ӯ маълум менамояд, ки Озар низ ба шеъри ин суханвари бузурги бетаваҷҷуҳ набудааст. Пеш аз ҳама ба ҳайси талмеҳу тамсил истифода гардидани исми “Маснавии маънавӣ” маълум менамояд, ки Озар аз осори малакутии Мавлоно бебаҳра набудааст. Барои мисол:

Остин дар нигаҳам «Маснавӣ»-и сонӣ буд,
Нақш мекард ҳуруфе, ки найи мижгон дошт [5, 27].
***
Сад «Маснавӣ» зи дидаи ман рӯйи хок рехт,
Аз дурият ҳазор найистон гиристам [5, 32].
***
Нусхаи баҳоронӣ, тозатар зи боронӣ,
Шарҳи «Маснавӣ» бошад, ҳусни бебаҳои ту [5, 39].
***
Маснавии боронро нест як каломи хушк,
Гӯйӣ абр ҳам оҳи шоирони эронист [5, 39].

Њамин мувофиқатро шодравон Муҳаммадалии Аҷамӣ низ хеле дуруст дарёфтааст. Ба ќавли ў, “... истифода аз вожаи «маснавӣ» дар корҳои Озар танҳо барои намоиши як ном нест. Манзури шоир аз корбурди ин вожа шукӯҳу азамат додан аст ба андеша ва маънӣ дар шеър. Озар дар бофти ғазалҳои худ бо истифода аз калимаи «маснавӣ» мехоҳад ба ҷилваҳои мастури маъно ва маърифат низ дар корҳои худ ишорат кунад ва «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно дар ин самт беҳтарин раҳовард ва мураббӣ барои шоир аст” [1, 185].

Маълум аст, ки аксари шоироне, ки баҳрабардорӣ аз осори Мавлоно кардаанд, бештар мафтуни лафзи ширину равон ва мусиқии дилписанди ашъори ӯ шуда, ҳамин таассуроти худро дар ашъорашон татбиқ кардан хостаанд. Қисмати дигари шоирон бештар побанди маъонии баланди ашъори Мавлоно гардида, кӯшиши дастёбӣ ба умқи андешаву афкори ӯ ва истифодаи ин маонӣ дар шеъри худ кардаанд. Бадеҳист, ки ҳар дуи ин гурӯҳ шоирон ба аҳдофи худ комёб нагардидаанд. Қисмати аввалро ҷобаҷогузории хеле мувофиқу муносиби калимаҳо, равонии беназир ва мусиқии дилпазири шеъри Мавлоно ва қисмати дувумро маонии барҷаставу баланди шеъри ӯ ва кӯшиши дар пайравии Мавлоно шеър гуфтан ба роҳи хато бурдааст. Чунки шеъри Мавлоно, тавре дар назари аввал менамояд, танҳо таронаи зебову дилнишин ва ангезандаи ҳаракоти мавзун нест. Балки дар ҳар як байту мисраъ ва ҳатто дар ҳар як вожаи ашъори Мавлонои бузург маонии барҷастае нуҳуфтааст, ки на ҳар кас ба фаҳму дарки ин маонӣ меравад.

Озар, ки мо ашъори ӯро ҳадафи тадқиқи худ қарор додаем, ба ҳеҷ яке аз ин гурӯҳҳо мансуб нест ва дар ягон шеъри ӯ пайгирии ошкор аз Мавлонои Балхӣ эҳсос намешавад. Бо ин ҳама ҳастанд вожаву таркиботи хоссаи динию ирфонӣ, ки маҳз ба василаи эҷодиёти Мавлоно ба тафаккури Озар роҳ ёфтаанд ва дар коргоҳи эҷодии ӯ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Ин ҳолатро мо натанҳо дар шеъри Озар, балки дар ашъори бисёр шоирони муваффақи даврони истиқлолият, аз қабили Низом Қосиму Камол Насрулло, Рустами Ваҳҳобу Сиёвуш, Фарзонаву Озарахш, Давлати Раҳмониёну Салими Хатлонӣ мушоҳида менамоем. Дар ҳақиқат, осори Мавлоно барои шоирони даврони муосир, ки ба ҳикмат ва маърифати шеъри

оламгири форсу тоҷик, аз ҷумла адабиёти ирфонӣ, роҳ ёфтан мехостанд, даричаи ошноие гардид, ки маҳз туфайли он ин шоирон то андозае аз андешаву орои шоирони ориф ва рамзу рози шеъри сӯфиёна огоҳ гардиданд. Албатта, осори Мавлонои Балхиро наметавон даре номид, ки туфайли он шоирони имрӯз ба олами пурасрори шеъри орифона роҳ ёфтанд, чунки барои то ин дараҷа расидан як осори Мавлоно кофӣ нест, балки заминаҳое аз маърифати Қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ мебояд, то шахс ба пуррагӣ аз ин олами беназир ва пуррамзу роз огаҳӣ пайдо намояд. Бо вуҷуди ин даричае, ки маҳз осори Мавлонои Балхӣ ба рӯйи шоирони даврони Истиқлолият кушод, то як андоза накҳату нафосати адабиёти ирфониро ба онҳо расонид ва ба фаҳму маърифати баъзе аз мафҳумҳои калидии ирфону тасаввуф онҳоро қодир сохт.

Озар низ аз шуарои муваффақест, ки насими маърифати осори Мавлоно ба ӯ вазида ва дар байту мисраву вожагони шеъри ӯ асари зебое аз худ боқӣ гузоштааст. Барои мисол, ифодаву таркиботи мармузу мустаоре, амсоли “ирфони ҳино”, “хурмои хаёл”, “нахли вилоят”, “меваи дуо”, “сарви дуо”, “ояти дил”, “борони ишқ”, “ҳинои муҳаббат”, “маърифати сабз”, “зулоли ишқ”, ки ҳар яке аз онҳо тобиши ирфонӣ доранд, дар шеъри Озар ҳузури фаровон доранд. Бо он ки ин калимоту мафҳумҳо на ҳама дар шеъри Мавлоно ҳузур доранд, тарзи ибораву таркибсозии ӯ сабаб гардидааст, ки Озар ба зикри ин калимаву таркибот даст ёбад. Яъне, маҳз ҳамон даричаи ошноие, ки гуфтем, барои Озар имкон фароҳам овардааст, ки ба эҷод ва ҳадафмандонаю баҷо истифода бурдани ин вожаву таркибот даст ёбад. Ба ҳайси намуна якчанд байти Озарро, ки ифодаву мафҳумҳои сӯфиёна доранд, дар зер меорем:

Омӯхтам зи мактаби ту дарси ҳолро,
Ирфони як буридаи нони ҳалолро [5, 53].

***

Хурмо шавад хаёл зи ёдаш, ки мар варо
Дар соясори нахли вилоят мақом буд [5, 27].

***

Нумуи хеш талаб дорад аз зулоли ишқ,
Касе, ки маърифати сабзи як гияҳ дорад [5, 59].

***

Аз хонақаҳи сина берун шудаву омӯхт
Ирфони шукуфтанро дил аз чамани гулҳо [5, 64].

Озар манзумаи ибратбахшу хондание дорад бо номи “Ватан”. Манзумаи мазкур аз якчанд банди алоҳида иборат буда, ин бандҳо ба масоили гуногуни ахлоқӣ бахшида шудаанд, ки ин масоил ба мавзуи ватан ва оини ватандорӣ рабт доранд. Шоир қариб дар ҳар як банд барои исботи иддаои худ тамсили ҳаётие меорад, то хонандаи худро ба ҳақиқат будани гуфтори худ итминон бибахшад. Барои мисол, дар банди даҳуми манзума Озар барои исботи ин ки одамони огоҳ ва равшандил ҳақ доранд, ба халқи фориғболу бепарво бо суханони сахту дурушт ва таъсирбахш муроҷиат кунанд, тамсиле меорад. Тамсил ин аст, ки ҷавоне барои аз сардӣ раҳо бахшидани модари худ ӯро бераҳмона бо тозиёна мекуфт. Ҳарчанд куфтани модар гуноҳи азим аст, аммо нияти хайре, ки писар аз ин амали худ дар назар дорад, ин гуноҳро ҷуброн менамояд:

Яке ба модари худ тозиёна мезад сахт,
Ки хоб буду ҳаво сарду ӯ кабуду карахт.
Бад ин тариқ зи чанги аҷал раҳояш кард,
Ба хеш модари ӯ омаду дуояш кард.
Маро, ки қавм чу он пиразан ба хоб бувад,
Дурушт ҳарф агар мезанам, савоб бувад.
Дуруштҳарфи ман аз хоб мекунад бедор,
Дуруштҳарфи маро оби зиндагӣ ангор [6, 178].

Тавре мушоҳида мешавад, тамсили мазкур хеле муассиру ибратомӯз нақл гардидааст. Агар хубтар диққат намоем, шабоҳате баёни ин тамсил ва тамсили як ҳикояи Мавлонои Балхӣ дармеёбем. Дар дафтари дувуми “Маснавии маънавӣ” Мавлоно ҳикояте дорад, ки ҳикмати он зердаст ва мутеи худ намудани нафси палид аст. Агар чи ҳикмати мазкур омӯзанда ва ибратбахш аст, дар назари аввал хонандаро як андоза саргаранг менамояд, чунки аз нафс бо исми “модар” ёд шудааст:

Он яке аз хашм модарро бикушт,
Ҳам ба захми ханҷару ҳам захми мушт.
Он дигар гуфташ, ки аз бадгавҳарӣ
Ёд н-овардӣ ту ҳаққӣ модарӣ.
Ҳай, ту модарро чаро куштӣ? Бигӯ,
Ӯ чи кард охир? Бигӯ, эй зиштхӯ!
Гуфт: “Коре кард, к-он ори вай аст,
Куштамаш, к-он хок саттори вай аст”...
Нафси туст он модари бадхосият,
Ки фасоди ӯст дар ҳар ноҳият.

Ҳин, бикуш ӯро, ки баҳри он данӣ,
Ҳар даме қасди азизе мекунӣ [5, 45,46].

Яке аз жанрҳое, ки шабоҳати гуфтори Озар бо сабки Мавлоно зиёд мушоҳида мешавад, жанри рубоӣ аст. Тавре ки дар боло ишора намудем, Озар дар ҳеҷ шеъри худ ба таври бевосита аз Мавлонои Балхӣ пайгирӣ накардааст ва ин иддаои мо ба рубоиёти Озар низ дахл дорад. Бо вуҷуди ин, баъзе шабоҳатҳое ҳастанд, ки рубоиёти Озарро бо рубоиҳои ин суханвари беназир ҳамрангу ҳамоҳанг мегардонанд. Шабоҳате, ки мо дар рубоиёти онҳо дарёфтем, бештар ба вожаву истилоҳот, тарзи ифода ва оҳанги орифонаи онҳо дахл дорад. Ба ҳайси намуна дар зер якчанд рубоии онҳоро мисол меорем:

Мавлонои Балхӣ:

Чун банда най, нидои шоҳӣ мезан,
Тири назар он чунон-к хоҳӣ, мезан.
Чун аз худу ғайри худ мусаллам гаштӣ,
Бехуд бинишин, куси илоҳӣ мезан [3, 288].

Озар:

Оҳу гоҳеву шер гоҳе мезан,
Гаҳ муҷриму гоҳ бегуноҳе мезан.
Сайёдию ихтиёр дорӣ, эй ишқ,
Тири назарат ба ҳар кӣ хоҳӣ, мезан [6, 216].

Мавлонои Балхӣ:

Эй он, ки салибдору ҳам тарсоӣ,
Пайваста ба зулф анбари тар соӣ.
Лаб бар лаби ман ба бӯса камтар соӣ,
Н-оӣ бари ман, чу оӣ, бо тарс оӣ [3, 384].

Озар:

Даф хост маҳе, ки шӯху қайсар будаст,
Овардаи ман зи саҳв дафтар будаст.
Гуфтанд: “Чаро наменавозӣ дафро?”
Лабханд заду бигуфт: “Даф тар будаст” [6, 231].

Ба ҳамин тартиб, масъалаи таъсирпазирии шоирони муосир аз ашъори Мавлоно дар илми адабиётшиносии тоҷик, бо вуҷуди масъалаи наву бесобиқа набудан, метавонад ҳоло низ густардаву фарогиртар бошад. Ин таъсирпазирӣ дар осори аксари шоирони муосир, ки ба латофати гуфтор ва маъонии баланди ашъори худ диққат медиҳанд ва барои ба ин ҳадаф расидан сарчашмаҳои зиёди омӯзиш доранд, мушоҳида мешавад.

Дар мавриди ашъори Озар ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ба иллати гуногунсабкӣ наметавон ӯро аз пайравони Мавлонои Балхӣ донист. Бо вуҷуди ин дар ашъори Озар низ ҳузури Мавлоно ва андешаву афкори ӯ эҳсос мешавад, ки ин натиҷаи омӯзиши густардаву фарогири Озар аст.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Аҷамӣ М. Дар қаламрави шеъри Мавлоно. – Душанбе: Маориф, 2016. – 288 саҳ.
Балхӣ Ҷ. Маснавии маънавӣ. –Душанбе: Адиб, 2013. – 480 саҳ.
Балхӣ Ҷ. Мунтахаби рубоиёт. – Таҳияи матн бо муқаддима ва луғату тавзеҳот аз Алии Муҳаммади Хуросонӣ. – Душанбе: Маориф, 2016. – 400 саҳ.
Лоиқ Ш. Куллиёт. Ҷ.1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – 564 саҳ.
Озар. Ирфони ҳино. – Душанбе: Адиб, 2006. – 112 саҳ.
Озар. Шарқ нозуксуханист. – Душанбе: Адиб, 2019. – 240 саҳ.
Саидзода Ҷ. Сабки сухани Мавлоно. Душанбе, 2007. – 150 саҳ.
Сируси Шамисо. Сабкшиносии шеър. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1382.

Contribution of Abdusalam Dekhoti to the Development of Tajik Children's Literature

САҲМИ АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ ДАР РУШДИ АДАБИЁТИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Norova Gulchehra RAHMATOVNA
Assoc. Prof., Tajik State Pedagogical University Named after S. Ayni, Tajikistan
norova1973@internet.ru.

Abstract
The author of this article presents information about the views and contributions of Abdusalom Dehoti in the formative years of Tajik children's literature. In the formation and development of Tajik children's literature, the founders of new Tajik literature S. Ayni and A. Lohuti played an outstanding role, who in the 20-30s created Tajik children's poetry and prose and directed it in the right direction, while at the same time noting the role of creativity writers of the Komsomol era A. Dehoti, M. Mirshakar, S. Javharizade, S. Ulugzade, J. Ikrami, M. Diyori, B. Raimzade and others...

The author emphasizes Abdusalom Dehoti's first social poem for children, "Answer to the warmongers" (1931) and explains Abdusalom Dehoti's articles as "Children's literature is lagging behind," "For high quality translation of prose works," "On Tajik songs and tunes," "For the development of children's literature", "The main means of communist education of children".

These articles and speeches by A. Dehoti discusses the task, goal, reasons for the lag, features of children's poetry, the main themes of the time, modern children's literature, which show A. Dehoti's view related to Tajik children's literature.

Keywords: A. Dehoti, A. Lohuti, Channel, Children's literature, Children's poetry, Children's works, Duty, Feature, Interest, Lag behind, Role, Sensitivity, Sustainable contribution, Stage, S. Ayni, Quality, Translation.

Хулоса
Муаллифи мақолаи мазкур доир ба назару нигоҳ ва саҳми Абдусалом Деҳотӣ дар солҳои ташаккулёбии адабиёти бачагонаи тоҷик маълумот медиҳад. Дар пайдоишу ташаккул ва инкишофи адабиёт бачагонаи тоҷик, нақши поягузорони адабиёти навин устод: С.Айнӣ ва А.Лоҳутиро қайд мекунад ва хиштҳои нахустини ин адабиётро дар назму насри адабиёти бачагону наврасон гузошта, намунаҳои аввалини адабиёти атфоли тоҷикро солҳои бистуму сиюм ба вуҷуд оварда, ин адабиётро ба маҷрои дуруст ворид намудани онҳоро дарҷ намуда, айни замон фаъолияти адибони насли комсомол: А.Деҳотӣ, М.Миршакар, С.Ҷавҳаризода, С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, М.Диёрӣ, Б.Раҳимзода ва дигаронро низ дастгирӣ менамояд.

Нахустшеъри иҷтимоии барои бачагон эҷоднамудаи Абдусалом Деҳотӣ «Ҷавоб ба оташдиҳандагони ҷанг» (1931) таъкид мекунад ва доир ба мақолаҳои нависандаро бо унвонҳои "Адабиёти бачагона ғафо монда истодааст", "Барои сифати баланди тарҷумаи асрҳои назм", "Дар бораи ашӯлаҳо ва таронаҳои тоҷикӣ", "Барои тараққиёти адабиёти бачагона", "Муҳимтарин воситаи тарбияи коммунистии бачагон" шарҳ медиҳад.

Дар ин мақолаҳову баромадҳои А.Деҳотӣ вазифа, мақсад, сабабҳои ғафомонӣ, хусусияти назми бачагона, мавзуъҳои муҳим ва замонавии адабиёти бачагонаи тоҷик мавриди муҳокима ғарор гирифтаанд, ки аз диди адабиётшиносии А.Деҳотӣ вобаста ба адабиёти бачагонаи тоҷик дарак медиҳанд.

Муаллиф доир ба саҳми арзандаи Абдусалом Деҳотӣ дар рушду устуворшавии адабиёти бачагонаи тоҷик ибрози андеша карда, тавонистааст, саҳми бузурги Деҳотиро муайян намояд.

Калидвожаҳо: Адабиёти Бачагона, Нақш, Саҳми Устувор, Хусусият, Назми Бачагона, С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, А.Деҳотӣ, Мачро, Вазифа, Ғафомонӣ, Тарҷума, Сифат, Шавқу Завқ, Марҳила, Ғамхорӣ, Асарҳои Бачагона.

Дар пайдоишу ташаккул ва инкишофи адабиёт бачагонаи тоҷик, пеш аз ҳама нақши поягузорони адабиёти навин устод: С.Айнӣ ва А.Лоҳутӣ хеле бузург аст. Онҳо хиштҳои нахустини ин адабиётро дар назму насри адабиёти бачагону наврасон гузошта намунаҳои аввалини адабиёти атфоли тоҷикро солҳои бистуму сиюм ба вуҷуд оварда, ин адабиётро ба маҷрои дуруст ворид намудаанд. Ин анъана дар фаъолияти адибони насли комсомол: А.Деҳотӣ, М.Миршакар, С.Ҷавҳаризода, С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, М.Диёрӣ, Б.Раҳимзода ва дигарон минбаъд дастгирӣ ёфтааст.

Маҳз, дар солҳои сиюм ба майдони адабиёти тоҷик як гуруҳ адибони "**авлоди комсомол"** бо ғуввањои нави эҷодӣ дохил мешаванд, ки онҳо ба адабиёт як ҷӯшу хурӯши нав ва руҳи тоза оварда, дар муборизаҳо обутоб ёфта, захираи дониш, маҳорати нависандагии худро сайқал дода, тадриҷан ҳамчун адибони номӣ ба камол мерасанд.

Ба ин гуруҳ М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷалол Икромӣ, Р.Ҷалил, Ғ.Абдулло ва ғайра дохил мешаванд, ки Абдусалом Деҳотӣ ба ғавли Раҳим Ҳошим "...як аз ғофиласолорони ин гурӯҳ башумор меравад" [8].

Махсусан, дар бобати таълифи асарҳо маҳз барои бачагону наврасони солҳои сиюму давраи ҷанг ва пас аз ҷанг саҳми Абдусалом Деҳотӣ хеле назаррас аст. А.Деҳотӣ ба навиштани шеър аз соли 1927 шурӯъ мекунад. Шеърҳои аввалини ӯ аз машқҳои шогирдона иборат буданд ва дар газетаҳои девории мактабҳои дараҷаи якум ва дуюм нашр мешуданд. Ба инкишофи маҳорати шоирии А.Деҳотӣ махфилҳои адабии мактаб мусоидат мекунад.

Донишманди адабиёти бачагона ва яке аз поягузорони ин адабиёт будани А.Деҳотӣ аз рӯи чунин гузоришоти проблемавии ӯ: "**Адабиёти бачагона ғафо монда истодааст", "Барои сифати баланди тарҷумаи асрҳои назм", "Дар бораи ашӯлаҳо ва таронаҳои тоҷикӣ", "Барои тараққиёти адабиёти бачагона", "Муҳимтарин воситаи тарбияи коммунистии бачагон"** махсусан равшан мегардад. Дар ин мақолаҳову баромадҳои А.Деҳотӣ вазифа, мақсад, сабабҳои ғафомонӣ, хусусияти назми бачагона, мавзуъҳои муҳим ва замонавии адабиёти бачагонаи тоҷик, маҳорат ва санъати суханофаринии адибони ин соҳа мавриди муҳокима ғарор гирифтаанд, ки аз диди адабиётшиносии А.Деҳотӣ вобаста ба адабиёти бачагонаи тоҷик дарак медиҳанд.

“Тарбияи насли наврас, - менависад С.Саидов, - дар њама давру замон аз вазифањои асосии аъзоёни љамъият маънсуб мешуд ва вобаста ба вазъи сиёсию иљтимоии љомеа, муносибат ба илму фарњанг, арзишњои маърифатию аќлонї тадриљан густариш меёбад. Аз њамин лињоз , масъалаи ба вуљуд овардану инкишоф додани адабиёти махсусе барои бачагон ва наврасон њам дар гузашта, њам дар ибтидои садаи XX аъамияти љиддї пайдо кардааст”[6, с.4].

Махсусан, дар падидоии ин навъи адабиёт пас аз устод С.Айнї ва А.Лоњутї сањми А.Дењотї нињоят бузург аст. Маќолаи нахустини А.Дењотї тањти унвони **“Адабиёти бачагона ќафо монда истодааст”** њанўз 1930, 15.04 дар газетаи “Тољикистони Сурх” нашр шуда буд. Дар оѓози маќола А.Дењотї менависад, ки “Адабиёт ва санъат дар соњаи дар руњи коммунизм тарбия кардани наслњои наврас аъамияти љиддї дорад. Мављи болоравии маданият ва талаботи бузурги асарњои бадеии баландсифат даъват мекунанд. Афсўс, ки талаботи омма дар бораи китоб ќаноат кунонида нашуда истодааст. Дар Тољикистон то давраи революцсия адабиёт ќариб мављуд набуд. Вай дар забони халќ, дар фолклор - достонњо, дар њикояњои халќї, дар зарбулмасалњо ва дар чистонњо мављуд буд” [4, с.156]. Доир ба вазъи адабиёти бачагонаи тоҷик дар солҳои ташаккулёбии он ва нашри асарҳои бадеӣ барои бачагон метаовнем диққати хонандаро ҷалб намоем.

Ў менависад, ки “Њоло мо (аввали солњои сиюм дар назар аст Н.Г.) картинаи тамоман дигарро мебинем. Дар солњои Њокимияти Советї ва махсусан, дар дањ соли охирин барои бачагон њам адабиёти сотсиалистї тез тараќќї ёфт. Дар њамин муддат, садњо китобњо ба дањњо ва садњо њазор нусха нашр шуданд. Китобњои нашр кардашуда ва китобњои Лоњутї, Айнї, Рањим Љалил ва дигар авторњо аз тарафи бачагон бо шавќмандии бузург хонда мешаванд. Дар як муддат адабиёти классикњои рус –Пушкин, Лермонтов, Горкий ва нависандагони советї аз нав кор карда шуда, тарљума карда шуда ва бо тиражњои калон чоп шуда истодаанд” [4, с.156].

Дар маќолаи мавриди назар А.Дењотї таъкид мекунад, ки: “Инкишофи адабиёти бачагона дар республикаамон аз талаботи афзудаистодаи њаррўза, ки хонандагони љавон ба пеши мо мегузоранд, ба дараљаи хеле паст аќиб мемонад... Мо њоло барои бачагон дар бораи ќањрамонњои эпохаамон, дар хусуси лиётчикњо, дар бобати разведчикњои сурх китобњои мароќовари бачагонаи заруриро кам тартиб додаем. Чунин китобњо шуурнокии одами навро тарбия медињанд, ба онњо сифатњои аъло: ќањрамонї, нотарсї ва муњаббати бењад доштан ба Ватан, партия, ки ба одами ояндаи бинокори љамъияти коммунизм бисёр зарур аст, инкишоф меёбад” [4, с.156-157].

А.Дењотї инчунин ба њамкасбони худ ишора карда менависад, ки “...нависандагоне њастанд, ки онњо барои бачагон адабиёти наѓз навишта метавонанд, аммо ба аъамияти бузург доштани адабиёти бачагона бањо надода, дар ин хусус бисёр кам менависанд, ...њамчунин нависандагоне њастанд, ки ба адабиёти бачагона аъамият надода, ин корро ... сазовори кори нависанда њисоб намекунанд” [4, с.157].

Дар маќола диќќати А.Дењотиро инчунин масъалаи санъат ва худфаъолиятии бачагон низ ба худ љалб кардааст. Ў мегўяд: “Мо дар ин бора њељ кор накардаем. Дар мактабњои тољикї ва ўзбекї худфаъолиятии бачагон ба дараљаи кам тараќќї ёфтааст. Аз нашрияњои бачагона бошад, ба забони тољикї ва русї њоло танњо газетаи “Пионери Тољикистон” ба табъ мерасад.” [4, с.158].

Аз мундариљаи маќолаи нахустини А.Дењотї, ки ба масъалаи нашру ташвиќи адабиёти бачагона бахшида шудааст, маълум мешавад, ки дар он рољеъ ба масъалањои назарї, жанру услуб ва сабки асарњои бадеї барои бачагону наврасон сухан нарафтааст. Ин маќола хусусияти даъватию ташвиќотї дошта, дар он таъкид мешавад, ки адибони тољик барои бачагону наврасон хеле кам менависанд. Инчунин дар ин маќола дар бораи адабиёти бачагона њамчун ќисми таркибии таърихи адабиёти тољик сухан нарафтааст. Дар бораи хусусиятњои синнусолии адабиёти бачагона, сабку услуби баёни он, анвои адабї ва мавзуъњои адабиёти бачагона њоло ибрози андеша нашудааст.

Маќолаи дуюми А.Дењотї бахшида ба адабиёти бачагона баъд аз 24 сол бо унвони **“Барои тараќќиёти адабиёти бачагона”** бори аввал дар газетаи “Тољикистони Сурх” соли 1954.27.08. ба табъ мерасад. Дар оѓози маќолаи дуюм А.Дењотї таъкид мекунад, ки “Пеш аз он ки дар бораи адабиёти бачагонаи тољик сухан ронем, њаминро хотирасон кардан лозим аст, ки дар адабиёти бадеии тољик, њарчанд вай таърихи њазорсола дошта бошад њам, то замони советии мо жанри адабиёти бачагона ба маънои имрузаи он вуљуд надошт. Бинобар ин, адабиёти бачагона њам монанди жанри драматургия, яке аз он самараљои пурќимати маданияти нави пешќадам аст, ки Революцсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба халќи тољик бахшидааст” [4, с.175].

Ин андешаи А.Дењотї асосан, дуруст аст, чунки адабиёти бачагона њамчун фан мањсули давраи инкишофи пасазинќилобии адабиёти тољик аст. Дар андешаи боло, А.Дењотї адабиёти бачагона ва драматургияро **жанр** номидааст, ки ин андешаи сањењ нест, чунки адабиёти бачагона њам ба љузъи таркибии таърихи адабиёти ин ва ё он халќ дохил мешавад. Барои бачагону наврасон њам дар ду намуди

адабї - назму наср (манзум ва мансур), се љинси адабї: асарњои эпикї, лирикї ва драмавї (драматургия) асарњо эљод карда мешаванд. Фарќи асосї танњо дар хусусиятњои синнусолии асарњое, ки барои бачагону наврасон эљод мешаванд буда, њамчун адабиёти бачагону наврасон номгузорї шудани ин фан ба хусусиятњои синнусолии бачагону наврасон, забон ва сабку услуби баёни асарњои бадеї барои онњо вобаста мебошад.

Дар њаќиќат њам, адабиёти бачагона ќисми таркибии таърихи адабиёти тољик буда, заминањои хоси пайдоиш ва инкишофро дорост ва ќонуниятњои махсуси худро дорад. Ба ќавли нависандаи бузурги рус Максим Горкий: "Адабиёти бачагона ба республикаи иттифоќї монанд аст, ки дар баробари итоат кардан ба сарќонуни умумї ќонунњои махсуси худро дорад" [2, с.13].

Аз ин нуќтаи назар, яке аз аввалин нишонањои адабиёти бачагона барои синну соли муайян таъин шудани он аст. Бо ин хусусияташ адабиёти бачањо аз адабиёти калонсолон фарќ дорад. Усули масъалагузории А.Дењотї асосан, дуруст аст, вале аввал адабиёти бачагона ва драматургияро жанр номиданаш ѓалат аст. Вале "...ин адабиёт баробари Октябри Кабир таваллуд ёфт ва асосгузори он (адабиёти бачагонаи тољик дар назар аст Н.Г.) – падари адабиёти советии тољик Садриддин Айнї буд" – гуфтани ў комилан дуруст аст" [4, с.175].

Аз љумла андешаи А.Дењотї "...достончаи ахлоќии "Њасан зад", шеърњо ва сурудњои доир ба ташвиќи илму ирфон, муњаббати фарзанд ба падару модар, доир ба зебоии табиат, инчунин мукотибањои самимонаи байни додару бародар, ки аввалин намунаи адабиёти хаттии бачагонаи тољик мебошанд, ба ќалами ин нависандаи педагог дар китоби "Тањзиб-ус-сибён" ("Тарбияи бачагон") ба забони сода ва услуби адабии дилчасп

навишта шуда буданд" [4, с.175]. ба хусусияти синнусолии адабиёти ба-

чагонаи тољик далолат мекунад ва љолиб аст.

Устод С.Айнї бо асарњои минбаъдаи барои бачагон эљод кардаи худ: "Ањмади девбанд", "Мактаби кўњна", "Ятим" ва ѓайра ин ташаббуси худро давом дод ва ба мустањкам шудани пойдевори ин соњаи нави адабиёти тољик ёрии куллї расонд" [4, с.176]. Аз мазмуни андешањои боло бармеояд, ки А.Дењотї агар дар оѓоз адабиёти бачагонаро жанр гуфта бошад, дар андешањои минбаъдааш ба љои "жанр" таъбири "ин соњаи нави адабиёти тољик"-ро истифода кардааст, ки фикри дуруст ва тоза аст.

Дар маќолаи **"Барои тараќќиёти адабиёти бачагона"** инчунин **масъалаи тавассути тарљума таъсиргирии адабиёти бачагонаи** тољик аз "...асарњои љовидонаи нависандагони классикї ва њозираи рус –А.С.Пушкин, М.Ю. Лермонтов, Н.Некрасов, Л.Н.Толстой, А.П.Чехов, М.Горкий, А.Фадеев, М.Шолохов, ки ба забони тољикї тарљума ва нашр шудаанд, дар бобати ба вуљуд овардани асарњои бачагона њам сармашќи кори њамаи нависандагони тољик гардидаанд"[4, с.176]. А.Дењотї вобаста ба тарљума ва нашри асарњои нависандагони рус танњо дар байни 10-15 соли охир (албатта солњои пас аз љанг дар назар аст Н.Г.) таъкид мекунад, ки: "....чунин асарњои нависандагони рус ба забони тољикї тарљума ва нашр гардидаанд, ки иннњо фонди тиллоии адабиёти бачагонаи тољикро ташкил мекунанд. Дар байни ин асарњо романи "Пўлод чї тавр обутоб ёфт"-и Н.Островский, "Темур ва командаи ў"-и А.Гайдар, "Тоќа як бодбон тобон аст" ва "Писархонди полк"- и В.Катаев, ..."Достони Зоя ва Шура"- и М.Космодемьянская, "Ќиссаи писарам"-и Е Кошевая, њикояњои "Мактаби диловарї"- и В.Каверин як ќатор достонњо ва силсилаи шеърњои С.Маршак, С.Михалков А.Барто ва К.Чуковский ва ѓайра њаст" [4,с.176].

А.Дењотї дар ин маќолааш ба забони русї њамчун ба воситаи ба њам алоќамандкунии халќњои советї ва љањон бањои баланд дода, таъкид мекунад, ки: "Забони русї воситаи тавоноест, ки умуман адабиёти советии тољик, аз љумла адабиёти бачагонаро ба адабиёти њамаи халќњои дигари СССР, инчунин ба адабиёти прогрессивии љањон алоќаманд менамояд. Ба воситаи забони русї мо имконият пайдо кардем, ки бењтарин намунањои эљодиёти нависандагони прогрессивии мамлакатњои хорилї: "Гаврош"- и В.Гюго, "Бачагони капитан Грант"- и Жюль Верн, "Шоњзода ва гадо"- и Марк Твен, "Робинзон Крузо"- и Даниэл Дефоро тарљума карда, дастраси бачагони тољик гардондем" [4, с.177].

Дар маќолаи мавриди назар чуноне ки мебинем, афкори адабиётшиносии А.Дењотї вобаста ба адабиёти бачагона, тарљумаи бадеї барои бачагон, махсусан наќши адибони тољик дар рушду танааввули ин соњаи адабиёт низ ифода гардидааст. Масалан агар А.Дењотї устод С.Айниро асосгузори адабиёти бачагонаи пасазинќилобии тољик шуморад, М.Миршакарро баъд аз С.Айнї аввалин шоири тољик меномад, ки барои бачањо аз њама бештар ва дар мавзуъњои гуногуни њаёт шеъру достонњо навиштааст. Асарњои ў на фаќат ба талаботи бачагони хурдсол ва миёна, инчунин ба талаботи бачагони калонсол нигаронида шудаанд. Дар маќола аввалин манзумаи М.Миршакар "Мо аз Помир омадем"(1939), ки дар он идеяи муњаббат ба Ватани сотсиалистї бо усули шавќовари мувофиќи завќу характер ва психологияи бача

баён шудааст. Дар ин манзума пањноварї, бой ва зебоии мамлакати мо ва пурнурию хуррамии њаёти халќ хеле равшан тасвир ёфтааст.

Аз љумла, А.Дењотї ба асарњои давраиљангии М.Миршакар махсу- сан достонњои “Неъмат” ва “Федька”- и ў эътибори љиддї дода, ин достонњои ўро “шоёни диќќат” мешуморад.

А.Дењотї дар баробари таъкиди муваффаќиятњои эљодї, инчунин баъзе нуќсонњо ва тарафњои сусти асарњои барои бачагону наврасон эљод намудаи М.Миршакарро њамчун муњаќќиќи нуктасанљи адабиёти бачањо низ нишон додааст.Чунончи:

1.Ў (М.Миршакар Н.Г.) дар шеърњои кўтоњ ѓунљондани мазмуни васеъро тавонад ва дўст дорад њам, дар баъзе мавридњо аз њад зиёд сергап мешавад ва шеъри “Бачагони мамлакати офтобрўя” шоирро яке аз њамин гуна асарњоим муаллиф њисобидааст.

2. Назми М.Миршакар аз ќабили камбаѓалии забон, такрори калимањо, таъбир ва ташбењњо боз баъзе нуќсонњо њам дорад [4, с.178].

Назари адабиётшиносии А.Дењотї вобаста ба повести “Ятим”-и

устод С.Айнї низ ифода гардидааст. А.Дењотї чун муњаќќиќ повести “Ятим”- ро аз љињати мавзуъ, ѓоя, тасвири персонажњои асосї, њаёти онњо то инќилоб ва баъд аз инќилоб, мавќеи мавзуи дўстии халќњо дар асар мавриди тањлилу баррасї ќарор додааст. “Повести “Ятим”-и

С.Айнї, - менависад А.Дењотї ба мавзўи олиљаноби ватанпарварї бахшида шудааст.

Ба андешаи А.Дењотї устод С.Айнї дар ин повест лавњањои њаёти аламноки камбаѓалон, кулфатњои аз сар гузаронидаи Шодї ва модари ў – занаки мазлумаю бењуќуќро хеле устодона тасвир кардааст.

“Аммо, менависад А.Дењотї, - бо ин њама муваффаќиятњо ин асар камбудињои љиддї њам дорад”[4, с.179]. Пас ў бољуръатона, ин камбудињоро як-як баён мекунад: “баъзе образњо схематикї, эпизодњои људогона тасодуфї буда, ба композитсияи асар (устухонбандии асар Н.Г.) банду басти узвї надоранд” [4, с.179].

Диќќати А.Дењотиро инчунин асарњои бадеие, ки дар бораи њаёти бачагони љањони сармоя наќл мекунанд низ ба худ љалб кардаанд. Дар адабиёти бачагонаи тољик шеърњои“Сайёњи Њинд” ва “Ќиссаи машњур”

аз силсилаи шеърњои “Ќиссаи Њиндустон”- и М.Турсунзода намунаи барљастаи ифодаи ин мавзуанд. “Дар **шеъри дуюм** рафтори љасуронаи писарбачаи газетафурўши лоњурї тасвир шудааст, ки ў шабњо пинњонї ба мазмуни “Роњи халосї роњи Республикаи Халќии Хитой аст” ба кўчањо вараќањо мечаспонад. Дар **шеъри якум** сухан дар бораи саргузашти афѓонбачаи бекасу кўест, ки дар ватани худаш бадбахт буд, дар љустуљўи бахт ба Хиндустон сафар карда, боз бадбахтар шуд: ба пардозкунии пойафзоли љанобони нокас – дуздони бахти худаш маљбур гашт” [4, с.179].

Чуноне ки мебинем, А.Дењотї аз вазъи адабиёти бачагонаи тољик огоњии хуб дорад. Мо инро аз рўи андешањои зерини ў хубтар пай мебарем: “Шеъри “Сайёњи Њинд” 7-8 сол пеш навишта шуда буд. Соли гузашта (1953) дар маљаллаи “Помир” дар њамин мавзу шеъри Бобо Њољї: “Ба ятимбачаи афѓон” чоп шуд. А.Дењотї њамчун муњаќќиќи даќиќназари адабиёти бачагона таъкид кардааст, ки “Њар касе, ки ин ду шеърро ба њам муќоиса мекунад, ба осонї пай мебарад, ки шеъри Бобо Њољї такрори бемуваффаќияти “Сайёњи Њинд” аст. Чунки дар “Сайёњи Њинд” фољиаи бадбахтии афѓонбача хеле пуртаъсир ифода ёфтааст, дар он воќеа зинда ва образи бадеї конкрет тасвир шудааст” [4, с.180].

Масъалаи дигаре, ки диќќати А.Дењотиро ба худ љалб кардааст, нишон додани ањамияти мењнат дар адабиёти бачагона аст. А.Дењотї барои намуна њикояи Рањим Љалил “Челонгари маълумоти олидор”ва

њикояи П.Толис “Гандум”-ро намуна меорад, ки дар соњањои гуногуни мењнати сотсиалистї фаъол иштирок кардани мактаббачагону пионеронро нишон дода, тањлил кардааст ва аз тањлили ин њикояњо ба чунин хулоса меояд, ки “...агар дар хикояи Р.Љалил донишљўи институт- Ќобил дар шароити замони љанг аз хондани рўзона ба ѓоибона гузашта ба љои падари ба фронт рафтааш кор карда, дар касби челонгарї ихтисос пайдо кунад. Идеяи асоси њикояи П.Толисро, ѓамхории мактаббачаи советї дар бораи њифзи моликияти љамъиятї: писарак - Њасан рањгузар - шуда мебинад, ки оби љўй зада ба сўи халтањои пур аз гандуми осиёби колхоз рафта истодааст. Вай бо зиракию фидокории худ, обро пеш рафтан намонда, ѓалларо аз нобудшавї нигоњ медорад ва ба миннатдории осиёббони колхоз сазовор мегардад” [4, с.182]. Дар баробари ин, А.Дењотї њамчун муњаќќиќ афсўс мехўрад, ки аксарияти асарњои дар ин мавзуъ навишта шуда схематикї буда, романтикаи мењнати озоди бачагон ва олами андешаи онњоро нишон

намединьанд, вокеаньо ва иштирокчиёнашон тасодуфї буда, ньаётї нестанд. Ньикояньои “Хосиятьо”-и Суньайлї ва “Ниньольо”- и П.Толис чунинанд.

А.Деньотї дар ин маколаи проблемавиаш ба фолклор (эльодиёти данёнакии халқ) чун сарчашмаи адабиёти хаттї ва махсусан, сарчашмаи адабиёти бачагона баньо додааст. Ў чун муньаққиқи адабиёти бачагона ва фолклоршинос ба ин масъала таваљљуњ зоњир намуда, чанд андешаи льолиб баён намудааст: “Яке аз сарчашмањои бойкунандаи адабиёти бачагона эљодиёти данёнакии халқ – фолклор аст, ки дар давоми асрњои зиёд ба вуљуд омадааст. Шакли хуби истифода бурдани фолклор – ба вокеияти замони ньозира вобаста карда, аз љињати эљодї аз нав кор кардани бењтарин намунањои он мебошад. “М.Миршакар дар достони “Қишлоқи тиллої” ба ин мақсад бо муваффақият ноил шудааст. Дар ин достон орзуи халқи мазлум дар бораи ньаёти озоди қишлоқи тиллоии афсонавї ба ньақиқат мубаддал мешавад” [4, с.184]. Лекин А.Деньотї достони “Гилеми кабуд”-и Суньайлиро, ки низ дар асоси мазмуни афсонаи халқї эљод шудааст, аз љињати мавзуъ ва вокеа, такрори нодурусти достони “Қишлоқи тиллої”-и М.Миршакар мешуморад. Ньол он ки ньанўз соли 1947 дар маљаллаи “Садои Шарқ” № 6 “Робиаи чилгазамўй” ном достони Суньайлї дар асоси сужети афсонаи халқии тољикї эљод шуда буд. Шоир дар ин достонаш мазмуну руњи афсонаи халқиро эљодкорона тағйиру такмил додааст. Инъикоси умеду орзуи оммаи мењнаткаш тавассути ин афсонаи халқї ба шоир илњом бахшидааст:

Ин ньама гуфтори ман афсона буд,

Орзўи мардуми бечора буд...,

вале достони “Гилеми кабуд”- аш муваффақият пайдо накардааст.

Илова ба ин, А.Деньотї вобаста ба масъалаи љамъ кардани асарњои фолклорї барои бачагон эътибори љиддї дода, талаб мекунад, ки “...ташаббуси нависандагон К.Л.Улуғзода ва Қодир Наимиро дар бобати љамъ намудан ва барои бачагон аз нав кор кардани асарњои фолклорї тарафдорї кардан ва қувват додан лозим аст” [4, с.184].

Ньатто А.Деньотї менависад, ки: “Шоирон Б.Рањимзода, А.Баньорї,

И.Рањматов ва В.Асрорї якчанд асарњои фолклориро ба назм даровар- даанд, ки ин ньам кори манфиатнок аст. Лекин ньамин қадараш ньайрон мекунад, ки “қањрамон”- и ньамаи афсонањои назм кардаи онњо, ньамчун қоида, фақат гурги дарранда ва рўбоњи ньилагар мебошанд” [4, с.184].

Аз мундариљаи умумии мақола маълум мешавад, ки, А.Деньотї ньамчун яке аз поягузорони адабиёти бачагонаи тољик ба соњањои қафомондаи он диққати адибону драматургони тољикро љалб намудааст. Ба андешаи ў драматургияи тољик барои бачањо соњаи хеле қафомондааст. Ў мегўяд, ки “...дар ин соња мо ғайр аз “Достони Ньофиз”-и Тошмуњаммадов ва якчанд пьесаи тарљумавї чизе надорем” [4, с.184]. Пас бо исрор таъкид мекунад, ки “...драматургњои мо ба навиштани пьесањо барои бачагон чандон рағбат надоранд, зеро мо театри махсуси бачагона надорем, ки асари онњоро ба сањна гузорад. Дар натиља дањњо ньазор тамошобинони наврас мальбуранд дар љустуљўи ягон тамошои ба завқи худашон мувофиқ дар театрњои мо аз “Отелло” ва “Ромео ва Љулетта”- и Шекспир сар карда, то “Ситора” – и Љ.Икромї ва “Афсонаи ишқ”- и Нозим Ньикмат спектакльњои ба синну соли худ номувофиқро тамошо кунанд” [4, с.185].

Масъалаи дигаре, ки А.Деньотї диққати адибони тољикро ба он љалб намудааст, ин тарғиби суруду таронањо барои бачагону наврасон аст. Ба ин маънї, ў менависад, ки “...жанри сурудњо ньам соњаи фаромўшшудаи кори мо мебошад. Дар мо сурудњои оммавие, ки шавқу завқ, майл ва орзуњои бачагону љавонони наврасро ифода кунанд, хеле кам ньастанд. Сурудњо мављуда бошанд ньам, дар байни бачагон дуруст тарғиб ва љорї карда намешаванд” [4, с.185]. Ньатто А.Деньотї таъкид мекунад, ки “...дар бораи кадрњои эљодкунандаи адабиёти бачагона ғамхорї кардан лозим. Дар мо нависандагоне, ки танњо дар соњаи адабиёти бачагона кор баранд, нестанд. Вазифаи аввалини мо он аст, ки нависандагонеро, ки барои бачагон асари бадеї эљод карда метавонанд, ба ин кори боифтихор даъват ва ньавасманд намоем. Аз асарњои тайёри нависандагонамон, масалан аз чор қисми“Ёддоштњо”-и С.Айнї ва достони “Ду ньаёт”-и С.Холзода ва ғайра қисмњоеро, ки барои бачагон анъамияти тарбиявї доранд, људо карда алоњида нашр кунем, сифати китобњои бачагонаро бењтар намоем, махсусан ба љињати идеявии онњо анъамият диньем”[4, с.206].

Чуноне ки муайян мегардад, А.Деньотї на танњо чун адабиётшиноси дақиқназари адабиёти классикии тољик, ньамзамон чун донишманди тавонои адабиёти муосир, махсусан яке аз поягузорони адабиёти бачагонаи тољик маъсуб меёбад, ки дар ньама даврањои фаъолияти эљодиаш барои бачагону наврасон дар назму наср асарњои бадеии ба завқу синну соли онњо љавобгў офаридааст. Ў дар баромаду мақолањои проблемавиаш, мисли: “Адабиёти бачагона қафо монда истодааст”, “Барои сифати баланди тарљумаи асарњои назм”,“Барои тараққиёти адабиёти бачагона” ва “Муњимтарин воситаи тарбияи

коммунистии бачагон” мавриди муњокима ва тањлил ќарор гирифтаанд, ки аз диди адабиётшиносии А.Дењотї вобаста ба таърихи адабиёти бачагонаи тољик шањодат мединад.

Адабиёт

Амонов Р. Таърихи адабиёти советии тољик.Љилди 6. Ќисм 1. Адабиёти бачагона/ Р.Амонов. – Душанбе: Дониш, 1982.-346 с.
Горький М. О детской литературе, детском и юношеском чтении. Избранное (Изд. 4-е, перераб. И дополн. Сост., вступ. Статья и комментарии Н.Б. Медведевой).-Москва: Детская литература,1989.-224 с.
Дењотї А. Куллиёт. Љилди 1.Назм / А.Дењотї -Душанбе: Ирфон, 1965.-373 с.
4.Дењотї А. Куллиёт. Љилди 5. (Маќолањо) / А.Дењотї -Душанбе: Ирфон, 1966.-472 с.
Искандаров М. Абдусалом Дењотї / М.Искандаров. -Сталинобод: Нашрдавлтољик,1961.- 60 с.
Саидов С. Абдусалом Дењотї – адиби бачагон / С. Саидов -Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнї, 2009.- 66 с.
Саидов С. Адабиёти бачагона / С. Саидов -Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнї, 2019.- 383 с.
Њошим Р. Сухане аз устодон ва дўстон (ќайдњо, ёддошт ва портретњои адабї) / Р.Њошим -Душанбе: Ирфон, 1971.-223 с.
Њошим Р. Сухан аз устодон ва дўстон / Р.Њошим -Душанбе: Ирфон,1983.-264 с.
Юсуфов К. Абдусалом Дењотї / К.Юсуфов - Душанбе: Дониш, 1971.-26 с.
Юсуфов К. Марди нексират ва адиби нуктасанљ / К.Юсуфов - Душанбе: Маориф, 1987.- 80 с.

The Issue of National Identity of Tajiks in the Poetry of the Time of Independence
МАСЪАЛАИ ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН ДАР ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Abdulhakim SHUKURZODA
Dr., Tajik National University, Tajikistan
h.shakuri@mail.ru, h.shakuri91@gmail.com

Abstract
In the article, the author tried to discuss the national identity in the poetry of the poets of the time of independence. In general, classical and modern poets of Tajiks have widely hinted and written poetry on this topic. As an example, we can mention Ferdavsi's "Shahnoma", where national identity is one of the central themes of this great book. The poets of the era of independence, influenced by the light of the past, were able to reflect this topic in their poems, which is the main topic of this article. For example, poets like Mumin Qanoat by writing the "Tajikistan is my name" and Bozor Sobir by writing the poem "Tajik language", awakened the feeling of patriotism in the hearts of the addressees. Also, poets like Loiq, Gulnazar, Gulrukhsor, Muhammad Goib, Ozarakhsh, Farzona and others like them used the theme of national identity and patriotism very well in their poems.

Keywords: Homeland, Independence, National identity, Patriotism, Poet, Poetry, Tajik language.

Хулоса
Дар мақола муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳувияти миллиро дар шеъри шоирони замони Истиқлол мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар маҷмуъ, шоирони классикӣ ва муосири тоҷикон дар ин мавзу ба таври васеъ ишораҳо кардаанд, шеър сурудаанд. Ба унвони намуна метавон аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ёдовар шуд, ки ҳувияти миллӣ яке аз мавзуъҳои меҳварии асар маҳсуб меёбад. Шоирони даврони Истиқлол бо таъсир аз шуарои гузашта тавонистаанд мавзуи мазкурро дар сурудаҳояшон инъикос кунанд, ки ҳамин масъала мавзуи асосии ин мақола мебошад. Масалан, шоироне монанди Муъмин Қаноат бо таълифи достони “Тоҷикистон исми ман” ва Бозор Собир бо сурудани шеъри “Забони тоҷикӣ” дар замири мухотабон ҳисси ватандӯстиро бедор намудаанд. Ҳамчунин, шоироне чун Лоиқ, Гулназар, Гулрухсор, Муҳаммад Ғоиб, Озарахш, Фарзона ва монанди инҳо мавзуи ҳувияти миллӣ ва ватандустиро дар ашъорашон хело хуб истифода кардаанд.

Калидвожаҳо: Ватан, Истиқлолият, Шоир, Ҳувияти Миллӣ, Шеър, Ватандӯстӣ, Забони Тоҷикӣ.

Муқаддима

Ба гурӯҳи иҷтимоие, ки хусусиятҳои фарқкунанда бо дигар гурӯҳҳоро доранд ва ба вежагиҳои ҳаммонандашон худро ба як гурӯҳи муаяни иҷтимоӣ мутааллиқ медонанд, миллат гуфта мешавад. Миллатҳо аз ҷиҳати таърихи пайдоиш ё сиёсӣ ва ё таърихӣ (табиӣ) мешаванд. Миллати Тоҷик, аз зумраи миллатҳое мебошад, ки таърихи бой дорад ва аз назари нажодӣ орёӣ мебошанд. Таърихи гузаштаи миллати тоҷик бо гузаштаи Эрон муштарак буда, як замоне тоҷик дар баробари турк ба маънои форс (ғайр аз турк ва ғайр аз араб) истифода ҳам шудааст. Ифтихороти миллӣ ва хотираи таърихии онҳо то имрӯз муштарак аст. Ин миллат дорои хотираҳои фаровони таърихӣ, тамаддунӣ, устураҳо, ифтихорот ва давлатдорӣ мебошад. Дар самти шеъру адабиёт, аз бештарин ва беҳтарин адабиёти таърихи дунё низ ҳамин адабиёти форсӣ мебошад.

Вақте дар бораи ҳувияти миллӣ баҳс мешавад, бояд зикр кунем, ки ҳувияти миллӣ тобеи баҳси миллат мебошад. Чи хеле ки гуфтем, миллат аз ҷиҳати таърихи пайдоиш ё таърихӣ (табиӣ) ва ё сиёсӣ мешавад. Бинобар ин, ҳувияти миллӣ низ ба он вобаста аст, ки миллат таърихӣ ва ё сиёсӣ бошад. Вақте ҳувияти милли тоҷиконро аз назари шеъру адабиёт баррасӣ кунем, ба ду давраи муҳим бояд ишора кунем. Адабиёти классикаи Тоҷикон, ки ин бо адабиёти Эрон муштарак аст. Тамому шоиру нависандагони мо, устураҳои таърихӣ ва адабӣ муштарак мебошанд. Аммо дар адабиёти муосир андаке тафовут вуҷуд дорад. Аз замони омадани шуравӣ ва иваз шудани хат аз форсӣ ба кирилӣ, ба вуҷуд омадании шеъри сафед, инъикоси мавзуҳои иҷтимоӣ дар шеър ва ғайра.

Муаллиф дар ин мақола аз равиши таҳқиқи таҳлилӣ ва китобхонаӣ истифода карда, инъикоси масъалаҳи гуногуни ҳувияти миллиро дар шеъри замони истиқлол ба баҳс гирифтааст. Кори муаллиф дар ин мақола, баён кардани мавзуҳои ватандӯстӣ, нигаҳдории марзу бум, парчами миллӣ, забон ва дигар масалаҳои марбут ба ҳувияти милии тоҷикон дар шеър мебошад. Ончи мо дар ин мақола баррасӣ кардаем, кори илмии ҳаммонанд, дар дастрас набуд. Бинобар ин, баррасии ин мавзӯъ муҳим ба назар расид. Муҳимияти ин мавзӯъ ба он хотир аст, ки дар шароити эҳёи давлатдорӣ, эҳёи ҳувияти миллӣ ва забони миллӣ дар сатҳи давлатдорӣ, нақши шеър ва мусиқӣ низ муҳим мебошад.

Тоҷикон як миллати таърихӣ ва табиӣ ҳастанд, ки марзи ҳувиятии онҳо васеътар аз марзи сиёсии имрӯза мебошад. Бо дар назар доштани фарҳанги ягонаи миллӣ, забони ягона, дин ва расму оин, хотираҳи муштарак, омилҳои ҷуғрофӣ ва ғайра, ба натиҷаи мавриди назар расидан мумкин аст. Тоҷикон бояд ба гузаштаи худ ифтихор дошта бошанд ва ба гузаштаи бо ифтихори худ бо ғурур нигоҳ кунанд. Ин ҳисси худкамбиние, ки баъзан мушоҳида мешавад ва ғурури миллиро аз байн мебарад, реша дар истеъмори қарни гузашта дорад. Ин таъсири баръалои сиёсати шуравӣ ва русҳо мебошад, ки то имрӯз дар миёни як қишри муаян боқӣ мондааст. Албатта бояд зикр кард, ки ифтихор ва ғурур бо миллат ва таърихи худ, ба маънои таҳқири дигарон нест. Ҳамон тавре, ки дӯст доштани худӣ, ба маънои нафрат нисбат ба дигарон намебошад.

Сарзамини тоҷикон шоирпарвар аст ва ҳануз ҳам мардум алоқаи зиёде ба шеър ва адабиёти назм доранд. Ҳанӯз дар асри Х, ки камтар халқиятҳо соҳиби забону адабиёти бунёдӣ буданд, суханварони тоҷик бо забони ноби форсӣ, ки баъди зиёда аз ҳазор сол ҳам барои ҳамагон фаҳмову дастрас аст, ба гуфтани

шеър пардохтаанд. Аз Устод Рӯдакӣ сар карда, шоироне мисли Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно, Санойӣ, Шайх Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Саййидои Насафӣ, Шамсиддин Шоҳин ва даҳҳо дигарон девони манзуми худро доштаанд. Инҳо ҳамагӣ, бо дарёфти тарзу шеваҳои тозаи эҷоди бадеӣ, майдони суханро сабз доштаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати пешгирифтаи худ дар соҳаи фарҳанг ҳамвора аз сухан ва суханварон пуштибонӣ карда, заҳмати ононро қадршиносӣ менамояд. Имрӯз мо бо ифтихор гуфта метавонем, ки таҷлил гардидани 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, 600-солагии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, 400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ ва 700-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, воқеан, баёнгари сиёсати фарҳангии ҳукумат мебошад.[1]

Дар ҳақиқат ин олимон ва адибон дар раҳнамоӣ, нишон додани хатарҳо ва таҳдидҳо, ки миллат бо он ру ба рӯ мешавад, нақши калидӣ доранд. Сиёсатмадорон дар сатҳи сиёсӣ, ҷомеашиносон дар сатҳи ҷомеашиносӣ ва шоирони бошад масъалаи ҳувияти миллиро дар сатҳи адабиёт ва шеър ифода менамоянд. Таъсири шеър ба ҳамагон маълум аст, махсусан агар он ба оҳанг ва мусиқии хубе ҳамроҳ бошад, онгоҳ таъсири он боз ҳам бештар мегардад. Шоирони мо дар даврони истиқлолият ин масъаларо беаҳамият нагузошта, дар мавриди масъалаҳои барои миллатсозӣ ва эҳёи ҳувияти миллӣ муҳим, шеърҳо навиштаанд.

Шоирон барои ояндаи миллат ва бақои кишвар, хатарҳои мавҷуда ва эҳтимолиро омӯхта, ба мухотаби хеш огоҳӣ медиҳанд. Ба қавли нависандаи маъруф Тургенев, «Даврахое ҳастанд, ки адабиёт наметавонад танҳо бадеиёт бошад, зеро манфиатҳое ҳастанд, ки аз манфиатҳои бадеӣ болотаранд. Лаҳзаи худшиносӣ ва танқид, чунонки дар ҳаёти шахсони алоҳида зарур аст, дар зиндагонии халқ низ зарурат дорад»..[2]

Шеър ва мусиқӣ бо мавзӯи Ватан, ватандӯстӣ, забон, парчам ва ғайра дар замони истиқлолият табдил ба як барномаи расмӣ шудааст. Ин низ барои раванди эҳёи ҳувияти миллӣ як масъалаи мусбат арзёбӣ мешавад. .[3]

Мероси азизи Оли Сомон дорад,,
Ин равза, ки ном Тоҷикистон дорад.
Нарм аст чу обу гили дилҳо хокаш,
Мардони тузурги сахтпаймон дорад.

Ҳаким Гӯё

Низом Қосим чунин навиштааст:

Сохибистиқлол кишвар, мо ҳама доди туем,
Зодаи озодии ту, рӯҳи озоди туем.
Ҳамдамони лаҳзаҳои шоду ношоди туем,
Дар раҳи парвози фардо боли иршоди туем.[4]

Яке аз асоситарин шеърҳо ҳамроҳ бо оҳанг, ин суруди миллии Тоҷикистон аст, ки албатта дар солҳои аввали истиқлол иншо шудааст. Суруди Миллӣ, пеш азҳама намоди Истиқлолият ва умеду ормонҳои миллӣ мебошад. Ва дар канори ҳувияти сиёсӣ, ҳамчунин ҳувияти миллии тоҷиконро инъикос мекунад. [5]

Шеъри “Ба номат қасам эй ватан” ҳамроҳ бо як оҳанги ҳаммосӣ яке аз беҳтарин шеъру оҳанге ст, ки дар аксар маросимҳои вобаста ба қуввахои интизомии кишвар бешатар садо медиҳад. Ин шеъру оҳанг дар шунавандаи тоҷики он як ҳисси ватандӯстиро бедор мекунад.

Ватан бар ҷалолу ба шонат қасам, Ба покии руди равонат қасам.
Ба куху ба дашту ба домони ту, Ба мурғи баландошёнат қасам.
Ки ҷону танамро фидоят кунам, Ҳама ҳастиямро ба поят кунам. [6]

Оҳанги дигаре, ки ба унвони намуна мешавад аз телевизиони Сафинаи Тоҷикистон мисол овард, ин “Дар дилам ҷои туст” мебошад. Аз ТВ садо додани ин оҳангро метавон ҳамчун барномаҳои расмии давлатӣ маънодор кард. Ва ё “Ватан ватан биҳишти ман” ба ин монанд намунаи дигарро овардан мумкин аст. [7]

Дигар аз масъалаҳои ҳувиятӣ, ин мавзуи сарҳад ва ҷуғрофиё мебошад, ки ин масъала низ дар шеър ва оҳангҳои мухталиф инъикос ёфтааст.

Сар шавад ҳудуди ту чу аз вуҷуди ман,
Сарзамини ифтихори беҳудуди ман.
Бо ситоиши бузургии ту эй ватан,
Пар занда дар осмонат ин суруди ман.
Сарҳади Тоҷикистон, сарҳади ору нанг,
Сарҳади Тоҷикистон, марзи номусу нанг.. [8]

Ва дар ҳамин мисол шоири хушном Гулназар низ ба ҷуғрофиё ва ё хатҳои марзи ватан дар харита ишора мекунад:

Дар харита мисоли оҳуест
Тоҷикистон миёни кишварҳо.
Ай Худо, доми душманаш баркан,

Ай Худо, тири душманаш бишкан!
Гулназар

Бо ташаббуси ҳукумат, дар Тоҷикистон соли 2006 соли “Бузургдошти тамаддуни орёӣ” эълон карда шуд, ки дар доираи ин ташаббус хеле аз барномаҳои дигар амалӣ гардид. Ингуна барномаҳо барои эҳёи ҳувияти миллӣ, махсусан дар шароити пас аз ба истиқлол расидан хеле муҳим буд. Шеъри машҳуре аз Масъуди Сипанд бо номи **«Ман ориёиям»** мебошад, ки дар Тоҷикистон низ хеле хуб пазируфта шудааст:

Аз насли офтоб, аз шаҳди моҳтоб,
Аз авҷи қуллаҳои сарафроз,
Хуршед нурро, дар чорсуи синаи ман ҷор мезанад!
Ман Ориёиям, ман ориёиям!
Хоки вуҷуди ман,
Анбуҳе аз ғубори тамомии қарнҳост,
К-аз гирдбоди ҳодисаҳо ҷон гирифтааст
Барқи нигоҳи ман оини меҳрро,
Аз чашми чашмаҳои софу сафобахш хондааст,
Шерозаи китоби дилам ишку зиндагист,
Ман душманам, баҳарчи ғуломию бандагист.
Ман Ориёиям, ман ориёиям! [9]

Албатта ин шеър ки ҳамроҳ бо оҳанг низ хеле хуб пазируфта шудааст, «шеъри ҳамосаии эрониён, тоҷикон ва ҳамаи порсизабонони олам» низ дониста мешавад. [10]

Асоситарин масъалаи замони пас аз шуравӣ, ҳамин мавзуи бадаст омадани истиқлолият ва ҳифз кардани он аст. Дигар масалаҳо дар сояи ин мавзуи асосӣ матраҳ мешавад. Бинобар ин то имрӯз мо дар мавриди таҳкими истиқлолият ва арзиши волои он дар ҳар сатҳ мақолаву шеърҳо талиф намуда, суханрониҳо мекунем. Дар мавриди Истиқлолият низ якчанд намунаи шеър зар поён оварда мешавад.

Нурест ба дидагони мо Истиқлол,
Зуре ба тану равони мо Истиқлол.
Як миллати пошхурдаро ҷамъ овард,
Пайвандгарди ҷаҳони мо Истиқлол.
Бо пайки хушаш ҳама Ватансоз шудем,
Ному насабу забони мо Истиқлол.
Соҳибватанему соҳиби қисмати хеш,
Муъҷизаи шаъну шони мо Истиқлол.
Равшан шуда аз чароғи чашмаш роҳи мо,
Моҳест дар осмони мо Истиқлол.
Эй ҳамқалами азиз, васфаш бисаро,
Зебоии достони мо Истиқлол.
Шукрона, ки дар канори ӯ масрурем,
Ободии хонадони мо Истиқлол.

…Шукри истиқлол мебояд намуд,
Шукри ин иқбол мебояд намуд.
Миллати мо гашт машҳури ҷаҳон,
Навбаҳораш дур гардид аз хазон.
Хурраму сарсабз мебошад кунун,
Ҷаҳд месозем ки бошад дар амон
Файзи Раҳмонист истиқлоли мо,
Раҳми Яздонист истиқлоли мо.
Ғанизода Муҳаммад

Месароям маснади волои истиқлол,
Медамат хуршед аз фардои истиқлол.
Зери бари минати ғайре будан талх аст,
Коми мо ширин шуд аз ҳавлои истиқлол. [11]
Сатторӣ

Худшиносии миллие, ки акнун дар бораи он зиёд гутф мешавад, агар онро ба ҳамин замони истиқлол ва пас аз даврони Шуравӣ маҳдуд кунем, албатта ин фақат маҳдудсозии худ мешавад, ки моро аз гузаштаи бо ифтихори худ ҷудо мекунад. Бояд худшиносии миллӣ барои тоҷикон таърифи муфассалтар аз ин ҷуғрофиёи кучаки мирӯзиро дошта бошад. Ҳамин аст, ки шеърҳои фарогири тамаддуни орёӣ ва форсӣ барои шоирону нависандагон муҳимтар аст.

Ҳарчанд дар доираи таърихи давлатдорӣ мо таърихи миллати худро аз Сомониён интихоб кардем ва қабл аз онро буридем, аммо ин ҳаргиз ба маънои он нест, ки мо қабл аз Сомонинён набудем. Фақат мо Сомониёнро ҳамчун аввалин давлати мустақили тоҷикӣ мешуморем ва ин давраро ҳамчун замони оғози давлатдорӣ дар минтақаи Хуросони бузург меҳисобем. Аммо бояд ҳамчунон исрор дошт, ки таърихи пеш аз Сомониён низ таърихи мост. Ба ин монанд, баъзе аз русгароён, забони худро аз танаи дарахти калони забони форсӣ бурида, онро тоҷикӣ ном карданд. Аммо ҳамчунон даъво доранд, ки ҳамзабони Рӯдакиву Фирдавсиву Мавлонов, Соибу Ҷомию Насафӣ ҳастанд. Хат ва забони мо форсӣ ҳаст, ки шоирон ва нависандагони дорои ҳувияти мо ҳамчунон бар ин мавзу исрор доранд. [12]

Дар ҳамин росто касоне мисли Лоиқ ба таври ҷиддӣ сарсупурдаи Ватану миллати худ ҳастанд, ки барои ояндаи миллати худ месузанд, ба истилоҳ онҳо ҳувиятбохта нестанд.

Дар ғами номуси миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз фурӯғи рӯзи миллат
Бемуҳобо хонаи душман бисӯзад!
Баҳри истиқлоли миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад,
Аз тулӯъи фоли миллат
Решаи манҳуси Аҳриман бисӯзад!
Дар раҳи фардои миллат
Камтарин тоҷик агар сидқан бисӯзад,
Бо сару савдои миллат
Кошкӣ, эй кошкӣ чун ман бисӯзад!
Лоиқ Шералӣ, 10.3.1996

Барои худогоҳсози миллат будан, чӣ шоир, чӣ нависанда, чӣ омӯзгор, чӣ як роҳбар бояд аз дониши жарф, аз тавоноиҳо ва дороиҳои забони модарии худ, бояд амиқан бархурдор бошад. Дар мавриди забон Асари муҳим ва бунёдии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, «Забони миллат - ҳастии миллат» ба табъ расид. Ин баёнгари мақом ва манзалати бузурги илмию фарҳангии забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва нишонаи асосии миллат будани он аст. [13]

Сиёсати мадании ҳизби коммунист, ки ҳадафи он идғоми тамоми арзишҳои фарҳангии миллатҳои кучактар дар даруни фарҳангу забони русӣ буд, сиёсати ҳоким ва дар ҳоли иҷро буд. Дар ҳамин овони ҳасрат аст, ки чанд ҷавон вориди маърака мешаванд ва масири навк барои таърих, забон ва фарҳангашон хилофи ҷараёни вайронгари мавҷуд эҷод мекунанд. Онҳо иборатанд аз устод Муъмин Қаноат, ки оғозгари ин раванд аст, устод Бозор Собир ва устод Лоиқ Шералӣ ба дунболи ӯ. Инон нахустин касонеанд, ки дар пайкари мурда ва берӯҳи шеъри тоҷик рӯҳи тоза медаманд ва барои мардуме, ки дар сарошеби сукут дар аъмоқи фарҳанги бегонаанд, умед эҷод мекунанд. Устод Муъмин Қаноат дар ҷавоби ононе, ки забони воҳиди форсиро ба ду номи дигар (тоҷикӣ ва дарӣ) ҳам ҷудо мекунанд ва дар ин номгузориҳо нияти хуб надоранд, мегӯяд:

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ эй ҷаноб,
Ҳарчи мечӯйӣ, бичӯ,
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳарчи мечӯйӣ, бичӯ.
Порсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯ.
Лафзи ишқу дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳарчи мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист
Ҳамчу меҳри модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки шири модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо. [14]

Устод Лоиқ Шералӣ низ барои касоне, ки забони худро камтар аз забони дигар медонанд ва ё авлавияти онҳо забони дигар аст, сахт мегирад ва онҳоро зери тозиёнаи танқид мегирад. То онҷо, ки мегуяд касе забони модарашро фаромуш мекунад, авлавият намедиҳад, шири модараш заҳраш бошад.

Гар яке бому даре гум кардааст,
Дигаре ному фаре гум кардааст.

Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,
Ин забони модарӣ гум кардааст.
Аз тамоми ину он гумкардагон
Зиштрӯтар нест дар рӯйи ҷаҳон
З-он ки гум карда забони модарӣ,
Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.
Бок не, гар доварӣ гум кардааст,
Ё умеди сарварӣ гум кардааст.
Заҳр бодо шири модар бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.
Он яке қадри сухангумкардае,
Дигаре боғу чамангумкардае.
Аз забони модарӣ гумкарда, лек
Мерасад рӯзе ватангумкардае… [15]
Лоиқ Шералӣ

Дар шеъри «Забони мо» шоири ҷавон Куҳзод Фатҳулло дар васфи забони модарӣ шеъри хуби дигаре навиштааст, ки забони модариро аз забони Абуҳанифа, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Рудакӣ, Мавлоно, Саъдӣ, Ҳофиз гирифта то имрӯзи Лоиқу Сармад яке медонад. Ва посдорони забони тоҷикӣ-форсиро дар минтақа Самарқанду Бухоро медонад.

Забони мо забони ширадор аст,
Мусаффотар зи оби чашмасор аст.
Забони Бӯҳанифа, Пири Тӯсӣ ,
Забони Рӯдакии мондагор аст.
Забони Бедилу Саъдию Ҳофиз,
Забони Анварии дилфигор аст.
Забони Сайидо, Мирзову Боқӣ,
Забони Ҷомии овозадор аст.
Забони Айниву Аттору Хайём,
Забони Мавлавии хоксор аст.
Забони Туғралу Лоиқу Сармад,
Забони Бӯалии номдор аст.
Забонашро касе, ки хор созад,
Агарчи зинда, аммо дар мазор аст.
Забони тоҷикӣ нобасту беғаш,
Забони андалеби навбаҳор аст.
Забони тоҷикиро то қиёмат
Самарқанду Бухоро посдор аст.
Забони мо нахоҳад рафт аз байн,
Агарчи бар сараш садҳо фишор аст.
Забони мо қадимӣ, бостонист,
Забони мо забони обшор аст.
Забони мо забони аҳли ҷаннат,
Ки ин ҳарфи расули Кирдугор аст.
Ҷаҳон то ҳаст дорам эътимоде,
Забони мо ҳамеша пойдор аст. [16]

Бозор Собир, низ барои забон шеъри хеле хубе навишта, масалаи забонро дар таърихи халқи тоҷик ба хубӣ нишон додааст. Шоир таъкид мекунад, ки тоҷикон як давраи таърихӣ идораи ҳукуматро аз даст дода бошанд ҳам, ҳаргиз забонашонро аз даст надоданд ва ҳамин забон ҳувияти тоҷиконро нигоҳ доштааст. Тоҷикҳо забони худро на дар давраи истилои араб фаромуш карданд ва на дар замони истилои муғулҳо. Аз тарафи дигар, ҷуғрофиёи забони тоҷикҳо як ҷуғрофиёи калонтар аз сарҳадҳои имрӯзаи Тоҷикистон аст, ки шоир ин масаларо низ ба хубӣ дар ин шеър баён кардааст.

Оҷ гум карду забонро гум накард,
Тоҷ гум карду забонро гум накард,
Тахт гум карду забонро гум накард,
Рахт гум карду забонро гум накард,
Бахт гум карду забонро гум накард.
Дар ҳадду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ,

Бешумор аст,
Беҳисоб аст,
Беҳад аст. [17]

Илова бар масъалаҳои мазкур ҳамчун намод ё символи давлат ва давлатдорӣ, парчами давлатӣ низ аз ҷойгоҳи муҳимме бархурдор аст. Дар мавриди парчам низ шеърҳои фаровоне суруда шудааст, к ибо овардани якду намуна иктифо карда мешавад.

Ҳафт ахтар ҳафт бурҷи роҳи нур,
Роҳкушои олами бахту сурур.
Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!
Ранги сабзаш сабз шуд аз ҷони мо,
Ранги сурхаш хуни аҷдодони мо.
Дар сафедияш раҳи бахти сафед,
Мебарад моро ба фардои умед.
Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!
Ҳакназар Ғоиб

Тоҷикистон, Парчамат тоҷи сар аст!
Парчами ту аз ҳама болотар аст!
Парчами ту Парчами адл асту дод,
К-ин дирафши Коваи оҳангар аст!
Камол Насрулло

Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,
Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепушем.
Ҳамсоли Авастоем, ҳамоташи Зардуштем,
Мо оташи Зардуштӣ, нокушта намекуштем.
Исмоили Сомонӣ, девори Бухоро буд,
Мо ҳамватани ӯем, ӯ ҳамватани мо буд.
Мо ҳам куҳи хороем, девори Бухороем,
Девори Бухороем, мо ҳам куҳи хороем.
Ҳамшаҳрии Фирдавсӣ, ҳамшаҳрии Иқболем,
Ҳамшаҳри баномусем, ҳамшаҳри баномусем... [18]
Бозор Собир

Дар охир бояд зикр кард, ки шеъри муосири тоҷик ҳарчанд дар атрофи номи якчанд нафар давр мезанад, аммо шоирони ҷавоне ҳам ҳастанд, ки шеъри он шомили ҳувияти миллӣ мешавад. Дар маҷмуъ, нисбат ба аввали замони шуравӣ ки як рукуди адабӣ ба назар мерасад, дар даҳаи 70-80 ба баъд адабиёти тоҷик ҷони тозае мегирад. Бо омадани якчанд нафар шоирони хуб ва дорои ҳувияти миллии баланд, адабиёти ин давра ранги дигар мегирад. Мавзуҳои иҷтимоӣ низ дар шеър кам кам иваз мешаванд. Агар дар гузашта фақат ситоиши андешаҳои шуравӣ бошад, ҳоло ба таври назаррас масъалаҳои забон, таърих, устураҳо, гузаштагон ва ғайра вориди адабиёт мешавад.

Чизи дигаре, ки дар давраи истиқлолият бояд мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ин ҳамроҳ кардани шеър бо мусиқӣ аст, ки албатта таъсири шеърро боз ҳам бештар мекунад ва мухотабони бештареро ҷалб мекунад. Махсусан шеър ва мусиқие, ки дорои мазмуни ватандӯстӣ, таърихӣ, худшиносӣ ва ташвиқи унсурҳои ҳувияти миллӣ бошад.

Якчанд шеъре, ки дорои мазмуни баланди ватандӯстӣ ҳастанд ва ҳамроҳ бо мусиқӣ дар шабакаҳои телевизионӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ давр мезананд, ба назар мерасад онҳо ба руҳияи ватандӯстии насли ҷавон ҳатман таъсири мусбат мерасонанд. Дар натиҷа, чунин шеърҳо ҳарчи бештар агар ташвиқ карда шаванд, албатта таъсири бештар хоҳанд дошт. Фақат дар ин замина, адабиёти мавҷуда ҳануз кам мебошад. Махсусан барои адабиёти кудакона бо ин махмунҳо бештар бояд кор кард.

Адабиёт

https://www.hgu.tj/news/media/item/295.html
https://iet.tj/tj/na-shi-ilm-va-adabiyot-dar-ta-kimi-hudshinos-va-iftihori-mill/
https://www.youtube.com/watch?v=nM8D_WJeWho
https://www.youtube.com/watch?v=6Jy8UgEZOTo
https://apa.tj/%D0%B8%D1%81%D1%82/
https://www.youtube.com/watch?v=3xC3de7FTPM

https://www.youtube.com/watch?v=EbiGc-8kcAk
https://www.youtube.com/watch?v=W816Hs1Q4G0,
https://www.youtube.com/watch?v=Yi6LDVFJDYY,
https://www.youtube.com/watch?v=6o13AZQbprg
https://donishju.net/man-oriyoiyam-tekst-pesni-sheri-purra/
https://tajsohtmon.tj/tj/navidho/8860-az-man-orieiyam-to-zieieni-hurofotzada-edkardi-shoiri-eronitabori-amriko-masudi-sipand-ki-chand-rz-muaddam-az-olam-darguzasht.html
https://donish.su/sher-dar-borai-zaboni-tochiki/
https://oiina.org/biography/%D0%98%D0%A1%
http://sns.tj/node/181
https://mts.tj/ba-iftihori-r%d3%afzi-zaboni-davlat%d3%a3-2/
https://fakhri-tjk.livejournal.com/10784.html
https://www.facebook.com/profile.php?id=100007198206973
https://donishju.net/sher-dar-borai-zabon/
https://www.youtube.com/watch?v=yzKINWl6oy4

The Skill of Describing Social Reality in Bakhtiyar Murtaza's Journalism (in the Example of the Publicistic Work of "Nurofaron")

МАЊОРАТИ ТАСВИРИ ВОЌЕИЯТИ ИЉТИМОЇ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ БАХТИЁР МУРТАЗО

Sharipov Sangimurad ISMATULLOEVICH
Dr., Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Tajikistan
sangimurod89@list.ru

Abstract
In this article, the skill of portraying social reality, as an example of the journalistic work "Nurofaron" by Bakhtiyor Murtazo, has been analyzed and discussed. According to the author's emphasis, one of the main factors differentiating journalistic works from fiction is the embodiment of reality, and its effectiveness and influence greatly depends on the creative skills and worldview of the observer. Talented writer and publicist B. Murtaza has shown interest in this matter in the mentioned journalistic work and has used various creative tools correctly and purposefully to understand the reality and portray it. The description of the event and the various activities of the heroes of the work take place and act in a certain time and place, which lays the foundation for ensuring social reality. In order to make his work interesting, the publicist made creative trips to the places of certain events and events, met with the witnesses of the event and got to know their activities closely, which also helps to ensure social reality.

Keywords: Event, Facilities, Heroes, Image, Journalism, Journalist, Rogun, Skills, Social reality, Water and electric power plant, Work, Writer.

Хулоса
Дар мақолаи мазкур маҳорати тасвири воқеияти иҷтимоӣ, дар мисоли асари публитсистиии “Нурофарон”-и Бахтиёр Муртазо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба таъкиди муаллиф яке аз омилҳои асосии фаркунандаи асарҳои публитсистӣ аз бадеӣ таҷассуми воқеият ба ҳисоб рафта, муассириву таъсирпазирии он ба маҳорати эҷодӣ ва ҷаҳонбинии нигоранда вобастагии калон дорад. Адиб ва публитсисти соҳибистеъдод Б. Муртазо дар асари публитсистии зикршуда ба ин ҷиҳати масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барои дарки воқеият ва тасвири он аз василаҳои гуногуни эҷодӣ дурусту мақсаднок истифода бурдааст. Тасвири ҳодиса ва фаъолияти гуногуни қаҳрамонҳои асар дар замону макони муайян рух додаву амал мекунанд, ки он ба таъмини воқеияти иҷтимоӣ асос мегузорад. Публитсист ҷиҳати ҷолибсозии асари худ борҳо ба макони ҳодисаву воқеаҳои муайян сафарҳои эҷодӣ намуда, бо шоҳидони рӯйдод мулоқот ва фаъолияташон аз наздик шинос гаштааст, ки ин омил низ ба таъмини воқеияти иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: Воқеияти Иҷтимоӣ, Адиб, Публитсист, Публитсистика, Асар, Маҳорат, Тасвир, Қаҳрамониҳо, Иншоот, Рӯйдод, Неругоҳи Обию Барқӣ, Роғун.

Солҳои охир омӯзишу таҳқиқи маҳорати тасвири воқеияти иҷтимоӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони бахшҳои эҷод, аз ҷумла адабиёту публитсистикаро ба худ ҷалб намуда, дар ин замина як қатор асарҳои илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дорои арзиши баланд мебошанд. Ба чунин асарҳо метавон таълифоти муҳаққиқони хориҷӣ, ба хусус М.С. Черепахов «Проблемы теории публицистики» (1979), М.И. Стюфляева “Образные ресурсы публицистики” (1982), Н. Шудря «Эстетические особенности публицистического творчества» (1985) ва олимони ватанӣ М. Шукуров “Паньлуньои тадќиќи бадеї (1976), Х. Шарифов «Марзи адабиёт» (1990), А. Нуралиев., А. Саъдуллоев., И. Усмонов., У. Гулмуродов «Журналистикаи советии тољик» (1989), Ю. Акбаров «Љустуљўњои эљодї ва ахлоќї» (1990), Р. Мусулмониён «Назарияи адабиёт» (1990), А. Саъдуллоев., П. Гулмуродзода «Њамосаи инсони кор» (1995), И. Усмонов «Назарияи публитсистика» (1999), “Одоби сухан” (2005), А. Саъдуллоев «Хосияти адабиёт» (2000), “Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции (2010), Б. Камолиддинов “Сухан аз бањри дигарон гўянд” (2001), Ш. Раньмонов «Тањќиќ ва наќд» (2005), Т. Зењнї «Санъати сухан» (нашри чорум, 2007), М. Муродов “Аз замон то замон” (2010), «Асосњои эљоди журналистї» (2014), “Њаљви публитсистї” (2015), Љ. Раньмонова “Воќеият ва публитсистикаи Мутеулло Наљмиддинов” (2010), С. Гулов «Махсусияти очерки муосири тољик» (2012), Б. Ќутбиддин «Воќеияти тасвир» (2014), “Домани наср” (2011), “Роњ ба сўи эљод” (2015), Н. Кўчарова «Публитсистикаи Абдулњамид Самад» (2016)-ро дохил кард. Дар рисолаву китобҳои мазкур дар баробари дигар хусусиятҳои эҷод, таъсирпазирӣ ба афкори омма, ҳамчунин ба тасвири маҳорати иҷтимоӣ андешаҳои мушаххаси илмӣ баён гаштаанд.

Истифодаи воқеияти иҷтимоӣ дар асарҳои публитсистиву бадеӣ ба маҳорату ҷаҳонбинии адиб ва публитсист вобаста аст. Маълум аст, ки ҳақиқати воқеӣ аз ҳақиқати бадеӣ тафовут дорад, аммо миёни онҳо иртиботи амиқе вуҷуд дорад. Чунончӣ муҳаққиқ Р. Мусулмониён қайд мекунад: «Њаќиќати воќеї – он њодисаю њолат, ашёву махлуќот ва амсоли иннњост, ки воќеан њам мављуд будаанд, ё мављуданд ва ё мављуд хоњанд буд. Њаќиќати бадеї – он мундариљаи ѓоявиест, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад» [16, с. 73]. Воқеияти иҷтимоӣ натанҳо дар асарҳои публитсистӣ, балки дар асарҳои бадеӣ низ бо мақсади кушодани паҳлуҳои ҳодисаву равандҳо истифода бурда мешаванд. Ҳамин аст, ки барои муассирии сухан ва тасвирҳои ҷаззоб адибону публитсистон ба воқеияти иҷтимоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд.

Адиб ва публитсисти соҳибистеъдод Бахтиёр Муртазо дар тамоми асарҳои худ, аз ҷумла “Боѓбони гули кўњї” (1974), «Ќасидаи бародарї» (1975), «Чинор дар Солони» (1981), “Лимуи тољик” (1983), «Љўи Навдиз» (1984), «Эњёи Бешканд» (1986), “Чашмаи офтоб” (1987), «Донишомўзи љањонафрўз» (1998), «Фурўѓи зиндагї» (2004), «Ман чароѓ афрўхтам» (2005), «Нуру нори Вахшрўд» (2006) «Наќби Истиќлол» (2007, 2015), «Нўњ чинори Балљувону Бањманрўд» (2010) «Љавпазак» (2010), “Нурофарин” (2022) воқеияти иҷтимоиро мақсаднок истифода намудааст.

Дар насри мустанад усулњои инъикоси воќеияти олам, раванди њаёти ијтимої, рўйдоду падидањо мухталиф буда, шинохт ва дарки он аз љониби эљодкорон як хел сурат намегирад. Аз тањќиќотњои олимон бармеояд, ки публитсистика, хоса очерк як навъи инъикоси ијтимоист, ки ба он ду љанба: тасвир ва баён дохил мешавад. Муносибати субъект ба объект аз чигунагии тасвир ва баён вобаста буда, ба ќобилияту

љањонфањмии очеркнавис иртибот дорад. Дар ин маврид публитсистон бештар аз имкониятњои жанри очерк истифода бурдаанд. М. Шоев дар такя ба андешањои муњаќќиќон баъзе аз ин махсусиятњои жанри очеркро муайян карда, њамзамон ќайд мекунад: «Очерк жанри насри воќеъгароёна ё њуљљатї буда, зиндагиро дар пањнои муњташам ба тасвир гирифта, рољеъ ба масъалањои умда ва њалталаби замон андеша меронад ва онро тарзе пешкаш менамояд, ки зимни баёнаш чеҳраи ќањрамон низ пеши назар падид меояд» [18, с. 4].

Мундариҷаи асари публитсистии “Нурофарин”-ро “Вопасин умеди растагорӣ”, “Рисолати беназири таърихӣ”, “Оғози барномаи давлатсозӣ”, “Садди сойи Оби Шӯр”, “Оташи қалби инсон”, “Роҳи “Нурафшон”, “Оғози сохтмонро дӯст дорам”, “Бригадаи аввалини наќбканон”, “Пирӯзии муҳандиси тоҷик”, “Зиёрати оромгоҳи Носири Хусрави Қубодиёнӣ”, “Аллома Бобоҷон Ғафуров ва сарнавишти шогирди ӯ”, “Восифи сарзамини барӯманд ва одамони сарбаланд”, “Ҷавҳари ашъори устод Лоиқ”, “Оҳан механдад”, “Бағали дарё”, “Хориҷиён аз тоҷик меомӯзанад”, “Пайрав”, “Ҳикмати нодир” ва “Шогирди бародар” ташкил медиҳад. Дар ин силсилаочеркҳо адиб ва публитсист Б. Муртазо аз воқеияти иҷтимоӣ ба таври муассир истифода кардааст, ки ин аз маҳорати баланди нигорандагӣ ва донистани қавоиди эҷод дарак медиҳад. Ба ақидаи А. Саъдуллоев, «Воќеият мактаби бузурги маърифати њастї, таѓйир ва ангезаи шуур аст. Дар љараёни маърифати воќеият њусни тафоњуми инсон бо олами аз ў берун ба амал меояд» [17, с. 5] ва ин омил дар шинохти њаќиќати воќеї ва бадеї табодули афкорро ба вуљуд меорад. Барои дарки ин љанбаи масъала ба баъзе очеркњои адиб таваљљуњ намудан зарур аст.

Публитсисти воқеънигор дар қиссаи ҳуҷҷатии “Вопасин умеди растагорӣ” дар баробари сабабу омилҳои бавуҷуд омадани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, заҳмату талошҳои журналисти соҳибистеъдоди тоҷик, вакили мардумӣ, сармуҳаррири рӯзномаи “Садои мардум” Муродуллоҳ Шерализодаро ба қалам додааст, ки моҳияти онро пеш аз ҳама воқеияти замони муаяйни таърихӣ ташкил медиҳад. Ҳангоме, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Истиқлоли давлатии худро эълон намуд, бо дахолати душманони дохиливу хориҷӣ дар кишварамон ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба вуқуъ омад, ки он ҷони ҳазорон нафар шаҳрвандони бегуноҳро аз байн бурд. Сокинони кишварамон, бахусус ҷавонони камогоҳ ба сангарҳо ҷудо шуда, ба муқобили ҳамдигар бадгӯиҳо намуда, ҳатто захмиву ба қатл мерасониданд. Аксарияти сиёсатмадорону таърихнигорон ва эҷодкорон кушта шудани Муродуллоҳ Шерализодаро оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон медонанд. Чунончӣ дар ин қиссаи ҳуҷҷатӣ зикр мешавад: “... муассис ва сармуҳаррири нахустини “Садои мардум”, фарзанди покҷавҳар ва садоқатманди халқу Ватан Муродуллоҳ Шерализода ҳангоми анҷоми вазифаи хидматии худ дар ҳавлии Шӯрои Олӣ ҷонашро фидо кард. Ин воқеи мудҳиш панҷуми майи соли ҳазору нуҳсаду ду ба вуқуъ омада буд. Ҳамин санаро оғози ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистони азиз ҳисобидаанд” [5, с. 6]. Дар қиссаи мазкур публитсист дар баробари чандин ҳодисаву зуҳуроти манфии замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин раванди музокироти сулҳу ваҳдати сартосарӣ, талошҳои хастагинопазири фарзандони сарсупурдаи миллати тоҷик, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо далелҳои муътамад баён намудааст. “Бо ҳидоятҳои хирадмандона ва дурандешии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сардори давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи ниҳоят душвори ваҳдату ҳамдилӣ, баородарию ҳамбастагӣ қадам ба қадам паймуда шуд. Хусусан аз тарафи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ 26 ноябри соли 1992 Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон гардид, ки ин воқеаи хеле хурсандибахши ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишвар мебошад” [5, с. 16]. Қиссаи ҳуҷҷатии “Вопасин умеди растагорӣ” фарогири рӯйдодҳои муҳимми миллати тоҷик буда, дар тасвири онҳо публитсисти воқеънигор Б. Муртазо маҳорати баланди эҷодӣ нишон додааст.

Дар очерки “Рисолати беназири таърихӣ” корнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи барқарор намудани сулҳу субботи сартосарӣ, баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва вусъати корҳои созандагиву бунёдкорӣ бо маҳорати баланди эҷодӣ таҷассум ёфтааст. Публитсист асосан дар ин қиссаи ҳуҷҷатӣ хонандаро бо аҳаммияти бунёди наќби Анзоб, ки аз муҳимтарин иншооти замони соҳибистиқлолӣ мебошад, шинос мекунад.

Б. Муртазо барои таъсирнокии сухан ва кушодани моҳияти масъала дар баробари омӯзишу мушоҳида аз асноди воқеӣ дуруст ва бамаврид истифода намудааст, ки ин восита аз омилҳои ҷолибсозии мавод мебошанд. Тавре публитсист дар ин очерк қайд мекунад: “Саркори давлат бо ғаюрӣ ва ҷасорати хоси худашон сохтмони наќби Анзобро ҳамагӣ ду сол баъди ба имзо расидани санади сулҳи тоҷикон шурӯъ карданд. Дар он айём ҳанӯз иқтисоди ҷумҳурӣ ҳоли заъфе дошт. Васоити техникии аз замони Шӯравӣ мерос монда, чандон муқтадир набуд, наќбканон маошашонро мунтазам намегирифтанд. Вале онҳо ҳам аз самти шимол, ҳам аз самти ҷануби наќб Президенти ҷавони ҷасури мамлакатро дар паҳлуяшон дида, бо ҷӯшу ғайрати бесобиқа заҳмати зиёд мекашиданд, то Ватани азизамон обод бошад. Наќбканон бо дидани Сардори давлат ба ояндаи нек дилпур буданд” [5, с. 18]. Дараљаи тасвири воќеияти иљтимої аз сатњи маърифат, завќу салиќа, усул ва тахаюли публитсист вобастагии зиёд дорад, ки ба ин љињат Б. Муртазо эътибори хоса зоњир кардааст.

Дар очерки “Оғози барномаи давлатдорӣ” публитсист Б. Муртазо хонандаро бо нақшаву барномаҳои созандаву бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бавижа Саркори давлат, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон, ки асоси онро таъмини сулҳу ваҳдат, барқарор намудани харобаҳои ҷанг, ҳарчи тезтар баргардонидани гӯрезаҳо аз хориҷи кишвар ва дар ин ҷода беҳтар кардани сатҳи некуаҳволии зиндагии мардум мебошад, шинос менамояд, ки он заминаи воқеияти иҷтимоӣ ифода ёфтааст.

Як бахши дигари маҷмуаи “Нурофарин”-ро кушишу заҳмати шахсони касбу кори гуногун, аз ҷумла Директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Неругоҳи барқи обии Роғун” Сафарзода Хайрулло Амиралӣ, роҳбари кулли сохтмони неругоҳ Савченков Николай Григоревич, бетонрез Намоз Куганов, директори техникии ҷамъият Маҳмадсаид Шамсуллоҳзода, сармуҳандиси лоиҳаи Неругоҳи Роғун Валентин Дмитрович Новоженин, сармуҳандиси лоиҳаи кории Неругоҳи Роғун Руслан Шокиров, саргеолог Александр Василевич Коров, директори Маркази тадқиқи гидродинамикии Русия, академия Анатолий Игоревич Савич, сардори раёсати лоиҳавӣ Рустам Ҳусайнов, директори техникии ҶСНК “РоғунГЭССстрой” Мурод Саъдуллоев, сардори сарраёсати геологияи ҷумҳурӣ Азим Иброҳим, муовини Директори пажуҳишгоҳи зилзиласанҷӣ Пӯлод Ясунов, корманди гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ Илҳом Асоев, муҳандис Валерий Ростиславович Мигуренко, роҳбари “Спетсгидроэнергомантаж” Лаврентий Иннокентевич Ким, директори “Тоҷикспестгидроэлектромантаж” Қурбонов Рустам Усмонович, мутахассиси ширкати “Нурафшон” Амрулло Халилов ва чанде дигарон мебошанд, ки дар очеркҳои “Садди сойи Оби Шӯр”, “Оташи қалби инсон”, “Роҳи “Нурафшон”, “Оғози сохтмонро дӯст дорам”, “Бригадаи аввалини нақбканон” ва “Пирӯзии муҳандиси тоҷик” бо ҳақиқатнигорӣ тачассум ёфтааст. Публитсист Б. Муртазо дар тасвири фаъолияти қаҳрамонҳо, пеш аз ҳама, воқеияти иҷтимоиро ба эътибор гирифтааст. Образҳои мазкур воқеӣ буда, дар макону замони муайян фаъолият намудаанд. “Образи публитсистию бадеї, – менависад профессор Муродӣ М., – аз образи сирф бадеї аз чанд љињат фарќ мекунад. Аввалан, образи публитсистї дар муќоиса ба образи бадеї тамоман бофтаи хаёлии нигоранда набуда, он дар доираи ваќт ва фазои муайян сохта мешавад. Баъдан, дар образи публитсистї мавќеи муаллиф фањмо ва муайян аст” [6, с. 191-192]. Чунин равиши тасвиргарӣ дар баробари таъмини воқеият, хонандаро бо санаду далелҳои муҳим шинос намуда, ӯро чун шахси фаъол ба таҳрик меорад.

Дар очеркҳои дигари маҷмуаи мазкур, аз ҷумла “Зиёрати оромгоҳи Носири Хусрави Қубодиёнӣ”, “Аллома Бобоҷон Ғафуров ва сарнавишти шогирди ӯ”, “Восифи сарзамини барӯманд ва одамони сарбаланд” ва “Ҷавҳари ашъори устод Лоиқ” хонанда бо чеҳраҳои маъруфи илму адаб ва эҷоди кишварамон шинос мешавад. Очеркҳои мазкур фарогири саҳнаҳои ҷолибу муассир буда, хонандаро бо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ шинос мекунанд, ки онҳо аз ҷониби адиб ва публитсисти воқеънигор Б. Муртазо бо маҳорати баланд эҷод гаштаанд. Ба таъбири муҳаққиқ А. Саъдуллоев “Фаъолмандии иҷтимоии нависанда ба қаробати наздики ӯ бо ҳаёт, широкат дар ҳаллу фасли муаммоҳои рӯзгор, амиқ дарк карда тавонистани моҳияти рӯҳдодҳои тезгузар ва натиҷа гирифта тавонистан аз печидагиҳои иҷтимоию сиёсӣ вобаста аст” [17, с. 41].

Ҳамчунин очеркҳои “Оҳан механдад”, “Бағали дарё”, “Хориҷиён аз тоҷик меомӯзанад”, “Пайрав”, “Ҳикмати нодир” ва “Шогирди бародар” низ дар пояи воқеияти иҷтимоӣ эҷод гардидаанд. Таҳлилу баррасии воқеияти иҷтимоӣ ва маҳорати тасвири он дар очеркҳои маҷмуаи “Нурофарин”-и Б. Муртазо моро ба хулосае овард, ки публитсист ба масъалаи мазкур бо диду ҷаҳонбинии фаррох тавонистааст, ки аз унсурҳои ҷолибсозии мавод мақсаднок истифода барад.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲО

Бахтиёр, М. Ман чароѓ афрӯхтам / М. Бахтиёр. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 160 с.
Бахтиёр, М. Наќби Истиќлол / М. Бахтиёр. – Душанбе: Адиб, 2007. – 294 с.
Бахтиёр, М. Љавпазак (Њикояњо, ќиссањо ва очеркњо) / М. Бахтиёр. – Душанбе: Адиб, 2010. – 256 с.
Бахтиёр, М. Наќби Истиќлол (Романи мустанад) / М. Бахтиёр. –Душанбе: Бухоро, 2015. – 320 с.
Бахтиёр, М. Нурофарин (Маҷмуаи асарҳои публитсистӣ) / М. Бахтиёр. –Душанбе: Бухоро, 2022. – 258 с.
Муродов, М. Асосњои эљоди журналистї / М. Муродов. – Душанбе, 2014.
Муртазоев, Б. Ќасидаи бародарї (Очеркњо) / Б. Муртазоев. –Душанбе: Ирфон, 1975. – 112 с.
Муртазоев, Б. Љонбохтаи роњатї (Ќиссаи њуљљатї) / Б. Муртазоев. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 79 с.
Муртазоев, Б. Чинор дар Солони (Очеркњо ва повест) / Б. Муртазоев. – Душанбе: Маориф, 1981. – 72 с.
Муртазоев, Б. Лимуи тољик / Б. Муртазоев. – Душанбе: Ирфон,1983. – 32 с.
Муртазоев, Б. Љўи Навдиз / Б. Муртазоев. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 243 с.
Муртазоев, Б. Эњёи Бешканд (Очеркњо) / Б. Муртазоев. – Душанбе: Маориф, 1986. – 96 с.
Муртазоев, Б. Чашмаи офтоб (Повест – репортажи мустанад аз сохтмони Бешканд) / Б. Муртазоев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 208 с.
Муртазоев, Б. Донишомўзи љањонафрўз / Б. Муртазоев. –Душанбе: Шарќи озод, 1998. – 72 с.
Муртазоев, Б. Нуру нори Вахшрўд / Б. Муртазоев., В. Фролов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 232 с.
Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990.
Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ) / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. С. 5.

Шоев, М.Э. Хусусиятњои жанрию мавзўии очеркњои Фазлиддин Муњаммадиев: Рис.ном.илм.филол / М.Э. Шоев. – Душанбе, 2003.

Reflection of Social Issues in Modern Tajik Prose

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК

Alisher Aslonkhanovich MURADOV
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Tajikistan

Abstract
In Tajik literary prose of the second half of the 20th century, one of the most popular genres of mansur are considered to be large genres - short stories and tales. During this period, along with the older generation of Tajik writers such as Sotim Ulugzoda, Fateh Niazi, Jalal Ikromi and Rahim Jalil, a younger generation entered the field of literature, which, building on the works of their predecessors, made a number of innovations and improvements.
This group of young writers includes Pulod Tolis, Fazliddin Mohammadiev, Sorbon, Sattor Tursun, Abdumalik Bahari, Bolta Ortikov and a number of others, each of whom makes a certain contribution to the development and evolution of modern Tajik prose.
In this article, the author briefly commented on the state of fiction in the 60-80s and the basis for its development.

Keywords: Children's literature, Creative skill, Fiction, Genre, Hero of a work of fiction, Ideological content, Memoirs, Psychological image, Story.

Хулоса
Дар насри бадеии тоҷики нимаи дуюми асри XX жанрҳои калонҳаҷм – повесту роман аз маъмултарин жанрҳои мансур ба ҳисоб мераванд. Дар ин давра дар канори насли калонсоли нависандагони тоҷик, амсоли Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил насли ҷавонтаре ба майдони адабиёт ворид шуданд, ки бо такя ба осори пешгузаштагони худ ба як зумра навоварию тозакориҳое низ даст заданд. Ба гурӯҳи ин нависандагони ҷавон Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, Сорбон, Саттор Турсун, Абдумалик Баҳорӣ, Болта Ортиқов ва чанд нафари дигар дохил мешаванд, ки ҳар як дар рушду таҳаввули насри муосири тоҷик саҳми муайяне доранд.
Дар ин мақола муаллиф мухтасар дар бораи вазъи насри бадеӣ дар солҳои 60-80 ва заминаҳои рушду таҳаввули он ибрози назар намудааст.

Калидвожаҳо: Жанр, Қисса, Мундариҷаи Ғоявӣ, Тасвири Психологӣ, Насри Бадеӣ, Ёддошт, Маҳорати Эҷодӣ, Қаҳрамони Асари Бадеӣ, Адабиёти Бачагона.

Солҳои шастум ва ҳаштодуми садаи бист ду жанри калонҳаҷми насри бадеии тоҷик - қисса ва роман ба марҳалаи нави таҳаввул ва такомули ҷиддӣ ворид шуданд. Ҳарчанд ки аз оғози ташаккули адабиёти шӯравии тоҷик ба василаи осори устод С. Айнӣ ва шогирдони мактаби адабии ӯ: Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, Ҳ. Карим ва дигарон аз қабили «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Мактаби куҳна», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо», «Ду ҳафта», «Тирмор», «Шодӣ», «Одамони ҷовид», «Оқшуда» ва амсоли онҳо бунёди қисса ва романи нави тоҷикӣ гузошта шуда буд, вале дар солҳои бистум-сиюм ва ҳатто то нимаи дуюми солҳои панҷоҳум жанри роиҷ дар адабиёти шӯравии тоҷик ҳикоя буд.

Дар адабиёти солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба туфайли фаъолияти насрнависони соҳибистеъдоде, аз қабили П. Толис, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, Ф. Муҳаммадиев ва насли баъди онҳо ба майдони адабиёт воридгардида: А. Самад, С. Турсун, Сорбон ва амсоли онҳо роман ва қиссанависӣ ва анвои онҳо ривоҷи тамом ёфт. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои адабии ин нависандагон равиши нав дар тасвир ва тадқиқи бадеии олами ботинии қаҳрамон ба вуҷуд омад. Чунонки профессор Х. Асозода низ тасдиқ мекунад, «аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳ дар насри муосир масъалаи шахсият ва рӯҳи инсон пайваста бо инъикоси олами ботинии он мавқеъ пайдо мекунад. Ин падидаи адабӣ ба дигаргуниҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ дар ҷомеа вобастагӣ дошт, ки дар натиҷа ҳусни таваҷҷуҳи адибон ба инсон, зиндагии ӯ, беҳбудии рӯзгори вай ва мақомаш дар ҷомеа бештар гардид. Чунин шуд, ки дар ин имкониятҳо фароҳам омад ва инсон бо фаъолияти рӯзмарраи худ дар ҷамъият ҷои асосиро ишғол намуд» [4, 151].

Яке аз нахустин падидаҳои сар фурӯ бурдан ба олами ботинии инсон дар романи Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам» ба вуқуъ омад, ки соли 1957 ба табъ расидааст. Ҳарчанд ки ин асар аз ҷиҳати ҳаҷм ва воқеаву рӯйдодҳо чандон калон нест ва аз ин сабаб дар нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ онро бештар қисса ҳисоб кардаанд, вале он дар насри бадеии солҳои шастум падидаи нав ба ҳисоб мерафт, зеро дар он Ҷ. Икромӣ «қаҳрамонеро ба адабиёт дохил кард, ки андешапарвар ва тааммуқписанд аст, ба ҳамаҷониба андеша рондан ва худтаҳлилӣ қобилият дорад, нигоҳи худро ба дили худ, ба ҳиссиёту ҳаяҷон ва рафтору гуфтори худ нигаронида метавонад, қобил аст, ки охируламр аз фикру ҳис ва кирдори худ хулосаи дуруст барорад [11, 273].

Бо сабаби он ки романи «Ман гунаҳгорам» падидаи нав, натиҷаи ҷустуҷӯҳои нави адабӣ буд, дар ҷомеаи адабии он солҳо эътирозҳо ба вуҷуд омад. Муҳаббати марди оиладор – Анвар Салимов ба зани ҷавон – Зайнаб чун тарғиби бадахлоқӣ дониста шуд. Ин иқдоми Ҷ.Икромӣ дар он солҳо,ки дар адабиёти қаламрави шӯравӣ тасвири зоҳири воқеаҳо, рӯякӣ ва яктарафа тасвир гардидани инсон ҳанӯз маъмул буд, чун ҳодисаи номуқаррарӣ ва иқдоми зидди одати роиҷи ҷомеа шуморида мешуд. Вале муҳокимаи ин асар дар рӯзҳои Даҳаи адабиёту санъати тоҷик дар Маскав ва натиҷаҳои он нависандаашро аз хавфи маҳкумшавӣ ва мазамматҳо наҷот дод. Мунаққидон ва нависандагони маъруфи шӯравӣ В. Тевекелян, А. Макаров ва М. Авезов асари Ҷ. Икромиро падидаи тоза дар ҷустуҷӯи тасвири психологии инсон донистанд. Аз ҷумла, нависандаи маъруфи қазоқ М. Авезов мулоҳизоти хешро дар бораи ин асар чунин изҳор карда буд: «Ба ман аз ин китоб чанд лаҳзаи барҷаста маъқул шуд: характери ботинии қаҳрамонон бо кушодани психологияи онҳо, ки муаллиф баъзе шахсҳоро бо як ранг – ранги сиёҳ ё сафед тасвир намекунад, балки табиати инсон бо ҳама тобишҳои характери ӯ падид оварда шудааст» [3, 21].

Ҳамин тавр, таҳқиқи бадеии инсон, ки дар насри тоҷикии солҳои сиюму чилум, алалхусус дар «Марги судхӯр»- и устод Айнӣ қувват гирифта буд, дар романи Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам» чун равиши эҷодӣ зуҳур кард.

Равиши таҳлили иҷтимоиву психологӣ, ки аз романи «Ман гунаҳгорам» оғоз ёфт, аз солҳои шастум ба баъд дар қиссаву романҳои Ф. Муҳаммадиев «Одамони куҳна», «Дар он дунё», «Палатаи кунҷакӣ», «Пайванд»-и С. Турсун, «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз»-и У. Кӯҳзод, «Актёр»-и Сорбон, «Тору пуд»-и Б. Фирӯз ва дигарон бо тарзҳои хос идома ва инкишоф ёфт.

Ҳамин тавр, тадқиқи бадеии воқеияти иҷтимоӣ таҳаввул намуда, дар насри бадеӣ паҳлуҳои гуногуни ҳастии инсон пурратар ҷилвагар мешуд. «Психологияи иҷтимоӣ, ки аввалҳо мақсади асосии тадқиқи бадеӣ буд, рафта-рафта фақат чун як соҳаи муҳимми характери фардии гуногунҷиҳат тадқиқ гардид ва тадқиқи паҳлуҳои гуногуни ҳаётии инсонро фаро гирифт» [11, 309]. Чунин дигаргуниҳо дар тасвири бадеии инсон қабл аз ҳама дар жанри қисса ифода меёфт ва ин жанри насри бадеӣ аз охири солҳои панҷоҳум то солҳои ҳафтодуми садаи бист жанри асосӣ дар фарогирии ахлоқи иҷтимоии давр ҳисоб меёфт.

Ривоҷи васеи қиссанигорӣ ва таҳқиқи бадеии воқеияти иҷтимоиву психологӣ ва тасвири масъалаҳои ахлоқӣ дар он натанҳо боиси таҳаввули назарраси насри бадеии тоҷик гардид, балки дар насри бачагона низ таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд овард. Зеро ин жанр бо адабиёти бачагона иртиботи ҷиддӣ дошта, дар инкишофи он нақши муҳим дорад ва табиати адабиёти бачагона дар як вақт инкишоф ёфтани чаҳор навъи қисса: воқеӣ, романтикӣ, фантастикӣ ва афсонавиро тақозо менамояд [1, 295].

Дар жанри қиссаи насри тоҷикии солҳои шастум қаҳрамони нав-намояндаи насли ҷавон ба адабиёт дохил шуд. Нахустин намунаи чунин қисса дар насри бадеии тоҷик «Тобистон»-и П. Толис буд. Бо вуҷуди он ки дар «Тобистон»-и П. Толис таъсири равиши тасвири иҷтимоӣ-психологии «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромӣ эҳсос мегардад, вале миёни ин ду асар тафовути ҷиддӣ низ ҳаст. «Дар «Ман гунаҳгорам» нигоҳи бодиққати қаҳрамон боиси қувват гирифтани ҷанбаи таҳлилӣ ва вусъат ёфтани вазифаҳои монологи ботинӣ шуда бошад, «Тобистон» дар насри тоҷикӣ қадами ҷиддие дар амиқрафти тасвири предметии конкрет ва психологизми жест, психологизми зоҳири ҳаракатҳо буд» [11, 310].

«Аз ҷиҳати дигар, дар «Тобистон»-и П. Толис чун дар «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромӣ ҳиссиёти пуршӯри қаҳрамонон ва драматизми тезутунди ҳодисаву воқеаҳо ба назар намерасад. Ба таъбири Ф. Муҳаммадиев, дар «Тобистон» дар назари аввал ҳеҷ воқеаи фавқулодае рӯй намедиҳад» [7, 10]. Вале драматизм ва эҳсосоти пуршӯр дар рӯйдодҳои ботинӣ ва рӯҳии қаҳрамон падид омада, боиси дигаргунӣ ва таҳаввул дар рӯҳия ва амалиёти ӯ мегардад. Чунончи дар рафти ҷараёни воқеоти қиссаи П. Толис ва бар асари муносибат бо Абдулатиф, Шокир –тароша, Қосимҷон дар шуури қаҳрамони асосӣ - Ҳасан чунон тағйироти маънавӣ ва камолоти ахлоқӣ падид меояд, ки ба қавли мунаққид Ҷ. Бақозода, барои ӯ одами «худӣ» бегона мегардаду «бегона»-гон ба одамони «худӣ» табдил меёбанд [5, 100].

Бо таъсири равиши тасвири иҷтимоӣ-психологии Ҷ. Икромӣ ва П. Толис дар солҳои шастум ва ҳафтодуми садаи бист қисса ба жанри дӯстдоштаи нависандагони ҷавон табдил ёфта, дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии он замон таъбири «повести ҷавонон» ба вуҷуд омад, ки маънои асарҳои дар шакли қисса офаридашудаи нависандагони ҷавонро дар назар дошт. Ин падида исбот кард, ки қисса жанри асосӣ ва муносиби адабиёти бачагона маҳсуб мегардад. Қисса «натиҷаи таҳқиқ ва баназаргирии шавқу завқи хонанда аст. Китобхонии кӯдаконро мушоҳида карда, мураббиён ба хулосае омаданд, ки агар хурдсолон асосан ба хондани афсонаҳо шавқу завқ дошта бошанд, бачагони синни миёна ва калони мактабӣ беш аз ҳама хондани қиссаро дӯст медоранд. Маҳз дар қисса, дар жанри миёнаҳаҷми ривоятӣ, ки бо тарзи тасвири худ аз роман, ҳикоя, очерк ва дигар жанрҳои наср тафовут дорад, инъикоси ҳаёт бо такя ба офариниши мукаммали характер, тасвири ҷузъиёти ҳаёти бачагон, гузориши масъалаҳои характери бачагон имкон дорад» [8,14].

Бояд гуфт, ки аз «Тобистон»-и П. Толис сар карда, «повести ҷавонон»-и солҳои шастум, аз қабили «Баъде, ки осиё боз монд»-и Ю, Акобиров, «Дар он дунё» ва «Одамони куҳна» -и Ф. Муҳаммадиев, «Авроқи рангин»-и Ҷ. Одинаев ва дигарон характери шарҳиҳолӣ дошта, воқеаҳо аз забони шахси якум нақл карда мешаванд. Ин тарзи тасвир ба нависандагони ҷавон имкон дод, ки ба зиндагии қаҳрамон аз назари худи вай нигоҳ кунанд, ҳаётфаҳмӣ ва фикру ҳиссиёти ӯро пурратар тасвир намоянд.

Ба андешаи мо, дар бораи арзиш ва аҳамияти қиссаи «Тобистон»-и П. Толис дар насри тоҷикии солҳои шастум ва таъсири он ба равиши қиссанигории нависандагони тоҷик ба таври алоҳида таваққуф накардан мумкин нест. Дар бораи ин қисса мунаққидон ва адабиётшиносон аз нуқтаи назарҳои гуногун наздик шудаанд ва баҳо додаанд. Аз ҷумла, М. Шукуров, С.Табаров, Ҷ. Бақозода ба ин қисса чун ба падидаи муҳим дар насри тоҷик ва бавуҷудоварандаи қаҳрамони нав дар адабиёт баҳо додаанд. Ин қаҳрамон, ба қавли профессор С. Табаров, шахсиятест, ки «дар ҳақиқат, роли тарбиявӣ-иҷтимоии адабиёти бадеӣ маҳз ба воситаи инъикоси ҳаёти воқеӣ - таърихии давр ва офаридани образҳои барҷастаи одамони замони мо равшан мешавад» [9, 68].

Академик М. Шакурӣ бо қиссаи «Тобистон»-и П. Толис ба адабиёт ворид шудани чунин қаҳрамонони навро таъкид карда менависад: «Бо повести П. Толис «Тобистон» (1959) дар насри тоҷик як

қаҳрамони нав пайдо шуд. Ин қаҳрамон рӯҳияи чунин ҷавонону наврасони моро ифода менамояд, ки ба зиндагӣ, ба мардуми муҳити худ чашми диққат дӯхтаанд, рӯйдодҳои гуногуни воқеияти иҷтимоиро ба мулоҳиза гирифта ва некию бадиро санҷида-санҷида, тадриҷан идеали ҷамъиятии худро ташаккул медиҳанд, дар ҳаёт роҳи худро интихоб ва мавқеи худро таъйин мекунанд. Аз образи Ҳасан-қаҳрамони ин повести П.Толис тадқиқи бадеии шароити конкрете, ки симои маънавии қаҳрамонони ҷавони моро муайян мекунад, шурӯъ гардид» [10, 186].

Чунонки мебинем, аз дидгоҳи муҳаққиқони мазкур «Тобистон»-и П. Толис падидаи тоза умуман дар насри бадеи солҳои шастум дониста шудааст, ки дар он қаҳрамони ҷавон, намояндаи насли наврас, ба муҳити атрофи худ, ба воқеияти зиндагии замони худ ва арзишҳои маънавию ахлоқии оназ нигоҳи худбаҳодиҳӣ наздик мешавад, дар ҷараёни воқеоту рӯйдодҳо тадриҷан армони ҷамъиятӣ ва мавқеи иҷтимоии хешро муайян менамояд.

Теъдоде аз адабиётшиносону мунаққидон ба «Тобистон»-и П. Толис аз нуқтаи назари дигар наздик шуда, арзишҳои дигари онро низ қоил гардидаанд. Аз ҷумла, академик Р. Амонов ва профессор Ҷ. Бобокалонова ба қиссаи мазкур чун ба нахустин асари бачагонаи тоҷикӣ ва падидаи муҳим дар насри бачагонаи солҳои шастум баҳо додаанд. Чунончи, профессор Ҷ. Бобокалонова бар он андеша аст, ки «повести «Тобистон» на танҳо ҳамчун асари тарҷумаҳолӣ-ёддоштӣ, балки ҳамчун асаре, ки пурра хусусиятҳои адабиёти наврасонро дар бар гирифтаасту наслҳои нави бинокорони ҳаёти сотсиалистиро тарбия карда метавонад, ба онҳо роҳи дурусти зиндагӣ, меҳнат карданро меомӯзад, ба шумор меравад» [6, 116].

Дар натиҷаи таҳлили мухтасари мазмун ва муҳтавои қиссаи П.Толис академик Р.Амонов онро қиссаи бачагона дар насри бадеии тоҷик дониста, нақши онро умуман дар адабиёти бачагонаи тоҷик таъкид менамояд ва тасдиқ мекунад, ки «Тобистон» дар насри бачагонаи тоҷик принсипи тасвири психологиро устувор гардонд ва бо ҳамин дар адабиёти бачагон оғози марҳалаи бузурги таҳаввул гардид» [2, 145].

Ҳамин тавр, мувофиқи андешаи Ҷ. Бобокалонова, «Тобистон»-и П. Толис чун нахустин қиссаи бачагона ба маънои истилоҳӣ шинохта шуда, дар баробари ин, нақши асари мазкур дар устуворшавии тасвири психологии насри бачагонаи тоҷик эътироф гардидааст. Ба замми ин, профессор Ҷ. Бобокалонова бар он андеша аст, ки «Тобистон асари тарҷимаиҳолиест, ки дар он нависанда дар бораи фактҳои ҳаёти давраи наврасӣ ва ҷавонии худ маълумот медиҳад. Ин дар адабиёти бачагонаи тоҷик қариб ягона асари намоёнест, ки аз ҳаёти бачагони тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, душворию зисту зиндагонии онҳо дар ақибгоҳ нақл мекунад» [6, 114].

Аз иқтибоси андешаҳои мунаққидони мазкур маълум мегардад, ки «Тобистон»-и П.Толис натанҳо дар таърихи насри бадеии адабиёти тоҷик падидаи тоза ва муҳим маҳсуб мегардад, балки дар ривоҷи насри бачагонаи тоҷик, алалхусус яке аз жанрҳои маҳбуби он-қисса низ нақши муассир бозидааст. Аввалан, он ҳамчун нахустин қисса дар адабиёти бачагонаи тоҷик маҳсуб мегардад. Сониян, ин асар дар ривоҷи қиссанигорӣ дар насри бачагонаи солҳои 60-80 ва устуворшавии равиши тасвири психологӣ дар қиссаҳои бачагона марҳалаи нави тақдирсозро оғоз ниҳодааст. Ахиран, «Тобистон»- и П.Толис яке аз асарҳои мондагор дар насри бачагона аст,ки дар бораи ҳаёт ва мушкилоти рӯзгори наврасони тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳикоят мекунад.

АДАБИЁТ

Амонов, Р. Воқеияти зиндагӣ ва воқеияти адабиёт / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 381 с.
Амонов, Р. Детская литература Таджикистана / Р. Амонов. – М.: Детская литература, 1981. – 240 с.
Аскарова, Ж. М. Ауэзов и таджикская литература / Аскарова Ж. // Извест. АН Каз. ССР, серия филологическая. - 1982. – № 4. - С. 16-24.
Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
Бақозода, Ҷ. Суруди нотамом / Ҷ. Бақозода // Садои Шарқ, 1979. - № 8. – С. 95-103.
Бобокалонова, Ҷ. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Маориф, 1975. – 208 с.
Ортиқов, Б. Повест ва ҳикояҳо / Б. Ортиқов. – Душанбе: Маориф, 1984. – 400 с.
Сучкова, М.К. Повесть о детстве в советской детской литературе / М. К. Сучкова. – М., 1954. – 230 с.
Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 322 с. – Ч. 2.
Шукуров, М. Паҳлуҳои таҳқиқи бадей. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.
Шукуров, М. Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

Notıceable Features of the Style in the Memories of Ubayd Rajab
ВИЖАГИЊОИ НАЗАРРАСИ САБКЇ ДАР ЁДДОШТҲОИ УБАЙД РАҶАБ

Davlatov U.M.
Dangara State University, Tajikistan
umarali1960@mail.ru

Abstract
This article talks about the stylistic features and manner of expression of the well-known Tajik writer Ubaid Rajab. From the point of view of domestic and foreign scholars, the language of Ubaid Rajab's memoirs is considered a very colorful and diverse language, and in modern Tajik prose, it is considered to be an original example of far-sightedness.
Ubaid Rajab chose different heroes in his memoirs. Also, in the works of the writer, the descriptive language is simple and uncomplicated, and it can be observed in his notes. The heroes of the writer's memoirs enter the stories in two ways, which can be observed in the stories of the writer. Sometimes the writer himself is in the scene of the story, sometimes there are only people talking, creating an event, and there is no writer here. The language that Ubaid Rajab has chosen for his conversation is very simple. That is why description plays a major role in literary notes. In his stories, Ubaid Rajab is a skilled master in using colloquial language and using dialogue, which is especially important in the writer's memoir "The Man of the Field of Effort".
Observing the memoirs of Ubayd Rajab, it became clear that his memoirs are written in a simple and understandable language, away from difficult images and difficult to explain.

Keywords: Description, Feature, Genre, Hero, Language, Literature, Memory, Note, Role, Style, Story, Vocabulary.

Хулоса
Дар ин мақола рочеъ ба вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиби шинохтаи тоҷик Убайд Раҷаб сухан меравад. Аз нигоҳи донишмандони дохилию хориҷӣ забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб забоне бисёр рангину мутановвеъ ва дар насри муосири тоҷик намунаи асили дурдонаҳое ба ҳисоб меравад.
Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои хеш қаҳрамонони гуногунмухталифро интихоб намудааст. Инчунин дар осори адиб забони тавсифӣ содаю бетакаллуф буда, дар ёддошҳои ӯ ба мушоҳида мерасад. Қаҳрамонони ёддоштҳои адиб бо ду роҳ вориди ҳикояҳо мегарданд, ки дар ҳикояҳои адиб мушоҳида кардан мумкин аст. Гоҳ нависанда худ дар саҳнаи достон ќарор гирифта, гаҳо танҳо одамон ҳастанд, ки гуфтугӯ мекунанд, ҳодисае меофаринанд ва ин ҳо дигар нависанда ќарор надорад. Забоне, ки Убайд Раљаб барои гуфтугӯи худ интихоб кардааст, бисёр муљазу сода аст. Аз ин рӯ дар ёддошҳои адиб тавсиф нақши асосӣ дорад. Убайд Раҷаб дар ҳикояҳояш бештар дар истифодаи забони гуфтугӯӣ ва корбасти муколама устоди моҳир мебошад, ки ин бештар дар китоби ёддоштии адиб “Марди майдони талош” мавқеи калон дорад.
Аз мушоҳидаи осори ёддоштии Убайд Раҷаб маълум гардид, ки осори ёддоштии ӯ бо забони содаву фаҳмо ва дур аз тасвирҳои мушкилписанд ва баёни душвор таъкид гардидааст.

Калидвожа: Забон, Ёддошт, Хотиранигорӣ, Вожа, Тавсифӣ, Қаҳрамон, Адиб, Хосса, Сабк, Нақш, Жанр, Ҳикоя.

Забон падидае аст, ки дар ќолаби сохторњои мухталиф тањаќќуќ пайдо мекунад. Усулан, забони ёддошт ба сурати забони хосу ягона ва бозтобкунандаи љањонбинии шоир аст. Аммо забони нависанда, бар хилофи забони шоир, сохторест мураккаб аз гунањои мухталифи забонї, ки аз љањонбинии нависанда, тарзи тафаккур ва нигариши шахсиятњои халќшуда дар осораш мебошад.

Забони ёддоштњои Убайд Раљаб забоне аст, бисёр рангину мутанаввеъ ва дар насри муосири тољик намунаи асилу дурахшон ба њисоб меравад. Он забоне саршор аз тасвиру нигоштањои љузъиётбаёнї ва баёнгари содатарину зулолтарин сурати мумкин аз таљрибањои инсонї мебошад. Алии Муњаммадии Хуросонї бо такя бар њамин вежагињои забони ёддоштњои Убайд Раљаб навиштааст, ки «имрўз хотирањои мавсуфро хондаву бо масаррат метавон њарф зад, ки хотиранигорї ва ёддоштњои ў дар пояи шоириаш баланд аст. (14,4)

Адиб забони соддаву равонро дар навиштањои хеш интихоб намудааст, то дардњои мардумро воќеї баён намояд. Убайд Раљаб бо нигоњи даќиќ ба забони гуфтугўйї тавонист хусусиятњои онро дарёбад ва ба он њаёти нав бахшад. Осори вай бо бањрагирї аз забони омиёна, ки иборат аз зарбулмасал, њазлу мутоиба ва ѓайрањо, ки дар аснои тањќиќ ба онњо пардохта мешавад, мебошад. Намунањоеро аз корбурди забони гуфтугўйї дар осори Убайд Раљаб монанди: сутунгардан, филљуссаи шикамдамида, љулонида [13, 71] ва сумот [13, 91], љиззас [13, 92] метавон мушоњида намуд, ки дарак аз забони зиндаи халќ мединањанд. Дар ин ёдкардањо, ки бунёди онњо забони халќї аст, Убайд Раљаб бо корбурди гунањои забонї тавонистааст аз забони гуфтугўйї дар офариниши ќањрамонњояш истифодаи њунармандона бибарад. Масалан, дар ёддоштњои адиб истифодаи шевањо аз забони ќањрамононаш – Боќї Рањимзода хело хуб баён шудааст, ки мисоли зер далели гуфтањои боло мебошад:

Наврўзи бањорон шиву дил даѓдаѓагар шї,
Дар кўњу камар ваќти сањар лола бадар шї.
Абр омаду тундар шиву борони шарар шї,
Як гурдапия ома, ки гови шањї љар шї [10, 104].

Дар шеъри фавќуззикр вожагони «шї», «гурдапия», «ома» ва «љар» ба маъноњои зайл зикр мегардад: шиву- шуд, даѓдаѓагар шї - њавобаланд шуд, «абр омаду тундар шиву борон шарара шї»- абр омаду раъду барќ пайдо гардида, шарарањо љорї шуд, «Як гурдапия ома, ки гови шањї љар шї»- ногоњ оби сел љорї шуда як гови шањї љар шуд.

Забон яке аз абъоди муњимми асарњои Убайд Раљаб маъсуб шуда, на танњо дар баёни њодиса, кирдор, тавсифи шахсиятњо ва њолатњо замону њодисањо ба кор бурда мешавад, балки дар гуфтугўи персонажњои осор њам сањм дорад. Бинобар ин, дар њар ёддошт ду навъ забон ба таври куллї метавон ёфт: забони тавсифї ва забони шахсиятњо ва ќањрамонњои ёддошт. Дар баъзе ёддоштњо навъи сеюм њам ба чашм мехўрад, ки онро метавон забони гуфтугў номид.

Забони осори Убайд Раљаб гуногун аст ва ин дигаргунї ба он хотир аст, ки ќањрамонњои ёддоштњои ў шахсиятњои мухталифанд. Гурўњњо ва табаќањо, аз поён то ба боло, дар ёддоштњои Убайд Раљаб вуљуд дошта, њар як дорои забони ба худ хос мебошанд. Забони тавсифї забоне аст, ки ёддоштнавис ба востаи он хонандаро бо шахсиятњои ёддоштї, муњити зиндагї ва вазъи рўњии ќањрамонњо ошно месозад. Убайд Раљаб дар истифодаи забони тавсифї басо чирадаст мебошад. Масалан, вай дар яке аз ёддоштњояш дар бораи Боќї Рањимзода ва дўсти найнавози хуљандиаш санъати тавсифро чунин ба ќалам додааст: «*Њар рўз, баробари рўшанї дидани чашми сањар, рўи њавлї мебарояду назди суфа меояд ва найро мегираду ба навохтан шурўъ мекунад. Шавќ, ки боло мегирад, тавакќуф карда наметавонад, мисли он ки аз навохтану навои сењрангези най маст мешавад, менавозаду менавозаду менавозад*» [10, 113]. Калимањо ва лафзњои тавсифї аз зиндагии њамонрўзаи мардумро дар симои Боќї Рањимзода дар китоби «Дўш будам њамнишин» ба таври зайл ба ќалам додааст: *Дар зери токи сањни њавлї менишаст Боќї Рањимзода, ки вакти аз љой бархостан сараш чарх заду дунё дар назараш торик шуд, тоб хурду ба замин афтод ва аз њуш рафт. Об заданду шамолаш доданд, фоида накард, ба њуш* омад [10, 130].

Дар тавсифе, ки аз макони ёддошт мекунад, нишон медињад, то чи њад аз зиндагии ин табаќа ва рафтору кирдор, дар интихоби вожагон, истилоњоти хосси онњо огоњї дорад: *« Мардак чашмњои оташгирифтаи худро калонтар кушоду коѓазро талабид ва навиштаро ба даст оварду бо ќањру ѓазаб пора кард ва тањдидомез гуфт, ки бо кї суњбат кардан ва дар куљо нишастанатонро фаромўш накунед, аввал љой бубинеду баъд пойро гузоред»* [12 ,83]. Дар ин гуна тавсифњо Убайд Раљаб зиндагии хоссе аз табаќаи гуногуни мардум ва маъмулиро нишон медињад ва дар забони тавсиф ночор аз лањљањои забони тољикї (фолклор) истифода мекунад. Ин гуна тавсифњоро метавон дар ёддоштњои «Марди майдони талош», «Дўш будам њамнишин» пайдо кард. Адиб ба зиндагии ин табќа таваљљуњи хосса дошта ва аз алфозу иборотu истилоњоти хосси онњо истифода кардааст.

Забони тавсифї дар осори Убайд Раљаб содаю бетакаллуф мебошад ва адиб гоње тањти таъсири эњсосоту отифа ќарор мегирад. Албатта, њељ нависандае њангоми офаридани асари њунарї набояд тањти таъсири забони тавсифњои худ бошад ва инро метавон дар ёддоштњои «Љияни аз худ рафта» мушоњида кард. Чунончи: «*Ѓазаб фаро гирифт вуљуди В. В. Чебоксаровро, таъљилан зинокорро пайдо кардан хост, валекин тани танњо кор бурд, овозаю даровоза накарда[12, 149].* Дар љойи дигари њикоя менигорад: «*Гуноњ дайн шуд, аммо писарак бељазо монд. Њар ќадар В. В. Чебоксаров талош варзид, фоида накард, зеро синни писараки ноболиѓ дар рўзи љиняти содиркардааш як рўз кам аз шонздањ буд. Ќонун мефармояд, ки синни навраси гунањсодиркарда як рўз кам аз шонздањ бошад, дар њакќи ў парвандаи љиної кушодану гунањкор донистану ба љавобгарї кашидан мумкин нест*» [12, 150].

Забони персонажњои ёддоштњо, албатта, аз забони тавсифї фарќ дорад. Њамон ќадре ки ќањрамонњои мухталиф дар сањнаи ёддошт наќш бозї мекунанд, ба њамон андоза дар забон ва шеваи баён тафовут аст. Ин ќањрамонњо мумкин аст аз табаќањои гуногуни љомеа бошанд ва адиб бояд шахсиятњои асари худро бишиносад. Рўњиёт, тарзи фикр ва навъи зиндагии онњоро њис кунад, дар ѓайри ин сурат, нависанда наметавонад ба кашфи забони ќањрамонњои осораш даст ёбад.

Дар осори Убайд Раљаб ќањрамонњо ба ду роњ вориди њикояњо мегарданд. Гоњ нависанда худ дар сањнаи достон ќарор гирифта, гањ танњо одамон њастанд, ки гуфтугў мекунанд, њодисае меофаринанд ва ин љо дигар нависанда ќарор надорад. Забоне, ки Убайд Раљаб барои гуфтугўи худ интихоб кардааст, бисёр муљазу сода аст. Масалан, дар њикояњои ёддоштиаш «Одами поксиришт» персонажњо бисёр содаанд ва муаллиф аз унсурњои фолклорию маљозї бањра љустааст: «*Њељ гап не, девор дарун афтод, устоду шогирд мукофотро байни худ таксим карданд*» [10, 36], «Тезии корд дар дами корд» [12, 109]. Барои видоъ аз шањру ноњияњои Тољикистон он ќадар одам омад, ки сўзан партої, ба замин намеафтод [10, 11] «Писар писару набера-набера, писар маѓзи љигар аст»,-аз дил мегузаронид кампири Зулмат [10, 59], «Сидќи бегуноњ пеши Парвардигор соф аст», мегўянд [12, 47], «*Гапи аз худат калонро, ки нагирифтї, пешто хўрдї»* [12, 43], Оре, оре, хубу ба маврид гуфтаанд мардум: «Некї куну дар об андоз, некї фаромўш намешавад! Њељ набошад, моњиён ба ќадри некият хоњанд расид!» [12, 31], «Гургро ёд кунї, бо пояш даромада меояд» [12, 151] Бар хилофи ёддоштњои мазкур, дар асарњои ёддоштї монанди «Љонфидо» ва «Сад», ки мухотабони Убайди Раљаб мардумони табаќањои гуногунанд, забони адиб тафовут дорад ва рангу бўйи фарњанги омиёнаро ба худ касб мекунад.

Як хусусияти назаррас дар ин гуна осори Убайд Раљаб иборат аз он аст, ки вакте адиб худаш дар ёддоштњояш зоњир мешавад ва хосса тарафи муќобили ў як миллати дигар аст, забонаш табиї мешавад, яъне саъй мекунад, калимањоро, њамон тавре ки дар муколима ва гуфтугўи маъмулї ба кор меравад, истифода кунад. Яъне ба кор бурдани забони гуфтугўиро Убайд факат дар ёддоштњое ба кор бурдааст, ки худи муаллиф дар онњо наќш бозида ва мухотабонаш гуногунзабон мебошанд.

Интихоби забон кори сањлу сода нест, адиб бояд характер ва шахсияти њикояњояшро бишиносад, рўњия ва эњсосоти ўро дарк кунад. Убайд Раљаб дар типњое, ки офаридааст, то њадде бо забони ин табаќањо ошноии комил дорад. Яке аз типњое, ки адиб муаррифї кардааст, занњо ва мардњо, љавононњо ва ноболиѓон мебошанд. Убайд Раљаб дар достони «Зани бадкуниш» аз ќавли занњои бесавод чунин зикр мекунад: «*Тўтахон њомила буду кампири Ойдин дар тан маризи шукуфа дошт. Олмуњаммади Раљаб*

табобати њар дуро сабаб оварду Тўхтахонро ба зоишгоњи Панљакент ва кампири Ойдинро ба табобатхонаи шањраки Колхозчиён фиристод, зеро итминон њосил карда буд, ки як сари ресмони печидаи њодиса дар дасти Тўтахон аст» [12, 18]. Дар иќтибоси боло адиб аз лањни занона, ки байни Тўхтахон-хонум ва кампири Ойдин сурат мегирад, истифода мекунад.

Забони ёддоштњо дар осори Убайд Раљаб монанди «Сифлањои сиякор» ва «Асрори номањои беимзо» аз дигар ёддоштњои ў фарќ менамоянд, аз ин љињат фазои ин навъ асарњои ў аз назари забонї гуногун мебошад.

Забон дар осори адиб бо таваљљуњ ба мавзуъњои он мутафовит аст. Масалан, дар њикояи «Сифлањои сияњкор» Убайд Раљаб забони хос дорад. Вай забони гуфтугўиро бо киноя̀њо ва истилоњњои гуногун бо забони фозилона ва адибона даромехтааст. Ин омехтагї бар асоси тарњи ёддошт ва лањни танзомезу киноии он сурат гирифтааст:»*Сарнавишти Љаъфар Рањмонов (рўњаш шод бод, дар аввали соли 1998 вафот кард), намунаи аълои дурўѓбофї ва мисоли равшани дониста љиноят зоњир кардани ќисме аз курсинишинони воломаќоми солњои њафтодум аст, -њикоятро шурўъ мекунад Олмуњаммади Раљаб. -Ба ќисмати ин мард бозї карданд. Додситони кулли љумњурї А. А. Шелочинин ва сардори дастгоњи мубориза алайњи торољи моликияти сосиалистии (ОБХСС)Вазорати умури дохилии Тољикистон В. А. Полников* [12, 124].

Тавсиф дар ёддоштњои Убайд Раљаб наќши асосї дорад ва бо онњо таъсири мусбат мебахшад. Вай дар тавсифи сањнањо мавќеъ ва шахсияти ќањрамонњои осорашро тасвир намудааст. Адиб бо мањорати камназираш ба тавсифи замону макон ва мавќеияти ёддоштњояш мепардозад. Масалан, дар њикояи «Одами покизасиришт», ки њадиси як марди миёнќомати тановари нармсухан ва базморо, косагули бебадали давраороињои дўстон, инсони покизасиришт Абдусалом Дењотї аст, муњиту фазои ёддоштии худро ин гуна тавсиф мекунад: « *Соли савуми тањсил дар омўзишгоњ буд. Тирамоњи хубе њукмфармої дошт. Субњи андаке сард ва чоштгоњи каме гарм ва њавои беѓубор њусни рўзро меафзуд. Мардум аз боѓу майдон њосили ранљи зањмати худро ѓун меоварданд* [10, 21]. Вай њамчунин дар «Рўзи видоъ ва љойи мазор» ранљу зањмати устод Айниро, ки аз симои нуронии вай пай бурдан мумкин буд, дар лањзаи видоъ чунин барљаста тасвир намудааст*: « Аз бари тобут гузаштаму ба рўйи устод нигаристам: чеҳрааш хурд ва мавизак тофт. Гумоне даст дод, ки ўро баъди зањмати бардавоми пурмашаќќат ва кўфти кор ва хастањолию бедорхобињо ѓанаб бурдааст* [10, 11]. Убайд Раљаб дар тавсифи ќањрамонони асарњояш низ ќудрату мањорати шигифтовар дорад ва тавсифњояш воќеї љилва мекунанд. Инчунин, ў дар њамоњанг кардани сабки наср ва тавсиф бо фазои куллии осор низ тавонманд аст.

Забони гуфтугўиї яке аз абзорњои адиб дар халќи осораш мебошад, ки њар табаќа дар онњо дар онњо мутаносиб бо арзишњои иљтимої ва фарњангии худ забони мутафовит доранд. Яке аз љолибтарин љанбањои ёддоштии Убайд Раљаб ќудрат ва мањорати чашмгири ў дар ироаи гуфтугўњои мутаносиб бо табаќањои гуногуни љомеа мебошад. Ў њунармандона њар табаќаро дар муњити муносиби худ тасвир мекунад ва аз забони хосси он бањра мегирад. «Убайд Раљаб баъди баромадан ба нафаќа ба ёддоштнависї машѓул буданд,-ќайд мекунад њамсари устод. Маќсади асосии шоир аз он иборат буд, ки мехост хотирањоятро дар бораи адибон ифшо намояд, аммо марг даст надод, ки ба орзуҳояш бирасад» [10, 25].

Гуфтугў дар ёддоштњои Убайд Раљаб бозтоби шахсияти одамњост, њамон тавре ки онњо фикр мекунанд ё бояд фикр кунанд. Дар њаќиќат, мо сиришту мавќеияти иљтимоии одамњои ёддоштњои Убайд Раљабро аз нањваи сухан ва лаҳн, яъне љанбањои равонии каломи онњо мешиносем. Гуфтањои боло моро ба чунин натиљагирї водор менамоянд, ки халлоќият ва нубуѓи Убайд Раљаб ба гуфтугўи ашхоси ёддоштњояш ранги табиї бахшидааст. Ў бо корбурди даќиќи гунањои забонї ба тавфиќи волое даст ёфтааст. Убайд Раљаб дар истифодаи забони гуфтугўи ва корбасти диологї устод мебошад. Масалан, дар њикояи «Найранги додситон» мољаро ба тариќи гуфтугў пеш меравад:

- Аввал Яхдонро мебинем,-гуфт.

- Яхдон, чї ном?- тааљљуб кардам.

- Бале – гуфт њамсафарам,- ба дидораш, ки расидем, маъноя̀шро мефањмед [12, 32].

- Бубахшед, ки норољататон кардам - ва маро шиносонида шуда, -ошно шавед, ин кас шоир…

- Мешиносам, - сухани ўро бурид љонишини додситон, - китобњояшро хондаем.

- Њамроњи ман подполковники мустаъфии хадамоти дохилаи Тољикистон Олмуњамади Раљаб,- дар навбати худ шиносонидам ўро[12, 7].

Дар асари «Марди майдони талош» дар њикояњои «Аввалсухан», «Интихоби љонишин», «Таъдид», «Сифлањои сияњкор» ва ѓайрањо корбасти муколама хело моњирона истифода бурда шудааст, ки мутолиаи асари мазкур дар њар лаҳзаи зикри суҳбатҳои муаллиф бо қаҳрамон ва ҳамзамон гуфтори қаҳрамон бо дигарон ин шеваи ҷолиби сабкиро нишон медиҳад.

Сабк дар луѓати тозї ба маънии гудохтан ва рехтани зарру нуќра аст ва сабика пораи гудохтаро гўянд, аммо адибони ќарни охир сабкро маљозан ба маънии «тарзи хосса аз назму наср» истеъмол кардаанд ва таќрибан онро дар баробари «стил» -style»-и аврупоиён ниҳодаа**нд**. «Стил» -style дар забонњои аврупої аз луѓати «стилус»-и юнонї маъхуз аст, ба маънии «сутун» ва дар урфи адаб ба истилоњ ба тарзе итлоќ мешавад, ки дорои мушаххасоту ваҷҳи имтиёз мебошад ва, њамчунин, равиши нигорише, ки ба василаи

хавоси мумтози хеш мушаххас бошад. Стилус, дар забонњои юнонї ба олати филлизин ё чўбин ё ољ итлоќ мешавад, ки ба василаи вай дар замони ќадим њуруфу калимотро бар рўйи лавњи мумї наќш мекардаанд. Собиќаи мафњуми сабк дар Аврупо ба Афлотун ва Арасту бармегардад. Арасту ва пайравонаш сабкро кайфияти зоти калом медонистанд, риштањои сабкшиносї ба улуми балоѓат ё фанни суханварї бармегардад, ки навъи корбурди њунармандонаи забон дар мавќеияти маконе ва замони хос барои илќои мафњуми хоссе аст. Матолиби сабкшиносї бо зуњури љунбиши формолистии русї њаёти дубора меёбад ва бахусус, чандин мафњуми ибдоии онњо, аз љумла адабиёт, барљастасозї, њанљоргурезї ва ѓайра бисёр мавриди таваљљуњи сабкшиносон ќарор мегирад. Ба гунае ки ин вижагињо љузъи шароит ва истилзомоти таърифи сабку сабкшиносї дармеояд ва сабкро бар асоси онњо гурўњбандї мекунанд. Доктор Шамисо – муњаќќиќи маъруфи эронї, бо таваљљуњ ба душвории таърифи сабк, сабкро дар се унвони куллї табаќабандї мекунад, ки онњо аз сабки даврај, шахсї ва адабї иборатанд. Чунончи: «*Дар сабкшиносї ваќте калимаи «сабк» ба кор меравад, маќсуд аз он мумкин аст, яке аз се мафњуми зер бошад:*

1. *Сабки давра: яъне сабки каму беш муштарак ва шабењи осори як давраи хос.*
2. *Сабки шахсї, яъне сабки хосси як шоир ё нависанда, ки осори ўро аз њар асари дигаре матамоиз мекунад.*
3. *Сабки адабї, њар улуму назм ва њунаре сабки хосси худро дорад. Масалан, сабки осори илмї аз сабки осори адабї мутамоиз аст*» [136, 25].

Дар адабиёт истилоњи «сабк» иборат аст аз равиши идрок, баёни афкор ба василаи таркиби калимот ва низ, дар навбати худ, вобаста ба тарзи тафаккури гўянда ё нависанда дар бораи њаќиќат мебошад. Осори У. Раљаб яке аз барљастарин намунањои насри муосири тољик дар солњои 90-ум мањсуб мешавад. Тарзи баёни ў муљаз, самимї ва равон мебошад. Дар китоби «Зинда ба ишќ»-и Убайд Раљаб самимияти баёни сухан дар яке аз сафарњои устод Мирзо Турсунзода, Ўктами Мањмуд, Сайфуллои мошинрон ба Конибодом хело содаву муљаз ба ќалам дода шудааст. Устод араќи сару рўйро пок карда, ба котиби якуми кумитаи њизби ноњияи Айнї Ёрмуроди Ѓиёс, ки пиёлаи чойро ба сўяшон дароз карда буд, њазломез гуфтанд: *«Муллоёрмурод, аљаб коре шуд: аз борон гурехта ба зери новардон афтодем. Айнї њам гарм будааст». «Муаллимљон, гармии муваќќатї,- љавоб дод Ёрмуроди Ѓиёс, - љойњои салќин њам дорем. Чойро нўшем, як љой мебарам, ки чашми офтоб њанўз роњ наёфтааст»* [11, 141].

Убайд Раљаб яке аз адибони чирадаст, њамчунон рўзноманигори халлоќ ба љанбаи сабки публисистї ањамияти калон додаст, ки дар ин хусус дар рисолаи доктории Ф. Њусензода ишора шудааст ва мо зикри иќтибосро ин љо љоиз медонем: «Дар рафти пажўњиш ва боздид аз бойгонии Убайди Раљаб маълум гардид, ки онњоро ба гурўњњои зайл људо кардан мумкин аст, ки сабк ва тарзи баёни ўро возењ мегардонад: Якум, гузоришњое, ки хусусияти забоншиносї ва адабиётшиносї доранд. Ба ин «Забон ва њусни баён» (1978), «Ќайдњо аз хусуси адабиёти бачањо» (1978), «Дар баёзи адабиёти кўдакон ва наврасон», «Адабиёти бетанќид (1978), «Адабиёти кўдакон ва тарбияи ахлоќ» (1979) ва ѓайра мисол шуда метавонад. Дар маќолаи «Забон ва њусни баён» шоир кўшидааст, ки диќќати љиддии хонандаро оид ба њусни баён дар матбуот ва радиову телевизион љалб кунад. Забони матбуот њамонест, ки барои аксарияти мардум фањмост ва ба забони зиндаи халќ такя мекунад, мувофиќи ќоидањои китобат аст. Дар айни њол он забони шахшудае нест, он забон ба монанди зиндагї бой мешавад, пеш меравад ва такмил меёбад.

Тањлили асарњои жанри ёддоштї нишон медињад, ки гуногунии услуб ба мањорати рўзноманигор, ки барои татбиќи афкори худ шаклеро интихоб намудааст, вобаста мебошад. Дар жанри ёддоштї ширкати муаллиф аз тарафи хонанда њамеша њис карда мешавад. Асари ёддоштї њамон ваќт аз љињати услуб таъсирнок мегардад, ки муаллиф дидањояшро дар вай на танњо нишон дињад, балки њамрохи он зиста, њиссиёташро, ки худ дар роњ ба сар гузаронидааст, ба он омезиш дињад. Муаллиф њар як њодисаву воќеа ва ашёро бояд даќиќ ва мушаххас инъикос намояд. Муаллиф бояд оид ба дидаву мушоњидањояш ба хонанда бо забони фањмову равшан њикоя кунад ва, аз љониби дигар, муваффаќияту таъсирнокии асарро таъмин созад.

Новобаста ба он ки асарњои Убайд Раљаб аз хусусиятњои жанрии гуногун бархурдоранд, бо услуби ягонаашон фарќ карда меистанд. Забони асарњои ў образнок ва дар айни њол, ба хонанда фањмо мебошад. Масалан, вай як сафарашро чунин либоси бадеї пўшонидааст, ки бо лањни равону шеваи муъљизаосои худ, хонандагонро маљзуби услуби худ гардонидааст. Таваљљуњ шавад: «*…Шаҳр он лаҳзаҳо ғарқи бўйи баҳор буда, дар соати муайяншуда вохўрда, ба ҷойи муқарраргардида расиданд. Он солҳо ин манзили интихобкардаи онҳо гўшаи хеле дур аз шаҳр ва басо канора ва тамоман нообод ба шумор мерафт. Мардуми шаҳр дар баҳорон рўзҳои истироҳатро асосан дар боли ҳамин пуштаҳо мегузарониданд, ки манзараи шаҳр ва як қисми водии Ҳисор аз ин ҷо хуб менамуд. Ҳама ҷо сабза буд. Офтоб гарм шудан ва рутубат бухор шудан дошт ва шамол майсаву гулҳоро навозиши мекард. Баҳори ҳақиқӣ расида буд…»* [10, 142-145].

Њамин тариќ,

аз мушоњида ва пажўњиши маводи дар ихтиёри мо ќарордошта аз Убайд Раљаб бармеояд, ки осори ёддоштии ў бо забони содаву фањмо ва дур аз тасвирњои мушкилписанд ва баёни душвор таълиф гардидааст. Њамчунон, дар ёддоштњояш вижагињои сабки соддаву равон, ки дар осори мансури нависандагони ќабл аз худ, хоса дар шеваи нигориши устод Садриддин Айнї истифода шудаанд, бараъло эњсос мегарданд. Ин аз истеъдод ва табъи салими муаллиф дарак медињад. Дар асарњои ёддоштии устод аз услубњои мухталиф ба монанди услуби бадеии дорои тасвирњои љаззоб ва гоњо илмї-публитсистї истифода шудааст.

Дар ёддоштњои Убайд Раљаб худи муаллиф наќши калидиро мебозад, ки ў бо мухотабони худ самимона суњбат менамояд ва њамсуњбатони адиб аз намояндагони мухталифи љомеа мебошанд. Шеваи љолиби иншо ва махсусияти муњими ёддоштњои Убайд Раљаб дар он зоњир мешавад, ки бештари мухотаб ва ќањрамонони марказии ёддоштњои ўро анљли сухан, шоирону адибон, донишмандону адибон ва ходимони давлативу љамъиятї ба вуљуд овардаанд. Дар саргањи шахсиятњои мухотаб ва чењрањои марказии ёддоштњои Убайд Раљаб симои устод Садриддин Айнї ќарор гирифтааст, ки дар фасли алоњидаи ин боби рисола мавзўи мазкур мавриди баррасї ќарор хоњад гирифт.

Манобеи истифодашуда

Айнї, С. Ќањрамони халќи тољик Темурмалик. [Матн] / С. Айнї.– Сталинобод, 1944. – 86с.

Айнӣ, С. Куллиёт. – Љ. 6. (Ёддоштҳо). [Матн] / С. Айнї. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414 с.

Айнї, С. Куллиёт. Љ. 1-13. [Матн] / С. Айнї. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тољикистон, Ирфон, 1958-1977.

Айнї, С. Мухтасари тарљумаи њоли худам. [Матн] / С. Айнї. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тољикистон. 1958. – 128 с.

Акобиров Ю. Водии муњаббат. [Матн] / Ю. Акобиров. М. Сов. пис. 1980. –215 с.

Акобиров Ю. Норак. [Матн] / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1983. 384с.

Берт, Фарогнер. Хотиранависии эрониён дар асари Қољор (тарљумаи Љалилванд Ризої). [Матн] / Фаронгар Берт. – Тењрон: Интишороти илмї-фарњангї, 1377.– 326с.

Горкий, М. Бачагї. [Матн] / М. Горкий. – Москва: Детский литератури, 1984. – 221с.

Айравонї, Муњаммадризо. Нигоње ба хотиранависї ва муќоисаи он бо зиндагинома ва сафарнома. [Матн] / Муҳаммадризои Айравонї // Маљаллаи забон ва адабиёти форсӣ. – Тењрон: Тирамоҳи 1386, № 8.– С. 73-100.

Убайд, Рачаб. Дӯш будам ҳамнишин. [Матн] / Р. Убайд.– Душанбе: Адиб, 2002. – 277с.

Убайд, Раљаб. Зинда ба ишќ. [Матн] / Р. Убайд.–Душанбе: Адиб, 2001. – 234 с.

Убайд, Рачаб. Марди майдони талош. [Матн] / Рачаб Убайд.– Душанбе, 1999. – 192с.

Убайд, Рачаб. То ҳаст оламе, То ҳаст одаме… [Матн] / Р. Убайд.– Душанбе, 2001. –467с

Хуросонї Алии Муњаммадї. Њикоёте дилписанду мондагор. [Матн]./Адабиёт ва санъат. 28 июли соли 2022.

The Place of Popular Two-Couplet Poems in Tajik Folklore
ҶОЙГОҲИ ДУБАЙТИҲОИ ОМИЁНА ДАР ФОЛКЛОРИ ТОҶИК

Oymahmadov RUSTAM
Assoc. Prof., Institute of Language and Literature Named after A. Rudaki of Academy of Sciences of Tajikistan
Dushanbe, Tajikistan
rustamjon99@gmail.com

Abstract
In this article, the author analyzes and discusses the place of popular two couplet poems in the study of Tajik folklore and its influence in comparison with rubais among ordinary people. The study explores the results and reasons for its use.
The study shows that the classification of folklore literary genres in the materials of the Folklore Fund of the Rudaki Institute of Language and Literature of AMIT, where folklore genres based on the science of folklore are classified and collected, middle couplets are not given much importance, and couplets are usually scattered. They have been gathered but are usually recorded and classified among rubais and other folklore genres. In the published folklore collections, the middle couplets represent a unique and independent literary type have not been analyzed like other types of oral literature, especially the rubai style. Only recently have Tajik folklorists paid more attention to this type of folklore to the point where it is considered as a folklore genre on equal standing with other folklore genres that have been studied. The reason for the lack of attention to middle couplets and mentioning them together with the common rubai can be both in terms of the name, that both dubai and rubai have a common name, and in terms of the fact that both of them are the same, which differ only in weight and subject. One of the main reasons for the influence and popularity of rubai in comparison with two couplet poem among ordinary Tajik people is the music of Falak, which played a key role in the spread of rubai poems. In the countries of Iran and Afghanistan, the use of oral couplets, which, according to Iranian folklorists, is a specialty of the common poetry, is more than the rubais, and the main reason for this can be their form, weight, content, and their use in official and oral literature, which is in vogue. Their presence in the official and popular literature of these two countries has been effective.

Keywords: Afghanistan, Couplets, Falak music, Folklore, Folklore fund, Influence, Iran, Location, Tajikistan, Use.

Хулоса
Дар ин мақола ҷойгоҳи дубайтиҳои омиёнаро дар илми фолклоршиносии тоҷик ва нуфузи онро дар муқоиса бо гунаи рубоӣ дар миёни мардуми оддӣ таҳлилу баррасӣ намуда ва натоиҷ ва авомили корбурди онро баён намудаем.
Натоиҷи таҳлилшуда нишон медиҳад, ки дар табақабандии анвоъи адабии фолклорӣ дар маводи фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ки жанрҳои фолклорӣ бар асоси илми фолклоршиносӣ дар он табақабандию ҷамъоварӣ шудаанд, ба дубайтиҳои омиёна чандон аҳамияте дода нашудааст ва маъмулан дубайтиҳо ба сурати пароканда на ҳамчун як гунаи мучаззо, дар миёни рубоиёт ва дигар жанрҳои фолклорӣ забту сабт шудааст. Дар кутуби нашршудаи фолклорӣ низ, дубайтиҳои омиёна ҳамчун як навъи адабӣ ба шакли мучаззову мустақил ба монанди дигар анвоъи адабии шифоҳӣ ба хусус қолаби рубоӣ табақабандию таҳлил нашудааст, ҳарчанд дар ин авохир, фолклоршиносони тоҷик ба ин гунаи фолклорӣ бештар таваҷҷуҳ кардаанд то ҷое, ки ҳамчун як жанри фолклори ва мучаззо аз дигар жанрҳои фолклорӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Иллати камтаваҷҷуҳӣ ба дубайтиҳои омиёна ва зикри он ҳамроҳи рубоиёти омиёна метавонад ҳам аз ҷиҳати ном бошад, ки дубайтӣ ва рубоӣ ҳар ду номи муштарак доштаанд ва ҳам аз ҷиҳати ҳамонанд будани ҳар дуи онҳост, ки танҳо дар вазну мавзуъ тафовут доранд. Мизони нуфузи дубайтӣ миёни мардуми тоҷик дар муқоиса бо рубоӣ хеле камтар аст, баракси рубоӣ, ки дар тамоми зиндагии мардуми оддии тоҷик соя афкандааст. Яке аз авомили аслии нуфуз ва роиҷ будани рубоӣ дар муқоиса бо дубайтӣ миёни мардуми оддии тоҷик мусиқии Фалак аст, ки дар густариши рубоӣ нақши калидӣ доштааст. Дар кишвари Эрон ва Афғонистон ин нукта комилан баракс аст ва корбурди дубайтии шифоҳӣ, ки аз назари фолклоршиносони Эрон мухтасси шеъри омиёна аст бештар аз рубоиёт аст ва авомили он метавонад қолаб, вазн, муҳтаво, корбурди онҳо дар адабиёти расмӣ ва шифоҳӣ бошад, ки дар роиҷ будани онҳо дар адабиёти расми ва омёнаи ин ду кишвар муассир будааст.

Калидвожа: Дубайтиҳои Шифоҳӣ, Ҷойгоҳ, Корбурд, Нуфуз, Мусиқии Фалак, Фонди Фолклор, Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Фолклор.

Дар ин мақола ҷойгоҳи дубайтиҳои омиёнаро дар илми фолклоршиносии тоҷик ва нуфузи онро дар муқоиса бо гунаи рубоӣ дар адабиёти оммаи кишварҳои форсизабон, таҳлилу баррасӣ намуда ва натоиҷ ва авомили корбурди онро баён намудаем.

Равиши кор дар ин мақола чунин аст, ки дар ибтидо, вазъияти дубайтиҳои омиёнаро дар маводи шифоҳии фонди шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ки аз тарафи фолклоршиносони тоҷик дар замони шуравӣ ҷамъоварӣ шудаанд, мавриди баррасӣ ва ковиш қарор додаем, сипас корбурд, коркард ва нуфуз ва мизони маҳбубияти онро дар муқоиса бо гунаи рубоӣ, дар китобҳои нашршуда ва дар адабиёти оммаи кишварҳои форсизабон баён карда ва далоили чунини корбурд, коркардро шарҳ додаем.

Натоиҷи таҳлилшуда нишон медиҳад, ки дар фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, дар табақабандии жанрҳои фолклорӣ ба ин қолаб чандон аҳамияте дода нашудааст, баракси қолаби рубоӣ, ки бо басомади болое мавриди пажӯҳиши фолклоршиносони тоҷик қарор гирифааст. Иллати камтаваҷҷуҳӣ ба дубайтиҳои омиёна ва зикри он ҳамроҳи рубоиёти омиёна метавонад, ҳам, аз ҷиҳати ном бошад, ки дубайтӣ ва рубоӣ ҳар ду номи муштарак доштаанд ва ҳам, аз ҷиҳати ҳамонанд будани қолаби онҳост, ки танҳо дар вазну муҳтаво тафовут доранд. Мизони нуфузи дубайтӣ миёни мардуми оддии тоҷик дар муқоиса бо рубоӣ хеле камтар аст, баракси рубоӣ, ки дар тамоми зиндагии мардуми оддии тоҷик соя афкандааст. Яке аз авомили аслии нуфуз ва роиҷ будани рубоӣ дар муқоиса бо дубайтӣ миёни мардуми оддии тоҷик мусиқии фалак аст, ки дар густариши рубоӣ нақши калидӣ доштааст. Дар кишвари Эрон ва Афғонистон ин нукта комилан баракс аст ва корбурди дубайтии шифоҳӣ, ки аз назари фолклоршиносони Эрон мухтасси шеъри омиёна аст, бештар аз рубоиёт аст ва авомили он метавонад қолаб, вазн, муҳтаво, корбурди онҳо дар адабиёти расмӣ ва шифоҳӣ бошад, ки дар роиҷ будани онҳо дар адабиёти расмӣ ва омиёнаи ин ду кишвар муассир будааст.

Дубайтиҳо дар фонди шуъбаи фолклори АМИТ

Фолклоршиносӣ дар Тоҷикистон аз замони Шуравӣ шуруъ мешавад ва аз он давра фолклоршиносони тоҷик дар канори фолклоршиносони Рус шуруъ ба гирдоварӣ ва нашри маводи шифоҳӣ кардаанд. ”... Дар солҳои 1920 адади таҳқиқу чоп дар Тоҷикистон ба 60 асар мерасад ва Душанбе яке аз марказҳои таҳқиқи

фолклори тоҷикї мешавад, саҳми шаҳри Самарқанд низ дар ин таҳқиқот меафзояд. Солҳои 1930 мавқеъӣ аввали табъу нашр ва таҳқиқи фолклор ба уҳдаи Душанбе афтода, аз 359 таҳқиқ 243 пажӯҳиш дар Душанбе анҷом дода мешавад [9, 162]. Таваҷҷуҳ ба илми фолклоршиносӣ ва маводи шифоҳӣ боис мешавад, ки бо фармони №30 аз таърихи 29 марти соли 1958 бахши фолклор ва шевашиносӣ таъсис дода шавад[8, 136]. Пас аз таъсиси шуъба ва ҷалби кормандони ҷавон ҳар сол ду се гурӯҳи ҳайати фолклоршиносон ба маҳалҳо ва манотиқи тоҷикнишин рафта, намунаҳои гуногуни осори шифоҳии мардумро ҷамъоварӣ мекарданд. Илова бар манотиқи Тоҷикистон аз манотиқи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ба монанди Бухоро, Самарқанд, Қашқадарё, Фарғона, Сурхандарё, маводи фолклорӣ ҷамъоварӣ шудааст. Ҳаҷми зиёди маводи фолклорӣ боис мешавад, ки кормандони шуъбаи фолклор ва Институти забон ба фикри муназзам ва мураттаб кардани ин мавод бошанд, бинобарин, пас аз таъсиси фонди махсус барои ин мавод, ба ҳар як жанри фолклорӣ дар варақаҳои фонд бо нишонаҳои ФФІ, ФФІІ, ФФІІІ ишора шудааст. Идомаи асарҳои фолклории фонд аз ФБІ шурӯъ шуда, то ба ФБІІ мерасад[8, 142]. Ҳосили маводи шифоҳии ҷамъоваришуда аз суи фолклоршиносони тоҷик дар фонди Институти забон, ки аз манзари гуна ва жанрӣ табақабандӣ шудаанд, ба 220000 сафҳа, аз ҷумла зиёда аз 20180 мақолу зарбулмасал, 8000 чистон, 28225 рубоӣ ва дубайтӣ, 28000 байт, 18000 майдадубайтӣ (ашӯла), 13000 суруд, 6000 афсона, 3000 латифа, 115 достони эпоси қаҳрамони “ Гӯрғулӣ” ва чандин дафтар ёддоштҳову рӯзномаҳои экспедитсияҳои фолклорӣ ва матни тафсирӣ маросим мерасад [8, 143]. Осори шифоҳӣ дар фонди шуъбаи фолклори Институти забони ва адабиёти АМИТ дар дафтарҳои бузург ва кучак, дар як фоили махсус (папка), ки теъдоди ин фоилҳо (папка) бештар аз 1200 адад аст, ба шакли дастнавис ва тойпӣ (машинка) навишта шудааст. Бархе аз фоилҳо мухтасси як гунаи шифоҳӣ аст, ва дар бархе фоилҳо низ анвоъи осори шифоҳӣ ба шакли омихта забту сабт шудаанд. Мо барои намуна ва ёфтани қолаби дубайтӣ, ҳудуди 100 фоилро мавриди ковиш қарор додаем ва аз миёни ин фоилҳо танҳо дар 11 фоил қолаби дубайтӣ пайдо шуд. Фоилҳое, ки дар он қолаби дубайтӣ дида мешавад иборатанд аз:

1. Фолклори Ҳисор. 1951. ФД-Х к-60 ч-1. Ахророва Солиха[20].
2. Шеър ва сурудҳои халқӣ. 1941 ФФХ: 6203,1, Д Ш Н. Тартибдиҳанда: А Бузургзода[39].
3. Фолклори Уротеппа. 1968. ФБІ:7991-8675. Ҷ. Рабиев[22].
4. Фолклори Норак. 1961. 9268-9669 НРК І:9283. Ҳ. Ҳисомов[23].
5. Фолклори Кулоб. 1949 -50. ФД ФТ ФК. К-16 Ҷ-1 І: 3028, Ти 7. К. Шатанов[24].
6. Фолклори Кулоб. 1950. І:8679? 1-6 Ти 6 . Қараев Н[25].
7. Фолклори Кулоб. 1949-50. ФДФТ ФК.К-16 Ҷ-2. І:3430-3837[26].
8. Фолклори Кулоб. 1950. ФДФТ. Ф.К. К-20 Ҷ-1. І:7563. 1-7 Т. КЛБ -50[27].
9. Фолклори Кӯлобу Қаротегин. 1941-1946. Д-ФҚК, ФФІ: (дастнавис) [28].
10. Фолклори Кӯлоб. 1960. ФДФК қ.51 ҷ.2 с1960. ІІ:3431-3816. Тартибдиҳанда:Салоҳиддин Фаиҳулоев (машинка.) [29].
11. Фолклори Кӯлоб. 1959. Ҷамъкунанда: Аҳророва С. Соли 1963 аз чопимашинка баромад .руйнавискунанда :Ф. Муродов[30].

Натоиҷи ковиш ва таҳқиқ дар миёни ҳаҷми зиёде аз ин осор нишон дод, ки гунаи дубайтии шифоҳӣ ба шакли чудогона табақабандӣ нашудааст. Дубайтӣ ё ҳамроҳ бо фоилҳои рубоиёт ё дар фоилҳои омихта, ки теъдоди онҳо низ хеле андак аст, дида мешавад. Теъдоди дубайтиҳо дар фоилҳои омихта аз 10-15 дубайтӣ ва дар фоилҳое, ки мухтасии рубоиёт аст ба 20-25 мерасрад, ки ба сурати пароканда дар ин фоилҳо аз суи фолклоршиносони тоҷик забту сабт шудаанд. Ҳосили ба даст омадаи дубайтиҳои шифоҳӣ дар ин фоилҳо ба 218 дубайтӣ мерасад, ки ин ҳаҷм нисбат ба қолаби рубоӣ ночиз аст. Яке аз авомили асилии табақабандӣ нашудани дубайтӣ дар табақабандии анвоъи маводи шифоҳии шуъбаи фолклори АМИТ, ҳамонанд будани қолаби дубайтӣ бо қолабӣ рубоист, ки ҳар ду қолаб дорои чаҳор мисроъ аст, ва танҳо дар вазн ва дар гузашта дар муҳтаво тафовут доштаанд. Вазни дубайтӣ бо ҳиҷои кутоҳ шуруъ мешавад ва ба шакли **њаљази мусаддаси маҳзуф** (мафоъїлун мафоъїлун мафоъїл) ва вазни рубоӣ бо ҳиҷои баланд ва ба шакли **њаљази ахраби макфуфи маљбуб** (мафъўлу мафоъїлу мафоъїлу фаъал) аст[36, 56-57]. Аз назари муҳтаво дар гузашта дубайтӣ мухтасси мазомини ошиқона ва рубоӣ мухтасси мазомини фалсафӣ, гардиши рӯзгор ва асрори сипеҳр ва мазоминӣ ахлоқӣ будааст, ҳар чанд баъдҳо ба хусус дар давраи муосир муҳтавову мазомин дар ин ду қолаб омихта шудааст.

Дубайтиҳо дар кутуби нашршудаи фолклорӣ

Аз соли 1965, ки фолклоршиносони тоҷик тасмим бар чопи кулиёти фолклори тоҷикро гирифтанд то се давра тавонистанд 43 ҷилди Кулиёти Фолклори тоҷикро барои чоп омода кунанд. Давраи аввали он аз соли 1965 то 1970 (20 ҷилд), давраи дуввум аз соли 1971 то 1980 (15 ҷилд) ва давраи сеюм 8 ҷилдро ташкил медиҳад, ки аз соли 1981-то соли 1990-ро дар бар мегирифт. Ҳамин тариқ 43 ҷилди “Кулиёти Фолклори Тоҷик” ба чоп омода гардид. Аз ин 43 ҷилд 6 ҷилди он ба табъ расид, ки онҳо аз ҷилдҳои “Масалҳо ва Афсонаҳо дар бораи ҳайвонот”, (соли 1981), “Библиографияи фолклори тоҷик” дар ду ҷилд, “Мақолу зарбулмасалҳо” ҷилди IV ва V ва байтҳо иборатанд [8, 144-145]. Танҳо ҷилди аввали кулиёт ба рубоиёт ихтисос дорад ва гунаи дубайтӣ ба шакли китоб омода нашудааст.

Фолкоршиносони тоҷик илова бар ҷамъоврии маводи шифоҳӣ, ба назм даровардани ин осор дар фонди фолклор, ва омода кардани Куллиёти фолклори тоҷик, таҳқиқоти судманд ва арзандае низ анҷом додаанд. Аксари фолклоршиносони тоҷик бо интихоби мавзуи марбут ба яке аз жанрҳои фолклорӣ рисолаи номзадӣ ва докторӣ дифоъ намудаанд. Рӯйи ин ду жанри муҳим, ки бештар дар адабиёти омиёна маъруфу машҳур ҳастанд, аз тарафи фолклоршиносон ва пажӯҳишгарони тоҷик, афғон ва эронї корҳои арзишманду судманде шудааст. «Намунаи фолклори халқҳои Афғонистон» нахустин китобе, ки дар ин замина дар Тоҷикистон чоп шудааст. Ин китоб соли 1965 дар Душанбе тавассути интишороти «Ирфон» ва дар 2015 тавассути итишороти «Эҷод» бознашр шудааст ва мураттибони китоб Н. Маъсумӣ ва М. Холов мебошанд[10]. Ин китоб танҳо китобест, ки ба гунаи дубайтии фолклории Афғонистон ба шакли мабсут таваҷҷуҳ кардааст, ҳарчанд дар китоб аз номи рубоиёт ва сурудаҳо ном бурда шудааст аммо дар асл манзур аз рубоиёт дубайтиҳост, ки таҳти унвони “дубайт” дар китоб дарҷ шудаанд. Ин китоб дорои 895 дубайтӣ, аз с 23 – 253 ва дорои 135 ландї аз с 253 – 282 ва дорои суруд ва таронаҳо аз с 283 – 317 аст. Дар ин китоб нависандагон дар 16 сафҳаи аввал ба аҳаммияти фолклор ва нахустин маҷмуаи фолклорӣ ва осори фолклорие, ки дар рӯзномаҳои Афғонистон аз тарафи фолклоршиносон чоп шуда, ишора намудаанд ва ҳамчунин бархе аз вежагиҳои ин осорро бозгӯ карда ва ба шакли хулоса ба мазмуну мӯҳтавои дубайтиҳо ва ландиҳо низ ишора шудааст.

Китоби дигаре дар ин замина, китоби «Гулбаргҳо» аст, ки намунаҳое аз сурудаҳои омиёнаи Афѓонстон дар он дарҷ шудааст[15]. Гирдоваранда, мураттиб ва муаллифи пешгуфтори ин китоб Додоҷон Обидов аст. Баргардони ин китоб ба дасти Шамсулњақќи Ориёнфар мебошад. Ин китоб дар Душанбе дар соли 1992 чоп шудааст ва аз як пешгуфтор, сурудҳои маросимӣ, марсияҳо, сурудҳои таърихӣ, сурудҳои кор ва пеша, сурудҳои ҳаҷвӣ, сурудҳои ошиқона иборат аст ва яке аз китобњои арзишманд дар заминаи фолклори Афғонистон ба ҳисоб меояд.

Китоби дигаре, ки дар Тоҷикистон ба чоп расидааст, «Фолклори даризабонони Афғонистон» аст [11]. Ин китоб дорои 284 дубайтӣ ва 45 рубоист. Њамчунин ба наздикӣ 3 ҷилд китоби «Фолклори Тоҷикони Афғонистон», аз тарафи шуъбаи фолклор ба нашр расидааст[31. 32]. Муаллифони ҷилди аввал ва дуюми ин китобҳо фолклоршиносони тоҷик Фатҳулоев Салоҳиддин ва Аҳмад Рӯзӣ ҳастанд. Ҷилди аввал дорои 144 дубайтӣ, 128 рубоӣ ва низ дигар жанрҳои фолклорӣ, аз ҷумла сурудҳо, афсонаҳо, зарбуламсл ва ... аст. Ҷилди дуюм низ дорои 749 дубайтӣ бо дигар жанрҳои фолклорист. Маводи ин ду ҷилд аз тарафи муаллифон ҳангоми, ки дар Афғонистон ба унвони мутарҷим машғул ба кор будаанд, ҷамъоварӣ шудааст. Ҷилди сеюми китоб, ки мутааллиқ ба нигорандаи ин мақола аст, мухтасси дубайтиҳои омиёнаи Афғонистон аст[16]. Дар ҷилди сеюм, дубайтиҳои тољикони Афғонистон аз назари мавзуъ ва муҳтаво табақабандӣ ва баррасию таҳлил шудаанд. Дар баррасӣ ва таҳлили ин осор дубайтиҳои ошиқона, дубайтиҳое дар мавзӯи зан, дубайтиҳои меҳанӣ, дубайтиҳои иҷтимоӣ, дубайтиҳои ғарибӣ ва баҳория бо тақсимбандӣ ва зершохаҳои он таҳлил ёфта ва натиҷагирї шудаанд. Ин 3 ҷилд китоб ба ду хатти форсӣ ва тоҷикї аз тарафи Академияи миллии илмњои Тоҷикистон чоп шудааст. Аз китобҳои фолклори Эрон, ки дар он жанри дубайтї дида мешавад ва дар Тоҷикистон чоп шудааст, метавон ба китоби «Намунаҳои фолклори Эрон» ишора кард[12]. Ин китоб дорои 300 дубайтист. Дар Афғонистон ҳам дар ин замина китобҳои зиёде чопу нашр шудааст. Аз ҷумла китоби «Як даста гул» , ки дорои 884 дубайтӣ ва 8 рубоист[40].

Китобҳои дигаре низ дар ин замина дар Афғонистон ва Эрон чоп шудаанд ва дар ҳоли чоп ҳастанд. Дар Тоҷикистон китобҳои фолклорї, ки дар ин ду қолаб чоп шудаанд, бешуморанд. «Баёзи фолклори тоҷик»; китобест дорои 6 ҷилд, ки аз тарафи фолклоршиносони тоҷик ба нашр расидааст. Ҷилди аввали ин китоб ба рубоиёт ва байтҳо ихтисос дорад[7]. Дар бахши таҳлилу баррасии мавзуии рубоиёт дар ин китоб дубайтӣ ҳамчун рубоӣ низ зикр шудааст:

Биродарҳо, шумо.бошен саломат,
Қи мо рафтем ай ҷаври маломат.
Худо хохад биёем ё наёем,
Ватан дар гӯру ваъда дар қиёмат[7, 12].

Чӣ шаб? Маҳтоб дорад ё надорад?
Ду чашмат хоб дорад ё надорад?
Ҳамон себе, ки дорӣ, ёр, дар даст,
Надонам, об дорад ё надорад[7, 20].

Дар охири ин китоб аз сафҳаи 151 -157 ҳудуди 67 дубайтӣ оварда шудааст. Зикри ин теъдод дубайтиҳо дар охири бахши рубоиёт ва бидуни унвони «дубайтӣ» аст, аммо танҳо дар оғози китоб ба қисми аввали китоб, ки аз тарафи фолклоршиносони тоҷик Раҷаб Амонов ва Шодигул Умарова ишора шудааст унвони рубоӣ ва дубайтиҳо низ зикр шудаанд[7, 5]. Зикри қолаби дубайтии шифоҳӣ бо теъдоди андак дар канори рубоиёт ва бидуни таҳлилу барраси ин қолаб дар ин китоб ба назар мерасад, ки ин қолаб чандон дар китоб муҳим набудааст.

Дар китобҳои дигар низ ба монанди «Байт ва рубоиёти кӯҳистони Зарафшон» [19], «Намунаҳои фолклори Дарвоз»[13], «Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода» [30] ва ..., метавон ин ду қолабро дид. Басомади болои пажӯҳиш ва таҳқиқ дар мавриди рубоёти шифоҳии тоҷик нишон аз аҳамияти ин жанр дар муқоиса бо жанри дубайтӣ дорад. Китобҳои ба монанди «Рубои халқӣ ва рамзҳои бадеї»[1], «Рубоиҳои халқии тоҷикї»[2], «Эҷодёти бадеї, халқ ва замон» [3], «Хоки ватан» [4], «Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеї» [5], ки дар ҳар кадом аз ин осор паҳлуҳои гуногуни рубоиёт баррасию таҳлили илмї шудаанд ва ҳар кадом аз ин осор кори бисёр арзишманд ва судманд дар заминаи адабиёти омиёна, бахусус жанри рубоӣ ба ҳисоб меоянд, аммо чунин таҳқиқи жарфу амиқ нисбат ба гунаи дубайтӣ нашудааст. Танҳо дар китобҳову пажӯњишњои донишмандони фолклоршинос, ба сурати пароканда жанри дубайтиро метавон дид. Монанди осори Рӯзї Аҳмад, Салоҳуддин Фатҳуллоев, ба монанди «Фолклори Кӯлоб» [33], «Фолклори Роғун» [34]. Илова бар ин бархе донишмандони тоҷик бо ин ки фолклоршинос набудаанд, аммо ба хотири алоқа ба фолклор ба сурати тафаннуни китобҳои марбут ба ин ду қолабро чоп кардаанд. Аз ҷумла «Себи самарқандї»[38], асари Мирзо Шукурзода, ки марбут ба жанри рубоист ва «Аз ин ҷо то Бухоро лола боша» [17], асари Раҳими Мусулмониёни Кубодиёнї, ки марбут ба жанри дубайтист. Њар кадом аз ин китобҳо ба навъе арзишманд ҳастанд. Бо ин вуҷуд дар пажӯҳиш ва таҳқиқоти фолклоршиносони тоҷик гунаи дубайтии шифоҳии тоҷик ба монанди дигар гунаҳои фолклорӣ ба шакли муҷаззо ё китоби ҷудогона ки, танҳо ба қолаби дубайтии омиёна таваҷҷуҳ шуда бошад мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст, танҳо китоби Раҳим Мусалмониён адабиётшиноси маъруфи тоҷик ҳамонтавр, ки зикр шуд танҳо ба гунаи дубайтии шифоҳии тоҷик ихтисос дорад ва ин китоб бо хатти форсӣ дар Теҳрон чоп шудааст. Дар китоби “Лирикаи халқӣ” низ дар таҳлили рубоиёт, дубайтиҳо ба унвони рубоӣ таҳлил шудааст [6, с. 28, 49, 53, 68, 77,], ки теъдоди онҳо хеле андак аст. Дар рисолаи доктори нигорандаи мақола, ки бо мавзуи “ Ҷамъовари рубоиёт ва дубайтиҳои шифоҳии мардуми тоҷик” дар донишгоҳи Теҳрон дифоъ шудааст теъдоди дубайтиҳо аз ҳудуди 23 дубайтӣ таҷовуз намекунад. Бо ин вуҷуд ба ин қолаб дар ин авохир таваҷҷуҳи бештари шудааст, яке аз фолклоршиносони тоҷик ба номи Олим Бухоризода корманди илмии шуъбаи фолклор, рисолае низ бо мавзуи “ Вижагҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ” [14] таълиф намудааст. Дар ин рисола дубайтиҳои омиёна бо дубайтиҳои расмӣ мавриди таҳқику баррасӣ қарор гирифтааст. Аз эшон низ чандин мақола бо мавзуи дубайтиҳои халқӣ ба чоп расидааст. Далоили камтаваҷҷуҳии фолклоршиносони тоҷик ба ин гунаи адабии шифоҳӣ мизони корбурди он назди мардум аст, ки дар ҷамъоварии маводи шифоҳии фонди шуъбаи фолклор низ таъдоди онҳо нисбат ба рубоӣ ҳамонтавр, ки қаблан зикр шуд, хеле кам аст. Ва далиле коробурди дубайтиҳои омиёна дар канори рубоиёти омиёна ё корбурди ҳар ду бо як ном дар кутуби нашршуда, низ ҳамонтавр, ки қаблан зикр шуд ҳамонандӣ ва шабоҳати ин ду қолаб аст, ки танҳо дар вазн тафовут доранд. Бинобарин, қолаби дубайтӣ аз назари фолклоршиносони тоҷик дур мондааст ва ба ин қолаб зиёд таваҷҷуҳ нашудааст. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки қолаби дубайтӣ дар Эрон ва Афғонистон дар миёни мардум роиҷтар аз қолаби рубоӣ аст, то ҷое, ки фолклоршиносони эронӣ муътақиданд, қолаби дубайти мухтасси шеъри омиёна аст [35]. Дар Тоҷикистон низ ҳамонтавр, ки дар сафаҳоти қабд дидед, дубайтиҳои омиёнаи Афғонистон бештар аз дубайтиҳои омиёнаи тоҷик нашр шудааст.

Нуфузи дубайтиҳо ва рубоиёт миёни мардуми форсизабон

Ҳамонтавр, ки дар сафаҳоти пеш зикр шуд, гунаи дубайтӣ дар фонди фолклори Институти забон ва дар миёни фолклоршиносони тоҷик нисбат ба гунаи рубоӣ як қолаби тақрибан фаромушшуда ба назар мерасад, ки на танҳо дар фонди шуъбаи фолклор ба шакли мустақилу муҷаззо табақабандӣ нашудааст, балки дар кутубҳои чопшуда низ ба ҳамин шакл аст. Нуфуз ва корбурди он низ дар миёни мардуми оддӣ чунин ба назар мерасад, аммо ҷойгоҳи рубоӣ нисбат ба дубайтӣ дар фолклоршиносӣ тоҷик комилан мутафовит аст, гунаи рубоӣ на танҳо дар фонди институт табақабандию баррасӣ шудааст, балки пажӯҳишҳ ва китобҳои зиёде низ дар ин замина аз суи фолклоршиносони тоҷик ба табъ расидааст, ки дар сафҳоти пеш ба он ишора шуд. Ин амр дар Эрон ва Афғонистон комилан баракс аст; яъне корбурд ва нуфузи дубайтӣ дар миёни мардуми оддии ин ду кишвари ҳамзабон бештар аз гунаи рубоӣ аст. Мизони корбурд ва нуфузи дубайтии шифоҳи дар миёни мардуми Эрон ва Афғонистон ва рубоӣ дар Тоҷикистон ба назар мерасад чанд омили муҳим аз чумла; *зоишгоҳи ин ду гуна аз назари таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ, шоирони дубайтисарои ғайри расмӣ, муҳтаво ва мазмун (дар гузашта)* ва *мусиқии фалак* муассир будааст.

Яке аз далоили нуфузи дубайтӣ дар Эрон ва Афғонистон решаи таърихии ин қолаб аст. Дубайтӣ аз назари донишмандони адабиёт реша дар паҳлавиёт ё фаҳлавиёти қабл аз ислом дорад ва танҳо қолаби шеърии форсист, ки ба давраи бостон бар мегардад. Шамисо дар китоби “Сайри рубоӣ”, луғати фаҳлавиро муаарраби паҳлавӣ дониста ва паҳлавиро забони асри Сосонӣ медонад, ки баъд аз ислом ба сурати лаҳҷаҳои мутаъадид дар атроф ва акнофи Эрон боқӣ монд ва ашъориро, ки бо ин лаҳҷа дар афвоҳи мардум сорӣ аст ба сурати муфрад фаҳлавӣ ва ба сурати ҷамъ фаҳлавиёт гуянд[7, 303]. Ҳамчунин зикр мекунад, ки фаҳлавӣ ҳалқаи робит байни шеъри пеш аз ислом ва баъд аз ислом аст[7, 333]. Вазни фаҳлавиёт дар давраи бостон мутааддид будааст ва баъд аз ислом ба шакли арузи расмӣ дар меояд ва қолаби дубайтӣ бар вазни имрӯзин аз зершохаҳои фаҳлавиёт аст, ки ба он тарона низ гуфта мешавад. Гунаӣ дубайтӣ дар

саросари Эрон ва Афғонистон танҳо дар миёни мардуми оддӣ роиҷ будааст ва шоирони расмии классик аз сурадани ин қолаб худдорӣ мекардаанд. Далели худдории шоирони расмии классик аз ин гунаи адабӣ забони омиёна, муҳтаво ва мазмуни он будааст. Дубайтӣ, ки реша дар паҳлавиёт дорад аз гузашта то ба имрӯз бо мазомини ошиқона ва шуру рақсу тараб ҳамроҳ аст ва аз назари забон низ дур аз забони фохири шеъри расмӣ аст. Баракси қолаби рубоӣ, ки аз назари муҳтаво фалсафӣ, ахлоқӣ ва дағдағаҳои фикрии вуҷуди инсон дар ин ҷаҳон аст, ки бо забони фохир аз суи шоирони расмӣ суруда шудааст. Дар натиҷаи чунин бархурди шоирони расмӣ нисбат ба ин ду гунаи адабӣ, боис шудааст, ки гунаи дубайтӣ дар саросари Эрон ва Афғонистон махсуси шоирони бумӣ ва мардуми оддӣ бошад ва ин қолаб нисбат ба рубоӣ бештар дар миёни мардуми оддии ин ду кишвар рушд кунад. Илова бар ин, шоирони ғайри расмӣ низ дар рушди ин қолаб дар ин ду кишвар муассир будааст. Шоирони ба монанди Бандори Розӣ (мутавоффо 401 ҳиҷрӣ) мансуб ба Рай, шоири дарбори Оли Буя, Рай ҳади марзи Хуросон бо маркази Эрон ва Ароқи Аҷам будааст ва ашъорӣ низ бо лаҳҷаи мардуми Рай сурудааст[7, 305]. Боботоҳири Урён (мутавоффо 410) шоири орифи Ҳамадонӣ, ки дубайтиҳое ба лаҳҷаи Лурӣ ба ӯ мансуб аст [7, 308]. Пури Фаридун авосити қарни шашум ва аҳли Шероз будааст [7, 310]. Шарафшоҳ орифи Гилакии Гилонии қарни ҳаштум, ки мунҳасиран дубайтӣ гуфтааст аммо дубайтиҳои он бо вазни аруз мутафовит аст[7, 312]. Муҳаммад Мағриби Табрезӣ (мутавоффо дар 809) эшон 14 дубайтӣ ба лаҳҷаӣ фаҳлавии озарӣ суруда аст, вазни ин дубайтиҳо ҳамон вазни ҳазаҷ аст[7, 313]. Муллосаҳари Теҳронӣ, шоири аҳди Сафавӣ, ба лаҳҷаи Теҳрони қадим ашъори омиёна дорад[7, 314]. Суфии Мозандаронӣ (мутавоффо 1035) шоири аҳди Сафавӣ аст ва чанд дубайтии омиёна дорад[7, 315]. Наҷмои Шерозӣ, бархе дубайтиҳои омиёнаи роиҷ дар байни мардуми оддии Эрон ба тахаллуси Наҷмо аст, ки ӯ аҳли шероз буда аст. Ҳафт достони Наҷмои Шерозӣ низ дар Эрон маъруф аст ва дубайтиҳо дар ин достон аз худи ҳамин шахс аст[7, 316]. Ҳусайно номи шоири маҳаллӣ аз Систон, ки достони ошиқонаи ӯ дар байни мардуми Систон маъруф аст ва номи вай дар дубайтиҳо низ зикр шудааст[7, 317]. Фоизи Даштситонӣ (мутавоффо 1330 қамарӣ ва 1289 шамсӣ) ӯ бо лаҳҷаи бумии даштӣ дубайтиҳои зебоӣ дорад[7, 319]. Ин шоирони мардумӣ, ки дар Эрон шинохташуда ҳастанд, дар рушду равоҷи дубайтии омиёна нақши муассирӣ доштаанд. Кишвари Афғонистон, ки бо Эрон ҳаммарз аст ва мардуми он бештар ба ин кишвар рафту омад доранд, ин қолаб низ дар миёни мардуми Афғонистон рушд кардааст. Аммо дар Тоҷикстон ҳамонтавр, ки қаблан зикр шуд, ин амр комилан баракс аст, яъне, нуфузи қолаби рубоӣ нисбат ба дубайтӣ дар миёни мардуми оддии Тоҷикистон бештар аст. Далоели он, метавонад зоиши қолаби рубоӣ аз назари ҷуғрофиёӣ дар ин минтақа бошад, ки аксари пашӯҳишгарони адабиёт ихтирои ин навъи адабиро ба падари шеъри форсӣ Абуабдуллоҳи Рудакӣ нисбат медиҳанд. Ва ин зоиши ҷуғрофиёӣ дар нуфузи ин қолаб миёни мардуми оддии Тоҷикистон таъсир доштааст. Илова бар ин, мусиқии суннатии фалак, ки махсуси мардуми оддӣ будааст, дар роиҷ будани рубоӣ нисбат ба қолаби дубайтӣ миёни мардуми оддӣ нақши калидӣ доштааст. Мусиқии фалак мусиқии суннатӣ ва мардумӣ буда ва дар гузашта ҳамроҳ бо рубоӣ ва дубайтӣ - ҳарчанд имрӯз фалаксароён бо қолабҳои дигаре ба монанди ғазал фалак месароянд - суруда мешавад, ки мазомини шеърии он фалсафа, сипеҳр, ситорагон, осмон, нуҷум аст. Аз муҳтаво ва мазмуни шеърии мусиқии фалак маълум аст, ки қолаби рубоӣ дорои чунин муҳтавои фалсафист, пас истифодаи рубоӣ дар ин навъи мусиқӣ як амри табиист. Илова бар ин, баррасие, ки аз тарафи мусиқишиносони фалак шудааст, матни шеърии анвоъи жанри фалакро рубоӣ медонанд ва истифода аз дубайтиро ба нудрат. Дар китоби “ Фалак” чунин омадааст: “Рубоихонӣ дар фалак суннати қадимтарини сарояндагӣ маҳсуб мешавад. Рубоихонӣ дар ҳамаи шаклҳои фалак ҷо дорад. Он асоси фалакхонии тоҷикро ташкил медиҳад. Нуфузи рубоӣ дар фалак хеле бузург аст. Он дар фалак ба сифати қолабсозӣ зоҳир мегардад: аз руйи қофиябандӣ ва ҳаҷми мисраи рубоӣ сатҳои гуногун ҷараёни шаклсозии асари мусиқӣ дар фалак ташаккул меёбад. Асли чормуқом низ дар шакли рубоӣ нақшбастааст. Рубоихонӣ ҳамаи чор муқоми фалак хуле устувор аст” [18, 27].

Мусиқии фалак анвои зиёд дорад, ба монанди фалаки даштӣ, фалаки сафарӣ, фалаки ғарибӣ, роғӣ, қаландарӣ, паррон, дарӣ, бепарвофалак, Фалак- рапо, фалак – муноҷот, фалак – мадҳия, фалаки созӣ, ки дар ин китоб матни шеърии тамоми анвъои мусиқии фалакро рубоӣ ва дар бархе аз он, рубоию ғазал ва танҳо дар навъи навозандагии шаҳд, ки қисми аввали фалаки силсилавӣ аст, рубоӣ, дубайтӣ, ва байте аз ғазал ташкил додааст” [18, 28-32]. Ба назар мерасад, дар фалакҳое, ки ба шакли силсилавӣ суруда мешаванд, маъмулан матни шеърҳои онҳо мухталиф аст.

Дар ин китоб намунаҳое аз нотаи мусиқии фалак низ зикр шудааст, ки аксари матни шеъри онҳо рубоӣ, рубоӣ ва ғазал аст, танҳо дар оҳанги шаҳди роғӣ матни мусиқии он, ки ба номи Карими Девона зикр шуддааст, бар вазни ба монанди дубайтӣ аст, аммо дорои 4 рукн аст “ Надонам, эй фалак, аз чӣ сабаб дори ба мо кина...” ҳамчунини дар ҳамин бахш, ғазалеро аз Пайрави Сулаймонӣ дар нотаи даромади равонаи роғӣ овардааст, ки ин ғазал ҳам бар ҳамин вазн аст[18, 127]. Ҳамонтавр, ки дидед, матни шеърии мусиқии фалак дар қадим рубоӣ будааст ва истифодаи ғазал ё анвъои дигари адабӣ, имрӯз боб шудааст, бинобарин ба ҷуръат метавон гуфт, ки мусиқии фалак, ки аз қадим вирди забони мардуми оддӣ будааст ва дар кишту корҳои ҷамъиятӣ замзама мешудааст, дар рушд ва ривоҷӣ рубоӣ миёни мардуми оддии тоҷик таъсири зиёде доштааст.

Бо таваҷҷуҳ ба таҳлилу баррасиҳои зикршуда, метавон ба ин натиҷа расид, ки дар табақабандии анвоъи адабии фолклорӣ дар маводи фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, ки жанрҳои фолклори бар асоси илми фолклоршиносӣ дар он табақабандию ҷамъоварӣ шудаанд, ба дубайтиҳои омиёна чандон аҳамияте дода нашудааст ва маъмулан дубайтӣҳо ба сурати пароканда на ҳамчун як гунаи мучаззо, дар миёни рубоиёт ва дигар жанрҳои фолклорӣ забту сабт шудааст. Дар кутуби нашршудаи фолклорӣ низ, дубайтиҳои омиёна ҳамчун як навъи адабӣ ба шакли мучаззову мустақил ё китоби ҷудогона ба монанди дигар анвоъи адабии шифоҳӣ ба хусус қолаби рубоӣ табақабандию таҳлил нашудааст, ҳарчанд дар ин авохир, фолклоршиносони тоҷик ба ин гунаи фолклорӣ бештар таваҷҷуҳ кардаанд, то ҷое, ки ҳамчун як жанри фолклори ва мучаззо аз дигар жанрҳои фолклорӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Иллати камтаваҷҷуҳӣ ба дубайтиҳои омиёна ва зикри он ҳамроҳи рубоиёти омиёна метавонад ҳам аз ҷиҳати ном бошад, ки дубайтӣ ва рубоӣ ҳар ду номи муштарак доштаанд ва ҳам аз ҷиҳати ҳамонанд будани қолаби онҳост, ки танҳо дар вазну мавзуъ тафовут доранд. Мизони нуфузи дубайтӣ миёни мардуми тоҷик дар муқоиса бо рубоӣ хеле камтар аст, баракси рубоӣ, ки дар тамоми зиндагии мардуми оддии тоҷик соя афкандааст. Яке аз авомили аслии нуфуз ва роиҷ будани рубоӣ дар муқоиса бо дубайтӣ миёни мардуми оддии тоҷик мусиқии фалак аст, ки дар густариши рубоӣ нақши калидӣ доштааст. Дар кишвари Эрон ва Афғонистон ин нукта комилан баракс аст ва корбурди дубайтии шифоҳӣ, ки аз назари фолклоршиносони Эрон мухтасси шеъри омиёна аст, бештар аз рубоиёт аст ва авомили он метавонад қолаб, вазн, муҳтаво, корбурди онҳо дар адабиёти расмӣ ва шифоҳӣ бошад, ки дар роиҷ будани онҳо дар адабиёти расми ва оимёнаи ин ду кишвар муассир будааст.

КИТОБНОМА

Амонов Раҷаб. Рубоиҳои халқӣ ва рамзҳои бадеї / Р. Амонов. –Душанбе: Дониш, 1987. – 294 с.

Амонов Раҷаб. Рубоиҳои халқии тоҷикї / Р. Амонов. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 102 с.

Амонов Раҷаб. Эҷодёти бадеї, халқ ва замон / Р. Амонов. –Душанбе: Ирфон, 1970. – 168 с.

Амонов Раҷаб,Исроилова Т, Нозимов С. Хоки ватан/ Р. Амонов. –Душанбе: Суруш 2002. – 300 с.

Амонов Раҷаб. Њақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеї / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 350 с.

Амонов Раҷаб. Лирикаи халқӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.

Амонов, Р. Умарова, Ш. Азимов, Н. Исроилова, Т. Баёзи Фолклори тоҷик, ҷ 1. Р. Амонов. Ш. Умарова. Н. Азимов. Т. Исроилова. – Душанбе: Интишороти Ирфон 1985. –287 с.

Д. Саймиддинов. Институти забон ва адабиёти Рӯдакӣ 70 / Саймиддинов Д. – “ Деваштич”, 2004. –152 с.

Набавӣ Абдухолиқ. Ибтидои пажўҳиши бонизоми фолклори тоҷик/ Абдухолиқ Набавӣ / Номаи пажўҳишгоҳ, № 2. – С. 162.

Н. Маъсумӣ. М. Холов. Намунаи фолклори халқҳои Афғонистон шомили рубоиёт ва суруадњо / Маъсумӣ. Н. Холов. М. –Душанбе: Ирфон, 1965. –318 с.

Норматов Сангин. Фолклори даризабонони Афѓонистон / Сангин. Норматов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 312 с.

Намунањои фолклори Эрон. Тартибдињандагон. А.У. Шурасут, Неъматов. –Душанбе: 1963. –386 с.

Намунаҳои фолклори Дарвоз. Мураттаб: А.З. Розенфелд. Нашриёти давлатии Тољикистон, 1955. – 171 с.

Олим Бухориев. Вижагҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ. Раҳбари илмӣ: Равшан Раҳмон. Бухориев. Олим. –Душанбе: 2023. – 184 с.

Обидов Додоҷон. Китоби “Гулбаргњо”, намунае аз сурудањои Афѓонистон. Баргардон ба хатти форсї Шамсулњаќи Ориёнфар. Додоҷон. Обидов. –Душанбе: 1992. – 205 с.

Оймаҳмадов Рустам. Фолклори Тољикони Афѓонистон (ҷилди 3) / Рустам. Оймаҳмадов . – Душанбе: Дониш, 2023. – 442 с.

Раҳими Мусулмониёни Ќубодиёнӣ. Аз ин ҷо то Бухоро лола боша – Ќубодиёнӣ . Мусулмониёни Раҳимӣ. –Теҳрон: Нашри Бесутун, 1379.

Саъдулло Каримов. Фалак / Каримов Саъдулло / ЉДММ «ЭР-граф» –Душанбе, 2019. – 400 с.

С. Мирсаидов. Байт ва рубоиёти кўњистони Зарафшон / Мирсаидов . С. –Душанбе: Дониш 1982. –288 с.

Фолклори Ҳисор. 1951. ФД-Х к-60 ч-1. Ахророва Солиха

Фолклори Уротеппа. 1968. ФБІ:7991-8675. Ҷ. Рабиев

Фолклори Норак. 1961. 9268-9669 НРК І:9283. Ҳ. Ҳисомов

Фолклори Кулоб. 1949 -50. ФД ФТ ФК. К-16 Ҷ-1 І: 3028, Ти 7. К. Шатанов

Фолклори Кулоб. 1950. І:8679? 1-6 Ти 6 . Қараев Н

Фолклори Кулоб. 1949-50. ФДФТ ФК.К-16 Ҷ-2. І:3430-3837

Фолклори Кулоб. 1950. ФДФТ. Ф.К. К-20 Ҷ-1. І:7563. 1-7 Т. КЛБ -50

Фолклори Кӯлобу Қаротегин. 1941-1946. Д-ФҚҚ, ФФІ: (дастнавис)

Фолклори Кӯлоб. 1960. ФДФК қ.51 ҷ.2 с1960. ІІ:3431-3816. Тартибдиҳанда:Салоҳиддин Фатҳулоев (машинка.)

Фолклори Кӯлоб. 1959. Ҷамъкунанда: Аҳророва С. Соли 1963 аз чопимашинка баромад .руйнавискунанда :Ф. Муродов.

Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода, гирдоварӣ ва тадвини Рӯзї Аҳмад ва Дилшод Раҳимов. – Душанбе: «позитив сервис» 2012. – 172 с.
Фатњуллоњев, Салоњиддин. Ањмад Рӯзї. Фолклори Тољикони Афѓонистон (ҷилди 1) / Салоњиддин. Фатњуллоњев. Рӯзї. Ањмад. –Душанбе: Дониш, 2020. –380 с.
Фатњуллоњев, Салоњиддин. Ањмад Рӯзї. Фолклори Тољикони Афѓонистон (ҷилди 2) / Салоњиддин. Фатњуллоњев. Рӯзї. Ањмад. –Душанбе: Дониш, 2021. – 396 с.
Фатҳуллоев. С. Муродов Ф. Фолклори Кӯлоб / Ф. Муродов. С. Фатҳуллоев. – Душанбе: Дониш, 2016. – 577 с.
Фатҳуллоев С. Аҳмад Р. Фолклори Роғун / Р. Аҳмад. С. Фатҳуллоев. –Душанбе: Аргарф, 2017. – 500 с.
Ҳасан. Зулфақорӣ. Таҳлили гунашиносии дубайтии форсӣ дар адаби ома / Зулфақорӣ. Ҳасан. – Нашрияи илмӣ. Ҷусторҳои навини адабӣ. № 2014. Поизи 1400. Сафаҳот 121 -142.
Шамисо, С. Ошноӣ бо арӯз ва ќофия / С. Шамисо. – Тењрон: Фирдавс, 1379. С. 56 – 57.
Шамисо, С. Сайри рубоӣ дар шуъри форсӣ / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1374 шамсӣ − 392.
Шукурзода Мирзо. Себи самарқандӣ / Мирзо. Шукурзода. – Теҳрон: Равзана, 1379, − 128 с.
Шеър ва сурудҳои халқӣ. 1941 ФФХ: 6203,1, Д Ш Н. Тартибдиҳанда: А Бузургзода.
“Як даста гул”. Гирдоварнда: Муњсин Самангонї: –Кобул: Дониши Хапарандвия. 1387, − 232 с.

The Role of the 14th Century Poets Influence of Zukhuri Turshezi on Galiba in Combination of Gazals
ТАЪСИРИ ЗУЊУРЇ БАР ҒОЛИБИ ДЕҲЛАВЇ ДАР ЭЉОДИ ҒАЗАЛ

Sharipov Sharif RAHMONOVİCH, Kalonova Mahina DJUMABOEVNA
Assoc. Prof., Tajik Language and Documentation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Tajikistan
m.kalonova@mail.ru, ssssharif@mail.ru

Abstract
The article attempts to reflect the influence of Zukhuri on Golib Dehlavi in the reflection of thought, rhetoric, art, rhythms and rhymes of poetry.
According to the authors, the poetry of Ghalib can be considered a variation of the Zukhuri style, but Ghalib did not completely write poetry under the influence of Zukhuri, because Ghalib is one of those poets who laid the foundation for a return to the Iraqi style, "often using concepts of words and terms, and in his Poetry we rarely meet with the complex terms that are characteristic of the Indian style. " Golib Dehlavi's style is Indian and he is one of the good poet of this style and his poetry is full of Indian style.
Golib followed Zukhuri's poetry in language of expression, composition, imagination, rhyme and rhythm, as well as thinking and reasoning.
Ghalib's poetry is often simpler than Zuhuri gazelles, far from complex terms like Iraqi style.
Golib in verses, performed in imitation of Zukhuri, from the point of view of the construction of beits, the choice of words and compositions, and, most importantly, imagination and form of thought, is rarely achieved.

Keywords: Art, Composition, Gazelle, Golib, Image, Imagination, Indian style, Poetry, Paradox, Redif, Rhythm, Text, Zukhuri Turshezi.

Хулоса
Дар маќола кўшиш рафтааст, ки таъсири ѓазалиёти Зуњурї бар Ѓолиби Деҳлавї дар андеша, радиф, корбурди таркиботи хос, вазни шеърї ба ќалам равад. Ба пиндори муаллифон шеваи шеъри Ѓолибро мусаммаман метавон як навъ шеваи Зуњурї донист, аммо ѓазали Ѓолиб он гармо ва маъвои шеъри Зуњуриро надорад, зеро Ѓолиб яке аз он шоиронест, ки дар шеъри худ заминаи бозгашт ба сабки ироќиро тарњ андохта, "дар бештар маворид сабке осон ва ба дур аз ибњомот ва печидагињои вежаи сабки њиндист" ва "бисёре аз ашъорашро ба сабке возењ ва осон пардохта"-аст. Сабки баёни Ѓолиби Деҳлавї њиндї бда, ў яке аз саромадон ва нозукхаёлони ин сабк буда, шеъраш саршори вежагињои сабки њиндист.
Чашмандози таассури Ѓолиб аз Зуњурї бар мабнои сабк, забони баён, таркибот, сувари хаёл, вазн ва мусиќоии канорию берунии ѓазал, тариќи тафаккур ва машраби андеша дар равиши муќоиса ва тањлил мавриди баррасї ќарор гирифтааст.
Шеъри Ѓолиб нисбат ба ѓазалиёти Зуњурї дар бештар маворид сабки осон, дур аз печидагињо ва ибњом буда, ба мисли сабки ироќї возењтар аст.
Ѓолиб дар ашъоре, ки ба истиќболи Зуњурї сурудааст, аз назари бофти мисраъ ва байт, интихоби вожагон ва таркибот ва аз њама муњим сувари хаёл ва форми андеша кам дастёб шудааст.

Калидвожањо: Зуњурї, Ѓолиб, Ѓазал, Вазн, Шеър, Сабки Њиндї, Радиф, Тасвир, Породокс, Ибњом, Сувари Хаёл, Таркиб, Матн, Њунар.

Мизони таъсирпазирї дар адабиёт як амри воќеї ва густурдаест, ки аз як чашмандоз мадлули ашъори шоиронро мутанаввеъ гардонида, аз манзари дигар шањодати як навъ силсилапайвандии њамин адабиёт аст. Дар адабиёти мо эљод шудани беш аз 150 достон бо номи «Лайлї ва Маљнун», «Хусрав ва Ширин» матлаби моро истидлоли бориз аст ва пайравии адабї мактаби вежаеро ба вуљуд овардааст, ки њар адиби маъруф ба машраби фикрии њамасрон ва адибони баъдї решаи таъсирпазирии адабї давондааст. Чунончи, Унсурию Манучењрї ва Рашиди Самарќандї тањти таъсири Рўдакї, Хољўи Кирмонию Салмони Совалї монда, садњо шоирони баъдї (масалан, Зуњурии Туршезї, Соиб, Ѓолиб, Бедил) зери иќлими сухани Њофизи Шерозї ва теъдоди вуфури шоирон (бар амсоли Туѓрал, Парии Њисорї, Зуфархон Љавњарї, Њасрати Њисорї, Њодии Самарќандї, Њайрати Бухорої) аз нури офтоби шеъри Бедил хонаи мероси адабии худро равшан кардаанд.

Ѓолиби Деҳлавї дар эљоди ѓазал ба Њофизи Шерозї, Бедил, Соиб, Калим, Носиралии Сарњиндї, Волаи Доѓистонї, Назирии Нишопурї, Урфии Шерозї[7, 101-124] ва бештар аз њама ба Зуњурии Туршезї пайравї намудааст[7, 105], ки ин таассури худро дар ѓазали аввали девонаш ба ќалам додааст:

Ѓолиб аз сањбои ахлоќи Зуњурї сархушем,
Порае беш аст аз гуфтори мо кирдори мо[2, 21].

Дар байти зерин "авроќи китоби Зуњуриро шерозаи раги љон кардан"-и шоир "ба назму насри мавлоно Зуњурї зинда будан"-и хешро Ѓолиб чунин дарљ кардааст:

Ба назму насри мавлоно Зуњурї зиндаам, Ѓолиб,
Раги љон кардаам шероза авроќи китобашро[2, 35].

Њасани Пуролоштї «забони шеъри Толиби Омулиро идомаи забони Урфӣ ва Зуҳурии Туршезӣ гуфта[8, 127], ки дар заминаи ин нигариш "сози баён"-и Ѓолибро мусаммаман метавон як навъ шеваи Зуњурї донист, аммо ѓазали Ѓолиб он гармо ва маъвои шеъри Зуњуриро надорад, зеро Ѓолиб яке аз он шоиронест, ки дар шеъри худ заминаи бозгашт ба сабки ироќиро тарњ андохта, "дар бештар маворид сабке осон ва ба дур аз ибњомот ва печидагињои вежаи сабки њиндист" [7, 105] ва "бисёре аз ашъорашро ба сабке возењ ва осон пардохта"-аст[3, 101]. Аммо ин нукта иддаои онро надорад, ки сабки баёни Ѓолиби Деҳлавї њиндї нест, балки ў яке аз саромадон ва нозукхаёлони ин сабк буда, шеъраш саршори вежагињои сабки њиндист. Ба пиндори Кадканї "ўро бояд ѓазалсарои барљастае дар шеваи њиндї ба шумор овард ва шояд бузургтарин суханваре бошад, ки аз ќарни сездањум ба баъд дар шибњи ќораи њинд ѓазал сурудааст":

Ѓолиб, аз ман шеваи нутќи Зуњурї зинда гашт,
Аз наво љон дар тани созi баёнаш кардаам[2, 143].

Ѓолиб дар сифоти Зуњурї ва манзалату таассури шеъри ў гуфтааст:

Доман аз каф чї гуна кунам рањо,
Толибу Урфию Назириро.

Хоса рўњу равони маъниро,
Он Зуњрї љањони маъниро.
Он, ки аз сарфарозии ќаламаш
Осмонсост парчами аламаш.
Тарзи андеша офаридаи ўст,
Дар тани лафз љон дамидаи ўст.
Пушти маънї ќавї зи пањлуяш,
Хомаро фарбењї зи бозуяш[2, 271-272].

Шоир дар дебочаи маљмўаи ашъори форсї ва урдуи худ таъти унвони “Гули раъно” рољеъ ба бардошти адабии хеш аз мутолааи девони шоирони форсу тољик изњори матлаб карда, дар мавриди таассури Зуњурї ба шеъри ў гуфта, ки “Зуњурї ба саргармии гироии нафасњирзе ба бозу ва тўша ба канорам баст” [2, 308].

Муњаббати Ѓолиб бар Зуњурї то ба љоест, ки дар маќтаи ѓазали аввалини девонаш мисраи “Порае пеш аст аз гуфтори мо кирдори мо”-и Зуњуриро тазмин кардааст[10, 16]:

Ѓолиб аз сањбои ахлоќи Зуњурї сархушем,
Порае беш аст аз гуфтори мо кирдори мо[2, 21].

Чашмандози таассури Ѓолиб аз Зуњурї бар мабнои сабк, забони баён, таркибот, сувари хаёл, вазн ва мусиќоии канорию берунии ѓазал, тариќи тафаккур ва машраби андеша дар равиши муќоиса (синтез) ва тањлил (анализ) мавриди баррасї ќарор мегирад, ки бо таваљљуњ бар таъсирпазии мењвари андешаи шоир ин масъаларо мавриди нахусти баррасї ќарор медињем.

Зуњурї дар маќоми бехудї ќарор дорад ва ин макони фаровоќеии шоир иллати дурї аз ѓам ва дард аст:

Агар гуфтам, ки тарки **бехудї** кардам, макун бовар,
Ба њарфе хотири ѓамхори худро шод мекардам[10, 466].

Ѓолиб низ дар њамин марњила аст ва мояи аслии дар бехудї ќарор гирифтани ў низ як навъ гурез аз ѓам аст:

Бехудї карда сабукдўш фароѓе дорам,
Кўњи андўњ раги хоби гарон аст маро[2, 25].

Зуњурї:

Гарчи **оина ба ташхиси нафас** меорам,
Зўри тўфон ба гањи оњ кашидан дорад[10, 237].

Ѓолиб:

Њайратзадаи љилваи найранги хаёлем,
Оина мадоред **ба пеши нафас**и мо[2, 33].

Корбурди важагон ва таркиботи шабењи ашъори шуарои њамаср ва ё пешин њаргиз мояи хотирнишинї ва дилпазирии шеър нест[13,75; 14, 67;], аммо њунари адабї аз ибтизоли тасвирњои такрор ильтиноб гирифтан ва омезиши сувари хаёл бо “тарз”-и тоза аст[4, 118; 11, 200; 12, 116;], ки ин муњассаноти шеърї дар Ѓолиби Дењлавї ба вуфур иттифоќ афтода, вале дар нисбат ба шеъре, ки ба истиќболи Зуњурї сурудааст, аз назари бофти мисраъ ва байт, интихоби вожагон ва таркибот ва аз њама муњим сувари хаёл ва форми андеша кам дастёб шудааст.

Таъсирпазирии Ѓолиб аз Зуњурї дар намунаи таркибот:

Зуњурї

Даъвии ишќ дар айёми ман ин сурат ёфт,
То ба ањдат сухани њусн чї бемаънї буд[10, 265].

Ѓолиб:

Даъвии ишќ зи мо кист, ки бовар накунад,
Мељањад хуни дили мо зи раги гардани мо[2, 26].

Зуњурї

Магар **тори нигоњу** сўзани мижгон шавад њозир,
Ки дил бо чоки љайби сабру тоќат аз руфў гўяд[10, 375].

Ѓолиб:

Тори нигоњи пайрави мо силки гавњар аст,
Рафтори пойи обиладори худем мо[2, 27].

Зуњурї

Саволи зўњди Зуњурї њарифсозон нест,
Ба гўш **њалќаи риндон**и порсо бикашам[10, 532].

Ѓолиб:

Њисори офияти гар њавас кунї, Ѓолиб,
Чу мо ба **њалќаи риндон**и хоксор биё[2, 30].

Зуњурї

Сўрох гашта синаам аз **доѓи њайрате**,

Мехост орзукадаам равзане чунин[10, 582].
Ѓолиб:
Саводаш **доѓи њайронї**, ѓубораш арзи вайронї,
Љањонро дидаму гардидам ободу харобашро[2, 35].
Зуњурї
Чї душвор аст **забти нолаи** беихтиёр, оре,
Кашад аз бими бедардон забон дар ком афѓонам[10, 558].
Ѓолиб:
Ба љурми тоб **забти нола** бо ман доварї дорад,
Зи шухї мешуморад зери лаб дуздидан афѓонро[2, 36].
Зуњурї:
Ризвон, ки **ранги гул** зи гули рўи ў шикаст,
Сад хор дар дил аз чамани кўи ў шикаст[10, 164].
Ѓолиб:
Париданњои **ранги гул** шафаќ гардад гулистонро,
Канори навбањор андар танўри лола месўзад[2, 36].
Зуњурї
Гаштаам коњеву меоям гарон бар хотираш,
Бар дилам сад **кўњи андўњ** асту бар ў бор нест[10, 118].
Ѓолиб:
Бехудї карда сабукдўш фароѓе дорам,
Кўњи андўњ раги хоби гарон аст маро[2, 25].
Метавон дар ашъори Ѓолиб таркиботи зиёди дигари карбастаи Зуњуриро дарёфт, ки мояи сувари хаёли шоир шудаанд:
Зуњурї:
Туро касе, ки дар **оинаи хаёл** надорад,
Хабар зи љилваи хуршеди безавол надорад[10, 387].
Ѓолиб:
Ѓолиб чу шахсу акс дар **оинаи хаёл**,
Бо хештан якеву дучори худем мо[2, 27].
Зуњурї:
Бигрифт хун зи **љавњари теѓ**и ту ќисмате,
Он нестам, ки орзуи хунбањо кунам[10, 538].
Ѓолиб:
Дар нома то навиштї бар ман навиди ќатле,
Дар дил чу **љавњари теѓ** љо додаам раќамро[2, 29].
Зуњурї:
Барам ба хидмати бутхона љабња бинмоям,
Ки **саљдаи санам** аз барњаман намеояд[10, 247].
Ѓолиб:
Зоњид маноз чандин зуннорам, ар гусастї,
Аз љабњаам надуздад кас **саљдаи санам**ро[2, 29].
Зуњурї:
Зуд бар **нахли њавас** не барг мемонад на бор,
Ларзаи њасрат чунин гар мединад афшони мо[10, 1].
Ва:
То ба дил решаи мењри Шоњи Наврас надавад,
Аз куњан**нахли њавас** ком ба навбар надињанд[10, 305].
Ѓолиб:
Њар љо рами сангест дароварда сари хеш,
Дар банди барўмандии **нахли њавас**и мо[2, 33].
Зуњурї:
Љинси нафис нест, Зуњурї, агар дилат,
Дар байъаш **ањли њусн** чаро ин ѓулў кунанд[10, 262]?
Ѓолиб:
Даро бе худ ба бозигоњи **ањли њусн**, то бошї,
Ба рўи шуъла гарми машќи љавлон найсаворонро[2, 34].
Зуњурї:
Аќлро **шўри љунун** зеру забар дорад дигар,
Зери лаб дигар чи мегўї, фусунхонї бас аст[10, 446].

Ѓолиб:
Чашм бар тозагии **шӯри љунун** дӯхтааст,
Дар хазон беш бувад мастии девонаи мо[2, 39].
Зуњурї:
Дар сояи ором гар аз заъф нишастем,
Завќи талабу нисбати таъљил њамон аст[10, 166].
Ѓолиб:
Роњати доимии **завќи талаб**ро нозам,
Гарди намнок бувад соя биёбони туро[2, 40].
Зуњурї:
Доди наззора дидаи ќурбониён дињад,
То рӯзи њашр **љилваи ќотил** баробар аст[10, 148].
Ѓолиб:
Ба фиреби асари **љилваи ќотил** сад бор,
Љон ба парвонагии шамъи мазор омаду рафт[2, 58].
Таассури Ѓолиб аз Зуњурї дар мусиќии канорї(радиф):
Зуњурї:
Эй ѓофил аз шукуфтагии навбањори субњ,
Пургул нашуд зи ашки ту љайбу канори субњ[10, 184].
Ѓолиб:
Бодаи партави хуршеду аёѓи дами субњ,
Муфти онон, ки дароянд ба боѓи дами субњ[2, 72].
Зуњурї:
Аз њама худро нарањондам, дареѓ,
Њеч мапурс, аз њама мондам, дареѓ[10, 440].
Ѓолиб:
Њангоми бӯса бар лаби љонон хурам дареѓ,
Дар ташнагї ба чашмаи њайвон хурам дареѓ[2, 132].
Зуњурї:
Ишќи бутон сиришта вафо дар сиришти мо,
Бар субњи Каъба тофта шоми куништи мо[10, 14].
Ѓолиб:
Бодаи мушкбӯи мо, беду канори киштии мо,
Кавсару салсабили мо, тӯбии мо, бињишти мо[2, 38].
Таассури Ѓолиб аз Зуњурї дар мусиќии канорї(радиф) ва мусиќии берунї(вазн):
Зуњурї:
Сӯзи ишќ аст, ки парвона ба болу пари шамъ,
Хешро гармтар аз шуъла кашад дар бари шамъ[10, 439].
Ѓолиб:
То тафи шавќи ту андохта љон дар тани шамъ,
Шарар аз ришташ хеш аст ба пирањани шамъ[2, 131].
Зуњурї:
Чошнї аз њарфи зањраш тарњ бар гуфтори мо,
Ёди захмаш марњаме бар синаи афгори мо[10, 11].
Ва:
Меравад берун газанди уќдањо аз кори мо,
Ишќ месӯзад сипанд аз субња бар зуннори мо[10, 12].
Ѓолиб (ѓазали аввали девони шоир):
Гар биёї маст ногањ аз дари гулзори мо,
Гул зи болидан расад то гӯшаи дастори мо[2, 21].
Зуњурї:
Софи Кавсар наме аз дурдии паймонаи мо,
Љоми Хуршеди сафои дари майхонаи мо[10, 3].
Ѓолиб:
Ларза дорад хатар аз њайбати вайронаи мо,
Селро пой ба санг омада дар хонаи мо[2, 39].
Зуњурї:
Боз мераќсад љунун аз ѓулѓули занљири мо,
Боз дар кӯи харобї мекунад таъмири мо[10, 10].
Ѓолиб:

Гар биёї маст ногањ аз дари гулзори мо,
Гул зи болидан расад то ґўшаи дастори мо[2, 21].
Зуњурї:
Аз тоби сина шуъла баровард доґи мо,
Сарсар тапончае нахўрд аз чароґи мо[10, 12].
Ґолиб:
Дар гарди ґурбат оинадори худем мо,
Яъне, зи бекасони диори худем мо[2, 27].
Зуњурї
Мањраме ку, ки барад пеши касе номи маро,
Во кунад сарсухани номаву пайґоми маро[10, 14].
Ва:
Нест љуз майкашию риндвашї чора маро,
Порсої шуда рањбар ба ту, майхора маро[10, 22].
Ґолиб:
Сўзи ишќи ту пас аз марг аён аст маро,
Риштаи шамъи мазор аз раги љон аст маро[2, 25].
Зуњурї:
Бањор омад љунун дигар ба сањро мебарад моро,
Хамўшї боз бар њангомабандї дошт ґавґоро[10, 25].
Ґолиб:
Намебинем дар олам нишоте, к-осмон моро,
Чу нур аз чашми нобино зи соґар рафт сањборо[2, 22].
Наздикрадиф:
Зуњурї:
Аз ту бадмењр љуз љафо ґалат аст,
Арзи хубї мабар, вафо ґалат аст[10, 160].
Ґолиб:
Такя барањди забони ту ґалат буд, ґалат,
К-ин худ аз тарзи баёни ту ґалат буд, ґалат[2, 130].
Таркиботи наздикмаъно:
Зуњурї
Дар он сањро, ки мегардад самандар мушти хокистар,
Мабод андешаи парвоз болупарпарастонро[10, 33].
Ґолиб:
Мушти ґубори мост пароканда сўи ба сў,
Ё Раб, ба дањр дар чї шумори худем мо[2, 27].

Бар саботи пиндоре, ки Ґолиб дар ашъори ба истиќболи Зуњурї сурудааш нисбатан камтар комёб шудааст, аз зовияи диди Муњаммад Амри Машњадї, Абдуллоњ Вотиќи Аббосї, Муњаммакдризои Машњадї[7, 105] ва Шафеи Кадканї[6, 115-123] чашм намекушоем. Танњо масоили корбурдии мо дар истифодаи бархе аз вежагињои сабки њиндї: вуљуди лаґзишњое дар гуфтор, шикастани њудуди мазомини ќарордодї, њисомезї (Synaesthesia), тасвирњои породоксї (Oxymoron), сурати мухайяли эљоз, корбурди вобастањои ададї (Determiner), таркиботи хос, ташхис (Prsonification), таљридї (Abstrection), дард ва шўри хос[1, 72-74] буруз карда, ки мушаххасан дарљ мешаванд. Чунончи, ґазали аввали девони Ґолиб, ки бо ґазали зерини Зуњурї дорои “замин”-и (аз њайси мусиќии каноpї ва берунї баробаранд) муштараканд[6, 115] ва, албатта, ґазали Ґолиб дар “замин”-и ґазали Зуњурї суруда шудааст, мавриди бањси мост. Дар ґазали Ґолиб ќофияи “зуннор” нест, аз ин љо, шартан матлаи њарду ґазалро ба маърази мубоњиса кашидем.

Зуњурї:
Меравад берун газанди уќдањо аз кори мо,
Ишќ месўзад сипанд аз субња бар зуннори мо[10, 12].
Ґолиб:
Гар биёї маст ногањ аз дари гулзори мо,
Гул зи болидан расад то ґўшаи дастори мо[2, 21].

Дар Зуњурї лаґзиши гуфтор “сипандсўзии ишќ” ва “бурун рафтани газанди уќда”, дар Ґолиб “болидани гул”, шикасти мазомини ќарордодї дар Зуњурї ду њолат ва дар Ґолиб як мавриd, сурати мухайяли эљоз дар Зуњурї як њолат буда, дар Ґолиб нест ва тасвири парадоксї дар Зуњурї “газанди уќда” буда, дар Ґолиб мављуд нест, ки дар натиља нозуктарбаёнии Зуњуриро нисбат ба Ґолиб ташрењ кардааст.

Дар байтњои дигари “замин”-муштарак:

Зуњурї:

Гар баландињои ишќ ин аст, хоњад поя дод
Аршро дар сояи кўтоњии девори мо[10, 16].
Ѓолиб:
Вањшате дар толеи кошонаи мо дидааст,
Мепарад чун ранг аз рух соя аз девори мо[2, 21].

Дар байти Зуњурї лаѓзиши гуфтор «поя ёфтани арш аз сояи кўтоњии девор» ва дар Ѓолиб «дидани вањшат дар толеи кошона», шикасти мазомини ќарордодї як ба як, тасвири породоксї, ки дар як радиф таркиботи хоси ин ду шоиранд, дар Зуњурї дуто: «баландињои ишќ» ва «сояи кўтоњї», сувари мутаноќизи Ѓолиб якто: «толеи кошона» аст. Аз линњози нањвї (дар байти фавќуззикри Зуњурї се љумлаи мустаќил, дар байти Ѓолиб ду љумлаи мстаќил) [6, 115-120] ва чандсадоии матн (матни боз, зењнро ба чанд сувар мекашонад) [9, 110-131] низ корбурди бештари њунари адабї дар ѓазали Зуњурї ба чашм мерасад.

Абёти дигар:

Зуњурї:
Гарми савдо гаштаем аз шамъи худ, равнаќ нигар,
Парфурўшї мекунад парвона дар бозори мо[10, 17].
Ѓолиб:
Зарра љуз дар равзани девор накшудаст бор,
Љинси бетобї ба дуздї бурда аз бозори мо[2, 21].

Дар байти Зуњурї лаѓзиши гуфтор «пурфурўшии парвона ва гарми савдо аз шамъ» ва дар Ѓолиб «дар равзан накшудани бор ва дуздидани љинси бетобї», шикасти мазомини ќарордодї як ба як, тасвири породоксї дар Зуњурї ва Ѓолиб баробар буда, аз линњози нањвї (дар байти фавќуззикри Зуњурї се љумлаи мустаќил, дар байти Ѓолиб ду љумлаи мустаќил) чашмгир аст.

Дар маљмуъ, дар нуњ байти ѓазали Зуњурї нуњ тасвири породоксї, дар нуњ байти ѓазали Ѓолиб шаш сувари мутаноќиз чашмрас буда, таркиботи хос низ мутаносибан нуњ бар шашанд. Сурати мухайяли эљози Зуњурї рангинтар буда, ѓазалаш нисбат ба ѓазали Ѓолиб матни бостар дорад. Лаѓзиши гуфтор ва шикасти њудуди мазомини ќарордодї дар Зуњурї бештар буда, дарду сўз ба вуфур аст.

Њамин минвол, таассури Зуњурї бар Ѓолиб дар эљоди шеър дар бинои сабк, забони баён, таркибот, сувари хаёл, вазн ва мусиќоии канорию берунии ѓазал ва машраби андеша чашмгир буда, борњо шоир ин нуктаро таъкид кардааст. Ѓолиб дар ашъоре, ки ба истиќболи Зуњурї сурудааст, аз назари бофти мисраъ ва байт, интихоби вожагон ва таркибот ва аз њама муњим сувари хаёл ва форми андеша кам дастёб шудааст. Шеъри Ѓолиб нисбат ба ѓазалиёти Зуњурї дар бештар маворид сабки осон, дур аз печидагињо ва ибњом буда, ба мисли сабки ироќї возењтар аст.

Адабиёт

Вафої, Аббосалї ва Таботабої, Сайидмањдї. Баррасии вижагињои сабки Бедили Дењлавї. Бањори адаб (фаслномаи тахассусии сабкшиносии назм ва насри форсї). -№4. 1389. – 132 с.
Ѓолиб, Мирзо Асадулло. Мунтахаби осори форсї. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 394 с.
Дењхудо.Луѓатнома. – Тењрон: Ќалам, 1348. Љилди 12. - 312 с
Зењнї, Тураќул. Санъатњои бадеї дар шеъри тољикї.-Сталинобод:Нашриёти давлатии Тољикистон, 1960. - 260 с.
Кадканї, Муњаммадризо Шафеї. Сувари хаёл дар шеъри форсї. –Тењрон:Сухан, 1363. - 712 с.
Кадканї, Шафеї.Растахези калимот.Дафтари гуфторњо дар бораи назарияи адабии суратгароёни рус.- Тењрон:Сухан,1391. – 512 с.
Машњадї, Муњаммад Амир, Аббосї, Абдуллоњ Вотиќ, Машњадї, Муњаммадризо. Њофиз ва Ѓолиб. Фаслномаи мутолеоти шибњи ќораи Донишгоњи Сиистон ва Булуљистон. - №5. 1389. – 148 с.
Пуролоштӣ, Ҳусайн Ҳасан. Тарзи тоза. Сабкшиносии ғазали сабки ҳиндӣ / Ҳусайн Ҳасани Пуролоштӣ.- Теҳрон: Сухан, 1374.- 442 с.
Разї, Ањмад. Девони Њофиз бостарин матни адаби форсї//Фаслномаи пажўњишњои адабї. -№4. 1383. – 186 с.
Туршезї, Зуњурї. Девони ѓазалиёт. Бо тањќиќ ва тасњењи дуктур Асѓари Бобосолор/ Зуњурии Туршезї. – Тењрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маљлиси Шўрои исломї, 1390. – 1622 с.
Футўњї, Мањмуд. Балоѓати тасвир. –Тењрон: Сухан, 1385.- 464 с.
Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс, 1369.– 312 с.
Шарипов, Ш.Р. Равишњои ошноизудої дар ѓазалиёти Зуњурии Туршезї/маљ.Паёми Донишкадаи забонњо.- Душанбе:Лингвопарк, 2017, -№ 2-3(26-27). - 176.
Шарифов Х. Бунёди мардумии ирфони Камоли Хуљандї.//Озурдагон ва умедворон. – Душанбе, 2001. – 102 с.

A Look at the Image and Public Activity of Habibullo Nazarov
НАЗАРЕ БА ФАЪОЛИЯТИ ИМИЮ ЉАМЪИЯТИИ ЊАБИБУЛЛО НАЗАРОВ

Fakirov Khursandmurad NASRULLOEVİCH, Sharipov Sangimurad ISMATULLOEVİCH
Dr., Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
sangimurod89@list.ru

Abstract
In the article, the scientific and public activity of the writer and scholar Habibullah Nazarov was analyzed. H. Nazarov, along with his government duties, created meaningful works as a realist writer, and thanks to his meritorious service and valuable writings, he contributed to the development and improvement of Tajik science and literature. In this work, the content of literary collections and its influence on the society is analyzed.

Keywords: Analysis, Complex, Constructive, Content, Meaning, Poet, Realist, Researcher, Word, Work, Writer.

Хулоса
Дар маќола фаъолияти илмию љамъиятии адиб ва донишманди соњибзавќ Њабибулло Назаров мавриди тањлилу баррасї ќарор гирифтааст. Њ. Назаров дар баробари адои корњои масъули давлатї њамчун адиби воќеънигор асарњои пурмазмун эљод намуд ва ба шарофати хизмати шоиста ва таълифоти арзандааш то љое дар рушду такомули илму адаби тољик сањм гузошт. Дар таълифоти мазкур низ мазмуну мундариљаи маълумоњои адиб ва таъсирпазирии он ба љомеа тањлил шудааст.

Калидвожа: Муњаќќиќ, Адиб, Ашъор, Воќеънигор, Лафз, Маънї, Муњтаво, Мазмун, Мачмуа, Таҳлил, Таъсипазирӣ, Асар.

Соњибистиќлолии Љумњурии Тољикистон (1991), ки барои мо бузургтарин њодисаи таърихии охири ќарни XX маъсуб мегардад, маънз аз Инќилоби октябр ва ѓалабаи Њокимияти Шўравї дар Бухорои Шарќї маншаъ мегирад. Таъсиси Љумњурии Мухтори Шўравии Сотсиалистии Тољикистон аз байни мардуми зањматкаш њазорон суханварро ба майдон овард, ки яке аз онњо Њабибулло Назаров (таваллудаш 15.08.1907, дењаи Тўдаи ноњияи Њисор – вафоташ 25.01.1978, шањри Душанбе) аз љумлаи чунин ќаламкашон мебошад. “Вай аз ќаъри њаёти халќ чун гулњои хушбўй сар кашида, дар оѓўши мењрпарвари он тарбия ёфта, ба камол расидааст”, - таъкид мекунад фолклоршинос А. Сўфизода [3].

Адиби оянда аввал дар мактаби кўњна хондааст. Фаъолияти мењнатиашро айёми бачагиаш аз касби чўпонї оѓоз кардааст. Њаёти нав ва мактаби Шўравї дари бахту саодатро ба рўяш кушод. Баъди хатми курси маъви бесаводї ба кори комсомол мепайвандад. Иљрои далеронаи супоришњои комсомолї дар шароити мураккаби навсозии њаёт ўро дар миёни омма шуњратманд мегардонад. Ин буд, ки ўро аввал ба вазифаи котиб ва баъдан раиси љамоат пешбарї мекунанд. Аз соли 1931 ба соњаи адлия ба кор мегузарад ва курси дусолаи њуќуќшиносии Душанбе (1932), Академияи умумииттифоќии њуќуќ (1941) ва Донишкадаи њуќуќшиносии Маскавро (1950) хатм мекунад. Дар вазифањои судяи халќї (1933-1938), аъзои Суди Олии РСС Тољикистон (1941-1945), љонишини вазир (1945-1952), вазири адлия (1952-1959) ва раиси Суди Олии РСС Тољикистон (1959-1962) кор карда, ба халќу Ватан хизматњои арзанда кардааст. Аз ин љост, ки номи ў то њол чун арбоби намоёни давлатї ва ватанпарвари шуълавар бо эњтиром ба забон гирифта мешавад.

Солњои 30-юми садаи XX Њабибулло Назаров фаъолияти эљодиашро аз шеърнависї оѓоз намуда, дар ибтидо дар матбуоти даврї ашъори њаљвиаш нашр мешуд. Се маљмуаи шеърњояш бо номњои “Барои сулњ” (1956), “Ќалами озод” (1960, бо забони русї) ва “Саодати абадї” (1962) ба табъ расидаанд, ки ба васфи сулњ, Модар – Ватан, табиати зебои Тољикистон, бунёдкории халќи тољик бахшида шудаанд. Ин маќсаду маром дар шеърњои “Ќањрамондухтар”, “Љањон бедор шуд”, “Ид муборак”, “Ќалами озод”, “Дар диёри обод”, “Аз гузаштаю њозира” ва ѓайра баланд садо медињанд. “Њабибулло Назаров адиби сермањсул буд ва то вопасин соатњои умраш ќаламро аз даст рањо накарда, дар жанрњои гуногун асар эљод намудааст, - мегўяд нависанда Ато Њамдам. – Тасвири рўзгори мардум, ситоиши фарзандони барўманди диёр, ќањрамонони воќеї, дўстии бародаронаи халќу миллатњои гуногун, мазаммати ашхоси феълу рафторашон ба љамъият бегона ва амсоли инњо маќсади асосии эљодиёти рангин ва гуногунпањлуи ў буданд” [1, с. 23].

Азбаски Њабибулло Назаров аз миёни омма рўида буд ва рўзгори мардуми одиро хеле хуб медонист, аз эљодиёти шифоњии сокинони Њисору Ѓозималик ба хубї воќиф буд, дар лањзањои фароѓат сурудњои халќиро бо дутор тараннум мекард. Дилбастагї бо савту калом ва назми рангини гуфторї сабаби кашфи шоири мардумии ибтидои садаи XX Карим Девона (1878-1918) мегардад.

Ашъори пурмазмун ва баландѓояи шоири гумном Њабибулло Назаровро водор сохт, то ки аз рўйи панди “Дар ба дар мегарду мегард кў ба кў, Љустуљў кун, љустуљў кун, љустуљў.” (Минњољу-л-орифин”) амал намояд. Дар љараёни кори пурмашаќќат ва дандоншикан водињои Њисору Ѓозималику Вахшу Кўлоб ва Дашнободи Љумњурии Ўзбекистонро мепаймояд ва намунањои ашъори шоири халќиро аз забони бештар аз сесад нафар сокинони водињои мазкур, муосирон, њамсолон ва пайвандони Карим Девона навишта мегирад. Баъд аз мулоњизаю муќоисањои зиёд намунањои ашъори шоири шўрангези халќиро дар сањифањои матбуоти даврї нашр мекунад, аз тариќи радио ва телевизион мешунавонад. Нашри осори Карим Девона дар сар то сари кишвар ва берун аз он ѓулѓула барангехт ва мардум бо мурољиату мактубу маводи иловагї ба кашшофи ашъори Карим Девона кўмак мерасониданд. Ин буд, ки маљмўаи шеърњои Карим Девона бо номи “Сатрњои оташин” солњои 1957 бо забони русї, 1958, 1961 бо забони тољикї ва 1962 бо забони ўзбекї тањти унвони “Туѓён” чоп шуда, дастраси хонандагон гардид.

Њабибулло Назаров соли 1961 ќиссаи (повести) илмию адабии худро бо номи “Дар љустуљўи Карим Девона” интишор намуд, ки ин асар номи муаллифро њамчун адиб ва муњаќќиќи осори Карим Девона дар тамоми мамлакат машњур гардонид. “Подабонњое, ки то мансабњои баландтарини давлатї, аз љумла ба вазифаи вазири адлия ва раиси Суди Олї расида бошанд, дар таърих зиёд нестанд, - мегўяд донишманди тољик Њасан Юсуфи Файзбахш. – Адибоне, ки аз рўи ќањрамони фавќулода кашфкардаи худ машњур шуда бошанд, низ каманд. Вале шоир ва нависандаи шинохтаи тољик Њ. Назаров аз подабонї то вазирї расид, бо нашри фавќулодаи ќањрамонаш Карим Девона машњур гашт” [5, с. 120].

Њабибулло Назаров бахшида ба бунёдкорї ва созандагии љавонони дењот соли 1970 романи “Мирзо Ризо”-ро офарид, ки дуюмин асари калонњаљми адиб мањсуб меёбад ва нависанда дар он сањифањои рангини њаёти навро вараќгардон кардааст. Дар асари мазкур образи комсомоли љасур ва мењанпараст Мирзо Ризо дар њамбастагї бо амалиёти оммаи мењнаткаш тасвир ёфтааст.

Мирзо Ризо њамчун роњбари љавони хољагии коллективї аз як тараф, барои мустањкам намудани хољагии навбунёд љонбозї менамуд ва аз љониби дигар, ба муќобили вайронкории сохти нав далерона мубориза мебурд. Дар адои ин кори хайр намояндагони синфњои маѓлубшуда алайњи фидокорони халќ муќобилияти шадид нишон медоданд ва бунёдкорони њаёти навро бо њар роњ аз миён мебардоштанд. Мирзо Ризо ќурбонии фитна ва дигаргунињои инќилобї гардида бошад њам, ном ва корнамоињои ў дар лавњи хотири мардум наќш бастаанд. Њ. Назаров њамчун дўст ва њаммаслаки Мирзо Ризо сањифањои дурахшони рўзгори ибратомўзи ўро вараќ зада, образи њампешаи худро маќоми љовидонї бахшид.

“Аз тањлили илмию бадеии сурату сирати Карим Девона то офаридани образи Мирзо Ризо барин одамони мубориз ў фардияти эљодии худро равшан зоњир намудааст, - иброз медорад фолклоршинос Асадулло Сўфизода. – Вай барои кашфу тасвири бадеии хислатњои мухталифи ќањрамонони асарњояш аз тарона ва панду иборањои рехтаву суфтаи халќї моњирона истифода бурдааст. Њабибулло Назаров њамчун шоњид ва иштирокчии бевоситаи дигаргунињои иљтимоии солњои сиюми садаи XX хислатњои типии ашхоси таърихиро дар шароитњои он айём хеле љаззоб ва њаяљонбахш тасвир кардааст” [3].

Мољаро ва тазодњои иљтимоии љомеа дањњо шахсони закию њозирљавобро ба майдон овардааст, ки образи Сафар – Махсум аз романи нависанда “Саргузашти Сафар-махсум” (соли 1971, бо њамќаламии Љалол Икромї) намунаи онњост. Нависанда кулли амалиёт ва роњи паймудаи Сафар-махсумро дар равобити зич бо њаракату амалиёти дигар намояндагони халќи мењнаткаш ва гурўњи золимон мавриди тасвир ќарор медињад ва хонандаро њушдор медињад, ки аз њазлу шўхии ќањрамони њалвнигор хулосаи дурусти мантиќї барорад. Дар шунидани њалву танзњои Сафар намояндагони косибон ва њунармандони водии Њисор - Њаннон, Љољабуласон, Холи Поякї, Њољї Насим пайваста шоњид буданд ва бо латифањои љолибашон андешањои Сафарро алайњи ќозию муфтї ва бойњои љоњил таќвият медоданд. Бинобар ин њодисаю воќеоти роман асоси воќеї доранд ва Толиби афсонагўй, ки дар ќиссаи “Дар љустуљўи Карим Девона” низ нависанда аз ў ёд мекунад, шахси таърихист ва бо наќлу афсонањои дилангезаш шуњрат доштааст. Сафар – махсум ба мисли Хољa Насриддин ва Мушфиќї њамеша раќибон ва ашхоси мумсику фиребгарро мулзам мекунад ва бо зањрхандае олами ботинии онњоро ошкор месозад. Њ. Назаров дар образи Сафар – махсум хислатњои зиракї, њаётдўстї ва њозирљавобии намояндагони халќи мењнаткашро љолиб ва шавќовар таљассум кардааст. Воќеан, “Агар њуљуми якум ба асарњои Њ. Назаров солњои 1964-1965 њангоми барњаёт буданаш иттифоќ афтода бошад, њуљуми дуюм ба адиб баъди 11 соли фавташ аз тарафи њамќаламаш нависандаи маъруф Љ. Икромї дар иртибот ба њаммуалифї бо романи “Саргузашти Сафар – махсум” [2] ба амал омад.

Ќиссањои “Баландии 144”, “Шарораи дил” ва очерки “Йулдош – командир” ба корнамоињои ватандўстонаи ашхоси таърихї ихтисос дода шудаанд. Дар мубориза барои бунёду мустањкам намудани њаёти нав ва њифзи Ватан њазорон фарзандони халќ љонбозї кардаанд ва бо корнамоию амали шоистаашон дар дилу дидаи мардум љойгузин шудаанд.

Барои Њ. Назаров дар бораи корнамоии ашхоси муборизу бунёдкор ва фидоиёни љанги ватанї офаридани асари бадеї кори осон набуд. Барои офаридани чунин асарњои таърихї як худи њунари нависандагї кам аст ва ќаламкаш барои ин бояд бо садњо шоњидони майдонњои набард рў ба рў шавад, чандин њазор далелу бурњонњоро ќазовату ќиёс кунад. Њ. Назаров њазорон фарсах роњро паймуд ва садњо њуљљатро дар бораи фаъолияти љангии ќањрамонон санљид, симоњои љовидонаи Чўтак, Урозов, Нодир Ќосимов ва Йулдош – командирро дар асарњои мазкур офарид. Чўтак Урозов дар ќиссаи “Баландии 144”, Нодир Ќосимов дар ќиссаи “Шарораи дил” ва образи Йулдош-командир дар очерки њамноми ў (1964) таљассуми бадеии сурату сирати љавонмардони далеру ватанпарваранд.

Њ. Назаров барои бачањо њикояи “Ало ва Тарѓел” (1965; тарљумаи русї “Рыжик и Пнятнашка”, 1965)-ро эљод намудааст, ки аз њаёти пурмашаќќати чўпонбача ва бедодгарињои босмачиёни хокумонсўз њикоят мекунад.

Њабибулло Назаров дар солњои 70-уми садаи XX ба таълифи киносенарияњо низ майл намуда, сенарияњои “Њабиб-ромкунандаи морњо” (1973, бо њамкории Г. Максименко), “Муњосираи Душанбе” (1975, бо њамкории Р. Булгаков) ва драмаи “Мирзо Ризо” (1973)-ро навиштааст [1, 12].

Ба њамин тариќ, шахсияти Њабибулло Назаров њамчун вазири беназир ва донишманд дар дилу дидаи мардум љо гирифт. Вай дар баробари адои корњои масъули давлатї њамчун адиби воќеънигор асарњои пурмазмун эљод намуд ва ба шарофати хизмати шоиста ва таълифоти мондагораш номи худро дар сањфаи таърих ва тамаддуни тољик љовидон гардонид.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲО

Ато Њамдам Њабиби дилу дида (Нашри 2-юм). – Душанбе: Адиб, 2007.
Раҳматов Ҳ. Саргузашти “Сафар-махсум”-ро кї навиштааст? // Њаќиќати Ўзбекистон”, аз 11 августи соли 1989.
Сўфиев А. Аз кашфи Карим Девона то тавсифи Сафар-Махсум // Комсомоли Тоҷикистон, аз 9 декабри соли 1987.
Њусейниён Б. Шеърњои номаълуми Карим Девона (Маќола) / Нури Илич, аз 27 майи соли 1989.
Ҳасан Юсуфи Файзбахш Карим Девона, ман ва њамдеҳагон (Рисола). – Душанбе: Ирфон, 2015.
Шоҷамолов С. Баъзе андешаҳо (Маќола) / Маориф ва маданият, аз 12 сентябри соли 1964.

The Use of Verbal Art of Tajnis in Mehrınıso's Poems
КОРБУРДИ САНЪАТИ ЛАФЗӢ ТАҶНИС ДАР АШЪОРИ МЕҲРИНИСО

Usmoniyon NOZİLA
Dr,.Dangara State University, Tajikistan

Abstract
The author notes that Mehrinisa is one of the most talented poets, who can be recognized as one of the most graceful and innovative poets of modern literature. Although the poetess Mehrinisa has created beautiful and attractive poems on various topics, the topic related to the artistic arts is one of the most important topics of her work, and she has a special charm in all her published collections. Mehrinisa is a sensitive, perceptive poetess and, at the same time, has her own unique style. In Mehriniso's creativity, apart from spiritual arts, verbal arts are also visible. Fresh content, innovative findings in the use of artistic arts, especially verbal interpretation, embellished the themes of the poet's poems and made them more attractive and effective. In his work, the poet has very skillfully used verbal visual art.
Tajnis is found in the dictionary in the sense of homogenizing and simulating. But in the literal sense, tajnis is a means of spiritual and verbal artistic representation, which by using words and phrases of the same form, but with different meanings, the poet makes his poetic content more effective and beautiful. In Mehriniso's work, the second type of tajnis has a primary status among the two types of tajnis art, one is spiritual and the other is verbal. This art is a type of tajnis, in which two words of the same form, but with different meanings, are used in one verse or verse.

Keywords: Art, Contemporary, Creative, Poet, Poetry, Same-sex, Spiritual, Same-shaped, Style, Verbal, Verse, Word.

Хулоса
Муаллиф қайд менамояд, ки Меҳринисо яке аз шоирони боистеъдод, метавондар радифи хушсалиқатаринва навпардозтарин шоираҳои адабиёти муосир эътироф намуд. Агарчи шоира Меҳринисо дар мавзуъҳои гуногун ашъори нобу дилкаш эҷод кардааст, вале мавзуи ба санъати бадеӣ иртибот доштаи вай дар қатори асоситарин мавзуоти эҷодиёташ дар ҳама маҷмӯаҳои ба табърасидааш ҷилваи махсус дорад. Меҳринисо шоираест борикбин ва нуктасанҷу ҳассос ва, дар баробари ин, дорои сабку салиқаи вижа ба худ. Дар эҷодиёти Меҳринисо ҷуз аз санъатҳои маънавӣ, ҳамчунин, санъатҳои лафзӣ низ ба назар мерасанд. Мазомини тоза, дарёфтҳои нобу бикр дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, махсусан таҷниси лафзӣ мавзуъҳои ашъори шоираро боз ҳам зинат дода, онҳоро ҷаззобу муассиртар гардонидаанд. Шоир дар эҷодиёти худ аз санъати тасвирии таҷнисӣ лафзӣ хеле ҳунармандона истифода бурдааст.
Таҷнис дар китобҳои луғат дар маънои ҳамҷинс кардан ва монанд намудан омадааст. Аммо дар маънои истилоҳӣ таҷнис воситаи тасвири маънавиву лафзии бадеиест, ки тавассути бакоргирии вожаҳо ва ибораҳои ҳамшакл, вале дар маъноҳои гуногун шоир мазомини шеърии худро муассиртару зеботар мегардонад. Дар эҷодиёти Меҳринисо аз ду навъи санъати таҷнис, ки яке таҷниси маънавӣ ва дигаре лафзӣ мебошад, таҷниси навъи дувум мақоми аввалдараҷа дорад. Санъати мазкур навъи таҷнисест, ки дар як байт ё мисраъ ду вожаи ҳамшакл, аммо дар маъноҳои мутафовит корбаст мешаванд.

Вожаҳои Калидӣ: Таҷнис, Санъати Бадеӣ, Вожа, Ҳамҷинс, Маънавӣ, Лафзӣ, Эҷодиёт, Ҳамшакл, Мисраъ, Шоир, Муосир, Сабк.

Дар эҷодиёти Меҳринисо ҷуз аз санъатҳои маънавӣ, ҳамчунин, санъатҳои лафзӣ низ ба назар мерасанд. Аз зумраи санъатҳои лафзии бадеӣ, ки дар ашъори шоир ҷилваи бештар дорад, ин таҷниси лафзӣ мебошад. Таҷнис дар китобҳои луғат дар маънои ҳамҷинс кардан ва монанд намудан омадааст [3, 358]. Аммо дар маънои истилоҳӣ таҷнис воситаи тасвири маънавиву лафзии бадеиест, ки тавассути бакоргирии вожаҳо ва ибораҳои ҳамшакл, вале дар маъноҳои гуногун шоир мазомини шеърии худро муассиртару зеботар мегардонад.

Яке аз хусусиятҳои таҷниси лафзӣ дар он муайян мегардад, ки ин воситаи тасвири бадеиро метавон аз матн пайдо намуд, яъне агар дар мисраъ ё байт ду ва зиёда вожаи ҳамшакл, аммо гуногунмаъно истифода шуда бошанд, танҳо дар ҳамин сурати гуногунмаъноӣ онҳоро метавон таҷнис ё ҷинос ном гузошт [3, 138]. Тавассути ҳамин вазифаи таҷнис аст, ки шоир бо шинохти маъноии калима иртибот пайдо карда, бори маъноии ашъори худро вазнинтар менамояд ва ин бори маъноиро барои шинохт ба хонандагони худ интиқол медиҳад. Муҳаммадалии Аҷамӣ дар ҳамин маврид қайд менамояд, ки «дар шинохти шеър фикр дар калима чизи дигар аст ва шинохти маъно дар зеҳни калимаҳо чизи дигар аст” [9, 44]. Вагарна, агар дар мисраъ ё байт ду вожа дар ҳамон як маъно истифода шуда бошанд, онҳо наметавонанд таҷнис бошанд ва ин ҳолат, чунонки муҳаққиқони илми бадеъ мегӯянд, аз уюби сухан, яъне нуқсонҳои шеърӣ ба ҳисоб меравад.

Дар эҷодиёти Меҳринисо аз ду навъи санъати таҷнис, ки яке таҷниси маънавӣ ва дигаре лафзӣ мебошад, таҷниси навъи дувум мақоми аввалдараҷа дорад. Санъати мазкур навъи таҷнисест, ки дар як байт ё мисраъ ду вожаи ҳамшакл, аммо дар маъноҳои мутафовит корбаст мешаванд. Вуҷуди ҳамин маъноҳои фарқкунанда сабабгори ба гурӯҳи санъатҳои лафзӣ дохил кардани он гардидааст. Таҷниси лафзӣ дар ашъори Меҳринисо басо ҳунармандона ба кор бурда шудааст ва дар ҳақиқат василаи образнокии вожаҳову мазомини шеърии вай гардидааст. Масалан дар шеъри «Сароб» вай дастро дар ду маънӣ: 1) дар маъноии аслии худ, яъне узви инсон ва 2) онро дар таркиби феъли номӣ дар маънои ёрӣ додан истифода намудааст:

Бояд, ки равам пешу ба ҷуз фотиҳаи сабр
Дасти дигаре *даст нагирад* ману ин дил [4, 115].

Яъне: каси дигаре маро ба ҷуз аз сабру таҳаммул ба ёрӣ намерасад.

Дар байти зерин аз шеъри «Меҳрона», ки ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида шудааст, се ҳарфи нахустин дар вожаҳои *додан* ва вожаи *дод* таҷнис ҳисобида мешаванд:

Офтобӣ дар самои сарварӣ,
Додаӣ доди адолатгустарӣ [6, 21].

Яъне: бо адолатпарварии хеш дар тамоми олам маъруф гардидаӣ ва ҳеҷ кас дар риояи адолат бар пояи ту намерасад.

Меҳринисо ҷиҳати таъсирбахштар гаштани афкори шоиронаи хеш аз шаклҳо ва навъҳои гуногуни таҷнис истифода намудааст. Аз ҷумла дар шеъри «Файз бирафт», ки Меҳринисо онро ба модараш

бахшидааст, тавассути ибораи *ба ҳузур* ва сифати *баҳузур*, ки ҳар ду шаклан яканд, таҷниси навъи мураккабро истифода намудааст:

Ҳайфи ман, к-ин ҳама фурсат боре
Нанишастам *ба ҳузураш баҳузур* [9, 47].

Маънии *ба ҳузур*, яъне: дар пеши модар ва маънои *баҳузур* ин бо роҳату фароғат мебошад. Яъне, шоир чунин гуфтан мехоҳад: «Афсӯс, ки дар айёми дар қайди ҳаёт будани модарам, боре дар пеши ӯ бо роҳат нишаста натавонистам». Шоир дар байти боло ибораро бо вожа ҳамҷинс намудааст.

Ҳамчунин, дар шеъри «Навои Мастона», ки ба ҳофизаи маъруфи шашмақомхони тоҷик бахшида шудааст, тавассути таҷниси навъи том ду вожаи *навo*, аммо дар маъноҳои гуногун корбурд шудааст, ки яке дар маънои истилоҳе марбут бар «Шашмақом», яъне яке аз *пардаҳои* он ва дигаре дар маънои *овозу садо* истифода гардидааст:

Ту, эй Мастона, чун хонӣ Наворо бо навои хеш,
Касе андар мақому соз мисли ту музаффар нест [10, 129].

Дар байти зерин аз шеъри «Роҳи хато норафта беҳ» низ тавассути ибораи пешояндии *аз саргузашт* ва феъли *аз сар гузашт* таҷниси мураккаб истифода гардидааст.

Он чи туро аз сар гузашт, аз саргузашт, аз сар гузашт,
Аз сарнавишт ин қиссаи шабҳои бефардои мо [8, 162].

Зимнан, бояд қайд намуд, ки ду феъли дар як шакл аз саргузашт бо ҳам таҷнис нахоҳанд буд, онҳо танҳо бо ибораи зикршуда аз саргузашт метавонанд таҷнис бошанд.

Дар ғазали зер вожаи *боз* дар як мисраъ ба ду маънӣ кор фармуда шудааст: 1) дар маънои кушодан; 2) дар маънои дафъа ва бозпас гаштан ва ҳар ду таҷниси том ҳисобида мешаванд:

Боз макун гиреҳи дил, *боз* нагардам ин сафар,
Сӯйи ту, эй азизи дил, сӯйи умеди барҳадар [8, 170].

Яъне: гиреҳи дили маро макушо, ки ман бори дигар назди ту наёям. Ин ҷо *гиреҳ боз кардан* киноят аз илтифоти образи лирикӣ аст. Нақши маҷозу киноя дар таҷнисҳои Меҳринисо басо назаррас аст, тавассути онҳо суханҳои шоир таъсирбахштар ва ҷолибтар мегарданд. Яке аз хусусиятҳои таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо ҳам дар ҳамин таҷнисҳои малеҳу киноявӣ аст, ки бемуҳобо, сарчашмаи онҳо таъсиргирӣ аз тарзи таҷниспардозии классикон аст.

Меҳринисо таҷниси навъи зоидро ҳам ҳунармандона ба кор гирифтааст. Аз ҷумла вожаи *бод* ҳам дар байти зерин дар ду маънӣ: 1) шамол; 2) дуову хоҳиш омада, таҷниси зоид маҳсуб мешавад:

Ман дар ин ҷамъияте, ки *бод бодо* хирманаш,
Хаставу бишкаставу хотирпарешонам ҳанӯз [9, 168].

Хирманаш бод будан маънои аз ҳам пошида шудани хирман аст, ки киноят аз вайронӣ аст.

Яке аз хусусиятҳои таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо иборат аз он аст, ки баъзан онҳо дар ашъори вай бозӣ мекунанд ва зимоми маъноҳои байтро дар ихтиёри худ мегиранд. Бар илова, таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо, ғайр аз он ки дар гуногунии маъно нақши босазо мегузоранд, ба туфайли такрори худ як навъ мусиқиро дар ашъори вай ба вуҷуд меоваранд. Ин яке аз хусусиятҳои ҳунари шоирии Меҳринисо дар мавриди истифода аз таҷнис аст. Масалан, дар байти зер ҳам гуногунмаъноии як вожа ва ҳам мусиқиофарии он ба хубӣ эҳсос мешавад:

Баҳори ман *гузашту* рафт, қатори турнаи *гузашт*,
Гузаштам аз *гузаштаҳо* ба ҳурмати хазони ту [10, 194].

Вожаи *гузашт* дар байти мазкур, агарчи аз як реша ба вуҷуд омадааст, дар байти фавқ дар чаҳор маънӣ истифода шудааст: якум, маънои феълӣ (дар оғози байт), яъне гузаштан ва сипарӣ шудан; дуюм, дар маънои сифати турна, яъне турнае, ки сифаташ гузаштану рафтан аст; сеюм, дар маънои илтифот накардан ё аз баҳри чизе гузаштан; чаҳорум, дар маънои замони сипаришуда, яъне он чи дар замони гузашта ба амал омадааст. Маънии байт чунин аст: баҳори ман ҳамчун қатори турнаҳои гузаштаистода гузарон аст, аммо ман ба эҳтироми хазони ту аз он чи дар гузаштаҳо бар ман гузаштааст, назару илтифоте надорам ва аз баҳри он мегузарам. *Хазон* дар байти зикршуда киноя аз бори ҳичрон ва ғаму андӯҳ дар баробари образи лирикӣ аст. Байти мазкур, бар иловаи истифодаи ҳунармандона аз санъати таҷнис, ба туфайли корбурди ташбеҳи пӯшида (шабоҳати гузаштани баҳор бо турнаи гузашт) ва тазод (баҳор-хазон) низ ҷаззобияти махсусе пайдо намудааст.

Хусусияти дигар таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо он аст, ки корбурди он тавассути вожаҳое, ки аз як реша ба вуҷуд омадаанд, дар ашъори шоир ҷилваи махсус дорад, чунонки намунае аз он дар боло оварда шуд. Дар байти зерин ҳам ду вожаи *қисмат*, ҳарчанд ки аз як реша об хӯрдаанд, ифодакунандаи ду маънӣ мебошад: 1) тақсим кардан; 2) сарнавишт:

Хор шуд дар рӯйи кафҳоям гули дидори ту,
Кошки аз *қисмати қисмат* хабар медоштам [10, 197].

Вижагии дигари таҷнис дар ашъори Меҳринисо иборат аз он аст, ки баъзан он миёни феъли таркибӣ ва феъли сохта низ ба вуҷуд меояд. Масалан, дар байти зер тавассути феъли таркибии *гузашта нест* ва феъли *гузаштанист* шоир ҷиноси лафзиро ба вуҷуд овардааст:

Шикваи мову ман куҷо, ёд надорам он қадар,
Ин ҳама дам гузашта нест, он ҳама ғам гузаштанист [10, 170].

Таҷнисҳои бакоргирифтаи Меҳринисо агар, аз як тараф, бори маъноии байтро таъмин созанд, аз сӯйи дигар, дар мусиқибахшӣ ва хушнавоии шеъри вай ҳиссаи назаррас мегузоранд. Вобаста ба ҳамин нукта таҷнис дар ашъори шоир ду вазифаи бадеиро иҷро менамояд, ки яке ба ҷиҳати маъноии вожаҳо ва дигар ба ҷанбаи мусиқоии байту мисраъ тааллуқ доранд. Вазифаи дигар таҷнисҳои бакорбурдаи Меҳринисо иборат аз он аст, ки тавассути онҳо дигар васоити тавсири бадеӣ низ корбаст шуда, бори бадеии мисраъ ва байтро вазнинтар намудаанд.

Чунонки қайд шуд, дар ашъори Меҳринисо нақши санъатҳои бадеӣ амсоли истиора, ташбеҳ, талмеҳ, ташхис, маҷоз, киноя, таҷнис ва ҳусни мақтаъ нисбат ба дигар васоити тасвири бадеӣ назаррастар мебошад. Аз навъҳои санъати истиора шоир бештар бар навъи муканнияи тахйилӣ ва аз шаклҳои он ба ҳар ду: ҳам ба сода ва ҳам ба мураккаби он таваҷҷуҳ доштааст. Аз санъати талмеҳ бештар талмеҳоте, ки ишорат бар нукоти таърихӣ мекунанд, дар ашъори шоир назаррастар мебошанд. Дар мавриди ташбеҳ бошад, анвои музмар ва сареҳ ва аз ҳайси сохт ташбеҳи муфрад ва мураккаби он таваҷҷуҳи Меҳринисоро ба худ бештар ҷалб кардаанд. Дар иртибот бо санъати ташхис бошад, дар мазмунофарии Меҳринисо ҳам мафҳумҳои абстракту мавҳум ва ҳам мафҳумҳои мушаххасу ҳисшаванда иштирок менамоянд. Дар бакоргирии маҷоз шоир бештар аз феълҳои маҷозӣ ва халқӣ кумак гирифтааст. Дар мавриди киноя бошад, шоир бештар ҷузъи мавсуфи ибора ва феълҳову масдарҳоро истифода карда, дар киноӣ кардани суханони хешбештар аз онҳо кумак гирифтааст. Ҳусни мақтаъ чун анъана бештар дар ғазалҳои Меҳринисо корбурд шуда, абёти охирини ишқномаҳои ӯро зинат бахшида, бори бадеӣ-эстетикии онҳоро зиёдтар намудааст. Аз санъатҳои лафзӣ бошад, шоир бештар ба таҷниси лафзӣ ё шаклӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Бад-ин минвол, гуногунии истифода аз воситаҳои тасвир агар аз як тараф сабабгори бадеътар гаштани ашъори Меҳринисо гашта бошад, аз тарафи дигар, муҷиби ғанитар гаштани захираи луғавии ашъори ӯ аз ҳайси маҷоз ва маънию мазмун шудааст. Дар бакоргирии санъатҳои мазкур Меҳринисо аслан анъанаи пешиниён, ба хоса шоирони классикро идома додааст ва аксари онҳо ҳам аз ҳайси навъ ва ҳам аз ҷиҳати шаклу сохтор ҳамон қолабҳои суннатиянд. Аммо дар мавриди баъзе аз истиораҳо ва ташбеҳоти бакорбурдаи шоир навъе аз ибтикорот ба чашм мерасад, ки он бештар ба тарзи адо ва услуби махсуси вай иртибот дорад. Дар эҷодиёти Меҳринисо махсусан намунаҳои зиёде аз истиораро метавон пайдо намуд, ки аз ҳайси мазмун ва дарёфти маъно дар худ тозагие доранд ва далолат бар Истиқлол ва дарёфтҳои ҳунарии вай менамоянд.

Адабиёт

Бобоев, Юрий. Назарияи адабиёт. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Юрий Бобоев. – Қисми якум. – Душанбе: Маориф, 1992. – 379 с.
Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 395 с.
Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – 259 с.
Ибодиён, Маҳмуд. Даромаде бар сабкшиносӣ дар адабиёт [Матн] / Маҳмуди Ибодиён. – Теҳрон: Овои нур, 1372. – 146 с.
Иброҳимӣ, Алиризо. Мурури бар аҳвол ва мавзуоти шеърии устод Лоиқ Шералӣ [Матн] / Алиризо Иброҳимободӣ /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. –№ 4/5(143). – С. 215-218.
Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ [Матн] / Муаззама Аъзами Иқболӣ. – Теҳрон, 1363. – 253 с.
Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хиёл [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 732 с.
Ҳусайнӣ, Атоуллоҳ. Бадоеъ-ус-саноеъ [Матн] / Атоуллоҳ Ҳусайнӣ. (Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов). – Душанбе: Ирфон, 1974. – 222 с
Шарифов, Худой. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Худой Шарифов. – Душанбе, 2002. – 278 с.
Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

The Art of Contrast and the Grounds of Its Appearance in the Poems of Mirzo Tursunzoda
САНЪАТИ ТАЗОД ВА ЗАМИНАҲОИ ЗУҲУРИ ОН ДАР АШЪОРИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Makhmadalieva Muhabbat RAKHMONOVNA
Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan
muhabbat@mail.ru

Abstract
Mirzo Tursunzoda is one of the well-known figures and skilled poets of modern Tajik literature, who presented not only his personality, but also the image, literature and culture of the Tajik nation to the world with his heart-felt poems, significant social activities and service trips to different countries of the world.
The topic of discussion of this article is the research and review of the art of contrast and the grounds of its appearance in Mirzo Tursunzoda's poetry. While researching this mentioned topic, the author revealed to some extent the reason for the frequency and special place of this art in the works of the poet, and predicates the appearance of this phenomenon first as a continuation of the literary tradition and then as character of the poet's insurgency.

Keywords: Appearance, Comparison, Contrasting art, Literary tradition, Poet, Poem, Research, Theme.

Хулоса
Мирзо Турсунзода яке аз шахсиятҳои шинохта ва шоирони бомаҳорати адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки бо ашъори дилнишин, фаъолияти назарраси ҷамъиятӣ ва сафарҳои хидматиаш ба мамолики гуногуни ҷаҳон на танҳо шахсияти худро, балки симо ва адабу фарҳанги миллати тоҷикро ба оламиён муаррифӣ намудааст.
Мавзуи баҳси мақолаи мазкурро, таҳқиқу баррасии санъати тазод ва заминаҳои зуҳури он дар ашъори Мирзо Турсунзода ташкил медиҳад. Муаллиф зимни таҳқиқи мавзуи мазкур сабаби басомад ва ҷойгоҳи вижа доштани ин санъатро дар осори шоир то андозае маълум намуда, зуҳури ин падидаро аввалан ҳамчун идомаи суннати адабӣ ва баъдан ба сиришти туғёнии шоир вобаста медонад.

Калидвожаҳо: Шоир, Шеър, Мавзуъ, Санъати Тазод, Зуҳур, Суннати Адабӣ, Таҳқиқ, Муқоиса.

Мусаллам аст, ки дар олами илму адаб ва фарҳангу ҳунар теъдоди шоирону ҳунрмандоне, ки рисолати созандагӣ ва паёмовариро бунёдгузор бошанд, ангуштшуморанд. Агар аз миёни адибони муосири тоҷик бихоҳем, ки ба унвони намуна чандеро ёдоварӣ намоем, ки исмашон дар ҳавзаи адабии ҷаҳон шинохта шуда, бо шеъру ҳикмат ва тафаккури созанда барои таъриху адабиёт, фарҳангу маънавиёт ва расму русуми башарият таъсири мондагор гузоштаанд, бешак яке аз чеҳраҳои тобнок устод Мирзо Турсунзода аст. Воқеан, Мирзо Турсунзода тавонистааст русуми тоҷикона ва ғояҳои инсонпарваронаи хешро тавассути каломи мавзуну мурассаъ бар ақсои олам интишор дода, ба ин васила дар радифи бузургтарин инсонҳои ҷаҳонӣ мавқеъ пайдо намояд. Ӯ ҳамчун паёмовари ваҳдату ягонагии банӣ одам аз неруи созандаи сухан баҳри гиромидошти насли башар ва пайванди халқу миллатҳои мухталифмазҳабу гуногунзабони дунё суд ҷӯста, бо ашъори дилпазиру таровишҳои меҳрбори хомааш қалби толибону муштоқони сулҳро тасхир намуда, дарахти дӯстиро шодоб гардонидааст.

Мирзо Турсунзода эҷодкорест, ки сабку услуби хоси худро дошта, дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи адабиёти миллӣ, ганҷинаи маънавию бадеии халқ ва такмили маҳорату ҷаҳонбинии хеш ашъори маҳбубу марғуберо ба мерос мондааст. Сурудаҳои ӯ аз лиҳози содагии баён, корбурди воситаҳои тасвири бадеъ ва латофати лафзу маънӣ қалби таваҷҷуҳ намуда, фасоҳати калому ғановати забони ноби форсӣ-тоҷикиро мубарҳан месозанд.

Яке аз хусусиятҳои услубии ашъори адиб корбурд ва басомади зиёд доштани санъати тазоду муқобала мебошад. Ба ин мухтассоти сабкии ашъори Мирзо Турсунзода ҳанӯз дар айёми зиндагии шоир донишманди назарияшинос Юрий Бобоев таваҷҷуҳ намуда, гуфта буд: «Яке аз усулҳои бадеие, ки Турсунзода аз қадамҳои аввали эҷодии худ онро дӯст медорад, санъати тазод аст» [2, 21]. Муҳаққиқи варзида Соҳиб Табаров низ ба ин масъала диққат дода, таъкид намудаанд: «Дар байни шоирони муосири тоҷик ҳеҷ касе ба мисли Турсунзода ин санъати бадеиро чунин устокорона ҳамчун яке аз хусусиятҳои услуби эҷодии худ кор фармуда натавонистааст ва дар ин масъала ӯ устоди ягона мебошад» [8, 215]. Дар партави андешаҳои донишмандони мазкур дар ин таълифоти хеш мо саъй варзидем, ки корбурди ин «санъати дӯстдошта»-ашро дар ашъори шоир пайгирӣ намуда, то қадри имкон сабаби зуҳуру басомад ва ба ин санъат майли зиёд доштани адибро муайян намоем.

Ба андешаи ин ҷониб, заминаи зуҳуру истифодаи санъати тазоду муқобала, ки ба қавли Турақул Зеҳнӣ «яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ»[3, 70] буда, сифат ё хислатҳои ду кас ё ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст, дар шеъри устод Турсунзода, пеш аз ҳама, ба анъанаҳои адабии гузаштагони мо, диди муқоисавӣ ва рӯҳу сиришти туғёнии шоир марбут мебошад.

Агар ба таърихи адабиёти бадеии форс-тоҷик назар афканем, мушоҳида менамоем, ки тасвирҳои тазодӣ ҳанӯз дар осори қадимтарини адабӣ ва хатии мардумони ориёитабор - китоби мазҳабии «Авесто» ба назар мерасад. Муборизаи қувваи некӣ - Ҳурмуз бо қувваи бадӣ - Аҳриман мундариҷаи асосии «Авесто»-ро ташкил дода, тибқи нишондоди муҳаққиқон «дар тамоми «Авесто» аз қисматҳои қадимтарини он сар карда тазоди тасвир ҳукмрон аст, ки дар муқобилгузории неку бад, рӯшноию торикӣ, сулҳу ҷанг ва ба ҳамин монанд ҷуфтҳои мутақобил зоҳир шудааст» [4, 8].

Дар осори адабии паҳлавӣ низ тасвирҳои тазодӣ мавқеи хосса дошта, манзумаи «Дарахти Асурик» бар асоси ин санъат, яъне зиддият ва мубоҳисаву мунозираи дарахт ва буз бунёд ёфтааст.

Дар адабиёти асрҳои миёна ва ашъори адибони классик тасвироти тазодӣ ҷойгоҳи намоён дошта, дар офаридани образҳои мусбату манфии табақаҳои гуногуни ҷамъият, ба монанди синфи ҳукмрон ва

меҳнаткашон, шоҳону бенавоён, муфтхӯрону ҳунармандон мусоидат намудаанд. Ҳатто ғазаliёт ва дигар ашъори лирикии адибон дар заминаи санъати тазод ва муқобала матраҳ гардида, сиришти абёти ошиқонаро тазоди амалиёти ошиқ ва маъшуқ фаро гирифтааст. Чунончи, аксар вақт маъшуқа бевафо, саркаш, бераҳм, мустағнӣ ва ошиқ содиқ, хору залил, нотавону гирифтор ба тасвир омадаанд, ки ин амалиёту хасоил хилофи ҳамдигар мебошанд.

Бо овардани асноди мазкур мо даъвои худро дар мавриди чун анъанаи адабӣ зуҳур кардани санъати тазод дар ашъори устод Турсунзода ба исбот расонида, ба таври мухтасар мақоми онро дар осори шоир мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Тавре қаблан зикр кардем, аз сабабҳои дигари басомади зиёд пайдо кардани тасвирҳои тазодӣ дар эҷодиёти шоир аз диди қиёсӣ ва рӯҳу сиришти туғёнии ӯ маншаъ мегирад. Аз тарафи дигар, месазад таъкид дошт, ки талаботи мавзуъҳои маъмулии адабиёти замонаш, ба монанди таҷассуму муқоисаи наву кӯҳна ва ду сохти иҷтимоии хилофи ҳамдигар моҳияти тазодӣ дошта, шоирро водор мекарданд, ки ба чунин воситаи мувофиқи тасвири бадеӣ ручуъ намояд. Чунончи, дар достони «Хазон ва баҳор»-и шоир тасвири тазодӣ бештар натиҷаи мавзуъ буда, аз унвони достон хувайдост, ки танҳо санъати тазод воситаи банду баст ва ҳалли мавзуъ гардидааст.

Муқобилгузорӣ ва тазодҳои фикрӣ дар ашъори хурди ғиноӣ ва аксари достонҳои шоир асоси тасвир қарор гирифтаанд. Абёти зерини достони маъруфи шоир - «Ҷони ширин» метавонад афкори мазкури моро тақвият бахшад:

Рӯи олам дидан одам дидан аст,
Неку бадро дар ҷаҳон санҷидан аст [7, 278].

***

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт [7, 278].

***

Дар диёри мо шуд одам арҷманд,
Шуд сари хамгаштаи занҳо баланд [7, 279].

***

Бо ту то мурдан бародар мешаванд,
Дар ғаму шодӣ баробар мешаванд [7, 280].

Дар байтҳои зерини достони мазкур низ санъати тазод ба таври васеъ истифода гардида, тавассути матраҳ намудани зиддияти доимӣ ҳамчун қонуни табиат ва рӯзгори одамӣ барои ифодаи руҳия ва андешаи шоир мувофиқ омадаанд:

Регзорону биёбон дидаем,
Сардбарфу гармборон дидаем.
Кӯҳсоронро гузар кардем мо,
Бар нишебиҳо назар кардем мо
Гоҳ дар зери сари мо санг буд,
Гоҳ манзил қасри Шоҳавранг буд.
Гоҳ медидем фавҷи одамон,
Гоҳ танҳо ахтарони осмон.
Гоҳ шаҳру гаҳ деҳот омӯхтем,
Алғараз, сири ҳаёт омӯхтем [7, 282].

Тавре мушоҳида менамоем, тасвирҳои тазодӣ дар ашъори шоир аз ҳудуди байт берун рафта, гоҳо бандҳои шеъриро ташкил менамоянд. Чунончи, ин ҳолатро мо дар оғози шеъри «Ман аз Шарқи озод» низ мушоҳида менамоем, ки шоир зиндагӣ ва тақдири мардуми шӯравиро ба рӯзгори табоҳи хоричиён, дар мисоли бенавоёни Ҳиндустон, муқобил гузошта, тавассути санъати саволу ҷавоб ручуъ мекунад:

Чаро ин қадар, дӯст, ошуфтаӣ,
Чу ҳарфи зарурии ногуфтаӣ?
Нигоҳи ту ё ин ки донистанист
Миёни ману ту, ду кас фарқ чист?
Чаро ман зафарманду ман сарбаланд?
Чаро ту ҳакиру чаро мустаманд?
Чаро аз рӯхи ман саодат падид?
Чаро ту дар уммеди рӯзи саид?
Чаро ман чу паранда озодбол?
Чаро бенасибӣ ту аз ин камол? [5, 192].

Мусаллам аст, ки ҳангоми мутолиаи ин абёт муроҷиати пай дар пай ва танини саволомези оҳанги шеър қалби хонандаю шунавандаро таҳрик дода, зиддияти ниҳонеро дар замири гуфтори шоир ошкор месозад, ки басо муассиру маърифатомӯз аст.

Зимни таҳқиқу тафаҳҳус дар осори шоир метавон идао кард, ки бунёди аксари манзумаҳову достонҳои шоир низ, ба монанди «Боғи муаллақ», «Ҳасани аробакаш», «Меҳмони мағрибӣ»., «Ду соҳил», «Ду роҳ», «Садои Осиё» ва ғайра, дар асоси мухолифату муқобилгузорӣ сурат гирифта, рабти ҳодисаҳо, лавҳаҳои зиндагӣ ва гузориши онҳо тавассути санъати тазод ба тасвир омадаанд.

Қобили қайд аст, ки чунин услуби пешгирифтаи шоир аз як ҷониб, дар асоси зиддияту ихтилоф бунёд ёфтани ҳаёти воқеиро инъикос намояд, аз ҷониби дигар дорои қувваи пешбаранда ва мусбат будани тазодро бармало месозад ва нигоҳи некбинонаи адибро нисбат ба оянда ва тараққиёти ҷомеаи башарӣ нишон медиҳад. Шоир бо ин усулуби баёни худ оқибати тазод ва ғалабаи хайрро бар шар матраҳ намуда, таъкид медорад, ки адолат ҳамеша ғалаба мекунад ва зулму золим барҳам дода мешавад.

Ҳамин тариқ, нигоҳи иҷмолие ба ашъори шоири шаҳир моро муътақид бар он месозад, ки истифодаи тазоду унсурҳои муқобил дар шеъри шоир заминаи суннатӣ дошта, нозуктарин лаҳзаҳои руҳии қаҳрамони лирикӣ, эҳсос ва ҷаҳони маънавии шоир бо ёрии тасвирҳои тазодӣ мунъакис мегарданд. Қаробати маънавии мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоир бо адабиёти классикии форс-тоҷик, ки бар асоси мухолифату тазодҳои зиндагӣ ва муборизаи неруи некиву бадӣ ба тасвир омадаанд, чун анъанаи неки ниёгон дар дар осори шоир зуҳур карда, халқият ва манфиати умумибашарии осори шоирро таъмин сохтаанд.

Адабиёт

Бобоев, Ю. Сипаҳсолори назм / Юрий Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1971.
Бобоев, Ю. Мирзо Турсунзода (Ҳаёт ва эҷодиёти ӯ) / Юрий Бобоев. – Душанбе, 1961.
Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан/ Тӯрақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992.
Маковелский, А. О. Авеста / А. О Маковелский. – Баку,1960.
Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. / Мирзо Турсунзода. -– Душанбе:Ирфон, 1981.
Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. / Мирзо Турсунзода. – Душанбе:Ирфон, 1981.
Турсунзода, М. Шеърҳо ва достонҳо / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 1991.
Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / Соҳиб Табаров. – Душанбе, 1966.

Ghani Kashmiri's Contribution to the Development of Indian Style
САҲМИ ҒАНИИ КАШМИРӢ ДАР РИВОҶИ САБКИ ҲИНДӢ

Ghaffori Zamira ABDULLOZODA
Prof. Dr., Khujand State University Named after Academician B. Gafurov, Khujand, Tajikistan
zamira_g@mail.ru

Abstract
Muhammadtagir Ghani Kashmiri is one of the greatest Indian Persian poets of XVIIth century, which as Faizi Fayazi, Urfi Shirazi, Saib Tabrezi, Kalim Kashani, Naziri Nishapuri, Mirza Bedil and other outstanding representatives of the Indian style, made a worthy contribution to the development of this literary style. Ghani demonstrated his artistic mastery sophistication of imagination, fantasy, creative search for new themes and new content (content creation and interpretation), which are characteristic of the Indian style. A huge popularity was brought to the poet his talent by filling the second line of the poem with a poetic argument in favor of the judgment expressed in the first one (allegory), which in the Indian style was the most well-known method of building the beit.
Due to Ghani's attention on the possession of the new poetic ideas, new meaning and multi-meaning of the poetic images the poet obtain a worthy place among followers of Indian style.
Ghani always was in search of new content and rebuked those poets in the creation of which there was a place to repeat old themes and content, he asked them to search for new and original content, thematic updates. According to him, the poet should be refined, get inspiration for poetic meaning from the world, because the original poem is nothing without new content and a new way of thinking.
According to Ghani, every poet who wants to achieve innovation and renewal of the theme and presentation of a new meaning, creation of new unusual meanings, has to go through a difficult and hard path, as well as show resilience to achieve this goal.
Ghani also emphasizes that the poet should not borrow meaning from the works of previous poets and repeat the same stylistic tricks, and if the poet does not have new ideas and themes for his work, he should not write them.
Ghani, along with other luminaries of his time, played a great role in the development of Indian style. His poetry is attractive both from the point of view of the style and manner of presentation, and from the point of view of the richness of his thoughts, and it is a proof of the poet's artistic mastery. Deep research and analysis of his poems will allow us to get more into the essence of the poem and his thoughts, to know the poetic art, the source of the poet's thoughts, so that his worthy status in the Persian literature of India will be presented.

Keywords: Creative search for the new topics and new content (content, creation and interpretation), Fantasy, Indian Persian literature, Indian style, Muhammadtohir Ghani Kashmiri, Unique imagination, Xvııth century.

Хулоса
Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирї дар шумори бузургтарин суханварони форсизабони қарни XVII Ҳиндустон ќарор дорад, ки дар қатори дигар суханварони маъруфи «сабки ҳиндӣ» ҳамчун Файзии Файёзї, Урфии Шерозї, Соиби Табрезї, Калими Кошонї, Назирии Нишопурӣ, МИрзо Бедил ва дигарон дар равнақу густариши ин сабк хидматҳои шоистаеро анҷом дод. Ӯ дар баёни нуктаҳои пурмаъно ва мазомини тозаву хаёлњои даќиќаш ќудратмандии хешро ба њадде зоњир намуд, ки дар замони зиндагияш, дар саросари љањони форсї иштињор пайдо намуд. Ғании Кашмирї шоири мубтакир буд. Маҳз тавассути таваҷҷуҳаш ба тозакориҳо, ба даст овардани мазомини тозаву бесобиќа ва матолиби ногуфта ва дигар муњассаноти сабки њиндї, ки дар ашъори вай бештар дар тарзи инњому тамсил ва истиора љилвагар шудааст, миёни шоирони ин сабки адабӣ поя ва мақоми шоиста касб намуд.
Дар мавриди тозагўї Ѓании Кашмирї ишорањо дорад, ки ин нукта дар тањќиќи масоили сабки ҳиндӣ судманд аст. Шоир њамвора дар ҷустуҷӯи маонии бикр буд ва аз мазомине, ки шуарои ќаблї суруда буданд, дурї мељуст. Ӯ он суханваронеро, ки мазомини қуњанро дар ќолаби шеър гунљоиш медоданд, мазаммат намуда, онњоро ба љустани маонии тоза даъват мекард. Дар назари ӯ, шоир бояд дорои завќи махсус бошад ва шоири тозакор бошад, маонии шеъриро аз олами боло илњом бигирад, зеро шеъри асил бидуни дарёфти мазомини тоза ва тафаккури љадид чизе нест.
Ба ќавли Ѓанї, њар шоире, ки мехоњад дар гуфтани маънӣ тозакор бошад ва дар ашъори худ он чиро ки бигўяд, эҷоди худи ӯ бошад, роњи душвору пурмашаќќатро аз сар мегузаронад, зеро ки ба даст овардани мазомини бикри ибтикорї кори пурмашаќќат аст. Ғанї ишора ба суубат ва душвории ин роњ мекунад ва таъкид бар он менамояд, ки шоири мубтакири тозагӯ бояд дар гуфтани маонии наву мазомини тоза, ки бинои сабки њиндї бар он устувор аст, кўшо ва устувор бошад. Дар назари шоир, агар суханвар сухани худро надорад, дањон барбастан ва лаб накушуданаш афзалтар аст.
Ѓанї ифтихор аз он дошт, ки мазмуни ӯ дорои назокати хос аст ва дар њолати шабоњат пайдо намудани мазмунаш ба мазмуни дигар суханварон он назокат аз байн хоњад рафт.
Шоир баъзе суханварони муосирашро, ки ба дуздидани мазмуни шеъри дигарон одат кардаанд ва аз ҷумла маънињои ашъори Ѓаниро низ ба тарзи дигар сохтаанду ба номи ҳуд кардаанд, мазаммат мекунад. Ѓанї муътаќид аст, ки њеч шоире ќудрати дуздидани мазмуни бастаи ўро надорад.
Ѓании Кашмирї дар баробари шуарои дигари замонаш дар корбурди санъати тамсил низ иќтидори бузурги њунарї масраф намуда, онро такомул ва инкишоф дод, ки мўљиби таъаввули маънисозии ӯ гардид.
Ашъори Ѓанї њам аз дидгоњи сабку тарзи баён ва њам аз дидгоњи андешањои пурбораш тозаву љаззоб буда, далел ба мањорату ќудрати њунарї ва маќоми рафеъи ин суханвари нозукхаёл мебошад. Тањќиќу баррасии амиќи ашъори ӯ имкон медињад, ки бештар ба дарунмояи шеър ва андешањояш ворид гардида, њунари шоирї, сарчашмаи андешањои шоирро бештар шиносем, то ин ки маќоми шоистааш дар адабиёти форсизабони Ҳинд муаррифї карда шавад.

Калидвожаҳо: Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирї, Қарни XVII, Адабиёти Форсизабони Ҳиндустон, Сабки Ҳиндӣ, Борикандешӣ, Мазмунсозӣ Ва Маъниофарӣ, Тамсилнигорӣ.

Чун раванди адабиёти форсӣ дар қарни XVII дар қаламрави сабки ҳиндӣ ҷараён дошт, бар ин вақ машҳуртарин ва бузургтарин шоири порсигӯи Кашмир – Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирӣ низ аз асари вижагиҳои он берун буда наметавонист. Ин шоири рангиннаво бо ашъори муаттару нафиси хеш тавонист, ки дар сафаҳоти диловези сабки ҳиндӣ нақши носутурданӣ гузорад ва дар ҳусни мақбулият ва густариши ин сабк мақоми шоистае касб кунад.

Шоёни зикр аст, ки бо ҳам омадани бузургтарин шоирони ин аҳд дар ҳавзаи адабии Кашмир барои равнақи сабки ҳиндӣ дар ин қаламрав бетаъсир наемонд. Зеро суханварони моҳиру мақомдори ин сабк, ба монанди Соиби Табрезӣ, Абӯтолиби Калим, Толиби Омулӣ, Салими Теҳронӣ, Туғрои Машҳадӣ, Қудсии Машҳадӣ, Солики Қазвинӣ, Абулфайзи Файзӣ ва ғ. қисмате аз зиндагии хешро дар Кашмир сипарӣ намуда, дар такмили сабки ҳиндӣ эҳтимоми зиёд варзиданд. Онҳо дар маҳофили адабӣ ширкат намуда, бо шоирони ин минтақа алоқаи зиёди адабӣ доштанд, ки дар ин замина имкони интишори сабки ҳиндӣ хеле густарда ва фарох гардид. Ба далели ин гуфта метавон ба маълумоти Шиблии Нуъмонӣ ручӯъ намуд, ки ба зиндагӣ ва суҳбатҳои Ғании Кашмирӣ бо шуарои бузурги аҳд – Соиби Табрезиву Калими Кошонӣ ишора намудааст. Аз назари ин муҳаққиқи барҷаста маҳз бар асари ҳамин иртибот эшон сабки ҳиндиро «ҷавлонгоҳи муштарак» гардонидаанд (17, 182).

Маҳз натиҷаи ҳамин гуна муносибатҳо ва интишори сабки ҳиндӣ буд, ки аз ин сарзамин як идда шуарои пешраву суханпардози бузург ба воя расиданд. Аз ҷумла, маъруфияти Ғании Кашмирӣ ҳамчун яке аз

бузургтарин намояндагони сабки ҳиндӣ дар замони шоир на танҳо хиттаи Кашмир, балки сарҳадоти Шибҳи қораи Ҳиндро гузашта, ҷаҳони форсиро фаро гирифта буд.

Тазкиранигорону муҳаққиқон ба таъкиди ҳунар ва сувари хаёлаш суханҳои санҷида гуфтаанд. Аз ҷумла, бино ба қавли Муҳаммадафзали Сархуш Ғании Кашмирӣ «шоири ба дараҷаи камол расида мебошад» ва аз ҷониби дигар мефармояд, ки «чӣ аз хиттаи Кашмир, балки аз иқлими Ҳинд ҳамчу ӯ (Ғанӣ – З.Ғ.) хушхаёл, нозукбанд, маъниёб барнахоста» (11, 84-85). Бо эътирофи ҳунари баланди суханварии Ғанӣ Насрободӣ таъкид намудааст, ки «дурустсалиқа ва ғарибхаёл буд. Ашъораш ҳамагӣ латиф аст» (8, 225-226).

Абдулҳусайни Зарринкӯб низ дар васфаш гуфтааст: «… бисёре аз тазкиранависони Ҳинд хотирнишон кардаанд, ки дар он аҳд аз аҳли Кашмир, балки аз тамоми Ҳинд ҳамчу ӯ шоире барнахостааст» (5, 122). Забеҳуллоҳи Сафо дар ин маврид чунин навиштааст: «Ғанӣ аз шоирони порсигӯи Кашмир ва дар зумраи бузургтарину машҳуртарини онон аст» (13, 1255-1256). Дар ҷои дигар ӯ ҳамчунин навишта, ки «Ғании Кашмирӣ аз шоирони тавонои порсигӯй дар Ҳиндустон ва аз ҷумлаи саромадони он буд» (13, 1257).

Дар «Эрони Саҷир» низ Ғанӣ ҳамчун «машҳуртарин ва бузургтарин шоири порсигӯи Кашмир» ном бурда шудааст (6, 48).

Воқеан ҳам, Ғании Кашмирӣ боризтарин вижагиҳои сабки ҳиндиро дар ашъори хеш истифода намуда, дунболи ин сабки адабӣ рафтааст.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии сабки ҳиндӣ мазмунсозӣ ва маъниофарӣ ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки асоси шоирӣ дар сабки ҳиндӣ мазмунсозӣ ва маъниофарӣ маҳсуб мешавад. Бо ин ҷиҳат ин сабк аз сабкҳои дигар мутамойиз аст. Дар ин замина Ғании Кашмирӣ низ чирадастии хешро зуҳур намуда, дунболи маъниҳои ноб ва тоза рафтааст. Ибтикори эшон мӯҷиб шуд, ки ӯ барои ба даст овардани мазомини бесобиқа ва матолиби ногуфта нерӯи тахайюли худро бештар ба кор барад ва афкори хешро аз чашмаи софи ибораҳои зебо ва мазмунҳои бикр об диҳад. Дар мавриди тозагӯй худи Ғанӣ низ ишораҳо дорад, ки ин нукта дар таҳқиқи масоили сабк судманд аст. Масалан, шоир суханваронеро, ки мазомини куҳанро дар қолаби шеър ғунҷоиш медоданд, сахт мазаммат намуда, онҳоро ба ҷустани маонии тоза даъват мекунад. Зеро шеъри асилро ӯ бидуни ибтикори мазомин ва тафаккури ҷадид чизе намеҳисобад:

Гар сухан аз худ надорӣ беҳ, ки барбандӣ даҳон,
То ба кай чун хома дорӣ ҳарфи мардум бар забон (12, 546).

Ғании Кашмирӣ барои ифодаи зуҳури саломатӣ ва хотирҷамъиву бузургӣ ибораи зебои «офият гул кардан»-ро ба кор гирифта, ки он дар ин байт чунин садо дода:

Обу ранги мо ба олам офият гул мекунад,
Бар замин ҳарчанд чун барги ҳино афтодаем (10, 986).

Гузашта аз ин, дар мисраи дувум бо овардани ибораи «Бар замин чун барги ҳино афтодаем» табйини аҷз ва нотавониву хоксорӣ менамояд. «Обу ранг» ифодагари вуҷуди инсон аст.

Таъқид ва печидагӯй аз муҳимтарин хусусиятҳои сабки ҳиндист, ки шуаро дар заминаи ҷустуҷӯи маонии бегона дунболи он меафтанд. Баъзе шуаро дар дунболи ҷӯстуҷӯи маонии тоза дар хаёлоти печида он қадар фурӯ мерафтанд, ки асли мавзӯъ аз назар дур мемонд ва ин боис мешуд, ки хонанда ба зудӣ мазмуни шеъри онҳоро дарк карда натавонад.

Ин печидагӯй дар заминаи дар як байт ғунҷоиш додани мазмунҳое, ки бояд дар чанд байт гуфта шавад, ба вуҷуд меомад. Изофа бар ин, шуаро ба офаридани ташбеҳот ва истиораву муболиғаҳои дур аз зеҳн даст мезананд (15, 12).

Ҷиҳати исботи андешаи хеш роҷеъ ба ин мухтассот ручӯъ ба ин байти Ғанӣ хоҳем намуд, ки фармуда:

Наргис аз чашми ту дам зад, бар даҳонаш зад сабо,
Дарди дандон дорад, акнун мехӯрад об аз қалам (9, 9).

Дар ин байт шоир навишта, ки наргис чун аз чашми ту сухан оғоз кард, бар даҳонаш сабо муште зад, то хомӯш бошад. Имрӯз бар асари он мушт вай дарди дандон шудаву об аз қалам мехӯрад.

Метавон афзуд, ки дар ин ҷо таносуби зебое низ ҳаст, ки чун инсон дарди дандон бошад, обро ба василаи шохаи нае нӯшад, ки андарунаш холӣ аст. Ин нукта ба ҳолати наргис ҳам тадоъӣ мекунад.

Баробари ин, ҳамон байти машҳури Ғаниро, ки мӯҷиби иштиҳори вай гардид, низ метавон ифодагари ин хусусияти сабки ҳиндӣ донист, зеро тасвири хеле нозуконаро фаро гирифтааст:

Ҳусни сабзе ба хати сабз маро кард асир,
Дом ҳамранги замин буд, гирифтор шудам (2, 191).

Шафеии Кадканӣ ба тарафи дигари матлаби шоironаи ин байт-рангомезии он ишорат намуда, онро ҳосили ҳунари баланди шоирона донистааст (7, 275).

Муҳаққиқон ба вижагиҳои сабки ҳиндӣ парадоксро маҳсуб медонанд. Асли ин вижагӣ дар он зуҳур мегардад, ки шоир бо корбасти ду шайъи мутазод таркиби тозаи ғайримунтазира меофарад. Бо ибораи дигар, дар зоҳир маънии дарёфтаи шоир ғайриимкон аст, вале ҷавҳари он ҳомии мазмуни баланд мебошад. Мисол:

Ҳар кас ба даргаҳи карамат бурд туҳфае,
Моро зи дасти холии худ остин пур аст (3, 70).

Дар ин байт остин аз дасти холӣ пур буда наметавонад, ки навъе парадокс аст, зеро пур ва холӣ ду чизи ба [ам мухолиф буда, зимни пайванд бо [амдигар як мазмуни тозае касб намудаанд.

Аз саноеъи дигари мустаъмали суханварони аҳди мазкур, ки аз шеъри сабки ҳиндӣ нашъа мегирад, санъати тамсил аст. Ин санъати муҳимми шеърӣ дар ашъори суханварони қабл аз сабки ҳиндӣ низ мавҷуд аст. Аммо сарояндагони сабки ҳиндӣ тавоҷҷуҳи бештаре ба он дошта, дар ҳудуди тавоноии андешаи худ дар ин роҳ қадам ниҳодаанд ва онро такомулу инкишоф додаанд. Ба ин нисбат аст, ки Шафеии Кадканӣ навишта, ки «агар тасвирсозии шуарои форсиро дар адвори мухталиф дар маҷмӯъ назар кунем, гуфтан мумкин аст, ки шуарои сабки ҳиндӣ ин санъатро бо воситаи тамсилот аз ҳама бештар фурӯғ додаанд» (7, 313).

Ғании Кашмирӣ низ дар эҷодиёти худ ин навъи санъатро такомул ва инкишоф додааст. Касрати тамсилоте, ки имрӯз дар ашъори эшон ба чашм мехӯрад, далелест ба писандидагии он дар миёни гӯяндагони он давра. Шиблӣ дар истифодаи ҳунармандонаи тамсил аз ҷониби шуарои сабки ҳиндӣ сухан карда, Ғаниро дар қатори Калим, Алиқулии Салим ва Мирзо Соиб бонии ин тарз медонад (17, 17). Дар воқеъ, иштиҳори Ғанӣ дар тамсилгӯӣ то ба ҷое расида, ки шоире чунин гуфта:

Чунон тамсилро дода ривоҷе,
Ки аз фикри Ғанӣ гирад хироҷе (16, с.210).

Дар тасбити ин нукта ба чанд намуна аз ашъори ин сухансарои кашмирӣ руҷӯъ менамоем:

Дар байти зер Ғанӣ барои исботи он, ки рафтору гуфтори росткорон якранг буда, хилофи ҳам нест, ба қалам масал мезанад, ки рафтору гуфтори ягона дорад:

Намебошад мухолиф қавлу феъли ростон бо ҳам,
Ки гуфтори қалам бошад, зи рафтори қалам пайдо (2,70).

Ва ё матлаби аслии Ғанӣ дар байти зер баёни он аст, ки аз ҳамсояи бад ба ҷуз мазаррат чизи дигаре намерасад. Аз ин лиҳоз, ӯ барои исботи фикраш аз рӯзгори воқеӣ мисол меорад:

Ба ҷуз озор аз ҳамсояи бад кас намебинад,
Ғанӣ, истодагӣ дар лаб газидан нест дандонро (3, 36).

Ҷои дигар мефармояд:

Зи дастандози душман нест ғам хилватгузинонро,
Ки бими остин набвад чароғи зери домонро (3, 37).

Барои исботи он ки аз хилватгузинонро душман ҳаргиз боке набуда, шоир чароғи зери домонро мисол меоварад, ки бими остин надорад. Бими остин надоштани чароғи зери домон бар он вақҳ буда, ки чароғ бо андаке ҳаракати остин хомӯш мегашт, аммо агар зери домон аст, эмин хоҳад буд. Дар ин байт ибораи «чароғи зери домон» маънии чизи пӯшида ва пинҳонро ҳам дорад. Аз ин рӯ, ибораи мазкур бо ҳамин шакл дар ашъори шуарои мобаъди Ғанӣ низ дучор меояд. Масалан, Мирзо Бедил мегӯяд:

Сухан бепарда кам гӯ, аз забони халқ эмин зӣ,
Чароғи зери домон нест ҳаргиз заҳмати бодаш.

Дар қатори дигар вижагиҳо муҳаққиқон иҳомбандиро низ дар қатори саноеъи махсуси сабки ҳиндӣ ном бурдаанд.

Албатта, барои ин, пеш аз ҳама, дараҷаи истифодаи ин санъатро ба инобат мегирифтанд.

Ғании Кашмирӣ низ дар иҳомбандӣ маҳорати баланд зоҳир намудааст. Дар робита бо ҳамин гуфта аст, ки муаллифи «Сафинаи Хушгӯ» Ғаниро «сархайли иҳомбандӣ» номидааст (14, 348).

Ҳамчунин, Алӣ Ҷаводи Зайдӣ дар мавриди муҳимтарин вижагиҳои иҳомоти ашъори Ғанӣ сухан ронда, таъкид мекунад, ки шоир барои матлуб сохтани ғазалиёте, ки фоқиди зикри ҳусну ишқ ва шаробу шоҳид бошанд, чорае ҷуз ин надорад, ки ба саноеъ ва бадеи лафзӣ паноҳ бибарад, то битавонад мазомини хушу ахлоқиро бо чашми зудфаҳм чун иҳом ва тамсил бар шунавандаву хонанда гуворо созад (4, 35).

Забеҳуллоҳи Сафо низ ба ин маънӣ навишта: «Ғаниро аз ҷумлаи шоирон ва суханвароне дар Ҳинд бидонем, ки ба шеваи сухангӯёни аҳд тавониста хуб аз ӯҳдаи баёни хаёлҳои дақиқи худ дар забони истиора ва иҳом барояд. Суханони хаёлангез ва нуктаҳои пурмаоние, ки қолабҳои лафзӣ аз ифодаи мақсуди онҳо оҷиз бошанд, дар шеъри ӯ кам нест» (13, 1257).

Дар тақвияти гуфтаҳои боло аз ашъори Ғанӣ намуна меорем. Ғанӣ фармуда:

Чун остин ҳамеша ҷабинам зи чин пур аст,
Яъне дилам зи дасти ту, эй нозанин, пур аст (3, 70).

Дар мисраи дувум таъбири «дил пур аст» дар батни худ иҳом дорад. Маънии аввал он аст, ки дили ман аз ту пур аст. Яъне ман ба ту эътимоди афзун дорам. Маънии дувум бошад, дар он тазоҳур мекунад, ки дарду андӯҳи муҳаббати ту лабрез гашта, яъне аз ғами ишқи ту пур аст.

Дар байти поин «муҳит» ва «сафина» бо оҳанги зебое ороста гардидаанд. Муҳит дар назари аввал ифодагари атрофу акноф ва гӯшаву канор буда, ҳосили матлаби шоир он аст, ки ашъори ман тамоми оламро фаро гирифт ва дигар шуаро сафинаҳои дафтари ашъорашонро ба об андохтанд:

Ашъори обдорам то шуд муҳити олам,
Андохтанд дар об ёрон сафинаҳоро (2, 88).

Маънии дигар он аст, ки ашъори обдори ман мисоли баҳри бекарон гашт ва ёрон ҷиҳати фаҳми матолиби ман сафинаҳои-киштиҳои тафаҳҳум ва идроки хешро ба он ворид сохтанд. Яъне ёрон ба мутолиаи ашъорам мутаваҷҷеҳ гардиданд.

Дигар самти зуҳури вижагиҳои сабки ҳиндӣ дар ашъори Ғании Кашмирӣ дар иборасозӣ ва калимаороии шоирона ифода ёфтааст. Дар ин самт ӯ кӯшидааст, ки ҳунари шоирии хешро бо тамоми вуҷӯҳот рӯнамо кунад. Барои тасбити ин андеша ашъори эшон баёнгари ҳол хоҳад буд:

Даҳр ноамн чунон гашта, ки чун мардуми чашм,
То дари хона набандам, набарад хоб маро (3, 49).

Дар ин байт чанд ибораи офаридаи шоир ба ҳам омадаанд, то матлаби аслӣ ифода гардад. Барои равшантар гардидани мақсади хеш мо ба маонии ин иборат таваҷҷуҳ хоҳем кард.

Аз «даҳри ноамн» манзур дунёи ноором аст ва ҳадафи шоир баёни замонаи ноорому осудаи хеш мебошад. Ин нукта аз ибораҳои дигари байт возеҳтар мегардад. Ибораи «дари хона бастан» ба ду маънист. Аввал тадоии бастани дари хона мекунад бар вачҳи он, ки замона ором нест ва агар дари хонаамро набандам, маро хоби осуда намебарад.

Маънии дигари ибора он аст, ки то дари хонаи чашм набандам, хобам намебарад. Яъне аз ин дунё дари хонаи чашми худро набандам, маро осоиш муяссар нагардад.

Аз ин баҳс метавон иборасозии шоирро дар ду даста баррасӣ намуд:

1. Иборасозии изофӣ;
2. Иборасозии фразеологӣ.

Барои амиқтар гардидани баҳси хеш ин дастаҳоро дар алоҳидагӣ бо зикри намунаҳо ва тавзеҳоти онҳо таҳқиқ хоҳем кард.

I. Ибораҳои изофӣ. Ибораҳои изофӣ боз дар навбати худ ба ду даста тақсим мешаванд:

а). Ибораи изофии дучузъа. Барои намуна ба ин гуна ибораҳо мисол меорем:

Танӯри фалак – ибораи ташбеҳист, ки дар он фалак мушобеҳи танӯр гардида:

Гӯй, ки дар танӯри фалак қаҳти ҳезум аст,
То иштиҳо насӯхт, нашуд пухта нони мо (3, 42).

Нохуни ҳиммат:

Чун маҳи нав, ки нагардад зи шафақ ҳаргиз сурх,
Нохуни ҳиммати ман ранг нагирад зи ҳино (3, 46).

Мурғи риштадарпо – мурғе, ки побанд ҳаст ва дур парида наметавонад. Киноя аз рӯҳи инсон, ки аз тааллуқ ба ҷисм риштабарпост:

Надорад раҳ ба гардун рӯҳ то бошад нафас дар тан,
Расоӣ нест дар парвоз мурғи риштадарпоро (2, 58).

Хуни мино – киноя аз шароб, хуни мино рехтан – шароб рехтан аз сабӯ ба ҷом:

Ба базми майпарастон саркашӣ бар тоқ неҳ, зоҳид,
Ки мерезанд мастон бемуҳобо хуни миноро (2, 58).

Чархи сиёҳкоса (сияҳкоса) – барои ифодаи дунё ва моҳияти он корбаст мешавад. Таъбири орифона буда, андеша ва ормони онҳоро ифода менамояд:

То барнаёмадаст зи комам забон, Ғанӣ,
Чархи сиёҳкоса чу килкам надод об (3, 56).

Ҳамин гуна кӯшишҳои муваффақонаи шоир дар офаридани ибораҳои изофии дучузъа зиёд эҳсос мешавад. Ин шоири кашмирӣ дар корбасти иборотӣ ғариби шоирона зиёд эҳтимом варзидааст ва ин нукта ҷавобгӯи ҳунари эшон маҳсуб мегардад.

Ба ибораҳои изофии чандчузъа ибораҳое шомиланд, ки аз се ё бештар чузъ иборат буда, барои ифодаи маънии ягона ба кор гирифта мешаванд. Аз ҳунармандтарин шоироне, ки дар ҳавзаи Кашмир ба ин мухтассоти шеърӣ ва такомули он мушарраф гардидааст, Ғании Кашмирӣ маҳсуб мешавад, ки ашъораш далели ин фикр аст:

Фурӯғи шӯълаи идрок – камоли фаҳму фаросот:

Фурӯғи шӯълаи идрок дар пирист кам пайдо,
Бувад ин маънии пинҳон зи шамъи субҳдам пайдо (3, 47).

Ҳосили маънӣ он аст, ки фаҳму дарки инсон дар пиронсолӣ хеле заиф мешавад. Шоир барои исботи афкораш аз ҳақиқати воқеӣ мисол меоварад, ки чун шамъ ба субҳидам расад, равшании он хеле хира мешавад. Хира шудани равшании шамъ аз ду дидгоҳ аст. Аввал ин, ки чун субҳ фаро расад, партави сапеда равшании онро хира намояд. Аз ҷониби дигар, шамъ чун тамоми шаб сӯзад, субҳидам марҳилаи ниҳоии сӯзиши вай фаро расад, ки он ҳангом равшаниаш хеле заиф бошад. Ин ҷо таносуби зебо миёни шамъ ва инсон гузошта шудааст. Ин вижагии ҳунарии Ғанӣ гувоҳи он аст, ки шуаро дар сохтани иборотӣ мазбур таносуби суханро ҳамеша ба риоя меоваранд.

Бархе аз чунин иборот бештар аз маънии зоҳирии хеш дур гардида, мазмуни рамзӣ касб кардаанд. Бар ҳамин вачҳ аст, ки касрати истифодаи киноя ва баёни мармуз дар ашъори шуарои сабки ҳиндӣ имтиёз пайдо намуда, аз ин роҳ ба шеъри шуарои ҳавзаи Кашмир убур кардааст. Масалан, дар ин байти Ғанӣ ибораи «ниҳоли боғи ҳусн» киноя аз маъшуқ мебошад:

Нашъаи побӯси худ з-ин пеш бигзор обро,
Эй ниҳоли боғи ҳусн, аз хок бардор обро (3, 48).

Дар мисраи дувум ибораи «аз хок бардоштани об» низ аз сувари зебои хаёл дарак медиҳад. Маънӣ хеле шоирона буда, ифодагари уруҷи рӯҳонии инсон аст, ки ҳарчанд аз хок офарида шудааст, сууд ба арш мекунад. Аз ин рӯ, аз хок бардоштани об бурун омадан аз мақоми паст ва пари парвоз боз кардан аст.

Дар байти дигар ибораи «чор девори аносир» ба маънии чаҳор унсури офариниш – бод, об, хок, оташ ба кор рафтааст, ки хеле зебо ва шоирона гуфта шудааст:

Чор девори аносир нест ғайр аз чор мавҷ,
Гашт селоби сиришкам дар ҷаҳон то ошкор (2, 169).

Ҳосили маънии байт он аст, ки чун селоби сиришки ман ҷорӣ шуд, аҷзои вуҷудам ба ҷуз чаҳор мавҷ, яъне об чизе намонд.

Дар ашъори Ғании Кашмирӣ аз ин даста иборот хеле зиёд метавон бархӯрд, ки ҷавобгӯи талаботи суханварони сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад. Фонӣ кӯшидааст, ки зимни офариниши ин гуна таъбиру ибораҳо ба хаёлпардозӣ перояи сухани хешро мунаққаш гардонад.

Истифодаи ибораҳои рехтаи фразеологӣ ва таркибҳои маҷозӣ низ аз ҷиҳатҳои муҳимми сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад, зеро бештар дар ин замина шоирон тавонистаанд, ки ба офаридани маъниҳои тозаву ноб муваффақ шаванд. Бо мақсади он ки вуҷӯҳоти ин масъала зоҳир гардад, ба намунаҳо аз ашъори Ғанӣ руҷӯъ менамоем:

Дастҳо аз афсӯс барҳам задан – ин ҷо ба маънии изҳори афсӯсу надомат кардан:

Дастҳоро баски аз афсӯс барҳам мезанам,
Мепарад чун ранги рӯ аз дасти ман ранги ҳино (2, 59).

Дар ин байт ибораи дигари маъмул низ ҳаст, ки «паридани ранги рӯ» мебошад. Ин таъбир ба маънии тағйир ёфтани ранг, ҳолоти инсонӣ омадааст.

Ба нақши бӯрё паҳлӯ задан – киноя аз изҳори аҷзу фақр намудан, дар мақоми фақр будан:

Рӯзу шаб аз бас замингирам зи дарди дасту по,
Пайкари ман мезанад паҳлӯ ба нақши бӯрё (3, 54).

Дасти холӣ ба кавнайн фишондан – аз баҳри ду дунё гузаштан, бар сари ҳама молу маноли дунё пой гузоштан:

Ғанӣ агарчи фақир аст, ҳиммате дорад,
Фишондааст ба кавнайн дасти холиро (3, 43).

Чун қалам сафар ба забон кардан – киноя аз навиштани хома ва сафари он дар саводи дафтар:

Машҳур дар саводи ҷаҳон аз сухан шудем,
Ҳамчун қалам сафар ба забон мекунем мо (3, 44).

Дар илми фақр устод шудан – киноя аз такмилаи рӯҳонӣ дар ирфон, дар мақоми фақр, ки аз зинаҳои махсуси тариқат аст, комил гардидан. Чун ҳар кас дар фақр камол биёфт, ӯ устод шуд, ӯ ба асли ирфон ва мартабаи камолоти рӯҳонӣ бирасид. Зеро мунтаҳои фақр ин фаност дар ҳақ:

Дар илми фақр ҳар кӣ шуд устод чун Ғанӣ,
Бардошт нусха аз варақи бӯрёи мо (3, 45).

Дар ин байт ибораи дигаре низ мастур аст, ки он нусха аз варақи бӯрё бардоштан аст ва ба маънии аз тариқати мо бархӯрдор шудан, ба ҳолати мо расидан омадааст.

Чашм бар қафо доштан дар сафар – дил ба диёри хеш бастан, аз он дил канда натавонистан, ба ёди обу хоки диёр будан:

Баски шуд занҷири поям риштаи ҳуббулватан,
Дар сафар доим чу сӯзан чашм дорам дар қафо (3, 35).

Дар мисраи аввал «риштаи ҳуббулватан» ба маънии муҳаббати ватан аст, ки мусофирро ҳамеша дар дил бошад ва ҳамон ришта ӯро ба ватан пайванд нигоҳ дорад.

Ҳамин тавр, дар ашъори Ғанӣ зуҳури чунин навъи иборот хеле зиёд ба чашм мерасад ва ин нукта гувоҳи асолати ҳунари ин шоири маъничӯ маҳсуб мегардад.

Ҳамин тавр, Ғании Кашмирӣ аз таркибсозӣ ва маъниофарӣ тавассути ибораҳои шоирона бо беҳтарин вуҷӯҳот ба кор гирифта, кӯшидааст, ки дар халқи маъниҳои ноб, таркиб ва мазмунҳои тоза қадаме росих бардорад. Намунаҳои дар боло овардашуда иддае аз ин вижагии ҳунарии шоиро рангиннаворо рӯнамо мекунад. Дар хазинаи андеша ва афкори ин суханвар чунин лӯълӯ ва гавҳарҳо хеле зиёданд ва фикр мекунем, ки баҳси амиқ дар ин ҷабҳа ба кашфи нозукиҳои зиёди шеъри ин суханвари моҳир ва ҳам сабки ҳиндӣ мусоидат мекунад.

Яке аз ҷиҳатҳои асосии сабки ҳиндӣ, ки дар иртибот ба хусусияти ибораорой тазоҳур дорад, калимасозии мураккаб маҳсуб мешавад, ки онро дар истилоҳ вожасозӣ низ гӯянд. Иллати дар сабки ҳиндӣ ривоҷи бештар пайдо намудани вожасозӣ он аст, ки шоирон саъй доштанд матолиби дақиқро ба рамзу киноя ифода кунанд ва дар ин ҷода ба таркиботу истилоҳоти тоза ниёзманд шуданд. Ин фазилат низ як нуктаи муҳимми хусусиятҳои ашъори Ғаниро рӯнамо месозад, ки абъоди ҳунарии он дар мисолҳои зерин ба чашм мерасад:

Либоси мо сабуксорон тааллуқ барнаметобад,
Бувад ҳамчун ҳубоб аз бахя холӣ пираҳан моро (3, 30).

Дар ин байт вожаи «сабуксорон» мураккаб буда, барои ифодаи маънии ирфонии фақр, муфлис омадааст.

Номасияҳ – муродиф ба маънии баргаштабахт, ки қаблан зикраш рафт, инчунин маънии гунаҳкорро диҳад, бар вақҳи он ки тамоми зиндагии инсон ва аъмоли неку бадашро ду фариштa бинвисанд ва ҳар ки зиёда гуноҳ кунад, дафтари аъмоли вай сиёҳ бошад. Аз ин ҷо номасиёҳ касе, ки дафтараш бо аъмоли ношоиста пур шудааст:

Осудаам аз гармии хуршеди қиёмат,

К-аз лутфи ту ҳар номасияҳ соянишин аст (3, 60).

Ҳосили маънӣ он аст, ки ман аз гармии офтоби қиёмат боке надорам, зеро лутфу иноёти ту маро дар соя паноҳ хоҳад дод, чун бахшояндаву меҳрубон ҳастӣ.

Лозим ба зикр аст, ки дар сабки ҳиндӣ саноеъи бадеии маъмул, аз қабили ташбеҳ, тавсиф, тазод, киноя, истиора, таносуб ва амсоли инҳо мақоми пешинаи худро ҳифз кардаанд, зеро бидуни ин саноеъ мавҷудияти шеър худ мутасаввир нест. Ҷиҳати имтиёзнок дар корбурди ин саноеъ бештар дар иртиботи қавии онҳо бо таркибу иборот ва сарфу наҳви хоссаи забони шеъри форсӣ дар ин аҳд тазоҳур кардааст.

Ғанӣ дар ин байт ба тазйини каломи хеш ташбеҳи зебое ба кор гирифта, шабоҳати хуберо миёни забон ва бол барқарор кардааст:

Зи таҳрики забон доим ба ҳар сӯ меравад шеърам,

Чу мурғ аст ин ки аз он бол дар парвоз меояд (1, 126).

Дар байти зер “ишқ” ба “ахгари пинҳон” ва “мӯи сари сапед” ба “хокистар” мушобеҳ шудааст:

Мӯи сар кардам сафед, аммо хаёлат дар сар аст,

Ахгари пинҳон таҳи ин тӯдаи хокистар аст (3, 67).

Вақҳи шабоҳати мӯи сари сапед ба хокистар аз он ҷиҳат аст, ки хокистар мунтаҳои оташ бошад. Чун мӯи сапед нишони пирӣ ва ниҳояти умр аст, ҳамин вижагӣ онҳоро ба ҳам шабоҳат мебахшад.

Истиорот низ дар ашъори шуарои сабки ҳиндӣ ҷои намоён дорад. Бояд гуфт, ки истиора аз аркони муҳимми ҳунарии шуарои ин аҳд маҳсуб мегардад. Намунае, ки дар зер зикр хоҳем намуд, далеле бар ин гуфта хоҳад буд.

Дар ин байти Ғанӣ вожаи «сабзхатон» истиораи гулрухон, маҳбубонест, ки бар вақҳи назокати ҷавонии эшон ифода шудааст:

Соғар задани сабзхатон бемазае нест,

Саҳбокашии ришсафедон намакин аст (2, 32).

Яке аз тарафҳои дигари асари вижагиҳои сабки ҳиндӣ ба шеъри шуарои аҳд, аз ҷумла Ғании Кашмирӣ дар корбасти санъати ташхис зуҳур менамояд. Зеро дар адабиёти сабки ҳиндӣ бештар воситаҳои номаҳсус ё ғайришайъӣ шакл ё сурат пазируфта, маҳсус гардидаанд. Яъне шуаро ба василаи ин санъатҳо чизҳои беҷонро таҳрик мебахшанд ва ин нукта аз мухтасоти муҳимми шеърӣ гардида, истифодаи он дар ашъор муқаррар гашт. Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар тақвияти ин гуфта менависад, ки дар сабки ҳиндӣ тамоми ҷилваҳои зиндагӣ рӯшан эҳсос мешавад ва хусусан мутаҳаррик сохтани чизҳои беҷон аҳаммияти калон дорад (18, 245).

Ғанӣ низ чун дигар шуарои сабки ҳиндӣ аз санъати ташхис бисёр истифода намуда, дар ин ҷода ҳунармандии хуби шоирона зоҳир кардааст. Аз тарафи дигар, ба кор гирифтани ин санъат низ яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи фикр мебошад. Масалан, Ғанӣ ба таъбири «дӯхтани лаби гӯр ба тори кафан» ташхиси зебо ва ибораи балеғ офаридааст:

Умрест, ки ҷуз шикваи мо кор надорад,

Дӯзед лаби гӯр ба тори кафани мо (3, 39).

Ҷои дигар дар тасвири манзараи табиат аз ташхис кор бурда, мазмуни зебои шоирона офаридааст:

Рӯзе, ки гул зи боғ ба ғорат барад сабо,

Булбул ба бод деҳ сабади ошёнаро (3, 41).

Таркибҳои «ғорат кардан», «ба бод додани сабади ошёна», ки ҳамчун амали инсон ҳастанд, ба боду булбул мансуб гардида, ташхис шудаанд. Аз тарафи дигар, дар мисраи дувум ибораи «ба бод додан» иҳоме дорад, ки ду маъниро ғунҷоиш додааст. Маънии аввал ба бод, яъне, ба дасти боди сабо додан аст ва маънии дувум аз даст додан, маҳрум шудан мебошад.

Истифодаи ҳунармандонаи саноеи бадеӣ аз ҷониби Ғании Кашмирӣ ба ӯ имкон дода, ки дар офаридани маъниҳои тоза ва мазмунҳои нав эҳтимоми зиёд варзад.

Ҳамин тариқ, баррасӣ ва таҳқиқи вижагиҳои сабки ҳиндӣ дар ашъори Ғании Кашмирӣ нишон медиҳад, ки ин шоири ширинкалом дар истифодаи ҳунармандонаи хусусиёти сабки ҳиндӣ ҳунари баланди шоирии хешро масраф намуда, дар инкишофи ин сабки адабӣ нақши босазое гузоштааст. Абъоди ҳунарии Ғании Кашмирӣ заминаи эътибору нуфузи хосси ӯ дар сарзамини Ҳинд гардид ва мақоми ӯро ба манзалаи суханвари нозукхаёл, маънисанҷ, навҷӯву соҳибмактаб дар тарвиҷи шеъру шоирӣ ва густариши сабки ҳиндӣ муайян кард. Ӯ тавонист, ки ҳарчӣ бештар андеша ва афкори хешро дар пироияи зебои таркибҳои ҷолиб ва ибораҳои тоза баён намуда, ганҷинаи адабиёти форсиро бо гавҳарҳои обдори худ бой гардонад. Офаридаҳои ҳунарии ин суханвари кашмирӣ ҳуҷҷати ҳусни шеъру адаби форсӣ хоҳад буд.

Аз ин рӯ, ин масъала таҳқиқи бештар мехоҳад, зеро баррасии бештару амиқи осори Ғании Кашмирӣ имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои асосии ҳунари ин шоири рангиннаво ба таври лозима мавриди арзёбӣ қарор гирад.

ПАЙНАВИШТ

Аслањ, Муњаммад Мирзо. Тазкираи шуарои Кашмир / Ба тасњењ ва њавошии Сайид Њисомуддини Рошидї. – Карочї, 1967. – 664 с.
Ғании Кашмирӣ. Девони Ѓанї. Муќаддима, тасњењ ва њавошї аз Алї чоди Зайдї. – Сринагар, 1964. – 259 с.
Ғании Кашмирӣ. Мунтахабот, тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддимаву тавзеҳот А. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 216 с.
Зайдӣ, Алӣ Ҷавод. Муқаддима// Девони Ғанӣ. – Сринагар, 1964. – С. 5-52.
Зарринкӯб, Абулњусайн. Сайре дар шеъри форсї. – Чопи севум. – Эрон: Чопхонаи Њайдарї, 1371.
Ирфонї, Хоља Абдулњамид. Эрони саѓир ё тазкираи шуарои порсизабони Кашмир. – Тењрон, 1335. – 190 с.
Кадканї, Муњаммадризо Шафеї. Сувари хаёл. – Тењрон, 1366.
Насрободї, Мирзо Тоњир. Тазкираи Насрободї. – Тењрон, 1317. – 575 с.
Ориёнпур, Яњё. Аз Сабо то Нимо. – Тењрон, 1372. – 540 с.
Рошидї, Саййид Њусомуддин. Тазкираи шуарои Кашмир. – Карочї, 1967. – Љ.2. – С.517-1043.
Сархуш, Муњаммадафзал. Каламот-уш-шуаро. – Лоњур, 1942. –
Сафо, Забењуллоњ. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Тењрон, 1373. – Љилди 5, бахши 1. – Чопи нуњум. – 635 с.
Сафо, Забењуллоњ. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Љилди 5, бахши 2. – Тењрон, 1373. – Чопи њафтум. – С. 635-1420.
Хушгӯ, Биндробин Дос. Сафинаи Хушгӯ (дафтари солис). – Патна, 1959. – 400 с.
Њотамї, Ањмад. Пажуњише дар сабки њиндї ва давраи бозгашти адабї. – Тењрон: Бањористон, 1371. – 289 с.
Шервонї, Риёз Ањмад. Ѓании Кашмирї. – Сринагар, бидуни соли нашр. – 286 с.
Шиблии Нуъмонї. Шеър-ул-Аљам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон: тарљумаи Сайид Муњаммадтаќї Фахр Доии Гелонї. – Љилди 3. – Тењрон, 1368. – 204 с.
Юсуфї, Ѓулом Њусайн. Тасвири шоирони риё дар назари Соиб. – Соиб ва сабки њиндї дар густураи тањќиќоти адабї. – Тењрон, 1371. – С.311-335.

Codicology of the Oldest Manuscripts of Kamoli Khujandi`s Poetry Preserved in Türkiye Libraries
НУСХАШИНОСИИ КУҲАНТАРИН ДАСТХАТҲОИ АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ АЗ КИТОБХОНАҲОИ ТУРКИЯ

Nasriddinov Fakhriddin ABDUMANONOVİCH
Prof. Dr., Khujand State University Named after Academician B. Gafurov, Khujand, Tajikistan
fahr79@mail.ru

Abstract
The article dwells on the study of codicology of the oldest manuscripts of Kamol Khujandi`s poetry (d. 803 A.H./1400 AD) those ones are preserved in Turkish libraries. Initially, the author of the article speaks about the position of Turkish libraries aimed at the preservation of Persian and Tajik men-of-letters` literary productions and lays an emphasis upon the idea that more than sixty old manuscripts of Kamol Khujandi`s poetry are kept in the treasures of the relevant country. Of these, there are almost twenty copies, such as: Ayosufia libraries (№3945, 3857 and 3946), Nurusmonia (№3822 and 4200), Lolali (№1747), Otif Efandi (2103), National Library (№413), Lolo Ismail (№715), Maghniso (№2676), Holat Efandi (№168), Boyazid (№16263 and 5679), Istanbul University (№1314/4 and 533/4), Epy Museum of Islamic and Turkish Artifacts in Istanbul (№2050), Tupqopisaroy (№1637) etc. and the formers in question were written referring to the 9th century (hijra)/15th century (AD), namely, in the first century after Kamol Khujandi`s death. In the main part of the article, each of the mentioned manuscripts, which are considered to be the oldest copies of the poet`s versified are mentioned with the presentation on the most important peculiarities of codicology. At the end, accurate scientific conclusions are drawn by the author of the given article.

Keywords: Codicology, Copy, Divan, Kamol Khujandi, Letter, Line, Manuscript, Poetry, Turkish libraries.

Хулоса
Маќола дар нусхашиносии куҳантарин дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандӣ (ваф.803 ҳ./1400 м.), ки дар китобхонаҳои Туркия маҳфуз мебошанд, ба ѓалам омадааст. Дар оѓози маќола аз љойгоҳи китобхонаҳои Туркия дар ҳифзи осори суханварони форсу тољик сухан рафта, таъкид гардидааст, ки аз ашъори Камоли Хуҷандӣ беш аз шаст дастхатти куҳан дар ганљинаҳои ин кишвар нигаҳдорї мешаванд. Аз ин шумор наздик ба бист нусха, ба мисли нусхаҳои китобхонаҳои Аёсӯфия (№ 3945, 3857 ва 3946), Нурусмония (№ 3822 ва 4200), Лолалї (№ 1747), Отиф Афандї (2103), Китобхонаи миллат (№ 413), Лоло Исмоил (№ 715), Маѓнисо (№ 2676), Ҳолат Афандї (№ 168), Боязид (№ 16263 ва 5679), Донишгоҳи Истамбул (№ 1314/4 ва 533/4), Музейи осори исломї ва турки Истамбул (№ 2050), Тӯпќописарой (№ 1637) ва ѓ. дар асри нуҳуми ҳиљрї/понздаҳуми мелодї, яъне дар садаи аввал пас аз вафоти Камоли Хуҷандї китобат шудаанд. Дар бахши асосии маќола ҳар як аз дастхатҳои ёдшуда, ки дар мисоли худ куҳантарин нусхаҳои ашъори шоир ба ҳисоб мераванд, бо гузориши муҳимтарин хусусиятҳои нусхашиносї муаррифї ёфтаанд. Дар охири маќола хулосаҳои даќиќи илмї кашида шудааст.

Вожаҳои Калидї: Камоли Хуҷандї, Нусхашиносї, Китобхонаҳои Туркия, Дастхат, Ашъор, Девон, Нусха, Хат, Байт, Мисраъ

Илму адаб назди салотини усмонї маќоми хоса дошт ва боргоҳи онон тӯли асрҳо љои таљаммуи донишмандону ҳунарварон буд. Ба ин мӯљиб, дар китобхонаҳои Туркия нафистарин нусхаҳо бо китобати номвартарин устодони хат маҳфуз мондааст. Нусхаљӯї дар китобхонаҳои ин кишвар каминаро ба чунин натиља расонид, ки садҳо асари пуразишу ношинохтаи донишмандони тољик дар ганљинаҳои мероси хаттии Туркия нигаҳдорї мешаванд. Ин љо бо назардошти соҳати баррасї танҳо дар мисоли нусхашиносии дастхатҳои куҳани ашъори Камоли Хуҷандї ба тавзеҳи масъала мепардозем.

Нусхаљӯии ашъори Камоли Хуҷандї (ваф.803 ҳ./1400 м.) дар ганљинаҳои мероси хаттии Туркия, ба мисли китобхонаҳои Аёсӯфия, Сулаймония, Боязид, Тӯпќописарой, Отиф Афандї, Нурусмония, Лолалї, Лоло Исмоил, Ҳолат Афандї, Ҳољї Ҳасан Ҳуснї пошо, Донишгоҳи Истамбул, Музейи Мавлоно, Музейи осори исломї ва турки Истамбул ва китобхонаҳои халќии шаҳрҳои Анќара, Маѓнисо, Истамбул ва ѓ. ин љонибро ба чунин назар овард, ки бештар аз шаст дастхати ашъори шоир дар ин сарзамин маҳфуз мебошад. Аз ин шумора, наздик ба бист нусха хеле куҳан буда, дар асри нуҳуми ҳиљрї/понздаҳуми мелодї, яъне дар садаи аввал пас аз вафоти шоир китобат гардидаанд. Аз муҳр ва зањрияи теъдоде аз нусхаҳо бармеояд, ки онҳо аз осори нафиси хазинаҳои салотини усмонї буда, бо фармоиши хосаи эшон китобат ва хушнависї шудаанд.

Ин љо бо таваљљуҳ ба хусусиятҳои муҳими нусхашиносї куҳантарин дастхатҳои ашъори Камоли Хуҷандиро аз китобхонаҳои Туркия ба тартиби таърихї муаррифї менамоем:

1. Нусхаи шумораи 3945 аз "Китобхонаи Аёсӯфия". Нусха комил ва бисёр нафис аст. Навъи хат насхи ѓадими хуш мебошад. Нусха дорои 648 вараќ аст. Андозаи авроќ 28,7х19 см аст. Нусха тазҳибкорї шудааст. Дар нусха мунтахаби девони бист шоир аз асрҳои XI-XIV китобат гардидааст. Матн дар ҳар сањфа дар љаҳор сутуни 33-сатрї навишта шудааст. Ѓазалҳо таҳти ҳуруфи ѓавофї оварда шудаанд. Тартиби дохилии ѓазалҳо аксар ҳол тибќи ҳуруфи таҳаљљї сурат гирифтааст. Матн босаводона навишта шуда, сањвулѓалам андак аст. Китобати нусха пас аз дањ соли даргузашти Шайх Камоли Хуҷандї дар миёнаи моҳи раҷаби соли 813 ҳиљрї/миёнаи ноябри соли 1410 мелодї аз љониби Ҳофиз Ҳасани Шерозї ба итмом расидааст. Алҳол, ин нусха ѓадимтарин девони таърихдори Камоли Хуҷандист. Нусха шомили ѓасида (1 адад), ѓазал (840 адад), ќитъа (97 адад), маснавї (1 адад), рубої (17 адад), муаммо (11 адад) ва фард (4 адад) мебошад.

1. Нусхаи шумораи 3857 аз "Китобхонаи Аёсӯфия". Нусха љунгест бас нодир. Навъи хат насхи ѓадими хуш аст. Теъдоди авроќи нусха 754 аст. Дар нусха гузидаи ѓазалҳои Камоли Хуҷандї дар баргҳои 736б-742а китобат гардидааст. Матн дар ҳар сањифа дар чањор сутуни 25-сатрї хушнависї шудааст. Таърихи китобат соли 816 ҳиљрї/1413 мелодист. Ин санад нишон медиҳад, ки нусхаи мазкур алҳол дуюмин дастхати ѓадимтарини девони Камоли Хуҷандї мебошад. Расмулхат ва хусусиятҳои нигориши баъзе ҳарфу калимоти нусха мисли нусхаи ѓаблист. Котиб матнро огоҳона ва хеле камѓалат китобат намудааст. Нусха шомили 64 ѓазали Шайх Камол буда, дигар анвои шеърии шоирро надорад.

2. Нусхаи шумораи 3822 аз "Китобхонаи Нурусмония". Нусха комил буда, мунтахаби девони чанд шоирро шомил аст. Навъи хат насхи таҳаввулёфта аст. Дар нусха матни девони Камол дар ҳошияи баргҳои 103б-338б бо шеваи чалипо китобат гардидааст. Нусха ҳадвалкашии оддӣ дошта, аз ороҳои тазҳибӣ холист. Котиби нусха Иброҳим ибни Абдуллоҳи Абарқӯҳист. Таърихи китобат соли 825 ҳиљрӣ/1422 мелодист. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (752 адад), қитъа (68 адад), рубоӣ (12 адад) ва муаммо (9 адад) мебошад.

3. Нусхаи шумораи 1747 аз "Китобхонаи Лолалӣ". Нусха шомили чанд девон буда, ашъори Камоли Хуҷандӣ дар ҳошияи баргҳои 219б-286б китобат ёфтааст. Соли китобат 828 ҳиљрӣ/1425 мелодӣ мебошад. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (170 адад) ва рубоӣ (1 адад) мебошад.

4. Нусхаи шумораи 2676 аз "Китобхонаи халқии Маҷнисо". Нусха комил аст. Навъи хат насхи моил ба настаълиқ аст. Нусха дорои 214 варақ аст. Матн дар баргҳои 1б-212а китобат ёфтааст. Андозаи авроқ 17,5х13 см аст. Ҳар сафҳа маъмулан 14 сатр дорад. Дар нусха ҳеч навъ ороиш тазҳибӣ ба назар намерасад. Котиб кӯшида, то тамоми ғазалҳо дар зимни ҳар ҳарф ба тартиби ҳуруфи таҳаҷҷӣ оянд. Номи котиб ва макони китобат равшан нест. Таърихи итмоми таҳрир соли 840 ҳиљрӣ/1436 мелодист. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (767 адад), қитъа (57 адад), рубоӣ (11 адад) ва муаммо (10 адад) мебошад.

5. Нусхаи шумораи 168 аз "Китобхонаи Ҳолат Афандӣ". Ин нусха 349 барг дошта, шомили чанд девон аст. Навъи хат настаълиқ аст. Дар нусха девони Шайх Камол дар ҳошияи баргҳои 1б-173а китобат ёфтааст. Маъмулан, дар ҳар ҳошия 28-30 сатр матн навишта шудааст. Котиб аз худ ба сурати Тољиддин ибни Муҳаммади Мунаҷҷими Ҷелонӣ, маъруф ба "Комраво" ёд намудааст. Таърихи итмоми китобат моҳи зулқаъдаи соли 843 ҳиљрӣ/апрели соли 1440 мелодист. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (784 адад), қитъа (62 адад), маснавӣ (1 адад), рубоӣ (13 адад), муаммо (4 адад) ва фард (2 адад) мебошад.

6. Нусхаи шумораи 16263 аз "Китобхонаи Боязид". Нусха комил аст. Навъи хат настаълиқ аст. Нусха дорои 207 варақ буда, матн дар 204 барг (1б-204б) китобат гардидааст. Матн дар ҳар варақ дар ду сутуни маъмулан 13-сатрӣ навишта шудааст. Дар тарқима соли китобат 847 ҳиљрӣ (1443 мелодӣ) сабт гардидааст. Он ҳо котиб аз худ ба сурати "Ҳоҷӣ Абулҳусайн" ёд намудааст (207б). Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (711 адад), қитъа (66 адад), рубоӣ (12 адад), муаммо (9 адад) ва фард (6 адад) аст.

7. Нусхаи шумораи 1637 аз китобхонаи "Музейи Тӯпқописарой", маҷмуаи "Хазинаи Аҳмад(и солис)". Нусха комил ва музаҳҳаб аст. Навъи хат настаълиқи хуш аст. Матн дар 220 варақ (1б-220б) китобат гардидааст. Ашъор дар ҳар саҳифа дар ду сутуни 15-сатрӣ хушнависӣ шудаанд. Тамоми саҳифаҳо ҳадвалкашӣ гардидаанд. Байни ҳадвалҳо зарҳалкорӣ шудааст. Таърихи итмоми китобат миёнаи моҳи рамазони соли 856 ҳиљрӣ/охири сентябри соли 1452 мелодист. Котиб номи худро "Шералӣ" сабт намуда, аз насабу нисбаи хеш зикре ба миён наовардааст. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (774 адад), қитъа (62 адад), маснавӣ (1 адад), рубоӣ (19 адад), муаммо (11 адад) ва фард (1 адад) мебошад.

8. Нусхаи шумораи 2050 аз "Музейи осори исломӣ ва турки Истамбул". Нусха комил аст. Навъи хат настаълиқи хафии мутавассит мебошад. Дар нусха матн дар 291 варақ (1б-291а) навишта шудааст. Унвонҳо ба ғалами риқоъ китобат ёфтаанд. Нусха комилан музаҳҳаб буда, баргҳои 1б ва 2а пурра бо ташъири наботӣ тазҳибкорӣ шудаанд. Дар ҳар сафҳа ашъор дар ду сутуни 13-сатрӣ хушнависӣ гардидаанд. Нусха аз ҷумлаи нафистарин девонҳои хаттии Камоли Хуҷандӣ буда, дар он ашъори шоир бо ҳунари олӣ хушнависӣ шудааст. Котиб дар тарқима таърихи итмоми китобатро моҳи раҷаби соли 865 ҳиљрӣ (апрели соли 1461 мелодӣ) сабт намудааст (291а). Нусха шомили ғасида (4 адад), ғазал (895 адад), қитъа (77 адад), рубоӣ (16 адад), маснавӣ (1 адад) ва муаммо (11 адад) мебошад.

9. Нусхаи шумораи 1314/4 аз "Ганҷинаи осори нодири Донишгоҳи Истамбул". Нусха маҷмуаи девонҳост ва комил мебошад. Навъи хат настаълиқ аст. Адади авроқ 565 аст. Девони Камоли Хуҷандӣ аз барги 330б оғоз гардида, дар 562б анҷом мепазирад. Нусха музаҳҳаб буда, матни асосӣ дар ду сутуни маъмулан 13-сатрӣ хушнависӣ шудааст. Котиби нусха маълум нест. Таърихи итмоми нусха охири моҳи рабеуссонии соли 871 ҳиљрӣ (оғози декабри соли 1466 мелодӣ) мебошад. Нусха ғасида (1 адад), ғазал (778 адад), қитъа (68 адад), маснавӣ (1 адад), рубоӣ (15 адад) ва муамморо (6 адад) шомил аст.

10. Нусхаи шумораи 2103 аз "Китобхонаи Отиф Афандӣ". Нусха комил аст. Навъи хат настаълиқи хуш аст. Теъдоди авроқ 263 аст. Матн аз 1б оғоз ёфта, дар 263а анҷом мепазирад. Ашъор дар ҳар сафҳа дар ду сутуни маъмулан 12-сатрӣ китобат ёфтааст. Нусха муҷадвали мунаррар мебошад. Баъзе мисраҳои арабӣ машкул аст. Ғазалҳо таҳти унвони ҳарфи қофия омадаанд. Котиб Муҳаммад ибни Алоуддини Табрезӣ буда, китобатро моҳи мунаррами соли 872 ҳиљрӣ/августи соли 1467 мелодӣ ба поён бурдааст. Нусха шомили ғасида (1 адад), ғазал (868 адад), қитъа (58 адад), рубоӣ (24 адад), муаммо (13 адад) ва фард (7 адад) мебошад.

11. Нусхаи шумораи 413 аз "Китобхонаи миллат" (Истамбул). Нусха нисбатан комил аст. Навъи хат настаълиқ аст. Шумораи авроқ 237 аст. Матн дар ду сутуни 13-сатрӣ навишта шудааст. Дар нусха тазҳибкорӣ ба назар намерасад. Афтодагии матнпорањо ва саҳвулқаламҳо нисбатан зиёд аст. Котиби нусха маълум нест. Дар анҷомаи нусха соли китобат 874 ҳиљрӣ (1469 мелодӣ) ғайд гардидааст. Нусха шомили ғазал (823 адад), қитъа (7 адад) ва рубоӣ (1 адад) аст.

12. Нусхаи шумораи 3946 аз "Китобхонаи Аёсӯфия". Нусха мунтахаби девони Шайх Камол аст. Навъи хат настаълиқ аст. Нусха тазҳибкорї шудааст. Дар ин нусха ашъори Шайх Камол дар баргњои 94б-128а китобат ёфтааст. Дар оѓоз гузидаи ѓасидаи ломияи Шайх дар њаљми 5 байт оварда шудааст. Дар идома тамоми ѓазалиёти интихобгардида (132 адад) низ дар панљбайтї гузиниш ёфтаанд. Дар тарѓима номи котиб ба сарољат "Абдуррањим ибни Абдуррањмони Хоразмии Султонї" ва таърихи китобат 879 њиљрї (1474 мелодї) сабт ёфтааст (195а).

13. Нусхаи шумораи 715 аз "Китобхонаи Лоло Исмоил". Нусха дорои 240 вараќ буда, ашъори Камол дар баргњои 47б-73а китобат ёфтааст. Дар ибтидо ѓасидаи ломияи Шайх ба тариќи ихтисор дар њаљми 5 байт оварда шудааст. Дар идома тамоми ѓазалиёти интихобгардида (128 адад) дар ѓолаби панљбайтї омадаанд. Дар тарѓима соли китобат 883 њиљрї (1478 мелодї) сабт ёфтааст (239б).

14. Нусхаи шумораи 533/4 аз "Ганљинаи осори нодири Донишгоњи Истамбул". Нусха маљмуаи девонњо буда, дар он мунтахаби девони Камол дар вараќњои 28б-46а китобат гардидааст. Андозаи авроќ 16х9 см аст. Навъи хат настаълиқи хуш мебошад. Матн дар њар сафња дар як сутуни 15-сатрї китобат шудааст. Матни ашъори Шайх Камол бо гузидаи ѓасидаи ломия дар панљ байт оѓоз шудааст. Дар идома 32 ѓазали интихобгардидаи Шайх Камол низ дар ѓолаби панљбайтї оварда шудаанд. Котиб Абдуррањими Хоразмист. Дар тарѓима соли китобат 884 њиљрї (1479 мелодї) сабт ёфтааст (92а).

15. Нусхаи шумораи 5679 аз "Китобхонаи Боязид". Дастхат комил ва музањњаб аст. Матн бо хати настаълиқи хафии мутавассит хушнависї гардидааст. Нусха 251 вараќ дорад. Матн дар њар сафња аз баргњои 1б то 251а дар ду сутуни маљмулан 14-сатрї китобат ёфтааст. Ду барги аввал (1б-2а) комилан музањњаб буда, дар њар яке аз онњо њафт мисраъ аз оѓози ѓасидаи ломия хушнависї гардидааст. Њар анвои шеърї дар сарлавњи музањњаб бо унвон оѓоз шудаанд. Тартиби ашъор назми ягона надорад. Муаммоњо унвонгузорї шудаанд. Нусха аз нигоњи њунар ва фунуни тасвир низ хеле омўхтанист. Илова бар баргњои 1б-2а, баргњои ќабл аз матн комилан бо ташъири вуњушу набот ва гирудор оро ёфтаанд. Афзунтар аз ин, дар зањрия ва баргњои 172б-173а миниётури зебое дорад. Нусха охирњои моњи раљаби соли 884 њиљрї/оѓози октябри соли 1479 мелодї навишта шудааст. Котиб Шайх Њусайни Котиб (?) аст. Нусха шомили ѓасида (4 адад), ѓазал (879 адад), ќитъа (71 адад), маснавї (1 адад), муаммо (11 адад), рубої (17 адад) ва фард (1 адад) мебошад.

16. Нусхаи шумораи 4200 аз "Китобхонаи Нурусмония". Нусха комил ва музањњаб аст. Матн дар 207 вараќ китобат шудааст. Навъи хат настаълиќ аст. Њар сањифа дорои 17 сатр аст. Нусха дар охиртари моњи сафари соли 887 њиљрї/оѓози апрели соли 1482 мелодї аз љониби Фахриддин Ањмади Њусайнї китобат гардидааст. Нусха шомили ѓасида (4 адад), ѓазал (817 адад), ќитъа (71 адад), рубої (16 адад) ва муаммо (11 адад) мебошад.

17. Нусхаи шумораи 3963 аз "Китобхонаи Аёсӯфия". Нусха комил аст. Навъи хат настаълиќ аст. Њар сањфа 15 сатр дорад. Теъдоди авроќ 226 аст. Матн аз 1б оѓоз меёбад ва дар 226б анљом мепазирад. Хусусиятњои нусхашиносї бар ин далолат менамоянд, ки нусха дар асри XV китобат ёфтааст. Нусха ѓасида (2 адад), ѓазал (816 адад), ќитъа (73 адад), маснавї (1 адад), рубої (16 адад) ва муамморо (11 адад) шомил аст.

18. Нусхаи шумораи 943 аз китобхонаи "Музейи Тупќописарой", маљмуаи "Хазинаи амонат". Нусха аз оѓоз афтодагї дорад. Аз ќофияи "алиф" танњо 14 ѓазали охир мањфуз мондааст. Навъи хат настаълиќ аст. Нусха 210 вараќ дорад. Андозаи авроќ 21х14,5 см аст. Матн дар баргњои 1а-204а навишта шудааст. Нусха муљадвали муњаррар аст. Матн дар њар сањифа дар ду сутуни 15-сатрї хушнависї шудааст. Дар тарѓима аз исми котиб ва таърихи китобат сухан нарафтааст. Аз аломатњои нусхашиносї бармеояд, ки нусха дар асри XV китобат ёфтааст. Нусха шомили ѓазал (740 адад), ќитъа (65 адад), маснавї (1 адад) ва фард (4 адад) мебошад.

Њамчунин, дастхатњои № 3962 аз "Китобхонаи Аёсӯфия", № 158 аз "Китобхонаи Њолат Афандї", № 1895 аз "Китобхонаи Лолалї", № 952 аз "Китобхонаи халќии Анќара" ва ѓ. дар асри XV китобат гардидаанд.

Њосили тањќиќ ва омўзиши нусхаи хаттии ашъори Камоли Хуљандї дар китобхонањои Туркия ва љойгоњи онњо дар тасњењи девони шоир дар чунин нуктањо љамъ меояд:

а) Китобхонањои Туркия аз пурбортарин ганљинањои мероси хаттии љањон ба шумор рафта, дар онњо садњо асари нодири донишмандону суханварони форсу тољикро мањфуз мондаанд. Дар ин замина, он нусхањои куњани ашъори Камоли Хуљандї, ки дар садсолаи аввал пас аз вафоти шоир навишта шудаанд, аз ањамияти хоса бархур мебошанд;

б) Наздик ба бист нусхаи куњан ва нафиси ашъори Камоли Хуљандї аз асри XV дар ганљинањои Туркия нигањдорї мешаванд, ки аксари онњо аз љониби хушнависони маъруфи он ањд китобат шудаанд;

в) Аз байни ганљинањои мероси хаттии Туркия китобхонањои Аёсӯфия, Сулаймония, Нурусмония, Маѓнисо, Боязид, Њолат Афандї, Тўпќописарой, Донишгоњи Истамбул, Лоло Исмоил, Лолалї, Музейи Мавлоно, Музейи осори исломї ва турки Истамбул ва чанде дигар дар њифзи дастхатњои куњани ашъори Камоли Хуљандї маќоми хоса доранд;

г) Дар нусхањои кунани муаррифишуда асолати шеъри Шайх Камол мањфуз мондааст. Бар асоси он нусхањо метавон дар матншиносии ашъори шоир ќадами устуворе пеш гузошт;

ѓ) Ковишњои болои нусхањо сурат гирифта, дар нусхашиносии ашъори Камоли Хуљандї кўшиши тоза мебошанд. Ин амр метавонад дар нусхашиносии минбаъдаи ашъори Шайх Камоли Хуљандї мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

Нусхаи № 3945 аз китобхонаи Аёсуфия.
Нусхаи № 3857 аз китобхонаи Аёсуфия.
Нусхаи № 3822 аз китобхонаи Нурусмония.
Нусхаи № 1747 аз китобхонаи Лолалї.
Нусхаи № 2676 аз китобхонаи Маѓнисо.
Нусхаи № 168 аз китобхонаи Њолат Афандї.
Нусхаи № 16263 аз Китобхонаи Боязид.
Нусхаи № 1637 аз Китобхонаи Музейи Тўпќописарой, маљмуаи Хазинаи Аљмад.
Нусхаи № 2050 аз Музейи осори исломї ва туркии Истамбул.
Нусхаи № 1314/4 аз Китобхонаи Донишгоњи Истамбул.
Нусхаи № 2103 аз китобхонаи Отиф Афандї.
Нусхаи № 413 аз Китобхонаи миллат (Истамбул).
Нусхаи № 3946 аз китобхонаи Аёсуфия.
Нусхаи № 715 аз китобхонаи Лоло Исмоил.
Нусхаи № 533/4 аз Китобхонаи Донишгоњи Истамбул.
Нусхаи № 5679 аз китобхонаи Боязид.
Нусхаи № 4200 аз китобхонаи Нурусмония.
Нусхаи № 3963 аз китобхонаи Аёсуфия.
Нусхаи № 943 аз китобхонаи Музейи Тўпќописарой, маљмуаи Хазинаи амонат.
Нусхаи № 3962 аз китобхонаи Аёсўфия.
Нусхаи № 959 аз китобхонаи Њољї Њасан Њуснї-пошо.
Нусхаи № 158 аз Китобхонаи Њолат Афандї.
Нусхаи № 1895 аз китобхонаи Лолалї.
Нусхаи № 2764 аз Китобхонаи халќии Анќара.
Шайх Камоли Хуљандї.Девон/Муќаддима, тасњењ ва таълиќоти Фахриддин Насриддинов.-Љ.1.-Хуљанд: Ношир,2020.

Greetings and Thanks of Laiq Sherali and the Poets of Indian Style

استقبال و بهره وری لایق شیرعلی و شعرای سبک هندی

Nurali NUROV
Prof. Dr., Khujand State University, Tajikistan
nurali74@mail.ru

Abstract
The article is dedicated to researching and discussing of welcoming ways and enjoying of the famous modern Tajik poet Laiq Sherali from the speakers of Indian style. The study established that thanks to the merits of Laiq Sherali in the preparation, publication and propaganda of past speakers of Persian literature, he benefited from their thoughts and opinions, among which two outstanding representatives of the Hindi style - Saib and Bedil - occupy a special place. Although Laik Sherali's style of speech is simple, smooth and charming, and he sometimes praised Saib's ghazals, but in Bedil's words one can feel his mastery in the formulation of words, interpretation and themes of interest in Bedil's poetry. At the same time, in his interviews and speeches, Laik Sherali also expressed disdain for the words and manner of speech of Kaleem Kashani, which shows his deep knowledge of the poetry of Indian poets and his works in the form of traditional types of poetry in the context of such pleasure.Research has led to the conclusion that Laiq Sherali did not imitate, but was influenced by the poetry of the past, especially Indian style poets, which led to the creation of refinements in the structure, content and imagery of modern Tajik poetry.

Keywords: Bedil, Ghazal, Imagination, Indian style, Influence, Like Sherali, Modern poetry, Sahib, Tabakhkhur, Word Kashani, Vocabulary.

چکیده

مقاله به تحقیق و بررسی شیوه‌های استقبال و بهره‌مندی شاعر نامور معاصر تاجیک لایق شیرعلی از سخنوران سبک هندی بخشیده شده است. در جریان تحقیق مقرّر شده است، که با سبب خدمتهای شایان لایق شیرعلی در تهیه و نشر و ترغیب سخنوران گذشته ادب فارسی از اندیشه و افکار آنها بهره‌مندی افزون برداشته است، که در این میان دو نماینده برجسته سبک هندی-صائب و بیدل جایگاه خاص دارند. هرچند سبک سخن لایق شیرعلی ساده و روان و جذّاب است و گاه مورد از غزلهای صائب استقبال نموده است، ولی بهرمندیهای او در شیوه واژه‌سازی، تعبیرافرینی و موضوعات قابل توجّه از کلام بیدل احساس می‌شود. در برابر این، در مصاحبه و گفتارهای خویش لایق شیرعلی به تبحّر خویش از کلام و طرز سخن کلم کاشانی نیز اشاره فرموده است، که این امر دلیل آگاهی وافر او از شعر شاعران سبک هندی و تازه‌کاریهایش در قالب انواع سنّتی شعر در زمینه چنین بهره‌مندیها به شمار می‌رود. تحقیق به نتیجه‌ای رسانیده است، که لایق شیرعلی نه تقلید، بلکه از شعر گذشتشان، خاصه شاعران سبک هندی تبحّر داشته، که آن باعث به ایجاد تازگیها در ساختار، درونمایه و صور خیال شعر معاصر تاجیک گردیده است

واژگان کلیدی : لایق شیرعلی، سبک هندی، صائب، بیدل، کلم کاشانی، تأثیرپذیری، تبحّر، غزل، شعر معاصر، صور خیال، واژه‌سازی

مقدمه

تحوّلات کلّی ادبیات فارس و تاجیک در مراحل مختلف تاریخی، از جمله در زمان معاصر بیشتر به انکشاف ساختاری و محتوایی و سبک نوع سنّتی شعر-غزل تکیه می‌کند، چون از جمله پرنفوذترین انواع شعری سنّتی به شمار می‌رود، که شاید در هیچ یک زمانی از عروج و بالندگی خویش بازنیستاده است. حتّی در همه گونه ایام تاریخی، که بر اثر تشنج اوضاع سیاسی، نفوذ مشکلات اجتماعی، برخوردهای فکری و نابرابریهای صنفی ادبیات و ارزشهای ادبی تا جایی اهمّیّت خویش را از دست داده و به نیروی ترغیب غایه‌های طبقه‌های حکمران بدل گردیده‌اند، این نوع معتبر شعری جایگاه والای خویش را از دست نداد. برای معرفت حقیقت این امر ضرورت آن نیست، که ما به دوران دور تاریخی رجوع کنیم. مراجعت به ادبیات دوران شوروی خود کافیست، که بار دیگر نفوذ و عظمت غزل را در ادبیات تاجیک اعتراف سازیم، زیرا ناوابسته به تأثّر انواع شعر از غایه‌های نظام سیاسی دور سخنوران بزرگ این دوره، شروع از استاد عینی تا ابوالقاسم لاهوتی و پیرو سلیمانی، میرزا تورسون‌زاده و دیگران بیرون از محدوده‌های تفکر موفق بر ادامه بهترین سنّتهای غزل کلاسیکی گردیدند، این مطلب بیانگر حقیقت این است، که به تعبیر استاد گلنظر"عنعنه غزلسرایی در ادبیات ساویتی تاجیک هیچ گاه قطع نگردیده بود "....از میان سروده‌های استادان عینی، لاهوتی، پیرو، یوسفی، تورسون‌زاده نمونه‌های بهترین را می‌توان پیدا کرد (3,32;2) افزون بر این، علی‌اصغر شعردوست نیز همین رسالت بزرگ شاعران زمان شوروی را اعتراف نموده، نوشته است، که «برخی از غزلسرایان این دوره در کنار شعر سیاسی بر رشد و شکوفایی غزل غنایی یا غزل واقعی همت گماشتند و به اتّکا به گذشته پربار غزل فارسی و با اثرپذیری نه چندان از مخصوص از سبک هند غزلهای زیبا و در عین حال ساده و روان آفریدند . (8,133)

پیشنه تحقیق

استاد لایق از آغاز ورود به میدان ادبیات، که به همان ایّام پیوند دارد، در شمار سخنوران تازه‌نظر و مبتکر ادبیات معاصر تاجیک قرار گرفت، که در تحوّل معنایی و ادامه‌ی نادرترین سنّتهای غزل کلاسیکی اقدام نموده، از سوی اکثر دانشمندان زمان وطنی و خارجی همچون بنیادگذار دوره نو انکشاف غزل اعتراف گردید، که «توجّه او به این نوع شعری مرحله دیگر را در تاریخ غزل تاجیکستان ورق زد». (7,136)

به افاده استاد گلنظر «وقتی لایق به غزلسرایی سر کرد، نظم بال و پر خود افشانده بود، در خود نیروی تازه احساس می‌کرد، میل پروازهای دورادور را داشت. هر تازگی، که به شعر وارد شد، لایق در تازه کردن فضای غزل به کار برد. (2,32)

راجع به ویژه گی های هنری و موضوعی اشعار استاد لایق شیرعلی از سوی دانشمندان تاجیک چون مهمدجان شکوری بخارای، عبدالنبی ستارزاده، عسمان جان غفارآف ، گلنظر، ساربان، کمال نصرالله، نیت مصباح الدین نرزیقل، نیت حیات و دیگران پژوهشهای به سامان رسیده است. ولی مصعله تآثرپزیری و تبحر او از شاعران سبک هندی بار اول تحقیق می شود.

اصل مقاله

مسلّم است، که شعر فارسی در قلمرو فرارود شاید از زمان نفوذ سبک هندی در قلمرو اصلی آن به سبک ادبی پیوند داشت، چون برابر به آن که ادبیات فارسی‌زبان در شبه قاره هند گسترش پیدا نمود، در این سرزمین نیز شاعرانی چون شوکت بخاری و سیّدای نسفی به رواج سنّتهای خاص ادبی منسوب به سبک هندی موفق بودند، که البتّه این موضوع بحث جداگانه است. امّا در نیمه دوّم عصر نوزده و ابتدای عصر 20 به سرعت مکتب پیروان بیدل در قلمرو فرارود گسترش پیدا نمود، که بی‌گمان تأثیر آن تا نیمه‌های اوّل عصر 20 باقی مانده، بعداً در مراحل بعدی نیز دوباره رونق تازه کسب کرد. از این رو، روحیه و تأثیر سنّتهای سبک مذکور در ادبیات تاجیکی عصر 20 تا دیر دوام نموده، حتّی می‌توان گفت، که در پایان این قرن تمایل تازه هم کسب نمود. شاید با تکیه بر همین پدیده ادبی علی‌اصغر شیعدوست در مورد مهمترین خصوصیتهای شعر استاد لایق نوشته است: "بکارگیری زبان ساده و روشن امروزه، هنرنمایی غیرمتکلّفانه در ساحت موسیقی شعر و صور خیال، ثرپذیری از فضای غزل سبک هندی، بویژه بیدل را می‌توان به عنوان برجسته‌ترین ویژگی غزل لایق برشمرد (8,138)

وقتی که بحث استاد لایق و سبک هندی به میان گذاشته می‌شود، شاید در نظر اوّل چنین دیدگاههایی هم عرض هستی کنند، که سخن در مورد تأثّر این سخنور پیشکسوت ادبیات امروز ما از شاعران سبک هندی، خاصه بیدل می‌رود. امّا طرح کلّی و اصولی بررسی مسئله هرگز چنین نیست،

چون شعر استاد لایق بیشتر از خصایص شعر رودکیوار برخوردار است، که سه مهمترین ویژگیهای آن را استاد عبدالنبی ستارزاده چنین مقرّر نموده‌اند:

"در آن همه چیز-محتوا، زبان، لغت، بیان، سبک، واسطه‌های تصویر-ساده، مقرّری، روزمرّه، همگانی، زمینی، آشنا، طبیعی و آسان-می‌باشد؛ (4,11)

"در آن همه چیز-محتوا، زبان، لغت، بیان، سبک، واسطه‌های تصویر-تازه و تر، نو، بکر، آبنخورده و آب‌نرسیده می‌باشد (4,11)

محتوا، زبان، لغت، بیان، سبک، واسطه‌های تصویر-همزمان با ساده و آسان و تازه و تر بودن عالیست، یعنی، در حدّ کمال و جمال و در تناسب و همبستگی کامل لفظ و معنیست (4,15)

وقتی از این بررسی واقعیت و اصالت سبک سخن استاد لایق روشن می‌گردد، ضرورتی پیش می‌آید، که در قلمرو این شعر رودکیوار ما باید به جایگاه عناصر هنری سبک هندی در تکمیل شیوه سخنوری بنیدیشیم، که این نقطه نظر و روش از طرح کلّی تشکّل شعر معاصر تاجیک بیرون می‌آید و استاد لایق شیرعلی بیرون از آن فزا و محیط ادبی بوده نمی‌تواند. به عباره دیگر، این جا در نظر اوّل موضوع بهره‌وری لایق از شعر گذشته، از جمله شاعران سبک هندی مطرح است، که ما را موظف می‌سازد تا نقش همین فیضان را در تکمیل و تشکّل جنبه‌های هنری غزل معاصر تاجیک در مثال ایجادیات لایق بررسی نماییم. تحقیق این موضوع را در چند روش مهم می‌توان انجام داد:

1. مناسبت لایق به ادبیات گذشته، از جمله شاعران سبک هندی. بهره‌وری و تأثیرپذیری.

مسلّم است، که اگر سخن در مورد تأثیرپذیری برود، شاید در کلام استاد لایق ما بیشتر تأثّر او را از شعر و شیوه سخنوری حافظ و مولوی و نمایندگان دیگر سبک هندی از جمله، صائب و کلم بیشتر احساس نماییم، نظر به بیدل. با تأکید استاد عبدالنبی ستارزاده آنچنانک خود لایق می‌فرماید: "این گفته شاعر چه معنی دارد، که «بیش از همه شعر را از زندگی، همچنین از شعر رودکی، حافظ، خیام، صائب، کلم کاشانی و مخصوصاً پس از خواندن «مثنوی معنوی» و «دیوان کبیر» آموختم(4,147)

پس، در نظر اوّل، این جا باید، به یک نکته مهم توجّه کرد، که استاد لایق با آن همه فراگیری کلّی از میراث سخنوران گذشته ما از فیض کلام و اندیشه و طرز بیان این بزرگان بحرهایی برداشته، راه سخنوری خویش را تکمیل و تجدد بخشیده است. فراتر از تأثیرپذیری او بهر ایجاد شیوه نو بیان و کارکرد شیگردهای هنری و معنایی در غزلسرایی و گشایش صحیفه تازه در غزل معاصر از کلام و طرز سخن این بزرگان بهره‌ور شد. چنانچه، باز هم استاد عبدالنبی ستارزاده با تکیه بر ملاحظات خود استاد لایق نوشته‌اند: "برای مثال، در غزلیات او به جز تأثیر حافظ و صائب همچنین بهره‌گیریها از آثار مولوی، کلم کاشانی، بیدل، سیّدای نسفی، لاهوتی و دیگران به نظر می‌رسد... . خود شاعر نیز جا داشتن این حادثه را در نوشته‌هایش اعتراف و تصدیق می‌کند، که حتّی «ممکن است، در یک بیت هم تأثیر اسینین باشد و هم صائب. ." شعر مقبول، به گفته او «گاه به خواننده اسینین و صائب، گه-گه رودکی و حافظ را یاد می‌آرد (4,106). "

حتّی وقتی استاد لایق به سؤال آن که چون یکی از مرتّبان دیوان صائب در تاجیکستان به شمار می‌روید، آیا صائب به لایق تأثیر کرده است؟» چنین پاسخ گفته: «نه. من از صائب بهره برده‌ام، امّا کاملاً زیر تصرّف صائب نیستم. (4,106).

البتّه، باز هم با اعتراف لایق این تأثیرپزیری را هم نمی‌توان صرف نظر نمود، ولی باز هم بهره‌وری و فیضبرداری و بر اساس آن تکمیل بخشیدن شیوه سخنوری خود می‌تواند اولویت کسب نماید، چون باز هم به اشارت استاد عبدالنبی ستارزاده، که از دید و وادید و صحبت و ملاقاتهای خویش با لایق به چنین خلاصه رسیده است: "لایق همیشه طرفدار بهره برداشتن و آموزش پیوسته از آثار دیگران بود، ولی تأکید می‌کرد، که «نباید از ایجاد دیگری سویستیفاده کرد...» (4,106) و"ضمناً، وی داننده بی‌نظیر آثار رودکی، فردوسی، خیام، نظامی، سعدی، حافظ، صائب، کلم کاشانی، بیدل و دیگران بود و می‌توانست سا-اتها از اشعار شاعران نامبرده بی‌ایست از یاد شعر ب-خواند و مدّتها در باره‌اشان با شوق و ذوق صحبت بکند" (4,141))

هراینه از این گفت و گزار و بررسیها روشن می‌شود، که با همان ارادت و حسن اخلاصی، که استاد لایق به بزرگان ادبیات گذشته ما دارد، همیشه کوشیده است، که از فیض کلام، اندیشه و سبک سخنوری ایشان در تکمیل راه و شیوه خود بهره‌ور گردد. بارها در شعرش نیز از این بهره‌وری و حتّی موتالیه‌های افزون کلام شاعران گذشته، از جمله صائب و بیدل سخن می‌کند و به آیندگان هم توصیه می‌دهد، که بعد از سر من شما هم مثل من حافظ و صائب بخوانید:

روزی، که بازمیرسد وقت زوال من،
یادی کنید از من و نقص و کمال من!
نوشید می به خاطر جام شکسته‌ام،
خانید شعر حافظ و صائب مثال من (7,438)

چند مورد وقتی از کلام صائب استقبال و استفاده می‌کند، صراحتن به نام و اشارت هم نموده، بدین شیوه هم به پیوند معنایی و شکلی غزل خویش به سروده‌های این سخنور و هم ارادت خود بر شخصیت، شعر و اندیشهش تأکید می‌ورزد. پیوند شکلی گفتن ما در بالا به معنای آن است، که اگر غزلی را با طرح وزنی، نظم مصرعی از شاعر نمایند، حتماً بر آن اشارت می‌کند. استاد گلنظر هم در بخش"لایق و غزل"از کتاب"لایقی چون لایقی"به این مطلب اشارت فرموده، حتّی تأکید می‌کنند، که"در سروده‌های او (منظور لایق-ن. ن .) شور و قیام مولانا و معنیافرینی صائب تبریزی روشن هویداست(2,34)

چند نمونه برای چنین شیوه مناسبت به شعر صائب را اینجا می‌توانیم ذکر نماییم:

امّا چو روز بگذرد، از پشت آفتاب
"بر عیشهای رفته دلی شاد می‌کنم". 1
امّا چو روز بگذرد، چون سایه غروب
اندوه تو فرو کشد دنیای روشنم... (7,179)

1. مال صائب

بهره‌وری از مصرع مذکور اشارت به تضمین غزلی از صائب نیز می‌کند، ولی به روشنی احساس می‌شود، که لایق در پس‌منظر این فیضبرداریها با همان خلّاقیّت هنری خویش در دوام راه معنیافریهای خاص سبک هندی و شاعری از قلمرو آن چون صائب ابتکاری از خود به نمایش می‌گذارد. لایق توسط ایجاد ترکیبهای شاعرانه‌ای چون"سایه غروب"، "فرو کشیدن"، "دنیای روشن"معنیافرینی می‌کند، که خاص خود اوست. با ایجاد چند ترکیب خاص و بهره‌وری از فرهنگ مردم همین معنی را طرح می‌ریزد، که اندوه ترا دنیای روشن من در اندرون خود فرو می‌برد، یعنی به خود می‌گیرد. همین ترکیب"در خود فرو بردن"است، که از فیض معرفت زبان و فرهنگ مردمی حاصل شده است و استاد لایق در کاربرد

شگفت‌انگیز چنین تعبیرهای خاص فرهنگ مردمی در کلامش تبحّر کامل دارد. این جا معلوم می‌گردد، که اگر چه طرح ایجاد ترکیبها به اصطلاح محقّقان سبک هندی شیوه خاص بهره‌وری از کلمات"کوچبازاری "-را به خود می‌گیرد، امّا در کارکرد و کاربرد آنها ابتکارات مخصوص ظاهر می‌نماید. این روش او در غزل دیگری، که با استقبال از غزل دیگر صائب به قلم آمده، روشن هویداست:

گر قابل ملال نیم، شاد کن مرا،
ویران اگر نمی‌کنی، آباد کن مرا.
صائب
خندان اگر نمی‌کنی، گریان مکن مرا،
آباد اگر نمی‌کنی، ویران مکن مرا.
خوشبخت اگر نمی‌کنی، از بخت دم مزن،
شادان اگر نمی‌کنی، نالان مکن مرا. (7,376)

هرچند استاد لایق اشارت دارد، که این غزل از فیض یک غزل صائب سروده شده است و بیت مطلع آن هم ذکر شده، امّا برای خواننده آگاه به صراحت معلوم می‌گردد، که او در این شیوه استقبال یک تازگیره‌ای را کارکرد نموده. تنها قسمت دوّم ردیف، یعنی"مرا"در هر دو غزل تکرار می‌شود. وزن هم در استقبالیه لایق دگرگون می‌شود و طرح کلّی ردیف هم. در غزل صائب عباره"کن مرا"حکم ردیف را دارد و در سروده لایق باشد، "مکن مرا ". ارتباط معنایی هر دو غزل، که در اوّلی خواهش نشاط و کامرانی و شاد کردن جلوه‌گر می‌شود، در غزل دوّم، یعنی سروده لایق به طرح بیان دیگر، که به وسیله تغییرات ردیف حاصل شده است، صدا می‌دهد. صائب می‌گوید، که مرا شاد کن، لایق باشد، گریان مکن. فراتر از این، استاد لایق حتّی برونسوتر از التجا می‌رود و تنها خواهش آن را دارد، که اگر مرا خندان نمی‌کنی، گریان مکن یا خوشبخت هم نکنی، از بخت دم مزن. این جا روشن است، که استاد لایق با بهره‌وری از شیوه بیان و کلام صائب راه ابتکار را پیش می‌گیرد و اقدام در طرح تازه‌ای در افاده مطلبها می‌نماید، که ناگزیر سخنش را از تقلید و تکرار به دوری می‌برد.

در مورد دیگر هم چنین شیوه مناسبت لایق در ایجاد تازه‌کاریها در پرتو استقبال و بهره‌وری از کلام صائب هویداست، زیرا اگر صائب طرح ترکیب"از زنده‌رود زنده‌دلی آب خرده‌ام "-را ایجاد کرده، لایق در استقبال همین شیوه ترکیبسازی سبک هندی، از جمله طرز صائب عباره"در مُرداب مرده‌دلی تاب خورده‌ام "-را سازمان داده است، که حاصل همان فیضان او کلام این سخنور نامور است:

چند روزی، که در این دنیای روشن زیستم،
در مزار شعرهای مُرده‌ام بگریستم.
"از زنده‌رود زنده‌دلی آب خرده‌ام"، 1
در مُرداب مرده‌دلی تاب خرده‌ام. ،(7,522)

طوری تأکید شد، استاد لایق در برابر صائب در اشعار خویش از بیدل هم یاد می‌کند، که محصول ارادت وی به کلام و اندیشه این سخنور معنیشیکار است. در یکی از شعرهای خویش وقتی به یاد هند می‌رود، از نقش جاودانه بیدل در سرنوشت تاریخی این قلمرو سخن می‌کند، که محض به شرافت او دل گرفت، یعنی شکوه و عظمت و مقام خاسه‌ای کسب نمود:

خاک هندوستان ز بیدل دل گرفت،
نعش او تا جاودان منزل گرفت.
برد سینا تا همدان خاک تو،
ماند آن جا مشت خاک پاک تو. (7,125)

حتّی برای یک شعر خود، که "سرود تونلکاران"عنوان دارد، سرچشمه الهام و بهره‌وری گفته‌ای از بیدل را می‌آورد و احساس می‌شود، که آن گفتار در طرح ایجاد شعر هم نقشی گذاشته است:

سرود تونلکاران
»سنگ هم دلی دارد...» بیدل
سنگ سنگ است، لیک دل دارد،
ره گُشاییم در دل هر سنگ.
نرم سازیم ما دل سختش
با قوای صنایع و فرهنگ.(7,299)

در شعر معروف"افتخار و اعتراض"، که حاصل تقلید از پبلا نیروده است و عصیان روحی شاعر را علیه دشمنان ملّت و آنانی، که به گذشته تاریخی خلق تاجیک خط بطلان کشیده‌اند، تجسم می‌کند، باز هم جایی به شعر بیدل و سبک خاص او، که کلید معرفت مخصوص را تقاضا دارد، اشارت فرموده، می‌نویسد:

... عاجزند
بیتی را،
تلمیحیرا
معنا کنند
از بیدل.
یک بنیاد ادب
قابل نیست
»غیاث اللغات» ا
بیافرد
برای افتخار،
برای خلق. (7,294)

استاد لایق در برابر صائب به بیدل نیز توجچوه خاسه‌ای داشته و در گفتار و مصاحبه‌های خویش نیز از این سخنور ممتاز فراوان یاد کرده‌اند. از جمله، در مصاحبه‌ای با مهدی جامی که در رادیای بّس انجام یافته است، در پاسخ به سؤالی، که جایگاه بیدل را در تاجیکستان مشخّص می‌کند، پاسخی به گونه ذیل داده‌اند:

مهدی: اگر از حافظ سخن بگوییم و از بیدل یاد نکنیم، سخن تمام نگفتیم. بیدل، که خاصه در میان تاجیکان و مردم افغان مقام والا دارد.

لایق: باتاسّوف در ایران بیدل را کم می‌شناسند. در تاجیکستان و افغانستان بیشتر حتّی محفلهای «بیدل‌خوانی» هست، که شبها می‌نشینند و یک غزل بیدل را می‌خوانند یا سر یک بیتش بحث و تلاشها می‌کنند. و شکر خدا در چند سال آخر از جانب استاد شفیعی کدکنی در ایران چند تدقیق بر سر آثار بیدل صورت گرفت، یکی از آن کتاب «شاعر آیینه‌ها»، که در تاجیکستان ما آن را در مجلّه و روزنامه‌ها چاپ کردیم. آثار بیدل دو جنبه دارد. یکیش خیلی پیچیدگی آن است، یک قسمتی از غزلهای دیگرش خیلی ساده، امّا سادگی به معنای «سهل ممتنع» است. مثلاً از این بیتها، که:

زندگی محروم تکرار است و بس،
چون شرر این جلوه یک بار است و بس.

امّا بیتهای پیچیده هم دارد. مثلاً:

به اوج کبریا کز پهلوی عجز است راه آن جا،
سر مویی گر این جا خم شوی، بشکن کلاه آنجا.

هر یک بی ت این گونه غزلهای بیدل را مردم شبها در محفل نشسته، تا روز بحث و تلاش می‌کند، که به بنمایه آن رسند ".

(5,6-9)

از این یک نظر اجمالی لایق به شعر بیدل دیدگاههای خاص او به شعر و اندیشه ابولمعانی روشن می‌گردد، یعنی این سخنور معنیافر در پندار استاد شعر امروز هم صاحب کلامیست، که فرصتها در معرفت آن باید اندیشه کرد، تا به کوه و کتل معنایش برسی. همزمان صاحب اشعاری به سادّی و روانیست، که به قول استاد سهل ممتنعش می‌توان خواند. نکته دیگر قابل توجّه در این گفتار استاد لایق آن است، که وقتی او اشارت می‌کند، که"و شکر خدا در چند سال آخر از جانب استاد شفیعی کدکنی در ایران چند تدقیق بر سر آثار بیدل صورت گرفت، یکی از آن کتاب «شاعر آیینه‌ها»، که در تاجیکستان ما آن را در مجلّه و روزنامه‌ها چاپ کردیم"، این مطلب به سهم نظررس استاد لایق در ترغیب و تشویق آثار بیدل در تاجیکستان و تشکّل مکتب ایجادی بیدل‌شناسی و بیدل‌خوانی در مرحله نو تاریخی تأکید می‌ورزد.

ضمن موتالیه این مصاحبه، که به کوشش ادبیات‌شناس جوان باهر رجب‌اف در مجلّه"ادب"به نشر رسیده است، معلوم می‌گردد، که در این صحبت شاعر و پژوهشگر ایرانی مقیم لندن تورج اتابکی نیز حضور داشته و به سؤال دیگر مؤلف این مصاحبه مهدی جامی در رابطه به نحوه تأثیرپذیری لایق از بیدل او چنین پاسخ گفته است:

«می‌هدی: به همین مقام بیدل در میان تاجیکان است، که اجازه می‌دهد لایق را دستیکم در دوره‌ای از کارش تحت تأثیر بیدل بدانیم.

دکتر تورج اتابکی: لایق سنّتیترین چهره شعر امروز تاجیکستان است. او شاید بیش از هر شاعر ویژه متأثّر از بیدل باشد. در شعر او ایهام و جناس همچون ویژگی برجسته شعر فارسی و، به ویژه، سبک و اسلوب هندی به چشم می‌خورند (9-5,6)

البتّه، این دیدگاه شخصی تورج اتابکی است، که در اصل منشأ به همان دیدگاه بیرونه اهل تحقیق نسبت به نفوذ بیدل در آسیای میانه دارد و امّا باز هم اگر تکرار می‌شود، می‌توانیم با اطمینان اظهار داریم، که تأثیرپذیری لایق از بیدل در اصل همان بهره‌وریست، که به تکمیل جنبه‌های هنری کلامش تأثیرگذار آمده است.

در یک مصاحبه خود، که در روزنامه"تاجیکستان ساویتی"در تاریخ 1 ژانویه سال 1989 انجام داده‌اند، جالب است، که استاد لایق به یک سؤال خبرنگار با یک بیت بیدل پاسخ داده، ضمناً آن را شرح هم می‌کنند:

غنیمت شماریدن عمر، به قدر هر ساعت زندگی رسیدن-از موضوعهای اشعار شماست. این، گمان می‌کنم، پدیده تصادفی نیست و پیوند قوی دارد با زندگی امروز.

-شاعر می‌گوید:

فلک هر دم ز قصر عمر خشتی می‌کند بیدل،
پی تعمیر این ویرانه معمار اینچنین باید.

خوب، معنیش این است، که اگر عمر یک کس به پایان رسید، طفل دیگری به دنیا می‌آید، یک خشت دیگری به عوض خشت کنده اجل می‌گذارد. به طور دیگر، سلسله عمر آدمی دوام می‌کند، تعمیر ویرانه عمر انسانی، که خشتهایش را اجل می‌کند، باز هم مربوط است به دست انسانهای دیگر. یعنی، یک انسان جای انسان دیگری را پُر می‌کند، اگر به معنای کاملش نباشد هم، به معنای ادامت عمر انسان، دوام دادن تاریخ، دوام دادن وقت و فضا در عمر انسان، در فعالیّت همه‌روزه و یک‌عمره وی ". این جا در نوبت اوّل مثل زدن یا استناد جستن به شعر بیدل در پاسخ به یک سؤال فلسفی برای شناخت حقیقت امر غنیمت شمردن عمر خود آموزنده است، چون سبقی از درس مقامات معنوی ابولمعانی نزد استاد لایق برای ما می‌دهد. افزون بر این، در زمینه این مطلب و اندیشه‌ها برابر تجلّای محبّت بزرگ استاد لایق نسبت به شعر و اندیشه بیدل به نظر می‌رسد، که این سخنور ممتاز ادبیات امروز ما لر راه معرفت اشعار ابولمعانی دیدگاه و برداشتهای خاص خویش را هم دارد، که در موارد ضروری از آنها به کار گرفته است. یک نظر کوتاه استاد لایق به یک بیت بیدل برای ما یک روش معیّن معرفت کلام این سخنور معنیافر را آشکار می‌سازد که واقعاً آموزنده است.

بهره‌وری از سنّتهای ادبی و ویژگیهای سبک هندی.

بازتاب چند ویژگی هنری در غزلیات لایق از منظر بهره‌وری آنها از سبک هندی می‌تواند نکاتی را در تیعین ارزشهای هنری کلام این شاعر صاحب ابتکار در ادبیات معاصر مجسم سازد.

ترکیبسازی، لفظتراشی و عبارهآرایی در شمار مهمترین ویژگیهای هنری سبک هندی قرار دارد، که با حضور منوّر هر شعر هر سخنور این شیوه ادبی، از جمله نفوذ خاصه آن در شعر بیدل دهلوی تصویرسازی، معنیافریهای شاعران را رنگ و طراوت خاص بخشیده است. استاد لایق با استقبال از این طرح خوشایند زبانی در غزلیات خویش واژه‌های ناب و ناتکراری را ایجاد نموده است، که با تکیه بر فزا و وقت ایجادی نادره‌داریهای سخنور را در امر نوآورهای او بازگویی کرده‌اند. هرچند برخی از چنین واژگان چون صورت و سیرت کلّی غزلیات او ساده و روانند، امّا از تعب سرشار و روانش سرچشمه گرفته، نزاکتهای سخن جذّاب شاعر را بازگویی می‌کنند. واژه گل تپّه، که محصول مشاهده‌های شاعرانه لایق و فیضبرداری او از مشاهده یک فرصت از مظهر بهار به شمار می‌رود، از چنین نزاکت و طراوت تازگی بیان برخوردار است:

اختر ما سر گلتپّه‌ای،

رونمای طالع دیدار بود(6,133)

حتّی گاها در یک مصرع چنین واژگان مرکّب را کنار همدیگر می‌آورد، که به حسن کلّی بیت یک جلا و جذّابیّت خاصه عطا می‌کنند. این جا رجوع می‌کنیم به چهار واژه یک مصرع ایجادکرده لایق به صورت:

غزل‌خوان و سخیتبع و سخنپرورد و بزم‌آرا،

ز بزم زندگی ورد زبان اشعار بگذشتی . (6,139)

یکلخت و یکبخت هم در این بیت حاصل صور خیال خلّاق استاد لایق به شمار می‌روند:

گرچی یکلختیم، یکبخت از کجاییم ای دریغ،

دل به جای دیگری و من به جای دیگری. (7,373)

در مورد دیگر این طرح واژه‌سازی را توسط ایجاد کلمه‌های به اصطلاح زبان‌شناسی ساخته به راه می‌ماند، که در مصرع دوّم این بیت کنار هم آمده و نزاکت سخن شاعر را تأمین کرده‌اند:

یاد از من کن، که اندر چارفسل عمر عشق،

همزبان، هم‌آشیان همداستانت بوده‌ام(6,146)

در بیت دیگر باشد، با همین شیوه واژه‌سازی استاد لایق کلمه"همشور "-را به معنی کسی، که در شور و عصیان و حال و هوا قرابت با او دارد، آفریده. این جا سخن از دلهای همشور می‌رود، که از دید حال و هوای عاشقانه به هم شبیهند.

می‌بود شور دیگری در عاشقی اگر،

دلهای ما به عاشقی همشور می‌شدند.

(7,369)

به همین شکل لایق در یک غزل دیگر خویش واژه‌های "همکنار"، "همقرار، "همترانه"، "همخومار"، همبهار و امثال این را آفریده است:

تا همکنار بودی‌ام، دنیا کنار داشت،

تا جان‌نثار بودی‌ام، دنیا نثار داشت.

اندر میان این همه تعجیل و گیر و دار،

تا همقرار بودی‌ام، دنیا قرار داشت.

گاهی ز باده سره، گاه از موشاره،

تا همخومار بودی‌ام، چشمت خمار داشت.

دنیای نقش آب و گل هرچند بود بخیل،

تا تو نگار بودی‌ام، نقش و نگار داشت.

هر لحظه در گذرگه عمر شتابکار،

تا انتظار بودی‌ام، عمر انتظار داشت.

تا همترانه بودی‌ام، دنیا ترانه بود،

تا غمگسار بودی‌ام، غم بوی یار داشت.

امروز از خزان عشق افسوس میخورم...

تا همبهار بودی‌ام، دنیا بهار داشت(6,126)

یکی شیوه جذّاب آفرینشهای هنری در کاربرد واژه‌های مرکّب در کلام استاد لایق در آن ظهور می‌کند، که این سخنور ممتاز با تبحّر کاملی، که به فرهنگ مردم تاجیک و آگاهی از زبان مردم دارد، بهترین واژگان رایج در گفتار خلق را برچیده به عنوان گهور و گنجینه‌های نادر در کارگاه معنیافریهای خویش استفاده می‌برد. بی‌گمان چنین واژگان در رنگ‌آمیزیهای معنایی اشعار و طرح تصویر و تعبیرهای شاعرانه نقش گذاشته‌اند. مثلاً، واژه «شبکور» نسبت به انسانهایی به کار برده می‌شود، که چنین بیماری دارند و در شب به درستی مشاهده کرده نمی‌توانند. برابر این که لایق این واژه را از فرهنگ مردم برای ترکیبسازیهای خاص خود وام می‌گیرد، در کنار آن واژه خودساخت"روزکور "-را می‌سازد، که با کنار هم آمدن آنها یک تصویر پرداکسی یا موتناقیزنما ایجاد نمودند:

نه روز می‌دهند، نه شب خواب، ای خوشا،

این روزکورها اگر شبکور می‌شدند.

(7,373)

عباره روز دادن هم در اصل یک ترکیب خاص فرهنگ مردمیست، که به معنی آرام و آسوده نگذاشتن استفاده می‌شود. در اصل این جا با کاربرد شیوه‌های مخصوص ترکیبافرینی شاعران سبک هندی لایق یک ترکیب شاعرانه‌ای به صورت"نه روز و نه شب خواب دادن "-را آفیرده است، که اگر آن را بر چند جزء تقسیم کرده معنی‌گذاری کنیم، از وجود چند عباره دیگر شاعرانه نیز پیام می‌رساند. به چند نمونه دیگر از چنین واژافرینیهای به زبان و فرهنگ مردم تکیکداشته رجوع می‌شود:

کجداورمریز

چیست اندیشه نیک و بد و کجداورمریز،

بگذرد این همه چون زیر زمین خواب کنم (6,136)

خواب‌آلود:

اگر چه خواب مرگت برد و صبحی چشم نکشادی،

تو از دنیای خواب‌آلود ما بیدار بگذشتی(6,139)

دستابگردن:

حیف آن دستی، که گیرد از گریبان پدر،

غافل از کیفیّت دستابگردن بگذرد (6,126)

کجهیساب:

کجهیسابیهای تو با راستان بیهوده است،
با تو روزی من حسابم را برابر می‌کنم (6,115)

در جریان کاربست چنین واژگان نیز استاد لایق ابتکاراتی اقدام می‌کند، که قابل توجّه می‌باشد. مثلاً، هنگام استفاده واژه"خیرخواه"، که در نسبت انسانهای مهربان و غمخوار استفاده می‌شود، لایق مفهوم افاده‌کننده عکس آن، یعنی بدبین را توسط واژه"ناخیرخواه"به وجود آورده است:

قدر ورا شناخته حتّی ز بعد مرگ،
تن داده غصّه می‌خورد، ناخیراهی من(6,150)

در کنار چنین واژگان مرکّب بهره‌ور از گفتار مردمی لایق تعبیر و ترکیبهایی همچنین با شیوه شاعرانه به کار می‌گیرد. در بیت بالا عباره"تن دادن"به معنی اعتراف نمودن در گفتار خلق رایج است، که آن را این استاد سخن خیلی شاعرانه به کارگاه معنیافرینیهای خویش وارد ساخته است. در بیت بعدی باشد، عباره"ابرها سوختند"نیز تعبیریست، که در افکار مردم تاجیک جایگاه خاص دارد، چون اگر ابرها در بیگاه بسوزند، خوف آمدن باران در روز دیگر از میان می‌رود. تأکید شاعر به ماه نو چون مشعلبردار بود، نیز به همین اساس است، که چون ابرها بسوزند، شب ماه روشن می‌شود. امّا این جا شاعر یک معنیافرینیهای به خود خاسه‌ای را نمایش می‌دهد، که در کارگاه خیال او ابرها از اثر مشعفروزی ماه نو سوختند، تا همه جا نور و روشنی حکم براند:

ابرها می‌سوختند اندر افق،
ماه نو چون مشعلبردار بود(7,369)

به طور کلّی همین شیوه خاص عباره‌آرایی نیز در شعر استاد لایق نفوذ کامل دارد، که در زمینه طرحهای خاص شاعران سبک هندی حاصل شده، تازگی و نزاکتهار خاص خویش را به نمایش می‌گذارد. با رجوع بر چند نمونه این شیگرد هنری شعر استاد لایق را بازگویی خواهیم نمود:

از دوران چشم‌دار بودن-به معنی از زمانه چیزی را انتظار یا امیدوار بودن. این جا ترکیب چشم‌دار بودن هم سرچشمه در گفتار مردمی دارد که با پیوند به جزء دیگر یک معنی مکمّل حاصل نموده است:

دیگران باشند انعام ز دوران چشم‌دار،
بهر من جز وصل تو از بخت انعامی مباد(6,157)

از خاک آمدن اشارت به آفرینش انسان، که از خاک آفریده شده است و به خاک رفتن، که بازگشت انسان را به اصل و در عموم برگشتن به خاک را تأکید می‌فرماید:

اگر ز خاک آمدم، به خاک باز می‌روم،
ولی به سرنگونی‌ام، چه سرفراز می‌روم(6,165)

دل بستن و دل فُرسوردن، اوّلی به معنی دل دادن، محبّت داشتن و دوّم به معنی دل کندن، از بهر چیزی گذشتن، دلسرد شدن و از عشق دست برداشتن را دارند:

امّا چه جای شکوه که با این فسرده‌جان،
دل بسته‌ام نخست، سپس دل فسرده‌ام.

در عموم، چه ترکیبهای خاصه آفریده شاعر، چه تعبیراتی، که سرچشمه در فرهنگ مردم دارند، همگی اشارت بر آن دارد، که استاد لایق با استقبال از طرح تعبیرافرینیهای سبک هندی اقدام و ابتکارات نجیبی از خویش به نمایش گذاشته است، که همگی بلاغت و فصاحت و سحر سخن او را در قالب غزلیاتش مؤثر گردانند. چند نمونه دیگر این نوع ترکیبها را می‌توانیم برشوماریم، که با بهره‌وری از نزاکتهای خاص خیال خلّاق شاعررل معرفی می‌کنند: "در پای سبو مُردن"، "عشق شعله‌بار"، "امید پایدار"، "زرلوه مزار"، گذرگاه نصیب، آبشار شوق"،"گوش جان"،"گل کردن"، "حیران دل بودن"، "وعده دنیا دادن"، "سر پی‌مادر داشتن"، "دل بیدلبر"، "گل چشم"، "محنت جانفرسای دنیا"،"دل ترجمان در میان دلها"، "گرمای جان"، "سر پروا نداشتن"، "یاران سردمهر"، "دل پرآتش"، "جان کاهل"، "برگ که از خرمن دنیا نبردن"، "سربار زندگی به دوش داشتن"، "گیریرو بودن"، "خروش مستی"، "غرور هستی"، دشت قسمت"، "سمند نوبت"، "گلیم خود از آب کشیدن"، "موجخیز درد"، و «دست شوقت از سر برداشتن»، «جهان خرابکار»، امثال این، که شمار آن به هزار و اند می‌رسد.

تصویرهای پرداکسی. یکی از ویژگیهای مهم هنری شعر سبک هندی ایجاد تصویرهای پرداکسی به شمار می‌رود، که در رابطه به آن محقّقانی چون استاد شفیعی کدکنی، محمود فوتوهی اظهار نظر نموده است و جایگاه این نوع تصاویر در شعر بیدل در مقاله جداگانه این جانب هم بررسی شده است. ماهیّت تصاویر مذکور در آن افاده می‌یابد، که آنها بر اساس کنار هم گذاشتن دو مفهوم یا شیء به هم موتناقیز یا زیدّ یک معنی نو حاصل می‌شود و به همین سبب تصویرهای موتناقیزنما هم نام گرفته‌اند.

اهل تحقیق یکی از مهمترین ویژگیهای تأثیرپذیری شاعران امروز را از سخنوران سبک هندی، خاصه بیدل به نفوذ همین نوع تصاویر ارتباط داده‌اند. به تعبیر دیگر، جایگاه خاصه دریافتن این گونه تصویرها در شعر امروز یکی از ویژگیهای تأثیرگذاری شاعران سبک هندی عنوان می‌شود. وقتی از این ره‌گذار به شعر استاد لایق وارد می‌شویم، مسلّم می‌گردد، که در طرح چنین نوع تصویرها این سخنور ممتاز در برابر پیشگامی نوعی ابتکار نیز به ظهور می‌رساند. حالا به این بیت رجوع می‌کنیم، تا در ادامه با طرح یک مطلب از چندین شیوه بیان به کار گرفتن لایق را در آفرینش چنین تصویرها مشاهده کنیم:

در دل من جز غم شیرین تو کامی مباد،
عشق من هر تیرمه با نام تو گل می‌کند (6,157)

تعبیر «غم شیرین» هرچند ترکیب معروف است، امّا در وجود خویش بیانی پرداکسی دارد، چون در اصل غم با رنج و شور و اذیتی، که دارد، تلخ است. تنها شاعران هستند، که از رنج و تلخی غم شیرینی را احساس می‌کنند. چون غمی، که محصول عشق است، برای انسان عاشق شیرینهایی عطا می‌کند، زیرا این عشق برایش عطیّه الهیست. ابولمعانی بیدل هم با تکیه بر همین مقام عشق است، که فرموده:

هر دل نبرد چاشنی از داغ محبّت،
این آتش بی‌رنگ نسوزد همه کس را (1,192)

در مصرع دوّم بیت لایق هم در ضمن ترکیب «در تیرمه گل کردن عشق» تصویر موتناقیزنما را به مشاهده می‌گیریم، چون در اصل ایّام بهار است، زمان شکفتن و گل کردن. ولی در تجلّیزار احساس انسانی هر وقتی مقام وصل فرا می‌رسد، آن فصل شکفتن و رستن و گل کردن است. همین تعبیر «گل کردن» هم در برابر افاده معنی شکفتن، ظاهر شدن، آشکار گردیدن و به جلوه آمدن را نیز تفسیر می‌کند. تجسم چندمعنام ترکیبهای شاعرانه،

که در اصل یک ویژگی مهم زبان شعر در سبک هندی است، محصول همین بهره‌گیریهای استاد لایق از شعر شاعران این سبک است، که به صورت دیگر و تازه‌تر به جلوه می‌آید. افاده «شکفتن گل» به صورت «گل کردن»، که اکثراً در زمان ما به این معنی کاربست می‌شود، اثر چنین تازجویها را در شعر لایق موبرهن می‌سازد.

امّا جای دیگر سرچشمه این غم شیرین را استاد لایق حاصل همان غم تلخ به شمار می‌آورد و این تأکید پیش از همه اشارت بر آن می‌کند، که برای رسیدن به مقامی، که انسان شیرینی غم را در وجودش حس می‌کند، باید مدّتی تلخی آن را بچشد. از این تأکید استاد لایق روشن احساس می‌شود، که چون در تفکر شاعران کلاسیکی ما در دیدگاههای این سخنور ما سیر کمالات انسانی جایگاه خود را دارد، که بیشتر طوسیرهای پرداکسی برای شرح و تفسیر همان حال و هوا به کار گرفته می‌شوند. ظاهراً انسان تا آن مقام نارسیده چنین طرح بیان را اشتباه و یا غیرقابیل قبول می‌شمارد:

تا غم تلخی نخوردی از غم شیرین مگو،
تا غم فردا نخوردی از غم دیرین مگو(6,138)

در بیت دیگر غزل در بالا نخست توضیحیافته استاد لایق همان مطلب «در تیرمه گل کردن عشق» با شیوه دیگر تصویر و تفسیر می‌کند. یعنی، اگر در بالا عشق در تیرمه با نام او گل می‌کند، در این جا اگر چه فصل خزان‌ریز است، امّا با بوی بهار یار زندگی را طراوت و تازگی می‌بخشد:

گر خزان‌ریز است، با بوی بهارت زنده‌ام،
در گلستان دلم جز تو گل‌اندامی مباد (7,368)

هم ترکیب «غم شیرین»، و هم تصویر «بوی بهار یار» در این دو بیت حاصل حسامیزیهای شاعر در بیان حال و هوای شاعر می‌باشند، که ادامه این سنّت سخنوری و عنصر خاص سبک هندی را در کلام لایق مجسم گردانیدند. غم خود مفهوم عاطریفیست، که این جا توسط حواس ذائقه معرفت می‌شود و «بوی بهار باشد» در اوّل به وسیله شمیدن و بعدین مشاهده کردن، که خاص باصره است. این جا شاعر با بهمه‌آمیزی این سه عضو حواس انسانی در ترکیب دو بیت هم لذّت معنوی خویش تفسیر و تصویر می‌کند و هم برای معرفت این زیبیهای عاطفی، که حتّی جزئی از از آن توسط عنصرهای حزن‌افر، رنج‌دهنده حاصل می‌شوند، به سوی خواننده خویش راه می‌کُشاید، تا مطلبش را ادراک کند.

تأکید یک نکته دیگر نیز ضرور به نظر می‌رسد، که همین افاده موتناقیزنمای در ترکیب عباره «غم شیرین» انسجامیافته در دیگر از شعر لایق توسط کاربرد ابزار دیگر، یعنی می بیان گردیده است. این جا به جای شاعر نه در تلخی غم، بلکه به وسیله تلخی می شیرینی دنیا را معرفت می‌کند، که باز افاده پرداکسی را نزدیک به معنی بالا به مشاهده می‌گیریم، هرچند این جا نکات دیگری هم معرفت می‌شود:

و دانستم، که در تلخی می
شیرینی دنیاست،
و دانستم، که درد عشق پاداش جدایهاست،
و دانستم، که خالیگاه مابینی
زمین و آسمان بر ما
برای سرفرازیهاست؛
و دانستم، که پهنای زمین
در زندگی کوته آدم
برای بی‌نیازیهاست، -
پیاپی باده می‌نوشم (7,142)

جای دیگر باشد، باز هم همین معنی را به گونه دیگر توسط عباره «زهر خرده، عسل گفتن» بیان کرده است:

زندگی چون همه زهر است و عسل،
زهر را خورده، عسل می‌گویم (7, 381)

برابر این، چون مرادف برای «غم شیرین» استاد لایق عباره «حزن خوشگوار» را آفریده است، که آن هم بیان موتناقیزنما را در خود غنجایش داده است:

اگر رویت نبینم روی تقدیرم سیه گردد
تو حسن روزگار من، تو حزن خوشگوار من (6,145)

تجسم برجسته این نوع تصاویر را در غزل معروف دیگر شاعر به مشاهده می‌گیریم، که آن جا برعکس حال نه سنگ، بلکه شیشه آن را می‌شکند و پخته‌ها را خامی از میان می‌بردارد و سنگ دریا را کوزه، که مجموع این بیانات موتناقیزند، ولی در برابر این تجسمگر عالی قدرت انسان:

شیشه ما سنگ خارا بشکند،
خامی ما پخته‌ها را بشکند. .
آنچنان سنگیمیزاج و محکمیم،
کوزه ما سنگ دریا بشکند (7, 348)

از ویژگیهای مهم هنری سبک هندی تازه‌کاریهای معنایی در واژگان موردّف به شمار می‌رود. استاد لایق چون شاعر معنیافر در این جاده قدمهای استوار برداشته، کارنامه‌های شایان خلّاقانه در آفرینش معنیهای ناب از خود به نمایش گذاشته است. مثلاً، در غزل مذکور، که با ردیف جوانی ایجاد شده است، با پیوند یافتن آن به کلمه قافییشونده در معنی کلّی ترکیب تغییرات وارد می‌شود، که در این حال تحوّل معنایی واژه گذشتن در بخش عباره‌های حاصلشده به مشاهده می‌رود. همین طور، عباره‌های زیرین در ترکیب این غزل در کارگاه معنیافریهای لایق چنین معانی حاصل نموده‌اند.

از ره پرگل گذشتن-از روی راه پُر از گیر سفر کردن، راه رفتن؛
از سر قاتل گذشتن-بخشیدن قاتل، از بهر گرفتن خون‌بها گذشتن؛
از آزمون توده جاهل گذشتن-از سنجش گذشتن؛
از بین صد هزار غم دل گذشتن-رها یافتن، نجات یافتن؛
از راههای زندگی مشکل گذشتن-به مشکلی به مقصد رسیدن، دشوارها را پس سر نمودن؛
از ره منزل گشتن-از در خانه گذشتن و هم به معنی به مقصد رسیدن، چون واژه منزل می‌توانه برای افاده مقصود نیز به کار رود، که به اقتضای مضمون بیت این معنی نیز حاصل می‌شود؛
یک-دو قدم از از چند تن کاهل گذشتن-به معنی پیش‌صف شده، از دیگران به پیش رفتن؛

از موجیز درد به ساحل گذشتن-از میان دریا به ساحل برآمدن، کنایه از رها شدن از مجموع رنج و دردها؛
تا گل بچینم، از ره پرگل گذشته‌ام،
تا ره بیابم، از سر قاتل گذشته‌ام.
لب‌تشنه بوده‌ام، ولی با شعر آبدار
از آزمون توده جاهل گذشته‌ام.
تا مصرعی بیابم و رنگین بسازمش،
از بین صد هزار غم دل گذشته‌ام.
آژنگهای روی من آثار آن دمند،
کز راههای زندگی مشکل گذشته‌ام.
بودند در سرشت من شیب و فرازها،
ذلت کشیده از ره منزل گذشته‌ام.
کاشف نبوده‌ام، ولی در راه جستجو
یک-دو قدم ز چند تن کاهل گذشته‌ام.
من قهرمان نبوده‌ام، امّا همین بس است،
کز موجخیز درد به ساحل گذشته‌ام(6,158)

به هر خواننده هوشمند روشن است، که واژه «گذشتن» در ترکیب لغوی زبان تاجیکی معنیهای زیادی را داراست و استاد لایق با بهره‌وری از شیوه خاص معنیافریهای شاعران سبک هندی در طرح نو همین اصول را در غزلیات خویش دوام بخشیده است. پس، این جا چندین معنیهای دیگر واژه را با پیوند یافتن آن در ترکیب تعبیرها به مشاهده می‌گیریم، که شرح آنها در بالا رفت، یعنی این گذشتن دیگر تنها رفتن، حرکت کردن یا از پیش چیزی یا مکانی نیست، بلکه معنیهای بخشیدن، از اجرای کاری دست کشیدن، از سنجش با سربلندی برآمدن، از مشکلات رها یافتن، به مقصد رسیدن، به ساحل مراد رسیدن و مانند این را افاده می‌کند، که این معانی در کارگاه معنیافریهای لایق با تکیه بر بسیارمعنایی واژه در ترکیب زبان تاجیکی، فرهنگ مردمی و هنر خلّاق شاعر آفریده شده‌اند. از این شمار غزلیات در دیوان لایق فراوانند، که همگی به نفوذ معنیسازیهای شاعر تأکید می‌ورزند و این موضوع خواستار تحقیق بیشتر است.

استعاره و شرح و معنی‌گذاریهای شاعرانه. در جریان معنیافریهای خویش استاد لایق ترکیبهای کنایی یا استعاری هم فراوان آفریده است، که یک شیوه خاص مضمونسازیهای شاعرانه او را بازگویی می‌کنند، که طرح خود را از شعر کلاسیکی، خاصه شاعران سبک هندی بیرون آورده‌اند. به چند نموده رجوع می‌کنیم:

سیه‌پستان بی‌پروادل-استعاره دنیا
مادر دنیا سیه‌پستان بی‌پروادل است،
از کنار سرد او گرمای جانم می‌رود(6,156)
دنیای پُرتوفان- کنایه عالم پُرتزّاد، دنیای مشکلزا؛
چون مرد راهم و رهدان، به منزل می‌رسم روزی،
از این دنیای پُرتوفان به ساحل می‌رسم روزی(6,130)

در این بیت واژه «رهدان» به معنی کاردان، آگاه و صاحبمعریفت استفاده شده است. در شعر گذشته ما واژه «فلک‌پیما» به معنی موفق پیشقدم، در حال رسیدن به توفیق و حقّی انسان آسمانی به کار رفته است. لایق در مقابل آن واژه «زمینپیما» را استفاده برده است، که به معنی هم خاکسار و فروتن و با تقاازای معنی خود بیت چون استعاره دیهکان به کار رفته است، که توسط زحمتها و زمین پیمودنش روزی فلک‌پیما می‌شود:

هیچ کس مانند دهقان نیست همدرد زمین،
این زمینپیما هم آخر چون فلک‌پیما شود(6,30)

تفسیر و معنی‌گذاریهای شاعرانه نیز نوعی ایجاد چنین استعاره و کنایه‌ها را بازگویی می‌کنند، که در شعر سبک هندی نفوذ دارند. شاعر با شیوه خود واژه‌ای را توسط یک ترکیب زیبا تفسیر می‌کند، که آن هم محصول صور خیال خود اوست. مثلاً، بیدل «ویدای غنچه» را گل نام می‌کند یا به تعبیر دیگر «ویدای «غنچه استعاره گل است در اندیشه او و طرب ماتم غم.

استاد لایق نیز همین شیوه هنری را با طرز و طرح نو در این غزل مورد استفاده قرار داده است:

الم عالم دیرین عشق است،
لذّت قسمت شیرین عشق است.
دست بر دست زدن کفکوبیست،
سینه بر سینه زدن این عشق است.
خود به خود دهر ندارد رنگی،
دهر با جلوه رنگین عشق است.
با همه شوق و شرار عالی
گر رسد عمر به پایین، عشق است.
کیست پیروز شد اندر همه حال
بر همه مذهب و آیین؟ عشق است!
خوشه‌چینی زمین درویشیست،
چیدن خوشه پروین عشق است(6,167)

تفسیر عشق در کارگاه اندیشه و خیال لایق در ترکیب عباره‌های این شعر جایگزین شده است، که همه نگاه خاص او و معنی‌گذاریهای شاعراه‌اش را بیان می‌کند. به تعبیر دیگر، با شرح و توضیح معنی عشق لایق چندین استعاره‌ای می‌آفرد، که همگی یک معنی دارند: عشق. پس، مجموع عباره‌های «الم عالم دیرین»، «لذّت قسمت شیرین»، «سینه بر سینه زدن»، «جلوه رنگین دهر»، «پایان عمر»، «پیروز بر همه مذهب و آیین»، «خوشه‌چین زمین درویشی» «چیدن خوشه پروین» تنها یک معنی دارند، عشق.

تازه‌کاریها در آفرینش تمثیل یا مثل زدن: تازه‌کاریهای استاد لایق در کاربرد خاصه ارسال مثل، که نفوذ آن در غزل سبک هندی از جمله مخصوصیّتهای هنری به شمار می‌رود، به چشم می‌رسد. از طرز بیان شاعر در غزل مذکور احساس می‌شود، که او اساساً به وسیله آفرینش تشبیهات برجسته سخن می‌کند، تا کلامش مؤثر افتد. در نظر اوّل این غزل بر پایه استفاده از تشبیه به قلم آمده است. امّا توجّه عمیق به هر یک مصرع این شباهتافرینی را تا به سرحد مثل زدن می‌کشد، که طرز دیگر کاربست ارسال مثل یا تمثیل را می‌توان در آن به مشاهده گرفت. لایق در حال و هوای یاد کردن معشوق خویش را به رحمگومکرده منزل و محبّت خویش را به نفر دریابورده مانند می‌کند، که همیشه به یاد ساحل است. به همین روش آفرینشهای هنری انجام می‌دهد. ولی از طرف دیگر نکته دیگر روشن می‌گردد، که شاعر در شرح و بیان تصویر و تشخیص حال و هوای خود به عنصری از طبیعت مثل می‌زند، که تشبیهاتش را به تمثیل قرابت می‌بخشد. از این رو، آنها بیشتر در مقام تشبیهات تمثیلی نزدیکند، که یک شیگرد هنری اشعار لایق را در طرح نو ایجاد تمثیل بازگویی می‌کنند. به غزل رجوع می‌کنیم:

چنانت یاد می‌آرم، که رهگمکرده منزل را،
چنانت دوست می‌دارم، که دریابورده ساحل را.
چنانت رغبتی دارم، که خشکستان به بارانی،
چنانت روز و شب جویم، که سینا حلّ مشکل را.
چنان راه تو می‌پایم، که راه بخت می‌پایند،
چنان خیر تو می‌خواهم، که دهقان کشت و حاصل را.
چنان وصل تو می‌خواهم، که پیری نوجوانی را،
چنانت آرزومندم، که هر کس بخت کامل را.
چه تلخیها چشیدم من ز جام روزگار خویش،
ببینم تا به کام دل توی شیرین‌شمایل را.
دلم را بی‌صدا بردی، نمی‌دانم کجا بردی،
ترا پیدا کنم، ای کاش، تا پیدا کنم دل را(7,336)

در طرح کلّی غزل لایق رغبت خود را به خشکستان نیازمند به باران، جستجوی شباروزی خویش را به سینا در حلّ مشکلات گیتی، رهپایی را به انتظاری انسان در راه بخت، خیر معشوق را به منتظر برکت دهقان از کشت حاصل خود، وصلش را به اشتیاق پیری نوجوانی را و آرزومندیش را به منتظری افراد در راه بخت کامل مانند می‌کند، که این مانندیها بیشتر به شیوه مثل زدن ایجاد شده‌اند.

نتیجه

همین طور، بحث و بررسیهای انجامیافته در محور مناسبت استاد لایق به سبک هندی و شاعران قلمرو آن حقیقت این امر را بازگویی می‌کنند، که او چون سخنور ممتاز در راه ادامه، تکمیل و تجدد سنّتهای نادر هنری ادبیات کلاسیکی تاجیک ابتکاراتی شایان از خود نشان داده است، که همگی عامل به تازگی طرز بیان، ساختار و محتوا و سبک سخنوری او در غزل گردیده است. مجموع کارنامه‌های استاد لایق و ابداع و ابتکار هنریش را در تکمیل سنّتهای ادبی شعر شاعران سبک هندی در چند نکته مهم می‌توان نتیجه‌گیری کرد:

1. به تأکید استاد عبدالنبی ستارزاده «لایق کسیست، که شعر معاصر تاجیکی را به اصالت ازلیش برگرداند. وی در این راه کوششهای ناتمام استادان صدرالدّین عینی و ابوالقاسم لاهوتی، پیرو سلیمانی، حبیب یوسفی و میرزا تورسون‌زاده را تمامی بخشید. میان شعر کنونی تاجیکی و آثار ماندگار رودکی، فردوسی، خیام، سعدی، مولوی، حافظ، صائب، کلم کاشانی و بیدل پولی ایجاد کرد، میانجی شد. شاعران امروزه تاجیک با آثار سرآمدان خود آشنایی داشتند و گاه-گاه از آن استفاده هم می‌کردند. لیکن لایق نخستین فردیست از میان ایشان، که جوهر شعر پیشینیان را برای معاصرانش کشف نموده، سنّتهای ادبی آنها را از نو زنده گردانید-با پیروی هایش، با الهام گرفتنهایش، با آفریدنهایش. (4، 92) آگاهیهای عمیق استاد لایق از ادبیات کلاسیکی تاجیک، که هنوز از سالهای شصتم و هفتادم آغاز می‌یابند، برای احیا و ادامه مهمترین سنّتهای ادبیات کلسیی تاجیک، از جمله سبک هندی نقش مؤثر گذاشت.

2. لایق فراتر از تأثیرپذیری و تقلید بیشتر از شعر گذشتگان خود بهره‌های مطلوب حاصل نموده، مجموع اندوختها و فیضانش را برای تشکّل پدیده‌های نادر غزل در ادبیات تاجیک موفقانه به کار گرفت، که به این آموزش و اثرپذیریهای ایجادی خود نیز بارها اشارت فرموده است. به تعبیر خود استاد لایق او از اشعار نیاکان خویش سویستیفاده نمی‌کند، بلکه بهره می‌بردارد. هرچند غزل استاد لایق از نوع غزل «رودکیوار است»، امّا محصول استقبال و تطبیق عنصرهای هنری چند سبک ادبی دیگر، در مثال اشعار مولانا و حافظ و صائب و بیدل در سرودن غزل توفیقهای را یار و یاورش گردانیده، تا ابتکارات او به عنوان نوآوریها، بی‌مانندیها معرفی شوند. اثر مطلوب همین شیوه خلّاقی در هنر شاعری است، که استاد گلنظر با اطمینان کامل اظهار داشته، که «اکثر قلمبدستان غزل می‌گویند. امّا غزل لایق دیگر است (36).

3. استاد لایق به شخصیت و شعر و اندیشه اکثر شاعران سبک هندی چون صائب و کلم و بیدل ارادت تمام دارد و برابر تذکّر نام و اشارت به نکات مربوط به شعر آنها در اشعارش بارها در مصاحبه و ملاقات و سخنرانیهایش این احساس بزرگ محبّت را بیان داشته است. برابر این، در گفتارهای خود با استناد ورزیدن به کلام این بزرگان حقیقت و مقام ارادتمندی خود را بازتاب می‌بخشد. افزون بر این، در تبلیغ و نشر آثار شاعران سبک هندی سهم وافری دارد، که در جریان بررسیها به آن اشارت شد.

4. استاد لایق طرح و شیوه ایجاد شیگردهای هنری را شاعران پیشین، از جمله سخنوران سبک هندی وام می‌گیرد، ولی در قالب و درونمایه آنها در جریان ادامه این سنّتهای نادر ادبی ابتکارات شایانی به ظهور می‌رساند، که مجموعاً راه ا درست و تازجادش را معرفی می‌کنند. در طرز آفرینش تصویرهای پرداکسی، ترکیبسازی و لفظتراشی، عبارة‌آرایی، ساختمان کلمات مرکّب، تشخیص و تمثیل، بهره‌مندی از زبان و فرهنگ مردم این ابداعات و نوآوریهای استاد لایق را به روشنی مشاهده می‌کنیم. همین تازنیگاهی و تازه‌کاریهای استاد لایق در دوام سنّتهای ادبی شعر کلاسیکی بود، که شاعران فراوانی را شامل مکتب شعری او گردیده، از آن نه تنها سبقهای افزون از آفرینشهای خود شاعر، بلکه اصالت و ماهیّت شعر کلاسیکی ما آموختند، که همین رسالت بزرگ برحق به تعبیر استاد عبدالنبی ستارزاده او را در مثابه‌ای پولی میان شعر گذشته و امروز قرار داد و ما بر این باوریم، که این مسئولیت بزرگ صدساله‌های دیگر باقی خواهد ماند.

پینوشت

1. بیدل، میرزا عبدالقادر. نسخه علمی-انتقادی غزلیات. به اهتمام ابدولوههاب فایض. ج. 1. /میرزا عبدالقادر بیدل.-روتیردام[ندیرلندی]: ISKAMP printing، 2018.-740 ص.
2. گلنظر. لایق چون لایق. -دوشنبه: ادیب، 2013. -104 ص.
3. گلنظر. واژه را باید شست.-فصلنامه سیمرغ. سال دوّم، 1374 (1995). شماره 1-2.
4. ستارزاده، عبدالنبی. از رودکی تا لایق.-دوشنبه: ادیب، 2013.-176 ص.
5. سنّتیترین چهره شعر تاجیکستان. (صحبت استاد لایق شیرعلی با مهدی جامی، احمد کریم حقا و و تورج اتابک). ادب: مجلّه علمی، ادبی و تعلیمی و معرفتی/ش2، 2019. -ص. 6-9.
6. شیرعلی لایق. دیوان. مرتّبان رامش لایقزاده، پروینه عثماناوه. -خجند: خراسان، 2018.-524 ص.
7. شیرعلی، لایق. کلیات. عبارت از دو جلد. جلد 1. اشعار. -دوشنبه، «ادیب»، 2008. -560 ص.
8. شعردوست، علی‌اصغر. چشم‌انداز شعر امروز تاجیک. -دوشنبه: ادیب، 1997.-272 ص.

Abdullah Misra - Poet of Indian Style
АБДУЛЛОЊИ МИСРАЪ -ШОИРИ САБКИ ЊИНДЇ

Kurbanova Rahyongul MUMİNOVNA
Assoc. Prof., Bokhtar State University Named after Nosir Khusrav, Bokhtar, Tajikistan

Abstract
In this article, the author tried to show the creative skill and follow the representative of the Persian-Tajik literature of the second half of the 19th century, Murad muhammad Abdullahi Misra, in the Indian style, using the poet's works. The author proves the popularity of the Indian style and the influence of poets on the example of Abdullahi Misra.

Keywords: Bedil's poem, Creative skill, Devan, Following, Ghazal, Indian style, Style, Vision.

Хулоса
Муаллиф дар ин маќола кўшиш намудааст, ки маъорати эљодї ва пайравии намояндаи нимаи дуюми асри XIX-и адабиёти форс-тољик Муродмуњаммад Абдуллоњи Мисраъро ба сабки њиндї бо истифода аз осори шоир нишон диња d. Муаллиф доман гутардани сабки њиндї ва таъсирпазирии шоиронро дар мисоли Абдуллоњи Мисраъ собит месозад.

Калидвожа: Сабки Њиндї, Шеъри Бедил, Ѓазал, Назира, Пайравї, Девон, Услуб, Маъорати Эљодї

Муродмуњаммад Абдуллоњи Мисраъ шоири асри XIX ва ибтидои асри XX Роѓи Бадахшони Афѓонистон мебошад. Рочеъ ба хусусиятхои услубї ва бадеии ашъори Мисраъ дар баъзе асархои илмї ва муқаддимаи девони шоир ишороти чолиб мавчуд аст. Дар осори мавчудаи илмї ва адабии марбут бв рўзгор ва эчодиёти шоир бештар ба сабки хиндї ва намояндагони мактаби адабии Бедил тамоюл доштани Абдуллоњи Мисраъ таъкид шудааст.

Маврид ба ёдоварист, ки то имрўз дар сарчашмахои адабї ва осори илмию назарї доир ба сабки хиндї андешањои судманде гуфта шуда, рочеъ ба заминаи пайдоиш, рушду такомул ва мухтассоти он пажўњишхои зиёде ба анчом расида бошанд хам [3; 5; 6; 8; 9; 10], то хол масъалањои бахсноку халталаб перомуни ин сабк ва намояндагони он хеле зиёданд.

Аз тањќиќоти муњаќќиќон равшан мегардад, ки дар адабиёти асрхои XYIII- XIX ва аввали асри XX точик равияи адабие дар Осиёи Миёна ба амал омада, љараёни адабии ин даврахоро фаро гирифт, ки сабки њиндї ё мактаби Бедил буд. Бедил бо истеъдоди фавкулода бузурги худ анъанахои адабиёти классикии форс-точикро омўхта, вобаста ба таххики вижагихои забони форсї ва воқеияти амалии он дар Хиндустон паҳлухои ғоявии ин адабиётро ба тарзи хос инкишоф дод. Дар эчодиёти Бедил чанбаи ичтимоию ахлоқї ва фалсафию маърифатии адабиёт ба тарзи тоза ва бо камоли эъчоз вусъат пайдо карда, таваччухи эчодкорон ва хаводорони каломи бадеъро ба худ чалб кард. Аз ин рў, пайравони мактаби Бедил ихлосмандии худро нисбат ба ин шоири бузург бо рохи мухаммас бастан ба ғазалхои тасаввуфии вай ва ё дар бобати навиштани ғазалњои мафхуми бедилона зохир намудаанд. Чуноне ки Абулмаонї Бедил мефармояд:

Рафъи инкор аз насабљўёни маънї мушкил аст,
Ту ба ќудрат Анварї, дар маърифат Аттор бош![4,216].

Яъне, шоир агар дар ќудрату истеъдод ба андозаи Анварї ва дар шинохту маърифат њамсангу њамтои Аттор њам бошад, наметавонад аз пешиниёну мутаќаддимини шеър бањра наљўяд. Дар робита ба ин андеша Камолиддини Ғабро - мураттиби девони Абдуллоњи Мисраъ овардааст: «Мавлоно дар шеъру адаб бештар сабки шеъри удабои мутавасситин ва мутааххирини забони дариро мансуб ба мактабе, бавижа Абулмаонї Мирзо Абдулќодири Бедил, ба кор бурда ва бо Хоља Муњаммад Шамсуддин (Лисонулѓайб) Њофизи Шерозї, Нуриддин Абдуррањмони Љомї, Шайх Муслињиддин Саъдии Шерозї, Соиби Табрезї иродати хос дошта, ба такрор ашъори онњоро мухаммас сохта ва ё истиќбол намудааст» [4, 27].

Барои тақвияти гуфтахои мазкур ба ҳайси намуна овардани байти зерини Абдуллоҳи Мисраъ ба маврид аст:

Зи ашъори лисонулѓайби Шерозї њаминам бас,
«Ки ишќ осон намуд аввал, вале афтод мушкилњо» [4, 16].

Ва:

Гар хоки Озарї натавонї шудан, Сафир,
Боре ѓуломи Њофизи пашминапўш бош [4, 267].

Ё:

Сайидо хуш гуфт Мисраъ, к-аз рикоб омўхтам,
«Пойи ў бўсидану дар дидањо љо сохтан» [4, 359].

***

Офарин бар хомаи Бедил бар ин созиљунун,
Килки мо як мисраи мавзун љигарњо хаст, баст.
Пайравї, к-аз гуфти Мисраъ гарде аз домони ўст,
В-арна, дар пушти китобаш кай тавон фењраст баст [4, 145].

Тазмини Мисраъ ба ашъори пешиниён пеш аз њама, дар ѓазалиёт ва мухаммасоти шоир равшан ба назар мерасанд.

Аз тањќиќоти то ин давра анљомдодаи муњаќќиќон бармеояд, ки гарчанде дар адабиёти асри XIX ва ибтидои асри XX таъсири сабки шеъри њиндї, ки душворфањму борикандеширо талаб мекард, суст гардид, аммо майлу хоњиш ва пайравии ќисме аз шоирон ба он кам нашуд. Аз мутолиаи ашъори шоирони давр бармеояд, ки сабки Бедилро шоирони форсизабон бисёр таќлид кардаанд, аз љумла адибони Афѓонистон, Њиндустон, мамлакатњои Осиёи Миёна, Эрон ва ѓайра ба татаббуи он пардохтаанд, ки эчодиёти Муродмуњаммад Абдуллоњи Мисраъ, далели ин пайравист. Ў дар бештари ѓазалиёти худ ба ин тарз тақлид намуда, шеър офаридааст.

Мисраъ ба ѓазали аввали девони Бедил, ки бо матлаъи «Ба ављи кибриё, к-аз пањлуи аљз аст роњ он љо, -Сари мўе гар ин љо хам шавї, бишкан кулоњ он љо [4, 5] сар мешавад, пайравї намуда, ѓазале сурудааст:

На танњо сар ба сањро дода аз доѓи ѓамат лола,
Шуда аз интизорат дидаи наргис сафед ин љо.
Ба пеши лаъли ў то писта лаб во кард, расво шуд,
Нафас чун ѓунча, гар хоњї амон, натвон кашид ин љо...[4, 34].

Тавре ки мебинем, Мисраъ дар назираи худ ба мазмун, вазн ва радиф бар ѓазали Бедил пайравї намуда, ќофияро дигар намудааст. Ѓазали эљоднамудаи ў низ ба мисли ѓазали Бедил дар вазни њазаљи мусаммани солим суруда шудааст.

Ба ин монанд дар куллиёти Мисраъ ѓазалњои зиёдеро метавон дарёфт кард, ки дар пайравии ѓазалњои Бедил иншо шудаанд. Дар бештари ѓазалњои дар пайравии Бедил навиштаи Мисраъ вазну радифњо якранг буда, ќофияњо таѓйир ёфтаанд.

Бедил дар радифи «субњ» ду ѓазал дорад, ки яке аз онњо ба тариќи зайл аст:

Бепарда аст љилва зи тарфи ниќоби субњ,
То кай равї чу дидаи анљум ба хоби субњ?
Ањли вафо зи захм гули файз чидаанд,
Беруни чоки сина мадон фатњи боби субњ.
Пирї расид, маѓфиратомода шав, ки нест
Ѓайр аз кафи дуо вараќе дар китоби субњ.
То бўе аз ќаламрави тањќиќ вокашем,
Бедил, давондаем нафас дар рикоби субњ [3, 430].

Мисраъ низ дар радифи «субњ» ду ѓазал сурудааст, ки яке аз онњо дар вазн, ќофия ва радифи ѓазали Бедил эљод шудааст:

Эмин машав, зи давлати по дар рикоби субњ,
Як пар задан диранг надорад шитоби субњ.
Чун хатшиноси файз тавон шуд дабири шавќ,
Як нуќтаи савоб надорад китоби субњ.
Абри сафед ин њама борон надошт, чист,
Шуд сабз боѓ аз рашањоти сањоби субњ.
Ѓафлат натиљаи асари пирї асту бас,
Анќост, он ки дил насупорад ба хоби субњ…
Аз шабнаму насими сањар мерасад Сафир,
К-аз ѓайри ашку оњ надиданд боби субњ [4,125].

Дар њарду ѓазал њам сухан аз маърифати субњ меравад, ки шоирон анъаммият ва маърифати субњро тариќи андешањои ирфонї ба назм овардаанд. Њарчанд Мисраъ ба дараљаи тавоноии Бедил андешаронї накарда бошад њам, дар ѓазалњои дар пайравии Бедил офаридааш тавонистааст мазмунњои њаётиро ба таври осон ва оммафањм баён кунад.

Яке аз намояндагони дигари сабки њиндї, ки Мисраъ ба мисли шоирони њамзамонаш ба он пайравї намудааст, Соиби Табрезї мебошад. Дар куллиёти шоир ѓазалњоеро мушоњида намудем, ки дар пайравии ѓазалњои Соиб эљод шудаанд.

Дар истиќболи ѓазали Соиб, ки бо матлаи «Ишќ ку, то чок созам љомаи номусро, -Пеши зоњид афканам ин хирќаи солусро» [7,160] оѓоз мешавад, Мисраъ ѓазале суруда, вазну ќофияњои офаридаи Соиб «Љолинус», «мањбус», «ноќус», «фонус», «афсўс» ва радифи онро истифода намудааст. Чунончи:

Чанд гўйї бањси Афлотуну Љолинусро?
Чанд хонї илми Маќротису Батлимусро?
Гавњари ирфон фариди коргоњи аќл нест,
Чашм натвон дид ѓайр аз олами мањсусро…
Кард њар кас умр сарфи њарзатозї, мекунад
Пардаи сози пушаймонї кафи афсўсро.
Нолаи дил як тапиш оромам аз гардун надод,

Ин ќадар соз аз чї ѓафлат хост ин ноќусро?
Нола љуз дар тангнои сина болидан надошт,
Андаке аз худ рањої бахш ин мањбусро.
Дар гулистони саропо доѓи њайратљўши дил
Метавонї дид, Мисраъ, љилваи товусро [4, 14].

Тавре маълум мегардад, дар шеъри Мисраъ таъсири Бедил беш аз дигар шоирони форсизабон ва пешравони сабки ҳиндӣ ба мушоҳида мерасад. Мисраъ њангоми иќоматаш дар Бухоро бино бар сабаби пайравї аз таќозои муњит осори адабии худро ба тарзи ашъори Мирзо Бедил матрањ сохта, ба ёдгор гузоштааст. Чунончи худи ў мегўяд:

Ин радифи он гуњар, Мисраъ, ки Бедил суфтааст:
Ё Раб, ин манзил кадомин хонавайрон кард тарњ? [4,123].

Ё:

Хумори як љањон дарди сар имрўз
Ба ёди нашъаи комил навиштанд.
«Саропоям њамоѓўши шикаст аст»,
Њамон як «Мисраъ» аз «Бедил» навиштанд [4, 233].

Мисраъ аз пайравони содиқи Мирзо Бедил аст ва дар девони ў ғазалҳои зиёде ба назар мерасанд, ки дар пайравии ғазалҳои Бедил суруда шудаанд. Таркиботи шоиронаи Бедил, чун «аҷз», «ҳайрат», «оина», «эътибор» ва ғайра дар дигар ғазалҳои Мисраъ васеъ ба кор рафтаанд. Масалан, ин ғазали Мисраъ, ки дар пайравии Бедил суруда шудааст:

Эй нињоли ќоматат гулдастаи боѓи вафо,
Партави мењри рухат субњи ќиёматро сафо.
В-эй хами зулфи ту дилро њалќаи домї бало,
Ёди чини кокулат девонаро занљири по.
Хоки поят нурбахши дидаи аҳли яќин,
Гарди сумми тавсанат чашми фалакро тўтиё.
Њар киро аз ѓамза чашми пурхуморат мекушад,
Медињад аз ханда лаъли майпарастат хунбањо.
Ѓамзаи шўхи ту роњи як љањон дил мебарад,
Мекунад бегонаро ними нигоњат ошно.
Бар саноѧш лаб кушо, Мисраъ, ки то равшан шавад
Байтулањзони туро шаб аз фурўѓи Раббано [4, 8-9].

Камолуддини Ғабро бар ин назар аст, ки «девони ашъори Мисраъ, ки нусхаи мудаввани ќаламии он назди худи нигоранда мањфуз аст, ба љавоби ин савол пардохта, метавонад собит намояд, ки дар таќлиди сабки Бедил Мисраъ маќоми баландеро нисбат ба њаммаслакони худ њосил кардааст»[4, 25]. Ин аст, ки Мисраъ дар олами тахайюлоти орифона аз орзуњои Бедили њамдил њамроњї мекунад ва дар саводи сояи гул ошён баста, шеъри рангин месарояд:

Аз њуљуми доѓ бар дил дастаи гул бастаам,
Аз парешонхотириҳо тарњи сунбул бастаам.
Аз фиѓону нола наќши зулфу кокул бастаам,
Боз бар худ туњмати айше чу булбул бастаам.
Ошёне дар саводи сояи гул бастаам [4, 338].

Мисраъ дар хатти завќу андеша аз пайравони сабки Бедил дар шеър аст.Тавре ки худи шоир мегўяд:

Порае аз шеъри хуши Бедилам,
Ќитъа тилисмоти муаммо шикаст [4, 77] .

Шоир иҳотаву таббањури комил дар сабки њиндї дорад. Истиорот, киноёт, ташбеҳот, маљозу муддао, масалу талмеҳот ва ороҳои лафзию маънавиро ба ањсантарин ваљҳе ба кор бурдааст. Мисраъ ба шоирони пайрави ин сабк њамвора назар дошта ва аз чашмасори зулоли каломашон бањра љустааст. Тавре худи шоир ишора намудааст:

Натанҳо мустафиз аз равзаи пирони Сарҳиндам,
Ионатмуътамиддам аз равони поки Бедил њам [4, 312].

